ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2021. №7

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2021. №7

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2021. No.7

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2021

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Кароматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сирочиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2021. – №7. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2021

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*

Гулназарова Джило — *Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Сироджиддини Эмомали — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустзода Хамрохон Джума — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2021. – №7. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2021

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	*Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	*Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Gulnazarova Jilo	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Sirojiddini Imomali	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharzoda Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustzoda Khamrokhon Dzhuma	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2021. – №7. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2021

ЗАБОНШИНОСӢ-ЯЗЫКОЗНАНИЕ

УДК: 491.550-3

МУРОДИФОТИ ПАЙВАНДАКИ «КИ» БО ПАЙВАНДАКҲОИ ДИГАРИ ТОБЕЪКУНАНДА

Мирзоева М.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар қолабҳои ҳархела ва бо пайвандакҳои гуногун омада, метавонанд маъноҳои ба ҳам монанд ва муродифро ифода кунанд, аммо корбасти худи ҳамин пайвандакҳо ё сарфи назар карда шудани онҳо оҳангу эҳсосот, тобишҳои аз ҳам фарқкунандаро ба вуҷуд меоранд.

Мо дар ин мақола оид ба муродифоти пайвандаки ***ки*** бо пайвандакҳои дигари семантикӣ ибрози ақида карданием.

Пайвандаки ***ки*** яке аз пайвандакҳои сервазифаи забони тоҷикӣ буда, дар алоқамандкунии грамматикии қариб ҳамаи навъҳои ҷумлаҳои

пайрав бо сарҷумла васеъ истифода бурда мешавад. Пайвандаки ***ки*** ҷумлаҳои пайрави гуногун (замон, сабаб, шарт ва хилоф) - ро ба сарҷумла тобеъ мекунад.

Пайвандаки ***ки*** дар шаклгирии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави замон яке аз пайвандакҳои серистеъмолтарин ва асосӣ мебошад. Сабаби серистеъмолии ин пайвандак хосси забони зинда будан ва дар истифода нисбат ба пайвандакҳои таркибӣ созгории он аст. Чунончи:

*1.Ба сафар **ки** баромадӣ, ҳамсафарони бисёри савора вомехӯранд (Р.Ҷ.).*

*2.Офтоб гуруб карда буд **ки,** ба боғи колхоз омадем (Ф.М.).*

Чунон ки профессор Камолиддинов Б. ишора мекунанд:

*“Пайвандаки **ки** дар байн ва охири ҷумлаи пайрави замон омада бошад, бо пайвандаки таркибии **ҳамин ки** ҳаммаъноӣ пайдо намуда, ба фосилаи хеле кӯтоҳи вақти пайиҳам воқеъ гардидани амалу ҳолати хабарҳои ҷумлаи пайраву сарҷумла далолат мекунад:*

***1.Ҳамин ки** ба қуллаи кӯҳ баромадем, босмачиён моро нигоҳ доштанд (С.У) // Ба қуллаи кӯҳ баромада будем **ки**, босмачиён моро нигоҳ доштанд.*

***2. Ҳамин ки** аз мактаб меомадам, Вафодор ба пешвозам мебаромад (А. Бобоҷон) // Аз мактаб **ки** меомадам, Вафодор ба пешвозам мебаромад” (Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ. Душанбе: Собириён. 2010. С.172).*

Дар гуфтугӯ низ пайвандаки ***ки*** танҳо бо пайвандаки ***ҳамин ки*** ҳамвазифа аст. Чунончи:

*1.“Саҳар **ки** шуд, вазифаи падари-т-а иҷро кун // **Ҳамин ки** саҳар шуд, вазифаи падариатро иҷро кун.*

*2.У омада бъд **ки,** туй шъд // **Ҳамин ки** ӯ омад, тӯй шуд (С. Атобуллоев 1984: 146)*

Устод Б. Камолиддинов дар мавриди сарҳади сарҷумла ва ҷумлаи пайраве, ки бо пайвандаки ***ки*** алоқаманд мегардад, ибрози назар намуда, мегӯянд:

*“Пайвандаки **ки** дар сохтани пайвандакҳои мураккаб ва, бахусус таркибӣ, саҳми бузург дорад. Он пас аз сарҷумла – **дар аввали ҷумлаи пайрав,** пеш аз сар ҷумла – **дар мобайн** ва **охири ҷумлаи пайрав** меояд”.*

(Паёми Донишгоҳи миллииТоҷикистон. Д. 2010. – нашри махсус бахшида ба Соли маориф ва фарҳанги техникӣ. – С. 214 -218. - № ISSN 2074 - 1847).

Пайвандаки ***“ки”*** низ, маъмулан, мисли пайвандакҳои дигари **ҷумлаи пайрави замон** бо ҷумлаи пайраве меояд, ки пеш аз сарҷумла омадааст:

*Шаб **ки** ба хона баргаштанд, ман аз бародарам мепурсидам (С.У.).*

Дар мисолҳои бо пайвандаки ***“ки”*** истифодашуда бештар муносибати пайиҳамзамонӣ мушоҳида мешавад. Чунончи:

*Деҳа **ки** ба қабзаи босмачиён медаромад, дасти бою мулло баланд мегардид ва мардуми бечора ба танг меомаданд (С.У).*

Чунон ки қайд карда шуд, аз пайвандакҳои семантикии ҷумлаи пайрави замон дар ифодаи муносибати пайиҳамзамонӣ пайвандаки “***ҳамин ки”*** бо пайвандаки ***“ки”*** муродиф шуда метавонад.

Муқоиса кунед: ***Ҳамин ки*** *деҳа ба қабзаи босмачиён медаромад, дасти бою мулло баланд мегардид ва мардуми бечора ба танг меомаданд.*

Дар ин мисолҳои овардашуда амали сарҷумла бевосита пас аз амали ҷумлаи пайрав омада, ба замони амале далолат мекунад, ки фавран иҷро шудааст. Ҳамин матлабро дар қолаби ҷумлаи сода ифода мекунем:

Бо даромадани деҳа ба қабзаи босмачиён дасти бою мулло баланд мегардид…

Аз муқоисаи мисолҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ифодаи фикр дар қолаби ҷумлаи мураккаб дар мисоли:

Ҳамин ки *деҳа ба қабзаи босмачиён медаромад, дасти бою мулло баланд мегардид…*- дар шакли ҳикоягӣ (бо пешванди шаклсози ***ме-***) омадани хабари ҷумлаи пайрав такрорӣ будани амалро барҷаста ифода мекунад, қолаби ҷумла мураккаб бошад ҳам, оҳанги гуфтори муошират нисбат ба ҷумлаи сода равшантар аст:

Бо даромадани деҳа ба қабзаи босмачиён дасти бою мулло баланд мегардид…

Дар қолаби ҷумлаи сода, ки замон бо ёрии пешоянди ***бо*** ва масдар *(**даромадан**)* ифода шудааст, фаврияти иҷрои амал тамоман ба назар намерасад, балки ба яккарата ва бебозгашт будани он ишора мешавад.

Пайвандаки ***“ки”*** дар ифодаи маънои замон ба ғайр аз пайвандаки ***“ҳамин ки”*** бо пайвандакҳои “***-у***”, пасвандҳои ***замон, ҳамон(-о)*** хусусияти муродифӣ дорад:

Ҳамин ки *шумо лаб ба сухан кушода, ба касалии худ андаке ишора намудед,дарҳол аз матлаб пай бурда, ба санҷидану омӯхтан сар мекунанд(Ф.М.) // Шумо **ки** лаб ба сухан кушода, ба касалии худ андаке ишора намудед, дарҳол аз матлаб пай бурда, ба санҷидану омӯхтан сар мекунанд // Шумо лаб ба сухан кушода, ба касалии худ андаке ишора намудан **замон** (**ҳамон(-о)**) дарҳол аз матлаб пай бурда, ба санҷидану омӯхтан сар мекунанд // Шумо лаб ба сухан кушода, ба касалии худ андаке ишора менамоед**у** дарҳол аз матлаб пай бурда, ба санҷидану омӯхтан сар мекунанд.*

Дар ифодаи **муносибати шартӣ** пайвандаки ***ки*** бо пайвандаки ***агар*** танҳо дар гуфтугӯ (забони зинда) ҳаммаъноӣ зоҳир мекунад.

Ба назари забоншинос С. Атобуллоев, баъзе ҷумлаҳои пайрави шарт, ки бо пайвандаки ***ки*** ба сарҷумла тобеъ шудаанд, тобиши натиҷагӣ доранд:

*“Пайвандаки **ки** дар шеваи ҷанубӣ, монанди пайвандаки **агар** дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави шарт фаровон истифода мешаванд. Ҷумлаи пайрав бо пайвандаки **ки** ҳамеша пеш аз сарҷумла омада, пайвандак дар дохили ҷумлаи пайрав, яъне дар байни аъзоҳои он ҷойгир мешавад. Дар ин қабил ҷумлаҳо байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав тобиши натиҷагӣ мавҷуд аст. Чунончи:*

*Тъ **ки // агар** надида бошӣ, ма дъ бор хундагийъм и китова; Ҳами тан **ки // агар** дъръс боша, чиз мефора; Мо **ки // агар** Дъшанбе бърем, артис мешем; Овъш **ки // агар** надиш, хушк меша (С. Атобуллоев.1984: 146.).*

Пайвандаки ***ки*** дар алоқаманд намудани **ҷумлаи пайрави хилоф** низ бо сарҷумла нақши бориз дорад.

Профессор Д.Т. Тоҷиев пайвандаки ***ки*** – ро яке аз воситаҳои алоқаи ҷумлаи пайрави хилоф бо сарҷумла мешуморад: «*Як гурӯҳи ҷумлаҳои пайрави хилоф бо пайвандаки … **ки** омада, ба иҷрои амал ва тасдиқи фикри сарҷумла то ҳадди охирин мамониат кунанд ҳам, амали сарҷумла иҷро мешавад: Аз ҷони ҷавонам ҷудо шавам **ки**, дарак надорам» (Д.Т.Тоҷиев1981:172).*

Аз ин мисол як хусусияти ҷумлаҳои пайрави хилоф равшан мегардад, ки дар алоқаманд намудани онҳо бо сарҷумла пайвандаки ***ки*** бо ҳамаи пайвандакҳои семантикии ҷумлаи пайрави хилоф, аз ҷумла ***ҳам, қатъи назар аз он ки, сарфи назараз он ки, агар, агарчи, агарчанде ки, бо вуҷуди он ки*** муродиф шуда метавонад. Муқоиса кунед:

Қатъи назар аз он ки // сарфи назараз он ки // агар // агарчи // агарчанде // агарчанде ки // бо вуҷуди он ки *аз ҷони ҷавонам ҷудо шавам, дарак надорам.*

Пайвандаки ***ки***, сарфи назар аз он ки бо пайвандакҳои дигари семантикии хилофӣ муродиф аст, аммо, асосан, бо пайвандаки ***ҳам*** ҳаммаъност. Сабаби ба чунин хулоса омадани мо, якум, дар ифодаи муносибати хилофӣ мавқеи марказиро ишғол кардани пайвандаки ***ҳам*** аст, зеро дар ҷумлаҳои пайрави бо ин пайвандак бо сарҷумла алоқамандшуда мафҳуми хилоф аз мазмуни умумии ҷумла аён аст, дуюм, пайвандаки ***ҳам*** ба мисли пайвандаки ***ки***, асосан, дар охири ҷумлаи пайрави пеш аз сарҷумла ҷой гирифта

омада, ба он обуранги гуфтугӯйӣ медиҳад ва маънои хилоф барҷаста ифода меёбад. Чунончи:

Маҳмадонои ду олам бошад ***ки****, чизе гуфта наметавонад (Ф.М.)*

// Маҳмадонои ду олам бошад ***ҳам****, чизе гуфта наметавонад.*

Бояд қайд кард, ки“дар осори классикӣ пайвандаки ***ҳам*** умуман истифода нашудааст:

Агар *дашном фармоӣ в – агар нафрин, дуо гӯям,*

Ҷавоби талх мезебад лаби лаъли шакархоро (*Ҳофизи Шерозӣ*)

Ин ақидаро К. Қаландаров ҳам дар монографияаш “Ташаккул ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик (асрҳоиX – XIX)” тасдиқ мекунад: «*Бояд қайд кард, ки дар давраҳои аввали инкишофи забони адабии тоҷик (X – XI) истеъмоли пайвандаки* ***то*** *нисбат ба пайвандаки* ***ки*** *дар ҷумлаҳои пайрав зиёдтар буд, пайвандаки* ***ҳам*** *бошад умуман истифода намешуд» (5)*.

Вале дар баъзе мисолҳои аз осори классикӣ овардашуда пайвандаки ***ки*** дар аввали ҷумлаи пайрави хилоф омадааст:

Қорун ҳалок шуд, ***ки*** *чиҳил хона ганҷ дошт (Гулистон) //* Бо ***вуҷуди он ки*** *чиҳил хона ганҷ дошт, Қорун ҳалок шуд.*

Пайвандакҳои ***ки*** ва ***ҳам*** агарчи муштараквазифаанд, на ҳамеша якдигарро иваз карда метавонанд: аввалан, пайвандаки ***ки*** ба ҷумла қатъият, аммо пайвандаки ***ҳам*** тобиши мӯътадилӣ мебахшад, сониян, ҷумла бо пайвандаки ***ки*** дар муқоиса бо пайвандаки ***ҳам*** табиӣ мебарояд, солисан, агар хабари ҷумлаи пайрав дар шакли инкорӣ омада бошад, ба ҷойи пайвандаки ***ҳам*** пайвандаки ***ки*** гузошта намешавад: *Ту нагӯйӣ* ***ҳам****, худаш маълум (С. У.)*

Агар “*Ту нагӯйӣ* ***ки*** *худаш маълум”*- гӯем, маънӣ тамоман дигар мешавад, яъне “*боз худаш маълум гуфта сирратро ошкор карда намонӣ*”.

Аз ҷониби дигар, ҷумлаи охир тобиши сабабӣ низ дорад:

Азбаски *худаш маълум аст, ту нагӯй // Худаш* ***ки*** *маълум аст, гуфтани ту шарт нест.*

Фактҳои забонӣ шаҳодат медиҳанд, ки пайвандаки ***ки*** дар баробари хелҳои гуногуни ҷумлаи пайравро ба сарҷумла тобеъ кардан дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави **сабаб** низ серистеъмол аст. Чунончи:

Мо бисёр афсӯс мехӯрдем, ***ки*** *аз пул шабона гузашта истодаем (С.У.)*.

Дил пайваста дар шиканҷаи гумону шубҳаи азобофарин метапад, ***ки*** *оё рӯзи висол хоҳад даррасид? (Ф.М.)*.

Дар ифода намудани **муносибатҳои сабабӣ** пайвандаки ***ки*** бо пайвандакҳои семантикии ҷумлаҳои пайрави сабаб – ***аз сабаби ин (он) ки, барои ин (он) ки, бинобар ин (он) ки, азбаски, чаро ки, зеро, зеро ки, чунки*** ҳаммаъност. Чунончи:

Азбаски // барои он ки // бинобар он ки // аз сабаби он ки *бачаҳо хурдсоланд ва ҳанӯз ақли расо надоранд, барои хондан меоянду хондан намехоҳанд* ***//*** *бачаҳо* ***ки*** *хурдсоланд ва ҳанӯз ақли расо надоранд, барои хондан меоянду хондан намехоҳанд* ***//*** *бачаҳо барои хондан меоянду хондан намехоҳанд,* ***чунки // зеро // зеро ки*** *хурдсоланд ва ақли расо надоранд.*

Бо вуҷуди он ки муносибати сабабии ҷумлаи пайрав ва сарҷумларо пайвандаки ***ки*** нисбат ба дигар пайвандакҳои ҷумлаи пайрави сабаб серистеъмол аст. Нигоранда бештар ҳангоми овардани суханони қаҳрамону персонажҳо ё тасвири олами ботиниашон аз нигоҳи худи онҳо аз ин тарзи ифода истифода мебарад: *Иброҳимҷон пушаймон шуд,* ***ки*** *чаро дар ҳамин гуна як вақти номуносиб аз пулу пулдориаш гап кушод (Ф.М.); Арз кунед, кардан гиред, ман ҷиннӣ нашудаам,* ***ки*** *писарамро дар мактаби шумо хононда кофир кунам – гӯён ҷавоб гардонду боз дарашро пӯшид (С.У.)*.

Дар як қатор мавридҳо, аз ҷумла дар мисолҳои боло, пайвандаки ***ки*** бо пайвандакҳои семантикӣ ивазнашаванда аст. Дар ҷумлаи авввал ба туфайли саволӣ будани ҷумлаи пайрави сабаб ва бо феъли таркибии номӣ ифода шудани хабари сарҷумла: *Иброҳимҷон пушаймон шуд,* ***азбаски // аз сабаби ин (он) ки // барои ин (он) ки // чунки // зеро*** (?), дар ҷумлаи дуюм бошад, танҳо ба туфайли феъли таркибии номӣ будани хабари сарҷумла пайвандаки синтаксии ***ки*** бадалнашаванда аст. Дар мавридҳои дигар онро бо пайвандакҳои семантикӣ иваз кардан мумкин аст, ки тавассути он муносибати сабабӣ равшантар ифода мегардад:

Онҳо бехуду беҳуд буданд, ***ки // зеро (ки)// чунки // бароин (он)ки // азсабабиин (он) ки*** *чорводорони онҳоро, рамаҳои овозадори онҳоро акнун ба навори кино мегиранд.*

Мавриди дигари ивазнашавандагии пайвандаки ***ки*** бо пайвандакҳои семантикӣ дар ҷумлаҳои пайрави сабаб ҷой доштани ифодаи модалият аст. Чунончи: *Аз афти кор, ранги зарди маро дида ба ҳолам ва фикру андешаҳоям пай бурда буд* ***ки****, гуфт (С.У.); Риши гуллиашро, зоҳиран, нав тарошидааст* ***ки****, манаҳаш, ду бари рухсораш бехи турби маргелонӣ барин кабудча метобад (Ф.М.)*.

Дар ин мисолҳо тобиши маънои модалӣ (тахмин) ба назар мерасад, ки инро воҳидҳои туфайлии ***аз афти кор, зоҳиран*** тақвият додаанд.

Дар корбасти ҷумлаҳои пайрави **мақсад** бо сарҷумла пайвандаки ***ки,*** асосан, бо пайвандаки ***то*** ҳаммаъност. Чунончи:

Мо баъди аз мактаб озод шудан якка – якка нагашта, балки гурӯҳ – гурӯҳ шуда мегаштем, ***то*** *ба якҷоягӣ ҳуҷуми душманонамонро зада гардонем ва китобу дафтарҳоямонро муҳофизат кунем (С.У.) // Мо баъди аз мактаб озод шудан якка – якка нагашта, балки гурӯҳ – гурӯҳ шуда мегаштем,* ***ки*** *ба якҷоягӣ ҳуҷуми душманонамонро зада гардонем ва китобу дафтарҳоямонро муҳофизат кунем.*

Ба ҷойи пайвандаки ***то*** истифода бурдани пайвандаки ***ки*** дар ҷумлаҳои пайрави мақсад бештар дар забони зинда (гуфтугӯ) ба назар мерасад. Чунончи:

Нун наовардӣ, ***ки*** *бъхърем; Пушокота напушидӣ,* ***ки*** *бъравӣ (С. Атобуллоев 1984: 139)*.

Муқоиса кунед: *Нон наёвардӣ,* ***то*** *бихӯрем; Пӯшокатро напӯшидӣ,* ***то*** *биравӣ.*

Дар мавриди масъалаи дигари оид ба мавқеи истеъмоли пайвандакҳои ***ки*** ва ***то*** дар ҷумлаҳои пайрави мақсад ҳаминро бояд таъкид намуд, ки пайвандаки ***ки*** метавонад бар ивази пайвандаки ***то*** истифода шавад, аммо пайвандаки ***то*** наметавонад ба ҷойи пайвандаки ***ки*** кор фармуда шавад. Ҳамин хусусияти ин ду пайвандак гоҳо ҳам нигоранда ва ҳам муҳаққиқонро ба иштибоҳ меандозад, ки пайвандаки ***то*** – ро ба ҷойи пайвандаки ***ки*** корбаст намоянд.

Муҳаққиқи забони матбуоти даврӣ профессор Б. Камолиддинов қайд мекунад, ки:*“Бемавқеъ кор фармудани пайвандакҳо ва эътибор надодан ба тобишҳои фарқноки маъноии онҳо бештар дар навиштаҳои кормандони ҷавону камтаҷрибаи рӯзномаҳо мушоҳида карда мешавад” (3бс. 154)*.

Хулоса, агарчи дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ пайвандакҳои семантикӣ ва ё синтаксисӣ бо пайвандаки ***ки*** муродиф шуда метавонанд, бо тобиши маъно фарқ мекунанд, зеро пайвандаки ***ки*** тобиши маънои гуфтугӯйӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Атобуллоев С. Шеваи ҷанубии забонитоҷикӣ. Ҷ.4 / С.Атобуллоев. – Душанбе: Дониш, 1977. – 165 с.
2. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б.Камолиддинов. - Душанбе: Собириён, 2010. - С.172.
3. Камолиддинов Б. Дар мавриди сарҳади сарҷумла ва ҷумлаи пайраве, ки бо пайвандаки ***ки*** алоқаманд мегардад / Б.Камолиддинов // Паёми Донишгоҳи миллииТоҷикистон. – Душанбе, 2010. (нашри махсус бахшида ба Соли маориф ва фарҳанги техникӣ). – С.214 -218.
4. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд / Б.Камолиддинов. – Душанбе: Интернюс, 2015. – 256 с.
5. Қаландаров К. Ташаккул ва такомули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик (асрҳоиХ – XIX) / К.Қаландаров. - Душанбе, 2004. – 464 с.
6. Муҳаммадиев Ф. Палатаи кунҷакӣ / Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 367 с.
7. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д.Т. Тоҷиев. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 218 с.
8. Улуғзода С. Субҳи ҷавонии мо / С.Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 377.

МУРОДИФОТИ ПАЙВАНДАКИ «КИ» БО ПАЙВАНДАКҲОИ ДИГАРИ ТОБЕЪКУНАНДА

Дар ин мақола сухан дар бораи муродифоти пайвандаки “**ки**” бо пайвандакҳои дигари тобеъкунанда меравад. Маълум мешавад, ки пайвандакҳои тобеъкунандаи семантикӣ дар аксар мавридҳо ҷойи якдигарро иваз мекунанд, вале бо пайвандаки синтаксисии “**ки**” ин қойида созгор намеояд, зеро, аввалан, тобиши маъно ва мантиқи сухан, сониян, хусусияти рехтагӣ ва хоси забони зинда будани он ба ин имкон намедиҳад. Ба андешаи муаллиф, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар қолабҳои ҳархела ва бо пайвандакҳои гуногун омада, метавонанд маъноҳои ба ҳам монанд ва муродифро ифода кунанд, аммо корбасти худи ҳамин пайвандакҳо ё сарфи назар карда шудани онҳо оҳангу эҳсосот, тобишҳои аз ҳам фарққунандаро ба вуҷуд меоранд. Пайвандаки **«ки»** бо бисёр пайвандакҳои дигар хусусияти муродифӣ пайдо мекунад, зеро, агарчи ин пайвандак семантикӣ нест, муносибатҳои гуногуни маъноиро байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ифода карда метавонад. Аз ин рӯ он аз баъзе пайвандакҳои муштараквазифаи худ бо имкониятҳои синтаксисиаш фарқ мекунад, аз ҷумла, пайвандакҳои ***ки*** ва ***ҳам*** агарчи муштараквазифаанд, на ҳамеша якдигарро иваз карда метавонанд: аввалан, пайвандаки ***ки*** ба ҷумла қатъият, аммо пайвандаки ***ҳам*** тобиши мӯътадилӣ мебахшад, сониян, ҷумла бо пайвандаки ***ки*** дар муқоиса бо пайвандаки ***ҳам*** табиӣ мебарояд, солисан, агар хабари ҷумлаи пайрав дар шакли инкорӣ омада бошад, ба ҷойи пайвандаки ***ҳам*** пайвандаки ***ки*** гузошта

намешавад. Дар мақола ба мисли ин далелҳои зиёде доир ба имкониятҳои синтаксисии пайвандаки **«ки»** мавриди баҳс қарор дода мешаванд. Барои исботи мавқеи худ муаллиф аз адабиёти бадеӣ ва сарчашмаҳои илмӣ мисолҳои фаровон меоварад.

Калидвожаҳо: пайвандакҳо, муродифот, пайвандакҳои тобеъкунанда, тобиши маъно, мантиқи сухан, хоси забони зинда, мавриди истеъмол.

СИНОНИМИЯ СОЮЗА “КИ” С ДРУГИМИ ПОДЧИНИТЕЛЬНЫМИ СОЮЗАМИ

В статье речь идёт о синонимии союза “**ки**” с другими подчинительными союзами. Оказывается, что семантические подчинительные союзы в большинстве случаев заменяют друг друга, однако по отношению синтаксического союза “**ки**” это правило является исключением, так как смысловые оттенки и логика речи не дают возможность заменить этот союз другими. По мнению автора, сложноподчиненные предложения соединяются различными союзами в различных конструкциях и могут выражать сходные и синонимичные значения, однако использование именно этих союзов или их исключение приводит к возникновению отличительных интонаций и эмоций, оттенков. Союз «ки» выступает в качестве синонима многих других союзов, так как, хотя он и не является семантическим, обладает возможностью выражать различные семантические отношения между главным и придаточным предложениями. Поэтому он отличается от некоторых равнофункциональных союзов синтаксическими возможностями, в частности, союзы ***ки*** и ***ҳам,*** хотя и являются равнофункциональными, не всегда могут взаимозаменяться в контексте: во-первых, союз ***ки*** придаёт предложению оттенок решительности, а союз ***ҳам*** – умеренность, во-вторых, предложения с союзом ***ки,*** по сравнению с союзом ***ҳам,*** имеют естественный облик, в-третьих, если сказуемое придаточного предложения находится в отрицательной форме, то вместо союза ***ҳам*** невозможно использовать союз ***ки***. В статье, руководствуясь множеством примеров, проанализированы синтаксические особенности союза «ки». Иллюстративный материал в основном выбран из художественной литературы и научных источников.

Ключевые слова: синонимия, союзы, подчинительные союза, смысловые оттенки, логика речи, место употребления.

SYNONYMY OF THE “KI” UNION WITH OTHER SUBJECT UNIONS

The article deals with the synonymy of the union “ki” with other subordinate unions. It turns out that in most cases semantic subordinate unions replace each other, however, this rule is an exception with respect to the “ki” syntactic union, since the semantic nuances and logic of speech do not make it possible to replace this with a union by others. According to the author, complex sentences combine with different unions in different designs and can express similar and synonymous meanings, however, the use of these unions or their exclusion leads to the emergence of distinctive intonations and emotions, shades. Soz “ki” acts as a synonym for many other unions, because, although it is not semantic, it has the ability to express various semantic relations between the main and subordinate clauses. Therefore, it differs from some equipotential unions by its syntactic capabilities, in particular, the ki and ҳam unions, although they are equally functional, cannot always be interchanged in the context: firstly, the ki alliance gives the proposal a hint of decisiveness, and the ҳam alliance moderates, and secondly, sentences with the ki conjunction in comparison with the ҳam conjunction has a natural appearance, thirdly, if the predicate of the subordinate clause is in negative form, then it is impossible to use the ki conjunction instead of the ҳam conjunction. The article, guided by many examples, analyzes the syntactic features of the ki union. Illustrative material is mainly selected from fiction and scientific sources.

Key words: synonymy, unions, subordinate unions, semantic nuances, speech logic, place of use.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мирзоева Матлуба Ҷаҳонгировна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **hukmiddins@gmail.com**

Сведение об авторе: ***Мирзоева Матлюба Джахонгировна*** - Таджикский национальный университет, профессор кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **hukmiddins@gmail.com**

Information about the author: ***Mirzoeva Matluba Jahongirovna*** - National Tajik University, Doctor of Philology Professor, of the Department of Style and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **hukmiddins@gmail.com**

УДК: 491.550:55

ТАВСИФИ ГЕНЕОЛОГӢ ВА ТИПОЛОГИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Шарипова Ф.Х., Неъматзода Ф.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе

Теъдоди умумии забонҳо дар ҷаҳони муосир аз 2,5 то 5-6 ҳазорро ташкил медиҳанд. Сохтори гуногунранги забонҳои дунё шигифтовар аст. Бо вуҷуди ин, ҳамаи забонҳо ба ҳамдигар монандиву умумият ҳам доранд, ки сабабу омилҳояш инҳоанд: 1) хешии забонҳо, яъне пайдоши онҳо аз як забонмабдаъ (омили генеологӣ); 2) таъсири мутақобила миёни забонҳо ва пайдо шудани шабоҳату умумиятҳо дар натиҷаи робитаи миёни забонҳо (омили ареалӣ); 3) умумияти табиати забони инсон, ки дар қонуниятҳои коммуникатсияи забонӣ ва вежагиҳои умумии сохтори забон зоҳир мешавад (омили типологӣ).

Бо рушди илми забоншиносӣ ва шохаҳои гуногуни он забонҳо ҳамаҷониба омӯхта шуда ба низом дароварда мешаванд. Дар илми забоншиносӣ 3 навъи асосии банизомдарорӣ ва таснифи забонҳо истифода мешавад: 1) таснифоти генеологӣ, ки дар он муносибати хешии забонҳо дар назар гирифта мешавад; 2) таснифоти типологии забонҳо – иттиҳоди мантиқии забонҳо аз рӯйи ҳамгуниҳои сохторӣновобаста аз шаҷараи авлодии онҳо; 3) ареалӣ – аз рӯйи макони ҷуғрофии забонҳо ва доираи густариши онҳо. Тамоми забонҳо аз рӯйи ин се ҷиҳат таҳқиқу радабандӣ мешаванд ва забони тоҷикӣ низ аз ин гурӯҳ истисно нест.

1) Радабандии забони тоҷикӣ аз нигоҳи генеологӣ. Дар ибтидои асри XIX олимон аз кишварҳои мухталиф робитаи забонҳоро дар доираи як оила мушаххас кардан гирифтанд ва ба натиҷаҳои назаррас ноил шуданд. Пажӯҳиши генеологии забонҳо нахуст аз таҳқиқи забонҳои ҳиндуаврупоӣ бо усули муқоисавӣ-таърихӣ аз ҷониби муҳаққиқони аврупоӣ Ф.Бопп ва А.Х.Востоков, А.Шлейхер ва Расмус-Кристиан Раск анҷом шуд.

Аз ҷумла Ф.Бопп реша ва флексияи калимаҳоро дар забонҳои санскрит, юнонӣ, лотинӣ ва готӣ бо усули муқоисавӣ таҳқиқ кард. Расмус-Кристиан Раск забони исландиро бо забонҳои гренландӣ, баскӣ ва келтӣ ва сипас исландиро бо норвежӣ, баъдан бо дигар забонҳои скандинавӣ (шведӣ, даниягӣ) ва ниҳоят бо забонҳои юнониву лотинӣ, бидуни ҷалби санскрит, муқоиса кард [3].

А.Х.Востоков муқоисаро бо ҷалби забонҳои славянӣ анҷом дода, аввалин шуда зарурати муқоисаи забонҳои мавриди назарро бо забонҳои мурда қайд мекунад [3].

Мавҷудияти дараҷаҳои гуногуни хешутаборӣ дар забонҳо боиси ҷорӣ шудани истилоҳҳое ба монанди хонавода, гурӯҳ, зергурӯҳ гардид. Истилоҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ бори аввал аз ҷониби олими англис Томас Юнг дар соли 1813 истифода шудааст. Дар адабиёти олмонӣ истилоҳи забонҳои ҳинду германӣ (indogermanische Sprachen) аксар вақт истифода мешавад. Қаблан ба забонҳои ҳиндуаврупоӣ "ориёӣ" низ мегуфтанд [3].

Ба хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ гурӯҳи забонҳои германӣ, романӣ, славянӣ, балтикӣ, келтӣ, арманӣ, ҳиндӣ эронӣ шомиланд ва аз забони ягонаи прото ҳиндуаврупоӣ сарчашма мегиранд, ки бино бар ҳадси муҳаққиқон такаллумкунандагони он 5-6 ҳазор сол пеш мезистаанд.

Гурӯҳи забонҳои эронӣ бештар аз чиҳил забону гӯйишро фаро мегирад: а) забонҳои мурдаи эронӣ: авестоӣ, форсии бостон, аккадӣ, паҳлавӣ, хоразмӣ, суғдӣ, бохтарӣ; б) забонҳои зиндаи эронӣ: форсӣ, курдӣ, дарӣ, тоҷикӣ, балуҷӣ, осетинӣ, гурӯҳи забонҳои бадахшонӣ ва ғ. Мавқеъ ва вижагиҳои забонии ҳар як забони ин гурӯҳ дар таърихи инкишофи забонҳои эронӣ мушаххас шуда, ба ду шоха – шохаи забонҳои эронии шарқӣ ва шохаи забонҳои эронии ғарбӣ ҷудо карда шудаанд. “Забону лаҳҷаҳои эроние, ки таърихан дар тарафи шарқии биёбонҳои Дашти Кевир ва Дашти Лут истеъмол гардида, ташаккул меёфтанд, **гурӯҳи забонҳои эронии шарқӣ (**скифӣ, суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ, осетинӣ, яғнобӣ, пушту, мунҷонӣ бо лаҳҷаи йидға, шуғнонӣ бо лаҳҷаи бачувӣ, рӯшонӣ бо лаҳҷаи хуфӣ, бартангӣ бо лаҳҷаи рошорвӣ, сариқӯлӣ, язгуломӣ, ванҷиворӣ, вахонӣ, ишкошимӣ, зебокӣ, санглечӣ**)** ва забону лаҳҷаҳое, ки таърихан дар минтақаҳои ғарбии ин даштҳо

инкишоф меёфтанд, **гурӯҳи забонҳои эронии ғарби**ро (форсии бостон, форсии миёна, портӣ форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ, тотӣ, курдӣ, балучӣ) ташкил доданд [5, с.56].

Шохаи шарқиву ғарибии забонҳои эронӣ ба зергурӯҳи **забонҳои эронии ҷануби ғарбӣ** ва зергурӯҳи **забонҳои эронии шимоли ғарбӣ** таснифоти таърихиву диалектологӣ шудаанд ва забони тоҷикӣ ба зергурӯҳи забонҳои эронии ҷануби ғарбӣ шомил аст.

Мувофиқи таҳқиқоти генеологӣ забони тоҷикӣ ба **хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, гурӯҳи забонҳои эронӣ, шохаи забонҳои эронии ғарбӣ, зергурӯҳи забонҳои эронии ҷануби ғарбӣ** шомил аст.

Радабандии типологии забони тоҷикӣ. Аввалин таснифоти типологӣ ба асри XIX рост меояд, аммо заминаҳои забоншиносии типологӣ ва универсалияҳои лингвистӣ дар асрҳои миёна бо шарофати эътимоди чандинасраи мардум, ки ҳамаи забонҳо ба ҳам шабоҳат доранд ва барои ҳамин аз рӯйи грамматикаи забони лотинӣ метавон сохтор ва категорияи тамоми забонҳоро фаҳмид, ба вуҷуд омадаанд. Пайдоиши фарҳангҳои дузабона дар асрҳои миёна гувоҳи онанд, ки забонҳо ҳамеша мав муқоиса мешуданд.

Асосҳои типология бо ташаккули забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ дар як вақт заминагузорӣ шудаанд ва аввалин компаративстҳо (муҳаққиқони забоншиносии муқ.-таър.) аввалин типологҳо буданд. Аз ҷумлаи онҳо муаллифи китоб-манифести ҳиндуаврупоишиносӣ "Дар бораи хираду ҳиндуҳо" (1808) Фридрих фон Шлегел (1772-1829) аст, ки аввалин таснифоти типологиро додааст ва файласуфи немис Вилегелм фон Гумболдт (1765-1835) ва муаллифи грамматикаи таърихӣ-муқоисавии забонҳои ҳиндуаврупоӣ Франс Бопп (1791-1867) мебошанд. Ҳамон замон категориҳои асосии типологияи морфологии забонҳо пешниҳод шуда буд: флексия (забонҳои флективӣ), агглютинатсия, фузия (пайвастшавии ду морфема, ки дар натиҷа марзи байни онҳо ғайриимкон аст), забонҳои аналитикӣ ва синтетикӣ, забонҳои мунзавӣ (аморфӣ/изолирующие языки), инкорпоратсияшуда (инкорпорирующие языки) [3; 4].

Типологияи овозии забонҳо, ки забонҳоро аз рӯйи вижагиҳои фонетикиву фонологӣ тасниф мекунад, дар асри XX ба вуҷуд омадааст. Саромадони ин типология олимони мактаби лингвистии Прага Б.Гавранек ва В. Скаличка буданд. Таснифот аз рӯйи умумият ва тафовут дар системаи фонологии забонҳо ба роҳ монда шудааст, ки дар онҳо теъдоди садонокҳо ё ҳамсадоҳо аз теъдоди миёнаи умумии онҳо сурат гирифтааст. Бо сабабҳои артикулятсионӣ-физиологӣ дар забонҳои дунё садонокҳо камтаранд, аз ин рӯ теъдоди бештарини вокалҳо (садонокҳо) ба нудрат ба 50% аз шумораи умумии фонемаҳо мерасад ва дар баробари ин теъдоди консонантҳо (ҳамсадоҳо) дар забонҳо то ба 98% аз ҷамъи умумии фонемаҳо мерасад. Забонҳои бисёрвокалӣ забони даниягӣ, англисӣ, немисӣ, франсузӣ мебошад. Ба забонҳои консонантӣ бештари забонҳои дунё аз ҷумла забонҳои славянӣ, арабӣ, ибрӣ, тоҷикӣ шомиланд. Дар забони тоҷикӣ теъдоди консонантҳо - 82% ва теъдоди вокалҳо 18% -ро ташкил додааст, бино бар ин **забони тоҷикӣ** аз рӯйи низоми фонологӣ **забони типи консонантӣ** мебошад.

Дар аксари забонҳо овозҳои ҳиҷосоз аз рӯйи ин ё он хусусияташон ба ҳам мувофиқат мекунанд. Ҳар қадар мувофиқати овозҳо дар ҳиҷо бошад, ҳамон қадар ҳиҷо ҳамчун воҳиди ҳамхони муттасил талаффуз мешавад ва аз рӯйи вижагиҳои сохтмони ҳиҷо забонҳоро ба ду тип – ҳиҷоӣ ва фонемагӣ (ғайриҳиҷоӣ) ҷудо мекунанд.

Овозҳои таркиби ҳиҷоҳо дар забонҳои ҳиҷоӣ алоқамандии бештар доранд (ба ин гурӯҳ забонҳои чинӣ ва забонҳои ҷануби шарқии Осиё дохил мешаванд). Дар ин забонҳо маҳдудият дар ҳамнишинии овозҳо ҷой дорад, азбаски пайдоиши овозҳои ҳиҷосоз бештар ба дигар овозҳои ин ҳиҷо сахт вобаста аст, ё овозҳо имконияти маъноҷудокуниро надоранд, барои ҳамин дар забонҳои ҳиҷоӣ воҳиди минималии маъноҷудокунӣ фонема не, балки ҳиҷо мебошад ва чунин ҳиҷоро силлабофонема (калимаи якморфемагӣ) меноманд. Дар ин забонҳо на танҳо қолабҳои ҳиҷоҳо маҳдуданд, инчунин миқдори ҳиҷоҳои гуногун низ маҳдудият дорад.

Дар забонҳои ғайриҳиҷоӣ, яъне дар забонҳое, ки воҳиди маъноҷудокунӣ фонема аст, занҷираи овозӣ ва инчунин миқдори қолабҳои муҷоз гуногунтар аст. Ҳиҷосозӣ дар забони тоҷикӣ табиат ва қонуниятҳои ба худ хос дошта, мавҷудияти фонемаи садонок барои сохтани ҳиҷо дар он ҳатмӣ (о-лу, о-ру) аст, пас **забони тоҷикӣ** аз ҷиҳати сохтори ҳиҷо ба **типи забонҳои фонемагӣ** марбут аст.

Дар ташкили сурати фонетикии калима се воҳиди фонетикӣ – овоз, ҳиҷо ва зада иштирок мекунад. Вобаста ба табиати фонетикӣ се навъи задаи калимаро дар забонҳои дунё ҷудо мекунанд:

1) Задаи тонӣ (мусиқавӣ, навоӣ) – ҳиҷои зададор бо садои баланд ё паст мисли оҳанг талаффуз мешавад. Ба гурӯҳи забонҳои задаи тонӣ дошта ҳамаи забонҳои ҳиҷоӣ, форсии бостон, авестоӣ, юнонии қадим, балтӣ, забонҳои скандинавӣ дохил мешаванд.

2) Дар задаи динамикӣ ё атонӣ (задаи бошиддат, выдыхательное ударение) ҳиҷои зададор бо зарба ва шиддат ҳангоми баровардани нафас талаффуз мешавад. Ба забонҳои задаи динамикидор забонҳои романӣ, англисӣ, немисӣ, аксари забонҳои славянӣ дохил мешаванд. Р.О.Якобсон мегӯяд, ки дар таърихи Аврупо ва Осиё зада аз гунаи тонӣ ба динамикӣ гузаштааст. Дар гузашта аксари забонҳои ҳиндуаврупоӣ задаи тонӣ доштанд, аммо имрӯз ин навъи зада танҳо дар забонҳои ҳудуи Аврупо боқӣ мондааст.

3) Дар калимаҳои задаи ададӣ (количественное ударение)дошта ҳиҷои зададор дарозтар талаффуз мешавад. Ин зада дар таснифоти типологӣ мавҷуд аст, аммо дар воқеият вай мустақил вуҷуд надорад. Дар забонҳо задаи динамикӣ ва тонӣ ҷой дорад, аммо ҳастанд забонҳое, ки дар онҳо ҳар ду зада ба назар мерасад. Масалан, дар забони шведӣ ҳар се задаро дар ҳамон як калима истифода мебаранд: ҳиҷои аввал задаи динамикиву ададӣ ва яке аз ҳиҷоҳои баъдӣ задаи тонӣ мегирад.

Дар забонҳои авестоӣ ва форсии бостон вожаҳо задаи тонӣ доштанд ва дар натиҷаи таҳаввули низоми забон ин зада дар форсии миёна ба задаи динамикӣ табдил ёфта то имрӯз ҳифз шудааст ва забони тоҷикӣ аз нигоҳи типологияи фонетикӣ ба типи забонҳои **задаи динамики**дошта шомил аст.

Дар бахши типологияи морфологӣ, ки бештар пажӯҳишҳо дар ин ришта анҷом дода шудаанд, пеш аз ҳама воситаи ифодаи маъноҳои грамматикӣ ва дувум вижагии пайвастшавии морфемаҳо дар калима ба эътибор гирифта мешаванд. Вобаста ба воситаи ифодаи маънои грамматикӣ забонҳоро ба синтетикӣ (таркибӣ) ва аналитикӣ (таҳлилӣ) ҷудо мекунанд.

Барои воситаи синтетикӣ (synthesis-ю. муттаҳид шавӣ, мувофиқат) пайвастшавии нишондиҳандаҳои грамматикӣ бо худи калима хос аст. Чунин нишондиҳанда, ки ба “дохили калима” маънои грамматикиро илова мекунад, метавонад анҷома, пасванд, пешванд, флексияи дохилӣ, тағйири зада, тағйири супплетивӣ, трансфикс бошад. Масалан, дар забонҳои сомӣ ва ибрӣ якчанд садонок бо решаи секонсанантӣ печида, ба он маъноҳои лексикӣ-грамматикӣ ва синтаксисӣ зам мекунанд ва ба ин васила решаро то шакли калимаи зарурӣ ташаккул медиҳанд.

Вижагиҳои умумии воситаҳои ифодаи грамматикӣ дар забонҳои аналитикӣ берун аз калима, ҷудо аз он, яъне ба воситаи пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо, изофат, артикл, феълҳои ёвар ва дигар унсурҳои ёвар ба монанди тартиби калима ва интонатсияи умумии гуфтор сурат мегирад.

Дар аксари забонҳо воситаҳои аналитикӣ ва синтетикии ифодаи грамматикии калимаҳо мавҷуданд, аммо миқдори онҳо гуногун аст. Ба забонҳои синтетикӣ ҳамаи забонҳои славянӣ (ба ғайр аз булғорӣ), санскрит, юнонии қадим, олмонӣ, литовӣ, арабӣ, форсии бостон дохил мешавад.

Ба забонҳои сохтори аналитикӣ дошта ҳамаи забонҳои романӣ (италянӣ, испанӣ, каталонӣ, франсузӣ, сардинӣ, руминӣ, молдаванӣ), англисӣ, даниягӣ, юнонии нав, форсӣ дохил мешаванд. **Забони тоҷикӣ** аз рӯйи вижагиҳои морфологӣ ба **типи забонҳои сохтори аналитикидошта** марбут аст.

Вобаста ба вижагии сохтмони морфемаҳои калима забонҳоро ба агглютинативӣ ва фузионӣ ҷудо мекунанд: фузия (лот., обшавӣ) ва агглютинатсия (лот., пайвастшавӣ,часпиш). Дар калимаи фузионӣ марзи байни морфемаҳо маълум нест, яъне реша бо ванд бо ҳам махлут шуданд. Масалан: дар вожаи русии “стричь” овози ч ба охирон решаи вожаи “стригу” мувофиқат намекунад ё дар асоси феълҳои забони тоҷикии дӯз-духт, рав-рафт, ҷӯй-ҷуст тафовути овозӣ дар решаи вожаҳо ҷой дорад. Фузия дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва сомӣ ба назар мерасад. Дар байни забонҳои фузионӣ забонҳои синтетикӣ (юнонии қадим, лотинӣ, славянӣ, олмонӣ) ва аналитикӣ (англисӣ, франсузӣ ва ғ.) ба назар мерасанд. **Забони тоҷикӣ** низ аз рӯйи сохтори морфема **ба типи забонҳои фузионӣ** дохил мешавад.

Дар забонҳои агглютинативӣ марзи байни морфемаҳо маълум аст ва ҳар як ванд (аффикс) маънои дақиқи худро дорад ва ҳар маъно бо як ванд ифода мешавад, ки баръакси онҳо дар забонҳои фузионӣ ҳатто морфемаҳои решагӣ на ҳамеша аз ҷониби гӯянда дарк мешаванд ё аз аффиксҳо ҷудо кардан мешаванд. Дар забонҳои агглютинативӣ ҳамаи морфемаҳо мустақиланд ва ин забонҳо нисбат ба забонҳои фузионӣ аз рӯйи сохтори грамматикӣ мустаҳкамтаранд. Забонҳои агглютинативӣ дар дунё бештаранд: инҳо ҳамаи забонҳои хонаводаи олтоӣ, туркӣ, дравидӣ, забонҳои банту, австралиягӣ, ҳиндӣ, грузинӣ, финӣ-угорӣ, японӣ, кореягӣ ва ғ мебошанд. Равиши агглютинативӣ ҳам дар забонҳои синтетикӣ ва ҳам аналитикӣ истифода мешавад.

Шабоҳатҳои типологӣ ва тафовут дар наҳви забонҳои гуногун то ҳадде дар морфологияи типологӣ ошкор мешаванд, зеро нисбат ба забонҳои синтетикӣ дар бархе аз забонҳои мансуб ба аналитикӣ тартиби калима дар ҷумлаҳои ин забонҳо маъмулӣ буда, калимаҳои ёридиҳанда ва вазифаҳои грамматикии интонатсия дар онҳо бештар истифода мешаванд. Вазифаи типологияи наҳвӣ омӯзиши сохтори коммуникативӣ-фикрӣ, ки ба востиаи онҳо дар забон ташкил ва ифодаи фикр ба амал меояд, мебошад. Аз рӯйи сарфи мубтадо – субъект дар ҷумла забонҳои дунёро ба забонҳои сохтори номинативӣ ва забонҳои сохтори эргативӣ дошта ҷудо мекунанд [4; 8].

Дар забонҳои эронии бостон таркиби номинативӣ ва эргативии ҷумла якҷоя мавҷуд буданд [6; 8]. Таркиби эргативӣ бо феълҳои гузарандаи замони гузашта аз асосҳои сифати феълии –ta сохта мешаванд [6; 8]. Вижагии таркиби эргативӣ дар забони форсии бостон он аст, ки субъекти мантиқӣ дар ҳолати мафъулӣ қарор мегирад (маъмулан дар ҳолати генетив, ки дативро ифода мекунад ё дар ҳолати аккузатив) ва исм – объект дар ҳолати фоилӣ меояд, предикат бошад дар тарзи пассив меояд. Масалан. ҷумлаи зерин аз форсии бостон сохтори эршативӣ дорад: ф.б. **Manā bandakā** āhatā.-Бандаҳои ман буданд.

Manā- ҷонишини шахси якуми танҳои ҳолати генетив, ки муайянкунандаи ифодагари посессивият бо маънои “аз они ман” мебошад. Бо ҳазфи поёнаи ҳолатҳои сарфӣ (падежҳо) дар забони форсии миёна ҷумлаи сохтори эргативидошта ҳам аз байн рафт. Дар забони тоҷикӣ калимаҳо дар шакли холис – дар ҳолати номинатив қарор доранд, ки хосси забонҳои аналитикӣ аст ва **ҷумлаи забони тоҷикӣ сохтори номинативӣ** дорад.

3. Радабандии забони тоҷикӣ аз нигоҳи типологияи иҷтимоӣ. Забонҳои дунё аз рӯйи вазифаашон дар типологияи функсионалӣ ба панҷ зина – ҷаҳонӣ, байналмилалӣ, давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ҷудо мекунанд.

Тоҷикон аз замонҳои қадим бо номи ориёӣ, эронӣ ва аз аввали асри Х1 («Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ) бо номи тоҷик дар марзи Хоразм, Марв, Ҳирот то Систон ва дар Шарқ аз Ҳафтрӯд, Фарғона, Бадахшон, то кӯҳҳои Ҳиндукуш зиндагӣ мекунанд. Онҳо дар канори рӯдҳои Амударё (дарёи Ому) бо шохобҳои Панҷу Вахш, Кофарниҳон ва Сирдарё бо шохобҳои Нарин, Парак (Чирчик), рӯди Зарафшон, рӯди Ҳарирӯд, дар поён Марврӯд, рӯди Ҳилманд ва рӯдҳои кӯчаки дигар аз замонҳои қадим, аҳди кӯчи Ориёиҳо ва Скифҳо зиндагӣ мекунанд (7). Имрӯз қавми тоҷик дар сарзамини паҳновари Мовароуннаҳри таърихӣ – Осиёи Миёна, Афғонистон, Покистон то навоҳии Тсинзяни Чин зиндагӣ мекунанд ва аз миёни онҳо мардуми форсизабони Осиёи Миёна забони модарии худро забони тоҷикӣ ном мебаранд. Такаллумкунандагони ин забон берун аз хоки Тоҷикистон бештаранд, аммо, мутаассифона, танҳо дар Тоҷикистон забони тоҷикӣ ба расмият шинохта шуда, тибқи конститутсия мақоми **забони давлати**ро дорад, ки дар радабандии забонҳои дунё баъд аз забонҳои ҷаҳонӣ ва байналмилалӣ забони давлатӣ дар зинаи сеюм қарор дорад. **Забони тоҷикӣ** танҳо дар вилояти Сух ва қисман Самарқанд мавқеи **забони минтақавӣ** дорад, ки тибқи он дар манотиқи федерол, вилоят, шаҳрдорӣ дар қатори забони расмӣ таъйин шудааст. Дар боқимонда навоҳии тоҷикнишини Ӯзбакистон ва ҷумҳуриҳои Қирғизистону Қазоқистон мавқеи забони тоҷикиро, бо таассуф, то зинаи панҷум – то сатҳи забони маҳаллӣ расонидаанд, ки ҳамчун забону гӯйишҳои аққаллиятҳои миллӣ дар давлатҳои сермиллат ва дар дохили гурӯҳҳои этникӣ корбурд дошта фароварда, аз доираҳои илмиву адабӣ дур кардаанд ва имрӯз забони тоҷикӣ танҳо бо марказҳои донишгоҳӣ ва шарқшиносии вилояти Тошканд маҳдуд шудааст.

Тавсифи забони тоҷикӣ аз нигоҳи генеологиву типологӣ бар асоси пажӯҳишҳои забоншиносон чунин аст: **1)** ***забони тоҷикӣ ба хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, гурӯҳи***

забонҳои эронӣ, шохаи забонҳои эронии ғарбӣ, зергурӯҳи забонҳои эронии ҷанубии ғарбӣ мансубаст; 2) забони тоҷикӣ ба типи забонҳои консонантӣ, фонемагӣ, задаи динамикидошта, сохтори аналитикии калима ва сохтори номинативии ҷумла мансуб аст; 3) забони тоҷикӣ дар ҳудуди Тоҷикистон забони давлатӣ ва дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна мавқеи забони минтақавӣ (Ӯзбекистон) ва маҳаллиро дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.I. – Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.Ҷ.II. – Душанбе: Дониш, 1986. - 372 с.
3. Камолов Х.М. Классификация простых предложений с точки зрения семантики в таджикском и английском языках / Х.М. Камолов // Вестник ТНУ. - Душанбе, 2015. - № 7. - С.6-12.
4. Мечковская Н.Б. Структурная и социальная типология / Н.Б. Мечковская. – М., 2001. – 240 с.
5. Мирбобоев А. Муқаддимаи филологияи Эрон / А.Мирбобоев. – Душанбе, 2015. – 349 с.
6. Опыт историко-типологического исследования иранских языков. - М., 1975. - Т.I.- 239 с.; - М., 1975. - Т.II. – 475 с.
7. Шарипов Х. Тамаддуни тоҷикӣ / Х.Шарипов // Садои Шарқ, 2016. – №4. - С.129-139.
8. Шарипова Ф. Методика преподавания спецкурса по сравнительно-историческому языкознанию / Ф.Шарипова // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2014. - №4/6. - С.92-96.
9. Шарипова Ф.Семантические и синтаксичечкие свойства послелога **-ро** в языке парсии дари / Ф.Шарипова // Забон – рукни тоат. - Душанбе, 2015. - №7. - С.55-60.
10. Эдельман Д.И. О конструкциях предложения в иранских языках / Д.И. Эдельман // Вопросы языкознания, 1974.
11. Эдельман Д.И. Сравнительная грамматика восточноиранских языков. Морфология. Элементы синтаксиса / Д.И. Эдельман. - М.: Наука, 1990. – 286 с.
12. Эдельман Д.И. К генетической классификации иранских языков / Д.И. Эдельман // Вопросы языкознания, 1984. - №6.
13. Эдельман Д.И. К реконструкции праиранского предложения / Д.И. Эдельман // Язык и культура. К 70-летию Ю.С. Степанова. - М.Я зыки славянской культуры. - С.137-145.
14. Эдельман Д.И. Вопросы сравнительно-исторического синтаксиса иранских языков / Д.И. Эдельман // Исследования по иранской филологии. - М., 2001. - №3. - С.150-170.
15. Шарипова Ф.Х. Робитаи диалектологии ҷонишинҳои шахсии хоразмӣ, суғдӣ ва олонӣ-осетинӣ / Ф.Х. Шарипова, Ф.Т. Неъматзода // Паёми ДМТ. - Душанбе, 2020. - № 8. - С.5-11.

ТАВСИФИ ГЕНЕОЛОГӢ ВА ТИПОЛОГИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур пажӯҳиши забони тоҷикӣ аз рӯи омилҳои генеологӣ, ареалӣ ва типологӣ анҷом шудааст. Забони тоҷикӣ мувофиқи таҳқиқоти генеологӣ ба хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, гурӯҳи забонҳои эронӣ, шохаи забонҳои эронии ғарбӣ, зергурӯҳи забонҳои эронии ҷанубии ғарбӣ шомил аст. Мувофиқи таҳқиқоти типологӣ бошад забони тоҷикӣ аз рӯйи низоми фонологӣ забони типи консонантӣ аст, зеро дар он теъдоди консонантҳо нисбат ба теъдоди вокалҳо зиёдтаранд. Аз рӯйи низоми фонетикиву фонологӣ забони тоҷикӣ ба гурӯҳи забонҳои консонантӣ ва задаи ғайритонӣ мансуб аст. Ҳиҷосозӣ дар забони тоҷикӣ табиат ва қонуниятҳои ба худ хос дошта, як фонемаи садонок метавонад ҳиҷоро ташкил диҳад. Вижагиҳои умумии воситаҳои ифодаи грамматикӣ дар забонҳои аналитикӣ берун аз калима ба воситаи пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо, изофат, артикл, феълҳо ва дигар унсурҳои ёвар чун тартиби калима ва интонатсияи умумии гуфтор сурат мегирад, аз ин лиҳоз забони тоҷикӣ аз рӯйи вижагиҳои морфологӣ ба типи забонҳои сохтори аналитикидошта марбут аст. Аз рӯйи сохтори ҷумла забони тоҷикӣ ба гурӯҳи забонҳои сохтори номинативидошта тааллуқ дорад. Забони тоҷикӣ дар ҳудуди Тоҷикистон забони давлатӣ ва дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна мавқеи забони минтақавӣ ва маҳаллиро дорад.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, генеологӣ, ареалӣ, типологӣ, консонантӣ, фонемагӣ.

ГЕНЕАЛОГИЧЕСКОЕ И ТИПОЛОГИЧЕСКОЕ ОПИСАНИЕ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

В статье исследуется таджикский язык по генеалогическим, ареальным и типологическим факторам. Согласно генеалогическим исследованиям, таджикский язык относится к семье индоевропейских языков, группе иранских языков, западно-иранской подгруппе, юго-западной ветви данной подгруппы. Согласно типологическим исследованиям, таджикский язык по фонологической системе является языком консонантного типа, поскольку в нем преобладает количество согласных, чем гласных звуков. Структура слога в таджикском языке имеет свою природу - гласная фонема может образовать слог, и по этому свойству относится к типу фонемных языков. По виду ударения таджикский язык относится к языкам с атоническим – динамичным ударением. Общие особенности грамматических норм в аналитических языках отражаются посредством аффиксов, предлогов и послелогов, артикля и других вспомогательных элементов, таких как порядок слов, интонация. По структуре предложения таджикский язык относится к языкам номинативного строя предложения. Таджикский язык является государственным языком на территории Таджикистана и имеет статус регионального и местного языка в республиках Средней Азии.

Ключевые слова: таджикский язык, генеалогический, ареальный, типологический, консонантный, фонемный.

GENEOLOGICAL AND TYPOLOGICAL DESCRIPTION OF THE TAJIK LANGUAGE

The article examines the structure of the Tajik language through the genealogical, areal and typological factors. According to genealogical studies, Tajik language belongs to the family of Indo-European languages, a group of Iranian languages, a subgroup of southwestern and western Iranian languages. According to the typological studies, in phonological system, Tajik language is a consonant type language, since it contains more consonants than vowels. In Tajik language, syllable has its own, specific nature - a vowel phoneme can form a syllable, and this feature defines it as a phonemic language. Depending on the stress type, Tajik language is perceived as a language with atonic – dynamic stress. The general features of grammatical norms in analytical languages are reflected through affixes, prepositions and postpositions, the article and other auxiliary elements, such as word order, intonation. According to the structure of the sentence, Tajik language belongs to the languages of the nominative structure of the sentence. This language is the state one on the territory of Tajikistan and has the status of a regional and local language in the republics of Central Asia.

Key words: Tajik language, genealogical, areal, typological, consonant, phonemic.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шарипова Фарангис Худоиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Farangis@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-62-46-54**

Неъматзода Фархунда Турсунбоевна - Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, номзади илмҳои филологӣ, муаллимаи калони кафедраи “Лингвистика”. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Бохтар 35/1. E-mail: **n-zade8888@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-40-55-54**

Сведение об авторах: ***Шарипова Фарангис Худоиевна*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Farangis@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-62-46-54**

Негмат-заде Фархунда Турсунбаевна – Филиал Московского государственного университета им. М.В. Ломоносова в г. Душанбе, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры «Лингвистика». **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Бохтар 35/1. E-mail: **n-zade8888@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-40-55-54**

Information about the authors: ***Sharipova Farangis Xudoievna*** - Tajik National University, doctor of philology, professor of the department of the History of Language and Typology. **Adress:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Farangis@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-62-46-54**

Negmat-zade Farkhunda Tursunbaevna – Branch of Moscow State Universty (named after Lomonosov) in Dushanbe, Candidate of Philology, Senior Lecturer of the Department of Linguistics. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Bokhtar Str., 35/1. E-mail: **n-zade8888@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-40-55-54**

УДК: 491.550-31

ЧАНД НУКОТЕ ПЕРОМУНИ ВИЖАГИҲОИ МАЪНО ВА МАЪНОШИНОСӢ

Гулназарзода Жило Бурӣ
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Байни мундариҷа ва маъно алоқаи мураккабу печдарпеч мавҷуд аст, ки тавассути қонуну қоидаҳои махсус ва муайян сурат мегирад. Аз ҳамин ҷиҳат маъношиносӣ ба ғайр аз таҳлилу таҷзияи маъно бояд роҳ, тарз, усул ва қоидаи истифодаи маъноро барои пайдоиши мундариҷаҳои нав ва тоза таҷассум намояд, яъне дар баробари назарияи маъно назарияи таҳаввули мундариҷа (яъне нақши маъно дар мундариҷа), назарияи референсия (далел, шайъ, шаҳодатнома, кафолатнома) бояд арзи вуҷуд кунад.

Дар маъношиносии лингвистӣ тафриқа ва алоқаи шаклу маъно нишон дода мешавад, яъне фарқ ва муносибати функсияи воҳиди забон, ки маъно бо онҳо ифода мегардад, муайян мешавад. Маъно, вазифаи воҳиди забон, маънодорӣ ва мундариҷа ҳамчун навъҳои мухобиротӣ хизмат мекунанд. Ҳудуд ва имконоти ин навъҳои мухобирот мушаххас мегардад, ки дар натиҷа таснифи пурра ва амиқи маъноиву шаклии калима, категорияҳои грамматикии маъноӣ ва шаклӣ, маъноҳои грамматикӣ ва функсияҳои грамматикӣ муайян мешаванд. Дар ин қисмат маъно (ба маънои васеъ) на чун воҳиди шаклие, ки вазифаи аломатӣ ва маъноиро яклухт дар худ таҷассум менамояд, балки ҳамчун воҳиди нисбатан мустақил дорои сохтори махсуси дохилӣ ва ҳамчун категорияи инъикоскунандаи муносибати мутақобилаи (дутарафа) ҳақиқати воқеӣ мебошад.

Маъношиносӣ айни ҳол чун илм ҷанбаи мундариҷавии қисматҳои забонро муайян мекунад ва ҳангоми таҳлили ҷанбаи мундариҷавӣ дар ҳар яки онҳо ҳар чи бештар тафовути маъноӣ аз шаклӣ (аз рӯйи ифода) зоҳир мегардад.

Дар «Иҳсо-ул-улум»-и Абунасри Муҳаммади Форобӣ омадааст: «Илми забон ба таври куллӣ ба ду қисм аст: яке, фаро гирифтани алфозест, ки дар назди миллате дорои маънӣ аст ва шинохтани ҳудуди далолати он алфоз. Дигар, шинохтани қавонини ин алфоз» [5, с.39].

Дар забон вобаста ба воҳидҳои он қисматҳо мавҷуд аст ва дар он бахшҳо ҳар алфоз дорои маъност ва ҳудуду марзи далолати он алфоз (муфрад ё мураккаб) ва қавонини он бояд шинохта шавад. Аз ин ҷост, ки илми забоншиносӣ «дар ҳар забоне танҳо матолиберо мавриди баҳс қарор медиҳад, ки ба забони ҳамон миллат ихтисос дорад. Ва агар дар ҳолатҳое, ки миёни он забон бо дигар забонҳо муштарак аст, ба мутолиа мепардозад, ин мутолиа аз ҷиҳоти иштироки онҳо нест, балки аз он ҷиҳат аст, ки он ҳолат дар забони он мардум бахусус мавҷуд аст» [5, с.41].

Гуфтаҳои ин донишманди фарзона мувофиқ ба ҳолати мавзӯи баррасишаванда аст, чунки “бахусус мавҷуд будани ин ё он ҳолат” дар забони алоҳида нишондиҳанда дорад ва ҳангоми баррасии матолиб вижагиҳо муайян карда мешаванд.

Яке аз донишмандони мумтоз Х. Шарифов низ ҳангоми баррасии ин масъала барои саҳеҳият ва тақвияти фикр ҳамеша андешаи донишмандони асримиёнагии Шарқро ба инобат гирифта, баҳси илмӣ ба миён меорад. Ӯ зикр мекунад, ки «илми маонӣ тартиби суханро меомӯзад» ва гуфтаҳои Омулиро доир ба илми маонӣ аз «Нафоис-ул-фунун» меорад: «Илми маонӣ, ки иборат аст аз маърифати татаббуи хоси таркиби калом ва он чи муттасил шавад бад-ӯ аз истеҳсон ва ғайра, то ба воситаи вуқуф бад-он эмин бошад аз татбиқи калом ба муқтазои ҳол» ва аз лиҳози адабӣ маониро (чун илм) мансуб ба сабки сухан медонад. Ӯ андеша ва назароти донишмандонро ҳангоми таҳлили нукот дар назди хонанда дар қиёс мегузорад. Чунончи: «Аз мавқеи таърифоти Саккокии Хоразмӣ илми маониро мансуб ба сабки сухан донистан лозим меояд ва дар он ду чиз ҷолиби таваҷҷуҳ аст, якум, маърифат кардани тарокиб аз ҷиҳати некӯӣ; дувум, натиҷаи маърифат дар маонӣ «аз хато эмин будан дар татбиқи калом бар муқтазои ҳол аст». Пас, талаби фанни маонӣ шакли олии сухани рост ва беғалат аст. Хубию расоӣ ва фасоҳати сухан дар чист? Дар навбати аввал мувофиқат бо қавонини наҳвӣ ва луғавии забон ва дурустии маъно» [12, с.28].

Пас маъно ҳамчун категорияи меҳварӣ ва бунёдии маъношиносӣ аст ва ҳамзамон мавқеи аввалиндараҷа дар луғатшиносию луғатнигорӣ дорад. Оид ба ин масъала

забоншинос Ҳ. Маҷидов меорад: «Қиёфаи овозӣ фақат яке аз паҳлуҳои калима аст, ки дар шакли моддӣ вуҷуд дорад. Паҳлуи дигари *басо муҳимми он* (таъкид аз мо – Г.Ж.) маъно ё дурусташ маҷмӯи маъноҳои он мебошад. Калимаҳо бо қиёфаи доимию устувори худ ба системаи маъноҳои гуногун далолат мекунанд» [6, с.24]. Истилоҳи маъно ҳамчун мафҳум ба ҳайси тасаввуроти зеҳнии шайъ, раванд, ҳолати амал, падида (ҳамчун моҳияти бартаридоштаи зеҳнии аломатҳои интихобшудаи олами воқеӣ), ки далели лингвистӣ аст ва дар баробари ин мундариҷаи аломати забонӣ, шакл, ки ифодаи падидаи моддии ин тасаввуроти зеҳнист, маҳсуб меёбад. Маъноро дар «назарияи референтивии маъно», муодили ифодаи забонии шайъҳо, бадалшавӣ, раванд, ҳолати амал, қисматҳо, хусусият ва муносибати онҳо дар олами воқеӣ мешуморанд.

Маъно дар ҳамбастагӣ бо истилоҳи «мухобирот» шарҳ меёбад. Яъне маъно ахбори умумӣ набуда,: а) танҳо ахбори рамзист, ки тавассути шакл ва аломатҳои забонӣ маълумот доир ба худ не, балки оид ба денотат мебошад; б) маъно ҳамон қисмати маълумот аст, ки тавассути аломатҳои забон дода мешавад; в) маъно ахборест, ки ба воситаи шакл ва аломатҳои мувофиқ ва созгори забонӣ расонида мешавад; г) маъно аз ахборе, ки соҳиби забон тавассути шаклҳои аломатҳои забонӣ дар ахбори иловагии дар раванди муошират дар заминаи маълумоти пешакӣ ё матн падидомада, ки ба маъно тааллуқ надорад, маҳдуд аст. Маъно ҳамчун асотсиатсия байни «ном» ва «мундариҷа», яъне муносибат миёни шакли аломати забонӣ ва мафҳум созгор аст. Маъно дар маъношиносии силсилавӣ, яъне дар ҷанбаи парадигматикӣ ва марзи маъноӣ таносуби маъноиро нишон медиҳад. Мавриде ҳаст, ки маънои ифодаи забонӣ бо вазифаи маъно баробар аст, яъне ҳамон маъно дар матни дилхоҳ тавассути ҳамон як аломати забонӣ ифода меёбад ва дар ин навъи шарҳи маъно ҷанбаи равонӣ ва маърифатии мафҳуми маъно ва муносибати он ба референт ё денотат, яъне аломатҳои олами воқеӣ сарфи назар мегардад. Аз нуқтаи назари шарҳи маърифатӣ (когнитивӣ) маъно бо дониши гӯянда баробар магардад. Аз як тараф, дар асоси мафҳуми мазмуни прагматикӣ ва мафҳумии ахбор, аз тарафи дигар тафовут миёни ҳақиқати воқеӣ ва мафҳумҳои илмӣ ботил мегардад. Маъно моҳияти умумии кулли вазъиятест, ки гӯянда метавонад аломати забонии додашуда ва амалеро, ки вобаста ба шунаванда бармеояд, иброз дорад ва иҷро кунад. Дар ин ҳолат маъно ҳамчун омил (стимул) ва ангезиш маҳсуб меёбад. Дар забоншиносии равонӣ ва равоншиносӣ маъно ҳамчун падидаи равонӣ силсилаи дараҷаи динамикии равандҳое, ки мувофиқат ва фарқи аломатҳои забониро на ҳангоми омӯзиши онҳо ҳамчун воҳиди низоми забон, балки дар раванди муошират муайян мекунад, маҳсуб меёбад ва дар ин маврид маъно ҳамчун раванд мавриди баҳс карор мегирад

Дар таҳлили ҷузъии маъно моҳият, ҷавҳар ва аломат, хусусият ва сифати як пораи ҳақиқати воқеӣ, ки бо калима ё гунаи луғавӣ-маъноӣ ифода шудааст, пайдо мешавад. Рӯ овардан ба хусусияти таҳаввули воқеият аз диди мундариҷаи калима дар рафти таҳлил сабаб дорад, дар номгузорӣ ин ё он хусусияти воқеият мавҷуд аст.

Ҳамон гуна ки Абӯалӣ Сино гуфтааст: «ҳар маҳмул мавзӯеро далолат мекунад. Вале маҳмул бояд, ки камоли ҳақиқати мавзӯъро чунон ки ҳаст, далолат кунад. Аз далолати маҳмул ҳеҷ чизе аз муқаввимоти мавзӯъ дур намемонад, балки зотро аз роҳи мутобиқат ифода мекунад. Агар зот зоти ҷузъҳои ҳақиқӣ бошад, пас ин далолат «далолаткунанда ба моҳият» ё «далолаткунанда ба чиз» ном бурда мешавад. Агар маҳмул лафзи муфрад бошад, пас он исми чиз аст. Агар вай лафзи муфрад набуда, балки қавл бошад, пас он ҳадди чиз аст» [1, с.28].

Забоншинос Д. Хоҷаев таърихи афкори забоншиносиро омӯхта, дар баробари дигар бахшҳо, қисматҳо, хусусият ва категорияҳои забоншиносӣ ба маъно ва матраҳи он рӯ овардани олимону донишмандони асримиёнагиро дар умум ва дар алоҳидагӣ қайд кардааст. Аз он ҷумла, андешаҳои Насируддини Тӯсиро дар мавриди маъно ва навъҳои он ба хонандаи имрӯз муаррифӣ мекунад: «Воизони луғат лафзро барои маънӣ вазъ кардаанд, то уқалоъ ба тавассути он бар маънӣ далолат созанд. Далолати маъноро ба лафз се хел меҳисобад: мутобиқа, тазаммум ва илтизом ва дар ин росто мегӯяд: «Гоҳ бошад, ки як лафз бар як маънӣ беш далолат накунад ва гоҳ бувад, ки як лафз бар маънии бисёр далолат кунад. Ва ҳамчунин гоҳ бувад, ки алфози бисёр бар як маънӣ ё зиёда аз як маънии мутақориб ё ғайримутақориб далолат кунад» [11, с.84].

Дар робита ба ин масъала интихобан андешаҳои Абдурраҳмони Ҷомиро дар мавриди маъно ва калима метавон намуна овард, ки маъноро яке аз ҷанбаи сегонаи (лафз, вазъ, маъно) асосии калима меҳисобад. Абдурраҳмони Ҷомӣ бартарияти маънои калимаро бо сабаби малфуз (аз маҷмӯи овозҳои муташаккил ва бонизом таркибёфта, ки хоси забони инсон аст ва ба вазъу маъно далолат мекунад) будани калима аз маънои дигар аломатҳо нишон додааст. Ҳамчунон ки М. Саломиён баррасӣ мекунад, ин назария ба назарияи секунҷаи семантикии Огден-Ричардс қаробат дорад ва мантиқан дар забоншиносии Аврупо идома ёфта, баҳсҳоро ба миён овардааст [ниг.: 8, с.285-292]. Вижагии андешаи Ҷомӣ оид ба маъно чунин аст:

1) маъноро дар намунаи воҳиди марказии забон – калима баррасӣ мекунад;

2) бартарияти калимаро дар муқоиса бо аломатҳои дигаре, ки маъно доранд, нишон медиҳад;

3) аз ҳамдигар вобастагии қавӣ доштани ин ҷанбаҳо нишон дода шудааст, яъне вазъ хос кардани чизе бар чизе, маъно онест, ки қасд бар шайъ аст, калима барои ифодаи маъно вазъ шудааст ва вазъ далолатро дар бар мегирад ва калима бар маъно далолат мекунад.

Бояд гуфт, ки афкори забоншиносӣ дар асрҳои миёна, чӣ тавре ки забоншинос Д. Хоҷаев қайд мекунад, дар шаш навъи манбаъҳо сабт шудаанд [муфассалтар ниг.: 5, с.6-30] ва, аз ҷумла, доир ба маъно ва вижагиҳои он вобаста ба матлаби баён дар «Донишнома»-и Абӯалӣ Сино, «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»-и Носири Хусрав, «Муқаддимат-ул-адаб»-и Абулқосим Маҳмуд Замахшарӣ, «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҷалолиддин Ҳусайни Инҷу, «Дастури сухан»-и Мирзоҳабиби Исфаҳонӣ ва дигарон фикру андешаҳои илмии судманде ифода ёфтаанд.

Дар ин маврид муҳим он аст, ки ҳанӯз Абӯалӣ Сино дар истинод ба забоншиносони Юнону Араб гуфтааст: “Ҳар лафзи муфрад ё ном бувад, ё куниш, ё ҳарф. Ва ба тозӣ номро “исм” хонанд ва мар кунишро наҳвиён “феъл”хонанд ва мантиқиён “калима” хонанд. Ва исму калимаро маънӣ тамом бувад” ва боз “калима (феъл – Г.Ж.) далел бувад бар маънӣ ва кайи он маънӣ... на ҳар чи далел бувад бар замон, калима (феъл – Г.Ж.) бувад, ки нахуст бояд, ки далел бувад бар маънӣ ва он гаҳ далел бувад бар замони он маънӣ ” [5, с.49-50].

Дар радифи гуфтаҳои Абӯалӣ Сино ва дигар донишмандону муҳаққиқон дар намунаи феъл метавон ба вижагиҳои маъно, бахусус, маънои грамматикӣ назаре кард.

Яке аз вижагиҳои маънои грамматикии феъл доштани маънои аспектуалист. Моҳияти маънои аспектуалӣ муайян кардани вазъият аз ҷиҳати характери вуқӯи ҷараёни амал дар замон (давомдорӣ, такрорёбӣ, натиҷа ва монанди инҳо) аст. Маънои аспектуалӣ имкон медиҳад, ки як вазъият гуногун намудор гардад ва ин ё он марҳилаи ба гӯянда муҳим ҷудо карда шавад. «Агар ҳаракату тағйир набошанд, замон буда наметавонад. Зеро, чӣ тарз замон буда метавонад, модоме ки «қаблу» «баъд» набошад. Чӣ тарз «қаблу» «баъд» буда метавонад, агар ягон амре рӯй надиҳад? Пас замон танҳо ба нав шудани ҳолат вуҷуд дорад ва воҷиб аст, ки он навшавӣ бояд доимӣ бошад, дар акси ҳол замон вуҷуд дошта наметавонад» [1, с.103]. Худи ҳамин имконият барои чунин интихоб на ҳамеша равшан, балки дар партави потенсиали модалии категорияҳои аспектуалӣ, ки фардияти мавҳумӣ, ниҳониро дороянд, падид меояд ва ин хусусиятро маънои худи истилоҳи аспект, ки «нигоҳ», «нуқтаи назар», «тариқи дид» маънидод шудааст, нишон медиҳад. Абӯалӣ Сино мегӯяд: «Қаблу баъд ба воситаи нав шудани умур ба амал меоянд. Агар фарз кунем, ки ин ҷо нав шудани умур мавҷуд нест, пас ин хилоф аст. Агар дар байни онҳо ин имкон набошад, пас он ду амр мечаспанд (анҷом меёбанд – Г.Ж.). Дур нест, ки он часпидан ё давомдор аст, он чиро мо муҳол фарз кардем, ҳосил мегардад, ки ин баъдтар равшан хоҳад шуд…Агар ҳаракат набошад, замон вуҷуд надорад, зеро, чуноне ки гуфтем, замон миқдори муттасилест, ки ҳаракат ва масофаҳоро пайваст мекунад. Замон ночор фасли тасаввуршавандае дорад, ки онро «ал-он» меноманд… Замони аввал «қабл» ва замони дувум «баъд» аст, ки онро фосил якҷо месозад» [1, с.103-104].

Категорияи аспектуалӣ аз категорияи замон ва таксис бо он фарқ мекунад, ки аспект бо муносибати берунии вазъияти баамаломада, яъне «нуқтаи сарҳисоб» («точка отсчета») алоқаманд нест .«Пас замон ҳайати ноустувор аст ва он ҳаракат аз як макон ба макони дигар ва аз як вазъ ба вазъи дигар аст, ки миёни онҳо масофае ҳаст, ки дар он ҳаракати вазъӣ ҷой дорад ва он чизест, ки «замон» (аспект– Г.Ж.) номида шуда, ҳаракат ба он

пайваст мегардад, то ки ба мутақаддим (оғоз) ва мутааххир (анҷом) тақсим шавад» [1, с.102]. Аспект вазъиятро дар дохил (дар динамикаи вазъият) нишон медиҳад. Аз ин ҷост, ки пештар муҳаққиқон аспектро маҷозан «замони ботинӣ» номидаанд. Маънои аспектуалӣ имкон медиҳад, ки як вазъият гуногун намудор гардад ва ин ё он марҳилаи ба гӯянда муҳим ҷудо карда шавад. Ин ҷо зарур мешуморем, ки боз ба гуфтаҳои олими ҳамадон Абӯалӣ Сино рӯ орем, ки гуфтааст: ««Ал-он» охири мавҳумест, ки дар он замони гузашта ва оянда иштирок доранд. «Он» гоҳо замонеро гӯянд, ки миқдораш дар ваҳм ночиз буда, ба «ал-он»-и ҷинси ҳақиқии худаш пайваст аст» [2, с.609].

Пас, на танҳо дар феъли забони тоҷикӣ маънои аспектуалӣ вуҷуд дорад, балки ҳанӯз Сино бо истилоҳи «ал-он» ин падидаро мавриди баррасӣ қарор додааст. Маънои аспектуалӣ ва хелҳои он дар низоми маънои грамматикии феъли забони тоҷикӣ мавқеи худро доранд [ниг.: 3, с.18-24].

Хусусияти дигар модалият аст. Агар дар маънои аспектуалӣ як мафҳуми марказӣ – тасвири ҳаракати вазъият бошад, дар модалияти феъл мутамарказии мафҳуми ягона дида намешавад. Аз ин рӯ, “нуқтаи назари гӯянда” нишонаи умумии маънои модалист”. Ва бояд гуфт, ки “феълҳои модалӣ аз рӯйи маъно ва вазифа аз дигар феълҳо фарқ доранд... Аз ин сабаб онҳо бо сиғаҳо, ки низ маҷмӯи маъниҳои муайянро ифода мекунанд, як андоза қаробат доранд. Вале дар байни маъниҳои аслии феълҳои мазкур ва сиғаҳо фарқи ҷиддиро мушоҳида кардан мумкин аст. Сиғаҳо аслан мафҳумҳои грамматикӣ, вале феълҳои модалӣ асосан маъниҳои лексикиро мефаҳмонанд” [9, с.89-90]. Дар модалият дар ҳар сурат ду хусусият – муносибати гӯянда ба вазъият (баҳои ӯ), ки онро шартан баҳодиҳӣ (оценочный) мегӯем ва мавқеи вазъият дар муносибат бо олами воқеӣ, ки онро ирреалӣ (*ғайривоқеӣ ё имконнопазирӣ*) меномем, дида мешавад.

Тавассути маънои грамматикии сиға маъноҳои имконпазирӣ, майлу хоҳиш, гумон ва водоркунӣ ифода меёбад, ки ҳар яки он боз навъҳо ва тарзи ифодаи худро доранд. Муайян гашт, ки модалият дар забон грамматикализатсияи сиға маҳсуб меёбад ва сиға дар ҳолате грамматикализатсияи унсурҳои наҳвӣ мегардад.

Эвиденсалият ё маънои нақлӣ низ вижагии маъноии феъл маҳсуб меёбад. «Эвиденсиалият рамзи забонии сарчашмаи ахбор оид ба воқеоти гуфташуда аст»; эвиденсиалият «сарчашмаи ахборро ифода мекунад ё шаҳодатномаи он чизест, ки нақл мегардад», «сарчашмаи рамзишудаи ахбор мебошад» Системаи маънои нақлӣ, пеш аз ҳама, сарчашма ва фарқияти мабдаи ахбори гӯяндаро ифода мекунад. Ин маънои грамматикӣ байни маънои модалият ва сиға меистад, зеро дар маънои модалият аз рӯйи зарурат ва имконият муносибати фоил ба вазъият бошад, дар маънои грамматикии сиға ва нақлӣ муносибати гӯянда аст, аммо имконияти сиға нисбат ба нақлият бештар аст, зеро маънои нақлият фақат дар асоси сарчашмаи ахбори вазъият матраҳ мегардад. Ва бояд эътироф кард, ки матн дар ин маврид нақши асосиро иҷро мекунад. Гаравидани маънои нақлӣ бештар ба сиға, чунон ки забоншинос Ҳ. Маҷидов низ таъкид медорад [6, с.45-50], ба он водор мекунад, ки навъи панҷуми сиға дар забони тоҷикӣ барқарор шавад, зеро ҳам граммема ва ҳам нишондиҳандаи маъноии худро ин навъи маънои грамматикии феъл ҳанӯз ҳам нигоҳ доштааст. Ҳангоми тасрифи феъл нишондиҳандаҳои ин маънои грамматикӣ дар шахсу шумора ва замонҳои феъл фаъолона иштирок мекунанд [муфассалтар ниг.: 4, с.15-22].

Агар маъноҳои аспектуалӣ барои нишон додани маънои такрорёбии амал ва хусусияти такрорёбии он, анҷомёфта, давомдор, муайянӣ ва номуайянии ҳадду ҳудудро ифода кунанд, маънои модалият маънои имконпазирӣ ва имконнопазирии вазъият ва сиға муносибати гӯяндаро ба воқеият ва маънои нақлӣ вобаста ба сарчашмаи ахбор вазъият ва фарқияти онро нишон медиҳанд.

Ҳамин тариқ, вижагиҳои маъно дар низоми маъношиносӣ, бахусус, маъношиносии лингвистӣ муаррифгари ин мафҳум ва ин низом маҳсуб меёбанд. Барои кушодани қабатҳо, навъҳо, типҳо ва намуди маъно замина мегузоранд. Дар намунаи феъл баррасӣ гардидани вижагиҳои маъно нишон дод, ки хусусият мухталиф буда, ҳамзамон дар марзи маъношиносӣ домани фарох густурдаанд ва буришу бархӯрд ва дар мусовият будани ин вижагиҳо қабатҳои гуногуни маъноро боз намуда, онро муайян менамоянд. Маъно вобаста ба хусусияти худ дар миёни қиёфаи овозӣ – лексема, мундариҷа ва олами воқеӣ ҳамчун пуле меистад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯалӣ, Ибни Сино. Осори мунтахаб. (Муқаддима, тавзеҳот ва аз арабӣ тарҷумаи С. Сулаймонов). – Душанбе, 1992. – Ҷ.4. - 318 с.
2. Абӯалӣ, Ибни Сино. Осор. (Тарҷума аз арабӣ, таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти С. Сулаймонов). – Душанбе, 2005. – Ҷ.2. - 802 с.
3. Гулназарова, Ж. Аспектуалият дар феъл / Ж. Гулназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №6.– С.18-24.
4. Гулназарова, Ж. Маънои нақлии феъл дар забони тоҷикӣ / Ж. Гулназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №2. – С.15-22.
5. Д.Хоҷаев. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик / Хоҷаев Д., Н. Қурбонов, О.Додаров. – Душанбе, 2017. –320 с.
6. Маҷидов, Ҳ. Оид ба категорияи намуди феъл дар забони тоҷикӣ / Ҳ. Маҷидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 1999. - Бахши 2. - №1. – С.45-50.
7. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ.Ҷ.1 / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 241 с.
8. Саломов, М. Андешаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ доир ба калима ва маъно / М.Саломов, Л.Сафаров // Абдурраҳмони Ҷомӣ ва масоили рушди фарҳангсолорӣ дар тамаддуни Шарқ (маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ) – Хуҷанд: Ношир, 2014. – С.285-293.
9. Сиёев, Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик / Б. Сиёев. – Душанбе: Дониш, 1968. – С.113.
10. Хоҷаев Д. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва афкори забоншиносии ӯ / Д.Хоҷаев. – Душанбе, 2004. – С.31-39.
11. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д.Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 310 с.
12. Шарифов, Х. Назарияи наср / Х. Шарифов. – Душанбе, 2004. – 318 с.

ЧАНД НУКОТЕ ПЕРОМУНИ ВИЖАГИҲОИ МАЪНО ВА МАЪНОШИНОСӢ

Дар мақола муаллиф вижагиҳои маъно ва маъношиносиро баррасӣ мекунад. Дар маъношиносии лингвистӣ тафриқа ва алоқаи шаклу маъно нишон дода мешавад, яъне фарқ ва муносибати функсияи воҳиди забон, ки маъно бо онҳо ифода мегардад. Маъно, вазифаи воҳиди забон, маънодорӣ ва мундариҷа ҳамчун навъҳои мухобиротӣ хизмат мекунанд. Ҳудуд ва имконоти ин навъҳои мухобирот муайян мегардад, ки дар натиҷа таснифи пурра ва амиқи маъноиву шаклии калима, категорияҳои грамматикии маъноӣ ва шаклӣ, маъноҳои грамматикӣ ва функсияҳои грамматикӣ муайян мешаванд. Дар ин қисмат маъно (ба маънои васеъ) на чун воҳиди шаклие, ки вазифаи аломатӣ ва маъноиро яклухт дар худ таҷассум менамояд, балки ҳамчун воҳиди нисбатан мустақил дорои сохтори махсуси дохилӣ ва ҳамчун категорияи инъикоскунандаи муносибати мутақобилаи (дутарафа) ҳақиқати воқеӣ мебошад. Маъношиносӣ айни ҳол чун илм ҷанбаи мундариҷавии қисматҳои забонро муайян мекунад ва ҳангоми таҳлили ҷанбаи мундариҷавӣ дар ҳар яки онҳо ҳар чи бештар тафовути маъноӣ аз шаклӣ (аз рӯйи ифода) зоҳир мегардад. Дар намунаи феъл баррасӣ гардидани вижагиҳои маъно нишон дод, ки хусусият мухталиф буда, ҳамзамон дар марзи маъношиносӣ домани фарох густурдаанд ва буришу барҳӯрд ва дар мусовият будани ин вижагиҳо қабатҳои гуногуни маъноро боз намуда, онро муайян менамоянд.

Калидвожаҳо: маъношиносӣ, маъно, шакл, калима, вижагӣ, феъл, эвиденсиалият, аспектуалӣ, сиға, модалият.

НЕСКОЛЬКО ЗАМЕЧАНИЙ ОБ ОСОБЕННОСТЯХ ЗНАЧЕНИЯ И СЕМАНТИКИ

В статье автор рассматривает особенности значения и семантики. Лингвистическая семантика относится к различению и соотношению формы и значения, т. е. различию и соотношению функций единицы языка, с помощью которой выражается значение. Смысл, единица функции языка, семантика и содержание выступают видами коммуникации. Определяются границы и возможности этих видов общения, в результате чего определяются полная и глубокая смысловая и формальная классификация слов, семантические и формально-грамматические категории, грамматические значения и грамматические функции. В данном разделе значение (в самом широком смысле) выступает не как единица формы, воплощающая в себе функцию значения и смысла в целом, а как относительно самостоятельная единица с особой внутренней структурой и как категория, отражающая взаимодействие двух реальностей. Семантика как наука теперь определяет содержательную сторону частей языка, и при анализе содержательной стороны каждой из них семантические различия в каждой из них становятся все более формальными (в плане выражения). Рассмотрение признаков значения на примере глагола показало, что признаки разные, и в то же время в смысловых границах широкие и пересекающиеся, а в параллелизме этих признаков раскрываются и определяются разные пласты значения.

Ключевые слова: семантика, значение, форма, слово, признак, глагол, эвиденциальность, аспектуальность, сига, модальность.

SOME REMARKS ON SPECIFIC MEANING AND SEMANTICS

In the article the author considers the features of meaning and semantics. Linguistic semantics refers to the distinction and correlation of form and meaning, i.e., the distinction and correlation of the functions of the language unit by which meaning is expressed. Meaning, a unit of language function, semantics and content are types of communication. The boundaries and possibilities of these types of communication are determined, as a result of which a complete and deep semantic and formal classification of words, semantic and formal grammatical categories, grammatical meanings and

grammatical functions are determined. In this section, meaning (in the broadest sense) appears not as a unit of form, embodying the function of meaning and meaning as a whole, but as a relatively independent unit with a special internal structure and as a category that reflects the interaction of two realities. Semantics as a science now determines the content side of the parts of the language, and when analyzing the content side of each of them, the semantic differences in each of them become more and more formal (in terms of expression). Consideration of the signs of meaning on the example of a verb showed that the signs are different, and at the same time, within the semantic boundaries, they are wide and intersecting, and in the parallelism of these signs, different layers of meaning are revealed and defined.

Key words: semantics, meaning, form, word, sign, verb, evidentiality, aspectuality, whitefish, modality.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Гулназарзода Жило Бурӣ*** **-** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч.Мухаммадиев 17/6

Сведение об авторе: ***Гулназарзода Джило Бури*** - Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, доктор филологических наук. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6

Information about the author: ***Gulnazarzoda Jilo Buri*** - Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzoda, Doctor of Philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe Dushanbe, Str. Mukhammadieva 17/6

УДК: 492.7.09

ИЛМИ САРФ: ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛ

Исмонов К.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар тули таърихи беш аз ҳазорсолаи забоншиносии араб баъд аз наҳв илми сарф аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор буда, дар робита ба он таълифу таснифи зиёде сурат гирифтааст. Дар робита ба зарурат ва аҳамияти ин дар омӯхтани ин илм донишмандони зиёде таъкид намудаанд. Аз ҷумла, Ибни Ҷиннӣ мегӯяд: «Ин гуна илм, яъне илми сарф аз ҷумлаи илмҳое ба шумор меравад, ки ҳама аҳли араб ба он бисёр ниёзманданд. Зеро он тарозуи забони арабист. Маҳз бо ин илм асли калимаҳои арабӣ ва завоиди ба он пайвастшаванда шинохта мешавад. Ба шинохти калимасозӣ маҳз тавассути ин илм расида мешавад» [7, с.2]. Айни ҳамин суханро Ибни Усфур низ таъкид намуда, мегӯяд: «Сарф аз шарифтарин ва печидатарин бахшҳои арабӣ ба шумор меравад. Ифодагари шарафи он ниёзи ҳама нафароне, ки ба забони арабӣ машғуланд, чи наҳвию чи луғавӣ, ба он аст. Зеро он тарозуи забони арабист. Магар намебинӣ, ки бахши бузурги забон бо қиёс омӯхта мешавад ва ба ин бошад, танҳо тавассути сарф метавон расид» [5, с.31].

Дар мавриди илми сарфи арабӣ, таърих, истилоҳот ва масоили дигари ба он марбут бо забони арабӣ пажӯҳишҳои зиёде сурат гирифтааст, вале бо забони тоҷикӣ, хусусан дар арабшиносии тоҷикӣ ба ин масъала ҳанӯз таваҷҷуҳ нашудааст, дар ҳоле ки алоқаи донишмандони форсу тоҷик ба илми сарф ва саҳмгузории онҳо дар пешрафти он аз алоқамандиву саҳмгузориашон ба/дар наҳв ҳеҷ камие надорад. Аз ин рӯ, метавон ба боварӣ гуфт, ки ин мақола аз иқдомоти нахустин дар шинохти таърихи сарфи арабӣ ва нишон додани саҳми донишмандони форсу тоҷик дар пешрафти он аст.

Таърихи илми сарф. Илми сарф мисли бештари илмҳои забонӣ дар аввал мустақил набуда, балки масоили сарфӣ дар зимни илми наҳв баррасӣ карда мешуд. Вале бо боло рафтани омӯзишҳои забонӣ илмҳо ихтисосӣ гаштан гирифтанд, дар натиҷа илмҳои арабӣ, ки фарогири забон ва санъати суханварӣ буданд, ба таври алоҳида ҳамчун як илми мустақил ба майдон омаданд. Ҳамин буд, ки нахуст наҳву сарф аз улуми дигари забонӣ, пасон аз ҳамдигар ҷудо ва ҳамчун як илми мустақил мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Таъйиди ин гуфторро дар нахустин китоби наҳви арабӣ – «ал-Китоб»-и Сибавайҳ метавон мушоҳида намуд, ки дар он тамоми донишҳои забонии арабӣ, овошиносиву қироат, сарфу наҳв ва балоғат гирдоварӣ шудааст. Ҳарчанд масоили сарфӣ дар «ал-Китоб» аз ҷойгоҳи назаррасе бархӯрдор будаву аз масоили наҳвӣ ба таври алоҳида баррасишуда, ҳамзамон, таваҷҷуҳи муаллиф ба он бараъло эҳсос карда шавад ҳам, вале дар ин асар ҳамчун илми мустақил рӯнамоӣ нашудааст [12, с.27].

Бо пажӯҳиши калимаҳои сарф ва тасриф дар осори нахустини забоншиносии араб метавон ба ин хулоса расид, ки ин ду вожа дар чунин осор на ба маънии истилоҳии имрӯзияшон, балки ба маъное, ки ба тағйирпазирӣ ва тағйирнопазирии охири калимаҳо дар зимни ибораву ҷумла ишора мекунаду меҳвари асосии баҳси илми наҳв мебошад, ба кор мерафтаанд. Масалан, дар осори Сибавайҳ, Мубаррид, Форсӣ, Заҷҷоҷӣ ва ғ. метавон бобҳоеро бо унвоҳои «бобу мо янсариф ва мо ло янсариф», «мато юмнаъ-ул-исму мин-ас-сарф» дучор омад, ки дар он масъалаҳои сирф наҳвӣ баррасӣ шудаанд. Илова бар ин, Абуисҳоқи Заҷҷоҷ китобе бо унвони «Мо янсариф ва мо ло янсариф» дорад, ки аз истилоҳи наҳвӣ будани истилоҳи тасрифу сарф дарак медиҳад [15, с.298].

Донишмандон таърихи пайдоиш ва ташаккули илми сарфро ба давраҳои гуногун, аз ду то чор давра тақсим намудаанд. Аз нигоҳи тақсими таърихи наҳв ба ду давра, аввалӣ ба пеш аз таълифи «ал-Китоб»-и Сибавайҳ ва дувумӣ ба баъди таълифи он бармегардад [12, с.27]. Аммо донишмандоне, ки таърихи илми сарфро ба се давра тақсим намудаанд, давраи аввалро ба якҷоя будани он бо наҳв, ки дар «ал-Китоб»-и Сибавайҳ таҷассум ёфтааст, тахсис дода, оғози давраи дувумро ба таълифи китоби «Масодир»-и Алӣ ибни Ҳамзаи Кисоӣ (ваф.189 ҳ.) марбут медонанд. Дар оғози давраи дувум агар донишмандон бештар ба таснифи китобҳо дар масоили алоҳидаи сарфӣ, аз қабили масдару феъл, исми тасғиру ҷинсияти исмҳо ва ғ., пардохта бошанд, пас, дар марҳилаҳои баъдии ин давра китобҳое таълифу тасниф гардиданд, ки фарогири масоили гуногуни сарфӣ буданд. Тибқи

ин даврабандӣ давраи савум ба асрҳои шашу ҳафти ҳичрӣ ба баъд рост меояд, ки дар ин маврид илми сарф пурра ҳамчун илми мустақил дорои равишу усули таҳқиқ худ гашта буд [16, с.41-45]. Тибқи тақсими таърихи сарф ба чор давра: давраи аввал аз соли 40 ҳичрӣ, давраи дувум аз соли 155 ҳ., давраи савум аз 221 ҳ. ва давраи чорум 293 ҳ. оғоз гаштаву то имрӯз идома дорад [9, с.171-172].

Аслан, ривояти муътамаде, ки аз давраи аввали таърихи илми сарф гиреҳкушоӣ намояд ва аз баррасиҳои мавзуии он ҳикоят кунад, дар даст нест. Чунончи бархе ривоятҳо ба вуҷуди ин илм ва корбурди васеи он то таълифи «ал-Китоб» ишора мекунанд. Масалан, Юнус ибни Ҳабиб дар ривояте аз Анбасаи Фил, Маймуни Акран, Ибни Абуисҳоқи Хазрамӣ, Исо ибни Амр ва Абуамр ибни-л-Аъло, ки ба табақаи дувум, савум ва чоруми наҳвиёни Басра тааллуқ доранд [6, с.29-45], ёд карда мегӯяд: «Маҳз инҳо забон (наҳв)-и арабиро поягузорӣ карданду бинои исму феълро асос гузоштанд, аз назари онҳо ҳеҷ вазни калимае канора намонд. Ҳамин донишмандон салимро ба салим, музоафро ба музоаф, муъталро ба муътал, аҷвафро ба аҷваф, бинои ё-ро ба ё ва бинои вовро ба вов нисбат додаанд ва ҳеҷ калимаи арабие аз назари онҳо пинҳон намонд [15, с.303]. Дар ривояти дигаре Абумуҳаммади Язидӣ нақл мекунад, ки «назди Фазл ибни Рабеъ нишаста будам, ки Алии Аҳмар даромад ва дар наздикии Фазл нишаст. Фазл ба ман гуфт: Кадоме дар наҳв донотар буданд: Кисоӣ ё Абуамр ибни-ил-Аъло? Абуамр устоди Абумуҳаммад (Язидӣ) буд. Гуфтам: Ҳеҷ касе дар наҳв аз Абуамр донотар набуд. Аҳмар гуфт: (Абуамр) Сарфро намедонист. Ба ӯ гуфтам: Сарф аз наҳв нест, балки он илмест, ки мо ба майдонаш овардаему барои он истилоҳофаринӣ кардем. Абуамр бошад, нақибтар аз он буд, ки ба илми сохтаи мардум таваҷҷуҳе кунад. Гуфт: Чаро? Гуфтам: Зеро ӯ чиҳил сол дар бодия ба сар бурд, дар ҳоле ки Кисоӣ дар он чиҳил рӯз ҳам иқомат накардааст» [8, с.130].

Ин ду ривоят ишора ба он мекунанд, ки ҳанӯз дар нахустин рӯзгори бамайдоноии наҳв сарф низ шинохташуда ва дорои истилоҳоти хоси худ будааст. Дар ривояти аввал, ки аз забони Юнус ибни Ҳабиб - аз намояндаҳои табақаи панҷуми мактаби забоншиносии Басра [6, с.51], нақл шудааст, истилоҳоти салим, музоаф, муътал, аҷваф ва ғайра аз истилоҳоти меҳварии илми сарфанд ва шояд онҳо аз ҷониби соҳиби «ал-Ағонӣ», ки аллакай дар замони ӯ илми сарф то ҷойе мустақил гашта буд, гуфта шуда бошанд.

Вале ривояти дувум, ки аз ҷониби Абумуҳаммади Язидӣ нақл шудааст ва ӯ яке аз намояндаҳои табақаи шашуми мактаби забоншиносии Басра ба шумор меравад [6, с.61], то ҷойе ба таърихи илми сарф равшанӣ меандозад, ба ин гуна ки онро зодаву сохтаи забоншиносоне медонад, ки баъди Абуамр ибни-л-Ало, аз намояндагони табақаи чоруми мактаби забоншиносии Басра [6, с.35-40], медонад. Аз ин бармеояд, ки дар табақаи шашуми мактаби забоншиносии Басра, ки Сибавайҳ низ аз намояндагони он аст [6, с.66], аллакай, илми сарф то ҷойе шакл гирифта ва истилоҳоти вижаи худро пайдо карда буд.

Ҳамзамон бо ин, аз ривоятҳое, ки дар мавриди нахустин забоншиносони араб ҳикоят мекунад, маълум мешавад, ки Абуласвад ад-Дуалӣ дар бораи имолаву табдили ҳарфҳо ва махориҷи онҳо ва Ибни Абуисҳоқу Абуамр ибни ал-Ало дар бораи ҳамзаву дигар масоили сарфӣ навиштаҳое доштаанд ва ин ҳама аз ҳамқадамии пайдоиш ва ташаккули илми сарф бо илми наҳви арабӣ шаҳодат медиҳад [14, с.34].

Дар сарчашмаҳои таърихӣ номи бархе осоре омадааст, ки дар унвони онҳо калимаи тасриф/сарф дида мешавад, аз қабили «Китоб-ут-тасриф»-и Абуҳасан Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Кайсон (ваф.120 ҳ), «Китоб-ут-тасориф»-и Муктаймӣ (ваф.125 ҳ), «Китоб-ут-тасриф»-и Муханнаф (125 ҳ), «ат-Тасриф»-и Алӣ ибни Мубораки Аҳмари Куфӣ (194 ҳ), «ат-Тасғир», «ал-Вақф ва-л-ибтидо-ул-кабир», «ал-Вақф ва-л-ибтидоу-с-сағир» ва «ал-Афрод ва-л-ҷамъ»-и Муҳаммад ибни Ҳасани Руосӣ [12, с.29].

Вале ҳеҷ яке аз ин осор ҳамчун аввалин китоб дар ин илм ва ё муаррификунандаи мустақилияти он ба шумор намераванд.

Муассиси илми сарф. Ҳамон гуна ки таърихи бамайдоноии илми сарф маълум нест, дар мавриди муассиси он низ ихтилофи назар вуҷуд дорад. Мувофиқи ривояте, ки дар китоби «Табақоту-н-наҳвийин ва-л-луғавийин»-и Зубайдӣ омадааст, Абумуслим, ки муаллим ва муаддиби Абдулмалик ибни Марвон буд, дар наҳв дасти қавӣ дошт, вале дар сарф муваффақ набуд, аз ин рӯ, сарфро инкор мекарду нафаронеро, ки аз он сухан мегуфтанд, ҳачв мекард. Боре дар маҷлиси Муоз ибни Муслими Ҳарро (ваф.185 ҳ) нишаст, ки бо нафаре баҳс менамуд. Аз ҷумла Маоз ба ӯ мегуфт: «Исми фоъил ва амри феъли

«тауззуҳум аззан»-ро чи гуна мегӯӣ»? Мегӯянд, Абумуслим ин сухани ба худ ноошноро шунида, маҷлисро тарк намуду ҳаҷвияи машҳури худро дар робита ба сарф сароид:

قد كان أخذهم في النحو يعجبني حتى تعاطوا كلام الزنج والروم.
لما سمعت كلاما لست أفهمه كأنه زجل الغربان والبوم.
تركت نحوهم والله يعصمني من التقحم في تلك الجراثيم

(Тарҷума: Чанг ба наҳв заданашон маро хуш меомад, то он ки ба сухани ҳабашиву румӣ рӯ оварданд. Вақте суханеро шунидам, ки намефаҳмидам, гӯиё он овози зоғу бум буд.Наҳви онҳоро тарк кардаму Худованд маро аз афтодан дар он олудагиҳо нигоҳ дошт) [10, с.126].

Айни ҳамин ривоятро Ҷалолиддини Суютӣ дар «Буғят-ул-вуот» оварда, сипас чунин натиҷагирӣ намудааст, ки: «аз ин ҷо ман дарёфтам, ки аввалин нафаре, ки илми сарфро асос гузоштааст, ҳамин Маоз аст. Ҳарчанд дар «Шарҳи қавоид» устод Кофиячӣ Муоз ибни Ҷабалро муассиси сарф шуморида бошад ҳам, ин бе шак хато аст ва ман дар ин маврид аз ӯ пурсон шудам, вале ӯ посухе нагуфт» [10, с.291].

Вале бештари ривоятҳо Абубакр ибни Муҳаммад Абуусмон Мозаниро (ваф.248), ки соҳиби китоби «Тасриф» мебошад, ҳамчун муассиси ин илм эътироф менамоянд, чаро ки асарҳои ба сарф бахшидаи пеш аз ӯ ё фарогири масоили ҷузъии ин илманд ва ё ба ҷуз ном то имрӯз дигар асаре аз онҳо боқӣ намондааст, ки мазмуну муҳтавои он баҳо дода шавад. Мавриди зикр аст, ки китоби «Тасриф»-и Мозанӣ аз ҷониби Ибни Ҷиннӣ мавриди шарҳу тавзеҳ қарор гирифта, аз мукаммалтарин ва муътамадтарин сарчашма дар сарфи арабӣ ба қалам дода мешавад [7].

Таълими илми сарф. Ҳарчанд аз асри савуми ҳичрӣ сарф ҳамчун илми мустақил шинохта шуда бошад ҳам, вале аз сояи наҳви арабӣ ба таври куллӣ баромада натавонист. Бад-ин маъно, ки ҳатто баъд аз ин таърих низ дар ҳошияи масоили наҳвӣ омӯхта мешуд ва ҳатто дар бузургтарин асарҳои наҳвии баъдӣ, аз қабили «ал-Муфассал фи санъат-ил-эъроб»-и Замахшарӣ ва «Алфия»-и Ибни Молик бо мавзуоти наҳвӣ ҳамроҳ оварда мешуд. Вале донишмандони араб маншаи чунин муносибатро ба таълими сарф на аз бетаваҷҷуҳӣ, балки аз мушкилии он мешуморанд. Чунончи Ибни Ҷиннӣ мегӯяд: «Мебоист нафаре, ки илми наҳвро омӯзад, аз омӯхтани илми сарф оғоз намояд, зеро шинохти чизи устувор бояд асл дар шинохти чизи тағйирёбанда бошад. Вале ба хотире, ки дар ин гуна илм душворӣ аст, ба омӯхтани наҳв оғоз карда шуд, то бо омӯхтани наҳв барои омӯзиши сарф, шинохтани ғараз ва маонии он омода гардад» [7, с.4-5].

Гузашта аз ин, дар таърихи забоншиносии араб донишмандонро ба наҳвӣ (донандаи илми наҳв), луғавӣ (донандаи лексика ва луғоти араб), арузӣ (донандаи аруз) ва ғ. ҷудо менамуданд, вале дида нашудааст, ки аз донишманде бо унвони сарфӣ (донандаи илми сарф) ёд намуда бошанд. Ҳатто Мозанӣ, Ибни Ҷиннӣ, Ибни Усфур ва донишмандони дигаре, ки дар илми сарф китобҳои алоҳида таълиф намудаву аз масоили наҳвӣ дида масоили сарфиро ба таҳлилу баррасӣ кашидаанд, дар китобҳои таъриху тазкираномаҳо ва асарҳои ба забоншиносии араб бахшидашуда ба унвони наҳвӣ ёд шудаанд [14, с.53].

«Илми сарф, ки имрӯз ҳамчун як қисмати грамматика бо номи морфология маълум аст, дар ҳалқаи улуми адабии тоҷику форс мақоми хосса дошт. Аз ин ҷост, ки дар осори ба гурӯҳбандии улум бахшидашуда ва фарҳангҳои тафсирии гузашта оид ба илми сарф ва масъалаҳои баҳси он қайду эзоҳи муфиде дида мешавад. Ин қайду тавзеҳот аз нигоҳи бахши морфологияи имрӯз аҳамияти назарию амалии хеле пуразриш доранд» [3,с.108]. Бад-ин тартиб, дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр дар баробари наҳви араб илми сарфи ин забон низ таълим гирифта мешуд. Аз ҷумла то Инқилоби октябр тоҷикон дар баробари омӯхтани сарфи арабӣ тавассути забони арабӣ аз асарҳои назмию насрии ба забони тоҷикӣ таълифнамудаи донишмандон истифода мекардаанд. Чунончи аз Абдурраҳмони Ҷомӣ манзумае бо номи «Сарф-ул-лисон» ба мерос мондааст, ки дар он қоидаҳои сарфии забони арабӣ бо забони тоҷикӣ оварда шудааст [4, с.25]. Дар ин китоб калимаи арабӣ ба исму феъл ва ҳарф тақсим карда шуда, пасон мизони каломи араб, вазнҳои феълӣ, чи гуна сохтани сиғаи амр ва роҳҳои сохтани исмҳои фоъилу мафъул, олат, тафзил ва ғайра ба риштаи назм кашида шудааст [1]. Ҳамзамон бо ин, пеш аз хондани китобҳои арабии «Муиззӣ» ва «Занҷонӣ», ки бевосита ба илми сарфи арабӣ бахшида шудаанд, сарфи арабӣ тавассути китоби «Бидон» хонда мешудааст. Чунончи устод Садриддин Айнӣ мегӯяд: «…баъд аз тамом кардани он … «Бидон» ном китобчаро сар

кардам. «Бидон» дар забони тоҷикӣ буда, дар вай сарфи арабӣ баён меёфт. Лекин ман аз ёд менамудам. Барои аз дарсе ба дарсе гузаштан шарт ҳамин буд, ки ман бояд бе ҳеҷ сактахонӣ ва забонгирӣ дарси гузаштаро дар пеши домулло хонда диҳам. Аммо аз он ибораҳои тоҷикӣ, ки бо мисолҳои арабӣ омехта буданд, чӣ фаҳмидани маро на домулло мепурсид ва на худ фаҳмидани маънии онҳоро лозим медонистам ва ҳол он ки аввали китобчаи « Бидон» бо калимаи «бидон!» сар мешавад. Дар рӯзи аввали сар кардани ин китоб домулло якчанд суолу ҷавобро, ки ба аввали ин дарс оид аст, ёд кунонда буд. Суоли аввал ин буд: «мусанниф чаро «бидон» гуфтаасту «бихон» нагуфтааст?» Ҷавоб: «Зеро хондан лозим надорад донистанро, аммо донистан лозим дорад хондан- ро. Бинобар ин, мусанниф «бидон» гуфтаасту «бихон» нагуфтааст» [2, с.68-69]. Ҷойи дигар устод мегӯяд: «Баъд аз он дар сарфи арабӣ «Муиззӣ»[1] ва «Занҷонӣ»[2] ном китобчаҳои арабиро ва дар наҳви арабӣ «Авомил» ном як китобчаро мехонд ва ибораҳои арабии ин китобчаҳоро бо тарҷимаи тоҷикиашон аз ёд мекард» [2, с.135].

Аз назари инҷониб, таваҷҷуҳи арабомӯзон аз масоили сарфӣ дида ба масоили наҳвӣ, аслан, маншаъ аз он мегирад, ки дар назар аввал сарф аз наҳв осонтар менамояд. Масалан, бахше аз илми сарф, ки ба тасрифи феъл ва ҳаракатҳои сохтории калима бахшида мешавад ва онро дар забоншиносии классикии араб бо истилоҳи «масоили тамрин» ёд мекарданд, бо аз ёд кардану бисёр тамрин намудан аз худ карда мешавад ва ҳамчун қолабҳои мушаххаси тағйирнопазир ниёз ба ҳеҷ эҷодкорие надорад[3]. Дар ҳоле ки наҳв бинобар тағйир ёфтани омилҳо ва бо назардошти кадом бори синтаксисиро ба дӯш кашидани калима ниёз ба андеша ва гунае аз эҷодкорӣ дорад.

Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар ташкил ва ташаккули сарфи арабӣ. Бо баррасии хидмати мондагори донишмандони форсу тоҷик ба забон ва донишҳои арабӣ мо ба ин воқеият мерасем, ки саҳми онҳо дар ташкил ва ташаккули илми сарф ва офариниши истилоҳоти он хидматҳои инкорпазире намудаанд. Аз ҷумла, Сибавайҳ дар «ал-Китоб» дар баробари дигар масъалаҳои наҳвию балоғӣ ба масоили сарфии забони арабӣ низ таваҷҷуҳи зиёде намудааст. Андешаҳои сарфии ин донишманд танҳо дар баёни мизони каломи арабӣ чи гуна иштиқоқ намудани вожаҳои арабӣ маҳдуд намегардад, балки дар «ал-Китоб» ба тағйирпазирии овоии калимаҳои ғайриарабӣ ҳангоми ба забони арабӣ интиқол ёфтан ишора гаштааст. Воқеан, масоили сарфӣ дар «ал-Китоб» аз масоили наҳвӣ ба таври алоҳида мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамин аст, ки бо илҳом аз «ал-Китоб» Ахфаш китобе бо унвони «Тасриф» тадвин намудааст [14, с.48]. Инчунин, забоншиносони дигари форсу тоҷик, аз қабили Кисоӣ, Фарро, Муҳамад Саъид Муаддиб, Майдонӣ, Замахшарӣ, Тафтазонӣ, Ҷомӣ, Иззуддини Занҷонӣ ва чандин донишмандони дигар дар робита ба сарфи арабӣ китоб навиштаву андешаҳои худро ба таҳрир кашидаанд. Илова бар ин, донишмандони форсу тоҷик чандин асари назмиву насрӣ дар илми сарфи арабӣ бо забони модарӣ навиштаанд, ки «Сарф-ул-лисон»-и Ҷомӣ ва «Бидон»-у «Сарфи Мир» намунае аз он шуда метавонанд.

Муқарриз: ***Саломов А.Ҷ.*** - номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Сарф-ул-лисон / Ҷомӣ, Абдурраҳмон. – Душанбе: «Сомон-граф», 2020. – 64 с.
2. Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб / С.Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – 680 с.
3. Додаров О.М. Илми сарф ва шарҳи масъалаҳои он дар фарҳанги «Ҳафт Қулзум» / О.М. Додаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - №2. - С.108-113.

[1] «Муиззӣ фит-тасриф» ба қалами Шамсиддин Муҳаммад ибни Абулқосим ал-Муиззӣ тааллуқ дорад. Рисола аз чаҳор боб иборат буда, онро Поянда Муҳаммад ибни Дарвеш Муҳаммад ибни Юсуфи Бухорӣ маъруф бо Мирмуқаллид бо форсӣ шарҳ додаву онро «Шарҳ-ул-абвоб» номидааст [11, с.1740]. Ростӣ, дар робита рӯзгору осори дигари муаллифи «Муиззӣ фи-т-тасриф» маълумот пайдо накардем, вале зикри он дар «Кашф-уз-зунун» ифодагари он аст, ки ӯ пеш аз асри XVII будааст.

[2]Номи ин китоб, аслан, «Тасриф-ул-иззӣ» буда, ба қалами фарзанди форсу тоҷик Абдулваҳҳоб ибни Иброҳим аз-Занҷонӣ (ваф. 699 ҳ) тааллуқ дорад [13].

[3] Ин сухан барои нафаронест, ки ба омӯзиши забони арабӣ машғул мешаванд ва мехоҳанд ба он забон гуфтану навиштанро омӯзанд. Вале барои нафароне, ки мехоҳанд дар забони арабӣ мутахассиси илми сарф (сарфӣ/сарфшинос) шаванд, воқеан, масоили сарфӣ аз масоили наҳвӣ печидатару мушкилтар ба назар хоҳад расид.

4. Исмонов К.Б. Манзумаҳои наҳвӣ дар забоншиносии араб ва форсу тоҷик / К.Б.Исмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. - №7. – С. 23-27.
5. ابن العصفور الإشبيلي. الممتع الكبير في التصريف. تحقيق فخرالدين قباوة. – بيروت: مكتبة لبنان ناشرون، 1996. – 565 ص.
6. أبوبكر محمد بن الحسن الزبيدي الأندلسي. طبقات النحويين واللغويين. تحقيق محمد أبو الفضل إبراهيم. – القاهرة: دار المعارف، 1984. ط.2. – 414 ص.
7. أبوفتح عثمان بن جني. المنصف شرح الإمام إبي الفتح عثمان بن جني النحوي لكتاب التصريف الإمام إبي عثمان المازني النحوي البصري. تحقيق أبراهيم مصطفى وعبد الله أمين. – إدارة إحياء التراث القديم، 1954. ج.1. – 464 ص.
8. أبو القاسم عبد الرحمن بن اسحاق الزجاجي. مجالس العلماء. تحقيق عبد السلام محمد هارون. – القاهرة: مكتبة الخانجي. – 344 ص.
9. أسماء محمد رفعت عبد الحكيم مراد. انفتاح الدرس الصرفي بين المنهج والظاهرة (استقراء وتحليل)\مجلة كلية الآداب – جامعة السويس. العدد السابع، يناير 2017. – ص. 165 – 220.
10. جلال الدين عبد الرحمن السيوطي. بغية الوعاة في طبقات اللغويين والنحاة. تحقيق محمد أبوالفضل إبراهيم. – مطبعة عيسى البابي الحلبي وشركاه، 1965. ط.1. ج.2. – 601 ص.
11. حاجي خليفة. كشف الظنون. – بيروت: دار إحياء التراث العربي. ج.2. – ص. 945 – 2056.
12. خديجة الحديثي. أبنية الصرف في كتاب سيبويه. – بغداد: منشورات مكتبة النهضة، 1965. – 576 ص.
13. عز الدين أبو المعالي عبد الوهاب بن أبي إبراهيم الزنجاني. تصريف العزي. عني به أنور بن أبي بكر الشيخي الداغستاني. – جدة: دار المنهاج للنشر، 2008. – 111 ص.
14. فخر الدين قباوة. ابن عصفور والتصريف. – بيروت: منشورات دار الآفاق الجديدة، 1981. – 303 ص.
15. مازن المبارك. في تاريخ علم الصرف ومصطلاحاته\ مجلة كلية الدراسات الإسلامية والعربية. العدد التاسع عشر، يونو- 2000. – ص. 295 – 312.
16. ودان نافعي. علم الصرف: نشأته وتطوره\ مجلة الدراسات الدينية. العدد 2، المجلد 4، 2016. ص. 35- 52.

ИЛМИ САРФ: ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛ

Дар мақола пайдоиш ва ташаккули илми сарфи арабӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Аз ин пажӯҳиш маълум мегардад, ки масоили сарфӣ аз нахустин давраҳои пайдоиши забоншиносии араб дар баробари масоили наҳвӣ мавриди таваҷҷуҳи донишмандон қарор дошта бошад ҳам, то дер боз ҳамчун илми мустақил шинохта нашуд. Барои равшанӣ андохтан ба ҷойгоҳи илми сарф муаллиф кӯшидааст, то ташаккули сарфро дар забоншиносии араб даврабандӣ намуда, оид ба ҳар давра маълумоти заруриро пешниҳод намояд. Аз баррасии мавзуъ бармеояд, ки нахустин китобе, ки дар он масоили сарфӣ ба таври назаррас ва аз масоили наҳвӣ ҷудогона баррасии шудааст, ин «ал-Китоб»-и Сибавайҳ мебошад. Ҳамин аст, ки дар мақола саҳми донишмандони форсу тоҷик дар ташаккули сарфи арабӣ инкорнопазир шуморида шуда, номгӯи чандин китоби ба ин илм бахшидаи донишмандони форсу тоҷик ёдоварӣ шудааст. Дар мақола талош шудааст, то дар бораи таълими сарф дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр ва китобҳои таълимии ин илм дар ин ҳавзаҳо маълумот ироа шавад.

Калидвожаҳо: забоншиносии араб, наҳв, сарф, ал-Китоб, Сибавайҳ, илми мустақил, иштиқоқ.

АРАБСКАЯ МОРФОЛОГИЯ: ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И СТАНОВЛЕНИЯ

В статье исследуется происхождение и формирование арабской морфологии. Из этого исследования видно, что вопросы морфологии с первых дней арабского языкознания, наряду с вопросами синтаксиса, интересовали ученых, но долгое время не признавались в качестве самостоятельной науки. Для выяснения места морфологии в арабском языкознании автор постарался обобщить этапы формирования морфологии арабского языкознания и предоставить необходимые сведения по каждому периоду. Из обсуждения темы следует, что первой книгой, в которой вопросы морфологии были рассмотрены подробно и отдельно от вопросов синтаксиса, был «Ал-Китаб» ас-Сибавайха. Именно поэтому в статье бесспорным считается вклад персидских и таджикских ученых в становление арабской морфологии и приводится список из нескольких книг, посвященных этой науке персидскими и таджикскими учеными. В статье сделана попытка предоставить информацию о преподавании морфологии в научных кругах Хорасана и Мавераннахра, а также перечислены учебники по арабской морфологии раннего периода.

Ключевые слова: арабское языкознание, синтаксис, морфология, ал-Китаб, Сибавайх, самостоятельная наука, словообразование.

ARABIC MORPHOLOGY: HISTORY OF ORIGIN AND FORMATION

The article examines the origin and formation of Arabic morphology. It can be seen from this study that the issues of morphology from the early days of Arabic linguistics, along with issues of syntax, were of interest to scientists, but for a long time they were not recognized as an independent science. To clarify the place of morphology in Arabic linguistics, the author tried to summarize the stages of the formation of the morphology of Arabic linguistics and provide the necessary information for each period. From the discussion of the topic, it follows that the first book in which the questions of morphology were considered in detail and separately from the questions of syntax was "Al-Kitab" as-Sibawayh. That is why the contribution of Persian and Tajik scientists to the formation of Arab morphology is considered indisputable in the article, and a list of several books devoted to this science by Persian and Tajik scientists is provided. The article attempts to provide information on the teaching of morphology in the scientific circles of Khorasan and Maverannahr, and also lists textbooks on Arabic morphology of the early period.

Key words: Arabic linguistics, syntax, morphology, al-Kitab, Sibawayh, independent science, word formation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исмонов Карроматулло Бадридинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға**: 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Сведение об авторе: ***Исмонов Карроматулло Бадридинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Information about the author: ***Ismonov Karomatullo Badridinovich*** - Tajik National University, Candidate of Philology sciences, Associate Professor of Arabic Philology Department. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Tel.: **(+992) 917-44-40-40**

УДК: 491.550

БАРРАСИИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР НОМАИ УСТОД АЙНӢ ДАР АСОСИ «МАКТУБИ КУШОДА БА РАФИҚ ТОЛИС»

Мавлонзода Ш.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нома паёмест, ки инсон аз рӯйи зарурат барои шахси дигар ё муассисае мефиристад. Ҳар шахс дар асоси маҳорат ва малакаи забондонии хеш фикри худро шифоҳӣ ё ба воситаи нома ба дигарон баён мекунад. Тафовути муҳим байни гуфтор ва навиштор дар он аст, ки сухани шифоҳӣ мондагор нест ва аз миён меравад, вале он чи сабт шудааст, боқӣ мемонад ва дар ҳар замон мавриди мутолиа ва баҳрабардории дигарон қарор мегирад. Аз осори гузаштагон дармеёбем, ки онҳо аз ин шеваи нигориш огоҳии комил доштаанд Аз ин рӯ, масъалаҳои мухталифро ба шакли номаҳо дарҷ карда, ба мо мерос гузоштаанд. Дар заминаи мутолиаи номаҳо мо аз масъалаҳои гуногун ва дониши бузургон баҳра бардошта, таҷриба ва назари илмии онҳоро истифода мекунем.

Аз таърих маълум аст, ки ҳамаи инсонҳои ҳушманду соҳибзавқ ва мардуми одӣ тӯли рӯзгори хеш ба ин ё он сабаб ба иншои нома ниёз доштаанд.

Дар забони тоҷикӣ муҳаққиқони бахши адабиётшиносӣ дар мавриди нома ва номанигории адибони классику муосир таҳқиқоти назаррас ба анҷом расонидаанд, аммо то кунун хусусиятҳои лингвистии номаҳои адибон мавриди таҳлилу баррасии махсус қарор нагирифтааст.

Номаҳоеро, ки дар замони муосир навишта мешаванд аз рӯйи мазмуну муҳтаво, ба кӣ ва ба куҷо навиштанашон ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: 1) номаҳои идорӣ; 2) номаҳои дӯстона; 3) номаҳои кушода ё саркушода.

Профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул дар хусуси номаҳои саркушода чунин гуфтааст: «Номаҳо маъмулан сарбаста мешаванд ва матолиби мастур дар онҳо танҳо ба мухотаби муайян нигаронида мешавад. Дар сурати зарурат, бо иҷозати гирандаи нома шахсони дигар ҳам аз матни нома огаҳӣ пайдо мекунанд. Дар номаҳои саркушода манзара тамоман дигар аст: ғайр аз мухотаб шахсони дигар ҳам аз матни нома огоҳӣ пайдо мекунанд. Гоҳе мумкин аст, ки мухотаб номаро ба шакли маъмул дарёфт намекунад ва аз мазмуни он ба монанди дигарон аз тариқи рӯзномаҳо огоҳӣ пайдо мекунад. Номаҳои саркушода дар матбуот ҳам нашр мешаванд. Ба ин восита ҳамзамон бо ирсол ба мухотаб ё мухотабон матолиб дар ихтиёри ҳамагон қарор мегирад, ки ин шакл собиқаи қадима надорад, танҳо дар замони муосир роиҷ шудааст» [7, с.98].

Номаҳои саркушода аз рӯйи мазмуну муҳтавояшон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Номаҳои саркушодае, ки мухотаби он мақомоти болоӣ ва шахсиятҳои сиёсӣ мебошанд.

2. Номаҳои саркушодае, ки дар хитоб ба аҳли илму адаб, шоирону нависандагон, чеҳраҳои фарҳангиву динӣ ва сойири мардум навишта мешавад.

Аз рӯйи таснифоти дар боло зикршуда номаҳои устод Айниро низ ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Номае, ки мо мавриди баррасӣ қарор додем, аз рӯйи мазмун ва муҳтавояш ба номаи кушода ё саркушода тааллуқ дорад.

Дар хусуси номаҳои устод Айнӣ муҳаққиқони зиёд фикру андешаашонро баён кардаанд. Аз ҷумла, профессор А. Маҳмадаминов чунин назар дорад: «Мукотиба ё гуфтугӯҳои хаттии С. Айнӣ дар фаъолияти номанигории ӯ аз дигар нигорандагон, ба қавли муншиён, ба чанд ҷиҳат фарқ мекунад. Фарқи асосӣ он аст, ки устод Айнӣ номаро ҳам ба василаи ниёзи иҷтимоӣ ва ҳам воситаи баёни афкори илмӣ, адабӣ ва нақдӣ медонад ва ба кор бурдааст. Гузашта аз ин, килки сеҳрофарини устод Айнӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти эҷодӣ осори фаромӯшношаванда ба вуҷуд овардааст» [4, с.140].

Профессор Асозода Х. дар китоби хеш «Таърихи адабиёти тоҷик» як фасли алоҳидаро дар бораи нома ва номанигорӣ дар эҷодиёти устод Айнӣ бахшида чунин менигорад: «Айнӣ дар аксари номаҳояш, чунон ки ҳикояву очерк ва асарҳои насриашро бо як воқеаи фавқулода ва дилчаспи хотирмон оғоз менамояд, бевосита аз мавзуи муҳимми адабӣ сар мекунад. Дар номаҳои Садриддин Айнӣ ҷиҳатҳои умумигӯйӣ,

суханбозӣ, такрори фикр, воқеаро аз будаш зиёд тасвир кардан, шахсони таърихиро дар ғайри зикри ному насаби аслиашон қайд кардан ва ғайра ба мушоҳида намерасад. Айнӣ дар ҳама номаҳояш эҳтироми гирандаи номаро ба ҷо меорад. Мактубҳои Садриддин Айнӣ, асосан, баёнгари дониши адабӣ, таърихӣ, кишваршиносӣ, мардумшиносӣ, фалсафӣ, иқтисодӣ, забоншиносӣ ва дигар илмҳое, ки аз онҳо бархӯрдор буд, мебошанд» [2, с.283].

Дар мавриди мақолаву дастурҳои забоншиносии устод Айнӣ пажӯҳишгарон – Муҳаммадҷон Шукуров, Шарофиддин Рустамов, Саид Ҳалимов ва дигарон мақолаву рисолаҳои алоҳида таълиф кардаанд.

Забоншинос Шарофиддин Рустамов дар китоби «Забон ва замон» чунин менигорад: «Дар ҳама мақола ва қайду эзоҳоти Айнӣ масъалаи содаву равон ва оммафаҳми забони адабӣ, тозаю покиза нигоҳ доштани он ва дар ҳама мавриди риояи қоидаҳои забон ва тарзи баён таъкид шудааст» [8, с.170].

Номае, ки мо дар мақолаи худ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем, ба унвони яке аз нависандагони машҳури тоҷик – Пӯлод Толис, навишта шудааст. Ин номаро агар як дастури раҳнамои забоншиносон ва адибони ҷавон гӯем, ба назари ин ҷониб, дурусту воқеитар мебошад, зеро дар номаи мазкур вижагиҳои адабию лингвистии ҳикояи «Студентшавандаҳо» мавриди таҳлилу баррасии устод Айнӣ қарор гирифтааст.

Устод Айнӣ мактубро чунин оғоз кардааст: «Ман ҳикояи шуморо, ки дар шумораи 10 ҳаминсолаи журнали «Шарқи сурх» бо унвони «Студентшавандаҳо» чоп шудааст, хондам. Ҳикоя ҳам аз ҷиҳати ғоя, ҳам аз ҷиҳати ҳикоябандӣ, тасвири табиат, тасвири зиндагонии имрӯза ва аз ҷиҳати забони таҳрири муаллиф хеле хуб ва дилчасп баромадааст.

Аммо бо ҳамаи ин ҷиҳатҳои нек як камбудии ҷиддӣ дорад, ки зарари ин камбудӣ танҳо ба муаллиф оид набуда, балки дар забони адабии тоҷик халали куллӣ мерасонад» [9, с.120].

Баъд аз муқаддима устод Садриддин Айнӣ дар мактуб барои исботи фикр ва зикри камбудии ҳикоя дар хусуси забони адабӣ, тафовути забони адабӣ аз забони гуфтугӯӣ, тафовути забони мардумоне, ки аз мактабҳои муосир баҳра нагирифтаанд, сабаби бо забони адабӣ сухан карда натавонистани соҳибзабононро муайян карда, барои тақвияти андешааш аз нависандаи машҳури рус Максим Горкий иқтибос оварда, чунин гуфтааст: «Забони адабӣ дар ҳар миллат аз забони оммавӣ - зинда фарқ дорад. Дар забони русӣ ҳам, ки беҳтарин ва олитарин забонҳои маданӣ аст, ин фарқро мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо аз он ҷо ки маданият-маориф дар байни халқи рус бисёр вақтҳо боз давом дорад, забони адабии вай-забони гуфтугӯи аҳли маърифат ва аҳли савод ҳам шуда омадааст. Бо вуҷуди ин, забони маҳаллӣ бо лаҳҷаҳои гуногуни он то вақтҳои охир дар вилоятҳо ва районҳои ҷудогона дар байни оммаи камсавод ё навсавод давом дорад.

Фарқи забони адабии тоҷик аз забони гуфтугӯӣ аз ҳад зиёд бисёр аст. Ҳатто онҳое ҳам, ки дар мактаб ва мадрасаҳои куҳна нисбат ба замони худ бо муваффақият хондаанд, дар байни худ бо ҳамон забони омма гуфтугӯ мекунанд. Аз ин боло шоирон ва нависандагони он замон ҳам, бо вуҷуди забони адабиро аз худ карданашон берун намондаанд. Сабаби асосии ин ҳолат дар ин аст, ки ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ асру замон (то Револютсияи Кабири Октябр) забон дар мактаб ва мадарасаҳои тоҷик ба сифати як дарс хононда нашудааст, ҳар кас забони модариро аввал аз модар ва пас аз он деҳа ва районҳои худ омӯхта, ба ҳамон омӯхта шуда (одат карда) мондааст ва ҳарчанд шоир ва нависандашудагон дар калонсолӣ аз китоб ва аз тафтишҳои шахсии зиндагӣ забони адабиашонро нисбат ба замони худ беҳтар ва мукаммалтар карда бошанд ҳам, азбаски онҳо забони адабиро дар калонсолӣ омӯхтаанд, ин забон-забони гуфтугӯи аз бачагӣ одаткарда омадаашонро дигар карда натавонистаанд. Аммо дар мактабҳои русҳо ва дигар халқҳои маданӣ дарси забони модарӣ аз ҳамаи дарсҳои дигар муҳимтар шумурда шуда, тамомкунандагони он мактабҳо, ҳарчанд ба дараҷаи миёна ва ибтидоӣ бошад ҳам, ба забони адабӣ гуфтугӯ карданро омӯхта ва одат карда омадаанд.

Забони адабии тоҷик дар замони советӣ бояд чӣ навъ бошад? Ман пеш аз он ки ба ин пурсиш ҷавоб диҳам, як чизеро аз Максим Горкий нақл кардан мехоҳам. Ҳарчанд дар куҷо ва кадом сол хонда диданам дар ёдам намонда бошад ҳам, мазмуни порчаи муҳимме, ки аз гуфтаҳои устоди бузурги мазкур ба забон дахл дорад ва ба чӣ муносибат навиштани ӯ ин суханҳоро дар ёдам мондааст. Як вақт дар байни Алексей Максимович Горкий ва нависандаи машҳури рус Серафимович дар бораи забони адабии рус мунозара воқеъ шуда

дар матбуот акс кард. Устод Горкий дар як ҷойи яке аз он мақолаҳояш мазмуни суханҳои зеринро навишта буд: то Революцияи Кабири Октябр дар Россия мактабу маориф умумӣ нашуда буд ва оммаро имконият набуд, ки дар мактабҳо даромада таҳсил кунанд. Аммо дар ҳамон вақтҳо ҳам вазифаи нависанда ва шоирон нигоҳ доштан ва ривоҷ додани забони адабӣ буд. Фақат дар баъзе пейсаҳо ва ҳикояҳо мумкин буд, ки барои фаҳмондани савияи баъзе шахсҳо ё районҳо қаҳрамонон гоҳо (на ҳама вақт) ба забони худ гап зананд. Чунки вазифаи нависанда ва шоирон дар хусуси забон ин нест, ки бо забони вайрон аз паси касони забоннодон раванд, балки бояд инҳо дар хусуси забон оммаро аз паси худ кашанд.

Устод Айнӣ андешаҳояшро идома дода навишта аст: аммо дар замони советӣ аҳвол тамоман дигар аст, дар ин замон мактабу маориф ранги умумият гирифта таҳсили маҷбурӣ ҷорӣ шудааст. Дар ин замон ҳеҷ дуруст нест, ки нависанда дар пайи зинда карда ба матбуот даровардани забони вайрони бесаводон гардад. Балки ӯ чунон нависад, ки мактабхонандагон маълумоти забони аз мактаб гирифтаашонро ба воситаи мутолиаи ягон асари адабӣ мустаҳкам кунанд, на вайрон… [9, с.120-121].

Ин гуфтаҳои устоди бузург ба забони адабӣ ва нависандагони тоҷик ҳам тамоман ва пурра оид аст, чунки дар байни тоҷикон ҳам мактабу маориф умумӣ ва таҳсили ибтидоӣ ва миёнаи нопурра маҷбурӣ шудааст ва инчунин дар мактабҳои советии тоҷикӣ ҳам дарси забони модарӣ аз муҳимтарин дарсҳо аст ва китобҳои хониш ва сарфу наҳв ҳам умумӣ буда, дар як марказ таълиф ва нашр мешаванд».

Дар идомаи мактуби кушода устод Айнӣ дар масъалаи муносибати забон бо шева сухан карда, чунин гуфтааст: «Ман дар хусуси таъсири забони мактабӣ ба забони гуфтугӯ як ёддошти худро нақл хоҳам кард: «дар моҳи сентябри соли 1936 ман ба яке аз маданитарин шаҳрҳои Тоҷикистони советӣ – ба Ленинобод рафта будам. Дар он ҷо забони гуфтугӯи омма ва саводнокҳои куҳнаро гӯш дорам. Дар он дар қатори монанди «гусел» луғатҳои адабии классикӣ, «ҷуред!», «қачан меравим?», «ким омад» барин луғатҳои хандаоварро ҳам шунидам. Дар он миён маро ба маҷлиси комсомолҳо даъват карданд. Аксарияти аҳли маҷлис талабаҳои мактабҳои миёна ва муаллимон буданд. Хушбахтона, дидам, ки талабаҳои мактабҳои миёна ва муаллимоне, ки аз мактабҳои ибтидоӣ сар карда дар мактабҳои советӣ хонда баромадаанд, бо забони адабии софи оммафаҳм гап мезаданд ва ягон ҷумлаи аз қоида берунро кор намефармуданд. Луғатҳои маҳаллии маҳдудро ҳам дар гуфтугӯи худ ҳамроҳ намекарданд. Аммо муаллимони куҳнасавод ва роҳбарони калонсол бошанд бо ҳамон «ҷуред!», «қачан» ва «ким»-ҳо гап мезаданд.

Ана дар ҳамин гуна замон ва шароит шумо рафиқ Толис, забони вайрони ба мурдан маҳкамшударо дар ҳикояи мазкур «зинда кардан» хостаед: қаҳрамонони ҳикояи мазкур Маъруф ва Сокина, ки таҳсили миёнаи советӣ дида чандин сол муаллимӣ ҳам кардаанд ва Санавбар, ки талабаи мактаби миёна аст, танҳо бар хилофи таълимоти устод Горкий забони адабиро ба забони вайрон тобеъ карда аз пушти гӯяндагони он забон рафтаед, балки забони муаллимони таҳсили миёнаи советӣ дидаро ҳам (зеро агар Маъруф ва Сокина таҳсили миёнаи советӣ надидагӣ мебуданд, ҳақ надоштанд, ки ба университет раванд) ва забони талабаи боистеъдоди росои фикри мактаби миёнаи советиро ҳам вайрон карда нишон додаед.

Дуруст аст, ки ҳоло ҳам дар миёни муаллимон ва талабаҳо касоне ҳастанд, ки калимаи «шашум»-ро аз «шиштум» фарқ накарда, гап мезананд. Вазифаи нависандагон ба ин гуна «муаллимҳо» ва «талабаҳо»-и бесавод тақлид кардан набуда, балки дар порчаҳои ҳачвӣ камбудии забони он шахсҳои ҷудогонаро масхара карда нишон додан аст, то ки он гуна одамони «аҳли илм» камбудии худро фаҳмида ислоҳ кунанд ва касони дигари монанди онҳо зимнан аз камбудии худ хабардор шуда дар пайи ислоҳи худ афтанд».

Устод Садриддин Айнӣ дар давоми мактуб ба нависанда Пӯлод Толис муроҷиат карда, ба маҳорати нависанда чунин баҳо додааст: «Рафиқ Толис! Ман аз ин пеш ҳам дар забони «адабӣ» -и баъзе ҳаваскорони нависандагӣ ин гуна ҳолатҳоро дидаам. Аммо азбаски муаллифони он гуна порчаҳо кирои гап заданро намекарданд, ман дар бораи онҳо чизе нагуфта будам. Аммо Шумо, Фарҳат ва Шукӯҳӣ чизи дигаред. Забони адабии тоҷик аз шумо, ҷавонон, сарсабзиҳои бисёр аълоро умедвор аст».

Устод Айнӣ яке аз роҳҳои инкишоф ёфтани забони адабиро дар истифодаи луғатҳои маҳаллӣ дониста, аз таҷрибаи хеш ба адибон ва посдорони забони адабӣ чунин ҳикоя мекунад: «Дар ин ҷо ҳарчанд аз ин мавзуи мактуб берун буда, ба ҳикояи Шумо дахл надорад, як роҳи инкишофи забони адабиро ҳам қайд кардан мехоҳам. Ин кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ аст. Ба фаҳми ман, дар кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ бисёр эҳтиёт кардан, аммо чизҳои нағзи онро аз назар нагурезондан лозим аст. Дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ, монанди «ибӣ» -и бухороиён (бухорогиён не!) калимаҳое ҳастанд, ки қобилияти умумӣ шудан надоранд ва ин гуна калимаҳоро танҳо дар порчаҳои ҳаҷвӣ кор фармудан мумкин аст. Аммо дар забонҳои маҳаллӣ баъзе калимаҳо ҳастанд, ки баъзе касони бехабар онҳоро «забони қадимии мурда» мепиндоранд ва дар архаизм медароранд. Чунончи, «гусел» дар Ленинобод дар байни авоми бесавод кор фармуда мешавад. Аммо бухороиён дар ҷойи ин калима «узод»-ро кор мефармоянд. Вазифаи нависандагон ин гуна калимаҳоро умумӣ кардан аст.

Боре дар Душанбе ба ман воқеае рӯй дода буд, ки ҳеҷ гумон намекардам: ман дар боғи (дачаи) ҳукуматӣ манзил карда будам. Рӯзҳои тирамоҳ буд. Як пагоҳонӣ барои ҳавогирӣ аз хона баромадам. Дар майдони пеши дарвозаи дача як тоҷики ҳамонҷоӣ хазонрӯбӣ мекард. Дар рӯбарӯи дача як бинои нав сохта шуда буд. Ман дидам, ки болои боми он бино пурбарф аст, аммо дар дигар ҷойҳо осори барф набуда, ҳаво ҳам он қадра сардӣ надошт. Ман аз тоҷики хазонрӯб пурсидам:

- Магар имшаб барф боридааст?

- Не, наборидааст -ҷавоб дод ӯ.

Ман сафедии бомро ба ӯ нишон дода боз пурсидам:

- Пас, ба рӯйи бом он чизи барфмонанд чист?

- Намак аст! -гуфт ӯ дар ҷавоб.

- Чаро ба рӯйи бом намак пошидаанд? – ман тааҷҷубкунон пурсидам, чунки то он вақт ба рӯйи бом намак пошиданро надида будам.

- Бар боми нав то намак напошӣ, напояд, -гуфт ӯ дар ҷавоб.

Ман таъбири классиконаи он тоҷики бесаводро дида, дар ҳайрат афтодам, таъбири ӯ ба ёди ман таъбири Саъдиро, ки дар «Гулистон» мегӯяд: «Он ки напояд, дилбастагиро нашояд», ба ёдам овард. Ман то он вақт дар навиштаҳои худ калимаи «пойдор», «нопойдор» -ро кор фармоям ҳам, аз тарси он ки омма намефаҳмад, «напояд» -ро кор намефармудам. Аммо он рӯз дидам, ки ин калима дар забони зинда будааст ва ҳақ дорад, ки дар умумӣ кардани ӯ кӯшида шавад.

Дар охирҳои соли 1940 ман дар Душанбе дар гостинитсаи куҳна манзил доштам. Рӯзи бозор буд, хостам бозор рафта ангур харам. Дар бозори колхозӣ ангурфурӯшони харангонӣ қатор рост истода ангурҳояшонро ба рӯйи пештахта ниҳода мефурӯхтанд.

Азбаски дар пеши ангурфурӯшон харидор бисёр буд, ба ман як муддат нигарон шуда мондан рост омад. Дар ҳамин вақт духтарчаи тахминан ҳаштсолаи ангурфурӯш бо писарчаи як ангурфурӯши дигар ҷанҷол карданд. Падари духтарча тарозуро аз дасти худ ба рӯи пештахта сахт партофта ба духтари худ гуфт:

-Арбада накун!

Ман то он вақт ба гумони ин ки калимаи «арбада» (ба маънии ҷанҷол ва харҳаша) калимаи мурда аст, кор намефармудам. Он рӯз дидам, ки он калима дар дараи Харангон дар байни тоҷикони бесавод ҳанӯз зинда будааст.

Панҷоҳ сол пеш аз ин ман дар хонаи Садри Зиёи бухороӣ, хуҷаини ман буд, меҳмон будам. Ӯ як ошпази бесаводи кӯкнории ғиждувонӣ дошт. Дар вақти ошхӯрӣ ду-се меҳмони ногуфт (нохонда) омада монданд. Зиё ба ман, ки хурдсолтарини меҳмонон будам, ишорат кард, ки ба ошпаз бигӯям як табақ оши дигар кашида диҳад.

Ман пеши ошпаз рафтам, ӯ кафгир ба даст дар пеши дег ба девор такя карда нишаста буд, аз авзоаш маълум мешуд, ки худаш ош нахӯрдааст. Ман фармоиши Зиёро ба ӯ расондам. Ӯ кафгирро ба рӯйи деги холӣ сахт зада гуфт:

-Чизе ки буд, кашида додам. Охир, ман ошофарин нестам, ки оши дигар ёфта диҳам.

Ман то он вақт калимаи «офарин» (ба маънои халққунанда) -ро махсуси таъбироти динӣ, монанди «офаридгор» ва махсуси Фирдавсӣ ва Саъдӣ барин классикон (монанди ҷаҳонофарин ва маъниофарин) медонистам. Он рӯз дидам, ки ин калима ба маънои

халққунанда дар забони бесаводони Ғиждувони худам зинда будааст ва ман бехабар мондаам.

Хулоса, дар забони зиндаи халқи тоҷик чунон хазинаҳо ҳастанд, ки пур аз дурдонаҳои пурқимат мебошанд. Вазифаи мо, нависандагон, ана ҳамон дурдонаҳоро ёфта, ба омма туҳфа кардан аст, на ин ки дар бораи умумӣ кардани баъе луғатҳои хона ё маҳаллаи худ бикӯшем!

Дар ин ҷо бояд ҳаминро ҳам қайд кунам, ки дар баъзе маҳалҳо баъзе калимаҳои хуби тоҷикӣ ба шакли вайрон кор фармуда мешаванд. Вазифаи нависанда он гуна калимаҳоро гирифта рост ва дуруст карда кор фармудан аст. Чунончи, дар Бухоро фарзанди аввалро «фарзанди нахустабин» мегӯянд. Вазифаи мо ин калимаро гирифта ба шакли дурусташ (нахустин) карда кор фармудан аст» [ниг. 9, с.120-126].

Аз таҳлил ва баррасии мактуби кушодаи устод Айнӣ ба П. Толис маълум гардид, ки Садриддин Айнӣ дар мавридҳои мувофиқ дар мактуби таҳлилгардида доир ба масъалаҳои ҷудогонаи қисматҳои забоншиносӣ, ба монанди луғатнигорӣ, шевашиносӣ, сарфу наҳв, қайдҳои ҷолиб кардааст, ки ин барои рушд ва инкишофи меъёри забони адабии муосири тоҷикӣ таъсири мусбат мерасонад. Пажӯҳиши як номаи устод Айнӣ собит намуд, ки нома ҳамчун ҳуҷҷати муҳим фарогири масъалаҳои мухталиф буда, манбаи боэътимод барои пажӯҳиши илмҳои гуногун шуда метавонад.

Муқарриз: ***Мирзоёров Ф.Н.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аслонова Н. Сайри таърихии нома ва номанигорӣ дар эҷодиёти Садриддин Айнӣ / Н. Аслонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе, 2009. – №8 (56). – С.234-237.
2. Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) / Х. Асозода. – Душанбе, 2014. - 672 с.
3. Бобомуродов Ш. Баъзе хусусиятҳои луғавии мукотиботи “Таҳзиб-ус-сибён”-и устод Айнӣ / Ш. Бобомуродов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашни 25–солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С.395-396.
4. Маҳмадаминов А. Мубоҳисаҳои илмию адабӣ дар номаҳои С. Айнӣ (дар мисоли мукотибаи С. Айнӣ бо М. Турсунзода) / А. Маҳмадаминов, Л. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №1. – С139-147.
5. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. Монография / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 2011. – 385 с.
6. Мисбоҳиддини Нарзиқул. Таърих ва назарияи номанигорӣ. Монография / Нарзиқул, Мисбоҳиддин. – Душанбе, 2009. – 136 с.
7. Мисбоҳиддини Нарзиқул. Нома ва номанигорӣ / Нарзиқул, Мисбоҳиддин. – Душанбе, 2013. – 278 с.
8. Рустамов Ш. Забон ва замон / Ш.Рустамов. – Душанбе, 1981. – 256 с.
9. Садриддин Айнӣ. Мунтахаби асарҳои илмӣ / Айнӣ Садриддин. – Душанбе, 2008. – 256 с.
10. Ҳалимов С. С. Айнӣ – лексикограф / С.Ҳалимов. – Душанбе, 1964. – 58 с.
11. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X – XVI. Монография / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2013. – 344 с.
12. Хоҷаев Д. Гуфтори наку куҳан нагардад / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2011. – 230 с.
13. Шукурув М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ. Монография / М. Шукуров. – Душанбе, 1966. – 250 с.
14. Шукруллоев Б. Жанри мактуб: рисолат ва имконот / Б. Шукруллоев. – Душанбе, 2012. – 144 с.

БАРРАСИИ БАЪЗЕ МАСЪЛАҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР НОМАИ УСТОД АЙНӢ ДАР АСОСИ «МАКТУБИ КУШОДА БА РАФИҚ ТОЛИС»

Нома паёмест, ки инсон аз рӯйи зарурат барои шахси дигар ё муассисае мефиристад. Ҳар шахс дар асоси маҳорат ва малакаи забондонии хеш фикри худро шифоҳӣ ё ба воситаи нома ба дигарон баён мекунад. Аз осори гузаштагон дармеёбем, ки онҳо аз ин шеваи нигориш огоҳии комил доштаанд Аз ин рӯ, масъалаҳои мухталифро ба шакли номаҳо дарҷ карда, ба мо мерос гузоштаанд. Дар заминаи мутолиаи номаҳо мо аз масъалаҳои гуногун ва дониши бузургон баҳра бардошта, таҷриба ва назари илмии онҳоро истифода мекунем. Аз таърих маълум аст, ки ҳамаи инсонҳои ҳушманду соҳибзавқ ва мардуми одӣ тӯли рӯзгори хеш ба ин ё он сабаб ба иншои нома ниёз доштаанд. Дар забони тоҷикӣ муҳаққиқони бахши адабиётшиносӣ дар мавриди нома ва номанигории адибони классику муосир таҳқиқоти назаррас ба анҷом расонидаанд, аммо то кунун хусусиятҳои лингвистии номаҳои адибон мавриди таҳлилу баррасии махсус қарор нагирифтааст. Дар мақола доир ба баррасии масъалаҳои забоншиносӣ дар номаҳои устод Айнӣ сухан меравад. Муаллиф баъзе вижагиҳои забоншиносиро дар асоси маводи номаи саркушодаи устод Айнӣ ба нависанда Пӯлод Толис муайян кардааст.

Калидвожаҳо: нома, калима, шева, забони адабӣ, забоншиносӣ, бахш, синтаксис, морфология, луғатнигорӣ.

РАССМОТРЕНИЕ НЕКОТОРЫХ ВОПРОСОВ ЯЗЫКОЗНАНИЯ НА ОСНОВЕ "ОТКРЫТОГО ПИСЬМА ТОВАРИЩУ ТОЛИСУ" УСТОДА АЙНИ

Письмо - это сообщение, которое человек отправляет другому лицу или учреждению по мере необходимости. Каждый излагает свои идеи устно или письменно, исходя из своих языковых навыков. Мы знаем из наследия древних, что они были в полной мере осведомлены об этом стиле письма. В контексте чтения писем мы извлекаем пользу из множества вопросов и знаний великих людей, используя их опыт и научные взгляды. Из истории известно, что все талантливые, рассудительные и даже простые люди в процессе своей жизни по тем или иным причинам обращались к написанию писем. В таджикском языке исследователями в области литературы проведено много исследований относительно письма и его написания в творчестве классических и современных писателей, но до сих пор языковые особенности писем специально не анализировались. В статье речь идет относительно рассмотрения языковых вопросов в письмах Устода Айни. Автор определил некоторые особенности языкознания по материалам открытого письма Устода Айни писателю Пулоду Толису.

Ключевые слова: письмо, слово, диалект, литературный язык, языкознание, раздел, синтаксис, морфология, лексикография.

CONSIDERATION OF SOME QUESTIONS OF LINGUISTICS ON THE BASIS OF "AN OPEN LETTER TO COMRADE TOLIS" USTODA AYNI

A letter is a message that a person sends to another person or institution as needed. Everyone expresses their ideas orally or in writing, based on their language skills. We know from the legacy of the ancients that they were fully aware of this style of writing. In the context of reading letters, we benefit from the many questions and knowledge of great people, using their experience and scientific views. It is known from history that all talented, reasonable and even ordinary people in the course of their lives, for one reason or another, turned to writing letters. In the Tajik language, researchers in the field of literature have done a lot of research on writing and writing it in the works of classical and modern writers, but so far the linguistic features of letters have not been specially analyzed. The article deals with the consideration of language issues in the letters of Ustod Aini. The author identified some features of linguistics based on the open letter of Ustod Ayni to the writer Pulod Tolis.

Key words: writing, word, dialect, literary language, linguistics, section, syntax, morphology, lexicography.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мавлонзода Шухрат Мавлон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 935-88-51-47**

Сведение об авторе: ***Мавлонзода Шухрат Мавлон*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 935-88-51-47**

Information about the author: ***Mavlonzoda Shukhrat Mavlon*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Modern Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 935-88-51-47**

УДК: 400.3-4

АҲАМИЯТИ ТАДҚИҚИ ЭТНОЛИНГВИСТӢ

Исматзода Саъдӣ Маҳдӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Этнолингвистика солҳои ахир чун соҳаи нав дар илми забоншиносӣ зуҳур намуда, натиҷаҳои назаррасу муассир боқӣ гузошта истодааст. Этнолингвистика чун шохаи ҷадид байни этнография ва лингвистика қарор дошта, мутахассисин аз ин падида манфиати бузург метавонанд ҳосил кунанд. Ба ҳам омадани урфу одат бо маъно-луғат дар як ҷо аҳамияти вижаро бархурдор буда, мағз андар мағзи забонро тавассути вожагон ифода мекунад.

Нахуст вожаи этнолингвистикаро шарҳ додан мувофиқи мақсад аст. Он аз ду қисм иборат аст: этно [ҷузъе аз этнография] – мардум ё мардумшиносӣ ва лингвистика – забоншиносӣ. Дар луғати Русӣ ба форсӣ этнография нажодшиносӣ тарҷума шудааст, ки нажод барои ифодаи мардум луғати мувофиқест. Чаро ки нажод низ ҷузъе аз мардум аст. Азбаски дар ҷомеаҳои гуногун ҳар нафаре бар нафари дигар аз ҷиҳати аслу нажод бартарӣ ҷуста, урфу одати худро аз дигарон афзал медонад, вожаи нажод дар ифодаи этнос басо мувофиқ уфтодааст. Ин психологияи мардум дар Шоҳнома низ ҳаст. Дар саросари асар нажоди Каён бар тамоми нажоди дигар афзалу муҳтарам шумурда шуда, аҷобати кор дар он аст, ки ҳам Фирдавсӣ ва ҳам ҳам мардум ин нажоди озодаро эътироф мекунанд. Маҳз адолати подшоҳиву ростӣ ин нажодро соҳибэҳтиром ва ҳатто муқаддас гардонидааст. Муқаддасот ва қувваи фавқуттабиа бахшидан ба шоҳони Каёнӣ, ки онро харизм низ мегӯянд, дар саросари шоҳасар аён аст. Бартарии нажоди каён аз омадани Суруш – Ҷибраил назди подшоҳони ин сулола оғоз мегирад. Дар эътиқоди мардуми Шоҳнома, ки он эътиқоди худи Фирдавсӣ аст, подшоҳони пешдодӣ мисли паямбарони Бани Исроиланд, ки Ҷибраил бар эшон нозил мешавад. Ин аст, ки тамоми қаҳрамонони асар аз дарбориён то паҳлавонон ва қаториён барои як подшоҳи ормонӣ талош мекунанд ва агар лозим шавад, ҷони худро дареғ намедоранд.

Дар атрофи этнолингвистика асарҳои зиёди тадқиқӣ ва пажуҳишӣ рӯи кор омадаанд. Махсусан дар Эрон як қатор асарҳои этнографӣ дар атрофи "Шоҳнома" навишта шудаанд.

Рисолаи илмии Х. Кабиров «Тадқиқи этнолингвистии тоҷикони Чин» тамоми урфу одати ин мардумро дар бар гирифта, дар кори мо метавонад хизмат кунад. Дар рисолаи мазкур бисёр урфу одат, варзишу бозиву суннатҳои тоҷикони Чин мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар рисолаи Х. Кабиров бозии бачагонае бо номи “кижу”тасвир ёфтааст, ки кулоҳеро дар масофи муайян мегузоштанд ва ҳар кас, ки аввалин шуда, ин кулоҳро ба даст гирад, ғолиби мусобиқа ҳисобида мешавад[6]. Ин бозӣ сарчашма аз суннати ниё дорад, ки дар “Шоҳнома” хеле ҷолиб тасвир шудааст. Он дар чӣ тарз подшоҳ шудани Баҳроми Гӯр омадааст, чунончӣ:

Паймон кардани эрониён бо Баҳром дар бораи подшоҳӣ ба шарти бардоштани тоҷ аз миёни шерон

Яке бо шумо боз паймон кунам,
Забонро ба Яздон гаравгон кунам.
Биёрем шоҳаншаҳӣ тахти оҷ,
Бараш барниҳем ин гаронмоя тоҷ.
Зи беша ду шери жаён оварем,
Ҳамон тоҷро дар миён оварем.
Бубандем шери жаён бар ду сӯй,
Касеро, ки шоҳӣ кунад орзуй,
Шавад, тоҷ баргирад аз тахти оҷ,
Ба сар барниҳад номбардор тоҷ.
Ба шоҳӣ нишинад миёни ду шер,
Миён шоҳу тоҷ аз бару тахт зер.
Ҷуз ӯро нахоҳем кас подшо,
Агар додгар бошаду порсо. [8, с.58]

Бубинед ин ҷо ба шарти... мегӯяд ва ҳар ҷо ки шарт аст, озмун ё мусобиқаест. Албатта, ин ҷо масъала ҷиддитар аз он бозии дар миёни тоҷикони Чин буда аст. Вале барои он ки он чун одат пазируфта шавад, бояд чунин ҷиддиву ҷонситон ва тақдирсоз буда бошад. Дар ин мисраъҳо подшоҳи оянда ба ғайри додгару порсо будан, ҳамчунин бояд далеру нотарсу паҳлавон бошад, то амали ҷонситоне, чун гирифтани тоҷ аз миёни шерони даррандаро соҳиб бошад. Ин амалро, ки пешниҳоди худи Баҳроми Гӯр аст, мубадони Эрон шуниданд ва онро аз фарраи эзадӣ ё неруи худовандӣ донистанд:

Бигуфтанд, к-«Ин фарраи эзадист,
На аз роҳи кажживу нобихрадист.

Шояд ин одатҳо дар маҳалҳои гуногуни дигари тоҷикнишин будаанд, ки бо омадани боди сарди тамаддунҳо аз байн рафтаанд.

Аз ҷумла дар “Шоҳнома” вожаҳои ифодакунандаи либос ба таври васеъ истифода шудаанд, ки омӯзиши онҳо аз нигоҳи этнолингвистӣ аз ҷойгоҳи баланди илмӣ бархӯрдор мебошад. “Либос қисми ҷудонопазири фарҳанги моддию маънавии ҷомеа маҳсуб меёбад. Аз як тараф, либос арзиши моддие мебошад, ки тавассути меҳнати шахс ба вуҷуд омада, аз тарафи дигар ҳамчун асари санъати ороишиест, ки симои маънавии инсонро шакл медиҳад. Барои инсон ҳар як ашёи либос ҳам шакл ва ҳам маънои хосро дорад. Таърихи либос аз давраи қадим то замони мо ҳамчун оинае мебошад, ки таърихи башарият дар он инъикос гардидааст. Ҳар миллату ҳар давлат дар давраи муайяни ташаккулёбии худ хусусият ва нақшу тарҳи либоси хосеро дорост»[9]. Аксар тадқиқоти дар атрофи этнография анҷомшуда сирф тахассусӣ бошанд ҳам, барои кушодани маънои бисёр вожаҳо маълумоти пурқимат дода метавонанд. Масалан, дар ифодаи имрӯз вожаи **ҷома** чун ифодагари либоси пахтагини зимистона аст. Аммо дар "Шоҳнома" он маъниҳои зиёдеро дорост, ки ҳайратовар аксари ин урфу одатҳои марбути **ҷома** дар байни мардум боқӣ мондааст! Масалан, маънои рахти ороишӣ ё матоъ ё фарше, ки тавассути он деворҳову айвону роҳравҳоро орову торо медоданд, имрӯз ҳам байни мардум ривоҷ дорад. Дар "Шоҳнома" барин асари бузурги таърихӣ он шодиовару мутантан ба назар мерасад. Чунончи рахти ороишӣ, ки бо он ҳам қаср, ҳам тахт ва ҳам кӯчаҳоро оро медоданд, дар шоҳасар **ҷома** номида шудааст:

Ҳама бому дар ҷома овехтанд,
Дирам ба сари ӯ ҳаме рехтанд.

ё:

Ба айвонҳо тахти заррин ниҳед.
Ба вай ҷомаи хусравоин ниҳед [6, с.319].

ё ки:

Ба айвонҳо тахти заррин ниҳед,
Ба дар ҷомаи хусравоин ниҳед [7, с.628].

Дар "Шоҳнома" барои пешвози шахси олимартаба низ ҳама шаҳрро меоростанд. Имрӯз низ барои пешвози шахси воломақом, ҳамчунин дар ҷашнҳо, дар деҳот дар ду тарафи роҳ аз деворҳо қолину чакану бардеволӣ меовезанд, ки ин оин аз қадим сарчашма дорад:

Ҳама шаҳри Эрон биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.
Зи деворҳо ҷома овехтанд,
Зи бар мушку анбар ҳаме рехтанд [6, с.277].

Бояд гуфт, ки дар байни мардуми Ҷануб то имрӯз либосҳои арус ё маликаро, ки ҷиҳиз ё ҷиҳоз мегӯянд, дар гирдогирди ҳавлӣ ба намоиш мегузоранд ва бо як ибораи феълии "ҷиҳиз кашидан" дар ҷумлаи "Либосҳои арӯсро ҷиҳиз бикашед!" онро тарсим бастаанд. Ин оин рафта-рафта ихтисор шуд ва шаклҳои нав гирифт. Масалан имрӯз дар пойтахт арӯс худаш тез-тез либос иваз карда, ба назди мардум мебарояд ва салом медиҳад, ки ин анъанаи ҳамон ҷиҳиз кашидан дар шакли зинда аст! Бояд гуфт, ки ин тарзи амали арӯс хело зебо ва мутамаддин шудааст, ки оҳиста-оҳиста ба дигар навоҳӣ интиқол меёбад!

Таъкид мекунем, ки ин анъанаи тоҷики тоҷдор ё расми подшоҳӣ аст. Мардуми миёнаҳол ва камбағал вобаста ба имконияташ онро истифода мебурд. Аз ин рӯ вожаҳои тахту шоҳу подшоҳ имрӯз низ дар байни мардум маҳз дар урфу одати тӯйгузаронӣ ё маросими суру хурсандӣ боқӣ мондааст. Аҷибаш ин аст, ки одатан дар тӯйҳои калон

расми хатнасурро низ якҷо карда, кӯдаки барои хатна омодаро низ **шаҳбача** мегӯянд, ки шоистаи диққат аст!

Ҳамин тариқ, тадқиқи этнолингвистӣ аҳамияти калонро молик буда, маънои вожаро дар урфу одати мардум меҷӯяд. Рӯҳи маънисози вожагон дар урфу одати мардум нуҳуфтааст! Ҳеҷ як вожа худ аз худ пайдо намешавад. Он дар муддати даҳсолаҳо ҳамроҳ бо ҳаёти мардум суфта шуда, коркард шуда, таҳаввул ёфта, то ба имрӯз омада расидааст.

Воқеан, ҳар мавзӯе дар «Шоҳнома» муҳим аст. Ҳар ҳарфе дар «Шоҳнома» чун гуҳар арзишманд аст. Ҳар гуҳаре дар қолаби ҳаюлоии худ нодир аст, аммо Фирдавсӣ ин гавҳари носуфтаро суфтаву коркард намуда, пешкаши омма мекунад, ки он қимати лафзи дурри дариро дучанд мегардонад.

Муқарриз: ***Саломов А.Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳусайн Нӯшин. Вожаномак. Фарҳанги вожаҳои душвори “Шоҳнома” / Нӯшин, Абдулҳусайн. - Теҳрон. 1384. – 489 с. [бо забони форсӣ]
2. Анварӣ, С. Вожаҳои низомӣ дар Шоҳнома / С.Анварӣ. – Душанбе: Маориф 1990. – 120 с.
3. Бобомуродова М.У. Пажӯҳиши [таҳқиқи] этнолингвистии вожагони ороишии занон / М.У. Бобомуродова. – Душанбе, 2014. – 167 с.
4. Гёте И.В. Девони ғарбӣ-шарқӣ / И.В. Гёте. – Душанбе: Адиб, 2011. – 384 с.
5. Исматов С.М. Тоҷ андар «Шоҳнома» / С.М.Исматов. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 166 с.
6. Кабиров Х. Тадқиқи этнолингвистии тоҷикони Чин: дисс... док. илми филол... / Х.Кабиров. – Душанбе, 2017.
7. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Қ.1. / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 2003. – 490 с.
8. Марям Неъмати Товусӣ. Фарҳанги намоишҳои суннатӣ ва оинии Эрон / Товусӣ, Марям Неъмат. – Теҳрон: Доира, 1392. – 272 с.
9. Олимова А.Ф. Либосвожаҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / А.Ф. Олимова // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, 2019. - №1(254). – С.211-214.
10. Розҳои "Шоҳнома” [маҷмӯаи мақолот бо кӯшиши Ёсир Муваҳҳидфард]. - Теҳрон: Бунёди Фирдавсӣ, 1390. - 331 с.

АҲАМИЯТИ ТАДҚИҚИ ЭТНОЛИНГВИСТӢ

Дар мақола ба этнолингивтика ва аҳамияти он дар забоншиносӣ таваҷҷуҳ шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки этнолингвистика ҳарчанд солҳои ахир чун соҳаи нав дар илми забоншиносӣ зуҳур намуда бошад ҳам, дар ин самт натиҷаҳои назаррасу муассир ба даст оварда шудааст. Муаллиф этнолингвистикаро аз нигоҳи луғавӣ ва истилоҳӣ шарҳ додааст. Ба ақидаи ӯ вожаи нажод дар ифодаи этнос мувофиқ буда, инро дар “Шоҳнома” дидан мумкин аст. Дар саросари асар нажоди Каён бар тамоми нажоди дигар афзалу муҳтарам шумурда шуда, онро эътироф мекунанд. Дар мақола таъкид шудааст, ки руҳи маънисози вожагон дар урфу одати мардум нуҳуфтааст ва ҳеҷ вожае худ аз худ пайдо намешавад. Масалан, дар ифодаи имрӯз вожаи **ҷома** чун ифодагари либоси пахтагини зимистона аст, аммо дар "Шоҳнома" он маъниҳои зиёдеро дорост.

Калидвожаҳо: этнография, этнолингвистика,забоншиносӣ, нажод, урфу одат, шоҳ, тахту тоҷ

ЗНАЧЕНИЕ ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ

Статья посвящена этнолингвистике и ее значению в языкознании. Автор подчеркивает, что хотя этнолингвистика и возникла в последние годы как новое направление в языкознании, в этой области были достигнуты значительные и эффективные результаты. Автор описывает этнолингвистику, с точки зрения лексикографии и терминологии. По его мнению, слово раса уместно в выражении этнической принадлежности, и это можно видеть в Шахнаме. На протяжении всей работы раса Каинов признается и почитается среди всех других рас. В статье подчеркивается, что смысловой дух слов заложен в традициях народа и никакие слова не возникают сами по себе. Например, в сегодняшнем выражении слово «джома» используется для обозначения зимней одежды, а в «Шахнаме» оно имеет множество значений.

Ключевые слова: этнография, этнолингвистика, языкознание, раса, обычай, царь, трон.

THE IMPORTANCE OF ETHNOLINGUISTIC STUDIES

The article focuses on ethnolinguistics and its importance in linguistics. The author emphasizes that ethnolinguistics, although in recent years has emerged as a new field in linguistics, has achieved significant and effective results in this area. The author describes ethnolinguistics in terms of lexicography and terminology. In his opinion, the word race is appropriate in the expression of ethnicity, and this can be seen in the Shahnameh. Throughout the work, the Cain race is recognized and honored over all other races. The article emphasizes that the semantic spirit of words is embedded in the traditions of the people and that no words appear on their own. For example, in today's expression the word “joma” is used to mean winter clothes, but in “Shohnoma” it has many meanings.

Key words: ethnography, ethnolinguistics, linguistics, race, custom, king, throne.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исматзода Саъдӣ Маҳдӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 918-67-92-64**

Сведение об авторе: ***Исматзода Саъди Махди*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 918-67-92-64**

Information about the author: ***Ismatzoda Sadi Mahdi*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor, Department of stylistics and literary editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-67-92-64**

УДК: 811.21/.22+811.441

ГУРӮҲБАНДИИ ИҚИБОСОТИ АРАБӢ ДАР АСАРҲОИ НАСРИИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

(дар заминаи «Баҳористон» ва «Нафаҳот-ул-унс»)

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воридшавии калимаҳои арабӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ бо таърихи равобити ин ду ҳалқ алоқаи ногусастанӣ дорад. Чунонки таърих гувоҳ асту муҳаққиқон низ бар ин ақидаанд, муносибатҳо байни мардуми араб ва ориёинажод ба қаъри садсолаҳои пешазисломӣ рафта мерасад [ниг.: 3, с.139; 21, с.256; 23, с.5], аммо иқтибосшавии калимаҳо ба забони дарӣ пас аз зуҳури Ислом ва истилои арабҳо сурати тамоман дигар гирифт. Дар ин давра миқдори зиёди калимаву ибора ва ифодаҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардиданд. Дар ин маврид забоншинос А. Ҳасанов дуруст таъкид медорад, ки иқтибосоти арабӣ *«дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ беш аз ҳазор сол инҷониб вуҷуд дошта, бархе аз онҳо ҳоло ба сифати фонди асосии луғавӣ истифода мегарданд»* [15, с.53]. Забоншинос Ҳ. Маҷидов забони арабиро аз ҷумлаи забонҳое меҳисобад, ки дар давоми беш аз ҳазор сол на танҳо ба таркиби луғавии забони форсии тоҷикӣ, балки ба таркиби луғавии бисёр забонҳои дигар таъсири назаррас расонидааст. Ба ақидаи ӯ ба монанди забони арабӣ *«дар таърихи инкишофи забонҳои олам кам забонеро пайдо кардан мумкин аст, ки ба забонҳои дигар дар муддати беш аз ҳазор сол пайваста тазйиқ оварда ба онҳо беист калима дода бошад»* [7, с.100-101]. Иқтибосоти арабӣ на танҳо дар забонҳои мардуми Шарқи мусалмон, балки дар таркиби бисёр забонҳои дунё ба назар мерасанд. Масалан, мувофиқи маълумотҳо дар таркиби забони испанӣ зиёда аз 1250 вожаи арабӣ дар истеъмол аст. Ҳамчунин дар забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, итолиёвӣ, олмонӣ, русӣ ва дигар забонҳои аврупоӣ иқтибосоти арабӣ мавҷуданд [2, с.3]. Вале, ба назари мо, мақоми ин иқтибосот бештар дар гурӯҳи забонҳои форсию туркӣ, бахусус тоҷикӣ назаррас мебошад. Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар забони тоҷикӣ бо сабабҳои мухталифи сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, илмиву динӣ ва равобити гуногунҷабҳаи забонӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардида, аз сабаби ниҳоят муҳим будани мафҳумҳое, ки бо ёрии онҳо ифода мешаванд, мавқеи устувор пайдо намуданд.

Забоншиноси рус Л.С. Пейсиков дар бораи иқтибос шудани калимаҳои арабӣ ба забони дарӣ чунин мегӯяд: *«Воридшавии қисмати асосии иқтибосоти арабӣ ба даврони ташаккулёбии забони адабии форсии дарӣ ва гулгулшукуфии адабиёти форсу тоҷик рост омад. Қайд кардан зарур аст, ки лексикаи арабӣ ба забони адабӣ тақрибан баъд аз ду асри истилои арабҳо ворид гардид»* [10, с.36]. Маликушшуаро Баҳор иқтибосшавии калимаҳои арабиро ба таркиби луғавии забони форсии дарӣ ба чаҳор давра қисмат намуда, чунин меҳисобад, ки танҳо дар давраи аввал (асрҳои VII – XI) луғоту истилоҳот аз рӯйи зарурат иқтибос шудаанд [ниг.: 3, с.153-159].

Давраи зиндагӣ ва эҷоди Абдурраҳмони Ҷомӣ (асрҳои XV – XVI) давраи авҷи воридшавии арабизмҳо ба таркиби луғавии забони дарӣ аст, аммо В. А. Капранов Ҷомиро ҳамчун мутафаккире, ки ба забон назари хос дорад, исбот намуда, мегӯяд, ки ӯ ҷонибдори оммафаҳмии забон аст [ниг.: 6, с. 108]. Пас, метавон гуфт, ки иқтибосоти арабие, ки дар осори Ҷомӣ ба назар мерасанд, дар замони зиндагии ӯ аксаран оммафаҳм будаанд.

Дар насри бадеии Абдурраҳмони Ҷомӣ гурӯҳҳои гуногуни калимаҳои арабиро дидан мумкин аст. Мо онҳоро аз рӯйи хусусиятҳои дараҷаи ҳазмшавӣ, семантика, мансубият ба ҳиссаҳои нутқ тасниф карда метавонем, чунонки муҳаққиқон иқтибосоти арабиро дар забони адабии имрӯза баррасӣ намуда, ҳамин гуна тасниф менамоянд [ниг.: 20, с. 50; 11, с. 92-95].

а) Вобаста ба дараҷаи ҳазмшавӣ дар насри бадеии Ҷомӣ гурӯҳҳои зерини арабизмҳоро метавон дид:

1. Калимаҳое, ки имрӯз дар забон хусусияти умумиистеъмолӣ гирифта дар калимасозии забони тоҷикӣ фаъолона иштирок мекунад: *адаб [24, с.171; 17, с.396], ҷиноят [24, с.177], монеъ [24, с.177], нозир [24, с.178; 17, с.330], ҳозир [24, с.178; 17, с.364], узр [24, с.189; 17, с.342], таъзим [24, с.126; 17. с.420], ихлос [24, с.127], зариф [24, с.198; 17, с.418],*

соҳиб [24, с.46; 17, с.391], суҳбат [24, с.46; 17, с.364], китоб [24, с.47; 17, с.466], вақт [24, с.103; 17, с.338], таом [24, с.112; 17, с.353], зиёдат [24, с.46; 17, с.420], зиёрат [24, с.177; 17, с.442], мизоҷ [17, с.353], эътидол [17, с.353], суол [19, с.92].

Бояд гуфт, ки ҳамаи ин калимаҳо дар насри бадеии Ҷомӣ ниҳоят зиёд мебошанд ва ба он маъное истифода гардидаанд, ки имрӯз доранд:

Вай гуфта, ки карам дар авф он аст, ки ёд накунӣ ***чиноят****и ёри худро, пас аз он ки авф кардӣ* [24, с.177]; *Агар дар роҳ касе туро сарое ороставу канизаке неку додӣ, он туро аз* ***зиёрат****и ман монеъ омадӣ?…* [24, с.177]; *…маъҷуне, ки ҳарчанд* ***таом*** *хӯрад меъда гарон нагардад ва мизоҷ аз эътидол наяфтад* [17, с.353].

Чунин калимаҳо дар таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷик мавқеи устувор доранд ва дар калимасозӣ фаъолона иштирок менамоянд [9, с.16]. Онҳо ҳам дар баёни хаттии фикр, ҳам дар нутқи шифоҳӣ, ҳам дар услуби баланд ва ҳам дар услуби паст ба кор бурда мешаванд. Маънои онҳо ба ҳамаи соҳибони забон фаҳмост ва барои дарки ин маъно овардани мисол зарурате надорад [7, с.138].

Муҳаққиқ Т. Бердиева яке аз меъёрҳои иқтибосотро дар он медонад, ки онҳо бояд дар заминаи калимаҳои забони воридшудаашон калимаҳои нав созанд [4, с.7]. Профессор Б. Камолиддинов низ *«бо пасванду пешванд ё решаи калимаҳои тоҷикӣ васл гардида калимаҳои нав сохтани»* калимаҳои иқтибосиро аз нишонаҳои *«дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ҳазм гардидани онҳо»* меҳисобад [5, с.49]. Ба ақидаи забоншинос Ҳ. Маҷидов калимаҳои умумиистеъмол *«ба ҷумлаи вожаҳои фаъоли забон дохил мешаванд… Онҳоро аксар вақт дар мавриди офаридани калима, таъбир, истилоҳ, образҳо ва номҳои нав ҳамчун қолабҳои шинохташуда истифода мебаранд»* [7, с.138]. Дар насри бадеии Абдурраҳмони Ҷомӣ бо калимаҳои иқтибосии арабӣ мувофиқи меъёрҳои калимасозии забони тоҷикӣ калимаҳои нав сохта шудаанд. Ба монанди *шарифҳиммат [Н, 201], қавиҳиммат [17, с.359], некуадаб [24, с.201], беадабӣ [17, с.345], адабомӯз [17, с.362], хилватхона [24, с.289], соҳибҳолат [24, с.314], тарбиятёфта [24, с.330], дарлаҳза [24, с.333], байтак [24, с.418]:*

Пас мо рақс мекардем ва Бӯсаиди Тирмизӣ ***байтак****е мегуфт* [24, с. 418]. *Дарвеше* ***қавиҳиммат*** *бо подшоҳе соҳибшавкат тариқаи ихтилот ва собиқаи инбисот дошт* [17, с. 359].

Онҳоро нависанда дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ низ истеъмол менамояд: ***қадам*** *ранҷа фармудан [24, с. 433],* ***қадам*** *даркашидан [17, с. 360]* ***таом****и нозукон хӯрдан [24, с.474]:*

Забон ба *мулоқот бикушод, ки эй дарвеш, муҷиб чист,* ***ки аз мо*** *бибуридӣ ва* ***қадам*** *аз омадшуди мо* ***даркашидӣ****?* [17, с.359-360]; *Ҳарчанд падар вайро либосҳои фохир месохт ва таомҳои лазиз медод, ба он илтифот намекард ва мегуфт: «Ман ҷомаи занон намепӯшам ва* ***таоми нозукон намехӯрам»*** [19, с.582].

Аз ин бармеояд, ки ин калимаҳо ҳанӯз дар замони зиндагии Абдурраҳмони Ҷомӣ дар забони тоҷикӣ ҳазм гардида будаанд.

2. Калимаҳои арабие, ки хусусияти адабии китобӣ доранд: ***мақом*** *[24, с.44] – мартаба;* ***ҳазимат*** *[24, с.44] – торумор, шикаст, маглубият;* ***фохир*** *[17, с.582] – бошукӯҳ, олӣ, ҳар чизи нагз ва гаронбаҳо, ки боиси фахр аст;* ***муфохират*** *[17, с.724] – фахр кардан, болидан;* ***зил(л)*** *[24, с.64] – ҳақирӣ, нотавонӣ;* ***из(з)*** *[24, с.64] – мартаба;* ***заифа*** *[24, с.63] – нотавон, зан;* ***ҷурм*** *[24, с.189] – гуноҳ;* ***мутриб*** *[24, с.198] – сароянда;* ***нукта*** *[24, с.211] – зарофат, базла, шӯхӣ;* ***тазаввуҷ*** *[24, с. 330] – оиладорӣ;* ***иштиғол*** *[24, с.331] – шугл;* ***маҳзун*** *[24, с.403] – ғамгин;* ***магмум*** *[24, с.403] – ғамгин;* ***муҷиб*** *[24, с.360] – сабаб, боис, ҷавобдиҳанда;* ***таҳийят*** *[17, с.330] – сипос, ситоиш;* ***муғаннӣ*** *[17, с.330] – сароянда, навозанда;* ***фасеҳ*** *[17, с.460] – касе, ки суханаш равону зебо бошад, хушсухан;* ***балиғ*** *[17, с.460] – суханвар, зебогуфтор;* ***ҷуд*** *[17, с.330] – ҷавонмардӣ, саховат, бахшиш, эҳсон* ва ғайра.

Ин гурӯҳи калимаҳо дар таркиби луғавии забони адабии имрӯза вуҷуд дошта бошанд ҳам, *«дар забони зиндаи гуфтугӯйӣ кор фармуда намешаванд»,* дар забони адабии меъёрӣ низ кам истеъмол мешаванд. Аз ин ҷиҳат, аз калимаҳои умумиистеъмол фарқ мекунанд [8, с.106]. Чунин калимаҳо қисми зиёди арабизмҳои насри бадеии Абдурраҳмони Ҷомиро ташкил медиҳанд:

*…ва вайро башорат дод, ки ҳақ субҳонаҳу ва таоло туро фарзанди **наҷиби солеҳ** ҳоҳад дод* [24, с.444]; *…маро ин **муфохират** бас, ки номи ман бар забони Шайх рафт* [19, с.724]; *Вай шоири **фасеҳ** ва сухангузори **балиғ** аст* [17, с.460].

Дар мисоли боло ***наҷиб*** ба маънои *«шариф, асил, оқил ва боистеъдод»* [13, с.847], ***солеҳ*** ба маънои *«покдил, покдоман, некусират, порсо; некмард»* [14, с.256] корбаст шудааст. Калимаҳои мураккабе, ки аз онҳо сохта шудаанд, низ хосси услуби китобӣ мебошанд*: шикастахотир [24, с537], латифтабъ [24, с.593], наззорагӣ [24, с.597], соҳибшавкат [17, с.359], фикратпеша [17, с.361]*.

3. Шаклҳои ҷамъи шикастаи арабӣ. Ин гуна калимаҳо низ хусусияти адабии китобӣ доранд ва ба хотири шукӯҳу шаҳомат бахшидан ба сухан корбаст гардидаанд: ***қудамо*** *[24, с.46] – гузаштагон, аҷдодон;* ***куффор*** *[24, с.44] – кофарон;* ***кибор*** *[24, с.112] – бузургон;* ***расоил*** *[24, с.314] – рисолаҳо;* **манобир** [17, с.330] – минбарҳо; **асвот** [17, с.330] – савтҳо, садоҳо, овозҳо, оҳангҳои мусиқӣ, **алҳон** [17, с.330] – лаҳнҳо, оҳангҳо, навоҳо, хонишҳои хуш:

*Падари вай, ки аз **умано**и туҷҷор ва **агниёи кибор** буд ва аз Шом то ба Шероз омада буд ва он ҷо мутааҳҳил ва мутаваттин шуда, шабе дар хоб дид, ки Амиралмуъминин Алӣ разиаллоҳ (ъ)анҳу пеши вай таом овард ва бо вай бихӯрд* [24, с.444]*;* Ҳазорон достони ҳ*амду сано аз забони мурғони баҳ*ористони ишқу *вафо, ки аз* **манобир**и ***агсон**и фазлу* эҳсон ба *ҳусни* ***асвот*** ва тиби **алҳон** *аладдавом* хонанд ва ба ***масоме**и ҳозирони **маҷоме**и қудс ва нози*рони ***манозир**и унс асло маръишшуҳур ва-л-аъвом* расонанд [17, с.330].

Маънои калимаҳои ***умано*** *– шахсони боэътимод, шахсони ростқавлу бовафо;* ***туҷҷор*** *– савдогарон;* ***агниё*** *– бойҳо;* ***кибор*** *– бузургон*; ***мутаваттин*** *– маскангирифта*, ***муқимгашта****;* ***агсон*** *– гуснҳо, шохаҳои дарахтон;* ***масомеъ*** *– узвҳои шунавоӣ, гӯшҳо;* ***маҷомеъ*** *– маҷмаъҳо, ҷамъомадҳо;* ***манозир*** *– манзарҳо;* ***аъвом*** *– омиҳо* мебошад. Калимаҳои дар боло овардашуда дар қабатҳои дигари таркиби луғавӣ, инчунин дар ҳамин қабат низ муродифҳои тоҷикиву арабии дигар доранд. Дар мисолҳои боло истифодаи санъати бадеии сачъ як сабаби афзалият додан ба иқтибосоти арабӣ гардидааст. Калимаҳои ***туҷҷор – кибор, мутааҳҳил – мутаваттин, манобир – манозир, агсон*** **– алҳон,** ***масомеъ – маҷомеъ*** барои таъмини равонию оҳангнокии сухан корбаст шудаанд. Чунин мисолҳо дар насри бадеии Ҷомӣ ниҳоят зиёданд ва тадқиқоти махсусро талаб менамоянд.

Аз он ки Ҷомӣ дар бештарини асарҳои назмии худ суханро сутуда, равонӣ, ҳамафаҳмии онро ҷонибдор аст ва тарғиб мекунад, муайян намудани фаҳмоии онҳо ё дар кадом қабати луғавӣ ҷой доштани онҳо дар замони нависанда душвор нест. Бо чанд далел инро метавон собит намуд. Аввалан, Ҷомӣ дар бораи маънӣ ва забон дар як қасидааш мегӯяд:

Хуш ояд дар сухан санъат зи шоир, лек на чандон,
Ки орад дар камоли маънии мақсуд нуқсонаш.
Хаёли хос бошад холи рӯйи шоҳиди маънӣ,
Чу хол андак фитад, бар рух диҳад ҳусни фаровонаш [22, с.119].

Дигар ин ки Ҷомӣ вақте мураккабии рубоиёти худро, ки бештар истилоҳоти орифона доранд, пай бурд, шарҳе бар онҳо навишт [ниг.: 18, с.267-296].

Ӯ дар «Туҳфат-ул-аҳрор» низ доир ба забон сухан ронда мегӯяд:

Шоҳиди парварда ба сад иззу ноз
Беш ба машшота надорад ниёз:
Бар рухаш аз ғолияи мушксой
Хуб бувад хол, вале як-ду ҷой [16, с.256-257].

Аз ин ҷониб, метавон гуфт, ки калимаҳои иқтибосии арабӣ, ки мо ба гурӯҳи адабии китобӣ мансуб донистем, дар замони зиндагии нависанда хосси қабати дигари таркиби луғавӣ – умумиистеъмолӣ ё наздик ба он будаанд.

4. Калимаҳое, ки имрӯз дар истеъмол нестанд. Аслан ин гуна калимаҳо ниҳоят каманд: ***қудамо*** *[24, с.46] – гузаштагон;* ***акрон*** *[24, с.189] – ҳамсолон;* ***эсор*** *[24, с.46] – туҳфа кардан;* ***ассам*** *[24, с.63] – кар, ношунаво;* ***мавъизат*** *[24, с.146] – насиҳат;* ***тувуффӣ*** *[24, с.112] – вафот кардааст,* ***тафаҳҳус*** *[24, с.151] – тафтиш, ҷустуҷӯ, кофтуков;* ***сақалайн*** *[24, с.158] – инс ва ҷинн;* ***аимма*** *[24, с.211] – имомҳо;* ***заъқа*** *[24, с.211] – доду фарёд;* ***илҳоҳ*** *[24, с.219] – дархост;* ***сагур*** *[24, с.33] – эҳтиёҷот;* ***сунан*** *[24, с.235] – одат, роҳ, равиш;* ***марзуқ*** *[24, с.240] – ризқдодашуда;* ***қоид*** *[24, с.245] – роҳнамо;* ***атбоъ*** *[24, с.245]*

– тобеон; ***мураққаъ*** *[24, с.245] – дарбеҳдор, як навъ либоси дарвешон;* ***дурроъа*** *[24, с.246] – навъе либоси ҷангӣ;* ***соил*** *[24, с.247] – пурсанда, гадо;* ***тибат*** *[24, с.281] – хушӣ, покизагӣ;* ***тафвиз*** *[24, с.289] – вогузорӣ, супориш;* ***сабӯъ*** *[17, с.339] – ҳайвони ваҳши даранда;* ***муқаддарот*** *[17, с.343] – сарнавишт, тақдир;* ***ҳирмон*** *[17, с.343] – маҳрумӣ, бенасибӣ, бебаҳрагӣ, ноумедӣ, маҳҷурӣ;* ***идбор*** *[17, с.382] – бадбахтӣ;* ***базл*** *[19, с.351] – бахшиш;* ***вадиат*** *[19, с.582] – амонат, чизи ба амонат гирифташуда;* ***мавҳабат*** *[19, с.488] – ато, бахшиш, эҳсон* ва ғайра.

Калимаҳои зикршударо, бешубҳа, ҳам дар осори назмию насрии замони Абдурраҳмони Ҷомӣ, ҳам дар асарҳои адибони пеш аз ӯ ва минбаъда дучор метавон шуд, аммо онҳо ниҳоят кам ба назар расида, аз лиҳози таркиби овозӣ ва шакли калима ба забони тоҷикӣ мутобиқ нашудаанд.

Масалан, калимаи ***қудамо –*** قُدَمَاء дар адабиёти классикӣ маъмул аст, онро нависанда ба ҳамон маънои маъмулиаш, ки дар луғат низ ба ҳамон маънӣ аст, истифода мебарад. Он калимаи сермаъно буда, решааш قدم бар вазни маъмулии فُعَلَاء аст ва маънои قَدِمَ *«омада расидан»* ва قَدَمَ «*гузаштан*, *пеш гузаштан*» [1, с.625] мебошад ва аз ҳамин реша сифати аслии *«*قَدِيمٌ *куҳна*, *гузашта*» [1, с.626] сохта шудааст, ки шумораи ҷамъи он قُدَمَاء ё قُدَامَى ба маъноҳои 1) *«куҳна; қадима»* ва قُدَمَاء бошад ба маъноҳои *«1) одамони куҳна, гузаштагон; 2) атиқа, 3) куҳна, 4) фартут, фарсуда»* омадааст [1, с.626]. Ин калима дар осори классикии форсу тоҷик ба маънои *«одамони куҳна, гузаштагон, бузургони гузашта»* маъмул буд. Бояд гуфт, ки калимаи мазкур ба маъноҳои *«куҳна, фарсуда»* дар забони мо истеъмол намегардад. Ҷомӣ низ онро ба маънии «*бузургони гузашта*» истеъмол мекунад:

Шогирди имом Зуфар аст. Аз ***қудамо****и машоихи Балх аст* [24, с.46].

Ё вожаи ***муқаддарот*** шакли ҷамъи исми мафъули феъли навъи дуюми забони арабӣ قَدَّرَмебошад. Ин феъл сермаъно буда, дар луғат *«1) муайян кардан, ҳисоб кардан, шумурдан; андозаро муайян кардан; миқдорро нишон додан; 2) баҳо додан, арзиш таъйин кардан, қадр кардан, тақдир кардан; 3) таъйин кардан, ҳукм кардан; 4) фарз кардан, гумон кардан, тахмин кардан, зимнан дар назар доштан; 5) тайёр кардан, муҳайё намудан; ба вуҷуд овардан; 6) таъйин кардан, пешакӣ муқаррар кардан, тақдирро муайян кардан»* шарҳ дода шудааст [1, с.624]. Исми мафъули ин феъл ба маъноҳои *«муайянгардида, арзишдодашуда, тақдиркардашуда; 2) зимнан дарназардошташуда; 3) пешакӣ муқарраркардашуда, пешакӣ таъйинкардашуда, пешакӣ ҳалкардашуда»* [1, с.625] ба кор бурда мешавад. Аммо дар насри бадеии Ҷомӣ ин калима дар шакли ҷамъ ба маънои *«тақдир, сарнавишт»* ба кор бурда шудааст:

Агар тамаъро пурсанд, ки падарат кист, гӯяд: «Шак дар ***муқаддарот****и кирдигорӣ»* [17, с.343].

Яъне, дар насри нависанда калимаи сермаънои ***муқаддарот*** танҳо ба яке аз маъноҳои мушаххаси худ кор фармуда шудааст. Дар ин бора ҳақ ба ҷониби муҳаққиқи рус Смирнитсикий аст, ки мегӯяд: *«Калима аз як забон ба забони дигар на ба таври яклухт, ҳамчун воҳиди нурра ва мукаммали аз ҷиҳати грамматикӣ танзимгардида, балки танҳо, гуфтан мумкин аст, ки ҳамчун ҷузъи шакли муайяннадоштаи воҳиди лексикӣ иқтибос мешавад, ки дар системаи забони иқтибосгиранда муҳити навро соҳиб мегардад»* [12, с.235].

Калимаҳои дар ин гурӯҳ зикргардида қариб ҳама калимаҳое мебошанд, ки танҳо дар ҳамин шакл ва вазнашон имрӯз истеъмол намегарданд, аммо калимаҳои ҳамрешаи онҳо дар забони имрӯзаи тоҷикӣ вожаҳои маъмуланд. Аз ҷумла аз ***эсор*** *– нисор;* аз ***тувуффӣ*** *– вафот;* аз ***сигар*** *– сагир;* аз ***сунан*** *– суннат;* аз ***марзуқ*** *– ризқ, розиқ*; аз ***мавъизат*** *– воиз*, *вазъ;* аз ***соил*** *– суол*, *масъул;* аз ***аимма*** *– имом;* аз ***атбаъ*** *– тобеъ;* аз ***қудамо*** *– қадим;* аз ***муқаддарот*** *– тақдир* дар қабатҳои мухталифи лексикии забони имрӯза дар истеъмол мебошад.

5. Гурӯҳи дигари серистеъмоли арабизмҳо **ибора, таркиб, ифода ва ҷумлаҳои арабие** мебошанд, ки дар асар дучор мешаванд. Нависанда аз ин гуна қолабҳои синтаксисӣ фаровон истифода мебарад:

Ва конат шаҳодатуҳу – ***қаддаса Оллоҳу таоло рӯҳаҳу*** *– фи шуҳури сана самони ашара ва ситамиа (Шаҳодати ӯ, Худованд рӯҳашро шод гардонад, дар моҳҳои соли 618 будааст)* [24, с.427].

Чунин тарзи истеъмоли арабизмҳо танҳо хосси услуби Ҷомӣ нест, балки ин анъанаест, ки дар кулли асарҳои таърихӣ, тазкираҳо, асарҳои илмии классикони форсу тоҷик дучор мешавад. Бешубҳа, ашъоре, ки бо ду забон якбора эҷод мешавад, аз ҳамин услуб сарчашма мегирад. Он дар адабиёти классикии мо ниҳоят маъмул буд. Аммо ҳар нависанда ба ин гуна тарзи ифода бо услуби ба худ хос муносибат мекунад.

Аз баррасии гурӯҳбандии иқтибосоти арабӣ дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ – «Баҳористон» ва «Нафаҳот-ул-унс» метавон натиҷагирӣ кард, ки иқтибосоти арабӣ ҷузъи муҳимми таркиби луғавии ин асарҳои насрии адиб ба ҳисоб рафта, барои ифодаи барҷастатарин хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва услубии ин асарҳо ба кор бурда шудаанд ва барои саҳеҳу равшан ифода намудани мақсаду мароми нависанда нақши муҳим бозидаанд. Дар асарҳои мавриди таҳқиқ гурӯҳҳои мухталифи иқтибосоти арабӣ ба назар мерасанд. Аз рӯйи дараҷаи ҳазмшавӣ қисми аз ҳама зиёди иқибосоти арабиро калимаҳои умумиистеъмол ташкил медиҳанд. Чунин калимаҳо дар забони имрӯза низ мавқеи устувор доранд, дар калимасозӣ фаъолона иштирок мекунанд ва маънои онҳо низ тағйир наёфтааст. Иқибосоти арабии дорои хусусияти адабии китобӣ низ дар асарҳои нависанда мавқеи назаррас доранд. Чунин калимаҳо дар таркиби луғавии забони адабии имрӯза вуҷуд дошта бошанд ҳам, дар забони зиндаи гуфтугӯйӣ дар истеъмол нестанд, дар забони меъёрии адабӣ низ кам ба кор бурда мешаванд. Як қисми зиёди калимаҳои дорои хусусияти адабии китобии асарҳоро шаклҳои ҷамъи шикастаи арабӣ ташкил медиҳанд, ки ба хотири шукуҳу шаҳомат бахшидан ба каломи нависанда корбаст шудаанд. Дар баробари ин, қисми ками иқтибосоти арабии асарҳои нависандаро вожаҳое ташкил медиҳанд, ки имрӯз умуман дар истеъмол нестанд. Чунин вожаҳо дар осори назмию насрии асарҳои адибони гузашта ба назар расанд ҳам, аз ҷиҳати шакл ва таркиби овозӣ ба забони тоҷикӣ мутобиқ нагардидаанд. Дар баробари ин, нависанда барои ифодаи матлаб на танҳо калима, балки таркиб, ифода ва ҷумлаҳои арабиро низ фаровон ба кор мебарад. Чунин тарзи истеъмоли қолабҳои синтаксисии арабӣ танҳо хосси услуби Ҷомӣ набуда, дар тамоми асарҳои таърихӣ, тазкираҳо ва асарҳои илмии классикон ба назар мерасад ва ҳар нависанда дар истифодаи чунин қолабҳо ба тарзи ба худ хос муносибат кардааст.

Муқарриз: ***Саломов А.Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Баранов, Х.К. Арабско-русский словарь / Х.К. Баранов. – М.: Русский язык, 1985. – 944 с.
2. Бахтиярова, А.Н. Арабские заимствования в башкирском языке. Авт. дисс. на соиск. уч. степ. канд. фил. наук / А.Н. Бахтиярова. – Уфа, 2009. – 25 с.
3. Баҳор, М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ / М.Баҳор: талхиси Саййидабӯтолиби Миробидинӣ; зери назари Н.Ю. Салимов; баргардони Ш. Р. Исрофилниё, Н. Саркоров. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.
4. Бердиева, Т. Назарияи иқтибос / Т. Бердиева. – Душанбе, 1991. – 128 с.
5. Камолиддинов, Б. Нависанда ва иқтибоси калима / Б. Камолиддинов // Сухандонон сухан санҷида гӯянд. – Душанбе, 2005. – 148 с.
6. Капранов, В.А. К вопросу о воззрениях Джами на язык / В.А. Капранов // Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо – Душанбе: Ирфон, 1965. –С.105-117.
7. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Девештич, 2007. - Ҷ. 1. – 243 с.
8. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 2011. – 385 с.
9. Окилова, Х.А. Лексические особенности персидской поэзии Мухаммада Икбола: авт… дисс… на соис. уч. степ. канд… фил. наук / Х.А. Окилова. – Душанбе, 2017. – 24 с.
10. Пейсиков, Л.С. Лексикология современного персидского языка / Л.С. Пейсиков. – М., 1975. – 206 с.
11. Сабзаев, С. Забон ва сабки баёни Мавлоно Ҷалолуддин Балхӣ / С. Сабзаев. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 520 с.
12. Смирницкий, А.И. Лексикология английского языка / А.И. Смирницкий. – М., 1956. – 318 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.1. – 962 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 2. – 948 с.
15. Ҳасанов, А.А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯйиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ) / А.А. Ҳасанов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 253 с.
16. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Тӯҳфат-ул-аҳрор / Абдурраҳмони Ҷомӣ // Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.3. – 288 с.

17. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон / Абдурраҳмони Ҷомӣ // Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.7. - 544 с.
18. Ҷомӣ, Абдураҳмон. Шарҳи рубоиёт / Абдурраҳмони Ҷомӣ // Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. - С.267-296.
19. Ҷомӣ, Абдурраҳмон Мавлоно Нуриддин. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс: таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо М. Оқилова, Б. Мирсаидов / Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе, 2013. – 866 с.
20. Шаропов, Н. Пути развития лексики современного таджикского литературного языка / Н. Шаропов. – Душанбе: Дониш, 1988. – 135 с.
21. بهار، محمدتقی (ملک الشعراء). سبکشناسی یا تأریخ تطور نصر فارسی \ محمدتقی بهار. – تهران، 1337. – جلد اول. – 468 ص.
22. حکمت، علی اصغر. نور الدین عبد الرحمان جامی \ علی اصغر حکمت. – اول خیابان دانشگاه تهران: انتشارات "طوس"، 1363. – ص. 119
23. شوشتری، محمدعلی امام. پیشگفت \ محمدعلی امام شوشتری \\ فرهنگ واژه های فارسی در زبان عربی. تألیف محمدعلی امام شوشتری. – تهران: انجمن آثار ملی، 1347. – 712 ص.
24. نفحات الانس من حضرات القدس \ تألیف نور الدین عبد الرحمان جامی. مقدمه تصحیح و نعلیقات دکتور محمد عبادی. – تهران، 1370. – 1214 ص.

ГУРӮҲБАНДИИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР АСАРҲОИ НАСРИИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

(дар заминаи «Баҳористон» ва «Нафаҳот-ул-унс»)

Дар мақола гурӯҳҳои мухталифи иқтибосоти арабӣ дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ – «Баҳористон» ва «Нафаҳот-ул-унс» мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. Таъкид карда мешавад, ки иқтибосоти арабии асарҳои насрии Ҷомиро аз рӯйи хусусиятҳои дараҷаи ҳазмшавӣ, семантика, мансубият ба ҳиссаҳои нутқ тасниф кардан мумкин аст. Муҳаққиқ иқтибосоти арабии асарҳои нависандаро вобаста ба дараҷаи ҳазмшавӣ тасниф менамояд. Таъкид карда мешавад, ки қисми зиёди иқтибосоти арабии асарҳои нависанда хусусияти умумиистеъмолӣ дошта, дар таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷик мавқеи устувор доранд ва дар калимасозии забони тоҷикӣ фаъолона иштирок мекунанд, мувофиқи қонуну қоидаҳои калимасозии забони тоҷикӣ калимаҳои нав месозанд. Гурӯҳи дигари иқтибосоти арабӣ дорои хусусияти адабии китобӣ арзёбӣ мешаванд, ки дар таркиби луғавии забони адабии имрӯза вуҷуд дошта бошанд ҳам, дар забони зиндаи гуфтугӯйӣ кор фармуда намешаванд ва дар забони адабии меъёрӣ низ кам истеъмол мешаванд. Қисми сеюми иқтибосоти арабии насри нависанда, дар забони имрӯза умуман дар истеъмол нестанд. Ин гуна вожаҳо ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати таркиби овоз ба забони тоҷикӣ мутобиқ нашудаанд. Дар баробари ин, дар асарҳои насрии нависанда як миқдор ибора, таркиб, ифода ва ҷумлаҳои арабӣ дучор мешаванд, ки истеъмоли чунин қолабҳои синтаксисӣ на танҳо хосси услуби Ҷомӣ, балки анъанае дониста мешавад, ки дар тамоми асарҳои таърихӣ, тазкираҳо, асарҳои илмии классикони форсу тоҷик ба назар мерасад.

Калидвожаҳо: нависанда, асар, забон, услуб, калима, иқтибос, таркиби луғавӣ, сабаб, мафҳум, дараҷаи ҳазмшавӣ, семантика, калимаҳои умумиистеъмол, калимасозӣ, баёни хаттӣ, нутқи шифоҳӣ, забони адабии меъёрӣ.

КЛАССИФИКАЦИЯ АРАБИЗМОВ В ПРОЗЕ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ

(на примере «Бахористон» и «Нафахот-ул-унс»)

В статье рассматриваются группы арабских заимствований в прозе Абдурахмана Джами – «Бахористон» и «Нафахот-ул-унс». Подчеркивается, что арабские заимствования прозаических произведений Джами можно классифицировать по степени освоенности, семантике, их отношению к частям речи. Исследователь классифицирует арабские заимствования прозы писателя по степени освоения. Особо подчеркивает, что большая часть арабских заимствований прозы писателя несут общеупотребительный характер и занимают прочное место в словарном составе таджикского литературного языка и активно участвуют в словообразовании таджикского языка в соответствии с деривационными правилами. Другая группа арабских заимствований имеют литературно-книжный характер, которые хотя и существуют в нормативном литературном языке, однако отсутствуют в разговорном. Третья часть арабских заимствований прозы писателя на сегодняшний день не употребляются. Данные лексемы не были адаптированы в таджикском языке по звуковому составу и форме. Наравне с этим в прозе писателя встречаются ряд арабских словосочетаний, сочетаний, выражений и предложений, которые свойственны не только стилю Джами, но и традиционно используются во всех исторических научных произведениях, тазкирах классиков персидско-таджикской литературы.

Ключевые слова: писатель, произведение, язык, стиль, слово, заимствования, словарный состав, причина, понятие, степень освоения, семантика, общеупотребительная лексика, словообразование, письменное изложение, разговорная речь, нормативный литературный язык.

CLASSIFICATION OF ARABISMS IN PROSE ABDURAHMAN JAMI

(on the example of “Bahoriston” and “Nafaot-ul-oons”)

The article deals with various groups of Arab borrowings in the prose of Abdurahman Jami – “Bahoriston” and “Nafaot-ul-oons”.It is emphasized that the Arabic borrowings of the prose works of Jomi can be classified according to the degree of mastery, semantics, their relationship to parts of speech. The researcher classifies the Arab borrowings of prose writer by degree of mastery. Emphasizes that most of the Arabic borrowings of the prose of the writer are common and occupy a strong place in the vocabulary of the Tajik literary language and are actively involved in the formation of the Tajik language, respectively, with derivational rules.Another group of Arabic borrowings are of a literary and book character, which, although they exist in the normative literary language, are absent in the spoken language. A third of the

Arab borrowings of prose writer are not used today. These tokens did not adapt in the Tajik language in terms of sound composition and form. Along with this, in the prose of the writer there are a number of Arabic phrases, combinations, expressions and sentences that are characteristic not only of the Jomi style, but are also traditionally used in all historical scientific works, tazkirs of the classics of Persian-Tajik literature.

Key words: writer, work, language, style, word, borrowings, vocabulary, reason, concept, degree of development, semantics, common vocabulary, word formation, written presentation, colloquial speech, normative literary language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷумъаев Мехроб Одинаевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-89-64-08**

Сведение об авторе: ***Джумаев Мехроб Одинаевич*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-89-64-08**

Information about the author: ***Jumaev Mehrob Odinaevich*** – Tajik National University, doctoral student of the history of language and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-89-64-08**

УДК: 491.436.1

ВОЖАГОНИ ТУРКӢ-МУҒУЛӢ ДАР ГӮЙИШИ ФАРХОРИ АФҒОНИСТОН ВА МУҚОИСАИ ОН БО ЛАҲҶАИ ҶАНУБИИ ТОҶИКИСТОН

Носирӣ Бибинилуфар
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Миллатҳо дар тӯли таърих ҳамеша бо ҳам дар иртибот буданд. Аз сӯйи дигар забон як падидаи мутаҳаввил аст, аз ин рӯ таҳаввул ва дигаргунӣ ҷузъи хислати зотии забон мебошад. Ба ҳамин хотир, робитаи байни миллатҳо ба забонашон таъсир гузошта, ба сурати мутақобил ба ҳамдигар вожаҳоро вом гирифтаанд. Таърихи забон нишон медиҳад, ки вожаҳои иқтибосшуда, аз забони бегона аксаран замоне сурат гирифта, ки мисдоқи он дар асли забон вуҷуд надоштааст. Назар ба ҳамин далел мутолеаи вожаҳои иқтибосӣ моро бо таърих, тамаддун ва фарҳанги ҳар миллати таъсиргузор ва таъсирпазир ошно месозад.

Ақвоми турк ҳамеша дар тӯли таърих дар канори ақвоми тоҷики даризабон дар Афғонистон зистаанд ва яке аз сокинони Афғонистон буда, таҷаммуъҳое муштараки иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дошта, дар канори ҳам дар пешбурди корҳои кишвар дахил ҳастанд ва аз ҳамин сабаб, вожаҳои зиёде аз забони туркӣ вориди забони дарӣ ва аз забони дарӣ ба забони туркӣ гардидааст. Яке аз роҳҳои густариши забон ворид кардани аносири вожагон аз дигар забонҳо ё гӯйишҳо аст.

Парвиз Нотили Хонларӣ чунин мегӯяд: “Пешрафт ва такомули тамаддуни башар натиҷаи барҳӯрд ва равобити ақвом ба якдигар аст. Иқтибос аз забонҳои дигар роиҷтарин тариқи падид овардани калимоти ҷадид аст. Забони ҳеҷ қавме нест, ки шомили теъдоди фаровоне аз луғоти бегона набошад” [8, с.114].

Юл Ҷ. менависад: “Фароянди вомгирӣ дар забони форсӣ низ мушоҳида мешавад. Вожаҳои аз қабили синамо, тиёртер ва монанди инҳо аз ҳамин гурӯҳи калимот ҳастанд” [12, с.80].

Видоъ Шиқоқӣ дар мавриди вомгирӣ чунин мегӯяд: “Ба далоили мухталиф гӯйишварони ҳар забон аз забонҳои дигар вом мегиранд. Дар бисёр маврид гӯйишварони забони гиранда бо падида ва ё шайъи воридотӣ мувоҷеҳ мешаванд, вожаи муносибе барои номидани он падида ё шайъ надоранд, бинобар он, вожаҳои марбут ба онро вом мегиранд. Гоҳе ин вомгирӣ ба далоили иҷтимоӣ ва равоншинохтӣ мебошад. Гӯйишварон бо он ки вожаи бумӣ барои мафҳуми мавриди назар доранд, ҳамчунон аз вомвожа истифода мекунанд, гоҳе истифода аз вомвожа, барои касби ҳувият ё эътибори иҷтимоӣ аст ва гоҳ ба сабаби он ки корбурди вожаи бумӣ матлуб воқеъ намешавад ва душвор аст, гӯйишварон тарҷеҳ медиҳанд аз вожаи бегона истифода кунанд. Бархе вақтҳо низ вомвожа аз шаффофияти бештар барҳӯрдор аст” [11, с.127-132].

Мутеъулло Ҳакимӣ мегӯяд, ки “Ҳангоми вом гирифтани вожаҳои бегона дар ҳар забон бинобар ба табиати он забон бархе дигаргуниҳои овоӣ, имлоӣ, дастурӣ ва маъноиро мепазирад, то рангу бӯйи тоза ба худ бигирад” [9, с.30].

Забони туркӣ дар чанд марҳила бар забони дарӣ таъсир гузоштааст. Нахустин таъсири забони туркӣ бар форсӣ дар замони ҳузури сарбозони турк дар артиши Сомониён рӯй дод, пас аз он дар замони фармонравоии Ғазнавиён, Салҷуқиён ҳамчунон дар замони ҳамлаи муғул теъдоди бештари вожаҳои туркӣ ба забони форсӣ роҳ ёфт. Аммо бештарин роҳёбии вожаҳои туркӣ ба забони форсӣ дар замонони фармонравоии Саффориён ва Қоҷориён анҷом пазируфтааст.

Намунаҳое аз вожаҳои иқтибосии туркӣ дар забони дарӣ ва мизони корбурди он дар лаҳҷаи Фархори Афғонистон баён мегардад [14].

Қулоч – хез задани асп, ҷустани асп, дар лаҳҷаи Фархор ин вожа ба шакли вожаи мураккаби “Чорқулоҷ”, яъне касе, ки қадамҳояшро дур-дур мемонад ва бо аҷала медавад, мебошад. Дар гӯйиши ҷанубӣ ин вожа вуҷуд надорад: Шариф чорқулоҷ медавад/ қулочакзанон куҷо меравӣ?

Оқо – ин калима аз пуркорбурдтарин калимот дар забони дарӣ мебошад. Дар луғати Муин ин калима туркӣ-муғулӣ омадааст, Оқо-оғо ба маънии бузург, сарвар ва падар, бародари падар, бародари бузургтар, амир, раис бузурги қавм. Унвоне, ки барои эҳтиром ба аввал ё охири исм меафзоянд [15]. Монанди оқо Муҳаммад ё Муҳаммад оқо.

Омоч ба маънои ҳадаф, нишон. Ин вожа дар гӯйиши ҷанубӣ ба маъноӣ сипор мебошад ва доктор Муин дар мавриди омоч чунин мегӯяд: “хоктуда карда, ки нишони тир бар он васл кунанд, омочгоҳ ҷойи нишон задан, нишона”. Мисол, Шариф омочи тир қарор гирифт.

Оғӯш /оқуш (оқ - сафед+қуш, паранда, яъне парандаи сафед). Оғӯш номе аст аз номҳои ғуломон ва бандагони турк ва он ба сурати намунаи номҳои туркӣ ба кор рафтааст. Ин вожа дар гӯйиши Фарҳори Афғонистон ва лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон ба маънои бағал, канор, паҳлу, зери оринҷ истифода мешавад. Талаффузи ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ “оғӯшт” омадааст [6, с.507]. Мисол: оғӯши модарамро дӯст медорам.

Бой - сарватманд, ғанӣ. Ин вожа дар лаҳҷаҳои Фарҳори Афғонистон ва ҷануби Тоҷикистон корбурди яксон дорад. Мисол, дили бой танг аст.

Чаповул - ғорат, дуздӣ. Ин вожа ба шакли вожаи мураккаб ва муродиф ба кор меравад, монанди чуру чаповул. Мисол, чаповулгарон ҳамаи осори Ойхонумро дуздиданд.

Қап - ба даст гирифтани чизе аз ҳаво. Ин вожа аз масдари қапидан омадааст, ки тарозуи бузургро қопон/ қапон/ капон гӯянд, ҳамчунон як навъ техники паҳлавониро низ қапон гӯянд [3, с.102]. Ин вожа дар фарҳанги ҷанубӣ ҳам ба маънои ба даст гирифтан истифода мешавад: бора биқап.

Чалак – далв барои кашидани об аз чоҳ, ки дар лаҳҷа истифода мегардад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ чанд маъно дорад: а) зарфи чӯбин барои хобонидани ҷурғот ва кашидани дуғ; б) асбоби пашмресӣ; в) мухлис, шавқманд; г) оташдони сандалӣ; ғ) навдаҳои ҳамешасабзи буттаҳои кӯҳӣ [6, с.817]. Ин вожа дар лаҳҷаи Фарҳор ба шакли чалук ба маънии оташдони сандалӣ истифода мегардад: чалука алов пур ку.

Чамча - кафгир, қошуқи бузург. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон ва лаҳҷаи Фарҳор корбурди фаровон дорад: дастаи чамчаам шикаста.

Утоқ - хона, ҳуҷра. Сохтмоне, ки чор тарафи он девор дорад ва болои он пӯшида мебошад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон ва лаҳҷаи Фарҳори Афғонистон ба ҳамин маъно истифода мешавад: ҳавлии шумо чанд утоқ дорад?

Қошуқ – чумча, ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон ва лаҳҷаи Фарҳори Афғонистон ба ҳамин маъно истифода мешавад: Мо як қошуқи миси ай даврони қадим дорем.

Шалтоқ - ғавғо, низоъ, таҷовуз, ин вожа дар лаҳҷаи Фарҳор дар шакли шалита истифода мегардад, ки маънои зани ҷангира ва бадкора мебошад: шалитагӣ накун! Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон дар шакли “шалаласт” истифода мешавад, ки ҳамин маъноӣ ғавғоро медиҳад: Э, буро шалитагӣ наку.

Қурма – решаи ин вожа аз қурмоғ гирифта шудааст, ки ба маънои ғизое, ки обгин набошад ва луоб дошта бошад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон дида намешавад: гӯшти қурбонира, қурма пухтум.

Дулма – исми ғизои туркӣ аз масдарӣ дурмоқ ба маънои пур шудан аст. Дар забони дарӣ дулма ба як навъи хосси мурч (қаламфур) гуфта мешавад, ки шаклан аз қаламфурҳои сабз калонтар аст ва тунд намебошад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон дида намешавад: буи мурчи дулмара дуст медорум.

Сенҷоқ – аз забони туркӣ гирифта шудааст. Дар забони туркӣ синҷоқ талаффуз мегардад ба маънои васл кардан ва пасванди “- оқ” пасванди исмсоз аст, ки феъли васл карданро ба исм табдил кардааст. Дар забони дарӣ ба маъноӣ сӯзанаке аст, ки таги он тугмаи кӯчаке омода шуда, барои васли ду чиз мисли порча баҳам аст ва ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон дида намешавад: варақҳора сенҷоқ бизан, тит нашава.

Хон – раис, сарвар. Ин вожа барои эҳтиром намудан ба мардон истеъмол мегардад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон ҳам ба шакли вожаи мураккаби “хонзода” истифода мешавад, ки ба маънои насли ҳокимони маҳаллӣ аст: Аҳмадхон мудири мактаб шуд.

Хонум – зани бузургзода, унвоне, ки барои эҳтиром, пеш ё пас аз номи занон гуфта мешавад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон дида намешавад: Хонуми Маҳмуд инсони хуб аст.

Қаймоқ – сари шир, замоне, ки ширро гарм мекунанд мемонанд, ки сард шавад, рӯйи он шир пардаи ғафс ба вуҷуд меояд, ки онро қаймоқ гӯянд. Дар лаҳҷаи Фарҳор чанд навъи

қаймоқ мураввач аст, монанди хомқаймоқ, қаймоқи қоқ. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон ба шакли қаймоғак омадааст: Ба ман қаймоқ мондӣ?

Йяилоқ – кӯҳпоя, ҷойи сардсер, иқоматгоҳи тобистонӣ, ҷойи хушобу ҳаво. Талаффузи ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ "айлоқ" омадааст: Дар ин тобистон мариз будам, йяилоқ рафта натонистам.

Қишлоқ - ҷойи гармсер, маҳалле, ки дар зимистон дар он ҷо кӯч кунанд. Дар забони дарӣ ин вожа дучори таҳаввули маъноӣ шуда, сирф ба маъноӣ қария ва ё деҳ истеъмол мегардад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон ба маънои кишлоқ ё деҳа васеъ истифода мешавад: қишлоқи мо ай шаҳр зиёд дур нест.

Туп - 1. Яке аз силоҳҳои оташини ҷангӣ, ки тавассути он гулӯлаҳои бузургро ба масофаи дур партов кунанд. 2. Гуи лостикӣ пур шуда аз бод, ки бо он бозӣ кунанд. 3. Воҳиди шумориш барои порча 4. Киноя аз вазъи молии хуб. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ васеътар истифода шуда бо вуҷуди доштани ҳар чор маъноӣ фавқуззикр маънии авлод, қавм, наслро дорад. Мисоли он дар лаҳҷаи Фархор: як туптикаи гоҷ ба хонаи арус бурдем.

Қурут – чизе, ки аз дӯғ ба даст ояд ва он чунин аст, ки дӯғро ҷӯш диҳанд то баста шавад, боз ба василаи даст ба ҳам зананд то туруштар гардад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ низ ба ҳамин маъно истифода мешавад: айлоқ рафтим имсол, каме қурут ба ма ҷур ку.

Қишқириқ - ҷору ҷангҷол, доду фарёд. Ин вожа дар лаҳҷаҳо, хоссатан дар лаҳҷаи Фархор истифода мегардад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ дида намешавад: Манижа қишқириқ када ба сарум омад, бачаи мара бачаи ту задай.

Элчӣ - фиристодаи махсуси сафир, маъмуре, ки барои анҷом додани умури девонӣ сафар мекард. Ин ҳам дар лаҳҷаи ҷанубӣ ба маъноҳои қавм, ақрабҳо, ом ва халқ омадааст. Дар лаҳҷаи Фархор ба маънои хабаррасон истифода мешавад: Элчиҳо омадан гап мезананд.

Қаровул - нигоҳбон, муҳофиз, посдор: қаровула хов бурда, толибон сари қаровулхона ҳамла кадан.

Қаровулхона - утоқе, ки посбонон як воҳиди низомӣ дар он мустақаранд, посдорхона. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон низ истифода мешавад: Толибон қаровулхонаро хароб кадан.

Озуқа - ғизои кам, ғизое, ки бо сафар бо худ доранд, тӯша, ғизо. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон ба маънои хӯрокворӣ истифода мегардад: Ятимон дар ҳавои сарди зимистон озуқа надоранд.

Апа - ба маънои ҳоҳари бузург, дар лаҳҷаи Фархор бештар ба маънои модар истифода мешавад. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ ҳам апа ба маънои хоҳари бузург мебошад. Ҳусайни Ямин низ апаро ба маънои хоҳар ба кор бурдааст [13, с.92]. Мисол: апама гуфтум, ки ба ма нони руғани пута куна.

Армағон - ҳадя, туҳфа, инъом, савғот, раҳоварди сафар. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ дида намешавад, бар ивази он вожаи савғот ва туҳфаро ба кор мебаранд. Дар лаҳҷаи Фархор ҳам бештар савғот мегӯянд ва баъзан армағон истифода мекунанд: Армағони шумо ай роҳи дур чӣ буд? Дасти холӣ омадӣ?

Чорук - кафши соқбаланд, ки то зери зону мерасад. Ин вожаро дар лаҳҷаи ҷанубӣ ба маънои пойафзори чӯпонӣ, ки аз пӯсти калони гов месозанд, гуфта мешавад [10, с.90]. Мисол: Бандӣ чоруқат канда.

Чахмоқ /чахмақ/чақмақ– санги оташзанак, як навъи санг, ки ду порчаи дугонаи онро вақте ба ҳам мезанӣ оташ мебарояд. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ ҳам чахмоқ/чамоқақ ба ҳамин маъно ба кор меравад: санги чақмақро биор бубинам. Ин вожа дар тамоми гӯйишҳои вилояти Тахор дида мешавад.

Қоиқ - киштӣ. Ҳам дар лаҳҷаи ҷанубӣ ва ҳам дар лаҳҷаи Фархор истифода мешавад. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ "қайиқ" талаффуз мегардад: Ай дарёи Панҷ ба қоиқ гузаштам.

Қӯшун - сипоҳ, лашкар. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ дида намешавад: Муҷоҳиддин қӯшуни шӯравиро шикаст дод.

Қайчӣ - абзоре, ки ба василаи он порчаи коғаз ва ашёи дигарро мебуранд ва дорои ду шохаи буранда аст, ки аз васат ба якдигар васл шудаанд. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ дида мешавад: Колома қайчи ку бидузум.

Чаққон - чобук/чолок. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷануб ҳам ба ҳамин маъно истифода мегардад [4, с.314]. Мисол: чақон-чақон бра, хе.

Қамчӣ - тозиёна, шалоқ. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ дида намешавад ва дар лаҳҷаи Фархор фаровон истифода мешавад: аспа қай қамчӣ зад.

Қуч – гӯсфанди шохдор. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ дида намешавад: Имсол як гӯспанди қуча қурбонӣ кадем.

Қима – гӯшти ба сурати пораи рез ва кӯчак буридашуда. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ ба ҳамин маъно истифода мешавад: Гӯштро қима ку (кун).

Яғмо – тороҷ, ғорат, чаповул. Ин вожаро дар лаҳҷаи ҷанубӣ ғорат мегӯянд: Дар замони ҷанг ҳама моли мардум ба яғмо рафт.

Қурт –фурӯ додани чизе дар гулӯ. Дар лаҳҷаи Фархор як қурт ба маънои як миқдори кам низ истифода мегардад. Ҳамчунон дар лаҳҷаи ҷанубӣ ҳам дида мешавад: нона қурт кадум гулунума гирифт, як қурт обам бите бихурум.

Ёғӣ - саркаш, нофармон. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ дида намешавад вале дар лаҳҷаи Фархор ба ашхоси бебанду бор ва ё саркаш ёғӣ мегӯянд: Ай баса ёғигарӣ наку.

Бибӣ - дар лаҳҷаи Фархор ба маънои модари падар ё аз модар мебошад ва ҳам ба маънои зане, ки бисёр зиёд хуб бошад итлоқ мегардад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ ба ҳамин маъно истифода мегардад: Бибима зиёд дуст медорум.

Чақалоқ - навзоди тоза ба дунё омада [4, с.315]. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ дида намешавад: ҷақалоқа бите да бағалум, ки ором шава.

Тасма - банди чармине, ки бад-он чизеро бибанданд, аммо ин вожа дар лаҳҷаи Фархор ба шахсе, ки бадани сахт дошта бошад истифода мегардад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ ба маънои банди чармин, яъне тасма истифода мешавад: Тасмаи бутам (кафш) канда шуд.

Тӯй - арӯсӣ, ин вожа ба шакли лаҷҳавӣ истифода мешавад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ ба чанд маъно корбурд дорад, монанди базм, шодмонӣ, арӯсӣ: имшаб дар туйи хешҳоямон нарафтӣ? Ҳамуқа туй хубаш буд, ки худо медона.

Ҷорчӣ – касе, ки хабар ё ҳукмеро бо садои баланд дар кӯчаву хиёбон ба гӯши мардон мерасонад. Ин вожа дар лаҳҷаи Фархор истифода мешавад, вале дар лаҳҷаи ҷанубӣ дида намешавад: Э, ҷорчӣ иқа ҷор наза гушама кар кадӣ.

Чоқ/чоғ – тандуруст, фарбеҳ, чалаву чок. Ин вожа дар лаҳҷаи Фархор корбурд дорад. Ҳамчунон ин вожаро дар лаҳҷаи Фархор лунбук ва дар лаҳҷаи ҷанубӣ фарбеҳ мегӯянд: чоқии зиёд мараз аст.

Чуқур – ин вожа дар забони туркӣ ба маънои шаробхона буда, аммо дар лаҳҷаи Фархор ба маънии гудол истифода мегардад ва дар лаҳҷаи ҷанубӣ ҳам дида мешавад. Мисол: наубуз аз баландӣ ғел шуд да чуқури ғалтид (он буз аз ҷойи баланд дар дохили гудол афтид).

Чулоқ – касе, ки пояш ланг бошад. Ин вожа дар лаҳҷаи Фархор ва лаҳҷаи ҷанубӣ ба ҳамин маъно истифода мешавад: пом (поям) ай хуноки чулоқ шуд.

Қочоқ – касе, ки чизеро бидуни иҷозатнома аз ҷое ба ҷое интиқол медиҳад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ дида намешавад: Чанд нафар ай роҳи қочоқӣ Эрон рафтанд.

Хотун – бонуи бузургзода, кадбону, бибӣ. Ин вожа дар лаҳҷаи Фархор ба шакли вожаи таркибии бибихотун истифода мегардад дар лаҳҷаи ҷанубӣ вуҷуд надорад: Бибихотуна бубин чиқа тоқии хубиш духта!

Эл - дӯст, ҳамроҳ. Ин вожа дар лаҳҷаи Фархор ба шакли ибора (элу ғел) ба маъноӣ якҷо истифода мегардад, яъне, ки дӯстони самимие, ки бо ҳам якҷо бошанд: Аҳмад бо ҳамсинфиҳояш элу ғел бозӣ мекунад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ дида намешавад.

Янга – зане, ки шаби арӯсӣ ҳамроҳи арӯс ба хонаи домод меравад ва дар лаҳҷаи ҷанубӣ ҳам ба ҳамин маъно истифода мешавад. Дар лаҳҷаи Фархор ба маънои зани бародар мебошад. Устод Ҳусайни Ямин дар китоби “Даромаде бар лаҳҷашиносӣ дар забони форсӣ-дарӣ” низ ба ҳамин маъно овардааст [10, с.82]. Мисол: Янгам апама хуб нигоҳ мекуна.

Қолпоқ - косаи филизӣ, ки дар васати чархи мошин рӯйи муҳраҳо васл мешавад. Ин вожа дар лаҳҷаи Фархор назар ба шабоҳати маъноӣ ба косаи сар иттилоқ мегардад. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ чандин маъноро ба худ ихтисос додааст. 1. Токӣ. 2. Каллапӯш. 3. Сӯхтаи таом. 4. Косахонаи сар. 5. Сарпуши чойнак: ҳамуқа сахт задӣ, ки қалпоқи сарам дард гирифт.

Қундоқ - дастаи туфанг, порчае, ки навзодро дар он мепечанд. Ин вожа дар лаҳҷаи Фархор ғундоқ талаффуз мешавад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ дида намешавад: қундоқи туфангам шикаста. Ғундоқи уштука (кудак) бите дар бағалум бигирум.

Уҷоқ - дегдон, оташдон. Ин вожа дар лаҳҷаи Фархор истифода мегардад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ ба маънои оташдони сайёр ва муваққатӣ истифода мешавад: Уҷоқа рушан кун.

Қутӣ - зарф барои нигаҳдории ашё. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ ба ҳамин маъно истифода мешавад: Як қути чой харидам.

Урду - гурӯҳи сипоҳиён бо тамоми лавозим, ки ба сӯйи ҷанг фиристонида шаванд. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ ба маънои қароргоҳи муваққатии лашкар истифода мешавад: Чанд сарбози урдуи миллӣ да ҷанги толибо шаҳид шуд.

Қайсунгул – ҳоҳари зан. Дар лаҳҷаи Фархор ба ҳамин маъно истифода мешавад вале дар лаҳҷаи ҷануб ҳам хоҳари зан ва ҳам хоҳари шавҳарро қайсунгул мегӯянд: ду қайсингелам қай (ҳамро)ма зиндагӣ мекуна.

Улоғ - хар, нофаҳм, аҳмақ. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ ва лаҳҷаи Фархор ба ҳамин маъно корбурд дорад: Ай бои зиёд камари улоғ шикаст.

Ҷеллав - пеш, муқобил, лагоми асп. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ дида намешавад ва дар лаҳҷаи Фархор ва дигар лаҳҷаҳои вилояти Таҳҳор ба ҳамин маъно корбурд дорад: ҷиллави аспата биги, ки саркаши накуна!

Дишлама - (ташлама) - чойе, ки дар он қанд ҳал накарда бошад. Дар лаҳҷаи Фархор ташлама кардан ба маънои андак хӯрок хӯрдан, ки боиси қувват дар бадан шавад. Ин вожа дар лаҳҷаи ҷанубӣ дида намешавад: Сабр ку! Каме ташлама кунум.

Қотуқ /қатуғ - мост, хӯрише, ки ба нон хӯрда шавад, хосси лаҳҷа аст. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ ҳам катиғ мегӯянд: Ширра катиғ моя ку.

Қуллуқ /қилиғ - одами беором, рафтори бемаънӣ, дар лаҳҷа қилиғ гуфта мешавад. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ ҳам ба ҳамин маъно истифода мешавад: қилиқ накун, ҳавсала надорум.

Боҷаноқ/ боҷа - ду марде, ки бо ду ҳоҳар издивоҷ карда бошад. Дар лаҳҷаи ҷануб ва Фархор ба ҳамин маъно вуҷуд дорад: Боҷа ҳамроҳи боҷа рашк дорад.

Куч – ҳаракате, ки аз ҷое ба ҷойи дигар сурат мегирад. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ куч ба маънои ашёи рӯзгорро ҳангоми кӯчидан гӯянд ва ҳамчунон дар лаҳҷаи Фархор куч ба маънои хонавода истифода мешавад: боми хонаам чаппа шуд кучам дар майдон мондаст.

Улҷа - чаповул ва ғанимат гирифтани мол. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ ҳам ба ҳамин маъно истифода мешавад: мардум як олам чизро улҷа кардан.

Ҷувоз - чӯби дастие, ки бо он гову харро ронанд дар лаҳҷаи Фархор ба шакли обҷувоз ба маънии дастгоҳи ибтидоӣ, ки аз зағир ва кунҷид равған мекашад. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ ҳам дастгоҳи равғанкаширо ҷувоз мегӯянд: дусе зағера да овҷувоз бурдам, ки руған бикаша.

Чечак - як навъи маризӣ, ки рӯйи бадан обла мезанад ва доғи он рӯйи пӯст мемонад. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ ба маънои нағзак истифода мешавад: доғи чечак ҳеҷ вақт пок намеша.

Қутулуғ (қултуғ) - оғӯш дар лаҳҷаи Фархор истифода мегардад, дар лаҳҷаи ҷанубӣ оғӯш мегӯянд: китобоша тайи қултуғ карду рафт (китобҳояшро дар бағал карду рафт).

Чегит - донаи пахта, ки аз он равған ҷудо карда мешавад. Дар лаҳҷаи Фархор ва лаҳҷаи ҷанубӣ корбурди васеъ дорад: чигити пахтара ҷудо кун.

Қабурға - устухони паҳлу. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ ҳам қабурға мегӯянд: қабурғом дард мекунад.

Хулоса, 70-вожаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ дар забони дарӣ ва лаҳҷаҳои он, бахусус дар лаҳҷаи Фархори Афғонистон ва дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон ҷараёнҳои аз ҳам ҷудогонаро паймудаанд. Аз ҷумла, теъдоди зиёди вожаҳое, ки дар ин мақола тазаккур дода шудааст, ба шакл ва маънои якхела дар ҳарду гӯйиш дида мешаванд, ки нишондиҳандаи решаи муштараки забони дарӣ ва тоҷикӣ мебошанд. Теъдоди ками вожаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ дар лаҳҷаи Фархори Афғонистон дида мешавад, ки аксари онҳо дар забони адабии дарӣ ҷой доранд. Теъдоде аз вожагони туркӣ-муғулӣ дар лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон вуҷуд надорад. Баъзан ин вомвожаҳо бо ҳифзи шакли яксон дучори тағйироти маъноӣ шудаанд.

Муқарриз: ***Шарифова Ф.*** – доктори илмҳои филологӣ,
профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбар А. Луғатномаи Деҳхудо. - Теҳрон: Иинтишорот ва чопи донишгоҳ, 1377. – 23912 с.
2. Амид Ҳ. Фарҳанги форсии амид. - Теҳрон: Амир кабир, 1375. – 1288 с.
3. Бохтариёнӣ Ҳ. Вожаҳо ва решаҳо. – Кобул: Саид, 1389. – 150 с.
4. Имоқ Ф. Фарҳанги туркӣ ва ӯзбекӣ ба форсӣ. - Кобул, 2017. – 778 с.
5. Муин М. Фарҳанги Муин (чопи сеюм). - Теҳрон: Нашри заррин, 1386. – 1832 с.
6. Маҳмудов М. Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М.Маҳмудов, Ғ.Ҷӯраев, Б.Бердиев. - Душанбе: пажӯҳишгоҳи фарҳангӣ форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷ.И.Эрон дар Тоҷикистон, 2012. – 946 с.
7. Назарӣ, Х. Робитаи забон ва лаҳҷа. - Кобул: Хуросон, 1393. – 119 с.
8. Хонларӣ, П. Забоншиносӣ ва забони форсӣ. - Теҳрон: Тус, 1366. – 304 с.
9. Ҳакимӣ, М. Забоншиносии таърихӣ-муқоисавӣ. - Тахор: Ганҷ, 1398. – 161 с.
10. Турақул, Зеҳнӣ. Аз таърихи лексикаи забони товикӣ. - Душанбе: Дониш, 1987. – 236 с.
11. Шиқоқӣ, В. Мабони сарф. – Теҳрон: нашри Фарҳанг, 1392. – 151 с.
12. Юл Ҷ. Нигоҳе ба забон. - Теҳрон: Лайлӣ, 1386. – 336 с.
13. Ямин М. Даромаде бар лаҳҷашиносӣ дар забони форсӣ-дарӣ. – Кобул: Саид, 1396. – 150 с.
14. https://ruwikipedia.org
15. Salaiyan.bogfa.com

ВОЖАГОНИ ТУРКӢ-МУҒУЛӢ ДАР ГӮЙИШИ ФАРХОРИ АФҒОНИСТОН ВА МУҚОИСАИ ОН БО ЛАҲҶАИ ҶАНУБИИ ТОҶИКИСТОН

Забони муосири дарӣ монанди дигар забонҳои дунё дорои лаҳҷаҳои гуногун ва зиёд мебошад, мутаассифона, то ҳол дар бораи ин лаҳҷаҳо камтар таҳқиқот анҷом дода шудааст. Нигаҳдории дурдонаҳои забонӣ дар гӯйишҳо нишондиҳандаи алоқамандӣ ва посдорӣ аз фарҳанги пурбори кишвари мо – Афғонистон мебошад ва забони адабии моро ғанӣ ва пурбор месозад. Гӯяндагони забон лаҳҷаҳоро назар ба табақоти мухталифи иҷтимоӣ, шуғл, син, ҷинс, савод доштан ё бесавод будан ба кор мебаранд ва забонро густариш медиҳанд. Яке аз роҳҳои густариши забон ворид кардани вожаҳо аз дигар гӯйишҳо ва забонҳо мебошад, ки ин корро вомгирӣ мегӯянд. Вомгирӣ далоили мухталиф дорад, аз ҷумла, надоштани вожа дар асли забон, гоҳе назар ба масоили иҷтимоӣ ва равоншинохтӣ бо вуҷуде, ки вожаи бумӣ барои мафҳуми мавриди назар доранд ҳамчунон аз вомвожа истифода мекунанд ва ё баъзан корбурди вожаҳои бумӣ душвор аст. Гӯйишварон тарҷеҳ медиҳанд, ки аз вожаҳои бегона истифода кунанд, баъзе авқот вомвожаҳо аз шаффофияти бештар бархӯрдор ҳастанд. Вожаҳои воми туркӣ дар чандин марҳила ба забони дарӣ таъсир гузоштаанд. Нахустин таъсири забони туркӣ ба забони дарӣ дар замони ҳузури сарбозони турк дар артиши Сомониён рӯй дод. Пас аз он дар замони фармонравоии Ғазнавиён, Салҷуқиён ҳамлаи муғулҳо ба Хуросон ва ҳамчунон бештарин роҳёбии вожаҳои туркӣ ба забони дарӣ дар замони фармонравоии Сафавиён ва Қоҷориён мебошад. Як теъдоди дигари вомвожаҳои туркӣ, ки феълан дар забони дарӣ ва лаҳҷаҳои он корбурд надорад, аммо дар гузаштаҳо дошта, сарфи назар гардидааст. Дар маҷмуъ 70-вожаи иқтибосии туркӣ-муғулӣ бо истифода аз: Фарҳангӣ Муин, Луғати Деҳхудо, Фарҳангӣ Амин ва Фарҳанги туркӣ ва ӯзбекӣ ба форсӣ, решаёбӣ шарҳу баён ёфтааст ва бо истифода аз фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ муқоиса ва таҳлил шудааст.

Калидвожаҳо: вомвожа, вожаҳои бумӣ, лаҳҷаи Фархор, вожаҳои фаъол, забони дарӣ.

ТУРЕЦКО-МОНГОЛЬСКИЕ СЛОВА В ФАРХОРСКОЙ РЕЧИ АФГАНИСТАНА И СРАВНЕНИЕ ЕЕ С ЮЖНЫМ СЛОВАРЕМ ТАДЖИКИСТАНА

Современный дари, как и другие языки мира, имеет множество различных диалектов, но, к сожалению, относительно данных диалектов проведено мало исследований. Сохранение языковых жемчужин в диалектах является показателем связи и уважения к богатой культуре нашей страны – Афганистана и обогащает наш литературный язык. Говорящие несмотря на то, что являются представителями разных социальных классов, профессий, возрастов, полов, различного уровня грамотности или неграмотности, используют диалекты и расширяют язык. Одним из способов расширения языка является заимствование слов из других диалектов и языков. Заимствование имеет множество аргументов. Говорящие предпочитают использовать заимтствованные слова, так как их использование более упрощенное. Заимствованные слова из турецкого языка повлияли на язык дари в несколько этапов. Первое влияние турецкого языка на язык дари произошло во время присутствия турецких солдат в армии Саманидов. Затем, во времена правления династий Газневидов и Сельджукидов, монголы вторглись в Хорасан, а язык дари был наиболее широко используемым тюркским словом во времена династий Сефевидов и Ходжаридов. Есть ряд других турецких гласных звуков, которые в настоящее время не используются в языке дари и его диалектах, но игнорировались в прошлом. В общей сложности 70 турецко-монгольских заимствований изложеныя на персидском языке с использованием Словаря Муина, Словаря Дехудо, Словаря Амина и Словаря турецкого и узбекского языков на персидском языке.

Ключевые слова: заимствованные слова, коренные слова, фархорский диалект, активные слова, язык дари.

TURKISH-MONGOLIAN WORDS IN THE FARKHORI SPEECH OF AFGHANISTAN AND ITS COMPARISON WITH THE SOUTHERN DICTIONARY OF TAJIKISTAN

Modern Dari, like other languages of the world, has many different dialects, but, unfortunately, little research has been done on these dialects. The preservation of linguistic pearls in dialects is an indicator of connection and respect for the rich culture of our country - Afghanistan and enriches our literary language. Speakers, despite the fact that they are

representatives of different social classes, professions, ages, genders, different levels of literacy or illiteracy, use dialects and expand the language. One way to expand a language is to borrow words from other dialects and languages. Borrowing has many arguments. Speakers prefer to use borrowed words because their usage is more simplified. Borrowed words from Turkish influenced the Dari language in several stages. The first influence of the Turkish language on the Dari language occurred during the presence of Turkish soldiers in the Samanid army. Then, during the reign of the Ghaznavid and Seljuk dynasties, the Mongols invaded Khorasan, and the Dari language was the most widely used Turkic word during the Safavid and Khojarid dynasties. There are a number of other Turkish vowels that are not currently used in Dari and its dialects, but were ignored in the past. A total of 70 Turkish-Mongolian loanwords are presented in Persian using the Muin Dictionary, Dehudo Dictionary, Amin Dictionary and Turkish and Uzbek Dictionary in Persian.

Key words:, borrowed words, root words, Farkhor dialect, active words, Dari language.

Маълумот дар бораи муаллиф. ***Носирӣ Бибинилуфар*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 17. E-mail: **Nilofarnaseri09@gmail.com.** Тел.: **(+992) 888-31-79-79**

Сведение об авторе. ***Носири Бибинилуфар*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **Nilofarnaseri09@gmail.com.** Тел.: **(+992) 888-31-79-79**

Information about the author: ***Naseri Bibinilufar*** - Tajik National University, Doctor PhD of Philology Department of the History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Str., 17. E-mail: **Nilofarnaseri09@gmail.com.** Тел.: **(+992) 888-31-79-79**

УДК: 491.550

ИСТИФОДАИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ОЧЕРКИ “САВОЛҲО, ҶАВОБҲОИ ЭНАҶОН БОЙМАТОВ”-И ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ

Афгонова М.Х.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Воҳидҳои фразеологӣ як қисми муҳим ва бобаракати таркиби луғавии забон буда, ҳамчун воситаи муассири нутқ дар ифоданокӣ, муассирӣ, образнокии нутқи нигоранда саҳми калон доранд.

Сохтори воҳидҳои фразеологӣ мисли сохтори воҳидҳои наҳвӣ таваҷҷуҳи бисёр олимони забоншиносро ба худ ҷалб кардааст ва дар ин самт мақолаҳои зиёде навишта шуда, бисёр паҳлуҳои онҳоро муайян кардаанд. Масалан, Н.Маъсумӣ дар китобаш «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» [3], профессор Ҳ.Маҷидов дар мақолаҳояш «Ибораҳои фразеологии феълӣ», «Таркибҳои фразеологӣ», Маҷидов Ҳ. “Таркиби ҷуфти фразеологӣ дар забони асарҳои устод Мирзо Турсунзода”, Ҳ.Ҷалилов дар «Ибораҳои тавтологӣ дар забони тоҷикӣ» ва ғайра оид ба хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ баҳсҳо карда, хусусиятҳои муҳимми онҳоро ошкор намудаанд.

Воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун воситаҳои муассири нутқ дар образнок, муассир, ҷаззоб ифода намудани матлаб истифода мегарданд. Нависандагон ва қаламкашон тавассути ин воҳиди лексикӣ матлабро рангин баён намуда, хонандаро муассир мекунанд. Тасвири олами ботинӣ, ҳодисаву воқеаҳо бо ёрии воҳидҳои фразеологӣ, воситаҳои муассири нутқ - синониму омонимҳо, калимаҳои зидмаъно, калимаҳои маҷозӣ боз дилкашу зебо тасвир меёбанд. Нависандагони нозукбину сухансанҷ метавонанд аз ин воситаҳои муассири забон фоида баранд. Фазлиддин Муҳаммадиев аз зумраи нависандагонест, ки забони равону рангин, сода доранд. Дар корбурди воситаҳои лексикӣ маҳорати нотакрор дорад.

Воҳидҳои фразеологӣ метавонанд ба сухан қабои маънии рангинро пӯшонанду завқи хонандаро бедор созанд. Яке аз хусусиятҳои характерноки воҳидҳои фразеологӣ яклухтии маънои онҳост, ки дар як давраи муайяни таърихӣ ба вуҷуд омада, бо мурури замон дигар мешаванд ва вусъат меёбанд.

Яке аз сабабҳои маънои мухталиф ва тобишҳои маъноӣ касб намудани воҳидҳои фразеологӣ ба тарзу сохти ҷумла, ба ҷиҳати маъноши калима ва таркибҳои дар ҷумла буда, инчунин ба хусусияту тобиши маъноши калимаҳои дар байни ҷузъҳои фразеологизм омада вобаста аст. Ин гуна тобишҳои маъноӣ ва маънои иловагиро, ки аз тавҷеҳи мазмуни ҷумла воқеъ мешаванд, тобиши маъноии контекстӣ номидан мумкин аст [14, с.13].

Истифодаи ибораҳои фразеологӣ дар асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ мавқеи хос дорад. Фазлиддин Муҳаммадиев барои ҷаззобият ин воситаи муассири нутқро дар нутқи тасвирии қаҳрамону персонажҳояш истифода намудааст. Дар очерки “Саволҳо, ҷавобҳои Энаҷон Бойматов” ибораҳои фразеологӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд.

Қисми аз ҳама бузурги воҳидҳои фразеологии забонамонро ибораҳои фразеологӣ ташкил медиҳанд. *Ибораҳои фразеологӣ аз рӯйи сохти зоҳирии худ ба ибораҳои озоди синтаксисӣ монандӣ доранд. Онҳо ҳам аз ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъно ташкил ёфтаанд, алоқаи байни ин калимаҳо зоҳиран тобеъ аст, чун дар ибораҳои озод дар ин гуна ибораҳои устувор низ яке аз ҷузъҳои таркибӣ калимаи дигарро ба худ тобеъ кардааст* [4, с.41]. Ҳаминро бояд зикр намуд, ки ҷузъҳои ибораҳои фразеологӣ устувор ва ҷудонашавандаанд. Онҳо маҷозан истифода мегарданд.

Ибораи фразеологии **ба аловгирӣ омадан** маъмул ва серистеъмол аст ва он чунин шарҳ ёфтааст: ба ҷое омада дарҳол рафтанӣ шудан, таваққуф накарда дарҳол рафтанӣ шудан, барои муддати кӯтоҳ омадан [11, с.20]. Дар ҷумлаи зерин ба маънои дар боло зикргардида омадааст: -Ин дафъа ҳам **ба аловгирӣ омадам**, гӯед?

-Апаи азиз, адибон ба назди Шумо хоҳ нимсоата биёянд, хоҳ якмоҳа ҳатман барои **аловгирӣ меоянд** [15, с.326].

Вусъату инкишофи маънои фразеологӣ дар дохили таркибу ибораҳои фразеологӣ равшан ифода мегардад. Ин хусусият боиси пайдо шудани синониму омонимҳои фразеологӣ мегардад. Ин ҳодисаро дар ибораҳои фразеологии **нигарон будан, чашмдор**

будан ё нигоҳ кардан - назар афкандан мушоҳида намудан мумкин аст. Ибораи фразеологии феълии **назар афкандан** ба маънои нигоҳ кардан [11, с.679] истифода гардидааст: Муддате рӯ ба рӯ сокит нишаст ва гоҳ-гоҳе ба сӯям хаёломез **назар афканд** [15, с.328].

Воҳиди фразеологии **забон хоидан** ба маънои фикри худро норавшан, печ дар печ гуфтан, сухани худро нимғурма кардан [11, с.20]; **забон хоида мондан -** нимғурма гап задан; чизеро изҳор карда натавониста хомӯш мондан [ФТЗТ, ҷ.1. с.519] корбаст мегардад. Нависанда бо истифодаи ин воҳиди фразеологӣ ҳолати персонажро ҷолиб ва воқеӣ тасвир намудааст: -Биё, пештар биё. Зану бачаҳот тинҷанд? Чӣ шуд вай...- **забон мехоид** раис, - масъалаи вай ...исқот? [15, с.326].

Ибораи фразеологии **қомат рост кардан** ба ду маъно фаҳмида мешавад: аслӣ ва маҷозӣ. Дар ҷумлаи зерин ба маънои рӯй ба беҳбудӣ овардан, нашъунамо кардан [11, с.551] истифода гардидааст: ...он равия ҳам дар таҳрири нави Устави КПСС, ҳам дар лоиҳаи тозаи Программаи КПСС ва ҳуҷҷатҳои дигари партия инъикос ёфтааст, ба тарзи урфӣ бигӯям **қомати** моро хеле **рост намуд** [15, с.328].

Ибораи фразеологии **сар халонидан** маъмул ва серистеъмол аст. Ибораи фразеологии **сар халонидан** ба маънои ба ҷое як даромада баромадан [12, с.64] шарҳ ёфтааст. Дар ҷумлаи зерин ба маънои **имкони даромадан надоштан** истифода гардидааст. Ибораи фразеологии **ба бод рафтан** ба маънои зоеъ рафтан омадааст: Қитъаҳое ҳастанд, ки он ҷо ҳатто чарх задани трактор, як сӯ истад, ягон хел механизм ҳатто **сар халонида наметавонад**. Заҳматамон ба бод рафт [15, с.229].

Ибораи фразеологии **дасту остин бар задан** маъмул буда, дар гуфтугӯ зиёд мушоҳида мегардад. Он ба маънои ба иҷрои коре тайёр будан меояд: Намегӯем, ки биёед, рафиқон, тоҷиро як сӯ монда, вай... номаш чӣ буд, компютерро ба пешамон гузошта ҳисоб карда бароем, ... баъд ваъда медиҳему барои кор **остин бармезанем** [15, с.230].

Бештари ибораҳои фразеологии асарро ибораҳои фразеологии феълӣ ташкил медиҳанд. Ҳар як воҳиди фразеологии феълӣ чун масолеҳи тайёри забонӣ дар ҷараёни нутқ ба мураттаб оварда нашуда, онҳо дар шакли тайёр аз захираи луғавии забон гирифта кор фармуда мешаванд. Истифодаи бо маврид ва бе нуқсони ибораҳои фразеологии феълӣ боиси саҳеҳ баён кардани фикр мегардад. Ибораҳои фразеологии феълӣ бевосита дар заминаи ибораҳои гуногуни пуробуранг ва образнок ба вуҷуд омада метавонанд. Ибораҳои фразеологии феълӣ дар пояи маънои аслӣ ба вуҷуд омада, маънои маҷозиро ифода мекунанд. Дар ҷумлаи зерин ибораи фразеологии феълии **ҳамёни касеро ғорат кардан** ба маънои **касод, муфлис кардани хазинаи колхоз** истифода гардидааст: Нархи гарони хишту бетону оҳану шишааш **ҳамёни** колхозро **ғорат мекунад** [15, с.331].

Ибораи фразеологии феълии **хуни ҷигар шудан** дар забони адабӣ ва гуфтугӯйӣ баробар истеъмол мегардад. Нависанда барои нишон додани ҳолати рӯҳии деҳқонон онро ба маврид ба кор бурдааст. Ибораи мазкур бо маънои бисёр азоб кашидан, ба азобу уқубат гирифтор шудани касе дар роҳи ба мақсад расидан [12, с.344] истифода мегардад: **Хуни ҷигар мешавад** деҳқон [15, с.331].

Ибораҳои рехта, ё бо таъбири дигар, воҳидҳои фразеологӣ як ҳиссаи бобаракат ва пуразиши ганҷинаи ҳар забон ба шумор мераванд. Дар онҳо ҳам ба мисли воҳидҳои луғавии забон мафҳумҳои ашё, аломату кайфият, амалу ҳолат ифода меёбанд. Фарқ танҳо дар ин ҷост, ки он мафҳумҳо дар калимаҳо бидуни ороиш, ба тарзи урён ифода гарданд, дар аксари воҳидҳои фразеологӣ зимни образ, дар қабои бадеӣ, ба василаи санъатҳои лафзию маънавии маҷоз, ташбеҳ, муболиға, рамз, киноя, тазод, саҷъ ва ғайра акс меёбанд: «***ба чашми касе хок пошидан***» - *касеро фиреб додан, касеро ба ғафлат андохтан;* «***панҷ ангушташ барин***» - *комилан, бе каму кост*; «***гул-гул шукуфтан***» - *нашъунамо ёфтан, тараққӣ кардан, равнақу ривоҷ ёфтан, хурсанд, мамнун гардидан, болидан*; «***арақи ҷабин***» - *меҳнати ҳалол, меҳнати пуразобу машаққат* [4, с.44].

Аз ҳамин сабаб ВФ дар услубҳои муошират, бадеӣ ва баъзе жанрҳои рӯзноманигорӣ чун воситаи рангин ва муассир баён кардани матлаб ба кор бурда мешаванд.

Таркибу ибораҳо дар тасвири ҳодисаву воқеаҳо, хусусияти рӯҳии одамон бо хусусиятҳои маъноӣ ва услубии ба худ хос корбаст мешаванд, ки ин, пеш аз ҳама, ба сабки нигориши рӯзноманигор, нависанда ва қаламкаш алоқаманд мебошад. Ин ҳолат ба

тавсеаи маъноии таркибу ибораҳои фразеологӣ мусоидат менамояд, таъсирбахшии каломро, ки умдатарин хусусияти услубии забони адабист, таҳким мебахшад.

Ибораи фразеологии феълии **гиребонашон аз қарз халос намешавадро** нависанда бо талаби мавзӯъ ва мақсад истифода намудааст. Он ба маънои доимо қарздор ҳастанд омадааст: Колхозҳое ҳастанд, ки солиёни зиёд фоида намеоваранд, **гиребонашон аз қарзи бонк халос намешавад** [15, с.331].

Бо калимаи **роҳ** дар забони адабии муосир ибораҳои зиёди фразеологӣ сохта шудаанд: **роҳ кашидан, роҳ зану эҳсос кун, роҳро миёнбур кардан, аз роҳ мондан, ба роҳ мондан, роҳ нишон додан, ба роҳи рост гаштан, роҳ ёфтан** ва ғ. Дар мисоли зер ибораи маъмули фразеологии роҳ ёфтан ба маънои ворид гардидан, ҷорӣ шудан омадааст: Ва масъулият худ ба худ не, дар натиҷаи таълиму тарбияти тӯлонии мардум, дар натиҷаи сахт ҷойгир шудани соҳибихтиёрӣ барои кори худ, тақдири кишвари худ, мамлакати худ ба майдони вуҷуд меояд, дар натиҷаи дар хуну ҷону мағз андар мағзи устухон **роҳ ёфтани** эҳсосоти коллективона ба дунё меояд [15, с.331].

Бо калимаҳои **чашм, дил, сар, даст, об** дар забон ибораҳои зиёди фразеологӣ сохта шудаанд. Дар ҷумлаи зерин ибораи фразеологии феълии чашмдор будан ба маънои ба касе, чизе интизор будан, умедвор будан [12, с.399] истифода мегардад. Нависанда низ онро ба маънои интизор будан ба кор бурдааст: ...шавҳари дар ҷанг шаҳидшудаамро бисту се сол **чашмдор будам** [15, с.332].

Ибораи фразеологии **аз гулӯи касе об намегузашт** ба маънои ором нашудан, ғамгин гардидан истифода мегардад: Як дам аз пешаш дур шавам, **аз гулӯям об намегузашт** [15, с.333].

Ибораи фразеологии **тор танидан** дар гуфтугӯ зиёд истифода мегардад. Он ба маънои зиёд рафтуомад кардан ба ҷое истифда мегардад: То аз кор баргаштанам баҳудаву беҳуда миёни ду остона **тор метанид** [15, с.333].

Ибораи фразеологии феълии **гапи касеро хӯрдан** - ба фармони касе мутеъ шудан, ба гапи касе тан додан [12, с.201] истифода мегардад: Ман духтари чусту чолок будам, **гапи касеро хӯрда**, хаппакак намешиштам [15, с.333].

Як хусусияти муҳимми ибораҳои фразеологӣ ифоданокӣ, образнокии онҳост, ки ба сухан ҷомаи маънии нав мепӯшонанд. Як услуби хосси Ф. Муҳаммадиев дар он аст, ки ду ё зиёда ибораи фразеологиро дар як ҷумла ба кор мебарад. Дар ҷумлаи зерин ибораҳои фразеологии дилтангӣ кардан - зиқ шудан, ғамгин, озурдахотир шудан [12, с.390] гап кушодан - сухан оғоз кардан, гап сар кардан, ба мақсаде гаперо ба миён овардан [12, с.189] истифода гардида, матлабро муассир баён намудааст: Аз бесабаб **дилтангӣ карданаш** гилаомез гап кушоям, мегуфт, ки "Ту ҷавонзани бева" [15, с.334].

Ибораи фразеологии **гапи касеро гардонидан** маъмул буда, он ба маънои **сухани касеро рад кардан, ба касе эътироз кардан** истифода мегардад. Дар ҷумлаи зерин ба маънои сухани касеро рад кардан омадааст: Одам **гапи** буваша **намегардонад** [15, с.334].

Ибораи **хотири касе ҷамъ шудан** ба маънои ором, хавотир нашудан нисбати касе фаҳмида мешавад: Хотирам ҳам аз сафари оянда ва ҳам модари зорам ҷамъ шуд [15, с.335].

Ибораи фразеологии **устухони касе шах шудан** ба маънои калон шудан, ба қувват даромадан, ба коре зиёд машғул шудан [12, с.219] шарҳ ёфтааст. Мову ту ҳақ надорем, фаромӯш кунем, ки **устухони** мо бо заҳмат, бо машаққатҳо **шах шудааст [**15, с.338].

Ҷумлаҳои фразеологӣ. Дар баробари таркибу ибораҳои фразеологӣ барои ифодаи матлаб нависанда ҷумлаҳои фразеологиро ба кор бурдааст. Ҷумлаҳои фразеологӣ аз ҷумлаҳои наҳвӣ аз ҷиҳати сохтор кам фарқ мекунанд. Онҳо бар хилофи ҷумлаҳои наҳвӣ дар қолабҳои таркибии рехта маънои яклухтро ифода мекунанд. Дар ин мавриди забоншинос Ҳ. Маҷидов чунин менависад: *Таркиби лексикӣ-грамматикии ҷумлаи фразеологӣ аксаран аз ду ҷузъи асосӣ-мубтадо ва ҳабар таркиб меёбад. Албатта, ҷумлаҳои фразеологие, ки нисбатан мураккабтар буда, ду ё зиёда ҷузъҳо доранд, ё ин ки фақат аз як ҷузъи асосӣ - хабар таркиб ёфтаанд, низ мавҷуданд, вале ҷумлаҳои фразеологии дуҷузъа дар забони тоҷикӣ аз гурӯҳҳои нисбатан серистеъмол мебошанд* [4, с.45].

а) Дар маводи мо ҷумлаҳои фразеологие, ки танҳо аз мубтадо ва хабар иборатанд, мушоҳида гардиданд. Чунончи: Ҷумлаи фразеологии "**Пашша пар намезанад**" маъмул буда, бештар дар услуби китобӣ ва гуфтугӯйӣ истифода мегардад. Он ба маънои орому

сокит будан фаҳмида мешавад: Дар деҳот ҳолати ғалатие мушоҳида мешавад, раис набошад, **пашша пар намезанад** [15, с.326].

Ҷумлаи фразеологии **“нафаси гарму тоза овард**” хосси услуби китобист ва камистеъмол аст. Он ба маънои барор гирифтани кор омадааст: ***Нафаси гарму тозае овард****, одамони колхози мо, мутахассисони соҳаҳои гуногун водоранд касбу кори худро партофта, дар ҷустуҷӯйи қисмҳои эҳтиётӣ ҳафтаҳо, моҳҳо дарбадар гарданд* [15, с.328].

Забоншинос Ҳ. Маҷидов ҷумлаҳои фразеологиро аз рӯйи сохту таркибашон ба чор гурӯҳ-**ҷумлаҳои фразеологии яктаркиба, ҷумлаҳои фразеологии дутаркиба, ҷумлаҳои фразеологии нотамом, ҷумлаҳои фразеологии мураккаб** [ниг. 4, с.46] ҷудо намуда, чунин меафзояд: “*Ҷумлаҳои фразеологии яктаркиба. Ба ҷумла будани чунин воҳидҳои фразеологӣ хабари онҳо, ки дар ин ё он шакли тасрифӣ шах шуда мондааст, далолат мекунад* [4, с.46]. Чунин ҷумлаҳоро дар эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев зиёд мушоҳида кардан мумкин аст.

Воҳидҳои фразеологиро ба мақсади муассир ифода намудани фикр ва равшан нишон додани симои персонажҳо истифода мебаранд. Онҳо матлабро образнок ифода мекунанд. Дар услуби гуфтугӯйӣ ҷумлаи фразеологии “**рӯйи хуноки касеро бод (на)хӯрад”** тобиши маънои манфӣ дорад. Нависанда низ бо ғарази услубӣ истифода намудааст: Бирав. Ҳа **рӯйи хуноки шумоя бод нахӯрад** [15, с.326].

Воҳиди фразеологии “**сухани касеро ба замин намондан**” дар услубҳои бадеӣ ва публитсистӣ серистеъмол аст. Дар ҷумлаи зерин ба маънои хоҳиш, илтимоси касеро иҷро кардан омадааст: **Сухани** меҳмонро **ба замин намемонанд**, мардуми мо [15, с.327].

б) Ҷумлаҳои фразеологӣ дар қолаби ҷумлаҳои содаи дутаркиба. Ҷумлаи фразеологии **забонам хорид** ба маънои ба гапзанӣ маҷбур шудан, ғаши касеро ба гап овардан истифода мегардад. Дар ҷумлаи зер низ ба ин маънӣ омадааст: Худамро доштанӣ мешаваму аммо боз **забонам мехорад**: уштура гуфтам ғамза кун, полеза вайрон карду рафт... [15, с.331].

Дар ҷумлаи зерин ҷумлаи фразеологии маъмули: **Кадом шамол парронид** истифода гардидааст. Он ба маънои чӣ сабаб шуд омадед ба кор рафтааст:

-Кадом шамол парронид? - ҳангоми воҳӯрӣ пурсид раис.

-Шамоли суҳбатҳои Шумо [15, с.325].

Фазлиддин Муҳаммадиев барои муассир тасвир намудани ҳодисаву воқеаҳо, ҳолати рӯҳии персонажҳо, рангинбаёнии фикр дар як очерк тавонистааст, аз ин захираи маънавӣ фаровон истифода намуда, симои қаҳрамонашро барҷаста нишон диҳад. Дар жанри бадеӣ - публитсистӣ истифодаи воситаҳои муассир ба маҳорати нависанда марбут аст.

Дар маводи мо ҳам ибораҳои фразеологӣ ва ҳам ҷумлаҳои фразеологии сода истифода бурда шудаанд. Онҳо ҳамчун як воситаи муҳимми тасвири лаҳзаҳои гуногуни ҳаёт, хусусият, рӯҳия ва амалиёти одамони гуногун ба кор бурда шудаанд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ибораҳои фразеологии феълӣ дар асар мавқеи муҳимро ишғол мекунанд.

Муқарриз: ***Низомова С.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов. – Душанбе: Девиштич, 2006. – 409 с.
2. Максудов, Т. О фразеологических единицах и их синтаксических функциях / Т. Максудов, Ф. Зикриёев, Х. Джалилов. –Душанбе, 1976. – 86 с.
3. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик (Очерки о развитии таджикского литературного языка, 2-е изд)) / Н.Маъсумӣ. – Душанбе, 2011. – 385 с.
4. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони тоҷикӣ / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе, 1982. - 102 с.
5. Р.Саидов. Ҷумлаҳои фразеологӣ дар назми халқӣ / Саидов Р. // Мактаби советӣ, 1983. - №9. – С.13-17.
6. Расторгуева В.С. Система таджикского глагола / В.С. Расторгуева, А.А.Керимова. – Москва: Изд. “Наука”, 1964. – 291 с.
7. Розенфельд А.З. Очерки по грамматике таджикского языка. Вып. 1 / А.З. Розенфельд. – Сталинобод: Издательство академии наук Таджикской ССР, 1953. – 47 с.
8. Розенфельд А. З. Глагол / А.З. Розенфельд. – Сталинобод, 1954. – 77 с.
9. Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ. Сарфу назви тоҷикӣ; Фитрат. Қойидаҳои забони тоҷикӣ; Бектош. Дар атрофи забони адабии тоҷик. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 186 с.
10. Сиёев Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик / Б.Сиёев. - Душанбе: Дониш, 1968. – 164 с.

11. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. - Ҷ.1. – 952 с.
12. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1964. - Ҷ.2. – 802 с.
13. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби "Одина"-и устод Айнӣ / Х.Ҳусейнов. - Душанбе: Ирфон, 1973. – 254 с.
14. Эгамбердиев Р. Вусъати маънои фразеологӣ / Р.Эгамбердиев // Масъалаҳои филологияи тоҷик. Серияи нав. - Самарқанд, 1973. - № 240. - С.12-17.
15. Муҳаммадиев Ф. Варта. Қиссаҳо ва очеркҳо / Ф.Муҳаммадиев. - Душанбе: Адиб, 1987. – 376 с.

ИСТИФОДАИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ОЧЕРКИ "САВОЛҲО, ҶАВОБҲОИ ЭНАҶОН БОЙМАТОВ"-И ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ

Дар мақолаи мазкур воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун воситаҳои муассири нутқ дар образнок, муассир, ҷаззоб ифода намудани матлаб истифода гардидаанд. Нависандагон тавассути ин воҳиди лексикӣ матлабро рангин баён намуда, хонандаро муассир мекунанд. Тасвири олами ботинӣ, ҳодисаву воқеаҳо бо ёрии воҳидҳои фразеологӣ, воситаҳои муассири нутқ - синониму омонимҳо, калимаҳои зидмаъно, калимаҳои маҷозӣ боз дилкашу зебо тасвир меёбанд. Нависандагони нозукбину сухансанҷ метавонанд аз ин воситаҳои муассири забон фоида баранд. Фазлиддин Муҳаммадиев аз зумраи нависандагонест, ки забони равону рангин, сода ва дар корбурди воситаҳои лексикӣ маҳорати нотакрор доранд. Воҳидҳои фразеологӣ метавонанд ба сухан қабои маънии рангинро пӯшонанду завқи хонандаро бедор созанд. Яке аз хусусиятҳои характерноки воҳидҳои фразеологӣ яклухтии маънои онҳост, ки дар як давраи муайяни таърихӣ ба вуҷуд омада, бо мурури замон дигар мешаванд ва вусъат меёбанд. Дар мақола ҳам ибораҳои фразеологӣ ва ҳам ҷумлаҳои фразеологии сода ба кор бурда шудаанд. Онҳо як воситаи муҳимми тасвири лаҳзаҳои гуногуни ҳаёт, хусусият, рӯҳия ва амалиёти одамони гуногун ба кор бурда шудаанд. Фазлиддин Муҳаммадиев барои муассир тасвир намудани ҳодисаву воқеаҳо, ҳолати рӯҳии персонажҳо, рангинбаёнии фикр дар як очерк тавонистааст, аз ин захираи маънавӣ фаровон истифода намуда, симои қаҳрамонашро барҷаста нишон диҳад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки ибораҳои фразеологии феълӣ дар асар мавқеи хосро ишғол мекунанд.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологӣ, феъл, таркиб, калима, ҷузъ, феъли ёвар, таркиби номӣ, таркибсозӣ, забон.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ОЧЕРКЕ "ВОПРОСЫ И ОТВЕТЫ ЭНАДЖОН БОЙМАТОВОЙ" ФАЗЛИДДИНА МУХАММАДИЕВА

В данной статье фразеологические единицы используются как способ сделать речь более влиятельной и привлекательной. Писатели посредсвом данных единиц делают свои высказывания более красноречивыми. Освещение внутреннего мира, событий и происшествий с помощью фразеологических единиц, синонимов, омонимов, антонимов, фразеологизмов становится более красочным. Писатели могут широко использовать данные фразеологические единицы. Фазлиддин Мухаммадиев относится к писателям с понятной и плавной речью. В использовании лексических средств ему не было равных. Фразеологические единицы делают речь яркой и привлекательной для читателя. Одной из основных черт фразеологических единиц является их целостность. Появляясь в определенный исторический период, со временем они меняются и обретают новое значение. В статье рассмотрены фразеологические словосочетания и простые фразеологические предложения. Они использованы как способ описания разных жизненных ситуаций, особенностей, психологических состояний и деяний разных людей. Анализ показывает, что глагольные фразеологические словосочетания играют особую роль в рассматриваемом произведении.

Ключевые слова: фразеологические единицы, глагол, состав, слово, часть, вспомогательный глагол, именная часть, язык.

USE OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE ESSAY "QUESTIONS AND ANSWERS BY ENADZHON BOIMATOVA" BY FAZLIDDIN MUKHAMMADIEV

In this article, phraseological units are used as a way to make speech more influential and attractive. Writers, through these individuals, made their statements more eloquent. Illumination of the inner world, events and incidents with the help of phraseological units, synonyms, homonyms, antonyms, phraseological units becomes more beautiful. Writers can make extensive use of these phraseological units. Fazliddin Mukhammadiev is a writer with clear and fluent speech. He had no equal in the use of lexicon. Phraseological units make speech vivid and attractive for the reader. One of the main features of phraseological units is their integrity. Appearing in a certain historical period, over time they imagine and acquire a new meaning. The article deals with phraseological phrases and simple phraseological sentences. They are used as a way to describe different life situations, characteristics, psychological state and deeds of different people. The analysis shows that galagolite phraseological phrases play a special role in the work under consideration.

Key words: phraseological units, verb, composition, word, part, auxiliary verb, nominal part, language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Афгонова Моҳира Холмуродовна*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Нахимов 64/14. Тел.: **(+992) 930-55-30-60**

Сведение об авторе: ***Афгонова Мохира Холмуродовна*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: **(+992) 930-55-30-60**

Information about the author: ***Afgonova Mohira Kholmurodovna*** - Tajik State Finance and Economics University, Assistant of the Humanities Department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str., Nakhimova 64/14. Тел.: **(+992) 930-55-30-60**

УДК: 408.1

ОИД БА МУАММОИ ФАРҚИЯТИ МАТН ВА ДИСКУРС

Қобилова Ф.Х.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Масъалаи муносибати байниҳамдигарии матн ва мавзуи баҳси он дар забоншиносии муосир боиси баҳси олимон мебошад. Ҳамзамон дар маънидоди ин мафҳумҳо аҳамияти хосса дошта, маънои якхела надоранд. Бешубҳа, матн ва мавзуи баҳси он мафҳумҳои ба ҳам омехта мебошанд. Чуноне ки омӯзиш ва тадқиқи адабиёти бадеӣ шаҳодат медиҳад, аксари таърифҳои мавзуи баҳс ба воситаи матн ифода карда мешавад, аммо дар бештари ҳолатҳо матнро баъзе тавсифҳо мураккаб гардонида мегардонанд: “Мавзуи баҳси матн – ин матн ...”. (Албатта, асарҳое низ вуҷуд доранд, ки дар онҳо истилоҳи “матн” ва “мавзуи баҳси он” ҳамчун ҳодисаҳои ба ҳам монанд ва ҳамдигаривазкунанда истифода мешаванд [9, с.42]. Аммо мувофиқи ақидаи онҳо ифода намудани як ҳодиса бо истилоҳоти гуногун мувофиқи мақсад нест ва ҳатто нодуруст аст. Ба ғайр аз ин, иваз намудани онҳо на дар ҳамаи контекстҳо имконпазир мебошад). Аз ҳамин сабаб, мувофиқи ақидаи мо, мулоҳизаронӣ доир ба таърифи матн ба воситаи муайян намудани матн ва мавзуи баҳси он нисбат ба худи мавзуи баҳс мантиқан дуруст аст. Аз тафовутҳо дар шарҳ додани матн бо фаҳмиши гуногуни мавқеи он нисбат ба таззоди забон ва нутқ, аз таърифҳои мухталиф бармеояд, ки В. фон Гумболдт шарҳ дода, Ф. де Соссюр аз лиҳози илмӣ асоснок намудааст. Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, Ф. де Соссюр оид ба фаъолияти нутқӣ (language) чун маҷмуи ҳамаи ҳодисаҳои забонӣ сухан ронда, дар он ду таркиби асосиро ҷудо намудааст – забон langue (худи забон) ва нутқ parole (амалиёти мушаххаси нутқӣ). Ӯ дар забон мавҷуд будани хусусияти иҷтимоӣ, устувору бонизом ва дар нутқ мавҷуд будани хусусияти фардӣ ва озодро ҷудо мекунад [10, с.21-23]. Хусусиятҳои охирин дар забоншиносии муосир ислоҳ карда шудаанд. Ҳамин тавр, нутқро банизомдаровардашуда ва иҷтимоӣ меҳисобанд. Л.В.Щерба доир ба се ҷабҳаи забон (фаъолияти нутқӣ – “ҷараёни гуфтор ва фаҳмиш”; системаи забонӣ - “луғат ва грамматика”; “маводи забонӣ” – “маҷмуи тамоми гуфташаванда ва фаҳмидашаванда дар муҳити мушаххасу муайян дар ин ё он давраи ҳаёти фаъолияти гурӯҳи ҷамъиятии додашуда” [12, с. 24-26]) сухан намуда, таззоди Ф. де Соссюр (забон/нутқ чун ҷараён/ нутқ чун натиҷа) – ро муайян месозад. Матнро баъзан ба забон (муносибати танги забоншиносӣ [1, с.528-529]) ва бештари мавридҳо ба нутқ нисбат медиҳанд [Л.М. Василев, И.Р. Гальперин, Е.А. Реферовская, Т.В. Матвеева, Е.В.Ерофеева, А.Н. Кудлаева, В.Г. Костомаров, Е.А. Баженова, М.П. Костюрова, Н.С. Валгина, К.А. Филиппов ва дигарон]. Шарҳи нахустин аз фаҳмиши матн чун воҳиди сатҳи болоии системаи забонӣ (дар фаҳмиши анъанавии системаи забон) фаҳмида мешавад, ки бо таҳлили расмӣ-грамматикии сохтори матн – намудҳои алоқаи дохилиматнӣ ва воситаҳои амалишавии онҳо маҳдуд мегардад [1, с.528-529]. Вале маълум аст, ки таҳлили матн танҳо бо таҳлили грамматикӣ маҳдуд намегардад, зеро ин гуна муносибат бисёр хусусиятҳои матн ва дар навбати аввал хусусияти муоширатиро баробар месозад. Ба ғайр аз ин, мувофиқи ақидаи тадқиқотчиён маънои матн мазмуни умумии таркибҳои воҳидҳои забонии онро ифода намекунад. Он хеле васеъ мебошад, зеро онро қувваҳои фардӣ ва донишҳои экстралингвистӣ мураккаб мегардонанд. Маҳз дар ҳамин тафовути сифатӣ аз воҳидҳои забонӣ ба назар мерасад [1, с.530]. Аз лиҳози дигар, монандии матн бо воҳиди нутқии эътирофшуда ва гуфтор дар он мебошад, ки “на аз рӯйи принсипи аддитивият (иловашавӣ), ҷамъшавии таркибҳои маъноҳои он, балки аз рӯйи принсипи интегративият сохта мешавад” [2, с.77]. Ба ғайр аз ин, фаҳмиши танги забонии матн ба худи механизми амалиёти забон мухолифат дорад. Аввалан, матн натиҷаи фаъолияти фардии нутқӣ мебошад. Мувофиқи ақидаи бархе аз олимон, мо фикрро на тавассути гуфторҳои алоҳида, балки матнҳои яклухт ифода менамоем. Агар дар пайравӣ ба Ф. де Соссюр аввалияти таърихии нутқро нисбат ба забон эътироф намоем [10, с.27], пас маҳз матн, аллакай, на дар шакли фардӣ, балки дар шакли умумӣ шарти системаи забониро ташкил дода, мувофиқи таърифи Л.В. Щерба “маводи забонӣ” мегардад [13, с.442]. Л.М. Василев механизми

амалкунии забонро ба таври зерин шарҳ медиҳад: “фаъолияти нутқӣ →матнҳо → системаи забонӣ → фаъолияти нутқӣ → матнҳо ва ғ.”. Маҳсули фаъолияти нутқӣ матнҳо мебошанд, ки хусусияти фардӣ доранд. Матнҳоро аз рӯйи иҷтимоиёт муттаҳид намуда, мо системаи забонии абстрактиро ба даст меорем, ки он имконияти воситаҳо ҷиҳати фаъолияти нутқии минбаъдаро фароҳам меорад [2, с.19-20].

Сеюм нуқтаи назарро оид ба таърифи мавқеи забонӣ/нутқӣ доштани матн низ бояд хотиррасон намуд, ки нисбияти духӯрагии онро исбот менамояд: “Матни мушаххаси фардӣ воҳиди нутқ мебошад .... матн ҳамчун воҳиди забон як чизи умумӣ таъриф дода мешавад, ки асоси матнҳои алоҳидаро ташкил медиҳад, яъне бо ибораи дигар “ҷадвали сохтор” ё “тарзи сохтор” -и матн ё матнҳои намудҳои мухталиф мебошад” [4, с.7]. Дар умум, агар хосияти интегративияти маънои матн арзи вуҷуд намекард, метавон ин фаҳмишро қобили қабул шуморид (ҳангоми муносибати анъанавӣ ба системаи забон). Баромадан аз чорчӯбаи забон дар фаҳмиши матн имконияти аз ҳар лиҳоз омӯхтани онро пешкаш менамояд: психолингвистӣ (О.С. Зоркина ва дигарон), муоширатӣ-прагматикӣ (Н.С. Валгина, О.Л. Каменская, Ю.Н. Земская, И.Ю. Качесова, Л.М. Комиссарова, В.И. Шаховский ва ғ.), услубӣ (В.В. Одинсов, Т.В. Матвеева, Н.И. Клушина, В.Г. Костомаров ва ғ.), семиотикӣ (Т.М. Николаева ва дигарон). Масъалаи дуюми муҳимму баҳснок ба мо – нисбат додани матн бо таззоди “шакли шифоҳӣ/хаттии нутқ” аст. Нуқтаи назари дигаре низ маъмул аст, ки мувофиқи он нутқи дар шакли хаттӣ қайдшударо матн номидан мумкин мебошад (И.Р.Галперин, В.В. Богданов, Т.И.Попова ва ғ.). Дар ин ҳангом қайди нутқи садодиҳанда дар воситаҳои электронӣ ба таркиби матнҳо шомил карда намешуд. Мувофиқи ақидаи олимон, танҳо дар шакли хаттии матн ба таври пурра ҳамаи аломатҳои он ҳувайдо мегарданд. И.Р.Галперин бар он ақида аст, ки мушоҳидаҳо аз болои истифодаёбии забон ин ҷустуҷӯи қонуниятҳо “ҷазирачаҳои ташкилшуда” мебошад. Матн чунин як “ҷазирачаи ташкилшуда”, “натиҷаи таҳлили бошууронаи ифодаи забонӣ” мебошад, ки танҳо якбора пайдо мегардад [3, с.11, 15]. Маҳз бо ҳамин алоқамандӣ матн бо шакли хаттӣ вобастагӣ дорад, ки дар тафовут аз шакли шифоҳӣ, бо омода будани худ ва коркардгардида будани худ тавсиф дода мешавад. Аксарияти олимон фаҳмиши матнро чун шакли хаттӣ ва шифоҳии амалишавии забон комилан дуруст қайд мекунанд. Барои ҳалли дурусти муаммои мо – нисбат додани матн ва мавзуи баҳси он таърифи аломатҳои муайянкунандаи матн мебошад, ки барои бештар дуруст фаҳмидани матн мусоидат мекунанд. Ба монанди ақоиди бисёр тадқиқотчиён оид ба матн таърифҳои гуногун вуҷуд доранд. Як зумра аломатҳои муайянкунандаи матн низ тағйир меёбанд, ки аз бисёр лиҳоз аз ҷабҳаи равшанӣ андохтан ба матн вобаста мебошад. Ба гуногунрангии ин аломатҳо нигоҳ накарда, аксарияти олимон ақидаи зеринро иброз медоранд: алоқамандии расман ифодаёфтаи сохторӣ (когезия), яклухтии маъноӣ (когерентият), анҷоми маъноӣ ва таркибӣ. Доир ба чунин хусусиятҳои матн ба монанди мундариҷавӣ (А.И. Горшков, Н.И. Клушина ва ғ.); ягонагии маъноӣ (В.В. Одинцов, А.И. Горшков, В.Г. Костомаров ва диг.); сохторӣ (тартибнокӣ, системавият) (А.И. Горшков, В.Г. Костомаров, И.Р. Гальперин, В.И. Шаховский, Ю.А. Сорокин, И.В. Томашева, Ю.Н. Земская, И.Ю. Качесова, Л.М. Комиссарова ва диг.); маҳдудият (ҷудогӣ) (А.И. Горшков, Т.В. Матвеева, О.Л. Каменская ва диг.); муносибати байниҳамдигарии услубҳо ва жанрҳо (А.И.Горшков, И.Р. Гальперин ва диг.); интертекстуалият (Н.И.Клушина, Т.М.Николаева, В.Г.Костомаров ва диг.); аҳамияти муоширатӣ (Т.М. Николаева, Н.С. Валгина, И.Р. Гальперин ва ғ.); мақсади прагматикӣ ва шиддатнокӣ (Н.И. Клушина, И.Р. Гальперин, Т.В.Матвеева ва ғ.); дусамтӣ (ба адресат ва адресанти қабулкунанда) (Н.С. Валгина, Т.В. Матвеева ва ғ.); дарки матн аз тарафи шунаванда (Н.И. Клушина, Т.М. Николаева, Н.С. Валгина ва ғ.); заминаи экстралингвистӣ (В.Г.Костомаров, В.И.Шаховский, Ю.А.Сорокин, И.В.Томашева ва диг.) ба таври интихобӣ маълумот медиҳанд. Бо назардошти гуфтаҳои боло бо таърифи зерин ба матн розӣ мешавем: “Матн – маҷмуи сохтории ташкилшудаи амалиёти нутқӣ аз рӯйи шакл ва мундариҷа мебошад, ки ваҷҳи яклухтӣ, баохиррасида ва муоширатӣ, яъне ҷой доштан, мувофиқи мақсад ва талабот буданро тавсиф медиҳад” [2, с. 20]. Дар таърифи мазкур якум, моҳияти нутқии матн инъикос ёфтааст; дуюм, аз рӯйи аломати шакли нутқ (шифоҳӣ/хаттӣ) маҳдудият вуҷуд надорад; сеюм, аломатҳои назарраси моҳиятан муҳимми матн акси худро ёфтаанд. Акнун ба масъалаи муносибати байниҳамдигарии мафҳумҳои “матн” ва “мавзуи баҳси он” мегузарем. Ба фикри мо, ҳар чӣ бештар маънидоди ин

масъала аз чӣ гуна фаҳмида шудани матн ва мавзуи баҳси он дар системаи забон/нутқ аз тарафи олимон бармеояд. Ақидае вуҷуд дорад, ки мавзуи баҳси матн аъзои сеюми таззоди забон/нутқ мебошад. Дар ин бора дар солҳои 1940 – ум олими белгиягӣ Э.Бюиссанс сухан ронда буд. Ӯ ба таззоди бинарии Ф. де Соссюр ҷузъи нав – мавзуи баҳси матнро ворид сохта, онро ҳамчун миёнарав байни системаи забонии абстрактӣ ва нутқи зинда, механизми мубрамсозии забон дар нутқ муайян мекунад [7, с.244]. Мавзуи баҳси матн – ба таври як навъ парадоксалӣ ва “бештар нутқӣ ва ҳамзамон дар дараҷаи болотар ба омӯзиши анъанавии усулҳои забонӣ дучор мешавад. Он бештар расмӣ ва ҳамзамон “бештар забонӣ” мебошад” [9, с.44]. Чунин фаҳмиш бо нисбат додани мавзуи баҳси матн ба ҳамкории муколамавӣ чун мубодилаи луқмаҳо вобастагӣ дорад. Бо он метавон мутақобилгузории мавзуи баҳси матн/муколамаи матн/монологро алоқаманд намуд, ки қобили қабул нест, зеро мо (дар пайравӣ ба М.М. Бахтин ва Э.Бенвенист) чунин меҳисобем, ки ҳама гуна матн ин муколама (ҳатто агар ҳамсуҳбат пурқувват бошаду ҷавоби ӯ кам) мебошад.

Нуқтаи назаре бештар қобили қабул аст, ки мувофиқи он мо мавзуи баҳси матнро бо ҷуфти дуюм забон/нутқ нисбат медиҳем. Аммо ин муносибати байниҳамдигарии онҳоро ҳар хел маънидод мекунанд. Ин аз он вобастагӣ дорад, ки кадом ҷабҳаи забон ба нуқтаи оғози таҳлил ҷавобгӯ мебошад.

1. Аз фаҳмиши системавӣ ва сохторӣ доштани матн бармеояд. Ақидаи ба ҳамагон маъмуле вуҷуд дорад, ки матн ин воҳиди забонист, аммо мавзуи баҳси матн воҳиди нутқ мебошад. Ин гуна муқобилгузории максималии воҳидҳои забон ва нутқ шояд ба таври мантиқӣ таззоди воҳидҳои хурдтаринро ба анҷом мерасонад: фонема – овоз; морфема – морф.; лексема – калимашакл; ҷумла – гуфтор; матн - мавзуи баҳси матн. Шояд ки бо таззоди ифодагардида ақидаи бештар маъмули бо матн алоқамандидошта вобаста бошад, ки аз тарафи Григорева В.С. пешниҳод карда шудааст. Ӯ иброз медорад, ки: матн моҳияти абстрактӣ буда, дар мавзуи баҳси он мубрам мегардад [4, с.120]. Ин гуна фаҳмиши матн ба нуқтаи назари мо, яъне матн чун воҳиди нутқ ва маҳсули фаъолияти нутқӣ муқобил мебошад.

Аз маънидоди мавзуи баҳси матн мавзуи баҳси матн чун нутқи садодиҳанда бармеояд, ки танҳо ба тариқи шифоҳии ифодаи маълумот алоқаманд мебошад. Аз ин ҷост, ки таззоди аз тарафи олимон пешниҳодшуда “матни хаттӣ бар мухолифи мавзуи баҳси матни шифоҳӣ” ва инчунин ҷудо кардани лингвистикаи матнӣ (хаттӣ) ва мавзуи баҳси матн-таҳлил (нутқи шифоҳӣ) [8, с.87-88]. Ин гуна фаҳмиш аз анъанаҳои лингвистии англоамериканӣ бармеояд, ки предмети мавзуи баҳси матн-таҳлили муколамаи шифоҳӣ баромад мекунад.

1. Аз монандкунии мавзуи баҳси нутқ дар маънои васеаш – чун ҷараён ва натиҷаи “фаъолияти нутқӣ” ва “маводи забонӣ” (дар асари сеҷилдаи Л.В. Шерба) бармеояд. Натиҷаи чунин фаҳмиш баровардани мавзуи баҳс то ба мақоми мафҳуми ҷинсият мебошад, ки нутқ (шифоҳӣ) ва матн (хаттӣ)- ро муттаҳид месозад [13, с.89-90; 2, с.4-6]. Ду маънидоди охирин аз сабаби маҳдуд будани мафҳумҳои омӯхташаванда (нутқ, мавзуи баҳси матн, матн) барои ба як шакл (шифоҳӣ/хаттӣ) ворид намудани онҳо қобили қабул нестанд.

2. Аз оғоз ҷабҳаи давомнокии матн (мувофиқи ақидаи Л.В. Шерба) ва мавзуи баҳси онро ба ҳам нисбат медиҳанд. Ин ба аксари тадқиқотчиён асоси онро фароҳам меовард, ки муносибати байниҳамдигарии мавзуи баҳси матн / матн чун ҷараён / натиҷаи ҷараёнро (В.Е. Чернявская, Т.В. Милевская, Е.С. Кубрякова, О.В. Александрова, Н.В. Петрова, В.З. Демьянков, А.В. Зеленьщиков ва ғ.) дуруст ҳисобанд. Чунин ақидае вуҷуд дорад, ки ин ба худи пайдоиши калимаҳои “мавзуи баҳси матн” (“давидан ба самтҳои гуногун”, яъне худи протсесс) ва “матн” (“матоъ, печиш, пайвастшавӣ”, яъне предмет, натиҷаи амал) вобастагӣ дорад [5, с.48]. Мувофиқи ақидаи мо, ҳангоми ин гуна фаҳмиш доштан худи таҳлили мавзуи баҳси матн мушкил мегардад, зеро комилан нофаҳмост, ки чӣ ба предмети ин гуна таҳлил дучор мегардад. Ба ғайр аз ин, чуноне ки К.Я. Сигал дуруст қайд мекунад: “аз нуқтаи назари онтологӣ натиҷаи ҳамагуна фаъолияти инсонӣ, аз он ҷумла фаъолияти нутқӣ наметавонад пурра аз худи фаъолият ва қонуниятҳои он ҷудо карда шавад, вале сохтори он ба таври маъмул аз сохтори дохилии он вобаста мебошад” [9, с.42]. Шояд бо дарки ин маъно маънидоди ифодашударо дар аксари мавридҳо

мантиқан то ба фаҳмиши матн чун қисми мавзуи баҳси он мерасонанд, ки ин мавқеи мавзуи баҳси матнро дар маънои васеаш то ба нутқ расонида, дар ин ҳангом ҷабҳаҳои давомнокӣ ва натиҷавии онро (мавзуи баҳси матн чун ҷараён – худи мавзуи баҳси матн; мавзуи баҳси матн чун натиҷа – матн ва ҳамчунин маҷмуи онҳо) маҳдуд месозад (В.В. Красных, Е.С. Кубрякова, О.В. Александрова, Н.В. Петрова, В.Е. Чернявская, Т.В. Милевская ва ғ.). Дар ин маврид, аз лиҳози таҳлил ҳама чиз ҷойи худро ишғол мекунад: тадқиқи мавзуи баҳси матн таҳлили матнро (бо хусусиятҳои матнии он) ва “аломатҳои давомнокӣ” – таҳлили механизмҳои когнитивии пайдоиш ва дарки он, шароити муоширатии амалишавии он ва вазъияти давомпазирии онро дар бар мегирад [9, с.129; 12, с.231-232]. Аммо фаҳмиши мавзуи баҳси матн чун натиҷа монандшавии истилоҳҳои “матн” ва “мавзуи баҳси матн” (мавзуи баҳси матн-натиҷа=матн)- ро ба миён меорад. Дар матн ҳамчун натиҷаи мавзуи баҳси матн – протсесс аз рӯйи мантиқ бояд ҳамаи “аломатҳои давомноки мавзуи баҳси матн” амалӣ карда шаванд. Аз ин лиҳоз, матн дар ин гуна фаҳмиш бештар аз матн буда, ба мавзуи баҳси матн баробар карда мешавад.

3. Аз нисбат додани мавзуи баҳси матн бо нутқ чун натиҷа (мувофиқи ақидаи Л.В. Шерба “маводи забонӣ”) бармеояд. Мавзуи баҳси матн чун як сохторе фаҳмида мешавад, ки нисбат ба матн калонтар аст. Он маҷмуи матнҳо мебошад. Дар ин вақт матн чун воҳиди хурдтарини сохтори иерархии мавзуи баҳси матн [13, с.28-36]; ё “ҷузъи таркибии мавзуи баҳси матн, ки бо доираи сохтори мавзуи баҳси матн мувофиқбуда” фаҳмида мешавад, ки дар қатори дигар матнҳо дар асоси умумияти шартии муоширатӣ ё мавзуӣ сохта шуда ба мавзуи баҳси он шомил мегардад [7, с.24]. Вале фаҳмиши мавзуи баҳси матн чун маҷмӯи матнҳо дар умум мафҳуми матн ва мавзуи баҳси онро ҷо ба ҷо мегузорад, балки баръакс то ба ҳадди охирин онро наздик мекунад. Бо мақсади роҳ надодан ба наздикшавии ғайрихоҳишии мафҳумҳо, ки мо аз оғоз зид мебошем, нуқтаи назари омӯхташударо (мавзуи баҳси матн ҳамчун натиҷаи фаъолияти нутқӣ) бояд аниқ сохт. Дар ин маврид, ба фикри мо, маънидоди мавзуи баҳси матн на ба сифати матн ва на ба сифати маҷмӯи матнҳо, балки ба сифати воҳиди максималии матн ва махсусан “матни аз тарафи муаллиф ё хонанда шарҳдодашаванда, яъне чунин матне, ки бо назардошти шароити иҷтимоӣ, вазъиятӣ, муоширатӣ, фарҳангӣ ва дигарон, тавлид ва истифодаи он кумакрасон хоҳад буд” [2, с.20-21]. Ин гуна нуқтаи назар бо он хуш аст, ки он матнро то ба воҳиди калонтарини таҳлили матн, таҳлили зинаи болотарин, таҳлили мавзӯӣ меорад. Таҳлили мавзуи баҳси матн аз таҳлили матн сар шуда, дар он асос меёбад. Вақте, ки мо аз таҳлили аломатҳои матнӣ ба равшаниандозии матн мегузарем, матн мавзуи баҳс мегардад. Вобаста ба он саволе ба миён меояд, ки дар куҷо таҳлили матн ба анҷом мерасад ва мавзуи баҳси матн оғоз мешавад? Мувофиқи қайди В.Е. Чернявская дар сатҳи таҳлили матн “вазифаи муоширатии матн, марказҳои муоширатии он муайян гардида, маълумоти дар матн овардашуда, муроҷиат ба кӣ нигаронида шудааст, иттилоъ дода мешавад, адресат дар маводи матнӣ чӣ гуна мубрам сохта мешавад, санъати мавзуии кушода додан чӣ гуна мебошанд, ки алоқаи гуфторҳои алоҳидаро дар байни ҳамдигар ва пешрафти мавзуии онҳоро таъмин месозанд, чӣ гуна сегментҳои муайяни дониш муайян карда мешаванд ва ғ.” муқаррар карда мешавад. Таҳлили мавзуи баҳси матн “аз акскунонӣ ба ҷузъҳои ташкили маъноӣ-мундариҷавӣ ва сохторӣ-нутқии матнҳои дорои омили психологӣ, сиёсӣ, миллӣ-фарҳангӣ, прагматикӣ ва ғ.” сар мешавад [11, с.78-79].

Ҳамин тавр, дар маркази диққати таҳлили мавзуи баҳси матн шарҳи ҳаҷман калонтарини матн ҷой мегирад, ки бо воситаи роҳандозӣ намудани шарҳи экстралингвистии контекст ба даст меояд, ки бо назардошти ҷараёнҳои когнитивии тавлид ва дарки матн, ченакҳои прагматикӣ, алоқа бо дигар матнҳо асос ёфтааст. Ҳамин тариқ, мо чунин меҳисобем, ки ҳам матн ва ҳам мавзуи баҳси онро натиҷаи фаъолияти инсон ҳисобидан дуруст мебошад. Мо мавзуи баҳси матнро чун воҳиди калонтарини матн ва предмети таҳлили мавзуии матн меҳисобем. Мавзуи баҳси матн, ба ҳамин минвол, дорои ҳамаи аломатҳои матнӣ мебошад, аммо онҳоро аз нуқтаи назари мавзуи баҳси матн-таҳлил, яъне бо назардошти механизмҳои пайдоиш ва дарки матн, вазъияти муоширатӣ, аз лиҳози фаҳмиши васеъ дар доираи контексти экстралингвистӣ ва интертекстуалӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Якҷоя бо чунин фаҳмиш аз таърифи мавзуи баҳси матн чун маҷмӯи матнҳои муайян даст кашидан набояд, зеро маҷмӯи ин матнҳо дараҷаи мавзуи баҳси матн, яъне дараҷаи таҳлили мавзуи баҳси матнро муайян

месозанд. Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда доир ба муносибати байниҳамдигарии мафҳумҳои матн ва мавзуи баҳси он ба мавзуи баҳси матн ду таъриф дода шуд: мавзуи баҳси матн чун матни мавриди баҳс қароргирифта ва мавзуи баҳси матн чун намуди мавзуи баҳси матн. Ин имконият медиҳад, ки мавзуи баҳси матн ба тариқи зерин таъриф дода шавад: Мавзуи баҳси матн ин: 1) матнест, ки бо вазъияти муошират (контекстҳои таърихӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сиёсӣ, идеологӣ, психологӣ ва ғ.), бо системаи мақсадҳои муоширатӣ-прагматикӣ, ҷараёнҳои прагматикии тавлид ва дарки он, якҷояшавӣ бо фазои интертекстуалӣ (мавзуи баҳси матн чун матни мубоҳисавӣ, матн-мавзуи баҳси матн); 2) мавзуи баҳси матн ин маҷмӯи матнҳои ифодагардида, ки дар умумияти баъзе аломатҳо (мавзуи баҳси матн чун як шакли мавзуи баҳси матн) асос ёфтаанд, нисбат дорад. Ҳамин тариқ, муроҷиат ба ошкор намудани муносибати байниҳамдигарии мафҳумҳои матн ва мавзуи баҳси он ҳам барои назарияи матн ва барои назарияи мавзуи баҳси матн аҳамияти ҳалкунанда доранд. Рафти муҳокимаронихои аз тарафи пешниҳодшуда – аз муайян намудани матн сар карда, ба воситаи муайян намудани муносибати байниҳамдигарии матн ва мавзуи баҳси матн, то ба муайян намудани мавзуи баҳси матн имконият медиҳад, ки ба фаҳмиши пайдарҳам ва ба дарки ғайритаззодии табиати мафҳумҳои омӯхташавандаи мафҳумҳои тадқиқшударо муайян месозад.

Муқарриз: ***Юсупова М.А.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Баженова, Е.А. Текст / Е.А. Баженова, М.П. Котюрова // Стилистический энциклопедический словарь русского языка; под ред. М.Н. Кожиной. – М.: Флинта: Наука, 2006. – С.528-533.
2. Васильев, Л.М. Общие проблемы лингвистики: теория и методы: учебное пособие / Л.М. Васильев. – Уфа: РИЦ Баш ГУ, 2012. – 206 с.
3. Гальперин, И.Р. Текст как объект лингвистического исследования / И.Р. Гальперин. – М.: Ком Книга, 2007. – 144 с.
4. Григорьева, В.С. Проблемы теории и интерпретации текста: учебное пособие / В.С. Григорьева. – Тамбов: ТГПИ, 1987. – 120 с.
5. Демьянков, В.З. Текст и дискурс как термины и слова обыденного языка / В.З. Демьянков. – http://www.infolex.ru/Txtlsvol.htm, дата посещения – 31.10.2010, - 48 с.
6. Ерофеева, Е.В. К вопросу о соотношении понятий ТЕКСТ и ДИСКУРС / Е.В. Ерофеева, А.Н. Кудлаева // Проблемы социо- и психолингвистики: сб.: ст. / под ред. Т.И. Ерофеева. – Пермь, 2003. – Вып. 3 – С. 28–36.
7. Клушина, Н.И. Стилистика публицистического текста / Н.И. Клушина. – М.: МедиаМир, 2008. – 244 с.
8. Макаров, М.Л. Основы теории дискурса / М.Л. Макаров. – М.: ИТДГК «Гнозис», 2003. – 280 с.; Петрова, Н.В. Текст и дискурс / Н.В Петрова // ВЯ. –2003. – № 6.– С.123-131.
9. Сигал, К.Я. Сочинительные конструкции и дискурс / К.Я. Сигал // Известия РАН. Серия литературы и языка. – 2001. – № 5. – С.42–45.
10. Соссюр, Фердинанд де. Курс общей лингвистики / Фердинанд де Соссюр. – Екатеринбург: Изд-во Уральского ун-та, 1999. – 432 с.
11. Чернявская, В.Е. Дискурс власти и власть дискурса: проблемы речевого воздействия: учеб ное пособие / В.Е. Чернявская. – М.: Флинта: Наука, 2006. – 136 с.
12. Чернявская, В.Е. От анализа текста к анализу дискурса / В.Е. Чернявская // Текст и Дискурс: традиционный и когнитивно-функциональный аспекты исследования: сб. науч. тр.; под ред. Л.А. Манерко. – Рязань, 2002. – С.230-232.
13. Щерба, Л.В. Языковая система и речевая деятельность / Л.В. Щерба. – М.: Едиториал УРСС, 2004. – 432 с.
14. Шкловский В.О. Художественная проза / В.О. Шкловский. - М.: Советский писатель, 1961.
15. Шкловский В.О. О теории прозы / В.О. Шкловский. - М.-Л., 1925.

ОИД БА МУАММОИ ФАРҚИЯТИ МАТН ВА ДИСКУРС

Дар мақола масъалаи баҳсталаби робитаи мафҳумҳои забоншиносии ба ҳам наздик, ки барои тафсири пайваста ва пайгиранда аҳамияти принсипиалӣ дорад, баррасӣ мегардад. Кӯшиш карда мешавад, ки ин таносуб тавассути муайян кардани мафҳумҳои матн ва мубоҳиса дар системаи забон/сухан ошкор гардад. Ҳамчунин дар мақола таърифи дискурс дар маҷрои асосии масъалаи ҳалшаванда нишон дода мешавад. Дар ин хусус, муаллиф бо ақидаи муҳаққиқи машҳур Ф. Де Соссюр ҳамфикр буда, мепиндорад, ки маънидоди мавзуи баҳси матн на ба сифати матн ва на ба сифати маҷмӯи матнҳо, балки ба сифати воҳиди максималии матн ва махсусан "матни аз тарафи муаллиф ё хонанда шарҳдодашаванда, яъне чунин матне, ки бо назардошти шароити иҷтимоӣ, вазъиятӣ, муоширатӣ, фарҳангӣ ва дигарон, тавлиди ва истифодаи он кӯмакрасон хоҳад буд". Муаллиф чунин ақида дорад, ки муроҷиат ба ошкор намудани муносибати байниҳамдигарии мафҳумҳои матн ва мавзуи баҳси он ҳам барои назарияи матн ва барои назарияи мавзуи баҳси матн аҳамияти ҳалкунанда доранд. Рафти муҳокимаронихои аз тарафи пешниҳодшуда – аз муайян

намудани матн сар карда, ба воситаи муайян намудани муносибати байниҳамдигарии матн ва мавзуи баҳси матн, то ба муайян намудани мавзуи баҳси матн имконият медиҳад, ки ба фаҳмиши пайдарҳам ва ба дарки ғайритаззодии табиати мафҳумҳои омӯхташавандаи мафҳумҳои тадқиқшударо муайян месозад.

Калидвожаҳо: матн, гуфтор, забон, нутқ, системаи забон, системаи нутқ, таҳлили матн, таҳлили дискурс.

К ПРОБЛЕМЕ РАЗЛИЧИЙ МЕЖДУ ТЕКСТОМ И ДИСКУРСОМ

В статье рассматривается дискуссионный вопрос соотношения смежных лингвистических понятий (текста и дискурса), имеющий принципиальное значение для наиболее последовательной и непротиворечивой их трактовки. Делается попытка выявить данное соотношение посредством детерминации понятий текста и дискурса в системе языка/речи. Предлагается определение дискурса в русле решаемого вопроса. В связи с этим автор, в соответствии с точкой зрения известного исследователя Ф. де Соссюра, утверждает, что значение предмета следует понимать не как текст или как набор текстов, а как максимальную единицу текста. По мнению автора, призыв к раскрытию взаимосвязи между концепциями текста и его предметом имеет решающее значение как для теории текста, так и для теории предмета текста. Представленный ход обсуждения - от определения текста до определения взаимосвязи между текстом и темой текста и до определения темы текста - позволяет дать точное понимание изучаемых понятий.

Ключевые слова: текст, дискурс, язык, речь, система языка, система речи, текстуальный анализ, дискурсивный анализ.

THE PROBLEM OF DIFFERENCE BETWEEN TEXT AND DISCOURSE

The controversial issue of the ratio of related linguistic concepts (text and discourse), which is of fundamental importance for their most consistent and consistent interpretation, is considered. An attempt is made to reveal this ratio by means of the determination of the concepts of text and discourse in the language / speech system. The definition of discourse in the mainstream of the issue to be solved is proposed. In connection with this author from the point of view of the well-known researcher F. De Saussure adheres to the same opinion, asserting that the meaning of the subject must be understood not as a text or as a set of texts, but as a maximum unit of text, and especially as a "text" as explained by the author. or the reader. "Situational, communicative, cultural and other, their creation and use will help". According to the author, the call to reveal the interrelationships between the concepts of the text and its subject has a decisive meaning as for the theory of the text, as well as for the theories of the subject of the text. The represented course of discussion - from the definition of the text to the definition of the relationship between the text and the theme of the text and to the definition of the topic of the text - allows the agreed concept and non-specific understanding of the nature of the studied concepts.

Key words: text, discourse, language, speech, language system, speech system, textual analysis, discourse analysis.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қобилова Фариза Хурсанҷоновна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, унвонҷӯйи кафедраи назария ва амалияи забони англисии факултаи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков, 1. E-mail: **kobilovafariza@gmail.com.** Тел.: **(+992) 93-601-01-33**

Сведение об авторе: ***Кобилова Фариза Хурсанджоновна*** – Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, соискатель кафедры теории и практики английского языка, факультета иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. E-mail: **kobilovafariza@gmail.com.** Тел.: **(+992) 93-601-01-33**

Information about the author: ***Kobilova Fariza Khursandzhonovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, post-graduate student of the Department of Theory and Practice of the English Language, Faculty of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov pas.1. E-mail: **kobilovafariza@gmail.com.** Тел.: **(+992) 93-601-01-33**

УДК: 491.550

ТАСНИФИ СОХТОРӢ - ТАРКИБИИ АНТРОПОНИМИЯИ РОМАНИ «ВОСЕЪ» -И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Тағоев С.Х.
Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ

Антропонимика (юнонии. ἄνθρωπος - инсон ва ὄνομα - ном) – яке аз бахшҳои ономастика мебошад, ки ба омӯзиши асмои одамон мансубият дорад ва таркибҳои алоҳидаи онҳоро (номи шахс, насаб, лақаб, тахаллус, куният ва ғайра; баромади онҳо, таҳаввул, қонунмандиҳои амалкарди онҳоро) меомӯзад.

Антропонимика аз ономастика солҳои 60-70-уми асри XX ҷудо шуда, то солҳои 60-70-ум ба ҷойи истилоҳи «антропонимика» истилоҳи «ономастика» истифода мешуд. Ин илм маълумотҳоеро меомӯзад, ки ном дар худ фаро гирифтааст: тавсифи сифатҳои инсонӣ, робитаи инсон бо волидайн, оила, ниёкон, миллат, касбу кор, мансубият ба ягон макону маҳал, шаҷара ва ғайра. Антропонимика вазифаҳои антропонимро дар нутқ – номгузорӣ (номинатсия), таъйиноту ташхисот (идентификатсия), тафриқа (дифференсиатсия), табодули ном вобаста ба синнусол, тағйиротҳои иҷтмоӣ ва хонаводагӣ, зисту зиндагӣ ва сукунат дар байни одамони мансуб ба дигар миллатҳо, қабули дигар дину ойинҳо, тағйир додани эътиқодот ва ғайра, муайян менамояд.

Файласуф ва илоҳиётшиноси машҳури рус П.А. Флоренскийро ҳамасронаш «Леонардо да Винчии асри XX» меномиданд ва ба ӯ асаре таҳти унвони «Номҳо» тааллуқ дорад, ки ибтидои асри XX таълиф ва нашр шуда буд. Моҳияти номҳоро аз мавқеъ ва нуктаи назари таърихӣ, адабӣ ва метафизикӣ кушода, муайян карда буд. П.А. Флоренский тасвири муфассали 16 номи асосии мардонаю занонаро овардааст.

Ба коркарди масъалаҳои асосии антропонимика дар забоншиносии рус В.Д. Бондалетов, Н.А. Баскаков, С.И. Зинин, Ю.А. Карпенко, В.Н. Михайлов, А.А. Реформатский, В.П. Морошкин, Н.А. Петровский, А.М. Селищев, А.В. Суперанская, О.Н. Трубачёв, Н.М. Тупиков, В.К. Чичагов, Л.В. Успенский машғул шудаанд. Антропонимикаи Россия солҳои 80-90-уми асри XX бо корҳои илмӣ-таҳқиқотии И.М. Ганжина, М.В. Горбаневский, Ю.А. Карпенко, И.А. Королёв, Т.Н. Кондратева, В.А. Никонов, Н.Н. Парфёнова, Н.В. Подолская, Б.О. Унбегаун, Н.К. Фролов ғанитар гаштааст. Даҳсолаҳои охир олимону муҳаққиқони забоншиноси рус масъалаҳои ташаккул ва таҳаввули антропонимикаи минтақавиро ба риштаи таҳқиқ кашиданд.

Тасниф ва таҳлили номвожаҳо аз нигоҳи сохту таркиб дар илми номшиносӣ таҷрибаи нахуст набуда, аз ҷониби олимону муҳаққиқони зиёди хориҷию ватанӣ таҳқиқотҳои зиёде дар ин самт анҷом пазируфта шудааст. Маҳз ба воситаи ин таҳлил ва боз намудани моҳияти илмии ҳар як ном ҷустуҷӯйҳои пайгиронаи илмиро аз қаъри асрҳо рӯйи кор оварда, инчунин барои дигар илмҳо низ маводи пурқимати илмиро аз жарфтарин нукта, ки дар тӯли қарнҳои зиёд аз хотираҳо зудуда шудаанд, ба миён меоварад.

Ин таҳқиқот ба таснифи антропонимҳои асар аз нигоҳи сохту таркиб бахшида шудааст ва он дар асоси таҳқиқоти олимону донишмандон ва муҳаққиқони топонимшиноси тоҷику мамолики хориҷ сурат хоҳад гирифт.

Романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода чун дигар асори таърихӣ соҳиби мақому манзалати хосса мебошад. Зимни омӯзиш дар романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода 188 антропоним (номи одамон) мушоҳида гардид, ки онҳо аз нигоҳи сохту таркиб якранг нестанд. Антропонимҳо чун дигар калимаҳои маъмули забон аз нигоҳи сохт сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ мебошанд, ки омӯзиши ҷудогонаи онҳо захираи пургановати асар ва анвори (фонди) луғавии забонро бою рангин месозад.

Зимнан ёдовар бояд шуд, ки таснифи маводи романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода аз нигоҳи сохтори калимасозӣ тибқи қолаби маъмулии таснифоти сохтории калимасозии забон дар асоси талаботи зерин: антропонимҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ амалӣ карда шуд.

Антропонимҳои сода

Қабати антропонимияи содаи асар, дар қиёс ба дигар қабати он шумораашон бештар буда, аз инҳо иборат мебошанд: Зоҳир [Zohir], Ҳикмат [Hikmat], Ғафур [Gafur], Юнус [Yunus], Аҳмад [Ahmad], Барот [Barāt], Шариф [Šarif], Кулӯх [Kulux], Кесак [Kesak], Яъқуб [Ĵagub//Ĵa'gubš], Ҳаво [Havā], Шайх, Сурма [Surma], Фаёз [Fayāz] ва ғ. [15].

Зимнан бояд иброз дошт, ки ин қабати антропонимҳоро аз мавқеи имрӯзаи забони адабӣ ба гурӯҳи номҳои аз лиҳози сохт сода тасниф намудем.

Антропонимҳои сохта

Дар забоншиносӣ калимаҳои сохта бо усули морфологии калимасозӣ бо ёрии формантҳои калимасоз сурат гирифта, дар асоси илова гардидани аффиксҳо бо асоси калима сохта мешаванд. Бо чунин тарзи калимасозӣ дар романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода теъдоди муайяни антропонимҳо ба қайд гирифта шудаанд, ки онҳо дар қиёс ба антропонимҳои сода шумораашон кам аст. Тавре гуфтем, созмон ёфтани калимаҳои аз нигоҳи сохт сохта бо илова гардидани формантҳо ба асоси калима ташкил меёбанд. Дар романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода дар эҷоди антропонимҳои сохта формантҳои **- хон, - зор, - ча, - ҷон, - ак** истифода гардидаанд, ки теъдодашон хеле кам аст:

Форманти -хон. Ин формант бо исм ва атропонимҳои маъмули сериствъмол якҷо шуда, антропонимҳои мардона сохтааст: Аҳадхон, Лутфияхон ва Акрамхон [Akramxān] [15].

Форманти -зор. Дар романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода бо воситаи ин формант як антропоними занонаи Гулизор [Gulizār] созмон ёфтааст.

Форманти -ча. Антропоними мардонаи Каримча [Karimća] ба воситаи ин формант сохта шудааст. Тавре маълум аст, дар ин қабати антропонимҳо, ки аслан бо илова гардидани форманти **-ча** бо калимаҳои гуногун пайдо гардидаанд, як номгӯй ба қайд гирифта шудааст.

Форманти -ҷон. Дар романи «Восеъ» ба воситаи ин формант исми мардонаи Иномҷон [Inomgān] сохта шудааст. Аз илова шудани ин формант бо решаи калима “Ином” (исм), антропоними мазкур ташкил ёфтааст.

Форманти -ак. Ба воситаи ин формант дар романи «Восеъ» номи мардонаи Талхак [Talxak] созмон ёфтааст, ки миқдоран як номгӯйро ташкил медиҳад.



Антропонимияи мураккаб

Антропонимҳои ин бахш миқдоран 6 адад буда, бо роҳи калимасозии синтаксисӣ - морфологӣ сохта шудаанд. Мирзоакрамбой [Mirzākarimbāy], Абдулаҳадхон [Abdulahadxān], Ибодатпошо [Ibādatšā], Аноргул [Anārgul], Алайкбахшбой [Alikbaxšāy],

Сангалӣ [Sangali], Наимшоҳ [Naimšāh], Саидасрор [Saidasrār], Миршаб [Miršab], Остонақул [Āstānagul], Хушмуҳаммад [Xušmuhammad], Ризқихола [Rizkixāla], Умархалифа [Umarxalifa] [15].

Антропоним – ибораҳо.

Дар романи “Восеъ” антропонимҳое мушоҳида мешаванд, ки аз ду ва зиёда ҷузъҳо иборат буда, алоқаи онҳо тавассути алоқаи изофӣ сурат гирифтаанд ва дар ин навъи антропонимҳо ҷойи тобеъшавандаю тобеъкунанда (муайянкунандаву муайяншаванда) устувор мебошад. Дар ин навъи калимасозӣ ҷузъҳои таркиби антропонимҳо аз рӯйи муносибат ба ҳиссаҳои нутқ якранг нестанд. Ин гуна антропонимҳо метавонанд аз исму исм, исму сифат, сифату сифат, сифату исм ва амсоли инҳо ташкил ёбанд.

а) аз исму исм ба воситаи алоқи изофӣ: Хоҷаи Хизр [Xāǰai Xizr], Муҳаммадхони Баҳодур [Muhammadxāni Bahādur], Абдураҳмонхоҷаи Охунд [Abdurahmānxāǰai Āxund] [15].

б) аз исму сифат бо роҳи алоқаи изофӣ: Аҳмади Калла [Ahmadi Kalla], Аломаи Дамирӣ [Alāmai Damiri], Мири Зард [Miri Zard], Кали Ашӯр [Kali Ašōr], Кари Юсуф [Kari Yusuf], Умари Буз [Umari Buz]. Антропонимҳои ин қабат дар асар дар шаклҳои дигар низ истифода шудаанд.

в) аз исму исм ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ: Мирзо Қорӣ [Mirzā Kāri], Саидбек Валамӣ [Saidbek Valami], Каттатура Абдулмалик [Katatura Abdulmalik]. Ин номҳо дар асар истифодаи маҳдуд доранд.



Қабати як андоза ва аз диди илмӣ мушкилтаҳлили антропонимияи романи “Восеъ”-ро номҳое созмон медиҳанд, ки таркиби онҳо аз ду ва зиёда ҷузъҳо иборат буда, аз ном, куният ва номи падар созмон ёфтаанд: Амир Музаффархон [Amir Muzaffarxān], Мирзо Қорӣ [Mirzā Kāri], Яхшибек-удайчӣ [Yaxšibek - udayći], Шакар-баҳодур [Šakar-bahodur], Давлат-қаравулбегӣ [Davlat-karavulbegi], Амир Саид Муҳаммадхони Баҳодур [Amir Said Muhammadxāni Bahodur], Ҳоҷӣ Раҳматулло [Hoǰi Rahmatullā], Аҳмади Калла [Ahmadi Kalla], Каттатура Абдулмалик [Katatura Abdulmalik], Кари Юсуф [Kari Yusuf], Абдуҳақхоҷаи Соҳибзода [Abduhakxāǰai Sāhibzāda] ва амсоли инҳо, ки теъдодашон 39 номгӯйро ташкил медиҳад. Ин тарзи номгузорӣ таърихи ниҳоят куҳанро соҳиб буда, роиҷ гардидани онро баъзе ривоятҳо ба давраи зуҳури ислом ба Осиёи Миёна асоснок мекунанд. Аммо ин андеша асоси роиҷ гардидани чунин санъати номгузориро аз дидгоҳи илмӣ равшан сохта наметавонад. Вобаста ба ин, муҳаққиқи тоҷик О.Ғафуров бобати илова гардидани куният дар асмои одамон чунин изҳори ақида намудааст: “Дар ҷамъияти сернуфуз номҳо ҳам бояд сершумору гуногун мешуданд, чунки вазифаи асосии исм як шахсро аз шахси дигар фарқ кардан аст. Барои ҳамин дар ҷамъияти олӣ лақабҳои махсус, яъне куният истеъмол мешуданд” [1, с.12]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки роиҷ гардидани

санъати номгузории мутазаккир на ба зуҳури араб ба Осиёи Миёна, балки аз зиёд гардидани аҳолӣ ва бештар истеъмол намудани гурӯҳи муайяни номҳо (мардум аз рӯйи эътиқод ба Худо, пайғамбарон ва олу асҳоби эшон бештар як қабил номҳоро истифода менамуданд) ва гузоштани онҳо ба фарзандҳояшон пайдо гардид. “Дар ҳақиқат мусулмонони Осиёи Миёна фарзандони худро, пеш аз ҳама, ба шарафи пайғамбарамон - Муҳаммад [Muhamad], Иброҳим [Ibrāhim], Исо [Isā], Мӯсо [Musā], Яъқуб [Ĵagub//Ĵa'gub], ба шарафи номи Худованд (Оллоҳ) [Āllāh] – Абдуллоҳ [Abdullāh], Абдурраҳим [Abdurahim], Абдурраҳмон [Abdurahmān], Абдулмалик [Abdulmalik], Абдулазиз [Abdulaziz], ба шарафи хешовандони Муҳаммад [Muhammad] – Аббос [Abās], Абдулмуталиб [Abdulmutalib], Алӣ [Ali], Ҳамза [Hamza], Ҳошим [Hāšim]” меномиданд” [1, с.12].

Ҳамин тариқ, баррасӣ ва таҷзияи антропонимҳо аз лиҳози сохту таркиб дар таълифоти муҳаққиқони мамолики хориҷ падидаи нав набуда, таърихи тӯлониро молик мебошад ва дар Тоҷикистон асосан аз солҳои 60-уми асри гузашта манша гирифта, дар ин муддати начандон тӯлонӣ дар маҷрои муайяни худ ворид шудаву таҳқиқотҳои вижае анҷом ёфтаанд. Аммо то кунун зиёданд вижагиҳои ҳанӯз ҳам омӯхтанашуда дар ин самт, ки дар рушду таҳаввули паҳлуҳои дигари масъалаи мазкур манфиатманд бошанд.

Муқарриз: ***Абдусамадзода Э.А.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДДК ба номи А.Рӯдакӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Гафуров А.Г. Рассказы об именах / А.Г.Гафуров. - Душанбе, 1968. - 140 с.
2. Давлатов Э. Номгузорӣ – омили пешрафт дар ҷомеа (ё худ номҳо ҷузъи таъриханд) / Э. Давлатов // Суннати номгузорӣ ва номҳои ҷуғрофӣ (Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ). - Душанбе, 2016. - С.73-77.
3. Давлатов Э. Таҳлили забонӣ ва чандомади номи пайғамбарон дар «Бӯстон»-и Саъдӣ Шерозӣ / Э. Давлатов // Забон - рукни тоат (Язык - столп поклонения). – Маҷаллаи илмӣ - назариявӣ. Китоби нуҳум. - Душанбе: Балоғат, 2017. - С.164-171.
4. Давлатов Э. Таҳлили забонӣ ва корбасти лақаб, тахаллус ва номҳои ифтихорӣ дар «Қасас-ул-анбиё» / Э. Давлатов // Забон - рукни тоат (Язык - столп поклонения). – Маҷаллаи илмӣ - назариявӣ. Китоби даҳум. - Душанбе: Балоғат, 2017.- С.108-116.
5. Давлатов Э.А. Лингвистическое исследование ономастики «Касас-ул-анбиё» / Э.А. Давлатов. – Душанбе: Континент.ТЈ., 2017. – 132 с.
6. Давлатов Э.А. «Қасас-ул-анбиё» ва баъзе масъалаҳои ономастикаи он (маҷмӯаи мақолаҳои илмии ономастикӣ) / Э.А. Давлатов. – Душанбе: Континент ТҶ, 2017. – 85 с.
7. Самариддин, С. Название родины – история родины (Научно-публицистическая монография) / С. Самариддин. – Душанбе: Ирфон, 2000. - 91 с.
8. Самарканди, Я.Ш. Словарь персидско-таджикских имен / Я.Ш. Самарканди. - Душанбе: ЭР-граф, 2010. - 392 с.
9. Фарзонаи, С. Словарь имен / С.Фарзона. - Душанбе: Адиб, 2014. - 336 с.
10. Толковый словарь таджикского языка.Т.1. - Душанбе, 2008. - 945 с.
11. Толковый словарь таджикского языка.Т.2. - Душанбе, 2008. - 950 с.
12. Шахбози Рустамшо. Топонимия «Итория Систон» / Рустамшо, Шахбоз. - Душанбе: Матбаа, 2018. -120 с.
13. Шахбози Рустамшо. Ономастика и некоторые её теоретические и практические аспекты (на основе материала “История Систон”// Рустамшо Шахбоз. - Душанбе: Матбаа, 2020. – 92 с.
14. Шарофзода, Г. Словарь национальных таджикских имен / Г. Шарофзода, С. Матробиён. - Душанбе: Истеъдод, 2017. - 184 с.

М А Ъ Х А З

15. Улуғзода, Сотим. Восеъ (роман) / Сотим Улуғзода. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2018. – 319 с.

ТАСНИФИ СОХТОРӢ-ТАРКИБИИ АНТРОПОНИМИЯИ РОМАНИ «ВОСЕЪ»-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Мақола ба масъалаи тасниф сохторӣ-таркибии антропонимияи романи “Восеъ”-и Сотим Улуғзода - асари таърихӣ, ки фарогири ҳаводиси таърихӣ ва зуҳури Восеи қаҳрамон мебошад, бахшида шудааст. Дар ин таҳқиқот антропонимҳо аз рӯйи ба инобат гирифтани таркиби калимасозии сохториашон ба сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ тасниф гардидаанд. Дар баробари ин, бо нишондод дар шакли диаграмма (Диаграммаи 1) теъдоди антропонимия вобаста ба сохторашон нишон дода шуда, бо номгӯи умумии антропонимияи асар қиёс гардидаанд. Дар мақола зимни таснифи қабати сохтаи антропонимия дар заминаи формантҳои **- хон, - зор, - ча, - ҷон, - ак** номгӯи алоҳидаи онҳо вобаста ба иштироки формантҳо гурӯҳбандӣ гардида, дар нишондод (Диаграммаи 2) дар шакли васеъ инъикос гардидаанд. Инчунин, шакли транскрипсияи ҳамаи маводи дар мақола истифодагардида оварда шуда, мувофиқи талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотии дар ин самт арзёбишаванда таҳия ва таълиф гардидаанд. Масалан: Муҳаммад [Muhamad], Иброҳим [Ibrāhim], Исо [Isā], Мӯсо [Musā], Яъқуб [Ĵagub//Ĵa'gub], Абдуллоҳ [Abdullāh], Абдурраҳим [Abdurahim] ва амсоли инҳо. Дар баробари ин, зимни таҷзияи мавод аз усулҳои муқоисавӣ ва таҳлили сохтории формантӣ истифода гардидааст. Инчунин, қабати номҳое, ки таркиби онҳо аз се ва зиёда ҷузъҳо

иборат мебошанд (Абдуллоҳ ибни Аббос [Abdullāh ibni Abās], Муҳаммад ибни Исмоил [Muhammad ibni Ismāil], Исмоил ибни Иброҳим [Ismāil ibni Ibrāhim], Абдуллоҳ ибни Салом [Abdulllāh ibni Salām]), аз ном, куният ва номи падар созмон ёфтаанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Калидвожаҳо: қабати забонӣ, забоншиносӣ, таҳлили формантӣ, сода, сохта, мураккаб, таркибӣ, антропонимия, номгӯи онимҳо, таснифи сохторӣ-таркибӣ, сохтори калимасозӣ, таҳлили забоншиносӣ ва вижагиҳои калимасозӣ.

СТРУКТУРНО-СОСТАВНАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ АНТРОПОНИМИИ РОМАНА «ВОСЕЪ» СОТИМА УЛУГЗАДЕ

Статья посвящена структурно-составной классификации антропонимии романа Сотима Улугзаде «Восе» - исторического произведения, включающего исторические события и появление главного героя Восе. В данном исследовании антропонимия с учетом состава классифицируется по структуре словообразования: на простую, производную, сложную и составную. При этом количество антропонимов в зависимости от их структуры отображается в виде диаграммы (Диаграмма 1) и сопоставляется с общим списком антропонимов произведения. В статье при классификации производного антропонимического слоя на основе формантов **-хон, -зор, -ча, -ҷон, -ак** сгруппирован их отдельный перечень в зависимости от наличия форманта и широко отражен в диаграмме (Диаграмма 2). Также все материалы, использованные в статье, приведены в их транскрипционной форме. В статье классифицированный материал представлен в форме транскрипции, разработанный и составленный в соответствии с требованиями научно-исследовательской работы, оцениваемой в данной области. Например: Муњаммад [Muhamad], Иброљим [Ibrāhim], Исо [Isā], Мӯсо [Musā], Яъќуб [Ĵagub//Ĵa'gub], Абдуллоњ [Abdullāh], Абдурраҳим [Abdurahim] и им подобное. Наряду с этим, при анализе материала использовались сравнительные методы и формативно-структурный анализ. Подвергнут использованию также слой имен, состоящий из трех или более компонентов ((Абдуллоњ ибни Аббос [Abdullāh ibni Abās], Муњаммад ибни Исмоил [Muhammad ibni Ismāil], Исмоил ибни Иброљим [Ismāil ibni Ibrāhim], Абдуллоњ ибни Салом [Abdulllāh ibni Salām]), образованные от имени, фамилии и отчества.

Ключевые слова: лингвистический слой, лингвистика, формативный анализ, простой, производный, сложный, составной, антропонимия, список онимов, структурно-составная классификация, словообразовательная структура, лингвистический анализ и особенности словообразования.

STRUCTURAL-COMPOSITIONAL CLASSIFICATION OF ANTHROPONYMY OF THE NOVEL «VOSE» SOTIM ULUGZADE

The article is devoted to the structural-composite classification of the anthroponymy of Sotim Ulugzade's novel «Vose» - a historical work that includes historical events and the appearance of the main character Vose. In this study, anthroponymy, taking into account the composition, is classified according to the structure of word formation into simple, derivative, complex and composite. At the same time, the number of anthroponyms, depending on their structure, is displayed in the form of a diagram (Diagram 1) and compared with the general list of anthroponyms of the work. In the article, when classifying the derived anthroponymic layer based on the formants - hon, - zor, - cha, - on, - their separate list is grouped depending on the presence of the formant and is widely reflected in the diagram (Diagram 2). Also, all materials used in the article are given in their transcriptional form. The article presents classified material in the form of transcription, developed and compiled in accordance with the requirements of the research work being evaluated in the field. For example: Muњammad [Muhamad], Ibroњim [Ibrāhim], Iso [Isā], Mӯso [Musā], Yaќub [Ĵagub // Ĵa'gub], Abdulloњ [Abdullāh], Abdurrahim [Abdurahim] and the like. Along with this, comparative methods and formative-structural analysis were used in the analysis of the material. A layer of names consisting of three or more components ((Abdulloњ ibni Abbos [Abdullāh ibni Abās], Muhammad ibni Ismāil], Ismoil ibni Ibroњim [Ismāil ibni Ibrāhim], Abdullah [Abdullāh ibni Abās], Abdullah ibni Ismāil), formed from the given name, surname and patronymic.

Key words: linguistic layer, linguistics, formative analysis, simple, derivative, complex, compound, anthroponymy, list of onyms, structural-compound classification, word-formation structure, linguistic analysis and features of word formation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тагоев Саймомин Холмуминович*** - Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ, докторанти Ph.D, бахши забоншиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ 21. Тел.: **(+992) 918-14-29-67**

Сведение об авторе: ***Тагоев Саймомин Холмуминович*** – Институт языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ, докторант Ph.D, отдел языкознания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 21. Тел.: **(+992) 918-14-29-67**

Information about the author: ***Tagoev Saymomin Kholmuminovich*** - Institute of Language and Literature named after A. Rudaki NAST, doctoral student Ph.D, department of linguistics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. Tel.: **(+992) 918-14-29-67**

УДК: 801.3

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ВОЖАҲОИ ЗАБОНИ ФОРСИИ БОСТОН

Тухтасунов О.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Забони форсии бостон, яке аз забонҳои рушдёфтаи даврони қадим, модарзабони қавмҳои форсизабонон мебошад, ки забонҳои гурӯҳи эронӣ, аз ҷумла тоҷикӣ решаи бунёдии худро аз он гирифтааст. Ин забон - забони шоҳаншоҳони сулолаи Ҳахоманишиҳо буда, тавассути он солҳои 705-331 пеш аз милод дар қаламрави мамолики худ, ки марзи он ҳудуди зиёдеро, тамоми Персия ва даврае Мидия, Лидия, Бобулистон ва ҳатто Мисрро дар бар мегирифт [4, с.271], салтанат кардаанд ва корномаҳои худу таърихи он давронро сабт кардаанд. Навиштаҳои ин забон бо расмулхатти мехӣ сурат гирифта, аз он намунаҳо дар намуди катибаҳои рӯйи сангу деворҳо ва ашёҳои филизӣ боқӣ мондааст. Шояд барои навиштан аз пӯсти ҳайвонот низ истифода мекарданд, вале чун ин гуна ашё дар муддати тӯлонии таърих вайрон мегардад, то ҳол дастраси муҳаққиқин нагаштааст. Ҳудуди густариш ва пайдоиши хатти мехии форсии бостонро мамолики Форс, Элам ва Мод арзёбӣ мекунанд [9, с.12]. То имрӯз зиёда аз 200 катибаҳои бо ин хат сабтёфта, дарёфт гаштаанд, ки аксари онҳо бо форсии бостон (ф.б.), эламӣ (эл.) ва аккодӣ (акк.) навишта шудаанд. Муҳим ва арзишноктарин катибаҳо барои омӯзиши ин хат ва муайян кардани чигунагии таърихи он даврон, катибаҳои дар зеровардаро медонанд: катибаи бо се забон, форсии бостон, эланӣ ва аккодӣ сабтёфтаи Дориюши I дар кӯҳи Бесутун (DB), ки матнҳои форсии ботони он дар 5 сутун, мувофиқан 96, 98, 92, 92, 36 сатрро дар бар мегирад; Нақши Рустам (DNa, DNb) бо се забон; (DNa, форсии бостонӣ 60, эл. 48, аккодӣ 36 сатр ва DNb, форсии бостон 60, эланӣ 43, аккодӣ 39 сатр); Катибаи Суз (DSf) - 58 сатр; Катибаҳои Хшаёршо дар Персепол (XP), (XPh) бо се забон, форсии бостон 60, эланӣ ва аккодӣ ҳар кадом дар 50 сатр ва (XPf) бо дузабон, форсииб. 48 ва аккодӣ 38 сатр.

Забони форсии бостон, ки бо забони аҳли Мод дар равобит рушд ёфтааст, аз луғоти худ ҳамдигарро бархӯрдор кардаанд ва аз ин ҷо бархе калимаҳои забони модҳоро низ ба худ дорад [4, с.59]. Вожаҳои форсии бостон ва модиро дар кулли забонҳои хонаводаи ҳиндуаврупоӣ ва ҳам сомӣ низ дучор омадан мумкин аст. Таъкид кардаанд, ки теъдоди зиёди вожаҳои форсӣ дар замони ҳукмронии Ҳахоманишиҳо ва қисме баъдтар, дар даврои салтанати Сосониён, ки давлати муқтадири он замонаҳо буданд, ба забонҳои мухталифи он даврон иқтибос шудаанд.

Чун овонавиштаҳои катибаҳои форсии бостонро аз назар мегузаронед, теъдоди зиёди вожаҳоеро дучор мегардед, ки онҳо бо чунин шакли овоӣ ва маъноӣ дар забони тоҷикӣ дар гардишанд, бархе бо каме таҳаввулот ва дастае бо дигаргунии куллӣ ва маъноӣ то ба мо расидаанд. Таҳлил ва муқобалаи сохтори ин гуна вожаҳо, такя бар қавоиди калимасозии форсии бостон ва таҳаввули фонетикӣ, дар муайян намудани этимологияи бархе аз вожаҳои забони тоҷикӣ метавонанд, роҳнамо гарданд. Дар зер бархе аз вожаҳои форсии бостонро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Як даста анвои зарф дар забони тоҷикӣ мероси форсии бостонанд. Масалан, вожаи тоҷикии *«дур»* антоними *«наздик»*, дар форсии бостон дар шакли *«dūra»* дучор мегардад, ки он чун маъноҳои имрӯзааш дар гузашта низ чизи дар фосилаи зиёди вақт ва ҳаммакон бударо ифода менамудааст. Ин вожа дар ҳиндуи қадим (ҳ.қ.) низ шакли *“dūra»*- ро дошта, дар авастоӣ (ав.) *“durā»*, хутану сакоӣ *«dura»* ва ба форсии миёнаю (форсии миёна) нав (ф.н.) бо тахфифи овои анҷом - *«а»*, бо гунаи *“dur (дур)»* расидааст. Вожаи мавриди таҳлил асоси як даста калимаҳои дигари форсии бостон-ро ташкил додааст, чун *“dūraiy»* - *дур, дурӣ*, *«dūradaša»* - «*аз дур*» ва *«dūraiyapiy»*, ки онро бунёд ёфта аз *«dūraiy»* ва *«apiy»* дониста, бо маънои «*ниҳоят дур»* тавзеҳ додаанд [7, с.248; 9, с.57]. Ё ки зарфи форсии бостон *«dargam»* бо маънои «*дер*», дар авастоӣ гунаи *«darəgəm»* ва дар форсии миёна *«darg / dēr»* – ро пазируфтааст. Шояд гунаҳои форсии бостон ва авастоӣ калимаҳои сохта буда, дар онҳо ҷузъи *“dar» – дер* ва ҷузъи *«gam»* ифодагари феъли “*омадан”* бошад (муқоиса кунед бо вожаи тоҷикии *«гом»* ба маънои “*қадам”*), чунки вожаи *«gam»* ҳам дар луғоти

форсии бостон ва ҳам авастоӣ маънои "*омадан*» – ро дорад ва аз ин рӯ, маънои луғавии *"dargam»*- и форсии бостон ва *"darəgəm*»-и авастоӣ "*дер омадан"*, "*дер кардан"* ва гунаи форсии миёна *«darg»* натиҷаи тахфифи форсии бостон *«dargam»* бошад. Ин вожа хусусияти полисемӣ дошта, дар китоби муҳаққиқи озар Р.С.Меликов, «Древнеперсидские надписи» самти дигари маъноии вожаи *«dargam»* ва гунаҳои он *«drgm, darga»* (бо маънои «*дароз, дарозӣ*») мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Нишон дода шудааст, ки ин вожаҳо бо гунаҳои ҳиндуи қадим *"dirghas»*, авастоии "*draō,darəga»*, форсии миёна *«drāz»*ва форсии нав *"dirāz, darāz» – дароз* дар иртиботанд [7, с.244]. Маълум аст, ки ҳоло дар забони тоҷикӣ калимаи «дароз» майдони истифодаи васеъ дорад, маъноҳои аслию маҷозиро касб кардааст, барои ифодаи муҳлат: рӯзи дароз, умри дароз, зимистони дуру дароз; барои фосила, андоза: роҳи дароз, ресмони дароз, мӯйи дароз; барои баландӣ: дарахти қаддароз; барои кашолёбӣ: садоноки дароз, бемории дуру дароз; маҷозан: дастдарозӣ кардан ва ғ. Ин ҷо мебояд, таъкид кард, ки вожаи форсиасли арабишуда –*"дараҷа»*, ки ҳоло маъниҳои зиёдеро ифода дорад, шояд дар аввал танҳо маънои «*андоза»*, яъне «*дарозӣ»*–ро дошта, аз гунаи авастоии *"darəga»-дарозӣ* бо ивази овои-*g-//-* эҳё шуда, баъд бо мурури вақт дигар маъноҳоро низ соҳиб шуда бошад. Осетинии *«darǧ»* низ ҳамрадифи гунаи форсии бостон мебошад, ки он ҳам дарозӣ-масофа ва ҳам муддати дароз, тӯлониро ифода дорад. Шарқшиноси варзида В.И. Абаев нисбати ин вожа зикр кардааст, ки баромади ҳиндуаврупоӣ дошта, бо курдии *"drg, derg»*, славянии қадими *«длъгъ»*, русии - *«долгий, длинный»* ва юнонии *«δολιχός»* аз як сарчашма ибтидо гирифтааст [1, т.1. с.344-345]. Барои ифодаи дарозӣ, масофа ва муддати тӯлонӣ дар форсии миёна, инчунин истифодаи калимаи *«dagr (dgl)»* ва дар форсии миёна монавӣ *"dgr»*– ро қайд кардаанд. Аз сохти зоҳирии ин вожаҳо маълум аст, ки онҳо натиҷаи ҳодисаи метатезаи гунаи форсии бостон *"darg»*– *дароз* мебошанд ва худи вожаи тоҷикии *«дароз»* низ сарчашма аз он гирифтааст.

Вожаи дигаре, ки бо таҳаввули сохторӣ ба мо расидааст, форсии бостон *"nipadi»* бо маънои *"дунбол»* мебошад, ки онро муҳаққиқон аз ҷузъҳои *«ni-»* пешванд ва *«padi, pad»*– *пай* бунёдёфта арз доранд [9, с.58]. Ба андешаи мо, аз ин вожа, гунаи *«нубат»*-и дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ ҳифз монда мерос буда, аз он дар натиҷаи табдили «у» ба «в» дар забони адабии тоҷикӣ шакли *«навбат»* пайдо шудааст.

Яке аз вожаҳои хусусияти полисемӣ доштаи форсии бостон – *"para»* бо маънои «*канор, тараф, сӯй, паҳлу*» ба форсии нав дар шакли *«parra (nappa)»* бо маъноҳои ишорашуда расидааст ва ин вожа хусусан дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ серистеъмол аст. Онро дар шеъру абётҳои халқӣ дучор омадан мумкин аст. Аз вожаи мавриди таҳлил гунаи *«паҳлу»*, бо ин минвол: *pahlu* < *palu*< *para* шакл гирифтааст, ки он дар забони адабии тоҷик дар гардиш аст (Бояд таъкид кард, ки дар баъзе забонҳо, аз ҷумла ҳиндуи қадим, паҳлавӣ ба таркиби вожаҳои иқтибосӣ ва меросии форсии бостон овои *«h»* ворид гаштааст, ки ба маънои вожа бетаъсир аст). Вожаи форсии бостон *"para»* дар бунёди чанде аз вожаҳои дигари форсии бостон, чун *«duvitāparanam» – аз ду ҷониб, аз ду парра, «avapara»- аз он сӯй, «paradraya» –он сӯйи дарё* ва ғ. истифода ёфтааст [9, с.58].

Калимаи *"тарс»- бим*, ки ҳолати рӯҳии инсонро ифода дорад дар форсии бостон, дар катибаҳои кӯҳи Бесутун дар шакли *«tarsa»* (DB I. 51)-*тарсидан*, *"atarsa»* (DB II. 12) – шакли замони гузашта - *тарсид, naiy tarsatiy* - *наметарсанд* (DP d. 11-12) дучор меояд. Бояд гуфт, ки вожаи *"тарс»* дар шакли таҳаввулёфта, дар аксар забонҳои хонаводаи ҳиндуаврупоӣ вомехӯрад, масалан, чанде аз вожаҳои забонҳои гурӯҳи славянӣ: русии *«трус»-тарсончак, «трусить»– тарсонидан,* полякии *«truchliwy» – тарсу*, латишии *«traušâtiês» – тарсидан* [12, т.4. с.109-110] аз ин қабиланд. В.И. Абаев осетинии *«tærsyn, tarst»-тарсидан, ҳаросидан*, "tærsag, tærsagæ» – *тарсак, тарсончак*ро аз асоси феълии *«tærs»* - *тарсидан* ва форманди *«-ag»* сохта шуда, қайд намуда, бо форсии миёна *«tarsā»* ва гунаи ҳиндуавруапоии *«tṛs-āko» – тарсу, тарсончак* ва ирландии *«tarrach» – тарсу* алоқаманд медонад [1, т.3. с.273-274]. Бояд зикр кард, ки вожаҳои дигари умумӣ - славянии *«страх»*, русии *«страшный»* ва англисии *«stress»* низ бо вожаи *«тарс»* пайванди хешӣ доранд.

Дар катибаи зери пайкараи Дорои I дар Суз (AB, DSab) дар банди I чунин ахбор оварда шудааст: baga vazarka A^{h}uramazdā^{h} h^{a}ya imam būmim adā^{t} h^{a}ya avam asmānam adā^{t}

hᵃya martiyam adāᵗ hᵃya šiyatim adāᵗ martiyahya hᵃya Dārayavaʰum xšāyaϑiyam akunauš [7, с.129] - Худои бузург Аҳурамаздоҳ, ҳамоне ки заминро офарид, ҳамоне ки осмонро офарид, ҳамоне ки инсонро офарид, ҳамоне ки ба инсон хушбахтиро ато кард, ҳамоне ки Дорорро шоҳ гардонид. Вожаи *«vazarka»*-и дар ин ва дигар катибаҳо сабтёфта, маънии «*калон, бузург»*-ро дошта, ба форсии миёна дар шакли*»vazurg»* ва он ба форсии нав бо гунаи *«buzurg»* ворид гаштааст. Бархе гунаҳои форсиро иқтибоси *«vazṛka»* – и забони модӣ медонанд [5, с.73]. Мебояд, қайд намуд, ки дар китоби «Форсии бостон»- и Д. Саймиддинов ин вожа дар овонавиштаҳо ва дар тавзеҳоти луғат на бо гунаи *«vazarka»*, балки *«vazraka»* оварда шудааст, ин духурагӣ шояд натиҷаи бардошт аз навишти *«vzrk, vzrka»* бошад. Аз вожаҳои дигари дар банди I катибаи зикршуда: *“adā (*adāᵗ*)»*, ки маънои *«додан*, *офаридан»* - ро дорад, вожаи форсӣ-тоҷикии *«amo» – amo кардан, бахшидан* (вожаи *«amo»*-ро дар фарҳанг аз арабӣ қайд кардаанд, ҳол он ки он зодаи гунаи *“adā»*-и форсии бостон бо бадали -d-//-t мебошад) ва аз *«asmānam»* вожаи *“осмон»* эҳё гаштаанд.

Маълум аст, ки инсон дар ҳар давраи таърихӣ, соҳиби фарҳангу ақоиди динии махсус буд ва вобаста ба сатҳи фаҳмиш ва шуури худ оламро дарк намуда, вожаҳои навро вориди забонаш мегардонид. Дар форсии бостон низ як даста калимаҳои пайванд ба фаҳмиши динӣ дар гардиш буданд. Муҳаққиқон вожаи *«baga»* –и форсии бостон-ро “*Худо*» тавзеҳ додаанд, ки аз он дар забонҳои славянӣ гунаи *«бог»* - *Худо* мерос мондааст. Вожаи дигари пайванд ба эътиқоди динӣ вожаи *«yad» – ёд кардан, парастиш кардан* мебошад. Дар форсии бостон макони тоату ибодат, парастишгоҳро бо вожаи *“āyadana»* ва дар шакли ҷамъ *«āydanā»* ифода доштанд, ки дар асоси решаи *«yad»* бунёд ёфтаанд. Вожаҳои дигари форсии бостон*»yadataiy» – парастиш мекунад*, *«yadaiša»* шакли сиғаи амр – *парастиш кун* низ аз ин қабиланд. Ба решавожаи форсии бостон *«yad»*, ҳиндуи қадим *“yaǰ»* ва ав.*»yaz» – парастидан* мувофиқат мекунанд. Гунаи авастоӣ чун реша дар бунёди як даста калимаҳои дигари сохта, ав.*»yazaite»-парастиш кардан*, *«fra-yaz» - ниёиш кардан*, *«yazata»- Эзид*, *шоистаи студан* истифода гаштааст [15]. Вожаҳои форсии миёна*»yazd, yzd» – худо*, *«izad»- Яздон, худо* мероси давраи пойдории забони китобати Авастоянд. Гунаҳои форсии бостон нишон медиҳанд, ки калимаи тоҷикии *«ёд»* ва бо феъли ёвар -*»ёд кардан»*, ки маъноҳои *ба ёд овардан, ба хотир гирифтан, пазмон шудан*-ро дорад, мероси форсии бостон буда, бо мурури вақт майдони маънои худро васеъ ва дигар кардааст. Истифода аз ин метавон аз гунаҳои авастоӣ *«yazata»*< *yaza* + *ta –парастишшаванда, ёдшаванда* маънӣ бардошт ва нахустшакли *«Яздон»*- ро натиҷаи таҳаввули *«yazatanu»,»yaza (яза)»– ёд, парастиш* + *«tanu (тану)»– тан, ҷисм, мавҷудод*, яъне бо маънои *вуҷуди ёдшаванда, парастишшаванда* - *Худо* донист.

Феъли тоҷикии *«донистан»*, ки асоси онро ҷузъи *«дон»* ташкил медиҳад, дар форсии бостон шакли *«dāna»*- ро дошта, гунаи *«adāna» – медонад*, *донист*, *«adānam» - медонам* мебошад. Решавожаи форсии бостон дар забони тоҷикӣ дар гардиш буда, дар пояи он калимаҳои дигари тоҷикӣ: *«дониш», «доно»* ва гурӯҳи зиёди дар асоси онҳо бунёдёфта пайдо шудаанд. Решавожаи *«dāna»*- и форсии бостон дар ав. шакли *«ẓan, ẓān»*- ро дорад, ки натиҷаи ҳамбадалгардии *-d-//-z-* мебошад ва он дар иддае забонҳои гурӯҳи эронӣ ва славянӣ вомехӯрад. Дар гурӯҳи забонҳои бадахшонӣ бошад, пайваст бо гунаҳои пешванди «би-»:»wi-, və-, *pə-*», дар шуғнонӣ – «wiẓůn», рушонию бартангӣ – «wiẓōn», сарикулӣ – «wiẓon», язғуломӣ – «vəẓān» дучор мегардад, ки аз гунаи *«abi-ẓan»* ва суғдии будоии *«ptẓ»n»*, ишкошимии- *«pьẓ»n»*, санглии *«pəẓin»*-ро аз *«pati-ẓān»* ҳосилшуда арз доранд [14, с.23]. Дар забонҳои славянӣ, аз ҷумла дар русӣ низ шакли авастоии дар ҳолати биконсонантӣ дар бунёди калимаҳои *«знать», «познать»* иштирок мекунад. Феъли *«донистан»*-ро дар русии қадим, славянии қадим, украинӣ бо гунаи *«знати»*, дар словенӣ, чешӣ ва бархеи дигар низ *«znati»*, дар латишӣ – *«zinu»*, литвонӣ *«žinoti»*қайд намуда, ҳинду қадим *“jānảti»*- ро *«медонад»* овардаанд [12, т.2. с.100-101], ки бо гунаи авастоӣ хешии наздик доранд. Бояд гуфт, ки ба решавожаи ав. *«ẓan, ẓān»* инчунин ҳиндуи қадим *«jñātás»* – *донистан*, готии *“kann» – медонам*, тохарии *«knān»*, англисии *«to know»* - *донистан*, ба авастоии *“žnātar»* ҳиндуи қадим *«jñātár»* ва славянии қадими *«знатєль»- донанда,*

донишманд дар равобит ҳастанд, юнонии “γνωτός» – бо маънои *донисташуда* низ аз ин қабиланд. Дар адабиёт мавҳуми фалсафии *«гнесология»*- ро аз юнонии *«gnōsis, gnōseōs»*- *дониш, донисташаванда* ва *«логос»* - *илм, таълимот* тавзеҳ дода, ҷараёни динӣ-фалсафии масеҳӣ – *«гностицизм»*, пайравони донисташавандагии ҳастӣ –“гностики» ва мухолифони онро «агностики» [10, с.139] овардаанд, ки решаи онҳоро низ ҷузъи биконсонатии *«гн»*, ки бо *«зн»* дар мувофиқа аст, ташкил медиҳад. Дар забонҳои мухталиф зоҳири дигаргирии решавожаҳо натиҷаи қавоиди фонетикии ҳамбадалгардии овоҳои *«д», «з», «ҷ»* ва *«г»*, ки овои охирон ба *«к»* низ бадал шуда метавонад, мебошанд.

Калимаи *«dipim»*, ки бо маъноҳои “*сангнавишта, навиштаҷот, мактуб, матн*» низ дар катибаҳои форсии бостон зиёд вомехӯрад, пажуҳишгарони забонҳои қадим, онро ба форсии бостон аз гунаи *«tuppi, ti-ip-pi»*- и забони эламӣ иқтибосшуда медонанд. Дар забони ҳиндуи қадим вожаи*»lipi» -мактуб, матни фармонро* доштааст, онро иқтибоси эронии қадим зикр кардаанд [7, с.246; 9, с.166]. Мактуб, навиштаро дар форсии миёна *«dipivar»* ва дар форсии нав *«dibir*, *dabira»* овардаанд [7, с.247]. Аз рӯйи ташхис ва мушоҳидаҳои тарзи калимасозии забонҳои қадим (Т.О.), гунаи форсии бостон бояд аз нахустшакл *“ta-pi» - навиштан*, *«ta-pi-ma» - маводи навишташуда, мактуб, китоб* шакл гирифта бошад, ки дар онҳо реша, ифодагари *«навиштан»* ҷузъи *«pi»* буда, ҷузъҳои *«ta»*- суффикси феълсоз ва *«ma»*- суффикси ишора ба мавод, предмет мебошад. Ҷузъи *“li-“* дар *«lipi»*-и ҳ.қ. ба *«ma»*, ки инчунин гунаҳои *«na»,»la»* ва *«ra»*-ро (аз рӯйи қавоиди фонетикии ба ҳам бадалгардии фонемаҳои сонорӣ) пазируфта метавонад, дар алоқамандии ҳамдигар қарор доранд.

Дар катибаи Хишоёршо дар Персеполис L(XPI) дар банди 2h оварда шудааст: utā dastaibiyā utā pādaibiya asabāra ʰuvasabāra aʰmiy [7, с.177]. Ин ҷумла шояд масал бошад, ки чунин маъно дорад: *бо дастону бо пойҳо чун савораам, савораи хуб ҳастам*. Бале инсони бутун, соҳиби ду дасту ду пой аспро хуб идора карда метавонад, на маслух. Аз сохтори вожаҳои ин ҷумла маълум мегардад, ки вожаҳои *dasta* - *даст*, *pāda – пой, «asa»– асп* бо таҳаввулоти кам ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд. Вожаи форсии бостон *«dasta»* бо тахфифи овои «а»- и анҷом дар шакли *«dast»* ба форсии миёна ва форсии нав расидааст, он дар авастоӣ бо гузашти *«д»* ба *«з»* шакли *«zasta»*- ро гирифтааст. Гунаҳои дар забонҳои гурӯҳи эронӣ буда, идомаи шакли форсии бостон мебошанд. Дар баъзе забону гӯйишҳо, дар натиҷаи тахфиф, масалан, дар тотӣ, гӯйишҳои курдӣ шакли «*das* (дас)» ва дар баъзе забонҳои қисмати Бадахшони Тоҷикистон гунаҳои *«oast, oust, Sost»* - ро низ гирифтааст. Калимаи мавриди таҳлил дар забони тоҷикӣ дар бунёди як қатор калимаҳо, чун *«даста»* - бо маъниҳои *қабза, ҷамъи ашё, гурӯҳи одамон*, *«дастак» - ҷойи бо даст доштан ва кушодан,»дастпона» – маводи ороишии даст*, «*дастпӯш, дастмол, дастовез, дастгир дастрас»,* маҷозан *«шӯрдаст»* ва ғ. истифода гаштааст. Дар “Фарҳанги тасфирии забони тоҷикӣ” зиёда аз 150 калимаҳои ба сифати реша, вожаи *«даст»* доштаро овардаанд [13, ҷ.1, с.422-430].

Нисбати вожаи *«pāda»*- и ф.б мебояд гуфт, ки он вожаи даврааи муштаракзабонии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ буда, гунаи ҳиндуаврупоии онро *«p[h]et»* муайян кардаанд. Дар ҳинди қадим гунаи *«pad»*, юнонии қадим “ποδ, ποδος (под, подос)» ва дар авастоӣ *«pad, pāja»* дучор мегардад. Дар “Бурҳони қотеъ» вожаи *«пожа»* ба маънои *«поча»* оварда шудааст [3, с.215]. Дар луғати забони санскритӣ вожаи *«pad»* бо маънои *«по (пой)»* ва *«қадам»* тавзеҳ ёфтааст. Англисии *«foot (фут)»* - *пой* шаклдигаркардаи вожаи юнонии «ποδ (под)» мебошад, зеро аз рӯйи қонунҳои фонетикии таҳаввули вожаҳо, ҳарфи *«п»* бо *«ф»* ва *«д»* бо *«т»* бадал шуда метавонанд. Дар як қатор забонҳои аҳли Қавқоз, аз ҷумла дар забони гурҷӣ *«по, пой»* - ро *«ჟეᲮი (печи)»* мегӯянд, ки натиҷаи таҳаввули вожаи *«поча»* мебошад. Дар забони адабии тоҷик гунаи *«пой»* мустаъмал буда, дар гӯйишҳо шаклҳои *«по, поча, почак»*- ро низ истифода мекунанд. Ҳоло ин вожа дар забони тоҷикӣ, майдони васеи корбаст дорад, ҷуз узви анатомӣ, инчунин поя, қисми зер ва таги ашёҳоро низ ифода дорад. Инчунин, решаи феъли *«пойидан»* - ро ташкил намуда, ба маъноҳои *нигоҳубин намудан, сабр кардан* ва монанди инҳо меояд.

Як даста вожаҳои форсии бостон: *“čarman”* - бо маънои *чарм*, дар авастоӣ *“čarəman”*, дар форсии миёна *“čarm”; “čašma”* бо маъноҳои *чашм*, *дида* ва *чашма* - макони аз қаъри замин ҷӯш задани об, дар авастоӣ ва форсии нав низ ҳамин шаклро дорад (вожаи форсии нав “чашм” - узви анатомӣ аз тахфифи «а»- и анҷом шакл гирифтааст); “māha” - *моҳ*, дар ав.»māh, māhyā», ф.н.»māh»;»anā, ana» – ҷонишини ишоратии ин, ина, ана; «āpi»- *об*, дар авастоӣ «āp», дар форсии миёна «āp,āb»; «dauštā» - *дӯст*; «drayah» – *дарё, баҳр*, дар авастоӣ «zrayah, draya»; «duruç, drauga» – *дурӯғ, фиреб*; «gaub» - *гап задан, гуфтан*; «gauša» - *гӯш*, гӯш кардан; «kāma» - *ком, майл, хоҳиш*; «kamna» - *кам, миқдори ноҷиз*; «basta» - *бастан, баста, басташуда*; «nāma» - *ном, ном гирифтан*; «rasa»– *расидан*, «arasam»– шакли замони гузашта – *расид*;»bar» – асоси феъли *бурдан*, «abaram» шакли замони гузашта *бурд*; «kar» - решаи феъли *кардан*; «dār» – асоси феъли *доштан*; «kan»- асоси феъли *кандан,* «vikan» – бо решаи «kan» - *кандан, бикан, вайрон кардан;* «pā»- решаи феъли *поидан*, *ҳифз кардан*; «var» – решаи феъли *бовар кардан*; «di»- асоси феъли *дидан*; «zūra» – *зӯр, қавӣ*; «aϑanga» – *санг*, авастоӣ «asənga» - *санг* ва ғ. [7; 9; 15] бо тағйироти хеле кам ба забонҳои муосири гурӯҳи эронӣ, аз ҷумла тоҷикӣ расидаанд.

Дар Катибаҳои Дориюш (DB) асосан набард ва корнамоиҳои Дорои I васф шудааст, аз ин рӯй яке аз вожаҳои дар катибаҳо ниҳоят зиёд дучоршаванда «hamaranam» бо маънои *набард, чанг* мебошад. Ин вожа дар (DB I) 4 ва (DB II) 23 маротиба истифода гаштааст. Масалан, дар сутуни I чунин ахборе сабт гаштааст: Āçiyādiyahyā māhyā XXVI raučabišϑakatāāha avaϑā hamaranam akumā (DB I: 89-90) [9, с.88]. Аз моҳи Ассийадия 26 рӯз гузашта буд, ки мо набард кардем. Вожаи «hamaranam»- и форсии бостон, ки дар даврaҳои баъдина идома наёфтааст, аз рӯйи диди мо воҳиди луғавии сохта мебошад. Дар он тахфифи як ҳарфи «m» мушоҳида мегардад, дар асл аз ҷузъҳои «ham, hama» – *ҳам, ҳама* ва «mar», ки маъноҳои *«мурда», «захмӣ», «куштан, нобуд кардан»*- ро дорад, бо маънои луғавии *ҳамдигаркушӣ, қатли умум* таркиб ёфтааст. Чунин шакли тахфиф, хусусан тахфифи яке аз фонемаҳои ташдид дар забони форсии бостон маъмул аст. Масалан, дар вожаҳои форсии бостон «hampita, hamapitar» – *ҳампадар*, «hamadārayaiy», ки аз «hama» – *ҳама* ва «adārayaiy» – шакли замони гузаштаи феъли «*доштан, забт кардан*» бунёд ёфтааст, фонемаи «m» нигоҳ дошта шуда, дар вожаҳои hamātā, hamātār - ҳ*аммодар*, hakarta – *ҳамкор* тахфифи он мушоҳида мегардад. Ин ҷо мебояд илова намуд, ки вожаи «ham, hama» – форсии бостон дар авастоӣ низ бо маъноҳои «*бо ҳам, якҷоя, ҳама, ҳамагон, пурра*» дучор мегардад. Дар чунин шакл ва маъноҳо дар забони тоҷикӣ-форсӣ ва ҳам озарӣ дар гардиш аст. Ин вожаро бо гунаҳои ҳинди қадим «śama» - *якхела*, лотинии «semper» – *доимо, ҳамеша*, юнонии «ὁμός» – *умумӣ, монанд, якхела, ҳамгуна* дар равобит овардаанд [7, с.256], он бо калимаҳои тоҷикӣ-форсии «ом, омма», «ҷамъ», «умум», ки дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» аз луғоти араб арзёбӣ кардаанд [13], хешигии боз ҳам наздик дорад. Ҷузъи «mar»- и вожаи «hamaranam» маънои *куштан, захмӣ кардан* -ро дорад. Ин вожаро бо маъниҳои «*мурда, ҷасад, захмӣ, бемор, куштан*» ва амсоли инҳо, дар тамоми забонҳои хонаводаи ҳиндуаврупоӣ ва бархе забонҳои сомӣ низ дучор омадан мумкин аст. Вожаи форсии бостон «mar» -ро решаи феъли «marta» – *мурда, мурдан* овардаанд [9, с.172]. Дар луғоти ҳинди қадим унсури «mr, mar» ва дар “Фарҳангномаи Авасто” вожаҳои «mr, mar», «mōred», «marša» бо маъноҳои «куштa», «мурда», «куштан», «мурдан», «марг», «бечон кардан» тавзеҳ ёфтаанд [15]. Вожаи «mar» то ҳол дар забони шуғнонӣ ҷасади мурдаро ифода дорад, он решаи як силсила калимаҳои забони тоҷикӣ ва калимаҳои аз арабӣ иқтибосшударо низ ташкил медиҳад, ба монанди «марг», «марғазан» – *қабристон*, «марқад» - *қабр*, «марсия» - *абёт ба хотири шахси фавтида*, «марҳум» - *аз ҳаёт рафта* ва ғ.

Овардаанд, ки хусусан юнониҳо, румиҳо, арабҳо, суриёниҳо ва арманиҳо бо Эрони замони салтанати хонадонҳои порсинажоди Ҳахоманишӣ ва Сосонӣ робитаи наздик доштанд ва қабоили арабе, ки дар Яман, Суриё, Ҳиҷоз ва Байнаннаҳрайн мезистанд, нисбат ба дигар тоифаҳои тозӣ ба Эрони сосонӣ пайванди бештар доштанд ва солиёни

дароз таҳти салтанати эрониҳо буданд [8, с.75]. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” луғати хеле зиёдеро аз арабӣ арзёбӣ намудаанд, ки чун гунаҳои онҳоро дар арабӣ дучор гаштаанд. Шояд ин калимаҳо, замоне аз забонҳои эронӣ ба гурӯҳи забонҳои семӣ, аз ҷумла арабӣ иқтибос гашта, баъд аз зуҳури ислом бо гунаҳои ба қавоиди фонетикии забони арабӣ мувофиқшуда баргаштаанд, зеро аксари ин гуна калимаҳоро танҳо тавассути решавожаҳои форсии бостон ва ё авастоӣ маънидод кардан мумкин аст. Масалан, вожаи «ḫamr (ḫmr)», ки дар арабӣ май, шаробро гӯянд, бо вожаи тоҷикии «хумор» дар иртибот аст. Дар забони арабии то исломӣ дучоргардии ин калимаро барои ифодаи “май” таъкид кардаанд ва тахмин намудаанд,ки он ба маънои «*мадҳушкунанда (мафҳушкунанда)*» мебошад [2, с.198]. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” вожаи тоҷикии «хумор», ки ҳолати руҳии дар кайф буда ва тирагаштаи ақлро ифода мекунад,бо гунаи «хуммор» низ оварда шудааст [13, ҷ.2, с.459]. Шакли аввал натиҷаи тахфифи овои «м» аз гунаи ташдиддор мебошад (Т.О.). Маълум аст, ки дар авастоӣ ақл «huma» буда, «humata» - боақлона, андешаи нек мебошад ва вожаи авастоии «huma» бо гунаҳои гурӯҳи забонҳои славянӣ, аз ҷумла бо русии «ум, ума» - *ақл* ҳампайдоиш аст ва вожаи «mar» дар авастоӣ маънои «*мурда, кушта*» -ро дорад. Такя ба ин далел маънои вожаи «хумор» аз «ҳуммар», аз тахфифи «м» ва бадалгардии «ҳ» ба «х» шакл гирифта, маъноҳои «*ақли мурда*» ва арабии «ḫamr (ḫmr)» – *май, шароб* «*кушандаи ақл*» -ро дошта метавонад.

Ё ки вожаи ҳарорат, ки решаи он «ҳар» мебошад, бо решаи вожаи тоҷикии «гарм» - «гар» аз як сарчашма аст (Овардаанд, ки дар забони араби қадим (то исломӣ) вожаи «ḥarr, ḥrr» маънои тасфон, сӯзонро дошт [2, с.160]. Аз рӯйи қавоиди фонетикии забонҳо вожаи «гар» метавонад шаклҳои «ҳарр» «ҳара», «ҷар», «жар», «ғар» ва ҳатто «вар» -ро гирад. Бояд гуфт, ки он калимаҳое, ки дар сохтори худ чунин ҷузъҳоро доранд, бо маънои «гармӣ», «ҳарорат», реша аз як сарчашмаанд. Дар забони тоҷикӣ - форсӣ калимаи маъмули ифодагари ҳарорат «гармӣ, гармо» мебошад, ки он ҳифзмондаи шакли авастоӣ ва ҳинди қадим «garma, gharma гарма, гҳарма» (ки дар луғот бо маънои «гармӣ», «ҳарорат» тавзеҳ ёфтаанд) мебошад. Дар забони форсии бостон номи моҳи гармтарини сол, ки ба моҳҳои июн - июл мувофиқ меояд, «Garmapada» мебошад, ки дар сохтори худ вожаи мавриди таҳлилро дорад. Гармӣ ва ҳарорати баландро дар бархе аз забонҳои славиянӣ, аз ҷумла, дар русӣ «жар» мегӯянд. В.И. Абаев вожаи осетинии «qarm, ğar(m)» -ро зодаи шакли эронии «garma» медонад ва бо гунаҳои паҳлавии «garm, garmāk», курдии «garm», балуҷии «garm, garmag», суғдии «γarm, γrm», сакойии «grāma», пруссии қадимии «gorme», латишии «gaŕme», армании «ǯerm», тохарии «śarme», готии «warmjan», олмонии «warm» -ро дар алоқа бунёдёфта аз шакли ҳиндуаврупоии «ghormo» меҳисобад [1, т.1. с.267].

Вожаи дигари форсӣ, ки дар забонҳои мухталиф гунаҳои он дучор мегардад, «абр» мебошад. Маълум аст, ки абр - буғҳои обест, ки дар осмон, дар баландиҳои гуногун ғун гашта бод онро ба самтҳои гуногун мебарад ва дар он ҷое, ки ҳарорат пасттар аст боз ба қатраҳои об - борон табдил ёфта мерезад. Абр дар забони ҳинди қадим «abhra», «abhrita» - *абрнок*, авастоӣ «awra» - *абр* ва ҳам *борон*, эронии қадим «abra», курдии «awr, aur» - *абр*, балуҷии «haur»– *борон*, паҳлавии «awr (aβr)»– *абр*, русии «облако» - *абр*, осетинии «ævraǧ» – *абр ва ҳам селбориш* мебошад. Дар арабии то исломӣ бо вожаи «awl – *туман, намнокӣ* ва ҳам *мавсими боронгариро* ифода менамояд [2, с.65]. Мебояд қайд кард, ки тоҷикии «ҳавр (дар гӯйишҳо «ҳавл») низ барои ифодаи *буғ, бухор* бо вожаҳои оварда дар робита ҳаст.

Арз доранд, ки дар забони суриёии классикӣ зиёда аз 800 калимаҳои эронӣ, аз ҷумла 40 вожаи форсии бостонро қайд кардаанд, чун «dauwā» – *дев* (форсии бостон daiva), «wardå» – *гул* (vṛda), «pt̰aḵrå» - муҷассама, пайкара (patikara) ва ғайра. Дар забони классикии мондейӣ бошад, боз ҳам теъдоди зиёдро вожаҳои «ture»– *барзагов*, «turta» - м*одагов* бо решаи «tur», «para» - *барра, гӯсфанд*, «ʒahr»- *заҳр*, «ʒahr-ån» – з*аҳрнок*, «råzå» - *роз*, *асрор* (форсии бостон rāza) ва ғайра иқтибос аз забонҳои эронӣ ташкил медиҳанд [6, с.623-624, 656].

Як дастаи калимаҳои аз забони форсии бостон овардашуда ва муқоисаи онҳо бо гунаи дар тоҷикӣ ва дигар забонҳо буда, гувоҳ аст, ки забони тоҷикӣ мероси зиёд аз

форсии бостон дорад ва таъсири забонҳои эронӣ дар рушд ва ташаккули забонҳои гуногуни оилаи ҳиндуаврупоӣ ва сомӣ назаррас аст. Аз ин рӯ, дар таҳқиқи этимологии луғоти аз форсӣ иқтибосшуда ва калимаҳои бо решавожаҳои форсӣ сохтаи забонҳо, муҳаққиқин бояд аз луғоти давраҳои гуногуни забонҳои эронӣ истифода кунанд, дар акси ҳол натиҷаи дуруст дастрас нахоҳад шуд.

Муқарриз: ***Абдулҳадов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка / В.И. Абаев. - М., Л.: Изд. акад. наук СССР, 1958. – Т.1. - 656 с.; - Л.: Наука, 1979. - Т.3. - 358 с.
2. Белова А.Г. Этимологический словарь древнеарабской лексики (на материале избранных текстов доисламской поэзии) / А.Г. Белова. - М.: Институт востоковедения РАН, 2012. - 284 с.
3. Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ.Ҷ.1. / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. - Душанбе: Адиб, 1993. - 416 с.
4. Дандамаев М.А. Иран при первых Ахменидах (VI в. до н.э.) / Отв. ред. ак. В.В.Струве. - М.: Изд. восточной литературы, 1963. – 299 с.
5. Дьяконов И.М. История Мидии (От древнейших времен до конца IV века до н.э.). Кн.1. - Баку: НагылЕви, 2012. – 332 с.
6. Лёзов С.В. Классический сирийский язык. Немировская А.В. Классический мандейский язык. Языки мира: Семитские языки. Аккадский язык / РАН. Институт языкознания: ред. колл.: А.Г. Белова, Л.Е. Коган, С.В. Лёзов, О.И. Романова. - М.: Academia, 2009. - 832 с.
7. Меликов Р.С. Древнеперсидские надписи. Транслитерация, перевод, глоссарий / Р.С. Меликов. – Боку: SerqQərb, 2013. – 448 с.
8. Назарзода Сайфиддин. Пояҳои густариши забони миллӣ / Сайфиддин Назарзода. – Душанбе: Эрграф, 2916. – 272 с.
9. Саймиддинов Д. Форсии бостон / Д.Саймиддиннов. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 190 с.
10. Словарь иностранных слов. -16-е изд. - М.: Рус.яз., 1988. – 624 с.
11. Соколов С.Н. Авестийский язык. – Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки / С.Н. Соколов: редкол.: В.И. Абаев, М.Н. Боголюбов. - М.: Наука, 1979. – 387 с.
12. Фасмер М. Этимологический словарь русского языка. В 4т. Т.2, 4. / М.Фасмер: пер. с нем. и доп. О.Н. Трубачева. - 2-е изд. - М.: Прогресс, 1986. – 672 с.; - 1987. – 864 с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. (иборат аз 2ҷилд). Ҷ.1,2. – Душанбе: Адиб, 2008. – 950 с., - 945 с.
14. Эдельман Д.И. Иранские и славянские языки: Исторические отношения / Д.И. Эдельман. - М.: Вост.лит., 2002. – 230 с.
15. Bahrami E. Dictionary of the Avesta / E.Bahrami, F.Joneydi. – Iran: Balkh, 2000.

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ВОЖАҲОИ ЗАБОНИ ФОРСИИ БОСТОН

Маълум аст, ки забони форсии бостон яке аз забонҳои қадимтарин маҳсуб ёфта, аз рӯйи катибаҳои бо хатти мехӣ навишташудаи рӯйи сангу девораҳо ва ашёҳои филизии ҳифзмонда барқарор гаштааст. Он забони шоҳаншоҳони даврони Ҳахоманишиҳо, ки дар асрҳои VI-III пеш аз милод салтанат кардаанд, дониста шудааст. Муаллиф дар мақола як даста калимаҳои ин забонро оварда, нишон медиҳад, ки бархе аз онҳо бе тағйири сохтору маънӣ ва бархе бо тағйироти кам дар забони тоҷикӣ дар гардишанд. Такя бар қавоиди шаклдигаркунии таърихии калимаҳо, луғоти форсии бостон ва авастоӣ аз луғоти забонҳои дигар низ маънибардорӣ кардааст, масалан калимаи арабии *“хамр”- май, шаробро* натиҷаи тағйири калимаи аз решаҳои авастоӣ *«huma»- ақл* ва *«mar»- мурда, қушанда* бунёдёфта дониста, ба маънои луғавии *“қушанда, тирақунандаи ақл”* тавзеҳ додааст. Бунёди калимаи форсии бостон *«hamaranam» - ҷанг, набардро* аз асосҳои *«ham, hama» - ҳам, ҳама* ва *«mar» - «мурда», «захмӣ», «нобуд кардан»* нишон дода, бо маънои луғавии «*қатли умум»* овардааст. Зикр намудааст, ки вожаи форсии бостон *«tarsa» - тарсидан*, ки ба забони тоҷикӣ бо гунаи *“тарс”* расидааст, на танҳо ба русии *«трус» - тарсончак,* полякии *«truchliwy» – тарсу*, латишии *«traušâtiês» - тарсидан* бо вожаҳои дигар, умумӣ - славиянии *«страх»*, русии *«страшный»* ва англисии *«stress»* низ пайванди хешӣ дорад, инчунин нишон медиҳад, ки решавожаҳои забони форсӣ, на фақат дар забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ, дар гурӯҳи забонҳои сомӣ низ дучор мегарданд, дар бунёди калимаҳои сохтаи он забонҳо истифода гаштаанд ва таъкид дорад, ки муҳаққиқин дар таҳқиқи этимологии он вожаҳо бояд ба луғоти давраҳои гуногуни инкишофи забони форсӣ муроҷиат намоянд.

Калидвожаҳо: форсии бостон, этимология, чашм, моҳ, дарё, абр, гарм, тарс, дур, марг.

О НЕКОТОРЫХ СЛОВАХ ДРЕВНЕПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА

Известно, что др. персидский язык, являющийся одним из древнейших языков, восстановлен на основе сохранившихся клинописных надписей на камнях, стенах и металлических изделиях. Он был языком царей периода Ахменидов, господствующих в VI-III веков до н.э. Автор статьи, приводя группы слов из др. перс.языка и сопоставляя их с параллелями, находящимися в таджикском языке, указывает, что некоторые без изменений, а некоторые с ничтожными изменениями находятся в обиходе в таджикском языке. Опираясь на фонетические законы формоизменения слов и структур лексем др. перс. и авестийского языков, также этимологизированы

некоторые слова из других языков. Например, указывается, что арабское слово «хамр» - *вино* является следствием изменения структуры слова, образовавшейся из авестийского *«huma»- уми «mar»- труп, убивать, уничтожать,* с буквальным значением *убивающий, ослабляющий ум.* Др. перс. Слово *«hamaranam»- битва, война* сложное, созданное из основ *«ham, hama»- общий, все, друг друга и «mar» – ранить, убивать, уничтожать* с буквальным значением *убивать всех, друг друга.* Автор показывает, что др. перс. слово *«tarsa»– трусить* на таджикском используется в форме *"tars (тарс)"* и оно имеет родство с русским *«трус»,* польским *«truchliwy» - трус, трусливый,* латышским *«traušâtiês» – трусить,* а также с общеславянскими *«страх»*, русским *«страшный»* и английским *«stress».* В статье также укзывается, что персидские коренные слова можно встретить в составе сложных слов не только в языках индоевропейской семьи, а также в семитских группах языков. И для толкования таких слов, исследователям нужно обращаться к словарям разных эпох развития персидского языка.

Ключевые слова: древнеперсидский язык, этимология, чашм-глаза, моҳь-луна, месяц, дарё-река, абр-облако, гарм-жар, жаркий, тарс-трусить, дур-далеко, марг - смерть.

ABOUT SOME WORDS OF THE ANCIENT PERSIAN LANGUAGE

It is known that the other Persian language, which is one of the most ancient languages, has been restored on the basis of preserved cuneiform inscriptions on stones, walls and metal objects. It was the language of the kings of the Akhmenid periods, who ruled in the 6th-3rd centuries BC. The author of the article, citing a group of words from another Persian language and comparing them with parallels in the Tajik language, indicates that some are unchanged, and some with negligible changes are in use in the Tajik language. Based on the phonetic laws of the formation of words and structures of lexemes of other Pers. and Avestan languages, some words from other languages are also etymologized. For example, it is indicated that the Arabic word "hamr" - wine is a consequence of a change in the structure of the word formed from the Avestan "huma" - umi "mar" - a corpse, to kill, to destroy, with a literal meaning killing, weakening the mind. Dr. Persian. the word "hamaranam" - battle, war is complexly created from the foundations "ham, hama" - common, everything, each other and "mar" - to injure, kill, destroy with the literal meaning to kill everyone, each other. The author shows that other pers. the word "tarsa" - to coward in Tajik is used in the form "tars (tars)" and it has an affinity with the Russian "coward", polish "truchliwy" - a coward, cowardly, Latvian "traušâtiês" - to coward, as well as with common Slavic "fear" , Russian "scary" and English "stress". The article also states that Persian root words can be found in compound words not only in the languages of the Indo-European family, but also in the Semitic groups of languages. And for the interpretation of such words, researchers need to draw from dictionaries of different eras of the development of the Persian language.

Key words: ancient Persian language, etymology, bowls-eyes, моҳь-moon, month, daryo-river, abr-cloud, harm-heat, hot, tars-coward, fool-far, marg - death.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тухтасунов Обиддин*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров, дотсенти кафедраи химияи органикии амалӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, х. Мавлонбеков 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-764-33-32**

Сведение об авторе: ***Тухтасунов Обиддин*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, доцент кафедры органической и прикладной химии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-764-33-32**

Information about the author: ***Tukhtasunov Obiddin*** - Khujand State University named after B. Gafurov, associate Professor of organic and applied chemistry. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlonbekova 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-764-33-32**

УДК: 491.550

НАҚШИ ИСТИЛОҲОТИ РАСМӢ-КОРГУЗОРӢ ДАР ОЧЕРКҲОИ ТАЪРИХИИ САДРИДДИН АЙНӢ “ҚАҲРАМОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК ТЕМУРМАЛИК” ВА “ИСЁНИ МУҚАННАЪ”

Фозилова М.М.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдулло Рӯдакии АМИТ

Услуби коргузории расмӣ аз қадимтарин услубҳои забони адабии тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, пайдоиш ва ташаккули он ба пайдоиши давлат ва барқарор гардидани муносибатҳои мухталифи байни давлатҳо алоқаманд аст. Дар забони тоҷикӣ низ ин услуб собиқаи ниҳоят тулонӣ дорад. Санаду ҳуҷҷатҳои мухталифе, ки дар натиҷаи ҷустуҷӯву ҳафриётҳои бостонӣ ба даст омадаанд, махсусан ҳуҷҷатҳое, ки аз кӯҳи Муғ пайдо гардидаанд, китобҳои зиёд ва таълифоти фаровоне, ки дар риштаҳои мухталифи илму фан офарида шуда, аз гузаштагон ба мо мерос мондаанд, гувоҳи ин гуфтаҳоянд [11, с.4].

Истилоҳоти расмӣ-коргузорӣ дар забони тоҷикӣ таърихи куҳан дошта, дар ёдгориҳои хаттӣ ва мероси адабию бадеии ниёгонамон сабт ёфтааст. Истилоҳи расмӣ-коргузорӣ як ҷузъи муҳимми ҳаёти инсониятро инъикос мекунад.

Вожаҳои коргузории расмӣ маҷмуи калимаҳои расмии давлатдориро ташкил медиҳанд. Чунин калимаҳо мафҳумҳои муҳимми сиёсию давлатиеро ифода мекунанд, ки онҳо дар мураттаб сохтани на фақат ҳуҷҷатҳои олии давлатӣ, хамчунин дар танзими ҳуҷҷатҳои ифодагари муносибатҳои байналхалқӣ истифода бурда мешаванд [9, с.144-146].

Дар раванди давлату давлатдорӣ, корҳои дипломатӣ ин навъи истилоҳот самаранок корбаст мегардид. Истилоҳоти расмӣ-коргузории дар ин асарҳо зикрёфта, чун шиноснома моро бо вазъи коргузории он замонҳо ошно менамояд. Истилоҳоти расмӣ-коргузории объекти таҳқиқро аз ҷиҳати мазмун метавон ба чунин гурӯҳҳо тасниф намуд:

Услуби идорӣ ё расмӣ-коргузорӣ дар се соҳа истифода мешавад: а) қонунгузорӣ; б) коргузории идорӣ; в) муносибати дипломатӣ. Ин вазъият боиси пайдо шудани шаклҳои алоҳида дар дохили услуби мазкур шудааст, ки услуби қонун, ойиннома, раҳнамо, шартнома, фармон, ваколатнома, акт, ариза ва ғайра аз ҷумлаи онҳост. Фарқҳое, ки миёни шохаҳои услуби идорӣ мавҷуданд, назар ба он тафовутҳое, ки байни бахшҳои услуби илмӣ ҳастанд, зиёдтар ва намоёнтар ба чашм мерасанд [3, с.46].

Ҳуҷҷат ва ҳуҷҷатнигорӣ дар таърихи коргузории мардуми ориёнажод, аз ҷумла тоҷикон таърихи қадима дошта, роҳи дуру дарози таърихиро тай карда, то ба замони мо расидааст. Онҳо чун пайвандгари таъриху фарҳанг метавонанд, моро бо гузаштаи миллати хеш ошно созанд. Дар объекти таҳқиқ чунин истилоҳоти расмӣ-коргузорӣ мушоҳида гардиданд: ***ҳавола [12], мактуб 3 маротиба [11, 20], 3 маротиба [21, 23], хат [28, 91], фатҳнома [20], васиятнома [91], фармон 33 маротиба [33, 34, 41, 44, 151], дастуруламал [41, 151], баённомаҳои расмӣ [188], баённомаҳо [151], сулҳнома [100, 153], нома [21], барнома [119], аҳднома [156], адмирал [59], элчӣ [51], закот [7], ушр [7], хироҷ [7], боҷ [7], ҷизя [107], хилофат [16, 19, 99, 117, 118], халифа 100 маротиба [16, 17, 1119, 20], вазир [12, 17, 73, 74], амир 37 маротиба [74, 96, 101, 104,106], подшоҳ 25 маротиба [6, 7, 14, 15, 17, 20, 21], нақиб [143].***

Дар ҷумлаи зерин истилоҳи **ҳавола** корбаст гардидааст. Вожаи **ҳавола** арабист ва дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ба маънои: 1. кореро ба каси дигар вогузор кардан, вогузоштан, супурдан омадааст. (Муроди мо насиҳат буду гуфтем, Ҳаволат бо худо кардему рафтем. Саъдӣ). 2. санаде, ки мувофиқи он гирифтан ё пардохтани маблағе ба касе вогузор карда мешавад: барот ҳавола кардан ба тақдир умед бастан ва тан додан ба қазову қадар. (Қавме ба ҷидду ҷаҳд ниҳоданд васли дӯст, Қавме дигар ҳавола ба тақдир мекунанд. Ҳофиз) [14, с.761]. Дар луғати нимтафсилии С. Айнӣ низ ба ду маънӣ шарҳ ёфта, маънои дувум: қоғазест, ки бо вай пули ҳаволашударо мегиранд [1, с.526]. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” (2008) ба маънои санад зикр наёфтааст: *Вақте ки Маликшоҳи Салҷуқӣ аз сафари Мовароуннаҳру Туркистон бо лашкари бисёр баргашта омада, аз рӯди Ому бо киштиҳо ба тарафи Хуросон гузашт, вазири ӯ Низомулмулк музди киштибонро ба моли Антокия **ҳавола** навишт, то ки дар бораи вусъати мамлакати Маликшоҳ дар таърих*

як хуҷҷати расмӣ монад. Чун киштибонон аз дурии Антокия шикоят кардаанд, хуҷҷати ҳавола аз онҳо бо пули нақд харида гирифта шуда, дар қатори хуҷҷатҳои таърихӣ гузошта шуд [2, с.12].

Яке аз ҳуҷҷатҳое, ки дар асар истифода шудааст, мактуб мебошад. Вожаи мактуб дар асл арабӣ буда, ба чунин маъниҳо корбаст мегардад: 1. китобатшуда, навишташуда. 2. хат, нома, руқъа: **мактуби сарбаста, мактуби ҷавобӣ, мактуб навиштан; мактуби илтимосӣ** мактубе, ки хоҳишеро дар бар гирифтааст, илтимоснома; **мактуби боз (кушода)** номае, ки онро дигарон ҳам хонда метавонанд; хате, ки дар вараќаи белифофа навишта шудааст [15, с.748]: *Носир халифа ҳам фикри расои дуррасӣ надошт ва оқибати ҳуҷуми Чингизро ба олами ислом ба ҳисоб гирифта наметавонист, ба ӯ **мактуби** махсусе навишта ӯро барои ҳуҷум ба мамлакати Султон Муҳаммад ташвиқу даъват кард ва хонро ҳомии худ шумурд [19]. Ӯ аз ин аҳвол хабар ёфта, гурехта ба қароргоҳи лашкари Чингиз рафт ва аз он ҷо ба як чанд сардорони лашкари султон **хат** навишт, ки гӯё онҳо ба Чингиз забон дода бошанд ва он мактубҳоро бо ҷосус фиристода фармуд, ки қасдан ба дасти султон афтонад [2, с.28]. Турконхотун аз ин **мактуб** ва фармон ҳис кардааст, ки писараш аз чингизиён гурехтааст ва ӯ дар дили худ гумон кардааст, ки «акнун аҷаб аҳли дарбор ба писараш исён кунанд ва каси дигареро ба подшоҳӣ бардоранд» [2, с.70]. Ба ҳар ҷо, ки мерасид, медид, ки султон ба он ҷо **мактуб** фиристода ба душман муқобилат накардан, агар қудрат ва фурсат ёбанд, гурехтан, вагарна бе ҳеҷ муқобилат ва ҷанг таслим шуданро ба аҳолӣ амр кардааст [2, с.75].*

Дар забони тоҷикӣ бо ҷузъи **нома** истилоҳоти зиёди расмӣ-коргузорӣ сохта шудаанд, ки қисме аз онҳо аз истеъмол баромада, ба гурӯҳи лексикаи архаистӣ шомил шудаанд. Нависандагон чунин вожаҳоро барои нишон додани вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсии он замон ба кор мебаранд. Дар очерки “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” истилоҳи **фатҳнома** корбаст гардидааст. Вожаи **фатҳнома** аз калимаи арабии **фатҳ** ва вожаи аслии **нома** таркиб ёфта, вожаи фатҳ ба маъноҳои: 1.кушодан боз кардан, кушоиш; 2.ғалаба, нусрат, фирӯзӣ омадааст [14, с.458]. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” вожаи фатҳнома чунин шарҳ ёфтааст: 1. номае, ки аз фатҳу зафар хабар медиҳад. 2. китоби пирӯзиҳо зафарнома [16, с.397]. Нависанда онро ба маънои номае, ки аз фатҳу зафар, нусрат, фирӯзӣ хабар медиҳад, истифода намудааст: *Чунончи, ӯ дар ҷанги аввал, ки ба Қарахитоиён бо ёрии Кучлуккхон ғалаба кард, ҳамаи муваффақиятро аз иқтидори шахсии худ дониста, фармуд, ки дар хутба ва **фатҳномаҳо** номи ӯро бо калимаҳои «Санҷар, Искандари сонӣ ва зиллиллоҳ (сояи Худо)» ёд кунанд [2, с.20].*

Васиятнома вараќае, ки васияти касе ҳамчун ҳуҷҷат нақши муҳимме дошт: *Аммо бинобар эҳтиёт пеш аз гӯронидани мурдаҳо ҷайбу кисаҳои онҳоро кофта диданд, ки шояд **васиятномае** барояд [2, с.91].*

Дар ҷумлаи зерин истилоҳоти расмӣ-коргузории ***фармонҳо, дастуруламалҳо, баённомаҳо*** истифода шудаанд. Вожаи **баённома** аз исмҳои **баён** ва **нома** таркиб ёфта, ба маънои вараќа ё эъломияе, ки дар он маром ва мақсади ҳизб ё ҳукумате шарҳ дода шудааст, изҳорнома, декларатсия [15, с.119] истифода мегардид. Вожаи **дасртуруламал** ба маъноҳои роҳнамо, нишондод фаҳмида мешуд ва ҳоло низ ба ин маънӣ корбаст мегардад: *Муқаннаъ дар он қалъа нишаста тамоми сафедҷомагонро, ки дар Моваруннаҳр буданд, идора мекард, ба атроф **фармонҳо, дастуруламалҳо, баённомаҳо** ва намояндаҳо мефиристод [2, с.151].*

Дар объекти таҳқиқи мо истилоҳи **баённомаҳои расмӣ** ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ-коргузории дипломатӣ кор фармуда шудааст: *...ва ба ин мазмун ба аҳолии Хуросон ва Моваруннаҳр ҳам **баённомаҳои расмӣ** бароварда ва худи халифа ҳам бо сипоҳи бисёр то Тӯс (Машҳад) омад [2, с.188].*

Дар объекти таҳқиқ бо вожаи **номаи** истилоҳҳои **сулҳнома, барнома, аҳднома** сохта шудаанд. Вожаи **сулҳнома** аз ду ҷузъ: **сулҳ ва нома** таркиб ёфта, ҳуҷҷатест, ки барои мувофиқа ва оштии ду гурӯҳи мухолиф ба кор бурда мешуд: *Дар **сулҳнома** навишта шуда буд, ки сафедҷомагон дигар моли мардумро (сарватдоронро) тороҷ накунанд ва ба мусалмонон (арабҳо) зарар нарасонанд ва худашон тарки силоҳ карда ба деҳоти худ пароканда шуда раванд [2, с.153].*

Вожаи **барнома** аслӣ буда, дорои чунин маънист: *"***Барнома برنامه** 1. зикри номгӯи корҳое, ки бо ҳадафи муайян ба анҷом мерасанд: **барномаи дарозмуддат, барномаи миёнамуҳлат, барномаи кӯтоҳмуддат; барнома сохтан, барнома тартиб додан**. 2. феҳристи мундариҷаи гуфторҳои радио, намоишҳои театр, кино ва телевизион, программа. 3. маҷмуаи дастурҳое, ки дар компютер дода мешавад ва онро компютер бо тартиб иҷро мекунад. 4.он чӣ ки дар ибтидои китоб ё рисолае навишта мешавад; муқаддима, сарсухан ва ғайра" [15, с.141]. Дар ҷумлаи зерин ба маънои дастур омадааст: *Аз рӯйи барномаи зоҳирии хурӯҷ баъд аз Иброҳим Имом халифагӣ бояд ба Абулаббоси Саффоҳ мерасид [2, с.119].*

Вожаи **аҳднома** чун истилоҳи расмӣ-коргузорӣ ба маънои **шартнома, қарордод, паймоннома** [15, с.100] истеъмол мегардид: *Мувофиқи ин **аҳднома** сафедҷомагон аз қалъа баромада, аз хандақ гузашта ба лашкаргоҳи араб рафтанд (156).*

Нависанда ҳуҷҷати дигареро бо номи ***хатти амон*** истифода намудааст. Истилоҳи **хатти амон** дар фарҳангномаҳо шарҳ наёфтааст, аммо он ба маънои ҳуҷҷатест, ки барои озодона гаштан ба шахсони маҳкумшуда истифода мешуд: *Рофеъ аз зиндон гурехта ба Балх ба пеши Алӣ ибни Исо, ки амири Хуросон ва Мовароуннаҳр буд, рафт ва ба ӯ илтиҷо карда, барои озодии худ **хатти амон** гирифт. Рофеъ баъд аз ба даст даровардани **хатти амон** дубора ба Самарқанд омада озодона гашт, лекин ӯ мехост, ки боз он занро ба даст дарорад ва зан ҳам ӯро мехост [2, с.186].*

Истилоҳи **фармон** дар асар ба маънои имрӯзааш истифода мешавад: *Омил ин **фармонро** гирифта хост, ки навмусалмононро ба Тағшода супорад, онҳо гурехта ба масҷиди ҷомеи Бухоро паноҳ бурданд... Мувофиқи **дастуруламали** Ҷӯҷӣ Улоқнӯён панҷоҳ ҳазор нафар асирро даҳ-даҳ ва сад-сад тақсим карда ба болои ҳар гурӯҳ аз мугулони савор муваккал гузошт ва фармон дод, ки инҳо аз кӯҳ санг кашонанд [2, с.47].*

Як қатор истилоҳоти расмӣ-коргузорие, ки дар объекти таҳқиқ мавриди истеъмол қарор гирифтаанд, номи унвон, мансабро ифода мекунанд. Дар мисоли зерин истилоҳи адмирал истифода шудааст. Вожаи адмирал дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" чунин зикр гардидааст: **Адмирал ادمیرل** *аз* **амирулбаҳр-***и арабӣ,* унвони олӣ дар неруҳои ҳарбии баҳрӣ [15, с.39] ба вуҷуд омадааст: *Киштиҳо бо низому тартибе, ки **адмирали** худраси тоҷик - Темурмалик нишон дода буд, ки дар роҳи худ давом карданд [2, с.59].*

Истилоҳи дигар **қозӣ** мебошад, ки дар гузашта ба маънои "ҳукмкунанда байни ду кас ва ё чанд кас (мансабдори динӣ, ки масъалаҳои ҷангҷолнок ва баҳснокро аз рӯйи шариат ҳал мекард)" [1, с.519] истифода мегардид ва имрӯз ба ин маънӣ дар истеъмол нест: *...**қозӣ** ва дигар калоншавандагонро ба худ гирифта ба шарти амон ёфтани молу ҷони аҳолӣ, хироҷ ситонидан ба қадри нимаи он хироҷе, ки ба Султон Муҳаммад медоданд, надаромадани лашкариёни мугул ба шаҳр ва таъйин кардани ҳоким аз аҳолии Ҳирот, сулҳ кард[2, с.32].*

Дар баробари истилоҳоти аслии расмӣ-коргузорӣ истилоҳоти иқтибосӣ низ дар асар мушоҳида гардид. Истилоҳи **элчӣ** вожаи иқтибосии туркӣ буда, чунин тафсир ёфтааст: **элчӣ** *т.* **ایلچي** *таър.* 1. намояндаи як давлат дар давлати дигар, фиристодаи махсус, сафир. 2. намояндае, ки дар майдони ҷанг барои гуфтугӯ кардан ба тарафи муқобил фиристода мешавад [16, с.669]. Вожаи **элчӣ** имрӯз дар забони тоҷикӣ дар истеъмол нест ва ба ҷойи он вожаи **сафир** истифода мегардад: *Чунончи, пеш аз ба мамлакати Хитой ҳуҷум карданаш Ҷаъфархоҷа ном савдогарро ба он мамлакат **элчӣ** карда фиристода буд, ки барои аскаркашии ӯ замина тайёр кунад [2, с.51].*

Худот ҳамчун истилоҳи идоракунӣ ба маънои соҳиб, подшоҳ истифода мешуд. Худот дар забони тоҷикии қадим ба маънои соҳиб аст. Калимаҳои ***хидев, худовандкор, худойгон***, ки то имрӯз дар адабиёти шарқ кор фармуда мешавад, аз ҳамин калима гирифта шудааст [1, с.442]: *Ҳатто дар Бухоро ва атрофи он ду **худоти** мустақил буда, яке ба дигаре итоат намекард, яке аз ин худотҳо дар Бухоро буда, шаҳр ва давру пеши наздики ӯро идора мекард, дигаре дар Вардонза (Шофирком), ки дар забони он вақт Вардона мегуфтанд, кордорӣ менамуд. Подшоҳи Бухороро «**Бухорхудот**» ва подшоҳи Вардонзаро «**Вардонхудот**» мегуфтанд. Дар миёнаи ин **худотҳо** созиши дуруст набуда ва бештарин вақтҳо дар байни худ ҷангу ҷидол доштанд. Низои байни **бухорхудот ва вардонхудот** то тамоман аз тарафи арабҳо истило ёфтани ин ҷойҳо давом кард ва баъд аз даст ёфтани арабҳо бо он ҷойҳо Қутайба ибни Муслим вардонхудотро нест карда, Вардонзаро ба **бухорхудот** тобеъ кард, ки дар ҳақиқат ҳамаи инҳоро волии араб идора мекард [2, с.94].*

Калимаҳои мураккаби ***сарфармондеҳ, сармуҳандис ва сарташвиқотчӣ*** ҳамчун истилоҳи расмӣ-коргузорӣ дар гузашта дар истеъмол буда, ҳоло ҳам ба ҳамин маънӣ истифода мешаванд: *Темурмалик чуноне ки **сарфармондеҳ, сармуҳандис ва сарташвиқотчии** ҷанги Хуҷанд буд, инчунин ӯ сармуаллими ҳарбӣ ҳам буд, ки ҳамаи он ҳазор ҷавонро, шахсан худаш таълим медод [2, с.38].*

Истилоҳоти расмӣ-коргузории **дабирон, дафтардорон, вазирон** имрӯз ба ҳамин шакл дар истеъмоланд, аммо ба ҷойи вожаи дабир калимаи котиб истифода мешавад: *Олимони бузурги араб дар он вақтҳо донандагони Қуръон ва ҳадис ҳисоб меёфтанд ва ба ҳамин сабаб **дабирон (котибон), дафтардорон (ҳисобчиён) ва вазирони халифаҳои** аббосӣ ҳамеша аз халқҳои форс-тоҷик таъйин мешуданд* [2, с.140]. *Фазл ибни Саҳл, ки аз оташпарастони форс буда, дар дасти Маъмун - писари Ҳорунаррашид имон оварда буд, аввал ба ӯ котиби шахсӣ ва баъд аз он **вазир** шуд [2, с.140].*

Қисми дигари истилоҳоти расмӣ-коргузориро истилоҳоти соҳаи иқтисодиёт ишғол мекунад. Истилоҳоти соҳаи иқтисодиёт бо ҳаёти моддии мардум алоқамандӣ дорад. Садриддин Айнӣ дар асараш истилоҳоти соҳаи иқтисодиётро вобаста ба вазъи зиндагонии онвақтаи мардуми тоҷик бмаврид ба кор бурдааст. Дар замони истилои муғулҳо ва арабҳо навъҳои гуногуни андоз мавҷуд буд, ки бештари онҳо барои боз ҳам вазнин намудани вазъи зиндагонии мардуми тоҷик ситонида мешуд. Нависанда дар ҷумлаи зерин истилоҳоти ***ушру хироҷ, боҷу закот**ро* истифода намуда, ба хонанда дар бораи навъҳои андоз дар замони истилои муғулҳо маълумот медиҳад, ки аз ҳам фарқ доштанд: Хароҷ/хироҷ андозе, ки аз маҳсулоти замин гирифта мешавад [1, с.429]; **Ушр** *а.* **عشر**1. *кит.* даҳяк. 2. *таър.* андозе, ки аз заминҳои корам ба миқдори даҳяки ҳосили онҳо гирифта мешуд. 3. *д.* даҳяки Қуръон. 4. даҳаи аввали моҳи рамазон; **ушри ашир** а) садяк, аз сад як; б) *маҷ.* чизи андак [16, с.375]; боҷ андозе, ки аз моли тиҷорати хориҷӣ мегиранд [1, с.53]; закот а. زكات1. кит. покӣ, покизагӣ. 2. д.ҳиссаи маълуме, ки ҳар як мусулмон мувофиқи фармудаи шариат аз даромад ва дороии худ бояд ҳар сол ба фақирон ва муҳтоҷон бидиҳад [16, с.504]: *Даромади ҳукумат аз заминҳои корам - **ушру хироҷ**, аз молҳои тиҷоратӣ - **боҷу закот** ва аз молҳои чорво - ҷинсан закот буд. Табақаҳои ҳукмдор гайр аз ин ба номи **ушр, хироҷ, зако**т ва дигарҳо аз мамлакат даромад мекарданд...* [2, с.7].

Нависанда истилоҳи **пули сулҳонаро** истифода намудааст. Баъди истилои Бухорову Самарқанд Саид ибни Усмон аз мардуми Самарқанд андозеро бо номи **сулҳона** меситонд, ки басо гарон буд. Ин вожа ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ шомил гардида, дар фарҳангҳо зикр наёфтааст: *Дар охир маглуб шуда бо арабҳо ба сулҳ бастан маҷбур шуда бошанд ҳам, душманро ба шаҳр роҳ нададанд ва ӯро бо додани **пули сулҳона** ва моли бисёр аз дарвозаи шаҳр гардонданд[2, с.100].*

Дар замони истилои арабҳо андозе бо номи **ҷизя** маъмул буд, ки аз мардуми ғайримусулмон ситонида мешуд. Нависанда ҷизяро чунин шарҳ медиҳад: Ҷизя як андози таҳқирӣ буда, мувофиқи қонуни ислом аз касони дар вилояти исломӣ зиндагикунанда, ки дар дини ислом набошанд, ба тарзи саршуморӣ гирифта мешуд [1, с.552-553]: *Лекин вақте ки мусалмоншудагон бисёр шудан гирифтанд ва ба ҳамон нисбат даромаде, ки аз роҳи **ҷизя** меомад, кам шудан гирифт, арабҳо ҳам қонуни динашонро, ҳам қавлу қарорашонро вайрон карда, аз мусалмоншудагони аҳолии маҳаллӣ ҳам **ҷизя** гирифтанро сар карданд [2, с.107].*

*Абӯмуслим яке аз ҳамин **доиёни маҳаллӣ** буд, ки дар охир ҳамаи роҳбарияти хуруҷи муқобили уммавиёнро ба дасти худ гирифт [2, с.113].*

Вожаи **хилофат** аз ҷиҳати баромад ба забони арабӣ мансуб буда, ба маънои: 1. ба ҷойи касе баъд аз вай нишастан, ҷонишин шудан. 2. халифа будан халифагӣ кардан [16, с.435] истифода мегардад: *Аммо Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ халифаро бедин эълон кард, на танҳо ӯро, балки тамоми аҳволи хонадони Аббосиёнро, ки дар байни мусалмонони дунё қариб панҷсадсола нуфузи рӯҳонӣ доштанд, аз **хилофат** маҳрум кардан хост [2, с.119]. Бо ҳамаи ин, агар Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ Носир–халифа ва сулолаи Аббосиёнро аз **хилофат** дур карда метавонист, эҳтимол мерафт, ки мусалмонон бо вуҷуди норизоятӣ дар пеши амри воқеъ чизе гуфта натавонанд [2, с.119].*

Вожаи **волӣ** арабӣ буда, чун истилоҳи идоракунии давлат дар гузашта ба маънои “он ки ба идораи вилоят таъйин мешуд, ҳокими вилоят” [15, с.282] истеъмол мегардид: *Баъд аз*

хомӯш карда шудани ин исён Абӯҷаъфар хост, ки Абӯмуслимро дар Шом ва Миср ***волӣ карда****, аз Хуросон ва Мовароуннаҳр дур ва дар доми худ нигоҳ дорад [2, с.125].*

Вожаи **сарлашкар** чун истилоҳи ҳарбӣ дар гузашта маъмул буд ва имрӯз низ дар истеъмол аст. Сарлашкар аз исмҳои **сар** ва **лашкар** таркиб ёфта, ба маънои сардори лашкар омадааст: *Писари Шарик ибни Шайх ва яке аз* ***сарлашкарони*** *ӯ хостанд, ки шабона аз шаҳр берун шаванд, аммо одамони Зиёд онҳоро дастгир карда пеши ӯ бурданд ва Зиёд фармуд, ки онҳоро кушта ба дор кашанд. Баъд аз рӯй додани ин ҳодиса аҳолии шаҳр ба амон додани Зиёд бовар накарданд ва касе... [2, с.133].*

Дар ҷумлаи зерин ду истилоҳи идоракунӣ: **халифа** ва **вазир** истеъмол шудааст. Вожаи **вазир** арабӣ буда, ба маънои: 1. узви ҳайати ҳукумат, ки сарварии вазоратеро ба уҳда дорад: **вазири адлия, вазири корҳои хориҷӣ, вазири маориф, вазири молия**. 2. *таър.* Мансабдори олимақом, ки баъд аз шоҳ (ё султону амир) мақоми баландро ишғол менамуд ва тамоми корҳои дохилӣ ва хориҷии мамлакатро идора мекард [15, с.256] фаҳмида мешуд. Дар гузашта низ ба маънои мансаби идоракунии давлат истеъмол мегардид: *Абӯҷаъфар ба Хуросон рафт ва дар вақти аз он ҷо баргашта истоданаш ба Абӯмуслим гуфт, ки Абӯсалама ба халифа ҳаракатҳои нолоиқ мекунад ва халифа барои риояти хотири ту ҳар гуна ҳаракатҳои ӯро мебардорад ва худро ба нодонӣ мезанад, чунки ту ӯро ба халифа* ***вазир*** *таъйин кардаӣ [2, с.1209].*

Нақиб вожаи арабист ва ба гурӯҳи калимаҳои куҳна шомил буда, ба маъноҳои зерин истеъмол мегардад: “1.сардори қабила, раиси қавм. 2. *таър.* мансабе буд, ки ба хоҷагон медоданд” [15, с.890]. Дар маводи мо ба маънои сардори қабила, раиси қавм корбаст шудааст: *Чунки* ***нақиб*** *аз рӯйи истилоҳи ҳарбӣ ва маъмурии феодалии шарқ меҳтари қавм ва донишманди қавм ба шумор меравад, ки ба вай расман ин лақабро медиҳанд [2, с.143].*

Хулоса, дар объекти таҳқиқи мо вожаву ибораҳои зиёди расмӣ-коргузорӣ мушоҳида гардиданд, ки онҳо чун инъикоскунандаи вазъи сиёсиву иҷтимоии замони истилои арабу муғулҳо истифода гардида, дар он замон мавқеи махсус доштани ин қабати лексикаи забонро нишон медиҳанд.

Истилоҳоти зиёдеро мушоҳида намудем, ки имрӯз аз истифода баромадаанд ва ба гурӯҳи вожаи архаистии забон ворид шудаанд.

Истилоҳоти расмӣ-коргузорӣ як василаи муҳимми инъикоскунандаи истилоҳоти забони адабии тоҷикӣ ба ҳисоб мераванд.

Муқарриз: ***Кенҷазода М.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 12. / С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 563 с.
2. Айнӣ, С. Очеркҳои таърихии Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик ва Исёни Муқаннаъ / С.Айнӣ. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. - 254 с.
3. Ғаффоров Р. Услубшиносӣ. Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11 / Р. Ғаффоров., С. Ҳошимов., Б. Камолиддинов. - Душанбе: Маориф, 1995. - 191с.
4. Даниленко В.П. Русская терминология. Опыт лингвистического описания / В.П. Даниленко. – М., 1977.
5. Диловаров М., Қурбонов С. Ҳуҷҷатнигорӣ / М. Диловаров., С. Қурбонов. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 119 с.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ. 1. - Душанбе: Маориф, 1982. - 263 с.
7. Калонтаров. Я.И. Принсипҳои асосии терминологи забони тоҷикӣ / Я.И. Калонтаров. - Душанбе: Дониш, 1971. – 103 с.
8. Камолиддинов Б. Услубшиносӣ / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Ирфон, 1973. - 115 с.
9. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2007. - Ҷ.1. – 242 с.
10. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. – Сталинобод: Наш. дав.Тоҷ., 1959. - 296 с.
11. Назарзода, С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо / С. Назарзода. – Душанбе: Бухоро, 2012. - 371с.
12. Назарзода, С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ – сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи ХХ / С. Назарзода. – Душанбе: Дониш, 2004. - 302 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 951 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 996 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.1. – 950 с
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.2 – 946 с.

НАҚШИ ИСТИЛОҲОТИ РАСМӢ-КОРГУЗОРӢ ДАР ОЧЕРКҲОИ ТАЪРИХИИ САДРИДДИН АЙНӢ “ҚАҲРАМОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК ТЕМУРМАЛИК” ВА “ИСЁНИ МУҚАННАЪ”

Истилоҳоти расмӣ-коргузорӣ инъикоскунандаи муносибати байни давлатҳо, давлату шахсони алоҳида ва умуман ҷомеа; воситаи муошарати корхонаву муассисаҳо ва ташкилотҳо; воситаи муносибати расмии одамон дар истеҳсолот ва дар соҳаи хизматрасонӣ махсуб меёбад. Мақолаи мазкур дар бораи истифодаи истилоҳоти расмӣ-коргузорӣ дар очеркҳои таърихии Садриддин Айнӣ “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” ва “Исёни Муқаннаъ” баҳс мекунад. Муаллифи мақола кӯшидааст, ки дар объекти таҳқиқи мавқеи истифодаи истилоҳоти расмӣ-коргузориро бо далелу мисолҳои зиёд нишон диҳад. Дар мақола истилоҳоти расмӣ-коргузориро ба такя бо сарчашмаҳои илмиву назариявӣ мавриди ба таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, мавқеи корбасти баъзи ин қабати лексикаи забон бо имрӯз муқоиса гардидааст. Ҳангоми баррасии мавзӯъ муаллифи мақола истилоҳоти расмӣ-коргузориро аз ҷиҳати таркиби морфологӣ таҳлил намуда, онҳо аз ҷихати сохт ба кадом гурӯҳ мансуб буданашонро зикр намудааст. Дар мақола дараҷаи истеъмоли истилоҳоти расмӣ - коргузорӣ дар гузашта ва имрӯз муайн карда шуда, дар замони истилои араб ва муғулҳо истифодаи он нишон дода шудааст. Муаллифи мақола истилоҳотеро баррасӣ намудааст, ки қисме аз онҳо имрӯз дар истеъмол нестанд ва ҳамчун инъикоскунандаи вазъи иҷтимоиву сиёсӣ, давлатдориву коргузорӣ дар асарҳои бадеӣ ва таърихӣ истифода мегарданд. Дар мақола як гурӯҳ истилоҳоти коргузории соҳаи иқтисодиёт таҳлил шудааст, ки имрӯз дар истифода қарор надоранд.

Калидвожаҳо: истилоҳоти расмӣ-коргузорӣ, мактуб, баённома, васиятнома, халифа, худот, закот, ушр, нома, хатти амон, подшоҳ, волӣ, нақиб, вазир ва ғ.

РОЛЬ ОФИЦИАЛЬНЫХ ТЕРМИНОВ В ИСТОРИЧЕСКИХ ОЧЕРКАХ САДРИДДИНА АЙНИ «ГЕРОЙ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА ТЕМУРМАЛИК» И «ВОССТАНИЕ МУКАННЫ»

Формально - деловые термины, отражающие отношения между государствами, государствами и отдельными людьми и обществом в целом; средства связи предприятий, учреждений и организаций - это средство формального общения между людьми на производстве и в сфере обслуживания. В этой статье обсуждается использование официальных терминов в исторических очерках Садриддина Айни «Темурмалик, герой таджикского народа» и «Восстание Муканны». Автор статьи на множестве фактов и примеров попытался показать позицию употребления официально-деловых терминов в объекте исследования. В статье анализируются официально-деловые термины на основе научных и теоретических источников и сравнивается положение некоторых из этих пластов языковой лексики с сегодняшним днем. Обсуждая тему, автор статьи анализирует официально-деловые термины, с точки зрения морфологической структуры, указывая, к какой группе они принадлежат по структуре. В статье определяется степень использования официальных деловых терминов в прошлом и настоящем, а также показано их использование во время арабских и монгольских завоеваний. Автор статьи обсуждает термины, некоторые из которых сегодня не используются или используются как отражение общественно-политической ситуации, власти и бизнеса в произведениях искусства и истории. В статье анализируется группа бизнес-терминологии, которая сегодня не используется.

Ключевые слова: официальные условия, письмо, декларация, воля, халиф, бог, закят, десятина, письмо, линия защиты, царь, правитель, накиб, министр и т. д.

THE ROLE OF OFFICIAL TERMS IN THE HISTORICAL SKETCHES OF SADRIDDN AINI "HERO OF THE TAJIK PEOPLE TEMURMALIK" AND "THE RISE OF MUKANA"

Formal business terms reflecting the relationship between states, states and individuals and society as a whole; means of communication of enterprises, institutions and organizations; it is a means of formal communication between people in production and in the service sector. This article discusses the use of official terms in the historical essays of Sadriddin Aini "Temurmalik, Hero of the Tajik People" and "Rise of Mukanna". The author of the article, using a variety of facts and examples, tried to show the position of the use of official business terms in the research object. The article analyzes official business terms based on scientific and theoretical sources, and compares the position of some of these layers of linguistic vocabulary with the present day. Discussing the topic, the author of the article analyzes official business terms from the point of view of morphological structure, indicating which group they belong to in terms of structure. The article identifies the degree of use of official business terms in the past and present, and also shows their use during the Arab and Mongol conquests. The author of the article discusses terms, some of which are not used today or are used as a reflection of the socio-political situation, power and business in works of art and history. The article analyzes a group of business terminology that is not used today.

Key words: official conditions, letter, declaration, will, caliph, god, zakat, tithe, letter, line of defense, king, ruler, nakib, minister, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Фозилова Муаззам Муйддиновна*** - Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ, унвончӯйи шуъбаи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21

Сведение об авторе: ***Фозилова Муаззам Муйддиновна*** - Институт языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ, соискатель отдела таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21

Information about the author: ***Fozilova Muazzam Muiddinovna*** - Institute of Language and Literature named after A.Rudaki NANT, applicant for the Tajik language department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21

УДК: 400.1.3

ЖАНРҲОИ ОДОБИ МУҲОВАРА

Шукуров Г.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар муколама нақши одоби муҳовара хеле муҳим буда, вобаста ба шароити иҷтимоӣ ва таҳаввули таърихии системаи забони адабӣ тағйир меёбад. Одоби муҳовара тибқи нишондоди сарчашмаҳои илмӣ ва осори таҳқиқӣ фарогири формулаҳои устувори муроҷиат, даъват, хоҳиш, миннатдорӣ, шиносоӣ, хайрухуш ва ғайра мебошад.

Аз ин рӯ, муҳовара дар мавзӯи муайян ва вазъи мушаххас сурат мегирад. Аксари муҳаққиқон ба андешае ҳастанд, ки раванди гуфтугӯ оғоз, идомаёбӣ ва анҷом дорад ва барои ҳар як лаҳзаи муҳовара бо забони адабии тоҷикӣ формулаҳои устувори гуфтугӯ мавҷуд аст, ки бо гунаҳои худ мавриди истифода қарор мегиранд.

Ташаккули қолабҳои устувор ва гуногунсохти аз ҷиҳати маъно бойи муҳовара дар забони тоҷикӣ решаҳои устувори таърихӣ дошта, дар осори адибони давраи шӯравӣ фаровон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ин формулаҳои устувор раванди гуфтугӯи моро ба танзим дароварда, оғоз ва анҷоми суҳбати моро ҳусн мебахшанд. Аксари муҳаққиқон доир ба тавоноии забон, неруи бунёдии забонҳои гуногун андешаронӣ карда, мавқеи забонро дар миёни забонҳои олам аз мероси боқимонда бо ин забон ва дараҷаи паҳншавии он дар олам баҳо медиҳанд, вале имконоти забонро дар таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқон доир ба одоби муҳовара, дар дараҷаи татбиқшавии хазинаи луғавии забон ҳангоми гуфтугӯ муайян кардан мумкин аст.

Мусаллам аст, ки забони тоҷикӣ яке аз бойтарин забонҳои олам ба ҳисоб меравад, вале мо аз хазинаи ин забон то кучо истифода мекунем, муайян нест.

Одоби муҳовара миёни ду нафар сурат мегирад ва дилхоҳ муҳовара аз муроҷиат оғоз мегардад. Зикр кардан зарур аст, ки аксар муҳаққиқон матнҳои гуногуни вобаста ба вазъи гуфтугӯ ташаккулёфтаро аз рӯйи мавзуъ гурӯҳбандӣ кардаанд ва истилоҳи жанрро, ки калимаи иқтибосӣ аст, инчунин дар дигар соҳаҳо низ истифода мегардад, ҳамчун истилоҳи соҳаи забон қабул кардаанд.

Тибқи нишондоди муҳаққиқон жанри муроҷиат характери универсалӣ дошта, воҳидҳои забонӣ дар ин жанр бо услуби хос истифода мегарданд.

1. Муроҷиат

Жанри муроҷиат ба андешаи Н.И Формановская “дар миёни жанрҳои одоби муҳовара мавқеъ ва ҷойгоҳи муҳим дорад” [16, с.18]. Вазифаи ин жанри муҳовараро аксар муҳаққиқон ҷалби диққат ё таваҷҷуҳ дониста, татбиқи онро ҳам дар шакли алоқа (контакт) ва ҳам алоқаи фосилавӣ зарур донистаанд. Муроҷиат дар раванди гуфтугӯ чи дар шакли хаттӣ ва чи дар шакли шифоҳӣ дар лаҳзаҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Муроҷиат бо забони тоҷикӣ бо вожа ва ибораҳои гуногун ифода меёбад, ки таваҷҷуҳ ба собиқаи таърихии он таҳқиқоти алоҳидаро тақозо мекунад, зеро забони форсии тоҷикӣ дар таърих ҳамеша забони давлатдорӣ будааст.

Аснои муҳовара ба ҳамсуҳбат тибқи таҳқиқи Н.И. Формановская ду ҷанба дорад: 1. Муроҷиат ба шахси ношинос. 2. Муроҷиат ба шахси шинос.

Муроҷиат ба шахси шинос ва ношинос дар доираи мавзуъҳои муайян сурат мегирад. Албатта, мавзуи муроҷиат маҳдуд нест, зеро мо дар тули як рӯзи фаъолият ба ҳолатҳои гуногуни гуфтугӯӣ дучор мегардем ва муроҷиати мо низ дар мавзуъҳои гуногун сурат мегирад. Албатта, муроҷиат бо ашхоси шинос ва ношинос фарқ дорад.

Забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забонҳои дигари олам, вожа ва ибораҳои зиёде дар хазинаи луғавии худ дорад, ки барои муроҷиат ва, қабл аз ҳама, барои ҷалби таваҷҷуҳ истифода мешаванд. Масалан: **бахшиш шуморо ташвиш медиҳам, мабодо шуморо нороҳат накардам** ва ғайра. Масалан ҳангоми муҳовара формулаи устувори гуфтугӯӣ вуҷуд дорад,

ки дар гунаҳои ғусса нахӯр, ғам нахӯр серитеъмол аст: -ғусса нахӯр, Шариф, ҳеҷ воқеа не... Мегузарад... [8, с.88] ё формулаи дигари мавриди истифода: нағз намешавад: Падарам лабханде карду бо аломати инкор сар ҷунбонид:

-Нағз намешавад [8, с.15].

Инчунин тавассути муҳовараи ғайривербалӣ ҷалб кардани таваҷҷуҳи шахси мусоҳиб:

Рӯзе аз рӯзҳо як марди ношинос Фирдавсиро суроғ карда ба Бож омад. Хидматгори шоир ӯро ба ҳуҷраи даруни боғ бурд. Ношинос бо таъзим салом кард:

- Воалайкум ассалом. – Фирдавсӣ як лаҳза ба вай назар духта… [8, с.15].

Одоби муҳовара раванди дуҷониба аст, аз ин рӯ, ҳатман ба муроҷиат ҷавоб додан лозим, ки он низ дар асоси риояи эҳтиром бояд сурат гирад ва сарду бепарвоёна набошад. Ҳатто агар шумо талабот ва хоҳиши ҳамсуҳбатро қонеъ карда натавонед, вожа ифодаҳои ҳангоми ҷавоби рад ё тасдиқ гуногуншаклро доро мебошад. Қолабҳои устувори истифодашаванда маънӣ ва назокати услубии хос доранд. Мисол: **огоҳ нестам, хабар надорам, гуфта наметавонам, афсӯс, имкон надорам** ва ғайра... Мисол, таркибҳои ихтиёр ба худат, туро нигоҳ дошта наметавонам дар муҳовара формулаи устувори гуфтугӯ гардидаанд: - ихтиёр ба худат, ман туро нигоҳ дошта наметавонам [8, с.117].

Албатта, ҷалби таваҷҷуҳ на танҳо характери вербалӣ дорад ва тавассути вожа ва ибораву таркибҳо амалӣ карда мешавад, балки тавассути имову ишора, яъне робитаи ғайривербалӣ низ ба вуҷуд меояд.

Барои муроҷиат бо забони тоҷикӣ вожа ва ибораҳои зиёде мустаъмал буданд, ки намунаи онҳо дар осори классикии мо то ҳол маҳфуз мондаанд. Мисол: **ҷалолатмаоб, эшон, махдум, шариатпаноҳ** ва ғайра, вале дар замони шӯравӣ истифодаи вожаҳои зикршуда маҳдуд мегарданд ва бо мурури вақт архаистӣ мешаванд. Ин раванд заминаи иҷтимоиву сиёсӣ ва таърихӣ дошт.

Албатта, истифодаи калимаи рафиқ бо он ки то асри XX дар забони форсии тоҷикӣ мустаъмал буд, вале дар асри XX бештар таҳти таъсири омилҳои ғайризабонӣ дар баробари серистеъмол гардидани калимаи русии “товарищ” дар байни мардуми тоҷик, таҳаввули услубию маъноӣ кард.

Муроҷиат бо калимаи рафиқ асосан пас аз инқилоби шӯравӣ оғоз гардид. Зикр кардан ба маврид аст, ки тамоми раванди муҳовара миёни аъзои гуногуни гурӯҳҳои иҷтимоӣ тавассути калимаи **рафиқ** сурат мегирифт. Заминаи муроҷиат бо ин калима таъсири низоми сиёсии сохтаи шӯравиҳо буд, ки асосан шиори баробариро дар ҷомеа матраҳ карда буданд ва аъзои ҷомеаи шуравӣ миёни ҳам новобаста аз мақоми иҷтимоӣ дар муроҷиат калимаи рафиқро бештар истифода мекарданд. Сабаби аз байн рафтани калимаҳои муроҷиатии **ҳазрат, олампаноҳ, шариатпаноҳ, султон, каминаи камтарин, тақсир, банда** ин тағйир ёфтани низоми иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ буд.

Ҷомеаи аввали садаи XX Осиёи Марказӣ пас аз муҳлати дурударози ҳукмронии феодализм, якбора ба сохти сотсиалистӣ гузашт. Аз ин рӯ, дар забони адабии тоҷик таҳаввули қабати лексикӣ ба миён омад, ки дар муроҷиат бештар зоҳир мегардад.

Калимаи **рафиқ** то ҳадде серистеъмол гардид, ки ҳатто миёнаи солҳои 80 -уми садаи XX ҳунарманди машҳури тоҷик Убайдулло Раҷабов дар саҳначае истифодаи ин калимаро бо танзу киноя мавриди ҳаҷв ва интиқод қарор дода буд: “Рафиқ занак, рафиқ пиёларо, рафиқ гурба...”.

Дар забони адабии тоҷик истеъмоли калимаи рафиқ бештар пас аз солҳои 20 – 30-юми садаи XX серистеъмол гардид ва солҳои баъд истифодаи ин формулаи этикетӣ дар забони тоҷикӣ устувор гардид.

Таҳқиқи забоншиносони тоҷик нишон медиҳад, ки дар давраи шӯравӣ забони адабии тоҷик вобаста ба шароити иҷтимоиву сиёсӣ таҳаввул ёфтааст. Академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ таърихи таҳаввули забони адабии тоҷикиро ба се марҳила ҷудо мекунанд ва бо мисолу далелҳо собит мекунанд, ки забони форсии тоҷикӣ дар аввали солҳои 20 - уми садаи XX аз калимаҳои бунёдии классикӣ бархӯрдор буда, то андозае

асолати забони классикии тоҷикӣ ҳифз карда шудааст [17, с.15]. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ин давраи таърихӣ калимаҳои муроҷиатии “мулло” ва “домулло” хеле серистеъмол буданд. Ё калимаҳои дигар ба мисли банда, паршикаста, аврат ва ғайра.

Бо мурури вақт солҳои 50- 60- уми садаи ХХ таъсири забони русӣ ба забони тоҷикӣ меафзояд. Ин даврароо давраи дуюми таҳаввули таркиби луғавии забони форсии тоҷикӣ гуфтаанд [17, с.16-17]. Дар ин замина калимаи **рафиқ** боз ҳам серистеъмол мегардад.

Албатта, муроҷиат танҳо бо калимаи рафиқ маҳдуд набуд. Дар забони форсии тоҷикӣ калимаҳои дигар низ ҳамчун воситаи муроҷиат истифода мегардиданд. Ҳангоми гуфтугӯ калимаҳои **бародар, апа, уко, дӯст, тағо, амма, хола, очаҷон** ва амсоли инҳо мустаъмал буданд, ки вобаста ба мақоми иҷтимоӣ аз рӯйи одоб барои муроҷиат истифода мегардиданд. Мисол: ана укоятро ҳам гирёндӣ. Хайру маъзур карда истода, ин хел гапҳоро гуфтан чӣ лозим?... Хайр саломат бош, худо ба ту роҳи сафед диҳад [8, с.143].

Ифодаи эҳтиром, дӯстдорӣ ва самимият дар нутқи гуфторӣ ва навиштораш ҳамеша дар забони тоҷикӣ риоя карда мешуд, вале ин гуна ифода кардани эҳтиром вобаста ба мавқеи иҷтимоии шахс сурат мегирифт.

Забони адабии китобӣ ва забони адабии гуфтугӯии тоҷикӣ барои ифодаи эҳтиром имконияти зиёде дар ихтиёр дорад. Бо ашхоси калонсол калимаҳои муроҷиатии амак, тағо, хола, амма, модар ва амсоли инҳо истифода мешаванд, вале бо синну соли ҷавонтар истифодаи ҳамаи ин калимаҳо аз рӯйи одоб нест, ҳатто боиси ранҷиши ҳамсуҳбат мегардад. Масалан: агар духтари ҷавони ношиносро “хола” гуфта муроҷиат кунем, беэҳтиромӣ ба ҳисоб меравад.

Н.И. Формановская жанри муроҷиатро дар одоби муҳовара муҳим дониста, истифодаи онро вобаста ба шахси шинос ва ношинос гурӯҳбандӣ мекунад. Ба андешаи ӯ, калима ва ибораҳои ҳангоми муроҷиат ба шахси ношинос истифодашаванда, аз ҳам фарқ мекунанд.

Дар забони тоҷикӣ муроҷиат бо шахси ношинос ва шинос, албатта, тибқи гуфтаи Н.И. Формановская хусусияти худро дорад, вале дар забони тоҷикӣ ҳам дар забони адабӣ ва ҳам лаҳҷа гоҳо барои муроҷиат ҷойи истифодаи калимаҳо ва ибораҳо муҳим нест. Баъзан ба шахси ношинос низ калимаҳои муроҷиатии писарам, духтарам, бачаҷон, ҷиян ва амсоли инҳо истифода мешаванд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки забони тоҷикӣ аз лиҳози луғавӣ хеле бой аст ва дар муроҷиат калима ва ибораҳои зиёд мавриди истифода қарор мегиранд, ки ҳар яке дар мавқеи худ бо тобиши маъноӣ ва услуби хос ҷилва мекунанд.

2. Дуруду падруд ё шиносоӣ ва хайрухуш

Шиносоӣ ё ба ибораи дигар “салому алейк” як лаҳзаи муҳовара аст. Солҳои охир таҳти таъсири эҳёи фарҳанги миллӣ истилоҳи дигари ивазкунандаи он “дуруду падруд”, ки сирф калимаи тоҷикист, серистеъмол гардидааст. Салом додан ё дуруд гуфтан бештар ҳангоми ба ашхоси шиносу ношинос рӯ ба рӯ шудан истифода мегардад. Дар фарҳанги миллии мо салом доданро қарзи инсонӣ медонанд. Салому алейк аломати муҳимтарини одоби муҳовара ба ҳисоб меравад, ки дар таърихи забони тоҷикӣ доир ба одоби салом додан осори илмиву бадеии зиёде ба табъ расидаанд. Масалан, Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар одоби сухан гуфтан чунин мефармояд: “Бидон шарафи одамӣ ба нутқ аст ва ҳар кӣ дар нутқ одоб риоят накунад, аз ин шараф бебаҳра бошад. Барои ин нутқ ба савоб (сухани рост) бояд ва илло хомӯшӣ беҳ аз он бувад, чунонки Шайх Саъдӣ фармуда:

Баҳоим хомӯшанду гӯё башар,
Забон баста беҳтар, ки гӯё ба шар” [10, с.26].

Калимаи салом додан ба забони мардуми форсизабон пас аз истилои араб мустаъмал гардид. Маънои ин калима ба суханшунав сулҳ ва саломатӣ хостан аст. Ҳангоми муҳовара салом калиди муносибати байни ду шахс аст. Ин калима дар шаклҳои гуногун салому алейк, салому сипос, ассалому алайкум, саломи гарму ҷӯшон ва ғайра барои нигоҳ доштани эҳтироми шахси мусоҳиб мавриди истифода аст. Ҳангоми салом додан бо забони

тоҷикӣ этикети махсус вуҷуд дорад, ки доир ба он дастурҳо ва китобҳои зиёде мунташир шудаанд. Мардуми тоҷик одатан саломро аз ҷониби ашхоси хурд ба калонсол, аз корманд ба роҳбар ва дигар вазъияти мавҷуда медиҳанд. Дар сурати халалдор гардидани ин талабот одоби муҳовара низ халалдор мегардад ва боиси ранҷиши шахси мусоҳиб мегардад.

Саломдиҳӣ бештар ҳангоми шиносоӣ бо ашхоси гуногуни худию бегона, шиносу ношинос сурат мегирад ва дар ин асно воҳидҳои гуногуни забонӣ барои фароҳам кардани шароити мусоид барои муҳовара, пас аз саломдиҳӣ мусоидат мекунанд. Ба андешаи Н.И. Формановская воҳидҳои одоби муҳовара дар лаҳзаи шиносоӣ барои фароҳам кардани имконияти муошират минбаъда хидмат мекунанд [16, с.50]. Ба андешаи Н.И. Формановская шиносоӣ дар мамолик ва миллатҳои гуногуни дунё як хел нест: “Дар кишварҳои гуногуни олам расми шиносоӣ бе миёнрав ё тавассути шахсе дар лаҳзаҳои гуногун зуҳур мекунад. Маълум аст, ки дар Англия шиносоӣ тавассути миёнрав сурат мегирад ва дар русҳо ҳар ду вариант маъмул аст” [16, с.50]. Дар фарҳанги мардуми эронитабор, махсусан тоҷикон шиносоӣ ҳам бевосита ва ҳам тавассути миёнрав сурат мегирад.

Меъёри одоби муҳовара дар фарҷоми шиносоӣ хайрухуш аст, ки он одатан аз анҷоми як лаҳзаи гуфтор дар рафти шиносоӣ дарак медиҳад. Дар забони тоҷикӣ таркиби дуруду падруд вуҷуд дорад. Ин таркиб аз зарурати пайиҳам омадани ин раванд шаҳодат медиҳад.

Дар забони тоҷикӣ ҳангоми хайрухуш калима, ибора ва таркибҳои: **хайр, хайр то боздид, хайр хуш бимонед** ва ғайра истифода мешаванд. Зикр намудан муҳим аст, ки вазъияти хайрухушкунӣ дар забони тоҷикӣ новобаста аз шахси шинос ва ношинос сурат мегирад. Бо вуҷуди ин муҳлати аз ҳам ҷудошавии ҳамсуҳбат тақозо мекунад, ки формулаҳои одоби муҳовара вобаста ба замони хайрухуш сурат гирад. Одатан ҳангоми мулоқоту хайрухуши кӯтоҳмуддат калимаи хайр серистеъмол аст, вале ҳангоми ба муҳлати дурудароз аз ҳам ҷудо шудан мулоқоткунандагон формулаи хайр то боздид ё хайр то диданро истифода мекунанд.

Мисол:- боз шуморо мебинам ё не, Худо медонад. Ду- се рӯза умрам монд, умед карда будам, ки маро худат гӯронӣ [8, с.42].

Шаклҳои гуногуни воситаҳои муҳовара дар асоси гуногун будани вазъи гуфтугӯ ба миён омадаанд. Дар асрҳои гузашта бештар калимаи **алвидоъ**, ки баромади он арабӣ аст, истифода мегардид. Ин калима бештар ҳангоми хайрухуши ду шахси шинос, истифода мегардид. Ин формулаи одоби муҳовара то имрӯз мустаъмал аст, вале на дар муҳовараи маъмулӣ, балки дар осори назмию насрӣ ҳангоми тасвири воқеоти гуногуни таърихӣ.

Мавқеъ ва корбурди одоби муҳовара дар забони тоҷикӣ нисбат ба забонҳои дигар тафовут дорад. Махсусан агар шабҳангом ду шахс бо ҳам хайрухуш кунанд, формулаҳои муҳоваравии **шаб ба хайр, шабатон хуш, шабҳои хуш**ро истифода мекунанд. Ҳангоми кору фаъолияти якҷоя формулаҳои муҳоваравии **то субҳи дигар, то рӯзи дигар, то шоми дигар** мавриди истифода қарор мегирад.

Дар ибтидои таъсиси давлати шӯравӣ телефон кашф карда шуд. Суҳбат бо телефон низ одоби хосси худро дошт. Ҳатман ҳангоми суҳбати телефонӣ, ки муҳовараи фосилавӣ ба ҳисоб меравад, мақом, мансаб, рутба, синну сол ва дигар арзишҳои шахси мусоҳиб ба назар гирифта мешавад. Дар телефон низ пас аз муроҷиат ҳатман хайрухуш карда мешавад, ки аз хайрухуши рӯ ба рӯ хеле кам фарқ мекунад. Вале ҳангоми хайрухуш бо телефон формулаҳои муҳоваравии **занг занед, занг зада истед, боз телефон мекунем** ва ғайра мавриди истифода қарор мегирад.

Ҳангоми хайрухуш на танҳо муҳовараи вербалӣ, балки муҳовараи ғайривербалӣ низ вуҷуд дорад. Тоҷикон одатан ҳангоми хайрухуш дасти якдигарро мефишоранд. Ҳангоми ба сафари дур баромадан ҳамдигарро оғӯш мекунанд.

3. Табрик

Дар табрик одоби муҳовара дар сатҳи баланд риоя мегардад. Гуфтан мумкин аст, ки табрик саропо формулаҳои муҳоваравии ифодакунандаи эҳтирому самимият ва дӯстдорӣ аст. Табрик ҳоҳ дар шакли хаттӣ ва хоҳ дар шакли шифоҳӣ бошад, изҳори эҳтиром, таваҷҷуҳ ва хуш сохтани вазъи рӯҳӣ ва ҳолати равонии ҳамсуҳбат аст. Чи тавре дар забонҳои дигар мавҷуд аст, табрик кардан аз формулаҳои маъмули этикетии “табрику мубораквод мекунам” шакл гирифтааст. Формулаҳои табрикотӣ дар забони осори бадеии давраи шӯравӣ хеле серистеъмол аст, ки онҳоро аз рӯйи баромад ва корбурд дар аснои гуфтор ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Ин гурӯҳбандӣ бештар ба конструксияи ин формулаҳои одоби муҳовара дахл дорад. Гурӯҳи якум формулаҳои муҳоваравии бунёдӣ ё классикии тоҷикӣ мебошанд. Дар суханварони классик формулаҳои устувори “муборак бод” серистеъмол буд. Дар гузашта ба тахт нишастани шоҳ, Иди Рамазон, Иди Қурбон, Иди Наврӯзро мардум барои ҳамдигар муборак бод мегуфтанд. Формулаҳои гурӯҳи дуюм таҳти таъсири забони русӣ ва идҳои дар замони шӯравӣ маъмул буда, пайдо гардидаанд. Мисол: иди Ғалаба муборак! Иди 1 -уми май рӯзи якдилии меҳнаткашон муборак! Ба монанди ид ва ҷашну маросимҳо заминаи ташаккули формулаҳои нави муҳоваравӣ бо забони тоҷикӣ гардиданд.

Формулаҳои дигаре, ки дар табрик мустаъмал аст: **аз самими қалб, табрики маро қабул кунед, миннатдорам, сарбаланду муваффақ бошед, дар паноҳи Худо бошед, дар ҳифзи Худои таъоло бошед** ва ғайра.

4. Таманниёт

Таманниёт ба табрикот наздик аст, вале дар таманниёт вазъу ҳолати муҳоваравии тавсеаёфта мавҷуд аст. Мо метавонем дар ҳар масъала ба мусоҳиб таманниёти хешро иброз дорем. Формулаҳои устувори жанри таманниёт таманно мекунам, таманно дорам, орзу дорам ва ғайра мебошад.

Вобаста ба мавқеъ ва ситуатсияи нутқ таманниёт гуногун мешавад: ба шумо истироҳати хуб мехоҳам, ба Шумо саломатӣ хоҳонам, умри дароз бинед, кам нашавед, ниёзманд набошед, Худо нигаҳбон ва ғайра. Дар одоби муҳовара мардуми тоҷик калимаи муқаддаси Худоро ҳамеша вирди забон меоранд. Истифодаи ин калимаи муқаддас дар формулаҳои муҳоваравии тоҷикӣ ҳазорсолаҳо инҷониб устувор аст. Инро аснои муҳовара урфу одат ва дину оини тоҷикон тақозо мекунад.

Жанрҳои одоби муҳовара вобаста ба шароити таърихии рушди забон ва таҳаввулоти иҷтимоӣ аз лиҳози мундариҷа ва мазмун тағйир меёбад, вале сохти бунёдии он устувор боқӣ мемонад. Формулаҳои жанри одоби муҳовара вобаста ба шароити таърихӣ таҳаввули маъноӣ мекунанд.

Муқарриз: ***Шодиев Р.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ С. Ҷойгоҳи сухан дар осори форсӣ - тоҷикӣ / С. Анварӣ. - Душанбе, 2005. - 175 с.
2. Джураева М.Р. Коммуникативно – прагматический анализ устойчивых формул общения в современных таджикских СМИ / М.Р. Джураева. - Д., 2017. – 255 с.
3. Костомаров В.Г. Русский речевой этикет / В.Г. Костомаров // Обращения, формулы приветствия, прощания, благодарности. - РЯЗР, 1967. - № I. - С.56-62.
4. Костомаров В.Г. Языковой вкус эпохи: из наблюдений над яз. соврем. масс-медиа / В. Г. Костомаров. - М., 1994. – 247 с.
5. Ларина Т.В. Категория вежливости и стиль коммуникации: Сопоставление английских и русских линвокультрных традиции / Т.В. Ларина. - М., 2009. - 507 с.
6. Лингвистический энциклопедический словарь / под ред. В.Н. Ярцевой. - М.: Сов. энцикл., 1990. – 685 с.
7. Муҳаммади Фурӯғӣ. Ойини суханварӣ / Фурӯғӣ, Муҳаммади. - Теҳрон, 1387. – 534 с.
8. Сотим Улуғзода. Субҳи ҷавонии мо / Улуғзода, Сотим. - Душанбе: Адабиёти бачагона, 2019. – 333 с.
9. Сотим Улуғзода. Фирдавсӣ / Улуғзода, Сотим. - Душанбе: Адабиёти бачагона, 2017. – 279 с.
10. Хоҷаев, Қ. Суханварӣ / Қ. Хоҷаев. - Душанбе, 2013. – 255 с.
11. Формановская, Н.И. Вы сказали «Здравствуйте!»: речевой этикет в нашем общении / Н.И. Формановская. - М.: Знание, 1987. – 185 с.
12. Формановская Н.И. Культура общения и речевой этикет / Н.И. Формановская. -М., 2002. – 234 с.

13. Формановская Н.И. Речевое общение: коммуникативно- прагматический подход / Н.И. Формановская. - М.: Русс. яз., 2002. – 216 с.
14. Формановская Н.И. Речевой этикет и культура общения / Н.И. Формановская. - М.: Высш. шк., 1989. – 159 с.
15. Формановская Н.И. Русский речевой этикет: лингвистический и методический аспекты / Н.И. Формановская. -М.: Русс. яз., 1982. – 95 с.
16. Формановская Н.И. Употребление русского речевого этикета / Н.И. Формановская. - М., 1982. – 193 с.
17. Шакурӣ М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад / М. Шакурӣ. - Душанбе: Ирфон, 2005. – 399 с.

ЖАНРҲОИ ОДОБИ МУҲОВАРА

Таҳқиқи жанрҳои одоби муҳовара дар лингвистикаи коммуникатсионӣ падидаи ҷадид аст. Дар мақола ба таҳқиқоти забоншиносони рус бештар такя карда шуда, маводи пажӯҳишӣ аз осори нависандагони замони шӯравӣ гирифта шудааст. Дар мақолаи мазкур мухтасар ба собиқаи таҳқиқии одоби муҳовара руҷуъ карда шуда, дар такя ба назарияи илмии забоншиносони рус ва забоншиносони тоҷик масъалаҳои дар мақола матраҳгардида, баррасӣ шудааст. Муаллиф жанрҳои муроҷиат, хайрухуш, таманниёт ва табрикро баррасӣ карда, нақши забонро барои ифодаи муҳим арзёбӣ мекунад. Таҳқиқ дар асоси назарияҳои илмии академикҳо В.Г. Костомаров, Н.И. Формановская ва профессор Т.В. Ларина сурат гирифтааст. Дастоварди муаллиф дар ин мақола аз он иборат аст, ки ӯ бори аввал дар баробари таҳқиқоти забоншиносони рус ва аврупоӣ, жанрҳои одоби муҳовараро дар асоси маводи фаровони забони тоҷикӣ таҳлил намуда, собиқаи таърихӣ доштани онро собит кардааст. Махсусан аз лиҳози забонӣ бой ва ғанӣ будани манбаъҳои ташаккули жанрҳои одоби муҳовараро ошкор кардааст. Дар таҳлили муаллиф одоби муҳовара бо забони тоҷикӣ дар тамоми ҳолатҳои гуфтор дорои формулаҳои устувор буда, раванди гуфтугӯро ба танзим медарорад. Калимаҳои дар таркиби жанрҳои муҳовара истифодашаванда, ҳазорсолаҳо мавриди истифода буда, дар масири таърих таҳти таъсири омилҳои ғайризабонӣ таҳаввул ёфтаанд. Андешаҳои муаллиф бо далелҳо ва мисолҳо асоснок карда шудаанд.

Калидвожаҳо: одоби муҳовара, формулаҳои устувор, жанрҳои одоби муҳовара, муроҷиат, шиносоӣ, хайрухуш, таманниёт, табрик, лингвистикаи коммуникатсионӣ.

ЖАНРЫ РАЗГОВОРНОЙ ЭТИКИ

Изучение жанров этики общения - новое явление в коммуникативной лингвистике. Статья в значительной степени опирается на исследования российских лингвистов, а также на исследования писателей советской эпохи. В данной статье кратко рассматривается история исследования этики диалога и обсуждаются поднятые в статье вопросы на основе научной теории российских и таджикских языковедов. Автор рассматривает жанры обращения, прощания, пожелания и поздравления, а также роль языка как важного выразителя слова. Исследование основано на научных теориях академиков Г. Костомарова, Н.И. Формановской и профессора Т.В. Лариной. Достижение автора в данной статье заключается в том, что он впервые, наряду с исследованиями российских и европейских языковедов, проанализировал жанры этики диалога на основе богатого материала таджикского языка и доказал его историческую давность. Именно в языковом плане раскрывается богатство источников формирования жанров диалогической этики. В авторском анализе этикет общения в таджикском языке во всех случаях речи имеет устойчивые формулы и регулирует процесс разговора. Слова, используемые в диалоговых жанрах, использовались на протяжении тысячелетий и развивались на протяжении истории под влиянием неязыковых факторов. Мнение автора основано на фактах и примерах.

Ключевые слова: этика общения, устойчивые формулы, жанры этики общения, обращение, знакомство, прощание, пожелания, поздравления, коммуникативная лингвистика.

GENRES OF CONVERSATIONAL ETHICS

The study of genres of communication ethics is a new phenomenon in communicative linguistics. The article draws heavily on the research of Russian linguists, as well as on the research of writers of the Soviet era. This article briefly reviews the history of research into the ethics of dialogue and discusses the issues raised in the article based on the scientific theory of Russian and Tajik linguists. The author examines the genres of address, farewell, wishes and congratulations, as well as the role of language as an important expressor of the word. The study is based on the scientific theories of Academicians G. Kostomarov, N.I. Formanovskaya and Professor T.V. Larina. The achievement of the author in this article lies in the fact that for the first time, along with the studies of Russian and European linguists, he analyzed the genres of ethics of dialogue based on the rich material of the Tajik language and proved its historical antiquity. It is in the linguistic plan that the wealth of sources for the formation of the genres of dialogic ethics is revealed. In the author's analysis, communication etiquette in the Tajik language in all cases of speech has stable formulas and regulates the conversation process. Words used in conversational genres have been

used for thousands of years and have evolved throughout history under the influence of non-linguistic factors. The author's opinion is based on facts and examples.

Key words: ethics of communication, stable formulas, genres of ethics of communication, address, acquaintance, farewell, wishes, congratulations, communicative linguistics.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шукуров Гулназар Холович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторанти кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдаки 17. Тел.: **(+992) 935-40-63-18**

Сведение об авторе: ***Шукуров Гулназар Холович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 935-40-63-18**

Information about the author: ***Shukurov Gulnazar Kholovich*** - Tajik National University, Candidate of Philology, doctoral student of the Department of Modern Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Republic Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Тел.: **(+992) 935-40-63-18**

УДК: 491.550

ИСТИЛОҲОТИ СИЁСӢ ВА ВИЖАГИҲОИ ОН ДАР ПОВЕСТИ “РИВОЯТИ СУҒДӢ”-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Алиева Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи мо дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд оварда, ба раванди рушду нумуи забон ва адабиёти миллӣ низ таъсири бесобиқа расонд. Ин падидаи сарнавиштсоз дар таҳаввули забону адабиёти миллӣ роҳу уфуқҳои тозаро боз кард. Роҳу равишҳои таҳқиқро дар заминаи равияву ҷараёнҳои муосири забоншиносиву адабпажӯҳӣ падид овард. Ҳамин буд, ки дар самти истилоҳсозиву истилоҳшиносии тоҷикӣ низ корҳои зиёди судманду мондагор рӯйи кор омад. Бавижа, дар масоили гуногуни ташаккули забони илм ва истилоҳоти тоҷикӣ дар ин марҳила суханшиносон ба гунаи Муҳаммадҷони Шакурӣ, Додихудои Саймиддин, Сайфиддин Назарзода, Мирзо Ҳасани Султон, Саидраҳмон Сулаймонов, Азим Байзоев ва дигарон таҳқиқоти арзишманд анҷом додаанд.

Доир ба вижагиҳои истилоҳоти сиёсӣ профессор Сайфиддин Назарзода монографияҳои пураразиш ба номҳои “Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ – сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи ХХ” (2004) ва «Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гароиш ва дурнамо» (2013) чоп кардааст. Дар монографияҳои зикршуда намунаи истилоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсии забони тоҷикӣ, таърихи густариши истилоҳоти забон аз оғози пайдоиши асарҳои илмиву бадеӣ ба забони модарии мо ба марҳилабандии даврaҳои таърихии ташаккули истилоҳот ва овардани намунаҳо аз осори гузаштагон ва давраи муосири инкишофи забони мо нишон дода шудааст.

Ҳарчанд доир ба истилоҳоту истилоҳшиносӣ таҳқиқоти зиёде анҷом ёфта бошад ҳам, то ҳол паҳлуҳои гуногуни баъзе аз истилоҳоти соҳавӣ таҳқиқ нашудааст, махсусан, истилоҳоти сиёсӣ. Бинобар ин, мақолаи мо ба вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти сиёсӣ дар повести “Ривояти суғдӣ” –и Сотим Улуғзода бахшида шудааст.

Дар повести “Ривояти суғдӣ” истилоҳоти сиёсӣ хеле зиёд истифода шудааст. Мо дар асоси маводи таҳлилнамуда шоҳиди он гаштем, ки бештари истилоҳоти сиёсие, ки дар повест истифода шудааст, дар забони адабии муосири тоҷикӣ синонимӣ худро пайдо кардааст.

Бояд тазккур дод, ки бештари вожаҳо ва истилоҳоти марбут ба сиёсатро вожаҳои асили забони тоҷикӣ ташкил дода, дар ғаномандии ин шохаи бисёр муҳимми истилоҳоти забон нақши калидӣ доранд. Аз ҷумлаи ин гуна вожаҳои асили забони тоҷикӣ истилоҳоти сиёсие мебошанд, ки дар ин асар дида мешаванд. Масалан, истилоҳоти **хоҷа, дарбор, савганд, шӯриш, тахт, ихшид, паймон, пайк, кишвардорӣ, фиристода, гарав, гаравгон, гуреза**.

Ҳаминро бояд қайд намоем, ки дар повести «Ривояти суғдӣ» истилоҳоти сиёсии таърихӣ бештар истифода шудааст. Ба монанди **хоҷа.** Сипас, **хоҷа** ба корвониён рӯ оварда гуфт:.. [8, с.6]. **Хоҷа** хатти бароти маро кай медиҳед? [8, с.52].

Дар забони адабии муосири тоҷикӣ калимаи **хоҷа** дар алоҳидагӣ қариб истифода намешавад. Аммо дар давраи пеш ин калима серистеъмол буд. Ба назари мо калимаи **хоҷаро** ҳамчун истилоҳи сиёсӣ дар ҳамон давра қабул кардан мумкин аст. Чунки маънои вожаи хоҷа дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин маънидод шудааст: ХОҶА 1. бузург, соҳиб, соҳибкор, хӯҷаин. 2. мансуб ба насли хоҷагон [11, с.454].

Ана Наниманчабону, зани нахустпаҳлавони Суғд, ба **дарбор**, ё ба ҷашн, ё ба гармоба равон аст [8, с.24]. Дусад фарсах камобеш масофаи аз Димишқ то Мадинаро қосиди уштурсавори халифа қариб якуним моҳ ва шутури Саид ба ин сӯ ҳамчунин якуним моҳ тай карданд, дар поёни моҳи савум халифазодаи порсо ба **дарбори** Муовия ҳозир гардид [8, с.40].

Истилоҳи **дарбор** ба гурӯҳи истилоҳи сиёсии таърихӣ дохил мешавад. Ба ҷойи истилоҳи дарбор дар замони муосир истилоҳи ҳукумат истифода мешавад. Вожаи дарбор дар забони тоҷикӣ ба маъноҳои 1. қасри подшоҳӣ, даргоҳ, боргоҳ. 2. идораи коргузории

шоҳу амир, девони салтанат; вазири дарбор, мутасаддии идораи дарбор [11, с.410] истифода мешавад.

Дар ҷойи баланд ишхиди зарринкулоҳу камар, риши кӯтоҳу сиёҳи наълшаклаш ба гирди чеҳрааш аз чакка то чакка нимҳалқа зада, дар иҳотаи дарбориёни худ ба **тахт** нишаста буд [8, с.28].

Истилоҳи **тахт** ҳамчун истилоҳи сиёсӣ дар таърихи забон зиёд истифода мешуд. Ин калима аз ҷиҳати сохт сода мебошад.

ТАХТ. 1. курсӣ ё нишемангоҳи чорпоя аз оҳан ва чӯб. 2. нишемангоҳи махсусе, ки подшоҳ дар маросимҳо бар он менишаст; тахти равон, тахти махсусе, ки пирон ва беморонро хобонда, чор кас бардошта мебурданд; аз тахт фуровардан аз подшоҳӣ бекор кардан; ба тахт нишастан ба подшоҳӣ сар кардан [12, с.324].

Ба Саид **пайке** (қосид, чопар) фиристода хабар дод, ки то девори рабаз роҳ холӣ ва дарвозааш ҳам бепосбон аст, иҷозати ба рабаз дохил шудан ва то девори шаҳристони Бухоро рафтан пурсид, Саид иҷозаташ надод ва фармони қатъӣ фиристод, ки истад, то он ки пагоҳ худи Саид ба он ҷо бирасад [8, с.68].

Саид боз **гаравгони** зинда талаб кард: бигузор малика аз ҷумлаи хешу табори худ бист нафар ҷавонро ба **гарав** назди вай фиристад [8, с.78].

Аз **гурезаҳо** дастае ба ҳам омада буд, ба он даста асирони **гурезаи суғдӣ** низ ҳамроҳ шуда буданд, онҳо давлатмандонро ғорат мекарданд, амалдоронро мекуштанд [8, с.107].

Эй халифаи муъминон, ту маро ба **кишвардорӣ** мефиристӣ ё кишваркушоӣ? [8, с.43]. Ҳол он ки агар ҷиноятқорони касбию зотиро истисно кунем, бештарини зиндониён мардуми камбағали аз адои хироҷ саркашида, ё ба хоҷаҳои бемуруввати худ нофармонӣ карда, ё ба ҳукуматдорони ситамгар шӯрида, ё ки ба туҳмати нокасон дучор шудагон буданд [8, с.46].

Истилоҳи сиёсии **кишвардорӣ** дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба маъноӣ ҳукуматдорӣ истифода мешавад. Устод Сотим Улуғзода дар повести «Ривояти суғдӣ» ҳам истилоҳи кишвардорӣ ва ҳам истилоҳи ҳукуматдориро истифода кардааст.

Фиристодагон фаҳмиданӣ буданд, ки оё Саид ба сулҳ райъ мекунад ва агар райъ кунад, чи гуна шартҳо пешниҳод менамояд [8, с.72]. Раиси ҳайъати **вакилон** Моҳбудон суханашро давом дода гуфт:… [8, с.73].

Калимаи **фиристодаро** мо ҳамчун истилоҳ шарҳ медиҳем. Чунки дар асар калимаи фиристода ба ҷойи калимаи вакил истифода шудааст. Истилоҳи вакил дар забони тоҷикӣ ба маъноҳои: 1. он ки иҷрои коре аз тарафи касе, муассиса ё ҷамъияте ба ӯ супурда шудааст; 2. намоянда; гумошта, фиристода: вакили анҷуман, вакили муътамад, ҳайати вакилони ҳукуматӣ; [12, с.260], истифода мешавад.

Кашмакашиҳои сиёсию мазҳабӣ

Вай аз **кашмакашиҳои сиёсию** мазҳабӣ канора гирифта буд, ба ҷангу ҷидолҳои қурайшиҳо ва умавиҳо, мадиниҳо ва шомиҳо ҳамроҳ намешуд, аз халифа Муовия розӣ буд, зеро Муовия бо падари Саид хеш буда, бо талаби хуни Усмон бо кушандагони вай ҷангида буд ва ҳам ба авлоди он халифаи шаҳид назари нек дошт [8, с.39].

Истилоҳи **кашмакашиҳои** сиёсию мазҳабӣ дар замони муосир низ дар соҳаи сиёсатшиносӣ истифода мешавад. Аслан, кашмакашиҳои сиёсию мазҳабӣ байни давлатҳо сурат мегирад.

Истилоҳи **камакаш** маънои талош ва ҷанҷоли чанд кас бар болои чизе ё масъалае мебошад. Синоними калимаи кашмакаш ин муноқиша мебошад.

Истилоҳоти иқтибосии арабӣ

Дар ташаккули истилоҳоти сиёсии забони тоҷикӣ вомвожаҳо ё калимаву вожаҳои иқтибосӣ нақши муҳим доранд. Ин гуна истилоҳҳо ба воситаи роҳҳои гуногун, аз қабили робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва бозоргонӣ, истилои як кишвар аз тарафи кишвари дигар ба забон дохил мешаванд. Дар сохтори истилоҳоти сиёсии забони тоҷикӣ вомвожаҳои арабӣ, ки дар аввал ба воситаи истилои араб ва баъдан ба воситаи дини ислом ба забони тоҷикӣ дохил шуда як бахши муҳимми онро ташкил медиҳанд, басо назаррас аст. Баъзе аз ин истилоҳҳо ба андозае тоҷикӣ шудаанд, ки ба меъёрҳои дастурии забони мо мувофиқ гашта бо вожаҳои аслии тоҷикӣ калимаю таркибҳои гуногун месозанд. Баъзе аз ин вомвожаҳои иқтибосии арабӣ дар матни ин асар дида мешаванд. Аз ҷумла, **ҳоким, соҳиб,**

амир, мансаб, маросим, издиҳом, аъёну ашроф, зафар, қозӣ, халифа, қосид, ҳукумат, салтанат, ҳукумат, сулҳ ва монанди инҳо.

Вай дар зиндон мунтазири ҳукми **ҳоким** буд [8, с.46]. Маро **соҳиби** (молик, ҳоким) Фороб фиристонд,- ниҳоят ба забон омада бо овози баланд гуфт ҷавон [8, с.63].

Истилоҳи **ҳоким** дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба гурӯҳи истилоҳоти серистеъмол дохил мешавад. Ин истилоҳ бештар ба маънои раиси шаҳр истифода мешавад. Истилоҳи ҳоким аз забони арабӣ гирифта шуда, маънои ҳукмкунанда ва фармонфарморо доро мебошад.

Устод Улуғзода дар асар ба ҷойи калимаи **ҳоким** калимаи **соҳибро** низ истифода кардааст, ки яке аз маъноҳои ин вожа ҳоким мебошад.

Истилоҳи сиёсии дигар ин калимаи **амир** мебошад. Истилоҳи амир дар повести «Ривояти суғдӣ» ба гурӯҳи истилоҳҳои серистеъмол ворид мешавад.

Яке аз корвонҳо дар соли 673 (мелодӣ) ба Яман рафта буд, дар он ҷо бозаргонон шуниданд, ки **амири** араби Хуросон… [8, с.3]. **Амири** Ироқ бародари халифа, мустабидтарин ва хунхортарини ҳокимони араб Зиёд бинни Абусуфён буд [8, с.36]. Молик ба хизмати ӯ рафт, **амир** ӯро аввал ҷаллод ва сониян асас, яъне миршаби Басра таъйин кард [8, с.36]. Боре мардумони Басра бар **амиру амалдоронаш** шӯрида буданд, ки сарбозони **амир** шӯришро ғарқи хун карданд ва сипас Зиёд гардиши мардумро баъд аз хуфтан дар кӯю кӯчаҳои шаҳр манъ кард, ба асасҳо фармон дод, ки шаб ҳар киро дар кӯчаҳо ёбанд, бикушанд [8, с.36].

Истилоҳи **амир** аз забони арабӣ ба забони мо омадааст. Ин истилоҳ дар забони адабии муосир кам истифода мешавад. Дар адабиёти классикиамон истилоҳи амир серистеъмол буд. Истилоҳи амирро ба гурӯҳи истилоҳоти сиёсию таърихӣ ворид кунем, хато намешавад.

Саид бинни Усмон дар Марв якчанд мулозимонашро **мансабҳо** дод, аз он ҷумла Молик ибн-ур-Райбро омили хироҷ таъйин кард [8, с.106].

Дар повести «Ривояти суғдӣ» истилоҳи **мансаб** ҳамчун истилоҳи сиёсӣ истифода шудааст. Вожаи **мансаб** дар забони тоҷикӣ ба маъноҳои «рутба ва маъмурияти давлатӣ; рутба, мақом, ҷоҳ; шуғли расмӣ: мансаби баланд, мансаби олӣ; мансаб гирифтан, мансаб доштан, мансаби муносиб додан, лоиқи мансаб будан, аз мансаб истифода бурдан, аз мансаб дур шудан, ба мансаби калон соҳиб шудан, ба мансабе сарфароз шудан; ба мансабе мансуб шудан ба мансабе таъйин шудан; ба мансабе расидан ба гирифтани мансабе ноил шудан» [11, с.755], истифода мешавад.

Дар Суғд ҳеҷ як аз **маросимҳои** бисёри суғдиён бо чунин фарохӣ, шукӯҳ ва хуррамии тамоми халқ ҷашн гирифта намешуд, чунин ки Наврӯз гирифта мешуд [8, с.27]. **Маросими арзшунавӣ** «амру наҳй» қатъ гардид [8, с.63]. Аз чоштгоҳ то нисфи рӯз мунтазир шуданд, то **ки маросими қабул** дар ҳузури малика ба охир расаду бозаргонон аз қалъа баромаданд [8, с.53].

Истилоҳи **маросим** аз забони арабӣ гирифта шудааст. МАРОСИМ 1. расмҳо, ойинҳо, равишҳо (дар ичро ва гузаронидани коре); маъракa: маросими никоҳ, маросими тӯй, маросими дафн, маросимҳои динӣ. 2. расму тартиби ботантана: маросими дастбӯсӣ, маросими пурсупос, маросими савганд ёд кардан, маросими эълони фармон [11, с.764].

Аз маънои истилоҳи **маросим** маълум мешавад, ки ин калима дар давраи қадима ҳамчун истилоҳи сиёсӣ истифода мешудааст. Истилоҳи зикршуда дар забони муосир низ дар соҳаи сиёсат истифода мешавад. Масалан, маросими савгандёдкунӣ.

Аз **издиҳоми** мардумон ғалоғула нидоҳои таҳсину тасанно баланд шуданд [8, с.28].

ИЗДИҲОМ а. دزالاحم ҷамъомади мардуми зиёде дар як ҷо, зич (анбуҳ) шуда истодани одамон, анбуҳӣ [11, с.537].

Истилоҳи **издиҳомро** ҳамчун истилоҳи сиёсӣ истифода бурдан мумкин аст. Ин истилоҳ дар вақти розӣ набудани мардум, ё қавм аз давлату ҳукумат ба кор бурда мешавад. Аз мисолҳои таҳлилгардида маълум гашт, ки нависанда дар повест ҳам истилоҳи шӯриш ва ҳам истилоҳи издиҳомро истифода кардааст.

Истилоҳи шӯриш дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба маъноҳои - ҳаяҷон, ошуфтагӣ, ҷӯшу хурӯш, хашм, оташинӣ, балво, фитна, ошӯб, исён истифода мешавад. Ҳамчун истилоҳи сиёсӣ ба маънои ошӯб ва исён истифода мешавад.

Дар гирдогирди майдон тамошобинон - мардумони шаҳр сарбозон, **аъёну ашроф,** дарбориёни ишхид давра гирифтанд [8, с.28].

Истилоҳи аъёну ашроф дар забони адабии муосири тоҷикӣ қариб дар истифода нест. Ин калимаҳо бештар дар забони адибони классик ва осори классикӣ истифода мешаванд. **АШРОФ** а. ҷ. шариф; аъён, амалдорону мансабдорон; ашроф ва аъён (кибор) калонҳо, бузургон, соҳибони ҷоҳу мансаб [11, с.104]. АЪЁН бузургон, ашроф; аъёну ашроф, бузургон, саркардагон [11, с.105].

Аъёну ашроф аз забони арабӣ гирифта шуда, аз ҷиҳати сохт ба гурӯҳи калимаҳои сода дохил мешаванд.

На, шоҳам, ғуломи шоҳам умедвор аст, ки бо мадади худоён ва меҳрубонии шоҳи бузург фардо ба вай **зафар** ёбад [8, с.29]. **Зафар** бар Ёдхишетак ӯро паҳлавони лашкари подшоҳ хоҳад кард ва ин мансаб ба вай ном, иззат, дорӣ хоҳад дод [8, с.24].

Калимаи **зафарро** ҳамчун истилоҳи сиёсӣ истифода кардан мумкин аст. Ин калима дар таърихи забон ҳамчун истилоҳи сиёсӣ бештар истифода мешуд.

Вожаи **зафар** аз ҷиҳати сохт сода буда, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст. ЗАФАР а. 1. ғалаба, фирӯзӣ бар душман дар ҷанг; фатҳ, пирӯзмандӣ. 2. муваффақият, комёбӣ; зафар ёфтан (кардан) фатҳ кардан, ғолиб шудан (омадан) [11, с.514].

Никоҳи Виркану Наниманча бекор шуд, зеро дар паймони занушӯӣ, ки ба расми суғдиён домоду арӯс бо ҳам дар пеши **қозӣ** мебастанд, гуфта шуда буд, ки агар яке аз тарафайн ба асорат ё ғуломӣ афтад, тарафи дигар аз қайди никоҳ озод шумурда мешавад [8, с.33].

Истилоҳи **қозиро** мо метавонем ҳам дар соҳаи суд ва ҳам дар соҳаи дин ва ҳам дар соҳаи сиёсӣ истифода кунем. Истилоҳи зикргардида дар забони тоҷикӣ ба маъноҳои 1. кит. қазоваткунанда, ҳукмбароранда, довар, ҳакам. 2. таър. мансабдори шаръӣ дар аморати Бухоро, ки масъалаҳои баҳсноки ҳуқуқӣ ва ҷиноятҳои содиршударо аз рӯйи нишондоди шариат ҳал мекард; фақеҳе, ки мурофиотро дар мавриди ихтилофу низоъ байни мардум мувофиқи қонуни шариат ҳал мекард; муқ. судя; қозии калон ниг. қозикалон; қозии ҳақиқӣ а) қозии аз рӯйи ҳақиқат амалкунанда; б) сифати Худо; қозӣ шудан а) ба мансаби қозигӣ расидан; б) гуфт. ҳакам шудан; ба тахти қозӣ кашидан маҷ. истинтоқ карда, танбеҳ додан [11, с.687], истифода мешавад.

Амири Ироқ бародари **халифа,** мустабидтарин ва хунхортарини ҳокимони араб Зиёд бинни Абусуфён буд [8, с.36]. Лекин замоне омад, ки Муовия пир шуд, дар империяи паҳновари аз Нил то Ҷайҳун доман ёзондаи **халифаҳо** гуфтугӯ бархост, ки вориси Муовия кӣ мешавад [8, с.39]. Охир ман,- мегуфт ӯ ба худ, - писари яке аз чаҳор ёри расули Худо бошам, на фақат обид, балки **м**уҳаддис**и** маъруф ва фақеҳи машҳур ҳам бошам, чаро **халифа** ман нашавам? [8, с.39].

Истилоҳи **халифа** дар забони адабии муосири тоҷикӣ ҳамчун истилоҳи сиёсӣ дар истифода нест. Ин вожа дар таърих ба маъноҳои 1. ҷонишин, касе, ки ҷонишини каси дигаре бошад. 2. лақаби подшоҳони ислом, ки ноиби Муҳаммади пайғамбар (с) ва пешвои мусулмонон маҳсуб мегаштанд. 3. ҷонишин, дастёри усто, косиб [12, с.421], истифода мешуд.

Лекин замоне омад, ки Муовия пир шуд, дар империяи паҳновари аз Нил то Ҷайҳун доман ёзондаи халифаҳо гуфтугӯ бархост, ки **вориси** Муовия кӣ мешавад [8, с.39].

Истилоҳи **ворис** ҳамчун истилоҳи сиёсӣ дар давраи пеш истифода мешуд. Дар давраҳои қадим баъд аз вафоти амир ё шоҳ бештар яке аз фарзандони вай вориси ҳамон давлат мешуд. Устод Улуғзода низ калимаи ворисро ба ҳамин маъно дар асараш истифода кардааст. ВОРИС 1. он ки ба гирифтани мерос ҳақ дорад ва ё мероси касе ба ӯ расидааст, меросхӯр. 2. маҷ. азхудкунанда, давомдиҳандаи кор, роҳ ва хислати касе ё чизе: вориси фарҳанги қадим [11, с.285].

Дусад фарсах камобеш масофаи аз Димишқ то Мадинаро **қосиди** уштурсавори халифа қариб якуним моҳ ва шутури Саид ба ин сӯ ҳамчунин якуним моҳ тай карданд, дар поёни моҳи савум халифазодаи порсо ба дарбори Муовия ҳозир гардид [8, с.40].

Қосид ҳамчун истилоҳи сиёсӣ дар давраи қадим истифода мешуд. Истилоҳи қосид аз забони арабӣ ба забони мо ворид шудааст. Ин истилоҳ дар «Фарҳанги тафсирии забони

тоҷикӣ» чунин маънидод шудааст: ҚОСИД 1. кит. қасдкунанда; он ки қасди ҷони касе кунад. 2. касе, ки мактуб ё хабареро аз касе ба ҷое мебарад, номабар, номарасон; пайғомбар, пайк, чопар, муждарасон: қосиди бахт, қосиди зафар, қосиди фасли баҳор, қосиди муҳаббат; қосиди баён расонандаи сухани касе ба касе, ифшогари каломи шахсе; қосиди дипломатӣ, мансабдоре, ки вазифаи ӯ иборат аз бурда расонидани почтаи дипломатӣ мебошад [11, с.691].

Амиралмуъминин

Онҳо маро метарсонданд, ки «Агар ба **дорулхалифа** равӣ, Муовия туро ба наздаш даромадан замон мекушад», ҳол он ки тасбеҳи **амиралмуъминин** ду давра гашт ва ман ҳанӯз зиндаам [8, с.42].

Дар давраи пеш амиралмуъминин ин унвони шоҳони давлатҳои араб буд.

Бошад ки Худованд шаҳру қалъаҳоеро, ки дар он диёр ҳанӯз кушода нашудаанд, ё агар кушода шуда бошанд, боз аз даст рафтаанд ва Моваруннаҳрро, ки дар вай ҳанӯз кофирон **салтанат** доранд, ба дасти ту бикушоянд [8, с.43].

Истилоҳи **салтанат** аз забони арабӣ ба забони мо омадааст. Ин истилоҳ дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба гурӯҳи калимаҳои камистеъмол дохил мешавад.

Маънои калимаи **салтанат** ин подшоҳӣ кардан, фармонравоӣ мебошад. Дар забони муосир ба ҷойи калимаи салтанат вожаи президентиро истифода мекунанд.

Акнун туро мефиристам, то ки ту он кишварро **тасхир** ва ба мамлакати мо **мулҳақ** гардонӣ [8, с.44]. Онро кишваркушоёни бегонае оварда буданд, ки ба як даст шамшеру ба як даст Қуръон, сарзаминҳои он сӯйи Ҷайҳунро з**абт** ва салтанати худро ба устухони халқҳои он тараф устувор гардонида ва акнун дар тараддуди он буданд, ки мамолики ин сӯйи рӯдро ҳам **тасхир** кунанд, валекин аз шикастани муқобилати мардонаи суғдиён ва туркони муттафиқи онҳо оҷиз омада, ҳоли ҳозир ба тохтутоз, бо мақсади ғоратгарӣ ва асиргирӣ иктифо менамуданд [8, с.49].

Истилоҳи **тасхир** аз забони арабӣ гирифта шудааст. Ин вожа дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин маънидод шудааст: ТАСХИР а. истило, забт, даровардан ба итоати худ (мас., мамлакатеро); тасхир кардан забт кардан, ба даст даровардан, тасарруф кардан; дуои тасхир - д. дуои ром кардан ва ба итоати худ даровардани аҷинаҳо [12, с.321].

Калимаи **мулҳақро** дар асари зикршуда ҳамчун истилоҳи сиёсӣ гуфтан мумкин аст. Чунки вожаи мулҳақ дар ҷумлаи зикршуда маънои баъд аз забти як кишвар онро ба давлати худ ҳамроҳ карданро дорад.

Халифа ва **ноибони** онҳо дар Ироқ (вилояти шарқии фатҳшудаҳо тобеи ноиби ироқии халифа буданд) аз соли 645, ки соли **таъйин** шудани Саид бинни Усмон дар Хуросон аст, яъне дар арзи сӣ сол ҳафдаҳ касро паиҳам ба **аморати** он кишвар фиристодаанд [8, с.44].

Истилоҳи сиёсии **ноиб** дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба маънои – ҷонишин, муовин ва вакил истифода мешавад. Истилоҳи зикргардида дар асар низ ба маънои истилоҳии худ истифода шудааст. Истилоҳи ноиб низ аз забони арабӣ гирифта шудааст.

Муовия ба **волии** Басра фармон **н**авишт, ки ба Саид ёрӣ кунад ва чӣ қадаре ки тавонад лашкар, пул ва мол, аслиҳа барояш муҳайё созад [8, с.45]. Чун ба Басра расид, **волии** Басра фармони халифаро хонда, ба Саид ду миллион дирам лавозимоти сафари ӯро дод ва ҳам **амр** кард, ки зуд аз тамоми вилоят мардуми силоҳдорро гирд ованд [8, с.45].

Истилоҳи **волӣ** ба гурӯҳи истилоҳи сиёсии таърихӣ дохил мешавад. Ин истилоҳ дар забони адабии муосири тоҷикӣ дар истифода нест. Волӣ - он касест, ки аз тарафи шоҳ ҳамчун ҳоким таъйин мешуд. Вожаи волӣ аз забони арабӣ ба забони мо ворид шудааст. Ба ҷойи истилоҳи волӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ калимаи ҳоким ё раис истифода мешавад.

Амали **подшоҳии Хотун - маликаи** Бухоро аз бомдод сар мешавад [8, с.60]. Мулозими дарбор ба ҷавонони зарринкамар, ки дар майдон акнун фақат онҳо монда буданд, амри **маликаро** эълон кард, ки ҳоли ҳозир ба деҳаҳои худашон барнагарданд ва дар қалъа истанду мунтазири фармон бошанд [8, с.64].

Истилоҳи **малика** ҳамчун истилоҳи сиёсӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ кам истифода мешавад. Малика ин подшоҳзан, ё зани подшоҳ мебошад. Аз таърих ба мо маълум аст, ки агар шоҳ барвақт вафот кунаду фарзанди калон надошта бошад, то калон

шудани фарзандаш зани шоҳ ҳукмронӣ мекунад. Дар асаре, ки мо мавриди таҳлил қарор додем, ба маънои шарҳи боло омдааст.

Мушовирони Хотун ҳафт нафар буданд, ҳама **деҳқонони (заминдорони калон, ҳокимони маҳалҳо, моликони деҳкадаҳоро деҳқон меномиданд)** бузург ва бонуфузтарин шахсони кишвар [8, с.64]. Чодири калон ва баланди сегонаи дарун ба даруни амир ду мил дуртар аз дарвозаи шаҳр, миёни чандин чодари дигар, ки дар онҳо муқарраbон, **мушовирон,** муҳофизони амир ҷо гирифта буданд, меистод [8, с.71].

Истилоҳи сиёсии **мушовир** аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ омадааст. Ин истилоҳ ҳамчун истилоҳи сиёсӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ низ истифода мешавад.

Мушовир - машваратдиҳанда, маслиҳатдиҳанда, машваратчӣ вобаста ба соҳаҳои фарҳанг, иқтисодиёту иҷтимоӣ ва монанди инҳо мебошад.

Деҳқони бузург ва яке аз давлатмандтарин бошандагони шаҳр, марди солхӯрдаи мутакаббир Моҳбудон ба **сулҳ** хостан аз амири Хуросон исрор мекард [8, с.64]. Он гоҳ Хотун ночор ба **сулҳ** хостан маҷбур гардид [8, с.71]. **Ҷӯёи сулҳ** бояд буд, фавран **муътабарони** шаҳрро ба пешвози амир бояд фиристод, - бо қатъият таклиф мекард Моҳбудон [8, с.65].

Истилоҳи **сулҳро** мо ҳамчун истилоҳи сиёсӣ истифода кардем, чунки ин калима дар повести «Ривояти суғдӣ» ҳамчун истилоҳ истифода шудааст.

Баъзе аз вомвожаҳои арабӣ бо калимаҳои аслии забони тоҷикӣ калимаи нав сохтаанд. Аз қабили **ҳукмдор, ҳукуматдорӣ.**

Маликаи соҳибҷамол **ҳукмдори** ботамкин ва боиродае буд, «ба рӯзгори вай аз вай соҳибройтар набуд ва ба исботи рой мулк медошт ва мардумон вайро мунқод (фармонбардор) гашта буданд» менависад муаррих [8, с.65].

Истилоҳи **ҳукмдо**р синоними калимаи ҳоким мебошад. Ин истилоҳ аз ҷиҳати сохт мураккаб мебошад. Истилоҳи ҳукмдор аз исми ҳукм ва асоси замони ҳозираи феъл таркиб ёфтааст.

Молик ибн-ур Райбаро бо ҳазору пансад савор барои **иктишоф** «Разведка» (мабод ки бухороиён ба муқобили вай сарбоз бароварда бошанд) пеш фиристод [8, с.68].

Устод Улуғзода дар повести «Ривояти суғдӣ» истилоҳи **иктишофро** оварда, барои фаҳмо шудани истилоҳи иктишоф калимаи «разведка» -ро низ овардааст.

Истилоҳи иктишоф аз забони арабӣ гирифта шудааст. Ин истилоҳ дар забони тоҷикӣ ба маъноҳои - 1. кашф кардан, падид овардан. 2. ба даст овардани маълумот дар бораи душман истифода мешавад.

Истилоҳоти иқтибосии лотинӣ

Истилоҳи империя аз забони лотинӣ гирифта шуда, дар луғат чунин шарҳ ёфтааст: ИМПЕРИЯ 1. давлати яккасолорӣ, ки дар сари он император меистад. 2. давлати дорои мустамлика. 3. давлате, ки чанд мамлакатро ба худ расман тобеъ кардааст [11, с.546].

Истилоҳи империя дар «Донишномаи мухтасари сиёсӣ» чунин маънидод карда шудааст: ИМПЕРИЯ (лот. imperium- ҳокимият, давлат), 1) давлати монархие, ки император сарварӣ мекунад. 2). давлати мустамликадоре, ки аз болои давлатҳои мустамликавӣ ва мамлакатҳои тобеъгардида ҳукмронӣ карда, ба воситаи тартиби истилогарӣ ва истисмори сахт ҳокимияти худро нигоҳ медорад [3, с.118].

Аз таҳлил ва баррасии мисолҳо маълум гашт, ки истилоҳоти сиёсии истифодашуда бештарашон аз забони арабӣ гирифта шудаанд. Аз ҷиҳати сохт бошад, бештар истилоҳоти сода ва мураккаб истифода шудааст.

Муқарриз: ***Мавлонзода Ш.М.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология, фонетика ва морфология. - Душанбе: Ирфон, 1987. - 236 с
2. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ 1. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе, 2007. - 243 с.
3. Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз. Донишномаи мухтасари сиёсӣ. - Душанбе: Эр-граф, 2016. - 378 с.
4. Назарзода, С. Забон ва истилоҳот (Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот) / С.Назарзода. - Душанбе: Дониш, 2003. - 148 с.
5. Назарзода, С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гароиш ва дурнамо / С.Назарзода. – Душанбе, 2013.

6. Назарзода, С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ – сиёсии забони тоҷикӣ дар асади XX / С.Назарзода. - Душанбе, 2004. - 303 с.
7. Рустамов Ш.Р. Истилоҳот ва ҳусни сухан / Ш.Р. Рустамов // Маданияти сухан. - Душанбе: Маориф, 1990. - С.60-70.
8. Сотим Улуғзода. Ривояти суғдӣ (повест) / Улуғзода, Сотим. - Душанбе, 2017. - 120 с.
9. Султон, Мирзо Ҳасан. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ / Мирзо Ҳасан Султон. – Душанбе: Дониш, 2008. - 334 с.
10. Фарҳанги истилоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ / Мураттиб С. Назарзода. - Душанбе, 2000. - 220 с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) Ҷ.1. А - Н. / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – 950 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) Ҷ.2. О - Я. / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – 945 с.
13. Шукуров М. Забони мо – ҳастии мо / М.Шукуров. - Душанбе: Маориф, 1991. - 228 с.
14. Шукуров М.Ш. Истилоҳот ва забони миллӣ / М.Ш. Шукуров // Садои Шарқ. - 1994. - №2. - С.3-19.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат - ҳастии миллат. - Душанбе: Эр-граф, 2016. - 516 с.
16. Эмомалӣ, С. Таърихи эҷоди қиссаи “Ривояти суғдӣ” -и Сотим Улуғзода / С.Эмомалӣ. - Душанбе, 2011. - 163 с.

МАВҚЕИ ИСТИЛОҲОТИ СИЁСӢ ДАР ҚИССАИ “РИВОЯТИ СУҒДӢ”-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Ҳарчанд доир ба истилоҳоту истилоҳшиносӣ таҳқиқоти зиёде анҷом ёфта бошад ҳам, то ҳол паҳлуҳои гуногуни баъзе аз истилоҳоти соҳавӣ таҳқиқ нашудааст, махсусан, истилоҳоти сиёсӣ. Бинобар ин, баррасии вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти сиёсӣ дар осори адибони алоҳида муҳим ва судманд аст. Дар мақолаи мавриди назар масъалаи мазбур дар мисоли қиссаи С.Улуғзода “Ривояти суғдӣ” баррасӣ гардидааст. Дар қиссаи “Ривояти суғдӣ” истилоҳоти сиёсӣ хеле зиёд истифода шудаанд ва онҳо аслан истилоҳоти сиёсии таърихӣ мебошанд. Гуфтан ба маврид аст, ки бештари истилоҳоти сиёсие, ки дар қисса корбаст шудаанд, дар забони адабии муосири тоҷикӣ синонимӣ худро пайдо карда дар ғаномандии ин шохаи бисёр муҳимми истилоҳоти забон нақши калидӣ доранд. Аз ҷумла, дар асар вожаҳои асили тоҷикӣ хоҷа, дарбор, савганд, шӯриш, тахт, ихшид, паймон, пайк, кишвардорӣ, фиристода, гарав, гаравгоп, гуреза ҳамчун истилоҳоти сиёсӣ истифода шудаанд. Ҳамзамон таҳлил ва баррасии мисолҳо нишон дод, ки истилоҳоти сиёсии истифодашуда аз забони арабӣ низ гирифта шудаанд.

Калидвожаҳо: забони адабии муосири тоҷикӣ, истилоҳоти сиёсӣ, хоҷа, тахт, паймон, фиристода, дарбор, ҳукмрон, амир, малик, мушовир, халифа, ноиб.

МЕСТО ПОЛИТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ПОВЕСТИ “СОГДИЙСКОЙ ЛЕГЕНДЫ САТИМ УЛУГЗАДЕ

О терминах и терминологии написано множество работ, однако остаются неизученными большое количество вопросов, в особенности касательно политических терминов. Поэтому проблема исследования политических терминов и их структурно-содержательных свойств является важной и весьма полезной для науки. В настоящей статье автор концентрировал свое внимание на рассмотрении данного вопроса. В повести “Согдийская легенда” автор использовал много терминов политического характера, они являются историко-политическими. Многие термины, использованные в данной повести, имеют свои синонимы в современном таджикском языке. В этом произведении встречаются следующие политические термины - хоча (хозяин), дарбор (дворец), савганд (клятва), шӯриш (бунт), тахт (трон), ихшид (руководитель), паймон (договор), пайк (письмо), кишвардорӣ (управление государством), фиристода (посол), гарав (залог), гуреза (беженец), являющеся исконно таджикскими. Некоторые из них заимствованы из арабского языка.

Ключевые слова: современный таджикский литературный язык, политические термины, хозяин, трон, договор, посол, двор, правитель, эмир, консультант, калиф, заместитель.

PLACE OF POLITICAL TERMS IN THE STORY OF THE “SOGD LEGEND SOTIM ULUGZODA

Many works have been written about terms and terminology, but a large number of questions remain unexplored, especially regarding political terms. Therefore, the issues of research political terminology their structural and content properties are important and very useful for science. In this article, the author has focused his attention on this issue. In the story "The Sogdian Legend" the author used many terms of a political nature, they are historical and political. Many terms used in this story have their synonyms in the modern Tajik language. In this work, the following political terms are found - khocha (host), darbor (palace), savgand (oath), shurish (revolt), takht (throne), ikhshid (leader), paymon (treaty), payk (letter), kishvardory (government), firistoda (ambassador), garav (bail), gureza (refugee), which are originally Tajik, some of which are borrowed from Arabic

Key words: modern Tajik literary language, political terms, host, throne, treaty, ambassador, court, ruler, emir, consultant, caliph, deputy.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Алиева Дилафрӯз*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯйи кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17.
Тел.: **(+992) 919- 44-32-77**

Сведение об авторе: ***Алиева Дилафруз*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 919-44-32-77**

Information about the author: ***Alieva Dilafruz*** - Tajik National University, post-graduate student of the Department of Modern Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 919-44-32-77**

УДК: 491.550

УСУЛҲОИ МУХАФФАФШАВИИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ ДАР “ҒИЁС-УЛ-ЛУҒОТ”-И МУҲАММАД ҒИЁСУДДИНИ РОМПУРӢ

Давлатзода Р.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар ҳамаи забонҳои дунё силсилаи калони калимаҳои мураккаб дар зери таъсири омилҳои забониву ғайризабонӣ тадриҷан аз овозҳо ва ҳиссаҳои алоҳидаи худ маҳрум шуда, содатар мешаванд. Ҷузъҳои чунин калимаҳо минбаъд маънои аслии луғавиро аз даст дода, ба сифати овози муқаррарӣ дар таркиби калима боқӣ мемонанд. Вале дар назар бояд дошт, ки чунин воҳидҳои луғавӣ якуякбора дучори тахфиф шуда наметавонанд. Дар ҷараёни аз шакли аслӣ ё ибтидоӣ то ба гунаи мухаффаф табдил ёфтанашон онҳо бояд зинаҳои зеринро тай намоянд: 1) маълум аст, ки калимаҳои мураккаб дорои ду зада ҳастанд: задаи асосӣ ва задаи фаръӣ ё иловагӣ. Дар тӯли мавҷудияти калимаи мураккаб «… ҳиҷои заданок дар атрофи худ миқдори муайяни ҳиҷоҳои безадаро ҷамъ карда метавонад, вале қобилияти муттаҳидкунии ҳиҷои заданок дар забонҳо бо миқдори муайяни ҳиҷоҳо… маҳдуд мешавад, зеро инсон қодир нест, ки пайиҳам ҳиҷоҳои зиёди безадаро талаффуз кунад. Бинобар ҳамин, дар мавридҳое дар калима задаи иловагӣ пайдо мешавад» [10, с.138]. Маҳз ҳамин ду навъи зада аз мавҷудияти ҷузъҳои маънодори таркиби калимаҳои мураккаб шаҳодат медиҳанд; 2) ҳадди байни ҷузъҳо тадриҷан аз байн меравад. Дар ин ҳангом бо вуҷуди тағйир наёфтани сифати садоноки ба худ задаи иловагиро қабулкунанда задаи иловагӣ аз байн меравад. Бо вуҷуди аз ҷиҳати миқдорӣ тафовут пайдо кардани садоноки қаблан задаи иловагидошта аз садоноки зададошта алҳол тахфиф ба вуқуъ намеояд; 3) дар ин зина комилан тахфиф ба амал меояд, зеро акнун ҷузъҳо бо ёрии задаи иловагӣ ба ҷузъҳо ҷудо шуда наметавонанд.

Дар натиҷаи мубаддал гардидани калимаҳои собиқ мураккаб ба гунаи мухаффаф, чунон ки қаблан низ ёдрас гардид, аз ҳар ду ҷузъ гурӯҳи овозҳои онҳо боқӣ мемонад ё ки яке аз ҷузъҳо дар давраҳои баъдинаи инкишофи забон ҳамчун унсури ёвари калимасоз ба кор меравад [1, ҷ.1, с.219-220]. Дар таърихи забони тоҷикӣ бо пасвандҳои калимасози -вар, -бон, -пон, -бад, -истон ҳамин ҳодиса рӯй додааст [6, с.56]. Барои ба таври возеҳ муайян гардидани шакли аслии чунин ҷузъҳои мухаффафшуда таҳлили этимологии онҳо зарур мешавад. Маҳз ба ҳамин вазифаи этимология ишора намуда, Баҳмани Саркоротӣ менависад: «Ҳадафи аслии решашиносӣ ин нест, ки маонии вожагони як забонро чи дар ҳол ва чи дар адвори гузашта таъйин кунад, балки дар пажӯҳишҳои решашинохтӣ илова бар ҷустуҷӯ барои сохтани мафоҳими вожаҳо дар мароҳили мутааддид дар пайи онем, ки бо баррасии аносири ташкилдиҳандаи як вожа сурати нахустин ва маънии аввалияи онро, ки аз наҳваи сохту чигунагии иштиқоқи он вожа дар робита бо вожаҳои дигар дар низоми куллии як забон истинбот мешавад, ба даст оварем. Дар решашиносӣ шинохти дигаргуниҳои маонии алфоз ба ҳамон мизони шинохти таҳаввулоти овоӣ аҳамият дорад. Дарвоқеъ, маънишиносӣ ва овошиносӣ ба манзалаи ду чашми пажӯҳишгаре ҳастанд, ки дар заминаи решапажӯҳӣ ба ковишу ҷустуҷӯ мепардозад» [11, с.20]. Аз ин ҷо як аҳамияти дигари фарҳангҳои пешазинқилобӣ барои хонанда ошкор мегардад. Дар онҳо ба ҷуз нишон додани асли талаффузи воҳидҳои луғавӣ, шарҳу эзоҳи маъноҳои онҳо, инчунин кӯшиши инъикос намудани асли калимаҳо карда шудааст. Табиист, ки дар ин гуна мавридҳо муаллифони чунин фарҳангномаҳо масъалаи тахфифро низ ишора намудаанд. Ба ин маводи гирдомадаи «Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ гувоҳ аст. Муаллиф дар ҳолатҳои муайян зимни инъикос кардани шакли мухаффафи вожаҳои аслан мураккаб ба шакли ибтидоии онҳо низ диққати худро равона карда, дар сурати то андозае ба хонанда маълум будани гунаи аслии воҳидҳои луғавӣ ба таври мухтасар асли онҳоро ёдрас мекунад, вале ҳангоми хеле тира будани сохти калимаҳо сарнавишти онҳоро муфассал баён мекунад.

Маводи бадастомада водор месозад, ки ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ чунин тақсимбандӣ карда шаванд.

1. Тахфифи комили ҷузъҳои калимаи мураккаб

Чунин воҳидҳои луғавиро аз рӯйи ба тахфиф дучор шудани ҷузъи аввал ё дувумашон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: а) тахфифи ҷузъи аввал. Аз қайду ишораҳои

Ромпурӣ маълум мешавад, ки дар таърихи забони тоҷикӣ ҳодисаи комилан мухаффаф шудани ҷузъи аввали калимаҳои мураккаб низ мушоҳида мегардидааст. Инро муаллифи фарҳангнома дар мисоли вожаи афроз чунин нишон додааст: «Афроз - масолеҳи таом, мисли кашниз ва қаранфул ва зира ва ғайра; ва ин мухаффафи бӯйафроз аст» [15, ҷ.1, с.76]. б) тахфифи ҷузъи дуюм. Ромпурӣ дар мисоли воҳиди луғавии гӯр ин навъи тахфифро бо таври зерин инъикос кардааст: «Гӯр - хари саҳроӣ, ки онро гӯрхар гӯянд ва ин маҷоз аст ё ҷиҳати тахфиф гӯрхарро фақат гӯр гуфтанд» [15, ҷ.2, с.200].

Баъзан ҷузъи дуюм пурра дучори тахфиф шуда, ба охири ҷузъи аввал пасванди сифати нисбисози –ӣ илова карда мешавад. Калимаи табарӣ шоҳиди чунин мулоҳизаронӣ аст: “Табарӣ - киноя аз лаби маъшуқ; мансуб ба табар; дар ин ҷо мухаффафи табарзад аст, ки ба маънии набот бошад» [15, ҷ.2, с.23].

2. Тахфифи гурӯҳи овозҳои ҷузъҳои калимаи муруккаб

Дар «Ғиёс-ул-луғот» воҳидҳои луғавии тахфифшудае шарҳу эзоҳ ёфтаанд, ки садоноку ҳамсадои таркиби ҷузъҳояшон дучори тахфиф шудаанд. Чунин калимаҳоро ба ду гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

1) Мухаффаф шудани овозҳои садоноку ҳамсадои ҷузъи аввал. Мисоли ин гуна воҳидҳои луғавӣ сикоҳан, тунбӯра ва гӯсола аст, ки Муҳаммад Ғиёсуддин онҳоро ин тавр эзоҳ додааст: «Сикоҳан - ранге бошад сиёҳ, ки онро аз сирка ва оҳан созанд, чи сик (ба касри син) ба маънии сирка бошад ва оҳан маъруф» [15, ҷ.1, с.431]. «Гӯсола - бачаи гов бошад;… ва ба маънии мутлақ бача ҳам омада; чи гӯ (ба вови маҷҳул) ба маънии хурд ва кӯчак омадааст; пас гӯсола ба маънии хурдсола бошад; ва гӯ (ба вови маҷҳул) ба маънии гов ҳам навиштаанд ва ҳо барои нисбат бошад; пас маънии гӯсола гови яксола бошад…; ва дар «Сироҷ» чунин навишта, ки гавсола (билфатҳ) бачаи гов; чи гав (билфатҳ) мухаффафи гов аст ва сола дар асл ҳола буд; чи ҳол ба маънии ором ва қарор аст, яъне чизе, ки гов бад-он ором мегирад ва он бачаи ӯст [15, с.ҷ.2, с.201].

Ба назари мо, чунин тарзи шарҳи асли вожаи гӯсола баҳснок менамояд, зеро ин воҳиди луғавӣ дар матнҳои порсии миёна ба шакли gawdar дучор менамояд» [14, с.296].

Чунин тарзи эзоҳи шакли ибтидоии калимаҳо, яъне бо такя ба маводи фарҳангномаҳои пештара овардани чанд гунаи вожаҳои мухаффаф дар «Ғиёс-ул-луғот» бисёр дида мешавад. Чунончи, Ромпурӣ асли вожаи тунбӯрро ба ду тарз нишон додааст: Тунбӯр ва тунбӯра - сози маъруф; ва ин муарраби тунбӯра аст, ки луғати ҳиндист, ба маънии кадуи талх; чун сози мазкур дар асл аз кадуст, лиҳозо ба ин исм мусаммо гашт…; ва дар «Мунтахаб» ва «Рашидӣ» чунин навишта, ки танбӯра муарраби тунбӯра аст; ва тунбӯра дар асл занаббура буд; ва бура он аст, ки дар урф онро дунба гӯянд. Чун сози мазкур мушобеҳ ба думбура аст, лиҳозо ба ин исм мусаммо гардид» [15, ҷ.2, с.30].

Муҳаммад Ғиёсуддин вақти шарҳи шакли аслии ин гуна воҳидҳои луғавии тахфифёфта то андозае ба ҳақиқати илмӣ наздик шавад ҳам, вале то охир чунин тарзи эзоҳро пеш нагирифтааст. Инро дар мисоли эзоҳи унсури луғавии сувор ба таври равшан мушоҳида кардан мумкин аст: «Сувор - … ба маънии рокиб;… ва муҳаққиқе чунон навишта, ки савор (ба фатҳ) ба маънии рокиби дигар суворихо маҷоз бошад; чи мухаффафи асвор аст ва асвор мураккаб аст аз лафзи асв, ки бар вазни сарв бошад, мубаддали асп ва лафзи вор, ки калимаи нисбат аст» [15, ҷ.1,с.441].

Аз тарафи Ромпурӣ мухаффафи асвор дониста шудани савор дуруст аст, вале дар шарҳи ҷузъҳо ӯ ба ду ғалат роҳ медиҳад: 1) асвро ӯ мубаддали асп меҳисобад; 2) ҷузъи -вор-ро калимаи нисбат мешуморад. Аммо ҳақиқат он аст, ки калимаи савор аслан мураккаб буда, аз исми asa «асп» ва асоси замони ҳозираи феъли бурдан, яъне bara иборат буд [6, с.37].

Ба ҳақиқати илмӣ наздик шудани Ромпурӣ ҳангоми шарҳи номҳои ҷуғрофӣ ё шаҳрҳо бештар мушоҳида мешавад. Чунончи «Нишопур-… дар асл ин Неҳшопур аст, ки чи лафзи неҳ ба маънии шаҳр аст ва Шопур номи подшоҳ …» [15, ҷ.2, с.343]. Ромпурӣ дар ҷойи дигар низ ҳангоми шарҳи воҳидҳои луғавии Найшопур ҳамин ақидаашро такрор карда навиштааст, ки … «дар форсии қадим неҳ … шаҳрро гӯянд» [15, ҷ.2, с.361]. Дар ҳақиқат, ин номи ҷуғрофиро дар «Авесто» ба Revavanta дучор меоем, ки маънои «дорандаи ҷалолу шукӯҳ» -ро доштааст. То имрӯз қисме аз шаҳрро Revyavand меноманд. Ин унсури луғавӣ баъдтар дар порсии миёна ба гунаи Nevšahpuhr истифода гардидааст. Сабаби чунин

номида шуданро аз он медонанд, ки ин шаҳрро Шопур - писари Ардашер бино карда будааст.

Муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» дар хусуси калимаи Нуҳованд дуруст мулоҳизаронӣ намуда бошад ҳам, дар баробари он назари аз ҳақиқат дурро низ зикр карда навиштааст: «Нуҳованд – номи шаҳр аз Ироқи Аҷам…; ва Нуҳованд (ба замми нун) аслаш Нӯҳованд буда, ҳои ҳуттиро ба ҳои ҳавваз бадал карданд, вов ба ҷиҳати тахфиф ҳазф намуданд ва лафзи ованд калимаи нисбат аст. Чун шаҳри мазкур бинокардаи Нӯҳ, алайҳиссалом, аст, лиҳозо Нӯҳованд гӯянд…; ва дар «Рашидӣ» Неҳованд (ба касри аввал), дар асл Неҳованд (هاوند) ذ буда, яъне шаҳристон; чи неҳ (билкаср) ба маънии шаҳр ва ованд ба маънии зарф. Чун он шаҳри азим буд, бад- ин ҷиҳат онро ованди шаҳрҳо ном карданд» [15, ҷ.2, с.359]. Дар чунин мавридҳо Ромпурӣ дар инъикоси мансубияти забонии ин гуна унсурҳои луғавӣ низ ба ғалат роҳ медиҳад. Масалан: «Каюмарс - номи подшоҳест ва дар «Ҷаҳонгирӣ» навишта, ки Гаюмарт (… ба маънии зинда ва гӯё, чи гаю ба маънии гӯё ва март ба маънии зинда…; ва Хони Орзу навишта, ки Гаюмарт…, чи гаю қалби гӯй аст, ба маънии гӯянда ва март мубаддали мард аст…; пас маънии таркибии он марди гӯё мешавад … ва … Мулло Абдуррашид… навишта, ки Каюмарс муарраби Геюмарт аст… ва маънии таркиби он пешвои замин аст; чи лафзи гею ба маънии замин аст ва март… ба маънии сайид ва пешво; ва ин калимаи забони сурёнист ё юнонӣ …» [15, ҷ.2, с.185]. Ин ҷо Ромпурӣ дар хусуси шакли қадимтари Каюмарс ҳисоб шудани Гаюмарт ё Геюмарт то андозае дуруст мулоҳизаронӣ кардааст, чунки ин ном дар «Авесто» ба шакли gayamarētan дучор мешавад ва дар порсии миёна гунаи gayōmart / gayōmard -ро мегирад. Дар матнҳои монавии порсии миёна исми мазкур дар шакли gehmurd ба назар мерасад [12, с.645-646]. Вале соҳиби «Ғиёс-ул-луғот» ҳангоми маънидод ва нишон додани мансубияти забонии Каюмарс иштибоҳ кардааст, зеро маънои умумии вожаи зикргардида «зиндаи мурданӣ» буда, он калимаи эрониасл аст.

2) Тахфифи гурӯҳи овозҳои ҷузъи дуюм. Ин тарзи ба тахфиф дучоргардии воҳидҳои луғавӣ нисбат ба гурӯҳи аввал камтар ба назар мерасад. Метавон ин ҷо танҳо калимаҳои сикӣ ва озаргушаспро мисол оварда: «Сикӣ – ба маънии шаробе, ки чандон ҷӯш диҳанд ва софаш кунанд, ки аз се ҳиссаи он як ҳисса боқӣ монда бошад; ва ин дар асл сеякӣ буд…» [15, ҷ.1, с.449]. «Озаргушасп - ба маънии оташи ҷаҳанда, ки иборат аз барқ аст ва номи ошхона; чун ҳамеша оташи он шуълазан мемонад, лиҳозо ба исми барқ мусаммо гардид. Ва баъзе гӯянд, ки мухаффафи Озаргуштосп аст, чаро ки бинокардаи подшоҳ Гуштосп буд…» [15, ҷ.1, с.22]. Ба чунин шарҳи Ромпурӣ фақат як нуктаи дигарро илова кардан мехоҳем. Ҷузъи дуюми ин калима - Гуштосп низ шакли мухаффафи Vištāspa буда, аз višta «савор» ва aspa «асп» иборат аст [3, с.27].

3. Тахфифи садонокҳои таркиби калимаи мураккаб

Ин силсилаи воҳидҳои луғавӣ аз рӯйи он ки дар кадоме аз ҷузъҳо тахфиф ба вуқӯъ омадааст, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) Тахфифи садоноки ҷузъи аввали калимаи мураккаб. Аз маводи «Ғиёс-ул-луғот» маълум мешавад, ки ин усули ба тахфиф дучор гардидани калимаҳои мураккаб нисбатан зиёд буда, садонокҳои тахфифшуда ба таври хаттӣ низ инъикос гардидаанд. Чунончи: «Сурной - ба маънии шаҳнойӣ; ва ин мухаффафи сурной аст, чи сур ба маънии шодист…» [15, ҷ.1, с.424]. «Кушканҷир – чизе, ки бад-он девори қалъа мешикананд; ва ба маънии тӯп маҷоз аст; ва ин мухаффафи кӯшканҷир аст; ва маънии таркибии ин лафз қалъашикоф аст…» [15, ҷ.2, с.169-170].

Дар ҳолатҳои алоҳида дар «Ғиёс-ул-луғот» сухан аз хусуси вожаҳои аслан мураккаби тахфифшудае рафтааст, ки дар онҳо як навъ тахфифи дукарата ба амал омадааст, яъне аввал садоноки дароз ба ҷуфти кӯтоҳи худ табдил ёфта, пас он садоноки кӯтоҳ ба садоноки дигари кӯтоҳ мубаддал шудааст. Калимаи латанбон далели чунин мулоҳизаронӣ аст: «Латанбор ва латанбон - ба маънии бисёрхор ва шикампараст; мураккаб аз лат, ки ба маънии шикам аст; ва латанбон касе, ки шиками ӯ мисли анбон бошад; ва анбон зарфи чармин мисли машк; ва метавон гуфт, ки мураккаб аз лут (биззам) бошад, ки мухаффафи лӯт аст; ва лӯт ба маънии таоми лазиз аст; дар ин сурат лутанбон ва лутанбор (ба замми аввал) бувад…» [15, ҷ.2, с.208].

Ба ин тариқ, дар калимаи тиркаш садоноки дарози **и**-и ҷузъи аввал ба садоноки **а** бадал гардидааст: «Тиркашм - ба маънии тирдон, ки лафзи тиркаш мухаффафи он аст…; ва ба маънии сӯрохе, ки дар девори қалъа ва қасри мулук барои андохтани тир ва бундуқ ба ҷониби душман месозанд» [15, ҷ.1, с.219].

2) Тахфифи садоноки ҷузъи дуюм. Ба сифати далел воҳидҳои луғавии навйин ва гулханро метавон зикр намуд… навйин… мухаффафи навойин аст, мураккаб аз лафзи нав ба маънии тоза ва лафзи ойин ба маънии расм ва ороиш. Агар дар навйин лафзи ойинро ба маънии ороиш гиранд, навйин ба маънии шахсе бошад, ки ба тарзи тоза бо ороиш ҷилвагар шуда бошад. Ва ба муносибати хубии он итлоқи ин лафз бар домод ва амир кунанд. Ва агар лафзи ойинро ба маънии расм манзур доранд, навойин ба маънии подшоҳе ё амире бошад, ки расмҳои нав эҷод кунанд» [15, ҷ.2, с.357].

Чунон ки мушоҳида мешавад, дар ҳолатҳои шарҳи шакли тахфифи калимаҳо мулоҳизаронии муаллифи луғатномаи номбурда тул мекашад ва онҳо гоҳо шакли як фишурдаи мақолотро мегиранд. Ин тарзи андешаронии Ромпуриро ҳангоми шарҳи мухаффаф будани вожаи гулхан низ метавон дид: «Гулхан ба маънии оташгоҳ; ва навъе аз оташдон аст, ки дар он ба реги гарм бирён кунанд; ва маънии таркибии ин лафз оташхона бошад; чи гул (биззам) ба маънии ахгари оташ аст ва хан мухаффафи хона…; ва назди фақир муаллиф асаҳ ин аст, ки гулхан мураккаб бошад аз кул, ки (ба замми кофи арабӣ) дар туркӣ хокистарро гӯянд, чунонки дар баъзе луғоти туркӣ дида шуда ва хан мухаффафи хона…» [15, ҷ.2, с.196].

Дар шарҳи мазкур Ромпурӣ аслан «кул» будани ҷузъи аввали вожаи гулханро дуруст мешуморад. Бояд гуфт, ки ҷузъи аввали ин калима ба вожаи порсии миёнаи xwarq «гули оташ» ҳамреша буда [14, с.165], дар забони тоҷикӣ ба ҷуз он ки ба шакли «гул» ба маънои «оташ» дар таркиби феъли «гул задан» (гул задани нон, яъне рӯйи нонро сӯзонидани оташ) вуҷуд дорад, боз « бо табдили л/қ, яъне ба гунаи қӯр» «ангиштҳои хурди сӯзоншарораҳои оташ» роиҷ аст [4, с.12]. Аз ин ҷиҳат шакли кул, ки Ромпурӣ онро саҳеҳ медонад, шакле аз гул буда, дар натиҷаи инкишофи минбаъда ба гунаи қӯр маъмул шудааст.

3) Тахфифи садоноки ҳиҷои дуюми ҷузъи дуюм. Ин ҳодиса дар калимаи полҳанг рӯй додааст: «Полҳанг - расане, ки ба лиҷом баста, аспи кӯталро ба он кашанд… Ва таҳқиқ он аст, ки полҳанг мураккаб аст аз лафзи поло, ки ба маънии аспи кӯтал аст ва оҳанг ва ҳанг ба маънии қасд кардан ва кашидан. Ба вақти таркиб як алифро бо сабаби иҷтимои алифайн ҳазф карданд, полоҳанг шуд. Баъд аз он тахфиф намуда, полҳанг гуфтанд» [15, ҷ.1, с.159].

Дар воҳиди луғавии дастархон садоноки **о**-и ҳиҷои дуюм ба садоноки **а** мубаддал шудааст: «Дастархон - мухаффафи дасторхон аст, чаро ки он ҷомаест, ки возеъ онро ба ҷиҳати пӯшидани хони таом вазъ карда. Ва чун таом хӯрданд, онро зери хон густуранд» [15, ҷ.1, с.336]

4. Тахфифи ҳамсадоҳои таркиби калимаҳои мураккаб

Дар таркиби калимаҳои мураккаб, чунон ки аз маводи луғати Ромпурӣ маълум мешавад, ба тахфиф дучор гардидани ҳамсадоҳои онҳо низ бисёр рӯй додааст. Чунин усули тахфифшавӣ ягона набуда, балки онҳо низ бо роҳҳои гуногун ба ин ҳодиса дучор шудаанд:

а) Тахфифи ҳамсадои ҷузъи аввал. Чунончи «Шаҳраво - дираму динори носара, ки хос дар як шаҳр роиҷ бошад; ва ин дар асл шаҳрраво буд, як “ро” -ро мутобиқи қоидаи маъруф ҳазф карданд…» [15, ҷ.1, с.331].

Тахфифи яке аз ҳамсадоҳои **р** дар мавқеи пайваставии ҷузъҳои таркиби калимаи мураккаб аз ҷумлаи ҳодисаҳои маъмули забони тоҷикист, ки муҳаққиқон доир ба он андешаҳои ҷолиб изҳор кардаанд. Аз ҷумла, Д.Саймиддинов калимаи гарангро унсури тахфифёфта ҳисоб карда менависад, ки он «муродифи шакли мухаффафи karranq (аз kar+ranq «мисли кар, монанд ба кар, карнамо») аст [8, с.12].

Маълум мегардад, ки чунин тарзи тахфифёбии вожаҳо таърихи тулонӣ дорад. Чунончи: “Сипедор дарахте бошад хушқомат, ки бор надорад; дар асл сипеддор буд. Чун ду ҳарф аз як ҷинс воқеъ мешавад, як ҳарфро соқит месозанд, аз қабили сипедев, ки дар асл сипеддев буд. Чаро ки чӯби он (яъне сипедор) сифед бошад [15, ҷ.2, с.330]. Ромпурӣ на танҳо дар бораи тахфифёбии яке аз ҳамсадоҳои якхелаи паси ҳам ҷойгиршуда фикру

мулоҳизаи худро баён менамояд, балки ҳолатҳои афтиши ҳамсадоҳои аз ҷиҳати махраҷи ташаккул фарқкунандаро низ баён мекунад. Чунончи, дар бораи калимаи гурбуз ӯ чунин менависад: «Гурбуз - ба маънии маккор ва ҳилагар, чаро ки дар асл гургбуз буд, яъне гург ба сурати буз…» [15, ҷ.2, с.190].

Дар чунин ҳолатҳо низ мисли мавридҳои дигар Ромпурӣ баъзан роҳи ғалати инъикоси шакли аслии калимаҳои мухаффафшударо пеш мегирад. Масалан, ӯ гунаи ибтидоии воҳиди луғавии шогирдро чунин нишон додааст: «Шогирд - дар асл ба маънии ходим аст…; муаллиф гӯяд зоҳиран лафзи шогирд дар асл шоҳгирд буда, зеро ки ходимон гирдогирди шоҳ ва маҳдум истода шуда, мутарассиди судури фармон ва хидмат мебошанд. Ба ҳамин ҷиҳат хидматгоронро ба арабӣ ҳавошӣ гӯянд» [15, ҷ.1, с.450]. Чунин шарҳи Ромпурӣ ба ҳақиқати илмӣ наздик нест, зеро калимаи шогирд дар матнҳои порсии миёна ба шакли hašāqird [14, с.266], дар позанд ба гунаи ašaqard вуҷуд дошт [13, ҷ.2, с.199].

Чунин тарзи таҳлили муаллифро метавон дар мавридҳои дигар низ дучор омад: «Охур - ҷойи чаридани аспон ва ҷойи алаф хӯрдан ва истабл ва амсоли он ва ин мухаффафи обхӯр аст, ки маънии таркибии он машраб (яъне, ҷойи обхӯрӣ ва обгирӣ) аст, лекин ба маҷоз ба маънии ҷойи чаридан муқаррар гашт…» [15, ҷ.1, с.21]. Аз обхӯр ҳисоб кардани шакли аслии калимаи охур дуруст нест, зеро ин вожа ибтидои худро аз воҳиди луғавии қадими эронии ā-hvarna гирифта, аз пешванди ā-ва решаи hvar «хӯрдан» ташаккул ёфтааст ва дар матнҳои порсии миёна, аллакай, ба шакли āx ̌ar ба кор мерафт [14, с.9].

Дар воҳидҳои луғавии алоҳида баробари ба тахфиф дучор шудани ҳамсадои охири ҷузъи аввал ба ҷойи онҳо садоноки **о** истифода гардидааст: «Кашоварз- музореъ ва деҳқон…; ва соҳиби «Мадор» ба касри аввал (яъне кишоварз) навишта; ва баъзе гӯянд, ки дар асл киштварз буд, **то**-ро барои тахфиф ҳазф карданд ва **алиф** зиёда намуданд; ва соҳиби «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» ва ғайра навишта, ки дар асл киштовар буд, **то**-ро ба ҷиҳати тахфиф ҳазф карданд ва қоида аст, ки **зои** муъҷамаро дар форсӣ дар охири баъзе алфоз зоид ҳам меоранд» [15, ҷ.2, с.170].

Ин ҷо Ромпурӣ ду этимологияи вожаи кишоварзро баён мекунад. Ба назари мо, киштварз будани асли вожаи кишоварз аз ду ҷиҳат саҳеҳтар аст: 1) аз исму асоси замони ҳозираи феълҳо ташаккул ёфтани исмҳои мураккаб яке аз қолабҳои анъанавии калимасозии забони тоҷикӣ аст (агарчи дар вожаи киштовар низ ҳамин қолаби калимасозӣ дида мешавад); 2) дар забони тоҷикӣ таърихан ду феъл вуҷуд дошт: варзидан ва овардан. Баҳснок будани вожаи киштовар ҳамчун сарчашмаи калимаи кашоварзро ин нукта исбот карда метавонад, ки ҳеҷ гоҳ феъли овардан ҳангоми калимасозӣ ба варзидан табдил ёфта наметавонад.

б) Тахфифи ҳамсадои охири ҷузъи дуюм. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар бораи ихтисори ҳамсадои охири калимаҳои мураккаб ва тадриҷан ба тахфиф дучор гардидани онҳо дар осори асримиёнагӣ баробари усули дурусти шарҳ боз пеш гирифта шудани роҳи иштибоҳ низ ба назар мерасад. Чунин тарзи эзоҳи гунаҳои мухаффафи вожаҳо на танҳо ба фарҳангномаҳо, балки ба осори таҳқиқии асримиёнагӣ низ хос аст. Ин ҷо ба сифати намуна метавон аз як андешаронии муаллифи «ал-Муъҷам»- Шамси Қайси Розӣ дар бораи воҳиди луғавии дарё ёдовар шуд: «… Ва ҳамчунин «дарё» - асли он «дар об» будааст, яъне «даридаоб» ва ба касрати (зиёдии) истеъмол «дарё» кардаанд. Пас мутақаддимон «дарёб» ба он вачҳ гуфтаанд» [7, с.17, 246].

Тавре ки дида мешавад, ин ҷо унсури луғавии «дарё» бо таркиби «дар об» ҳеҷ робита надорад, балки он ибтидои худро аз воҳиди луғавии draya-и порсии қадим гирифтааст [5, с.70].

Соҳибони луғатномаҳои асримиёнагӣ чунин шарҳу эзоҳи сарчашмаҳои илмии асримиёнагиро бо ҳам муқоиса намуда, кӯшиш кардаанд, ки ҳаддалимкон ҳақиқати илмиро ошкор созанд. Инро ҳангоми муқоисаи шарҳи калимаи осиё дар «ал-Муъҷам»-и Розӣ бо «Ғиёс-ул-луғот» мушоҳида кардан мумкин аст: «Ва гуфтаанд, «осиёб» аслаш «особ» будааст, «ё» дарафзудаанд ва ба касрати (зиёдии) истеъмол ба «о» тарҳ карда ва осиё мегӯянд…» [7, с.246]. «Осиё - мухаффафи осиёб, ки дар асл особ буд. Чун бар алифи мамдуда, ки ҳақиқат ду алиф аст, ҳарфе ё лафзе дарояд, алифи аввал ба ё-и таҳтонӣ бадал шавад ва осиёб осе бошад, ки ба таҳрики об мегардад; ва осиё ба маънии мутлақи ос ҳам

мустаъмал мешавад» [15, ҷ.1, с.24]. Воқеан, ин воҳиди луғавӣ дар матнҳои давраи пешазисломӣ (масалан, порсии миёна) ба шаклҳои āsyāb ва āsyāg истифода шуда [14, с.27-28], аз ҷузъҳои ās ва āв иборат аст.

Калимаи тагуто низ ҳамин роҳи тахфифшавиро аз сар гузаронидааст: «Тагуто - ба маънии давидан ба пойи худ ва давондани асп, чи таг ба маънии давидан ба пойи худ ва то мухаффафи тоз аст, ба маънии давонидани асп» [15, ҷ.1, с.203-204].

Баъзан дар баробари тахфиф ёфтани ҳамсадои ҷузъи дуюм садоноки ҷузъи аввал ба садоноки дигар мубаддал мегардад: «Сито -… ва ба маънии танбӯра, ки се тор дошта бошад; дар ин сурат мухаффафи сетор аст; ва ба маънии се пиёлаи шароб, ки бар наҳор бинӯшанд» [15, ҷ.1, с.412]. Ин воҳиди луғавӣ ба ҳамин шакли мухаффаф боз ба ҷузъи нав ҳамроҳ гардидааст: «Ситозан - сеторнавоз; чи лафзи сито мухаффафи сетор аст; ва ба маънии сихи кабоб, ки сешоха бошад» [15, ҷ.1, с.413].

в) Тахфифи гурӯҳи овозҳои ҷузъҳои якуму дуюм

Ромпурӣ дар бораи шакли тахфифи як қатор калимаҳои аслан мураккаб нуқтаи назари худро баён намуда, дар ҳолатҳои алоҳида сохти онҳоро нишон медиҳад. Ӯ аз ин гуна калимаҳо ихтисор гардидани овозҳои алоҳидаро таъкид мекунад, вале таҳлилу ҷустуҷӯи асли онҳо нишон медиҳад, ки муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» на ҳамеша усули ба тахфиф дучор шудани онҳоро дуруст инъикос кардааст. Масалан, ӯ дар бораи вожаи Хусрав чунин менависад: «Номи писари Сиёвуш ибни Кайковус…; ва дар «Сироҷ-ул-луғот» ва «Баҳори Аҷам» навишта, ки Хусрав ба замми аввал аст. Ва баъзе ба касри аввал (яъне Хисрав) гуфтаанд ва ҳамин касра ақвост, ки муаррабаш кисро далолат ба касра дорад… Ва низ соҳиби «Баҳори Аҷам» аз устоди худ нақл карда, ки хусрӯ… қалби хурсӯ чи хур… офтоб ва сӯ… фурӯғ аст. Пас маънии таркибии он офтобфурӯғ бошад. Ва низ навишта, ки дур нест, ки мубаддали хушрӯ бошад, ба маънии хубрӯ. Ва назди фақир муаллиф хисрав… муарраби хушрӯ-ст…» [15, ҷ.1, с.304].

Дар чунин андешаронӣ Ромпурӣ ба ду ғалат роҳ додааст: 1) ӯ хисравро шакли муарраб ҳисоб кардааст; 2) асоси калимаи мазкурро хушрӯ шуморидааст. Вале аз маводи дар даст мавҷуда маълум мешавад, ки унсури луғавии мазкур дар «Авесто» ба шакли Huavasrava истифода гардида, маънои «некном» -ро доштааст ва дар порсии миёна дар натиҷаи таҳаввули овозӣ гунаи husōw ё husra- ро қабул кардааст. Ин калима ба забони юнонӣ ба шакли Xosrols иқтибос шудааст. Дар забони санскрит дар шакли Sausravasa дучор меояд [12, с.295].

Дар баъзе ҳолатҳо муаллиф ихтисори садоноки дарозро ба инобат гирифта, шакли тахфифи чунин калимаҳоро таъкид мекунад, вале маълум мегардад, ки он гунаи шакли аслӣ пиндошташуда худ мухаффаф аст. Чунончи: “Минучеҳр وچهر (مذ) мухаффафи Минучеҳр ذوچهر ( )مي ба маънии биҳиштрӯ, ки номи набераи Эраҷ аст аз ҷониби духтар…» [15, ҷ.2, с.305]. Ин ном дар «Авесто» дар шакли Manušciʊra дучор меояд, ки маънояш “аз нажод ё пушти Мануш” аст. Мануш яке аз номварони қадими эронӣ ба шумор мерафт.

Ромпурӣ як қисми ин гуна калимаҳоро дар асоси этимологияи халқӣ шарҳу эзоҳ медиҳад. Дар поён шарҳи муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» оварда шуда, баъд ҳақиқати илмӣ зикр хоҳад гашт: «Бағдод - номи шаҳр дар Ироқи Араб, ки дар асл Боғдод буд. Аз он ки пеш аз ин боғе буд, ки ҳар ҳафта Нӯшервони Одил дар он боғ ба доди мазлумон мерасид. Алҳол алифро соқит карда, Бағдод мегӯянд…» [15, ҷ.1, с.137]. Ҳақиқати илмӣ: ин калима дар «Авесто» ба гунаи baγadāta истифода гардидааст. Маънои baγa «баҳр, насиб, бахш» аст, вале дар порсии қадим он дар шакли baga дучор шуда, маънои «Худо, Додор» -ро дошт. Дар «Авесто» низ яке аз маъноҳои ин воҳиди луғавӣ «Худо» аст. Калимаи «бог»-и русӣ ба baga-и қадим алоқа дорад. Дар забони порсии миёна ин вожа маънои «бахшанда» -ро соҳиб шуд. «Нуширвон - ба маънии Ширинҷон ном подшоҳ; чун камоли одил ва хушхӯ буд, ба ин лақаб мулаққаб шуд…; ва дар шарҳи муътабар дида шуда, ки Нӯширвон мураккаб аст лафзи нав (билфатҳ), ки тарҷамаи ҷадид аст ва шер ба маънии асад ва лафзи вон ҳарфи ташбеҳ, яъне монанди шери нав, ай шери ҷавон» [15, ҷ.2, с.357]. Ҳақиқати илмӣ: воҳиди луғавии мазкур дар асл Анӯшакрувон буда, маънояш “оне, ки равонаш бемарг ва ҷовидон” аст [9, с.136].

«Зартушт/ Зардушт/ Зардуҳушт… Ва ин исм мураккаб аст аз лафзи зар ва калимаи дуҳушт, ки ба маънии бад ва зишт аст; ва гоҳе доли лафзи душтро ба тои фавқонӣ бадал

кунанд ва гоҳе баъди дол ҳо зоид кунанд. Чун зар пеши он шахс зишт ва мабғуд буд ва аслан зар намегирифт, лиҳозо ба ин исм хонданд…» [15, ҷ.1, с.391].

Мувофиқи таъкиди Ромпурӣ, дар ин воҳиди луғавӣ мисли калимаҳои душман, душном, душвор ва монанди инҳо гӯё ҷузъи душ (ба таъбири ӯ- душт) вуҷуд доштааст. Ба ҳақиқат наздик набудани чунин андешаи муаллифро ин нукта исбот менамояд, ки душ ҳамчун пешванд ҳамеша дар оғози унсурҳои луғавӣ зикр мегардид. Умуман аз ҷузъҳои зар ва душт иборат дониста шудани исми номбурда саҳеҳ набуда, балки ин ном аслан шакли Zaraϑuštra –ро дошта, баъдтар дар порсии миёна ба таҳаввулоти овозӣ дучор шуд ва ба гунаҳои Зартушт ё Зардушт истифода гардид. Дар асрҳои миёна муаллифони сарчашмаҳо воҳиди луғавии номбурдаро ба шаклҳои Зародушт, Заротушт, Зардушт ба кор будаанд [12, с.336]. Маънои таркибии Zaraϑuštra «дорандаи уштури пир» будааст.

«Борбад - номи мутрибе аз муқаррабони Хусрави Парвез буд ва дар фанни мусиқӣ маҳорати азим дошт; ва ин мураккаб аст аз бор, ки ба маънии дахл ва рухсат аст ва бад (билфатҳ) ба маънии худованд ва лиҳозо ба ин лақаб мулаққаб гардид» [15, ҷ.1, с.109-110].

Ин ҷо низ дар шарҳи калима Ромпурӣ ба саҳв роҳ додааст, зеро ки Борбад ном набуда, балки унвон аст. Дигар ин ки ном дар сарчашмаҳои тоисломӣ ба шаклҳои Борбаз, Фаҳлбад, Фаҳрбаз, Паҳлбаз ва ғайраҳо зикр гардидааст.

«Қайқубод - маънои лафзии он одили барҳақ аст; чи кай ба маънии одил ва қубод дар асл ғубод буд (ба ғайни муъҷама) ба маънии барҳақ; ғайнро ба қоф бадал карданд; номи подшоҳе азимушшон аз Эрон, ки камоли айёш буд, сад сол подшоҳӣ кард…» [15, ҷ.2,185]. Ин воҳиди луғавӣ, чунон ки пештар низ ишора шуд, шакли тахфифёфтаи калимаи kavikavāta аст, ки дар «Авесто» ба маънии размандаи каёнӣ омадааст ва ба гунаи kavāta низ ба кор рафтааст. Ҷузъи дуюм бо таъсири забони арабӣ муарраб гардида, Қубод шудааст.

Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ аз хусуси баъзе антропонимҳо танҳо маълумоти таърихӣ дода, дар бораи сарчашмаи пайдоиши онҳо, ба тахфиф дучор шуданашон эзоҳеро намеорад ё танҳо як ишорае мекунаду бас. Чунин муносибати ӯро дар мавриди оварда шудани ахбор дар бораи Ардавон, Ардашер, Афросиёб, Парвез ва монанди инҳо дучор омадан мумкин аст: «Ардавон - … номи подшоҳе, ки Ардашери Бобакон навкари ӯ буд, ӯро кушта подшоҳ шуда…» [15, ҷ.1, с.48]. «Ардашер - мураккаб аз лафзи ард (билфатҳ), ки ба маънии хашм ва қаҳр, ё аз лафзи урд (биззам), ки ба маънии монанд ва нозир аст. Ба ҳар тақдир лақаби Баҳман ибни Исфандиёр аст. Чун ҷаддаш Гуштосп ӯро бисёр далер дид, бад-ин лақаб мулаққаб кард; ва низ лақаби Сосон ибни Сосон, ки набераи Баҳман ва духтарзодаи Бобак буд ва ӯро Ардашери Бобакон низ гӯянд…» [15, ҷ.1, с.45]. «Афросиёб - подшоҳе азимушшон аз подшоҳони Тӯрон, ки бағоят шуҷоъ ва баҳодур буд…» [15, ҷ.1, с.76]. «Парвез -… номи подшоҳ, ки ӯро Хусрав гӯянд…». Ӯро Парвез аз он ном карданд, ки парвез ба забони паҳлавӣ моҳиро гӯянд ва ӯ шикори моҳиро бисёр дӯст медошт…» [15, ҷ.1, с.162].

Қайд кардан бамаврид аст, ки агар таҳаввули ҳамаи воҳидҳои луғавии шарҳёфта дар тули давраҳои дурударози то замони Муҳаммад Ғиёсуддин ба эътибор гирифта шавад, шакли тахфифёфта ҳисоб мешаванд. Масалан, вожаи Ардавон дар «Авесто» ба шакли Arta (aša) + pāna дучор омада, маъноаш «нигоҳбони ростӣ, покӣ, порсоӣ ва дурустӣ» аст [12, с.39]. В.И. Абаев унсури луғавии номбурдаро «Худои Арта» маънидод кардааст [1, ҷ.1, с.61].

Калимаи Ардашер низ аслан мураккаб буда, ҷузъи аввалаш дар забони форсии қадим ба шакли arta, умумиэронӣ ṛta-, авестоӣ ṛša- «ростӣ, ҳақиқат» дучор шуда, гунаи ибтидоии ҳиссаи дуюм xšaϑʳa буд, ки маъноаш «шаҳр» будааст. Ҷузъи дуюми унсури луғавии мазкур, аз афташ, шакли сифати xšaϑʳiya -ро доштааст, ки он минбаъд ба xšaiϑʳa>xšēhr>šēr мубаддал гардидааст. Маънои умумии калимаи Ардашер «ҳақиқате, ростие, ки барои нигоҳдории шаҳр фиристода шудааст, яъне «подшоҳ» аст. Шакли Ардашер гунаи тахфифёфтаи Ардахшеҳр буда, дар он нишонаи забони парфиянӣ ба назар мерасад. Агар ин калима аз давраи қадим ба давраи миёнаи инкишофи забони форсӣ (тоҷикӣ) мегузашт, бояд шаклаш Арташес мешуд, ки ин шакл то имрӯз дар забони арманӣ боқӣ мондааст [2, с.57-58].

Афросиёб низ шакли мухаффафи калимаи нимавестои Fragrāsiyag мебошад, ки дар «Динкард» зикр гардидааст ва дар осори порсии миёна ба гунаҳои Фаросиёб, Фаресиёк ба кор рафтааст. Муҳаққиқон шакли Fragrāsiyāh –и унсури луғавии номбурдаро «касе, ки бисёр ба ҳарос андозад» маънидод кардаанд [12, с.68-69].

Ба ин тариқ, воҳиди луғавии Парвез низ шакли тахфифи Aparvēj/ž –и забони порсии миёна буда, дар «Позанд» ба гунаи Awarvēž дучор меояд ва маънии «пирӯз, шикастнопазир» -ро дорад.

Ҳамин тавр, бо гузашти замони дурудароз вожаву таркибҳо, ибораҳову ҷумлаҳо бо усулҳои ба худ хос дучори тахфиф мегарданд. Барои муайян намудани роҳи мураккаби ба тахфиф дучор шудани ин гуна воҳидҳои забон ба анҷом расонидани таҳлили чуқури забоншиносӣ зарур меояд. Ин кор танҳо дар сурате натиҷаи дилхоҳ дода метавонад, ки матнҳои аслии манзуму мансури классикӣ ва фарҳангномаҳо ба таври амиқ ва эҳтиёткорона мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Танҳо дар ҳамин ҳол таърихи ташаккули шаклҳои мухаффафи воҳидҳои луғавиро ба таври мушаххас нишон додан мумкин аст. Ҳамин тавр, бо гузашти замони дурудароз вожаву таркибҳо, ибораҳову ҷумлаҳо бо усулҳои ба худ хос дучори тахфиф мегарданд. Барои муайян намудани роҳи мураккаби ба тахфиф дучор шудани ин гуна воҳидҳои забон ба анҷом расонидани таҳлили чуқури забоншиносӣ зарур меояд. Ин кор танҳо дар сурате натиҷаи дилхоҳ дода метавонад, ки матнҳои аслии манзуму мансури классикӣ ва фарҳангномаҳо ба таври амиқ ва эҳтиёткорона мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Танҳо дар ҳамин ҳол таърихи ташаккули шаклҳои мухаффафи воҳидҳои луғавиро ба таври мушаххас нишон додан мумкин аст.

Муқарриз: ***Мирсаминова Г.М.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка. В 4-х томах / В.И. Абаев. - М.: Изд-во АН СССР, 1958-1989.
2. Каримов А. Хрестоматияи забони паҳлавӣ / А.Каримов. - Душанбе, 1978. - 146 с.
3. Каримов А. Таҳлили лексикӣ-грамматикии матнҳои тоҷикии қадим / А.Каримов. - Душанбе, 1986. – 100 с.
4. Қосимӣ, М. Перомуни чанд вожа / М.Қосимӣ // Номаи пажӯҳишгоҳ. - Душанбе, 2004. - №405. - С.5-16.
5. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию / И.М. Оранский. - М.: Наука, 1988. - 388 с.
6. Расторгуева В.С. Среднеперсидский язык / В.С.Расторгуева, Е.К. Молчанова // Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. - М.: Наука, 1981. - С.6-146.
7. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-Муъҷам / Шамси Қайси Розӣ: муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У.Тоиров. - Душанбе: Адиб, 1991. - 463 с.; Рубинчик Ю.А. Грамматический очерк персидского языка / Ю.А. Рубинчик // Персидско-таджикский словарь. В.2-х томах. - М.: Русский язык 1983.
8. Саймиддинов Д. Бархе аз вожаҳои куҳан дар гӯйишҳои тоҷикӣ / Д.Саймиддинов // Номаи пажӯҳишгоҳ. - Душанбе, 2002. - № 2. - С.5-20.
9. Саймиддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ / Д.Саймиддинов. - Душанбе, 2003. - 221 с.
10. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Т.Н. Хаскашев. - Душанбе: Маориф, 1989. - 197 с.
11. Дӯст, Муҳаммадҳасан. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. Ҷилди аввал / Муҳаммадҳасани Дӯст. - Теҳрон, 1338. - 451с.
12. Мозандаронӣ, Ҳусайни Шаҳидӣ (Бежан). Фарҳанги «Шоҳнома» / Ҳусайни Шаҳиди Мозандаронӣ (Бежан). - Чопи нахусти нашри Балх, 1337. - 812 с.
13. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ. Дар 4 ҷилд / Муҳаммад Муин. - Теҳрон, 1375.- Ҷ.1-4.
14. Маккензӣ Д.Н. Фарҳанги кӯчаки забони паҳлавӣ / Д.Н. Маккензӣ; тарчумаи дуктур Маҳшеди Мирфахроӣ. - Теҳрон, 1379. - 428 с.
15. Ромпурӣ, Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Дар 3 ҷилд / Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ. - Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.1. - 1988. – Ҷ.2.

УСУЛҲОИ МУХАФФАФШАВИИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ ДАР “ҒИЁС-УЛ-ЛУҒОТ”-И МУҲАММАД ҒИЁСУДДИНИ РОМПУРӢ

Яке аз вазифаҳои асосӣ ва таъхирнопазире, ки забоншиносии муосири точик ба миён гузоштааст, муқаддима ба истифодаи илмӣ, ба низом даровардан, дарки забонӣ-назариявӣ ва илмии тафсири табиати забонии воҳидҳои луғат, таҳқиқи ҳаракати диахронию синхронии онҳо мебошад. Мақсади асосии мақола омӯзиши моҳияти забонии раванди пайвастани калимаҳои мураккаб дар уфуқҳои воҳидҳои луғавии таркибашон гуногун, тадқиқот дар асоси маводи ёдгории нодири фарҳанги маънавии асри XIX «Ғиёс-ул-луғот»-и Мухаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ мебошад, ки бо мазмуни баланди илмӣ, системаи мутаносиби

тафсирҳои мантиқӣ бо тафсири мураккабтарин равандҳои тағйирёбии унсурҳои забонӣ фарқ мекунад. Муаллиф дар ин мақола усулҳои мухаффафшавии вожаҳои мураккабро дар «Ғиёс-ул-луғот» таҳлил кардааст. Қайд карда мешавад, ки ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ мувофиқи ихтисори таркиби аввал ё дуюми худ ба гурӯҳҳо тақсим мешаванд: а) тахфифи ҳамсадои ҷузъи аввали калима; б) тахфифи ҳамсадои охири ҷузъи дуюм; в) тахфифи гурӯҳи овозҳои ҷузъҳои якуму дуюм.

Калидвожаҳо: тахфиф, воҳидҳои луғавӣ, калимаҳои мураккаб, Ғиёс-ул-луғот, муаллиф.

СПОСОБЫ СОКРАЩЕНИЯ СЛОЖНЫХ СЛОВ В «ГИЯС-УЛ-ЛУГОТ» МУХАММАДА ГИЯСУДДИНА РОМПУРИ

Одна из главных и актуальных задач, выдвигаемых современным таджикским языкознанием, - это введение в научный обиход, систематизация, лингво-теоретическое осмысление и научная интерпретация языковой природы единиц словарей, исследование их движения в диахронно-синхронной данности. Основной целью статьи является исследование лингвистической природы процесса стяжения сложных слов в границах разноструктурных лексических единиц словаря, исследование, основанное на материале уникального памятника духовной культуры XIX века «Гияс-ул-Лугот» Мухаммада Гиясуддина Ромпури, отличающегося высокой научностью содержания, стройной системой логических интерпретаций при толковании сложнейших процессов изменения языковых элементов. В данной статье автор рассматривала и проанализировала способы сокращения сложных слов в “Гияс-ул-Лугот”. Отмечается, что данный класс лексических единиц в соответствии с сокращением начальных или вторых их компонентов распрелеляется по категориям: а) сокращение первой части слова; б) сокращение второй части слова; в) полное сокращение второй части слова и присоединение к концу первой части суффикса, образующего относительное прилагательное.

Ключевые слова: сокращение, лексические единицы, сложные слова, Гияс-ул-лугот, автор.

METHODS OF REDUCING OF COMPOUND WORDS IN "GIYAS-UL-LUGOT" MUHAMMAD GIYASUDDIN ROMPURI

One of the main and urgent tasks put forward by modern Tajik linguistics is an introduction to scientific use, systematization, linguistic-theoretical comprehension and scientific interpretation of the linguistic nature of dictionary units, the study of their movement in diachronous-synchronous given. The main purpose of the article is to study the linguistic nature of the process of concatenation of complex words in the horizons of different-structured lexical units of the dictionary, a study based on the material of the unique monument of spiritual culture of the XIX century "Giyas-ul-Lugot" by Muhammad Giyasuddin Rompuri, which is distinguished by a high scientific content, a harmonious system of logical interpretations with interpretation of the most complex processes of changing linguistic elements. In this article, the author has examined and analyzed ways to reduce complex words in “Giyas-ul-Lugot”. It is noted that this class of lexical units, in accordance with the reduction of their initial or second components, is distributed into categories: a) reduction of the first part of the word; b) reduction of the second part of the word; c) a complete reduction of the sounds of the first and second parts.

Key words: reduction, lexical units, compound words, Giyas-ul-lugot, author.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Давлатзода Рухсора*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, х. Мавлонбеков 1. E-mail: **ruhsoradavlatzoda@gmail.com.** Тел.: **(+992) 92-555-05-05**

Сведение об авторе: ***Давлатзода Рухсора*** **-** Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, доцент кафедры таджикского языка и литературы факультета восточных языков. **Адрес**: **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1. E-mail: **ruhsoradavlatzoda@gmail.com.**
Тел.: **(+992) 92-555-05-05**

Information about the author: ***Davlatzoda Rukhsora*** **-** Khujand State University named after academician B.Gafurov, Associate Professor of the Department of Tajik Language and Literature of the Faculty of Oriental Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlonbekova 1. E-mail: **ruhsoradavlatzoda@gmail.com.**
Тел.: **(+992) 92-555-05-05**

УДК: 491.550-415

ТАҲАВВУЛОТИ ГРАММАТИКӢ ДАР ПАЙВАНДАКҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Шодиев Б.Ғ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ин мақола истифодаи пайвандакҳои забони тоҷикӣ дар осори адабиёти классикӣ, маводи матбуоти замони шӯравӣ ва матбуоти замони истиқлол дар шакли муқоиса мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Инчунин таҳаввули пайвандакҳои забони тоҷикӣ дар тули таърих бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

Дар ҷараёни инкишофу тараққиёти таърихии забони тоҷикӣ тамоми қисматҳои забон, аз ҷумла сохтори пайвандакҳо низ ба тағйироту таҳаввулоти ҷиддӣ дучор гардидаанд. Инчунин яке аз таҳаввулоти назаррасе, ки дар забони матбуоти замони истиқлол мушоҳида мешавад, бо таъсири тарҷума пайдо гардидани пайвандакҳои нав дар забони тоҷикӣ ва пайваста зиёд шудани дараҷаи истифодаи онҳо дар ибораю ҷумлабандии маводи матбуот мебошад. Як қисми пайвандакҳое, ки дар осори замони классикӣ мушоҳида мегарданд, имрӯз доираи истеъмоли онҳо то андозае маҳдуд ва ё архаизм шудаанд. Ҳар навигарӣ ва дигаргуние, ки дар забон ба вуҷуд меояд, пеш аз ҳама, тавассути матбуот дар калимаю истилоҳоти нав ифода мегардад. Бесабаб нест, ки инкишофи забонро, қабл аз ҳама, аз рӯйи забони васоити ахбори омма, хусусан рӯзномаҳо таҳлилу таҳқиқ мекунанд.

Забоншиноси варзида академик М. Шакурӣ дар хусуси муносибат бо забони зиндаи халқ, адабиёти классикӣ ва забони адабии имрӯза чунин зикр мекунанд, ки “аз забони адабии классикӣ намуна гирифтан чунин маънӣ надорад, ки имрӯз монанди мардумони асрҳои гузашта бояд нависем. Не забону услуби даврахои гузашта маҳсули замони худ буд ва ҳамеша мувофиқи дигаргуниҳои ҳаёт тағйир меёфт, пеш мерафт. Имрӯз дар ягон соҳаи зиндагиву фарҳанг, аз ҷумла дар соҳаи забон ҳам ба гузашта бозгашт нест. Забони мо ҳоло ба талаботи имрӯзу фардо бояд ҷавоб гӯяд, хосаҳои дирӯзу парирӯз, суннатҳои ҳазорсоларо низ бояд фаромӯш накунем. Имрӯзу фардоро аз дирӯзу парирӯз ҷудо кардан мумкин нест. Зебоиву равонӣ, тавоноӣ ва матонати забони адабиёту илми классикӣ бояд ҳамеша намунаи ибрати мо бошад ва ҷустуҷӯйҳои замони мо ба он такя мекунад. Робитаи мо бо забони халқ ва адабиёти классикӣ ҳар чӣ бештар бошад, пояҳои халқии забони адабии имрӯза ба ҳамон андоза устувор хоҳад буд. Яке аз манбаъҳои асосии иқтидори имрӯзаи забони адабӣ иқтидори дирӯзаи он аст” [20, с.22].

Дар заминаи рушду тараққиёти ҳаёти ҷамъият, инкишофи илму маданият забони адабӣ аз ҳисоби шеваҳо таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии худро бойю ғанӣ ва мукаммал мегардонад [5, с.14].

Дар осори даврони классикӣ як пайвандак тибқи меъёри забон дар чанд шакл мавриди истеъмол қарор дошт, ки имрӯз доираи истеъмоли онҳо то андозае маҳдуд ва ё архаиз шудаанд:

Чунончи, пайвандаки ***ар (арчи), гар (гарчи), арчанд*** шакли кӯтоҳшудаи ***агар // агарчи // агарчанд*** ба маънои 1. *ба шарте ки…, модоме ки…, дар сурате ки…, дар ҳолате ки…, вақте ки…, ҳангоме ки…;* 2. *ҳарчанд, ҳарчанде ки…, гарчанд, гарчанде ки…, бо вуҷуди он ки…, қатъи назар аз он ки…* ва ғайра дар назму насри забони адабиёти классикӣ зиёд дучор мегардад, аммо дар ҷараёни дуру дарози таърихӣ ва инкишофу тараққиёти забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба қатори архаизмҳо дохил шудаанд.

Ҳар киро з-ин гуна бошад моҳрӯе мушкмӯй,
Ҳаст маъзур, *ар* наёсояд замоне аз тараб (*Фарухӣ*).

Назм *арчи* ба мартабат баланд аст,
Он илм талаб, ки судманд ас*т* (*Низомӣ*).

Хирад *гар* сухан баргузинад ҳаме,
Ҳамон баргузинад, ки бинад ҳаме (*Фирдавсӣ*).

Гарчи писар дида пур аз хун кунад,
Мардумаш аз хона бирун чун кунад (*Хисрави Деҳлавӣ*).

Дар матбуоти замони шӯравӣ ва истиқлол шакли кӯтоҳшудаи пайвандаки *агар* (*ар (арчи), гар (гарчи), арчанд*) мушоҳида нагардид.

Дар рӯзномаҳо *агар* аз ҳаёташ чизе пайдо кунанд, бо хушнудӣ мутолиа менамоянд (А.с., 08.06.2017); Вале нияти гуфтори ватанпарастӣ шуълавару васлгари ваҳдати халқҳову миллатҳои мухталифи олам ҷиҳати таҳтонии дигареро ба бор меорад, ки *агарчи* аз назари аввал саҳлу сода ва ҳамабину ҳамадон менамояд... (Ҷумҳурият, 31.10.2014); Бегматов *гарчанд* худро сусттар ҳис кунад ҳам саломатиаш беҳтар шуда буд ва ӯ бо азоб Анна Ивановнаро розӣ кунонд, ки барои баргаштан ба сафи қисм ҷавобаш диҳад (Ҷумҳурият, 07.05.2014); *Агарчанде (гарчанде ки)* хом аст, ин шеър мағз дорад, -гуфт Мирзо, -аз ин бача оянда шоири хуб мебарояд (Ҷумҳурият, 31.10.2014).

Пайвандаки ***агарчи*** дар шакли ***агар низ*** дар осори классикӣ мушоҳида гардид, ки имрӯз дар забони гуфтугӯйӣ, назму наср ва забони матбуот корбаст намегардад:

Ҳар кӣ бо бадон нишинад, *агар низ* табиати эшон дар ӯ асар накунад, ба феъли эшон муттаҳам гардад (*Саъдӣ Ш.*).

Пайвандаки пайвасти хилофии ***вагарна*** дар забони матбуоти замони истиқлол дар шакли лаҳҷаии ***ага не (агар не)*** истифода мегардад, ки дар ин шакл дар осори классикӣ ва матбуоти замони шӯравӣ умуман дучор наомад:

Иҷозат диҳед, оғои муҳтарам даъватномаатонро як аз назар гузаронам, -гуфт ӯ. – Намехоҳам. Маро ба ҳолам гузоред, *вагарна* ... (А.с., 21.06.2018); Баъд аз хонавайронӣ, тақдири минбаъдаи чунин духтарон зери суол меравад. Оё онҳо метавонанд, ки бори дуюм оилаи солим барпо намоянд? Ва *агар не,* дар чорсӯи зиндагӣ ҳайрону сарсон мемонанд (Ҷумҳурият, 27.11.14).

Дар осори классикӣ пайвандаки пайвасти хилофии ***вагарна*** дар назму наср дар шакли кӯтоҳшудаи ***в-агарна, в-арна /*** *ва агар на*, ***в-агар, в-ар /*** *ва агар* хеле зиёд корбаст гардидааст:

Бар ин кинагар кор созем зуд,
В-агарна барорад аз ин марз дуд (*Фирдавсӣ*).

Аҷал тафаққуди ҳолам намекунад, *в-арна,*
Ҳазор бор аз ин зиндагӣ ба ҷон шудаам (*Шоҳин*).

Агар дардам яке будӣ, чӣ будӣ?
В-агар ғам андаке будӣ, чӣ будӣ?
Гарнаӣ кавкаб, чаро пайдо нагардӣ ҷуз ба шаб?
*В-ар*наӣ ошиқ, чаро гирӣ ҳаме бар хештан? (*Манучеҳрӣ*).

Пайвандаки пайвасти хилофии забони арабӣ ***ваилло*** (***ولا*** *-илло*) ба ҷойи пайвандаки хилофии ***вагарна*** ба маънои *дар акси ҳол* дар назму насри классикӣ дучор гардид, ки дар матбуоти замони шӯравӣ ва истиқлолият ин пайвандаки иқтибосӣ ба қатори унсурҳои архаистӣ дохил шудааст:

Фармудаанд, ки зуд бош ва маро раҳнамунӣ ба пеши ӯ кун, ки *ваилло* ҳалок мешавам (*Восифӣ*).

Пайвандакҳои хилофӣ ***зеро, зеро ки*** дар шакли ***азеро / азерок*** *(азеро ки),* ***эро*** *(эро ки)* дар назму насри классикӣ хеле серистеъмол буда, дар давраҳои минбаъдаи тараққиёти забон аз истеъмол баромадаанд:

Бо нек ба некӣ бикӯш, *азеро,*
Бад ҷуз ки сазовори бад набошад *(Носири Хусрав)*.

Бигӯ дилро, ки гирди ғам нагардад,
Азеро ғам ба хӯрдан кам нагардад *(Румӣ)*.

Нест ба хуби (и) рухонт моҳ, *азерок*,
Моҳ ба гирди рухат ҳамеша битобад (*Тарҷумон-ул-балоғат)*.

Мизони ҳақу ботил раъи малик аст, *эро,*
Зарри дағалу холис аз нор падид ояд (*Хоқонӣ*).

Инчунин пайвандакҳои хилофии ***балки, вале, валекин*** дар шакли кӯтоҳшудаи ***бал(а)II., балк*** ва ***валек*** дар маводи матбуоти замони истиқлол мушоҳида нагардид.

Ва бисёр хари аблақ дидам ҳамчу асб, *бал* латифтар *(Носири Хисрав)*.

Забонишинос М.Н. Қосимова таърихи забони адабии тоҷикро дар асрҳои XI-XII таҳқиқ намуда, зикр мекунанд, ки дар осори хаттии даврони мавриди таҳлил корбурди зиёди пайвандакҳои пайвасткунандаи *балки, ло бал, на...балки* эҳсос намегардад [7, с.181].

Имрӯз пайвандаки пайвасткунандаи *балки* дар маводи матбуот хеле серистеъмол мебошад, аммо шаклҳои дигари он *ло бал, на...балки* дар даврaҳои минбаъдаи рушду инкишофи забон аз истеъмол баромадаанд:

Чил газ сиришки хун зи бари хок баргузашт,
Ло бал чиҳил қадам зи бари моҳтоб шуд (Хоқонӣ).

Дар осори пешин агар пайвандаки хилофии ***лекин*** тағйири овоз ***локин / лакин,*** ва ***вале, валекин*** шакли тағйирёфтаи ***валокин (на)*** дар назм мувофиқи қонуниятҳои вазни шеър дар шакли кӯтоҳшудаи ***лек, валек*** кор фармуда шуда бошанд, имрӯз шакли кӯтоҳшудаи пешоянди хилофии *лекин / лек* дар маводи матбуоти замони истиқлол серистеъмол гардидааст:

Табиби ишқ масеҳ одам асту мушфиқ, *лек*,
Чу дард дар ту набинад, киро даво бикунад? (*Ҳофиз)*.

Гӯянд: Сабр кун, ки туро сабр бар диҳад,
Оре, диҳад, *валек* ба умри дигар диҳад (*Дақиқӣ)*.

Лек, мутаассифона, суръати афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзиро ноҳияҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ, Панҷ ва Восеъ дар муқоиса ба соли гузашта таъмин накарданд (Ҷумҳурият, 31. 10.14); ...қисмате аз пешвоёни дин, ки ҳарчанд соҳибмаълумоту аз ҳаводиси сиёсии ҷаҳон огоҳанд, *лек* ба хотири манофеи дунявии худ тибқи принсипи “гӯр сӯзаду дег ҷӯшад” амал намуда, бо қурбон сохтани манофеи халқу миллату давлату дин ба ҳама гуна аъмоли зишту ғайриинсонӣ қодиранд (Ҷумҳурият, 29.05.2015); Албатта, медонистем, ки ислоҳҳо пайи қалами муовинони «сахттаҳрир» аст, *лек* ба хотири рӯй назадани нофаҳмие, гапро аз «туву ман»-и байниҳамдигарӣ, бо баҳси умум намебаровардем (А.с., 14.04.15).

Пайвандаки тобеъкунандаи сабаби ***азбаски*** дар шакли кӯтоҳшудаи ***баски / азбас*** дар даврaҳои минбаъдаи рушди забон мушоҳида нагардид:

Баски хомӯш нишастам, сухан аз ёдам рафт,
Баски мондам ба ғарибӣ, ватан аз ёдам рафт.

Замин аз тухми шерон пок кард *азбас* синони ӯ,
Асад сар дар канори Сарв пинҳон кард дар гардун (Қозӣ Эрназар).

*А*сли пайвандаки ***анде ки*** дар забони арабӣ ***(عِنْدَ-ъинда)*** мебошад ва ба маънои а) *бувад ки…, бошад ки…;* б) *хоса ки…, махсусан ки…* ва ғ. меояд. Ин пайвандак дар осори классикӣ зиёд мушоҳида мегардад, вале имрӯз танҳо дар лаҳҷаву шеваҳои ҷудогонаи забони тоҷикӣ мушоҳида мешавад:

Гар гулистон зи боди хазон зард шуд, равост,
Анде ки сурх бошад рӯи худойгон (*Унсурӣ)*.

Ҷуфти ғамаму хушаст, оре,
Анде ки наям зи дарди ту фард (*Анварӣ)*.

Инчунин асли пайвандаки ***ҳине ки*** дар забони арабӣ ***(حِينَ ҳисна)*** ҳамчун зарфи ифодакунандаи замон дар забони арабӣ мебошад. Дар забони тоҷикӣ ба вазифаи пайвандакҳои тобеъкунандаи замон *вақте ки, замоне ки, ҳангоме ки* кор фармуда мешавад ва доираи истеъмолаш дар забон хеле маҳдуд гардидааст:

Ҳине ки додарам Саҳобиддин се-чор сол дар Руссия кор карда омад, шароити кори дохили нақбро аз ман пурсон шуд (А.с., 27.06.2018).

Забоншинос М.Н. Петерсон дар бораи таҳаввулоти грамматикӣ дар забони русӣ чунин навишта буд: «Пайвандакҳое, ки дар ифодаи муносибатҳои маъноии байни аъзои ҷумлаҳои мураккаб ба кор бурда мешаванд, дар марҳалаҳои охири рушди забон пайдо шудаанд. Вобаста ба эҳтиёҷоти ифодаи муносибатҳои мураккабтари байни ҳодисаву

воқеаҳои ҳаёти иҷтимоии ҷомеа миқдори пайвандакҳо афзуда, маънову вазифаҳои онҳо низ гуногунтар шудан гирифтааст" [11, с.28-34].

Пайвандакҳои ***бо*** *дарназардошти ин (он) ки,* ***бе*** *назардошти ин (он) ки, вобаста* ***аз*** *ин (он) ки, вобаста* ***ба*** *ин (он) ки, новобаста* ***аз*** *ин (он) ки, новобаста* ***ба*** *ин (он) ки* ва ғайра бо таъсири тарҷума дар забони матбуоти замони истиқлол нав пайдо гардидаанд ва имрӯз хеле серистеъмол мебошанд. Аз ҷумла пайвандакҳои *новобаста аз он ки, бо назардошти он ки* бо таъсири тарҷумаи таҳтуллафзии *не зависимо от того, что* ва *с учетом того, что* ба вуҷуд омадаанд:

Бо дарназардошти он ки зиёда аз 90 фоизи доруворӣ ба Тоҷикистон аз хориҷи кишвар ворид мегардад, танзими арзиши доруворӣ, сарфи назар аз мураккабии он, масъалаи бисёр ҳам муҳим ва рӯзмарра мебошад (Ҷумҳурият, 22,12.2016); Ин давлатҳо, ҳамчун қоида, аз рӯйи нақшаи ФГЭ барои дастгирии кам намудани ГХФК, *вобаста ба он ки* оё Ислоҳи копенгагениро тасдиқ намуданд ё не, барои маблағгузорӣ ҳуқуқ доранд (Ҷумҳурият, 01.11.2014); Инчунин, волидоне ҳастанд, ки хоҳиши соҳибмаълумот намудани духтаронашонро надоранд ва *новобаста аз он ки* духтар омода ҳаст ё не, ӯро зуд оиладор менамоянд (Ҷумҳурият, 27.11.2014); *Новобаста ба он ки* Тоҷикистон ба уҳдадориҳои миллии худ дар доираи Протоколи Монреал ба таври ҷиддӣ муносибат мекунад, дар ҷумҳурӣ камбудиҳо мавҷуданд, ки бо набудани кумаки техникӣ барои бомуваффақият идома додани татбиқи уҳдадориҳои мазкур вобаста мебошанд (Ҷумҳурият, 01.11.2014).

Ин пайвандакҳои таркибӣ бо пешояндҳои таркибии муштарактаркибу муштаракмаънои *вобаста аз (ба), новобаста аз (ба), бо дарназардошти, бо назардошти, бе назардошти* дар ифодаи як муносибати маъноӣ ба тариқи мувозӣ *пешояндҳо* дар ҷумлаи сода ва *пайвандакҳо* дар ҷумлаи мураккаби тобеъ пайдо шудаанд.

Дар ин хусус забоншиноси варзида Б. Камолиддинов чунин қайд мекунанд, ки "дар сохтори ҷумлаи сода дар алоқаманд шудани аъзои ҷумла *пешоянду пасояндҳо* нақши муҳим доранд, дар ифодаи маъноҳои гуногуни грамматикии ҷумлаи пайрав бо сарҷумла низ *пайвандакҳо* воситаи муҳимтарини алоқа ба шумор мераванд [6, с.42].

Таърих гувоҳ аст, ки низоъҳои *вобаста ба* обро наметавон бо роҳи зӯрӣ ва *бе назардошти* манфиати ҷонибҳо ҳаллу фасл намуд ... (Ҷумҳурият, 29.05.2015); Акнун варзишгарони водӣ ва кишвар *новобаста ба* фасли сол метавонанд дар ин ҷо мусобиқаҳои минтақавӣ ва ҷумҳуриявиро доир намоянд ... (Ҷумҳурият, 29.05.2015); Дар мавзуи "Гузариш ба низоми кредитии таҳсилот *бо дарназардошти* иқтидори пойгоҳӣ ва ҳувияти миллии таълимгирандагон" конфронси байналмилалии таълимӣ-методӣ баргузор гардид ... (Ҷумҳурият, 31.10.2014); *Бо назардошти* қобилияти баланди донишомӯзияш муваффақ гардид, ки соли 1930 таҳсилро дар техникуми педагогии Бухоро идома диҳад ва дар соли 1934 онро бомуваффақият хатм намояд (Ҷумҳурият, 07.05.2014);

Забоншиноси нуктасанҷ М. Шакурӣ дар китобашон "Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад" дар мавриди бемавқеъ кор фармудани як пешоянд ба ҷойи пешоянди дигар ибрози андеша намудаанд. Ибораҳои *вобаста аз* ва *вобаста ба* –ро дар маводи матбуот таҳлилу баррасӣ намуда, қайд мекунанд, ки сарчашмаи ин ибора забони русии *зависеть от* мебошад. Азбаски пешоянди *от* ба забони тоҷикӣ бо *аз* ифода меёбад, тарҷумонҳо фаромӯш кардаанд, ки дар ибораҳои тоҷикӣ пешояндро бояд феъли тоҷикӣ муайян кунад, на феъли русӣ. Дар ин мавриди фақат бо пешоянди *ба* омадани *вобаста* дуруст аст, аммо бо пешоянди *аз* омадани он ҳаргиз дуруст нест [20, с.248].

Ба гуфти Шералӣ Ҳасанов, барои ҳарӯза бурдани партовҳо аз ин биноҳо ва умуман таъмини дигар инфрасохтори манзилию коммуналӣ моҳона *вобаста аз* шумораи шахсони дар оила буда, маблағи зиёдтарро талаб мекунад (Ҷумҳурият, 01.11.2014);

Дар матбуоти замони истиқлол нуқсони бесабаб ихтисор кардани ҷузъи пайвандакҳои таркибӣ хеле зиёд мушоҳида мегардад: ***вақте*** / *вақте ки*, ***ҳангоме*** / *ҳангоме ки*, ***муддате*** / *муддате ки*, ***тавре*** / *чи тавре ки*, ***чуноне*** / *чунон ки,* ***касе*** / *касе ки*, *ҳар кас ки*, ***кадоме*** / *кадоме ки*, ***ҳине*** / *ҳине ки*, ***ҳар гоҳе*** / *ҳар гоҳ ки*, ***ҳар лаҳзае*** / *ҳар лаҳзае ки*, ***ҳар ҷое*** / *ҳар ҷо ки,* ***мисле ки*** / *мисли ин (он) ки*, ***баъде ки*** / *баъд аз ин (он) ки*, ***бо вуҷуде*** / *бо вуҷуди ин (он) ки* ва ғ.

Маҳсулоти мо *вақте* дар мағозаҳо дар муҳлати 5 рӯз ба савдо нарафт, онро ба корхона бармегардонем ... (Ҷумҳурият, 29.05.2015); Ва *вақте* ҳосил зиёд шуд, маҳсулот дар бозор арзон мегардад (Ҷумҳурият, 27.11.2014); Имрӯз *вақте* замини минтақаи Фахрободро

мебинем, чашм роҳат мекунад, рӯҳ навозиш меёбад (Ҷумҳурият, 27.11.2014); *Муддате* бо ҳунармандони театр фаъолият намуд. Дар намоишномаҳои мусиқии театр ӯ аз уҳдаи иҷрои нақшҳои гуногун мебаромад (А.с., 21.06.2018); *Касе* ба каланду асо эҳтиром дорад, савобхалтааш ҳам пур хоҳад шуд (А.с., 21.06.2018).

Забоншиносӣ маъруф Н. Маъсумӣ дар мавриди пайвандаки *чуноне ё чунон ки* дар мақола худ бо факту далелҳо собит карда буданд, ки дар забони тоҷикӣ асли пайвандаки *чуноне* бидуни артикли номуайянии е-*чунон ки* аст [6, с.43]. Дар осори гузашта, пайвандаки *чунон ки* дар шакли кӯтоҳшудаи *чунонк* мушоҳида гардид.

Чуноне бармеояд, ин танҳо бозгӯи як хотира ва тавсифи устод нест, балки дарсест, таълимест (Ҷумҳурият 01.10.14); Мутаассифона, *чуноне* дар ҳунарварии духтарҳои ин ду район бори дигар мушоҳида шуд он таклифҳои хубро ҳаваскорон ба инобат намегиранд (Т.с., 22.07.1982).

Шакли пурраи пайвандаки тобеъкунандаи *тавре / чи тавре ки* аст, вале имрӯз аз таркиби он ҷузъҳои “*чи*” ва “ки” афтидаанд: *Чи тавре ки* дар боло зикр намудем, ҳиссаи асосии истифодаи МВО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷҳизоти хунуккунӣ ва системаи ҳавотозакунӣ рост меояд (Ҷумҳурият, 01.11.2014); *Тавре* худи олиму муҳаққиқ ёдовар шудааст: “дар хонадони мо мақбулияту маҳбубияти Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ суннати қадимӣ ва ойине муқаддас буда, яқинан ба тарзи мерос аз насле ба насле гузаштааст” (Ҷумҳурият, 01.11.2014); *Тавре* аз ин навиштаҳо бармеояд, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳамзамон усули таълиму тадрисро бозгӯ мекунад, то аз он баҳравар шаванду истифода намоянд (Ҷумҳурият, 01.11.2014).

Дар маводи матбуот баъзан ҳиссаи пайвандакҳои таркибӣ аз ҳам дур шудаанд, ки ин тарзи ҷумлабандӣ ба меъёри забони адабӣ мувофиқ нест: Онҳо *вақте* мебинанд, *ки* талабот ба маҳсулот зиёд аст, арзиши онро боло мебардоранд (Ҷумҳурият, 27.11.2014); Ин бунёдкориҳо дар *замоне* рӯй додаанд, *ки* армияи фашистӣ дар остонаи пойтахти азизи мамлакатамон - шаҳри Маскав меистад (Т.с., 21.07.1982).

Хулоса, дар забони матбуоти замони истиқлол пайвандакҳои сертаркибе, ки дар тақлиди забонҳои бегона, хусусан забони русӣ тарҷумонҳои мо сохтаанд, дар маводи матбуот хеле зиёд мушоҳида мешавад. Таҳаввулоте, ки дар пайвандакҳои забони тоҷикӣ дар замони истиқлол ба вуҷуд омадааст, аз забоншиносон таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмиро талаб менамояд.

Муқарриз: ***Шарифова Ф.*** – доктори илмҳои филологӣ,
прфессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Беҳрӯзи Ҷаҳонтеғ. Сайри таҳаввули забони форсӣ аз давраи бостон то имрӯз / Ҷаҳонтеғ, Беҳрӯз // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2011. – № 7. - С.342-346
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.
3. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома / Алиакбари Деҳхудо. Ҷ.5. – Теҳрон, 1328. - 2002 с.
4. Забони ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика, морфология. Қ.1. – Душанбе: Дониш, 1982.
5. Камолиддинов Б. Услубшиносӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 115 с.
6. Камолиддинов Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Пойтахт, 2015. - 102 с.
7. Қосимова М.Н. Таърихи забони тоҷикӣ / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2011. - 566 с.
8. Қосимова М.Н. Таърихи забони тоҷикӣ. Асрҳои IX-X / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2016. - 238 с.
9. Маъсумӣ, Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Дониш, 1976. - 75 с.
10. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2011. - 252 с.
11. Петерсон М.Н. Очерк синтаксиса русского языка / М.Н. Петерсон. – П-г., 1923.
12. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Таърихии забони форсӣ / Парвиз Нотили Хонларӣ. Ҷилди 1,2 ва 3. – Теҳрон, 1366 с.
13. Хоҷаев Д. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна / Д. Хоҷаев. – Душанбе: Диловар-ДДМТ, 1998. - 152 с.
14. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик / С. Ҳалимов. - Душанбе, 1979. - 95 с.
15. Ҳочиев С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX / С. Ҳалимов. – Душанбе: Дониш, 1987. - 167 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ (Дар зери назари М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошимов, Н.А. Маъсумӣ). – М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.1. - 952 с.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ (Дар зери назари М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошимов, Н.А. Маъсумӣ). – М.: Саветская энциклопедия, 1969. - Ҷ.2. - 949 с.
18. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2010. - Ҷ.1. - 949 с.
19. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2010. - Ҷ.2. - 944 с.
20. Шакурӣ, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад / М. Шакурӣ. – Душанбе: Ирфон, 2005. - 400 с.
21. Шарифова Ф. Таҳаввули ҷумлаи содаи забони тоҷикӣ / Ф. Шарифова. Қ.1. – Душанбе, 2012. - 224 с.

22. Шодиев Б.Ғ. Таҳаввулоти луғавӣ ва инъикоси он дар забони васоити ахбори омма / Б.Ғ. Шодиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – № 4. - С.310-314.
23. Шодиев Б.Ғ. Таҳаввулоти маъноӣ дар вазифаи грамматикии пешоянди “аз” / Б.Ғ. Шодиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.
24. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. - Ҷ.3. - 271 с.

Манбаи таҳқиқ

А.с., –Адабиёт ва санъат, 2015, 2018.
Т.с., –Тоҷикистони советӣ, 1982.
Ҷумҳурият, –2014, 2015, 2016.

ТАҲАВВУЛОТИ ГРАММАТИКӢ ДАР ПАЙВАНДАКҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар ин мақола истифодаи пайвандакҳои забони тоҷикӣ дар осори адабиёти классикӣ, маводи матбуоти замони шӯравӣ ва матбуоти замони истиқлол дар шакли муқоиса мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Таҳаввули пайвандакҳои забони тоҷикӣ дар тӯли таърих бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд. Дар ҷараёни инкишофу тараққиёти таърихии забони тоҷикӣ тамоми қисматҳои забон, аз ҷумла сохтори пайвандакҳо низ ба тағйироту таҳаввулоти ҷиддӣ дучор гардидаанд. Инчунин, яке аз таҳаввулоти назаррасе, ки дар забони матбуоти замони истиқлол мушоҳида мешавад, бо таъсири тарҷума пайдо гардидани пайвандакҳои нав дар забони тоҷикӣ ва пайваста зиёд шудани дараҷаи истифодаи онҳо дар иборау ҷумлабандии маводи матбуот мебошад. Як қисми пайвандакҳое, ки дар осори замони классикӣ мушоҳида мегарданд, имрӯз доираи истеъмоли онҳо то андозае маҳдуд ва ё архаизм шудаанд. Ҳар навигарӣ ва дигаргуние, ки дар забон ба вуҷуд меояд, пеш аз ҳама, тавассути матбуот дар калимаю истилоҳоти нав ифода мегардад. Бесабаб нест, ки инкишофи забонро, қабл аз ҳама, аз рӯйи забони васоити ахбори омма, хусусан рӯзномаҳо таҳлилу таҳқиқ мекунанд. Забони тоҷикӣ таърихи дуру дарози таҳаввулот ва рушду такомули хатгиву шифоҳиро паси сар намуда, дар баробари дигар забонҳои бонуфузи дунё, таҳаввулоту тағйироти зиёдеро аз сар гузаронидааст. Хусусан, баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолият, давраи дигари ташаккулу рушди забони тоҷикӣ оғоз шуд.

Калидвожаҳо: таҳаввулот, инкишофи грамматикии забон, пайвандакҳои таркибӣ, осори давраи классикӣ, матбуоти шӯравӣ, матбуоти замони истиқлол ва ғайра.

ГРАММАТИЧЕСКАЯ ЭВОЛЮЦИЯ СОЮЗОВ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье в форме сравнительного исследования рассматривается использование союзов таджикского языка в произведениях классической литературы, материалах советской печати и печати периода независимости. Эволюция союзов таджикского языка на протяжении истории иллюстрируется конкретными примерами. В процессе исторического развития таджикского языка все части языкознания, включая структуру союзов, претерпели значительные изменения. Также одним из значительных изменений в языке прессы периода независимости является появление новых союзов в таджикском языке под влиянием перевода и неуклонное увеличение их использования в печати. Некоторые союзы встречаются в произведениях классического периода, сегодня диапазон их использования несколько ограничен или архаичен. Каждое нововведение и изменение, происходящее в языке, отражается, прежде всего, в печати в новых словах и терминах. Небеспричинно, что языковое развитие анализируется и исследуется, прежде всего, на материлах языка средств массовой информации, в частности газет. Таджикский язык прошёл долгую историческую эволюцию письменной и устной речи и наряду с другими влиятельными языками мира претерпел множество изменений и трансформаций. В частности, после распада Советского Союза и обретения независимости начался очередной период становления и развития таджикского языка.

Ключевые слова: эволюция, грамматическое развитие языка, составные союзы, произведения классического периода, советская пресса, пресса независимости и др.

GRAMMATIC EVOLUTION OF CONJUCTIONS IN TAJIK LANGUAGE

The article is focused on research and comparative study of usage of conjunctions in Tajik language in the works of classic literature, in materials of the Soviet press and the press of the independence period. The evolution of the Tajik language conjunctions throughout history is illustrated in specific examples. In the process of the historical development of the Tajik language, all parts of linguistics, including the structure of conjunctions have undergone significant changes. Also, one of the significant changes in the language of the press during the period of independence is the emergence of new unions in the Tajik language under the influence of translation and the steady increase in their usage in press. Some conjunctions are found in the works of the classical period; today the range of their use is somewhat limited or archaic. Every innovation and change which take place in the language is reflected, first of all, in press, in new words and terms. It is reasonable that linguistic development is analyzed and researched, first of all, on the materials of the language of the media, especially of newspapers. The Tajik language has gone through a long historical evolution of written and oral, speech and, along with other influential languages of the world, has undergone many changes and transformations. In particular, after the collapse of the Soviet Union and gaining independence, another period of formation and development of the Tajik language has started.

Key words: evolution, grammatical development of the language, compound conjunctions, works of the classical period, Soviet press, independence press, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодиев Баҳодур Ғозиевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ. 17. E-mail: **Shodiev-Bahodur@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 985-88-99-18**

Сведение об авторе: ***Шодиев Баходур Гозиевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Shodiev-Bahodur@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 985-88-99-18**

Information about the author: ***Shodiev Bahodur Gozievich*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate dotsent of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Shodiev-Bahodur@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 985-88-99-18**

УДК: 42:491.550

ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ БЕМУОДИЛИ МУВАҚҚАТӢ ВА МУШКИЛОТИ ТАРҶУМАИ ОНҲО

(дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)

Кесамирова С.Р.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Ҳар як забон дорои воҳиду таркибҳои махсуси луғавию маъноӣ ва грамматикӣ буда, аз якдигар на танҳо аз назари мавҷудияти воқеӣ, балки аз нигоҳи ифода ва дарку фаҳмиши мафҳумҳо низ фарқ мекунанд. Мусаллам аст, ки забон восита ва манбаи асосии омӯзиши фарҳангу маданияти халққо аст ва аз ин лиҳоз, инсонҳои гуногун тавассути забон аз фарҳангу маданияти ҳамдигар огаҳӣ пайдо мекунанд. Донистани моҳияти забон ва вусъатёбии таърихи он баҳри ҳалли масъалаҳои умдаи фарҳанги инсонӣ аз масъалаҳои мубрами илми муосир ва ҳаёти иҷтимоӣ муаррифӣ мешавад. Забонро метавон муҳимтарин воситаи мухобирот, маърифат ва омӯзиши падидаи иҷтимоию фарҳангӣ шуморид. Ҳаёти инсон ва фарҳанги моддиву маънавии он дар баробари фарқият бештар дорои умумият мебошад ва ин маънои онро надорад, ки дар забонҳо фарқият дида намешавад. Маъмулан дар дунё забоне вуҷуд надорад, ки аз рӯйи сохтор ва меъёрҳои забонӣ ба дигар забон комилан монанд бошад. Шояд аз ин сабаб бошад, ки дар илми забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума мафҳуми муодилнокӣ ҳамчун як масъалаи таҳқиқоти илмӣ қарор гирифт. Бо рушди хат, омӯзиши забони хориҷӣ ва ҳангоми таҷрибаи тарҷумаи хаттӣ зарурати муайянсозии мутобиқати воҳидҳои луғавии байнизабонӣ ба вуҷуд омад, ки ин ба пайдоиши луғатҳои дузабона оварда расонд. Дар натиҷа, таҳлили муқоисавии воҳидҳои луғавии байнизабонӣ рушд кард. Яке аз сабабҳои асосии омӯзиши қонунияти мутобиқатҳои байнизабонӣ ин тафаккури ба ҳам наздик доштани инсонҳо буда, аз нигоҳи физиологӣ, равоншиносӣ, мантиқӣ ва ҳамдигарфаҳмии одамон сарчашма мегирад. Ҳаёти инсон ва фарҳанги моддиву маънавии он нисбат ба фарқият бештар дорои умумият мебошад. Ҳар як забон дорои таркибҳои махсуси луғавӣ-маъноӣ ва грамматикӣ буда, аз якдигар на танҳо аз назари мавҷудияти воқеӣ, балки аз нигоҳи фаҳмиши тасвири ҷаҳон низ фарқ мекунанд. Забон поягузори аввалини омӯзиши фарҳангу маданияти халқиятҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, инсонҳо тавассути забон аз фарҳангу маданияти ҳамдигар огаҳӣ пайдо мекунанд. Аз даврони қадим тарҷума яке аз намуди фаъолияти инсонӣ ба шумор рафта, ҷараёни мураккаб ва гуногунҷанба мебошад. Одатан дар раванди тарҷума маълумот аз як забон ба забони дигар интиқол дода мешавад ва дар ин ҳолат на танҳо ахбори забон, балки фарҳангу тамаддун ва расму оини он забонҳо низ гузариш меёбанд. Масъалаи бемуодилии воҳидҳои луғавии байнизабонӣ тақрибан аз нимаи асри гузашта таҳти таҳқиқот қарор дорад. Ин яке аз муҳимтарин масъалаи илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ ба шумор меравад. Бо назардошти он ки оид ба ин масъала забоншиносони тоҷик кам таҳқиқот бурдаанд, нуқтаи мазкур дар илми забоншиносии тоҷик аҳамиятноктарин масъала ба шумор меравад. Дар бораи бемуодилии воҳидҳои луғавӣ аввали солҳои 50-ум забоншиносони бузург, мисли Я.И. Ретскер, А.О. Иванов, А.В. Фёдоров, Л.С. Бархударов, С. Влахов, С. Флорин, Л.Н. Соболев, Г.В. Чернов ва аз забоншиносони тоҷик дар давраи муосир Ф. М. Турсунов оид ба ин масъала истинодҳо оварда, кору фаъолият бурданд. Чи тавре ки қайд намудем, ба гурӯҳи бемуодил воҳидҳои луғавии калимаҳое дохил мешаванд, ки ҷанбаҳои миллии хосси як миллатро дар бар гирифта, дар забони дигар миллат муодили худро надоранд. Онҳоро чун истилоҳ забоншиноси хориҷӣ мисли П. Нюмарк culture-specific items; culture-bound terms; cultural items ва ғайраҳо номгузорӣ мекард [8, с.292].

Мақсад аз навиштани мақолаи мазкур муайян намудани мафҳум ва моҳияти воҳидҳои луғавии бемуодили муваққатӣ ва мушкилоти роҳҳои тарҷумаи онҳо дар раванди тарҷума дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мебошад.

Калима ва таркибҳои устуворе, ки дар як забон вуҷуд доранд ва дар дигар забон муодили худро надоранд, воҳидҳои луғавии бемуодил номида мешаванд, аммо ин маънои онро надорад, ки ҳамон мафҳум бо воситаҳои дигар забонҳо ифода карда намешавад. Роҳу усулҳои махсусе вуҷуд доранд, ки чунин гурӯҳи калимаҳо бо ҳар гуна воситаҳо дар

забони тарҷума маънидод карда мешавад. В.Н. Крупнов ва К.Л. Латишев воҳидҳои луғавии бемуодилро ба чор гурӯҳ тақсим намудаанд, ки онҳо *реалия-калима, воҳидҳои бемуодили муваққатӣ, воҳидҳои бемуодили тасодуфӣ ва экзотизмҳои сохторӣ* мебошанд [5].

Воҳидҳои бемуодили муваққатӣ аз рӯйи сохту мазмунашон ба реалия-калимаҳо монанд мебошанд ва он воҳидҳои луғавиеро дар бар мегиранд, ки бо сабабҳои рушди илму техника ин гуна калимаҳо дар як забон шиносанд ва ба дигар забон нав ворид шудаанд, яъне онҳоро мардум нав қабул карда истифода мебаранд, вале воҳидҳои луғавӣ барои онҳо бегона мебошанд. Сабаби пайдоиши чунин бемуодилҳои муваққатӣ дар нобаробарии рушду тараққиёти техника дар мамлакатҳои дунё мебошад. Мисол, калимаҳои *computer-компютер, mobilephone-мобайлфон, printer-принтер, catridge-катриҷ* як муддат ҳамчун бемуодилҳои муваққатӣ ба шумор мерафтанд, вале ҳозир онҳо ҳамчун истилоҳи техникӣ ба ҳама мардуми тоҷик шинос буда, ба сифати калимаҳои иқтибосӣ дар забони мо арзи вуҷуд мекунанд. Баъзе мисолҳои бемуодилҳои муваққатиро дида мебароем: make-up - косметика (рангу равғанҳои ороишӣ), concealer – консиллер, hamburger - ҳамбургер (гӯшти буридаи гов бо нон), second-hand - истифодашуда, аз дасти дуюм харидашуда, toaster - дастгоҳи гарм кардани нон, тафдон, шахси қадаҳгӯй, bowling - тӯби чӯбин, гӯйи чӯбин, гулӯла (дар бозии боулинг), marketing - хариду фурӯш, доду ситад, тиҷорат, бозорёбӣ, маркетинг, supermarket - фурӯшгоҳи бузург, мағозаи калон, супермаркет, reiting - сарзаниш, танбеҳ, дараҷабандӣ, рутба, баҳо (дар мактаб), оморгирӣ (шунавандагон ё тамошобинон), табақабандии филмҳои синамо, mixer - тех. дастгоҳ барои омехтан, махлут кардан, омезгар, махлуткун, sale – фурӯш бо тахфифи калон, музояда, фурӯш бо нархи арзон, designer - тарроҳ, конструктор, рассом –ороишдиҳанда, маккор, фитнагар, crossword - кроссворд, чистони вожаҳо, fast-food – тезтайёр, coffee-break - танаффуси қаҳванӯшӣ, babyshop - мағозаи кӯдакона, credit - тиҷ. қарз, насия, hotdog – хотдог, fitness club - клуби тандурустӣ (варзишӣ), book-maker - ношир, саҳҳоф, виростор, даллоли шартбандӣ (book-maker centre – маркази букмекерӣ).

Дар бобати тарҷуманашавандаҳо А. В. Фёдоров қайд менамояд, ки «…чунин воҳидҳо ва хусусиятҳои тарҷуманашаванда дар забон ҳақиқатан вуҷуд доранд. Тарҷуманашавандаҳо гуфта он хусусиятҳои хосси аломатҳои забониеро меноманд, ки мутобиқати формалӣ надоранд, онҳоро чун тарҷуманашаванда номидан мумкин нест, балки он аломатҳои забоние, ки дар матни асл аз нормаҳои умумии забонӣ рад шудаанд онҳо ба гурӯҳи тарҷуманашавандаҳо дохил мешаванд ва ба ҷумлаи чунин воҳидҳо диалектизмҳо ва жаргонҳои ҷомеавӣ, ки тобишҳои минтақавии худи ҳамон миллатро доро мебошанд, онҳоро чун тарҷуманашавандаҳо ҳисобидан мумкин аст» [7, с.168].

Тамоми гурӯҳҳои воҳидҳои луғавии бемуодил аз нигоҳи тарҷума ба ҳам монандиҳо доранд. Дар ин қатор, реалияҳоро бо лакунаҳо омехта мекунанд, аммо онҳо аз ҳам фарқ доранд. Реалияҳо предмет ва ашёҳоеро дар бар мегиранд, ки хосси як миллат ҳастанд, вале лакунаҳо дар ҳаёти ҳарду халқияти забонҳои муқоисашаванда вуҷуд доранд, танҳо номи худро ҳамчун муодили устувор пайдо карда наметавонад.

Оид ба моҳияти муодилнокӣ ва бемуодилии воҳидҳои луғавии байнизабонӣ дар тараддуди олимони англис низ, мисли Т. Сайворӣ навгониҳои илмӣ дида мешавад, ки дар яке аз нашрияҳояш гуфтааст: «trouble of a different kind arise from gaps in languages which cannot be filled in translating, because for a word that may be quite familiar in one language there is no equivalent in another» [10, с.14].

Аз рӯйи ақидаи Т. Сайворӣ мушкилоти зиёд дар гуногунии маъно ва сохтори воҳидҳои луғавии забонҳо дида мешаванд, ки дар раванди тарҷума чунин воҳидҳо дар дигар забон тарҷумаи комили худро намеёбанд. Тарҷумон бо ҳолатҳое дучор мегардад, ки калима дар матни асл сода ва фаҳмо буда, ҳангоми интиқол додани он ба забони дигар бинобар надоштани муодили комил мушкилӣ эҷод мекунад.

Бояд қайд намуд, ки тамоми воҳидҳои бемуодили муваққатӣ бо мурури замон ҳангоми ёфтани муодили устувор ба калимаҳои иқтибосӣ мубаддал мегарданд.

Масалан, калимаи ***make-up*** бемуодили муваққатӣ ба шумор рафта, аз феъли иборавии *make (v) + up (adv)* иборат мебошад. Феъли ***make*** маънои *истеҳсол кардан, сохтан, ба вуҷуд оварданро* дошта, ***up*** ҳамчун зарф маънои *ба боло, дар болоро* мефаҳмонад. Ин ду калима дар якҷоягӣ маънои *як тарзу усули якҷоякунии таркибҳо, сафҳабандӣ ё тарзи сохтори чезеро* ифода менамояд. Дар фарҳанги этимологии забони англисӣ ин

ибораи феълӣ маънои *аз якҷоякунии ду шакл сохтани як шакли дигарро* ифода кардааст. Муодили ин ибора дар солҳои 1660-ум (*баҳсу мунозираро ба охир расонидан, сулҳ кардан, оштӣ кардан, ноиттифоқиро бартараф намудан ва аз нав дӯсту рафиқ шудан*) буд. Баъдан соли 1825 бо мазмуни *моҳирона истеҳсол намудани чизе* истифода мешуд [9]. Дар замони муосир ин ибора бештар ҳамчун исм истифода шуда, маънои *намуди зоҳириӣ рӯй ва либосро* дар назар дорад. Дар фазои фарҳангии тоҷикзабонон ин ибора нав буда, байни ҷавонону наврасон васеъ истифода мегардад ва бештар дар марказҳои кошонаи ҳусн ба кор бурда мешавад. Соҳибзабонони тоҷик, ки аз забони англисӣ каму беш бохабар ҳастанд, маънои ин ибораро сарфаҳм мераванд, вале умуман ин ибора дар забони тоҷикӣ ҳоло муодили худро наёфтааст ва дар фарҳанги забони англисӣ ва тоҷикӣ бо маънои ***косметика (рангу равғанҳои ороишӣ)*** шарҳ ёфтааст [9]. Шарҳи ин фарҳанг муодил шуда наметавонад, чунки ***косметика*** калимаи иқтибосии забони русӣ мебошад. Ин ибора дар забони русӣ муодили худро чун ***макиаж*** пайдо намудааст, ки дар забони тоҷикӣ то ҳол ин ҳамчун ибораи бемуодили муваққатӣ ба шумор меравад.

Калимаи дигари англисие, ки муодили пурраи худро дар забони тоҷикӣ надорад, ***hamburger*** мебошад. ***Hamburger*** худ реалия ба шумор рафта, дар забони тоҷикӣ аз сабаби серистеъмол буданаш ба воҳиди луғавии бемуодили муваққатӣ мубаддал гаштааст.

Реалияи ***hamburger*** аз номи шаҳри Hamburg-и мамлакати Олмон ба вуҷуд омадааст. Тибқи маълумоти мавҷуда, шахсоне, ки аз шаҳри Ҳамбург ба ИМА баъд аз ҷанг бадарға шуда буданд, намудҳои гуногуни гӯштҳоро дар киштиҳо бо худ оварда, як лавҳачаи гӯштро ба монанди "*стейк*" бирён намуда, дар байни нон монда мехӯрданд. Ин намуди таом дар ИМА хеле машҳур шуда, ҳамчун калимаи ***hamburger*** ном гузошта шуд. Пеш аз ин халқи англис ***sandwich- сандвич (пораи нони бо ҳасиб)*** -и худро дошт. Баъдан калимаи ***hamburger*** дар фарҳанги этимологии забони англисӣ маънои *сандвичи аз кулча ва гӯшти кабоб тайёркардашуда*ро гирифт. Шакли кӯтоҳи ин калима ***burger*** буда, барои муайян сохтани маҳсулоти дар он истифодашуда, префикси ***ham-*** ро ба он пайваст намуданд. Дигар калима ба монанди ин хӯрок ***cheeseburger*** мебошад, ки дар ин калима ***cheese-*** ҳамчун префикс истифода шудааст [9].

Тавре қайд намудем, ин префикс барои равшанӣ андохтани маҳсулоти ин хӯрок, ки аз панир тайёр карда шудааст, истифода мешавад. ***Hamburger***ро дар тамоми марказҳои хӯрокхӯрии "***тезтайёр***", яъне ***fastfood*** тамоми мардуми халқи тоҷик истеъмол мекунанд, вале на ҳамаи онҳо мафҳуми ин калимаро дарк мекунанд. Чунки ҳам калимаи ***hamburger*** ва ҳам калимаи ***fastfood*** ба воҳидҳои луғавии бемуодили муваққатӣ дохил мешаванд.

Калимаи ***marketing*** аслан реалия набуда, як истилоҳи иқтисодии забони англисӣ ба шумор меравад. Сабаби ба гурӯҳи бемуодилҳои муваққатӣ дохил намудани ин калима дар он аст, ки дар фазои фарҳангии тоҷикзабонон хеле бисёр истифода мешавад. Дар фарҳанги забони англисӣ ва тоҷикӣ маънои ***хариду фурӯш, доду ситад, тиҷорат, бозорёбӣ, маркетинг*** шарҳ дода шудааст. Дар фарҳанги этимологии забони англисӣ ин калима ҳамчун як раванди тиҷорат, хариду фурӯш, савдои мол дар бозор маънидод шудааст. Аз рӯйи сохт ин калима феъли исмшуда ба шумор рафта, ***market*** ҳамчун феъл *бозорӣ кардан аст* ва пасванди ***–ing***, ки пасванди герундии забони англисӣ мебошад, пасванди исмсоз аст. Дар солҳои 1897 ин калима ҳамчун истилоҳи иқтисодӣ, як раванди бурду оварди молҳои истеҳсолшударо дар бар мегирифт, ки ба истеъмолкунандагон ба таври таблиғ пешниҳод мешуд [9]. Дар замони муосир ин калимаро бештар дар таблиғҳои телевизионӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо воҳӯрдан мумкин аст, ки бештар барои эълон намудани тахфифҳои бозорӣ истифода мешавад. Вақте ки мо калимаи ***marketing***ро истифода мебарем, мардуми тоҷик пай мебарад, ки сухан дар бораи иқтисодиёт меравад, вале худи ин калимаро қисман маънидод карда наметавонанд ва онро дар шакли забони англисӣ ҳамчун ***маркетинг*** истифода мебаранд, ки дар замони мо ин ҳамчун калимаи бемуодили муваққатӣ ҳисоб меёбад.

Калимаи мураккаби дигар ин ***supermarket*** мебошад, ки аз ду реша ***super*** – *берун аз андоза*, калон ва ***market-*** *бозор* иборат буда, дар якҷоягӣ як калимаи мураккабро ташкил намудааст ва ҳамчун исм дар фарҳанги забони англисӣ ва тоҷикӣ маънои ***фурӯшгоҳи бузург, мағозаи калон, супермаркет***ро гирифтааст. Дар забони англисии солҳои гузашта онро дар шакли ***superstore*** истифода мебурданд, вале ҳозир бошад, онро ҳамчун ***supermarket*** ва дар баробари ин, калимаи дигар чун ***hypermarket*** мавриди истифода қарор

дорад. Калимаи ***hypermarket*** аз ***supermarket*** бо андозаи калон ва моли бисёр доштанаш фарқ мекунад. ***Hypermarket*** як маркази савдое мебошад, ки дар он ба ғайр аз фурӯши мол, марказҳои вақтхушкунӣ, тарабхона, таваққуфгоҳҳои автомобилӣ ва ғайра ҷойгир мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ***hypermarket*** мо метавонем маркази савдои "Ashan" - ро номбар кунем, вале дар забони мардуми халқи тоҷик ин калима ҳамчун ***гипермаркет*** эътироф шуда, то ҳол муодили худро пайдо накардааст. Бо мурури замон ин ва калимаҳои дигари ҳамин гурӯҳ вирди забон гашта, аз гурӯҳи калимаҳои бемуодил берун меоянд ва ҳамчун калимаи иқтибосии захираи луғавии забони тоҷикӣ ҷой мегиранд.

Воҳиди бемуодили муваққатии дигар ин ***crossword*** мебошад. Ин калима низ чун калимаи мураккаб ба шумор меравад, чунки аз ду реша *cross (adj.)* + *word (noun)* иборат аст. Калимаи ***cross*** ҳамчун сифат маънои ***миёнабур, бадқаҳр, малул***ро дошта, ***word*** ҳамчун исм ***калима*** тарҷума мешавад. Калимаи мураккаби ***crossword*** дар фарҳанги забони англисӣ ва тоҷикӣ бо мазмуни ***кроссворд, чистони вожаҳо*** шакл гирифтааст. Ин калима як номи бозиеро ифода менамояд, ки дар он саволҳо ба таври мантиқӣ дода шудаанд ва ҷавобҳо дар як ҷадвали махсуси калимаҳо ба таври уфуқӣ ва амудӣ хат зада ёфта мешаванд. Аввалин бор ин бозӣ дар рӯзномаи "The New York World" 21- уми декабри соли 1913 бо номи ***word-cross*** истифода шуда буд, ки соли 1925 ҳамчун исм номи кӯтоҳи ***crossword***-ро гирифт [9]. Имрӯз халқи тоҷик низ онро ҳамчун ***кроссворд*** дар тамоми рӯзномаву маҷаллаҳо истифода бурда, маънои ин калимаро бо мафҳуми "*хатзании калима*" сарфаҳм намераванд. Ҳарчанд, дар луғат эзоҳи ин калима ***чистони вожаҷӯ*** маънидод шудааст, дар тамоми ҷо онро чун ***кроссворд*** ҳам менависанд ва ҳам дар забони гуфтугӯии тоҷикӣ талаффуз менамоянд.

Ҳамин тавр, воҳидҳои луғавии бемуодил ва роҳҳои тарҷумаи онҳо дар замони муосир яке аз масъалаи мубрами тарҷумашиносӣ ба шумор рафта, то ҳол мавриди тадқиқотҳои илмӣ қарор доранд. Сабабҳои пайдоиши чунин воҳидҳои луғавии бемуодил дар мухталиф будани фарҳангу маданияти халқиятҳо, пешравии босуръати илму техника дар мамлакатҳои дунё ва гуногунии расму русуми миллии ҳар як давлат инъикос мегардад. Воҳидҳои бемуодили муваққатӣ, ин маънои онро надорад, ки онҳо дар матн тамоман тарҷума намешаванд. Муҳаққиқони илми тарҷумашиносӣ роҳу усулҳоеро пешкаш менамоянд, ки чунин воҳидҳои луғавии бемуодил аз як забон ба забони дигар то ҳадди имкон тарҷума мегарданд ва ҳатто бо мурури замон ба калимаҳои иқтибосӣ мубаддал мегарданд.

Муқарриз: ***Мусоямов З.М.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДДЗТ ба номи С.Улуғзода.

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов, Л.С. Язык и перевод: Вопросы общей и частной теории перевода / Л.С. Бархударов. - 3-е изд. - М.: ЛКИ, 2010. - 240 с.
2. Верещагин, Е.М. Язык и культура. Лингвострановедение в преподовании русского языка как иностранного / Е.М. Верещагин, В.Г. Костомаров. - 4-е изд., перераб. и доп. - М.: Рус. Яз., 1990. – 246 с.
3. Вернигорова, В.А. Перевод реалий как объекта межкультурной коммуникации / В.А. Вернигорова // Молодой ученый. - 2010. - №3(14). - С.184-186.
4. Иванов, А.О. Безэквивалентная лексика: перевод, язык, культура: учеб. пособие / А.О. Иванов. - СПб.: Филол. фак. С.-Петерб. гос. ун-та, 2006. – 192 с.
5. Крупнов, В.Н. Курс перевода. Английский язык: Общественно-политическая лексика / В.Н. Крупнов. - М.: Международные отношения, 1979. – 232 с.
6. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе, 2007. – 1079 с.
7. Фёдоров, А.В. Основы общей теории перевода (лингвистические проблемы) / А.В. Фёдоров. - СПб., 2002. - 416 с.
8. Newmark, P. A Textbook of Translation / P. Newmark. - New York, 1988. - 292 p.
9. Online Etymology Dictionary | Origin, history and meaning of English words [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://www.etymonline.com/
10. Savory, T. The art of translation / T. Savory. – London, 1957. - 159 p.
11. Stolze, Radegundis. The hermeneutic approach in translation. Creating "presence" translation / Radegundis Stolze // Claims, Changes and Challenges in Translation Studies. – Amsterdam, 2004. – P.39-50.
12. Tytler, A.F. Essay on the principles of Translation. Amsterdam. Studies in the theory and history of Linguistic studies. Book 1. / A.F. Tytler. – Amsterdam, 1978. – Vol. 13. – 457 p.
13. Tytler, Alexander Fraser (1850). Universal History – From the Creation of the World to the Beginning of the 18th Century / Alexander Fraser Tytler. - Boston: Fetridge and Company (1850), 1834. - 489 p.
14. Tytler, Alexander Fraser (1784) Essay on the Life and Character of Petrarch, with Translation of Seven Sonnets / Alexander Fraser Tytler. - Boston: Fetridge and Company (1850), 1834. - 392 p.
15. Tytler, op. cit., Book 1, Chapter VI – Political reflections arising from the history of Greece. - P.216.

Мақолаи мазкур марбут ба масъалаи воҳидҳои луғавии бемуодил буда, мубрамияти онро дар тарҷумашиносӣ ва забоншиносӣ нишон додааст. Инчунин дарҷ шудааст, ки ба гурӯҳи воҳидҳои луғавии бемуодил калимаҳое дохил мешаванд, ки ҷанбаҳои миллии хосси як миллатро дар бар гирифта, дар дигар забон муодили худро надоранд. Онҳоро чун истилоҳ забоншиноси хориҷӣ мисли П. Нюмарк culture-specific items; culture-bound terms; cultural items номгузорӣ кардааст. Дар мақола таснифоти гурӯҳҳои воҳидҳои луғавии бемуодил чун реалия-калима, воҳидҳои бемуодили муваққатӣ, воҳидҳои бемуодили тасодуфӣ ва экзотизмҳои сохторӣ ҷой дода шудаанд. Ҳамчунин сабаби асосии пайдоиши чунин бемуодилҳои муваққатӣ дар нобаробарии рушду тараққиёти техника дар мамлакатҳои дунё ва мухталиф будани фарҳангу маданият ва гуногунии сохтори грамматикии забон нишон дода шудааст. Дар баробари воҳидҳои луғавии бемуодили муваққатӣ дигар воҳидҳои бемуодил, реалияҳо ва лакунаҳо низ ёдовар мешаванд. Дар ин раванд фарқияти реалияҳо аз лакунаҳо дарҷ мегардад. Реалияҳо предмет ва ашёҳоеро дар бар мегиранд, ки хосси як миллат ҳастанд, вале лакунаҳо дар ҳаёти ҳарду халқияти забонҳои муқоисашаванда вуҷуд доранд, танҳо номи худро ҳамчун муодили устувор пайдо карда наметавонад. Таҳқиқоти мазкур воҳидҳои луғавии бемуодил ва роҳҳои тарҷумаи онро дар замони муосир яке аз масъалаи мубрами тарҷумашиносӣ шумурда, онро ҳамчун як комплекси масъалаҳои ҳалли худро наёфта нишон медиҳад.

Калидвожаҳо: тарҷума, забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, воҳидҳои луғавии бемуодил, бемуодилҳои муваққатӣ, бемуодили тасодуфӣ, реалия, лакуна, транслитератсия, калка.

ВРЕМЕННЫЕ БЕЗЭКВИВАЛЕНТНЫЕ ЛЕКСИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ И ПРОБЛЕМА ИХ ПЕРЕВОДА

(на примере английского и таджикского языков)

Данная статья рассматривает актуальность вопросов безэквивалентных лексических единиц в переводоведении и лингвистике. Также отмечается, что в группу безэквивалентных лексических единиц входят слова, которые содержат национальные свойства одной нации, не имеющие эквивалента в другом языке. Иностранные лингвисты, такие как П. Ньюмарк, называют их culture-specific items; culture-bound terms; cultural items. В статье приведена классифиция групп безэквивалентных лексических единиц, как слов-реалий, временных безэквивалентных единиц, случайных безэквивалентных единиц и структурных экзотизмов. Также показаны основные причины возникновения временных безэквивалентных единиц, которые связаны с неравным развитием технологий в различных странах мира, разнообразием культуры и грамматической структуры языка. Наряду с временными безэквивалентными лексическими единицами, рассматриваются и другие безэквивалентные единицы, реалии и лакуны. В этом процессе раскрывается разница между реалиями и лакунами. Реалии включают в себя вещи и объекты, которые свойственны одной нации, лакуны, в отличие от них, участвуют в жизни обоих сопоставляемых народностей, однако они не могут существовать в качестве стабильного эквивалента. Данное исследование относит безэквивалентные лексические единицы и способы их перевода к одной из важнейших проблем переводоведения современной эпохи и показывает их как комплекс нерешенных вопросов.

Ключевые слова: перевод, английский, таджикский язык, лингвистика, переводоведение, безэквивалентные лексические единицы, временные безэквиваленты, случайные безэквиваленты, реалии, лакуны, транслитерация, калька.

TEMPORARY NON-EQUIVALENT LEXICAL UNITS AND THE PROBLEM OF THEIR TRANSLATION

(on the example of english and tajik languages)

This article examines the relevance of questions of equivalent lexical units in translation studies and linguistics. It is also noted that the group of nonequivalent lexical units includes words that contain the national properties of one nation and lacking an equivalent in another language. Foreign linguists such as P. Newmark call them culture-specific items; culture-bound terms; cultural items. The article contains a classification of groups of nonequivalent lexical units as real words, temporary nonequivalent units, random nonequivalent units and structural exotisms. Also are shown the main causes of the emergence of temporary equivalent units that are associated with the unequal development of technologies in different countries of the world, the diversity of culture and grammatical structure of the language. Along with temporary non-equivalent lexical units, other non-equivalent units, realities and lacunas are also recalled. In this process, the difference between realities and lacunas is revealed. Realities include things and objects that are characteristic of one nation, lacunae, but unlike them, participate in the life of both national languages being compared, however, they cannot exist as a stable equivalent. This study relates non-equivalent lexical units and methods of their translation to one of the most important problems of translation studies of the modern era and shows it as a complex of unresolved issues.

Key words: translation, English, Tajik, linguistics, translation studies, nonequivalent lexical units, temporary nonequivalents, random nonequivalents, realities, lacunas, transliteration, kalka.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кесамирова Саодат Рустамовна*** **–** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи филологияи англиси факултети забони англисӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Мухаммадиев 17/6. E-mail: skesamirova@gmail.com**.** Тел.: **(+992 37) 232-50-00; (+992) 987-52-41-41**

Сведение об авторе: ***Кесамирова Саодат Рустамовна*** – Таджикский государсвенный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой английской филологии факультета английского языка. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: skesamirova@gmail.com**.** Тел.: **(+992 37) 232-50-00; (+992) 987-52-41-41**

Information about the author: ***Kesamirova Saodat Rustamovna*** – Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, candidate of philological sciencies, head of the Department of English Philology, English Language Faculty. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Muhammadieva Str. 17/6. E-mail: skesamirova@gmail.com**.** Тел.: **(+992 37) 232-50-00; (+992) 987-52-41-41**

УДК: 491.550

ҶОЙГОҲИ ОМОНИМҲО ДАР АШЪОРИ ҲОФИЗ, КАМОЛ ВА САЛМОН

Калонова М.Ҷ.
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯали ибни Сино

Калима муҳимтарин воҳиди забонӣ ба ҳисоб рафта, яке аз масъалаҳои асосӣ ва мубрами омӯзиши он маъно ва муайянкунии он мебошад. Қишрҳои семантикии системаи забон барои муайян намудани хусусият, меъёр ва аломатҳои маъноҳои калима, роҳҳои ба вуҷуд омадани калимаҳои нав, алоқаи маъноӣ, тобишҳои он ва тафовути маъноии калимаҳо мусоидат менамояд. Маънои луғавии калима ва мафҳуми ифодакунандаи он аз муҳимтарин масоили омӯзиши илми лексикологияи муосир ба ҳисоб меравад. Вожаҳои забони тоҷикиро аз рӯйи мафҳум ва маъно ба хелҳои гуногун ҷудо мекунанд, ки яке аз онҳо омонимҳо мебошанд.

Омонимия (юнони қадим «homos»- худи ҳамон баробар ва «onoma»- ном) калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати шакл, яъне тарзи хаттӣ ба ҳам монанд, вале аз ҷиҳати маъно аз ҳам фарқ мекунанд [5, с.157]. Ба ибораи дигар, омонимҳо калимаҳоеанд, ки шаклан якхела буда, маъноҳоеро ифода мекунанд, ки ба ҳам робитае надоранд ва ё дар гузашта алоқае доштаву имрӯз аз байн рафта. Чунин вожаҳоро дар илми забоншиносӣ *калимаҳои ҳамгун* низ гӯянд ва дар илми адабиётшиносӣ *таҷнис.* Ин гуна вожаҳо, омонимҳо дар ташаккули хазинаи забони тоҷикӣ саҳмгузор буда, дар ҳар давру замон мавқеи истеъмоли фаровон доранд. Аз ҷумла, дар асри XIV низ омонимҳо ҷойгоҳи хосса дошта, намояндагони ин аср - Камол, Ҳофиз ва Салмон дар шеъри худ аз онҳо ба касрат суд ҷустаанд, ки онҳоро дар зер як-як таҳлил хоҳем кард.

Чунон ки ба мо маълум аст, соли 2016 дар саросари кишвари азизамон бо супориши Сарвари давлат, муҳтарам Э. Раҳмон 696-солагии К.Хуҷандӣ ҷашн гирифта шуд. Дар робита ба ин, дар шаҳри Хуҷанд конференсияи байналмилалии «Камоли Хуҷандӣ: ташаккули адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ» баргузор гардида, маҷмуи мақолаҳои он рӯйи чоп омад. Дар маҷмуаи мазкур олимони ватаниву хориҷӣ перомуни ҳаёту эҷодиёти шоир ва паҳлуҳои забонии он мақолаҳои тозае таълиф намуданд, ки ҷанбаи илмиашон басо пуразриш аст. Дар ин радиф, метавон аз муҳаққиқи тоҷик А.Абдуқодиров ва Ш.Исматуллозода ном бурд, ки дар мақолоти эшон ҷанбаҳои забонии ғазалиёти Хоҷа Камол матраҳ гардида.

А.Абдуқодиров дар мақолаи худ «Лутфи каломи Камол» бархе аз омонимҳои ашъори Хоҷа Камолро муфассал таҳлил намудааст. Яке аз ҷанбаҳои бартаридоштаи таҳлили мавсумро дар он мебинем, вожаҳоеро ҳамчун омоним ном бурдааст, ки дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ зикрашон нарафта. Мисол: ***Сарой***- 1) дунё, манзил, 2) сароидан; ***Маҳмуд***- 1) нек, хуб, 2) номи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ; ***Чашми бемор***-1) шаҳло, хумор, 2) чашми шахси бемор; ***Биҳишт***-1) исм, 2) феъл аст, ки он аз решаи «ҳиштан»-аз даст додан, маҳрум шудан бо пешванди би- сохта шудааст; ***Тар***-1) аз об тар шудан, 2) гуноҳе, айбе доштан [4, с.14-16].

Дигар аз муҳаққиқини лексикаҳои омонимӣ М. Ахмедова бо такя ба андешаҳои олимон омонимҳоро ба хелҳои пурраю нопурра ҷудо намуда, таъкид мекунад, ки омофон, омоформ ва омограф хелҳои омонимҳои нопурра мебошанд. Номбурда дар рисолаи худ зикр мекунад, ки дар забоншиносии тоҷику форс доир ба омонимҳо ба ҷуз мақолаҳо дигар таҳқиқоти алоҳидае рӯйи чоп наомадааст. Шояд, манзури мавсум аз таҳқиқоти алоҳида, таҳлили омонимҳо дар осори назму насри адибони классик бошад, зеро дар бораи омоним ва қисмҳои он олимони тоҷик (Норматов, А.Муъминов ва диг.) маълумоти муфассал додаанд. Ҳамчунин, худи ӯ низ дар саҳифаи дигар [1, с.7-8] ишора мекунад, ки дар масъалаи омонимҳо аз таҳқиқоти олимони эронӣ, амсоли Баҳром Хоҷа, Аҳмади Бирҷандӣ ва диг. метавон ном бурд. Дар таҳқиқоти М.Ахмедова, ҳамчунин, аз пажӯҳишоти М.Баҳор, Ш.Кабиров, А.Рустамов, Ҳ.Маҷидов, Ш.Рустамов, Д.Саймиддинов, Р.Ғаффоров, Б.Камолиддинов, М.Қосимова, М. Муҳаммадиева, Қ.Тоҳирова, Ҳ.Талбакова, В.С.Расторгуева ва дигарон ишора рафтааст.

Масъалаи омонимия ва хелҳои он аз тарафи забоншинос О.С.Ахманова низ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар асарҳои номбурда масъалаи воҳидҳои луғавии забон, полисемия ва равобити он бо омонимия, вежагиҳои семантикӣ аз назари синхронӣ ва диахронӣ ба таври мушаххас ҳадафи баррасӣ қарор гаштааст.

Дар хусуси таҳқиқи омонимҳо, инчунин, аз олими рус М.Ф. Полевская, М.И. Фомин ва П.А. Соболева метавон ёд кард. П.А. Соболева хусусиятҳои ҷуфти омонимҳоро аз рӯйи мансубият ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва нақши воситаҳои калимасозро дар сохтмони омонимҳо мавриди таҳлилу тарҳрезӣ қарор додааст. Номбурда дар таҳқиқоти худ полисемия ва омонимияи калимасоз, хусусиятҳои воҳидҳои луғавии сермаъно ва иртиботи онҳо бо омонимҳо ва роҳҳои пайдоиши онҳоро нишон додааст, ки мо низ дар мавриди муносиб аз таҳқиқоти пуразиши олимони номбурда истифода намудем.

Дар илми забоншиносӣ тафовути вожаҳои омонимӣ аз калимаҳои сермаъно масъалаи баҳснок аст. Олимони тоҷику рус дар ин хусус ду фикр доранд, ки мувофиқи андешаашон метавон онҳоро ба ду гурӯҳ дастабандӣ намуд. Бархе аз забоншиносон, амсоли А. Муъминов, Л.Булаховский, В.Виноградов, В.Кодухов, Ю. Рубинчик, А.Байзоев, А.Ҳасанов ва диг. бар он назаранд, ки полисемия ва омоним ба ҳам умумият дошта, ҳангоми аз ҳамдигар дур шудани баъзе маънои калима, омонимҳо ба вуҷуд меоянд. Дастаи дигари забоншиносон, чун А.Абдуқодиров, А.Давронов, В.Абаев, Н.Шанский ва ғайра бар он бовараанд, ки калимаҳои сермаъно аз омонимҳо ба куллӣ фарқ доранд ва дар ин бобат олими рус Н. Шанский чунин менависад: «Калимаҳои сермаъноро аз калимаҳои муносибати омонимидошта бояд саҳеҳан ҷудо кард. Калимаҳои омонимӣ тарзи навишт ва талаффузи якхела дошта, маъноянд гуногун мебошад ва ба назар чунин мерасад, ки маъноҳои онҳо байни ҳамдигар иртиботе надоранд» [1, с.27].

Насируддини Тӯсӣ оид ба калимаҳои омонимӣ чунин мефармояд: «…як лафз бар маънии бисёр далолат кунад, онро алфози муттафиқа (ҳамраъй) хонанд ва аз ду навъ холӣ набувад: ё ба вазъи аввал, баъзе аз он маонӣ ниҳода бошанд ва ба сабаби муносибате мушобаҳате бар дигар маонӣ итлоқ кунанд. Монанди итлоқи лафзи мардум бар «ҳайвони нотиқ» ва ба «мардуми масрур». Ва на чунин бувад, балки ҳама дар вазъи мутасовӣ бошанд, бе аввалияте. Монанди итлоқи чашма бар «чашмаи об» ва «чашмаи тароз» ва «чашмаи офтоб»» [5, с.156].

М.Ахмедова дар таҳқиқоти худ бо такя ба андешаи олимон омонимҳоро ба се гурӯҳ: лексикӣ, грамматикӣ ё морфологӣ ва лексикӣ-грамматикӣ ҷудо намуда, дар асоси чунин тасниф омонимҳоро шарҳ додааст. Дар таҳлили ӯ, ҳамчунин, вожаи **ажир** ба назар мерасад, ки маънои *бонги хатар, кӯл ва ҳавзро* ифода мекардааст [1, с.34]. Ин калимаро дар ашъори шоирони асри XIV пайдо накардем. Бояд қайд намуд, ки М.Ахмедова дар мавзӯи «Хусуиятҳои лексикӣ-семантикии омонимҳои забони форсӣ» бисёр таҳқиқоти муфассалу пуразише рӯйи чоп овардааст ва ба қавли худи ӯ низ, дар масъалаи мавқеи омонимҳои забони тоҷикиву форсӣ дар осори бузургон таҳқиқоти алоҳидае таълиф нашудааст. Дар рафти таҳлили омонимҳо вожаҳои *даста* ва *тир*ро мисол оварда, қайд менамояд, ки чунин омонимҳо дар заминаи сермаъноӣ пайдо шудаанд. Ба андешаи мо, вожаи *даста*, ки маъниҳои *ҷамъ, гурӯҳ, бригада, тоифаи дуздону ғаратгарон, тӯда, села, қабзаи гулро* [12, с.639-640] ифода мекунад, яъне, дар маҷмуъ мафҳуми «ҷамъи чизе» -ро ифодагар аст ва ҳамчун калима на омоним, балки танҳо полисемия ба ҳисоб меравад. Калимаи **«тир»** низ маънии *тири милтиқ, чӯби дароз, ҳода, номи моҳи чоруми тақвими ҳиҷрии шамсӣ (яздигурдӣ) дар Эрон* [12, с.414] -ро мефаҳмонад. Яъне, агар ба маънии ҳамаи инҳо назар кунем, равшан мегардад, ки тири милтиқ, чӯб ва моҳ аз рӯйи шакл ба ҳам шабоҳат доранд ва калимаҳои сермаъноянд.

Дар мавзуи таҳқиқи омонимҳо М. Каримова низ муваффақ шудааст. Ӯ дар рисолаи худ роҳҳои гуногуни пайдоиши омонимҳо, таснифот ва шаклҳои онҳоро дар забони тоҷикӣ нишон дода, қайд мекунад, ки пажӯҳишгар М. Ахмедова дар рисолааш омонимҳои забони форсиро мавриди таҳқиқ қарор дода, ҷо-ҷо аз омонимҳои забони тоҷикӣ ёд намудааст. М.Каримова назарияи олимони тоҷику русро пиромуни омонимҳо зикр карда, аз миёни онҳо таърифи пешниҳоднамудаи олими рус Д.Н. Шмелёвро саҳеҳ мешуморад, ки ба назари мо низ, назарияи пешниҳоднамудаи ӯ қобили қабул аст: «Омонимҳо калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати таркиби овозӣ ба ҳам мувофиқанд, яъне шаклан якхелаанд, вале маъноҳоеро ифода мекунанд, ки дар байни онҳо ягон хел умумият вуҷуд надорад. Омонимҳо калимаҳои ҷудогона, мустақил ва дугоникӣ мебошанд» [3, с.5].

Осори назму насри адабиёти классики форсу тоҷик, ки фарогири лексикаи ғановатманде аст, дар ташаккули забони тоҷикӣ ва бойгонии он ниҳоят саҳмгузор аст. М.Ахмедова низ осори манзуму мансури адабиёти классикиро шоёни таҳсин хонда, қайд

мекунад, ки баррасии осори ин давра имкон медиҳад, то вижагиҳои рушду такомули таркиби луғавии забон ва вазъи онро дар давраҳои гуногун муайян намоем.

Омонимҳоеро, ки аз ашъори шоирони асри XIV ҷамъоварӣ намудем, аз рӯйи баромади забонӣ чунинанд:

1. **Оминимҳои мансуб ба забони тоҷикӣ:** *сарой, дод, сухан, хон, бар, боз, чанг, шаш, бод, чаро, ҷом, шона, бор, мемонад, дам, дар, равон, ҳазорон, хар, бахшидан, хор, дӯш, чанг, тоб, ком, тор.*

Вожаи «сарой» дар забони ғазали асри XIV ба ду маънӣ: 1) қаср, боргоҳ, даргоҳ, хона, кошона ва 2) номи шаҳре дар дашти Қипчоқ [11, с.682] омадааст.

Эй ҳафт фалак ба расми дар хост,
Ҳалқа шуда бар дари **сароят** [7, с.352].

Сарое ёфт чун айвони мину,
Париаш бониву хуршед бону [7, с.434].

Шаҳри **Сарой** чун дилат ошуфта шуд, Камол.
Вақт аст, агар азимати Табрез мекунӣ [11, с.21].

Дар забони адабии тоҷикӣ мурод аз ***саро*** феълии амрии саройидан низ дар назар аст. Бояд қайд намоем, ки вожаи «сарой» ба маънии *хона* имрӯз низ дар забони адабӣ ва лаҳҷаҳои минтақаҳои гуногуни кишварамон истифода мешавад, вале каме бо тағйири маъно. Масалан, агар «сарой» дар асрҳои гузашта қаср, яъне бошишгоҳи шоҳро фаҳмонад, имрӯз маънии калимаи мазкур бисёр маҳдуд шуда (танҳо дар таркиби ибораҳои Қасри миллат, Қасри фарҳанг… меояд) ва бештар дар лаҳҷаҳои шимол (н. Мастчоҳ, Панҷакент, Айнӣ - К.М) сарой гуфта, ҷоеро номанд, ки *гову гӯсфандон нигоҳдорӣ шаванд*, ҳамчунин, ба маънии *анбор* низ фаҳмида мешавад.

Вожаи «чок» низ аз калимаҳои омонимӣ ба шумор рафта, чанд маъниро соҳиб аст. Ин вожа дар назми Камол аз рӯйи қайди устод Суруш, танҳо ба маънии *даридагӣ, шикоф, пора* омадааст. Вале мувофиқи маълумоти фарҳангҳо [8, с.542] калимаи зерин, инчунин, маъниҳои 2) дарида, пора-пора, 3) мҷ. кушод, боз, во ва дарзи пироҳанро бар дӯш дорад, ки маъниҳои мазбурро дар назми Ҳофиз пайдо кардан мумкин аст. Дар шакли ибораи *чоки гиребон*, ки киноя аз шукуфтани гул аст, Ҳофиз чунин байти зебое гӯяд:

Душ бод аз сари кӯяш ба гулистон бигзашт,
Эй гул, ин **чоки гиребони** ту бе чизе нест [8, с.542].

Барои мушаххастар муайян кардани маъниҳои вожаи *чок* дунболи лаҳҷаҳо гаштем ва калимаи мазкурро дар н. Мастчоҳ, ҳамчунин, ба маънии навъе аз олоти соҳаи хоҷагидорӣ пайдо намудем, ки зикри чунин маънии калимаи *чок* дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» нарафтааст. Дар н. Ванҷ низ вожаи *чок* мавқеи истеъмолӣ дорад, ки зери ин мафҳум як навъ парандае, ки ба бум шабоҳат дорад, фаҳмида мешавад.

Вожаи *чок* дар шеъри Ҳофиз, Камол ва Салмон бештар дар маънии дарида, пора мустаъмал аст, ки чунин мефармоянд:

Домане гар **чок** шуд дар олами риндӣ чӣ бок?!
Ҷомае дар некномӣ низ мебояд дарид! [2, с.61].

Розам аз **чоки** гиребон шуда фош,
Ки чунон буд, ки пӯшида нашуд [9, с.184].

Чи тавре ба мо аён гашт, дар забони ғазали садаи XIV омонимҳои мансуб ба забони тоҷикӣ иштироки фаъол доранд, ки ин ҳама аз ҳунару талоши соҳибони калом дар нигоҳдории лексикаҳои забони адабии тоҷикӣ ҳушдор медиҳад. Инчунин, натиҷаи мисолҳои бадастовардаи мо нишон медиҳанд, ки омонимҳои асри XIV, ки имрӯз ҳам роиҷанд, ба ҳиссаҳои гунонуни нутқ шомиланд, чунончи: исм (*сухан, чанг, дар, бод, ҷом, хор, ком, тор*), шумора (*шаш, ҳазорон*), асоси замони ҳозираи феъл; исм (*сарой, хар, тоб*), асоси замони гузаштаи феъл; исм (*дод*), зарф; исм (*боз, дам, равон, дӯш*), асоси замони ҳозира-ояндаи феъл (аорист); исм (*мемонад*).

2.Омонимҳои забони арабӣ: *хумор, ҳадис*, *асар, акс.*

Вожаи *хумор* яке аз омонимҳои баҳсталаби ашъори шоирони ин аср ба шумор меравад, зеро мувофиқи шарҳи устод Суруш «хумор» дар шеъри Камол танҳо ба ду маънӣ:

1) ҳолати баъдимастӣ, сардардии баъд аз мастӣ; 2) *дар истилоҳи сӯфия* «руҷъатро гӯянд аз мақоми вусул ва итлоқ ба олами башарият ва ифтироқ» омада, айнан шарҳест, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [8, ҷ.2, с.503] барои модаи луғавии хумор баён шуда. Лекин лозим ба зикр аст, ки Б.Мақсудов ҳангоми тартиб додани баргузидаи ашъори Камоли Хуҷандӣ дар матн ҷо-ҷо шарҳи калимот низ кардааст ва он ҷо калимаи *хумор* ба маънии «кӯшиши беҳуда» [10, с.106] шарҳ ёфтааст. Яъне, агар байти шоҳиди Камолро: *Чӣ судам зи савдои он чашми маст, К-аз ӯ ҳосили ман* ***хумор*** *асту бас* [10, с.106]- ро ба наср гардонем, чунин мешавад: Маро *чӣ суд аст аз савдои он чашми маст, ки аз ӯ ҳосили ман танҳо кӯшиши беҳуда асту бас.* Ва ё Салмон гӯяд:

Мо муридони кӯи **хуморем**,
Сар ба масҷид фурӯ намеорем [7, с.345].

Ман з-ин **хуми исухумор,**
Хоҳам рухи зард сурх кардан [7, с.349].

Яъне, мувофиқи маълумоти шореҳон вожаи *хумор* дар садаи XIV аз зумраи лексикаҳои омонимӣ ба шумор рафта, дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ полисемия маҳсуб меёбад, зеро дар фарҳангҳои муосир танҳо маъниҳои *1) (исм) сардардӣ ва касолате, ки пас аз бартараф шудани кайфи шароб дар инсон пайдо мешавад, ҳолати баъдимастӣ; 2) (сифат) касе ки ба ҳолати хуморӣ дучор шуда бошад; 3) (сифат) вежагии чашме, ки ҳолати хуморӣ дар он намоён бошад* [12] омадааст.

Дигар аз омонимҳои мансуб ба забони арабӣ *ҳадис* буда, дар забони назми асри мавриди таҳқиқи мо 5 маъниро дорост: 1) воқеаи нав ҳодисашуда, рӯйдоди нав, 2) сухан, ҳикоя, қисса, нақл, ривоят, 3) панду андарз ва гуфтори судманди пайғамбар Муҳаммад (с), 4) васф, тафсир, сифат, 5) *мҷ.* орзу, ҳавас, иштиёқ [11, с.859]. Аз миёни маъниҳои номбурда дар забони адабии имрӯза 3 маънии аввали он [8, с.715] дар истеъмол буда, маъниҳои баъдӣ, шояд ба ҳунари маъниофаринии шоирони қарни XIV вобаста бошад.

Хоҷа Камол дар ин мавзуъ миёни дигар ҳамасрони худ чирадастӣ карда, ҳар панҷ маънии вожаи мазкурро дар шеъри худ ҷой додааст, масалан, ба маънии *сухан* чунин гӯяд:

Дар миёни мо **ҳадисе** чун нарафт, ӯро чӣ рафт?
Ҳар яке гӯяд **ҳадисе** аз каноре, чун кунам? [10, с.136].

Салмон гӯяд:

Ҳадиси рафтаро раҳо мекунам, ки он сурат,
Навишта буд он қазо бар саҳифаи тақдир [7, с.288].

1. **Омонимҳои мутааллиқ ба забони арабӣ ва тоҷикӣ**: *савдо, баён ва боб.*

Лексикаи омонимии *савдо* ба маънии аввал, моли забони арабӣ буда, шомили 5 маъност [Ниг: 8, ҷ.2. с.168-169] ва маънии дуюми он боис мегардад, ки онро марбут ба забони тоҷикӣ донем. Вожаи *савдо* дар ашъори шоирони қарни XIV сермаҳсул буда, бо 5 маънии худ дар вожаофаринии шоирон хидмат кардааст, ки чунинанд: 1) *савдо дар истилоҳи тибби қадим яке аз унсури чаҳоргонаи бадан (сафро, балғам, хун, савдо), молихулиё; мҷ. девонагӣ, ҷунун, шайдоӣ* фаҳмида мешуд, ки бо такя бар ин маънӣ Хоҷаи Табрез чунин байте гӯяд:

Табиби шаҳр чӣ тасдеъ медиҳад моро,
Ки кас наёфт ба ҳикмат илоҷи **савдоро.**

2) *мҷ.* орзу, хоҳиш, таманно.

Агар Камол зи лаъли лаби ту ҷӯяд ком,
Аҷаб мадор, ки савдои тӯтиён шакар аст [11, с.652-653].

Дар тоби тавба чанд тавон сӯхт ҳамчу уд,
Май деҳ, ки умр дар сари савдои хом рафт [2, с.61].

3) *дар истилоҳи аҳли тасаввуф* «ҷазбаи Илоҳиро гӯянд, ки оқибаташ ба инҷизоби тамом ва инсилоби (нест шудан, гум шудан) ом муаддӣ (сабаб) гардад» (аз «Миръоти ушшоқ»).

Эй оташи **савдои** туам сӯхта чун уд,
Касеро набарояд зи таманнои ту мақсуд.

4) *мҷ.* ишқ, меҳр, дӯстӣ, муҳаббат.

Сари **савдои** ту танҳо на марост,

Ҳар дилеро ба ғамат бозорест [11, с.652-653].

Ман, ки дар оташи **савдои** ту оҳе назанам,
Кай тавон гуфт, ки бар доғи дилам собир нест [13].

5)тиҷорат, харидуфурӯш:

Зи шарҳи ҳоли ман зулфи ту тӯморест сарбаста,
Агар хоҳӣ хабар, бикшо сари тӯмори **савдоро** [7, 46].

Рӯзгорест, ки **савдои** бутон дини ман аст,
Ғами ин кор нишоти дили ғамгини ман аст [13].

Ба калимоти арабии омонимӣ вожаи *баён* низ мансуб аст, ки бо такя ба таҳлили диахронӣ-синхронӣ маъниҳои имрӯзаи лексикаи «баён»-ро ба инобат гирифта, онро дар радифи вожаҳои омонимӣ ҷойгузорӣ намудем. Омоними мазкур дар забони ғазали садаи XIV танҳо маъниҳои *шарҳ, эзоҳ, изҳор; тавсиф, тасвир карданро* дошта, омоним ба шумор намерафт. Дар забони имрӯзаи тоҷикӣ зери вожаи *баён,* инчунин, яке аз аломатҳои китобат ва як навъи илме, ки овардани як маънӣ ба тариқи гуногунро меомӯзад [12] низ фаҳмида мешавад ва ба маънии аввалаи он иртиботе надоранд ва инҳо боис гардида, ки вожаи *баён* дар забони имрӯз омоним маҳсуб меёбад. Шоирони садаи мавриди таҳқиқи мо ба маънии *изҳору тасвир* абёти ҷолибе офаридаанд, чунончи:

Он чӣ Камол аз он ду рух кард **баён** дар ин ғазал,
Саҳл мабин, ки фикри он ман ба ду моҳ кардаам [11, с.43].

Мекунад ранги рухам аз дили пурзор **баён**,
Худ дар ин ҳол чӣ ҳоҷат ба **баён** аст маро?! [7, с.49].

Дигаре аз чунин омонимҳо вожаи «боб» мебошад. Омоними мазкур дар асрҳои X-XII фарогири 4 маънӣ буда, дар асри XIV 3 маънии он ба кор рафтааст. Яъне, маънии аввали он: *падар ва падари падарро* дар ашъори Камол, Ҳофиз ва Салмон пайдо накардем. Абёти Фирдавсӣ, Асадӣ ва баъдан Саъдии бузург истинод бар онанд, ки дар садаи X-XII калимаи «боб» маънии *падар* ва *падарро (бобо)* низ бар уҳда дошта, чунончи:

Як аз дигар истод он гоҳ дур,
Пур аз дард **бобу** пур аз ранҷ пур (Фирдавсӣ).

Як бор табъи одамиён гиру мардумон,
Гар одам аст **бобату** фарзанди бобакӣ (Асадӣ) [8, с.188].

Дар ашъори шоирони қарни XIV лексикаи «боб» бо чунин маъниҳо омадааст: 1) шоиста, лоиқ, муносиб.

На одамист, ки ҳайвони мутлақаш хонанд,
Гараш тааллуқи **бобе** бад-он париваш нест [11, с.110].

2) фаслу бахш аз китоб, дар дастхатҳои қадим расм буд, ки боби ҳар китобро бо ранги сурх нависанд.

Нақши дарат ҳамеша ба хун баркашад сиришк,
Ҳамчун муҳаррирон, ки ба сурхӣ кашанд **боб** [11, с.110].

Баҳор шарҳи ҷамоли ту дода дар як фасл,
Биҳишт зикри ҷамили ту карда дар ҳар **боб** [7, с.54].

3) дар, дарвоза; равзан; дар борон умеди фатҳи боб аст яъне аз борон дари неъмату арзонӣ кушода мешавад, борони раҳмат равзанаи неъмату арзониро мекушояд, мисол:

Камол, он хоки тар аз гиря тар соз,
Ки дар борон умеди фатҳи **боб** аст [11, с.110].

Дигаронро ҳаваси ҷаннат агар мебошад,
Равзаи ҷаннати Салмон дар туст аз ҳама **боб** [7, с.53].

Рақибам сарзанишҳо кард, к-аз **боб** рух бартоб,
Чӣ афтод ин сари моро, ки хоки дар намеарзад [2].

4. Омоними мансуб ба забони туркӣ ва тоҷикӣ: *хон.*

Вожаи «хон» чун моли забони тоҷикӣ: асоси замони ҳозираи феъл – *хондан* ва исмҳои *хона, дастархонро* ифода мекунад. Мансуб ба забони туркӣ *подшоҳи мугули Туркистон ва ё Осиёи Миёна, хони хонон подшоҳи подшоҳон, шоҳаншоҳ; лакаби хони калони мугулро* мефаҳмонад, ки дар ашъори Камол танҳо ба маънии чоруми он *дастурхон, суфра* ва дар шеъри Салмон ба маънии *хона* омадааст.

Нест бе ӯ лаззате дархӯр, Камол,
Бенамак **хоне,** ки меҳмонеш нест [11, с.833].

Ғам махӯр, Салмон, ба ғам хӯрдан чароғ аз **хони хеш**,
Ҳар ҳумоеро, ки бинӣ, устухоне медиҳад [7, с.114].

Ҳамчунин, ин калима имрӯз дар лаҳҷаҳо низ гунаи истеъмолии худро дошта, дар лаҳҷаи н. Шӯробод ба маънии *даъват кардани касе ба меҳмонӣ* фаҳмида мешавад.

Калимаи *шаш* дар фарҳангҳо танҳо ба як маъно «шумораи миқдорӣ» [8, с.574] зикр гардидааст. Дар ашъори Камол маҷозан маънии *боло, баландро* низ дорост ва ин боис мегардад, ки вожаи *шашро* ҳамчун омоним ҳисобем. Калимаи мазкур дар н. Балх дар қолаби сохтаи *шашак* вомехӯрад, ки маънои *хабаркашро* дорад. Яъне, ҳарчанд ки ин вожа тарҷумаи вожаи русии «шестёрка» аст, вале тавонистааст, ки дар забони тоҷикӣ омониме худро созад. Маънии *боло ва баланд* дар ашъори Ҳофиз ва Салмон ба назар нарасид, танҳо Камол чунин мазмун байте гӯяд:

Ду чашму ду абрӯву зулфат гувост,
Ки нақши ту дар нарди хубӣ **шаш** аст [11, с.962].

Хулоса, омонимҳо дар садаи XIV мисли забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он мавқеи истеъмолӣ дошта, ашъори бузургони классик шаҳодат аз он медиҳанд, ки омонимҳо бо ифодаи маъноҳои зиёд дар рушду такомули фонди луғавии забони тоҷикӣ саҳмгузоранд. Ҳамчунин, зимни пажӯҳиш, муаллифи сатрҳо талоши онро дошт, ки вежагиҳои лексикии омонимҳои асри XIV-ро дар асоси забони ғазали ин қарн бо такя ба таҳлили диахронӣ-синхронӣ бо забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ муайян намояд. Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки мавқеъ, дараҷаи истеъмол ва маънии омонимҳои асри XIV бо замони имрӯза яксон набудааст. Масалан, вожаи *чок* дар ин аср танҳо маънии *дарида, пораро* ифода карда, дар забони имрӯза як навъ *олот* низ фаҳмида мешавад. Ва ё лексикаи *хумор* калимаи муқаррарӣ буда, танҳо дар ғазалиёти Камол омоним маҳсуб меёбад. Инчунин, вожаи *боб* дорои 4 маънӣ, дар садаи XIV 3 маънии он ба кор рафтааст.

Муқарриз: ***Анварӣ С.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Ахмедова М.Н. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии омонимҳои забони форсӣ: дисс.канд. фил. наук / М.Н. Ахмедова. - Душанбе, 2010. - 163 с.
2. Гулчини девони Ҳофиз. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 256 с.
3. Каримова, М.Т. Пути образования омонимов и их классификация в таджикском языке: дисс… канд… филол… наук / М.Т. Каримова. - Душанбе, 2013. - 158 с.
4. Маводи конференсияи байналмилалии «Камоли Хуҷандӣ: ташаккули адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ» (Хуҷанд,28-29 октябри соли 2016). - Хуҷанд: Ношир, 2016. - 616 с.
5. Муслимов Ҳ.Забон рукни тоат (Маҷаллаи илмӣ). Кит.№11. / Ҳ. Муслимов. – Душанбе, 2018. – 174 с.
6. Муҳаммадиев М. Лексикаи забони адабии тоҷик (маводи таълимӣ) / М.Муҳаммадиев, Ҳ.Талбакова, Ю. Нурмаҳмадов. - Душанбе, 1977. - 132 с.
7. Салмони Совачӣ. Девон / Ба кӯшиши Меҳрдоди Авасто. - Теҳрон, 1338.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.2. - 949 с.
9. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Камоли Хуҷандӣ (таҳия ва тасҳеҳи матн аз Абдуҷаббори Сурӯш ва Саидумрон Саидов). - Хуҷанд: Андеша, 2011. - 632 с.
10. Хуҷандӣ, Камол. Ғазалҳо / Камоли Хуҷандӣ. - Душанбе: Маориф, 2014. - 192 с.
11. Шоҳаҳмад, Абдуҷаббор. Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ / Абдуҷаббори Шоҳаҳмад. - Хуросон, 2015. - 736 с.
12. w.vajehyab.com
13. گنجور

ҶОЙГОҲИ ОМОНИМҲО ДАР АШЪОРИ ҲОФИЗ, КАМОЛ ВА САЛМОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшидааст, ки мавқеи калимаҳои ҳамгун (омоним)-ро дар ашъори шоирони асри XIV- Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ нишон диҳад. Муаллифи сатрҳо қайд мекунад, ки калима муҳимтарин воҳиди забонӣ ба ҳисоб рафта, яке аз масъалаҳои асосӣ ва мубрами

омӯзиши он маъно ва муайянкунии он мебошад. Қишрҳои семантикии системаи забон барои муайян намудани хусусият, меъёр ва аломатҳои маъноҳои калима, роҳҳои ба вуҷуд омадани калимаҳои нав, алоқаи маъноӣ, тобишҳои он ва тафовути маъноҳои калимаҳо мусоидат менамояд. Маънои луғавии калима ва мафҳуми ифодакунандаи он аз муҳимтарин масоили омӯзиши илми лексикологияи муосир ба ҳисоб меравад. Вожаҳои забони тоҷикиро аз рӯйи мафҳум ва маъно ба хелҳои гуногун ҷудо мекунанд, ки яке аз онҳо омонимҳо мебошанд. Муаллиф баъди таҳқиқоти худ ба хулосае меояд, ки омонимҳо дар садаи XIV мисли забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он мавқеи истеъмолӣ дошта, ашъори бузургони классик шаҳодат аз он медиҳанд, ки калимаҳои ҳамгун бо ифодаи маъноҳои зиёд дар рушду такомули фонди луғавии забони тоҷикӣ саҳмгузоранд. Ҳамчунин, зимни пажӯҳиш муаллифи сатрҳо талоши онро дошт, ки вежагиҳои лексикии омонимҳои асри XIV-ро дар асоси забони ғазали ин қарн бо такя ба таҳлили диахронӣ-синхронӣ бо забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ муайян намояд.

Калидвожаҳо: асри XIV, омонимҳо, калимаҳои ҳамгун, забони ғазал, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Соваҷӣ.

МЕСТО ОМОНИМАХ В ПОЭЗИИ ХАФИЗА, КАМОЛА И САЛМОНА

В статье автор пытается показать место омонимов в поэзии поэтов XIV века Хафиза Шерози, Камол Худжанди и Салмон Соваджи. Автор подчеркивает, что слово - важнейшая языковая единица, и одним из основных и важнейших вопросов при его изучении является его значение и определение. Семантические слои языковой системы помогают определить характер, нормы и символы значений слов, способы образования новых слов, смысловые связи, их нюансы и различия в значениях слов. Лексическое значение слова и значение, которое оно передает, - один из важнейших вопросов в изучении современной лексикологии. Слова таджикского языка делятся на разные типы по понятию и значению, одним из которых являются омонимы. В результате своих исследований автор приходит к выводу, что в XIV веке омонимы, как и современный таджикский литературный язык и его диалекты, занимали потребительскую позицию, а великая классическая поэзия свидетельствует о том, что одни и те же слова в своем неоднозначном освещении в развитии таджикского языка. Также в ходе исследования автор строк попытался выявить лексические особенности омонимов XIV века на основе газели этого века на основе диахронно-синхронного анализа современного таджикского литературного языка.

Ключевые слова: XIV век, омонимы, синонимы, газель, Хафиз Шерози, Камол Худжанди, Салмон Соваджи.

THE PLACE OF OMONIMS IN THE POETRY OF HAFIZ, KAMOL AND SALMON

In the article, the author tries to show the place of homonyms in the poetry of the 14th century poets Hafiz Sherozi, Kamoli Khujandi and Salmoni Sovaji. The author emphasizes that the word is the most important linguistic unit, and one of the main and most important issues in its study is its meaning and definition. The semantic layers of the language system help to determine the nature, norms and symbols of the meanings of words, ways of forming new words, semantic connections, their nuances and differences in the meanings of words. The lexical meaning of a word and the meaning that it conveys is one of the most important issues in the study of modern lexicology. The words of the Tajik language are divided into different types by concept and meaning, one of which is homonyms. As a result of his research, the author comes to the conclusion that in the XIV century, homonyms, like the modern Tajik literary language and its dialects, occupied a consumer position, and great classical poetry testifies that the same words in their ambiguous coverage in the development of Tajik language. Also, during the research, the author of the lines tried to identify the lexical features of homonyms of the XIV century based on the gazelle of this century on the basis of a diachronous-synchronous analysis of the modern Tajik literary language.

Key words: XIV century, homonyms, synonyms, gazelle, Hafiz Sherozi, Kamoli Khujandi, Salmon Sovaji.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Калонова Маҳина Ҷумабоевна*** – Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 139. E-mail: **m.kalonova@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-28-32-28**

Сведение об авторе: ***Калонова Махина Джумабоевна*** – Таджикский государственный медицинский университет имени А.Сино, кандидат филологических наук, преподаватель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734017, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 139. E-mail: **m.kalonova@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-28-32-28**

Information about the author: ***Kalonova Makhina Dzhumaboevna*** - Tajik State Medical University named after A.Sino, candidate of philological sciences, teacher of the Tajik language department. **Address:** 734017, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 139. E-mail: **m.kalonova@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-28-32-28**

УДК: 491.550-3

ЭТНОТОПОНИМИЯИ «ТОҶИКОН»- И БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Давлатов Х.С.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Омӯзишу таҳқиқи номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ аз ҷанбаҳои умдатарини илми забоншиносӣ мебошад. Зеро номҳои маҳал ё номҳои ҷуғрофӣ ва пайдоиши онҳо бо чандин воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ робитаи қавӣ дошта, ин унсурҳо боиси инкишофу густариши хазинаи (фонди луғавӣ) забони модариамон гардидаанд. Аз ин ҷост, ки омӯзишу таҳқиқи номҳои маҳал ва пайдоиши онҳо аҳамияти муҳим дорад. Бояд гуфт, ки номҳои ҷуғрофиро дар забоншиносӣ илми топонимика меомӯзад. «Бо масъалаҳои ном ва номгузорӣ хосиятҳои калимаҳои ифодакунандаи номҳо, таърихи тавлид ва маънидоди илмии онҳо илми махсуси филологӣ-ономастика (юн. onoma-ном) машғул аст. Ономастика ба қисмҳои таркибии антропонимика (юн. antropos – одам, onoma - ном), этнонимика (юн. etnos–халқ, onoma– ном), топонимика (topos-маҳал, onoma-ном), гидронимика (юн. hidro-об, onoma-ном) ва амсоли инҳо ҷудо мешавад» [1, с.238].

Ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашида шудани номвожаҳо, алалхусус, этнотопонимҳо дар рушди забон мусоидат мекунанд. Дар баробари топонимшиносони тоҷик як зумра олимону номшиносони мамолики хориҷ низ барои таҳлилу таҳқиқи топонимияи ҳудудҳои мухталиф саҳми арзандаи худро гузоштаанд. Ба ин зумра метавон муҳаққиқон А.З. Розенфелд, Каменский, Т.Н. Пахалина, М.И. Стеблин, Д.И. Эделман, Лившитс, Фрейман В.А., А.А. Климчитский, М.И. Боголюбов, Н.Г. Маллитский, О.И. Смирнова ва монанди инҳоро мисол овард. Вале дар баробари муҳаққиқони мазкур О.И. Смирнова, А.З. Розенфелд, Дж.И. Эделман, В.С. Расторгуева, И.М. Стеблин Каменский, В.В. Бартолд, М.Н. Боголюбов, Р.Х. Додихудоев, Ҷ. Алимӣ, О. Ғафуров, Д. Ҳомидов, Ш. Ҳайдаров, А. Абдунабиев, Н. Офаридаев, Ш. Исмоилов, М. Шодиев ба таҳлилу таҳқиқ ва омӯзиши топонимҳои Осиёи Миёна, алалхусус Тоҷикистон бештар кор кардаанд.

Дар сарчашмаҳои хаттии қадима, аз ҷумла «Авасто», «Катибаи Бесутун (Дороюш)», «Нақши Рустам», «Катибаҳои Персеполис», «Бундаҳишн», «Шаҳристонҳои Эроншаҳр», «Фарҳанги паҳлавик», «Фраҳанг - и оим - евак» (Фарҳанги оем - евак), «Корномаки Артахшери Попакон» (Корномаи Ардашери Бобакон), «Дарахти асурик», «Чатарнома» (Шатранҷнома), «Денкард» (Динкард), «Асноди қалъаи кӯҳи Муғ» ва монанди инҳо шаклу гунаҳои мухталифи номвожаҳои ҷуғрофӣ сабт ёфтаанд, ки барои омӯзишу баррасӣ ва таҳқиқи муқоисавии номвожаҳо аз нигоҳи решашиносӣ сарчашмаҳои муътамад маҳсуб меёбанд. Ҳамчунин, роҷеъ ба топонимияи юнонӣ, чинӣ ва арманӣ маълумоту далелҳои ҷолибу диққатҷалбкунанда медиҳанд.

Донишмандону ҷуғрофидонон ва сайёҳони асримиёнагии тоҷику форс ва араб дар роҳи шинохти номвожаҳои ҷуғрофии минтақаву мавзеъҳои гуногуни Хуросону Мовароуннаҳр ва фароҳам овардани номвожаҳои ҷуғрофии ин мавзеъҳо таълифи луғати топонимӣ, асарҳои ҷудогонаи ҷуғрофии гуногунмавзуъ саҳми назаррас гузоштаанд. Таълифоти ҷуғрофидонони қарнҳои IX - X, ки таҳти унвони «Илм ал - масолик ва - л мамолик» ёд мешавад, аз маъхази муҳимму диққатҷалбкунандае барои омӯзишу баррасии топонимияи таърихии Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна маҳсуб мегарданд. Аз ҷумла, «Ал - масолик ва - л - мамолик» - и Асад ибни Хурдодбеҳ (соли таълиф 864 м.), «Китоб - ал - хироҷ» - и Аҳмад ибни Яъқуб (соли таълифи 891м.), «Мухтасари китоб - ул - булдон» - и Ибни Фақеҳ (соли таълиф 903 м.), «Ат - танбия ва - ш шароф» - и Маъсудӣ (соли таълиф 843 м.), «Ал - масолик ва - л - мамолик» - и Абӯисҳоқ Иброҳими Истахрӣ (соли таълиф 951 м.), «Сурат - ул - арз» - и Ибни Ҳавқал (соли таълиф 978 м.), «Аҳсан - ат - тақосим» - и Муқаддасӣ (соли таълиф 983 м.), «Ҳудуд - ул - олам минал машриқ илал мағриб» (соли таълиф 982 м.), «Осор - ул - боқия» ва «Китоб - ут - тафҳим» - и Абурайҳони Берунӣ ва монанди инҳо аз муҳимтарин таълифоти ин силсила маҳсуб меёбанд. Асарҳои яке аз муаллифони асри XIII Ёқути Ҳамавӣ дар таърихи топонимияи Шарқ мавқеи босазоеро ишғол мекунад. Бино ба маълумоти муҳаққиқон ду асари ӯ «Муъҷам - ул булдон» (Луғати кишварҳо) ва «Китоб - ул - муштарик вазъан ва муфтарик суқъан» (Китоб дар бораи номҳои якхела ва ҷойҳои гуногун), ки дар бораи омонимҳои ҷуғрофӣ баҳс мекунанд, ба масъалаҳои топонимика бахшида шудаанд.

Ғайр аз ин, доир ба топонимия асарҳои зиёди таҳқиқӣ аз ҷониби топонимшиносон таълиф гардидааст, ки чанде аз онҳоро ин ҷо метавон зикр намуд. Аз ҷумла, дар таҳқиқи

топонимшиносони ӯзбек Ш. Қодиров, Т. Нафасов, Т. Раҳматов, З. Д. Дусимов, С. Наимов, А. Каримова ва С. Қараев номҳои ҷуғрофии мавзеъ, шаҳрҳо ва вилоятҳои қалamрави имрӯзаи Ӯзбекистон, чун Самарқанд, Тошканд, Хоразм, Қашқадарё (Кешрӯд) ва амсоли инҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Доир ба ҳудуд ва манотиқи дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна низ таҳқиқи топонимӣ аз ҷониби топонимшиносоне чун С. Атаниёзов, С. С. Губаева, Е. Кайчубаев ва дигарон ба анҷом расонида шуда, дар онҳо дар баробари таҳлили топонимияи туркии ин минтақа, ҳамчунин топонимҳои қадимии эронӣ низ баррасӣ гардидаанд. Таҳқиқи ниҳоят ҷолиб ва доманадоре, ки оид ба топонимияи водии Кешрӯд, ки таърихан минтақаи тоҷикнишин аст, ба анҷом расид ба қалами муҳаққиқи тоҷик Д.Р. Ҳомидов марбут аст ва ӯ бори нахуст топонимҳои водии Кешрӯдро аз нигоҳи баромади таърихӣ, сохтори формантӣ, лексикӣ - семантикӣ ва лексикӣ - грамматикӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Силсилаи таҳқиқе, ки ахиран дар топонимикаи тоҷик ба анҷом расидааст, марбут ба номҳои ҷуғрофии минтақаи Ромит буда, маҳсули қалами О.О. Маҳмадҷонов мебошад. Ӯ дар ин силсила топонимияи минтақаи Ромитро аз нигоҳи баромади таърихӣ, таҳлили сохторию луғавӣ ва маъноӣ ва ҳамчунин аз назари ҷанбаи гендерӣ мавриди таҳлили густарда қарор додааст. Қобили зикр аст, ки методи таҳлили гендерии топонимҳо дар топонимикаи тоҷик усули нав буда, ӯ дар асоси таҷрибаҳои пешрафтаи илми топонимшиносии муосир ва бахусус дар асоси таҷрибаҳои олимони варзидаи рус ва Аврупову Амрико номҳои ҷуғрофии минтақаи Ромитро аз назари оморӣ таҳлил ва баррасӣ намудааст. Олимон заминаҳои пайдоиши топонимҳоро хуб бозгӯӣ намудаанд: «Топонимҳо вобаста ба раванди инкишофи ҷомеа, дар даврaҳои гуногуни таърихӣ ба вуҷуд меоянд ва бахшҳои муҳимтарини ҳаёти мардумро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, дар симои топонимҳо нақши соҳаҳои гуногуни илмҳои ҳозиразамон – забоншиносӣ, этнография, таърих, ҷуғрофиё ва ғайраро ҷустуҷӯ намудан мумкин аст» [11, с.3].

Этнотопонимия маҷмӯи топонимҳое мебошад, ки ба номи қавму қабила, халқият ва ё миллату гурӯҳи этникӣ (этносҳо) алоқаманд аст. Дар китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров гурӯҳҳои зиёди мансуб ба этносҳои турку муғул ва ғайра мавҷуданд, ки номи умумии онҳо дар як қатор топонимҳо таҷассум ёфтааст. Аксаран чунин мавзеъҳои ҷуғрофӣ комонимҳо (нуқтаҳои маскунӣ, деҳот) мебошанд.

Дар мақола сухан дар бораи хусусиятҳои этнолингвистии номвожаҳои ҷуғрофии «Тоҷикон» -и Бобоҷон Ғафуров меравад, ки дар он топоним ва этнотопонимҳои маҳаллии ин китоби таърихию ҷуғрофӣ аз ҷиҳати таърихию забоншиносӣ мавриди таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Ҳама гуна мавзеъҳои ҷуғрофӣ (дарё, кӯҳ, шаҳр, деҳа) номҳои хосси худро доранд, ки онҳо ифодакунандаи маъноҳои гуногун мебошанд. Аксар вақт дар дохили чунин номвожаҳо нишонаҳо ва хусусиятҳои хосси забонӣ, таърихӣ, этникӣ ва фарҳангии маҳал ва мардумони бумии он боқӣ мемонанд [11, с.34]. Маълумоти топонимӣ барои аниқ намудани нақши иқтибосҳо ва таъсири байниҳамдигарии забонҳои ҳамсоя кумак мерасонад. Номвожаҳои объектҳои хурд низ барои муайян намудани ҳудуди паҳншавию интишори диалектҳои алоҳида ёрӣ мерасонанд ва ин андеша барои топонимияи иқтибосии маҳалҳои гуногуни «Тоҷикон»и- Бобоҷон Ғафуров низ дуруст меояд. Чунки ин китоби таърихӣ ва фарҳангӣ аз замонҳои қадим то имрӯз таърихи халқи тоҷик, рафтуомад ва кӯчиши қавму қабоили мухталифро дар худ дарҷ намуда, ин гуногунрангии худро то замони мо нигоҳ доштааст. Ба замми ин, рафтуомади мардум, муҳоҷирати аҳолӣ аз як минтақа ба минтақаи дигар ва то як давраи муайян зиндагӣ кардани қавму миллатҳои гуногуннажод дар ин водии бузург ва ҳамчунин таъсири мутақобилаи забонҳои дуру наздики ҳамҷавор дар топонимияи он беасар намондааст [11, с.87]. Дар ин робита як қатор топонимҳоеро дар низоми маводи топонимии «Тоҷикон»и- Бобоҷон Ғафуров ба мушоҳида гирифтан мумкин аст, ки имрӯз шарҳу маънидоди онҳо дар заминаи маводи забони муосири тоҷик ва ё забонҳои эронӣ аз имкон берун аст. Аз як тараф, сукунати дурударози мардумони тоҷикзабон боиси пайдоиши гурӯҳи калони номвожаҳои тоҷикӣ шуда бошад, аз ҷониби дигар, равуо ва кӯчиши пайвастаи мардуми гуногунзабон ба зуҳуроти як идда топонимҳои ғайритоҷикӣ мусоидат намудааст. Маҳз ҳамин ҷанбаи масъалаи мазкур зарурияти ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намудани номвожаҳои ҷуғрофии «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуровро ба миён овард. Топоним ва микротопонимҳое, ки дар «Тоҷикон» -и Бобоҷон Ғафуров ба мушоҳида мерасанд, аз рӯйи мансубияти забонӣ гуногунранг ва мухталиф мебошанд.

Дар ин бора Б.Ғафуров чунин нигоштааст: «… Ҳамин тариқ, дар асрҳои IX-X дар Мовароуннаҳр ва Хуросон умумияти калони этникӣ-маданӣ зуҳур мекунад, ки ҷамъан ба ҳайати давлатҳои Тоҳириҳо, Саффориҳо ва махсусан Сомониҳо дохил шуда буданд. Номи этникии худро ин умумият дар охирҳои асрҳои X-XI ва ё нимаи аввали асри XII, касб мекунад. Чунонки Абулфазл Байҳақӣ ҳикоят мекунад, дар соли 435 ҳиҷрӣ (1043-1044 милодӣ) яке аз муқаррабони султон гуфт: «… дар байни мо, тоҷикон… то ин вақт, аллакай, дар асри X бо истилоҳи «тозӣ» арабҳоро низ ном мебурданд. Байҳақӣ бошад, доир ба як задухӯрд баъди муҳорибаи Дандонкан (соли 1040) ҳикоят намуда, хабар медиҳад, ки ҳиндуҳо, арабҳо ва курдҳо фирор карданд, ҷанговарони тоҷик бошанд, бо душман ҷасурона ҷангиданд. Ҳамин тариқ, дар нимаи аввали асри XI истилоҳи «тоҷик» номи халқе гашт, ки дар Осиёи Миёна ва Хуросон ташаккул ёфта буд» [3, с.375].

Ин ҳолат ва вазъият дар номвожаҳои ҷуғрофии ин китоб ба хубӣ ба мушоҳида мерасад. Таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи қабатҳои забонии топонимияи китоби мазкур нишон медиҳанд, ки топонимҳои ғайриэронӣ дар доираи номвожаҳои ҷуғрофии мавҷудаи он хеле кам андар кам ва бештар дар маҳалҳои алоҳидаи ғайрисукунатӣ ба таври пароканда ба чашм мерасанд.

Дар мадди аввал, зикр намудани андешаҳои устод Бобоҷон Ғафуров доир ба кӯчишу омезиши мардумони ин минтақа ба маврид аст, ки чунин нигоштааст: "…вуруди қавму қабоил ва халқиятҳои туркнажод ба ҳудуди сарзамини Осиёи Миёна асосан аз асри VI шуруъ мешавад. Ин раванд ҳамрадиф бо наздикшавии ин қавму қабоил ва халқиятҳо бо мардумони бумӣ ва бостонии минтақаи Осиёи Миёна сурат мегирад. Ба ин давра фаъолиятҳои муштараки мардумони туркзабон ва суғдиён дар муборизаи халқҳои Осиёи Миёна ба муқобили ишғолгарони аҷнабӣ хос мебошад. Дар давоми асрҳо гузариши қабл аз ҳама, қишрҳои камбизоати кӯчманчиёни турк ба заминдорӣ ва муқимшавӣ ба амал омадааст. То асри XI ҷараёни ташаккули халқи ӯзбек хусусияти оммавӣ касб кардаю аз шимоли Осиёи Миёна ба навоҳии ҷануби он густариш ёфтааст ва ифодаи худро аз ҷумла, дар таъсиси давлати Қарохониҳо ва инкишофи маданияти шаҳрӣ пайдо кардааст" [3, с.65]. Таҳлилу омӯзиши маводи лаҳҷа ва топонимияи «Тоҷикон» -и Бобоҷон Ғафуров нишон медиҳад, ки бо вуҷуди мавҷуд будани номвожаҳои ҷуғрофии туркӣ дар ин сарзамин муқимишавии маъмулии мардуми туркнажод ба таври пурра ба амал наомадааст. Инчунин, як қисми номвожаҳои ҷуғрофии иқтибосии туркии «Тоҷикон» -и Бобоҷон Ғафуров топоним ва микротопонимҳое мебошанд, ки асосан ба маҳалҳои сукунати мардуми туркзабон далолат мекунанд ва ё ба охири вожаи тоҷикию субстратии маҳал этнонимҳои «истон» ҳамроҳ намуда, этнотопонимҳое сохтаанд, ки хусусиятҳои этникию қавмии ин мардумро инъикос менамоянд.

Вожаи "ӯзбек" аз исми абераи писари Чингизхон Чӯҷӣ сарчашма мегирад, ки бо лақаби Ӯзбекхон соли 1314 милодӣ садри салтанати Олтинӯрдаро ба уҳда дошт ва як гурӯҳи қавму қабоили туркнажод дар қарнҳои минбаъда таҳти ҳамин ном муттаҳид гардидаю миллати хешро ӯзбак эълом доштаанд. Мафҳуми қавмии "ӯзбак" -ро муҳаққиқон дар шаклҳои "юз + бошӣ" (саркардаи саднафара, сардори дастаи саднафараи унвони ҳарбиёни турк) маънидод намудаанд. Забоншиноси маҷорӣ А.Вебер этноними мазкурро аз решаи вожаҳои туркии "ӯз" ба маънои худ, хеш ва "бек" - пешво ва ҳукмфармо маънӣ намудааст [3, с.43].

Пиромуни этноними "қирғиз" дар забоншиносии муосир фикри ягонаи мушаххас пайдо намудан душвор аст, вале дар маъхазҳои туркшиносӣ фарзияҳои зиёде мавҷуд мебошад. Аз ҷумла, аксари муҳаққиқони таърихи забонҳои туркӣ бар он андешаанд, ки нисбат ба дигар ақвоми туркнажод қавмҳои қирғиззабон таърихи собиқа доранд ва тибқи баъзе сарчашмаҳо дар қарнҳои VI-VIII, аллакай, соҳиби давлати бузурги қирғизҳо будаанд. Баъзе муаррихон чунин фарзияе пешниҳод менамоянд, ки бештари қавму қабоили имрӯзаи туркзабони Осиёи Марказӣ аз ин қавм маншаъ гирифтаанд [16, с.114].

Мафҳуми "қирғиз" истилоҳи топонимии автоэтникӣ буда, дар аксари забонҳои туркӣ ба маънои "қиршавӣ, нобудшавӣ" ва ё "нобуднашаванда" [5, с.59] омадааст.

Автоэтнотопоними Қазоқ. Ин номвожаи ҷуғрофӣ дар низоми топонимии китоби мазкур ба мушоҳида расид, ки он аз этноними "қазоқ" сохта шудааст. Аз тарзи ташаккули топоним маълум аст, ки он маҳсули забони тоҷикӣ мебошад ва дар заминаи қонунмандии сарфу наҳви забони тоҷикӣ сурат гирифтааст. Вале дар таркиби ин автоэтнотопоним

истилоҳи этникии "қазоқ" маҳфуз аст, ки доир ба пайдоиш ва зуҳури он дар ин минтақаи ҷуғрофӣ сухан хоҳем кард. Этноними мазкур мардуми туркзабонеро ифода мекунад, ки ба нажоди гурӯҳи муғулу аврупоӣ мансуб мебошанд. Аксари муҳаққиқони забонҳои туркӣ бар он андешаанд, ки мардуми қазоқ ва забони қазоқӣ ҳамчун умумияти этникӣ ба асрҳои XV - XVI рост меоянд. Мувофиқи нишондоди маъхазҳои бостоншиносӣ дар ин давра як гурӯҳи қабилаҳои кӯчии туркнажод ба монанди қипчоқҳо, найманҳо, оргинҳо ва ғайраҳо барои раҳоӣ ёфтан аз зулму истибдоди ҳамқавмҳои худ ба қисмати шимолии Дашти Қипчоқ гурехта меоянд ва ҳудуди имрӯзаи Қазоқистонро маскани доимӣ қарор медиҳанд [7, с.54]. Истилоҳи этнонимии "қазақ" аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад, яъне дар фарҳангномаҳои туркӣ онро ба таври "озод, озодон" ва "мардумони ҷудошуда, ҷасур, озодидӯст" маънидод намудаанд.

Автоэтнотопоними Муғуло//Муғулон. Ин номвожаи ҷуғрофӣ дар низоми топонимии китоби мазкур дар шакли Муғулистон сабт гардид. Пиромуни таъриху сарнавишти этноними "муғул" сарчашмаҳои бостоншиносии турк бар он таъкид мекунанд, ки ин қавм дар асрҳои X - XIII дар сарзамини Муғулистони имрӯза ва шимолу шарқии Хитой дар натиҷаи муттаҳидшавии қабилаҳои маҳаллӣ таҳти сарварии Чингизхон ба вуҷуд омадаанд. Баъдтар ин қавм ба гурӯҳҳо тақсим шуда ба сарзамини давлатҳои ҳамсоя тохтутозро шуруъ намуда, дар баробари забткориҳо як қисмати ин қавму қабоил ҳудуди ишғолкардаашонро макони зист интихоб намудаанд. Аз ин рӯ, аксари муҳаққиқон ба он андешаанд, ки мафҳуми этникии "муғул ё монғол" аз вожаи "мон-го" -и забони хитоӣ маъхуз гардидааст, ки ба маънои "кишвари сиёҳ, бад, девҳо" омадааст ва сокинони ин минтақаро мардумони барбарӣ ва кишварашонро "мамлакати барбарҳо" ном мебурдаанд. Қобили зикр аст, ки феълан ҳам ин мафҳумҳо бо ҳамин мазмун дар забони хитоӣ мустаъмал мебошанд [8, с.88].

Донишмандони туркшинос фарзияҳои гуногунеро доир ба сарнавишти ин этноним тарафдорӣ ва таблиғ менамоянд, ки гӯё ин вожа ҳаммаънои номи кӯҳ, дарё, қуллаи кӯҳ ва ғайра бошад, вале то имрӯз ин фарзияҳо исботи илмии худро наёфтаанд. Чизи дигари қобили таваҷҷуҳ он аст, ки ба андешаи забоншинос Маҳмадҷонов О, вожаи этнонимии "муғул" ва ё "муғулон" дар доираи номгузории баъзе манотиқи кишвари мо, махсусан водии Ҳисор, бо истилоҳоти ҷуғрофии ифодакунандаи мавқеи ҷойгиршавии мавзеъ ва дар заминаи сохтори ибораороии забони муосири тоҷик ба вуҷуд омадаанд: Муғулони Боло//Поён ва ё бо пасвандҳои забони тоҷикӣ -ҳо, -он ҷамъ баста шудаанд: Муғулҳо//Муғулон. Ин тарзи ифодаи этнотопонимҳо водор месозад, топонимҳои мавзеъҳоеро, ки сокинонаш, мардумони бумӣ ҳастанд, дар заминаи маводи забони муосири тоҷик ҷӯстуҷӯ намуд [11, с.74].

Дар хусуси истилоҳи «**турк**» фикрҳои мухталиф мавҷуданд. Туркшиноси машҳури венгер А. Вамбери пайдоиши истилоҳи **«Турк»**-ро аз феъли тура - «таваллуд шудан» дониста, калимаи «турк» -ро ба маънои зинда, одам шарҳ медод [12, с.54]. Ақидае низ вуҷуд дошт, ки калимаи «турк» номи халқ набуда, балки барои ишора кардани дастаҳои ғоратгарони даштӣ истеъмол мешудааст. Аз ин рӯ, истилоҳи туркро ба маънои «ваҳшӣ, ҷоҳил» ҳам шарҳ медоданд. Академик А.Н. Никонов калимаи «турк»-ро дар шакли ҷамъ шумурда, онро ҳамчун «аъёну ашроф» маънидод мекунад [17, с.12].

Мусаллам аст, ки топонимҳои этникӣ дар номшиносии муосир мафҳумҳои нав ва тозаэҷод набуда, дар аксари манотиқи Осиёи Миёна ва берун аз он ба мушоҳида мерасанд, вале номвожаҳои ҷуғрофии маҳаллӣ ва ё автоэтнотопонимҳо танҳо хосси маҳалҳои Тоҷикистон ба шумор мераванд. Мутаассифона, ин бахши номшиносии тоҷик то ба ҳол мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор наёфтааст ва таҳқиқу омӯзиши ин гурӯҳи топонимҳо нишон медиҳад, ки онҳо доир ба бисёр масъалаҳои норавшани номшиносии тоҷик, аз қабили сарнавишти таърихии номвожаҳо, ҳудуди интишору густариши онҳо, кӯчишу қавму қабоили ғайрибумӣ ба маҳалҳо ва ғайра маълумоти судмандеро дар бар гирифтаанд.

Таҳлил ва таснифи формантҳои топонимсоз дар тадқиқи топонимӣ аз бисёр ҷиҳат муфид буда, нақши муҳимме дар кори равшаннамоии хусусиятҳои ташаккул ва таҳаввули номҳои ҷуғрофӣ дорад. Ба ин восита сермаҳсулӣ ва ё каммаҳсулии ин ё он топоформантро дар ин ё он минтақаи алоҳида муайян намуда, нақши онҳоро дар ташаккули топонимия муқаррар намудан мумкин аст [4, с.45].

Формант гуфта муҳаққиқони топонимшинос анҷома ва ё суффиксҳои калимасозу шаклсозеро дар назар доранд, ки дар ташаккули топонимҳо иштирок менамоянд. Вале зикр кардан ба мавриди аст, ки як иддае аз калимаҳои мустақилмаъно низ дар ташаккули номҳои ҷуғрофӣ ҳамчун топоформант иштирок намуда, дар натиҷаи сохтани шумораи зиёди топонимҳо метавонанд вазифаи формантро иҷро намоянд.

Баъзан истилоҳи формантро унсури ёридиҳанда (ёвар) низ зикр менамоянд [10, с.39].

Ҳоло мо маҷмуи топоформантҳои «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуровро таҳлил мекунем, ки пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ аз бисёр ҷиҳат ба онҳо вобаста аст. Якчанд топоним барои намуна бо ин формантҳо зикр гардида, дар сурати зарурӣ таърихӣ пайдоиш ва таҳаввулу дигар хусусиятҳои онҳо нишон дода мешавад. Иловатан зикр карданием, ки як қисмати калони формантҳо маънии муайяни луғавӣ доранд ва мо онҳоро ҳамчун унсури топонимсоз дар радифи суффиксу анҷомаҳо қарор медиҳем. Аз намунаҳои овардашуда ҳамчунин сермаҳсулӣ ва каммаҳсулии топоформантҳоро дар китоби мазкур мушоҳида кардан мумкин аст. Яъне агар намунаҳо аз ду-се-то зиёд набошанд, пас фаҳмидан мумкин аст, ки ин топоформант дар китоби мазкур ҳамчун воситаи топонимсоз каммаҳсул аст ва баръакс:

Форманти - истон: Арабистон [Arabistān], Арманистон [Armanistān], Афғонистон [Afğānistān], Балуҷистон [Baluĵistān], Бобулистон [Bābulistān], Доғистон [Dāğistān], Қазоқистон [Qazāqistān], Қирғизистон [Qirğzistān], Муғулистон [Muğlistān], Ҳиндустон [Hindustān], Покистон [Pākiston], Регистон [Rtgistān], Сакистон [Sakistān], Сангистон [Sangistān], Систон [Sistān], Тахористон [Takhāristān], Туристон [Turistān], Туркистон [Turkistān], Туркманистон [Turkmanistān], Узбекистон [Uzbakistān] ва Уйғуристон [Uyğqristān].

Тоформанти –-истон ва шакли дигари он -стон дар ҳудуди Осиёи Миёна ва як гурӯҳ кишварҳои ҳамҷавор, аз ҷумла, Афғонистон, Ирон, Покистон ба таври фаровон роиҷ аст. Форманти -истон ба ҷой, макон, кишвар, замин, вилоят ишора мекунад. Ин формант, менависад Э.М. Мурзаев, ба ҳиндии қадимӣ - sthānam- «ҷой», «маҳалли будубош», авастоӣ ва форсии қадими –-stāna – «сутун», «ҷой», «макон» рафта мерасад. Дар форсии муосир –-siton- «макон», «вилоят» маънӣ медиҳад. Ҷолиб он аст, ки шарқии – -stan-ро дар номҳои ҷуғрофӣ этимологҳо бо калимаи русӣ ва славянии «стан» («урду», «ҷойи шабгузаронӣ», «шаҳрчаи моҳидорон») қиёс менамоянд, ки аз ин ҷо «станок» (шаҳрчаи нақлиётӣ, истгоҳи мухобиротӣ), истгоҳ, бандар, станиса, дидбонгоҳи сарҳад, дастгоҳ баромадаанд. Русии –-стан дар номҳои ҷуғрофии Россия низ нақш гузоштааст: Тёплый Стан, Красный Стан под Можайском, Станичное дар вилояти Тюмен ва ғайра (Мурзаев, 1984, с.85). Чунонки Р.Х.Додихудоев ва А.Л. Хромов зикр мекунанд, ин топоформант дар забонҳои шарқии иронӣ низ роиҷ аст (забонҳои помирӣ ва суғдӣ). Масалан, дар топонимҳои Помир бо форманти – stan: jewistan – «шикоргоҳ», дар шакли - ston дар топонимияи язғуломии Castan – «ҷойи чорво», «чарогоҳ», Kofstan –«макони кӯҳсор», дар шакли – stin Xokistin – -«гӯристон», jewistin – «шикоргоҳ» ва дар забони суғдӣ бо шакли – stān\ - st nw [18, с.469]. Инкишофи таърихии ин унсур чунин аст: у.э.*stāna - «макон», мақом», «истгоҳ» (аз ҳ.а.)*sta- ва st(h)a –-«истодан», «гузаштан», ҳ.қ. -sthana- «маҳалли будубош», «бошишгоҳ», «маскан»,ав.-stana-«мақом»,«макон»)> ф.қ. stana- «мақом», «маҳал» [20, с.54] мид. Дар калимаи *patiŠtana- (аз сарчашмаҳои элламӣ ва аккадӣ), айнан. «мақоми ҷаноб (соҳиб) доштан», *manuŠtana- – (аз сарчашмаҳои аккадӣ ва юнонӣ), айнан, «мақоми манушдошта» [13, с.47].

Яке аз масъалаҳои басо муҳим, вале алҳол ҳалнашуда дар забоншиносии тоҷик ин муайян сохтани ҷой ва мавқеи ҳар як формант дар сохтор ва ташаккулу таҳаввули топонимияи манотиқи алоҳидаи китобҳои таърихӣ аст. Зеро пайдоиши топонимҳо аксаран ба мавқеи формантҳо дар забон, имконияти формантҳо дар зуҳуроти топонимҳо, дараҷаи фаъолияти топоасосҳову топоформантҳо дар раванди номсозӣ зич вобастагӣ дорад [1, с.95].

Бояд гуфт, ки қисми зиёди формантҳо дар топонимияи китоби мазкур аз ҳисоби пасвандҳои шаклсозу маънисози забони тоҷикӣ ба вуҷуд омадаанд. Вале ин чунин маънӣ надорад, ки ҳамаи пасвандҳо дар таркиби топонимҳо низ ҳамон вазифаи азалии худро, ки дар сохтмони вожаҳои муқаррарии забон ба ҷо меоранд, нигоҳ дошта метавонанд.

Пасванди -истон ҳамчун ифодагари маъноҳои муҷарради а) сарзамин: Тоҷикистон, Доғистон, Гурҷистон; б) макон: шаҳристон, гулистон, баҳористон; в) дараҷаи зиёдии аломат: маҳистон, равшанистон, торикистон; г) замон: шабистон, аз ҷумла тобистон ва зимистон дар забонамон имрӯз ҳам серистеъмол аст. Дар вожаи зимистон бошад, ҷузъи зим - ба ҳеҷ ваҷҳ тафсир намеёбад, зеро он дар забони муосир мавриди дигари истеъмолӣ надорад, ба ин нисбат маънои онро низ муқаррар кардан мумкин нест. Дар гузаштаи қадим ин ҳиссаи калимаи зимистон ба тариқи мустақим низ истифода мешуд. Ба шаҳодати забоншиноси маъруф Ҷ.Алимӣ, он бо калимаи zmaka-и авастоӣ, ки мувофиқи тасаввуроти эрониёни бостон «иблис»-ро ифода мекард ва боиси дар фасли зимистон пайдо шудани ранҷу азобҳои зиёд мешуд, робита дорад [1, с.87]. Решаи мавриди назар дар бисёр забонҳои гузаштаю имрӯзаи ҳиндуаврупоӣ инъикоси худро боқӣ гузоштааст. Хулоса, дар тасаввуроти гузаштагони хеле қадимаи мо зимистон фасли сармои қаҳратуни мушобеҳ ба деву иблисҳо будааст... Аз шарҳу баёни муфассали ҳамин як мисол ҳам ба хонандаи гиромӣ бояд хуб аён гашта бошад, ки барои равшанӣ андохтан ба ваҷҳи тасмияи ҳатто ҳиссаи ҷудогонаи калима чӣ қадар далелу бурҳонҳоро овардан лозим меояд [6, с.34].

Ба ҳамин монанд, дар забони муосири тоҷикӣ мисолҳои зиёди дигареро пайдо кардан мумкин аст, ки дар онҳо решаҳояшон аз нуқтаи назари грамматикаи забони имрӯза таҷзия намешаванд. Онҳо бо ҳиссаҳои дигари калимаҳо ва ё шаклҳои мухталифи грамматикии онҳо омезиш ёфтаанд.

Муқарриз: ***Қурбонов С.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ, Ҷ. Топонимияи минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ-забоншиносӣ) / Ҷ. Алимӣ. - Д: Андалеб-Р, 2015. - 350 с.
2. Бобомуродов, Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. - Душанбе, 2016. - 428 с.
3. Б.Ғ. Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Ғафуров. Б.Ғ. - Душанбе: Дониш, 2008. - 870 с.
4. Давлатов, Э. А. Лингвистическое исследование ономастики «Касас - ул - анбиё» / Э.А. Давлатов. - Душанбе: Адабиёт, 2017. - 156 с.
5. Додихудоев, Р.Х. Линвистический анализ микротопонимии Памира (на материале шугнано-язгулямской группы языков): дисс.докт.фил.наук / Р.Х. Додихудоев. - Душанбе, 1979. - 367 с.
6. Исоматов М. Об дар баррасиҳои таърихию этнографӣ / М. Исоматов ва диг. – Душанбе, 2003. - 100 с.
7. Каримов, А. Хрестоматияи забони паҳлавӣ. Дастури таълимӣ / А. Каримов. - Душанбе, 1978. – 146 с.
8. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷикк. Луғатшиносӣ. Ҷ.1. Китоби дарсӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 240 с.
9. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ / Муҳаммад Муин. - Теҳрон, 1375. - Ҷ.1. - 1472 с.
10. Нафасов Т. Ӯзбекистон топонимларнинг изоҳли луғати: луғати соҳавӣ / Т. Нафасов. - Тошкент: Уқитувчи, 1989. - 288 с.
11. О.Муҳаммадҷонов. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик: рисолаи илмӣ / Маҳмадҷонов О. – Душанбе, 2004. - С.19.
12. Офаридаев Н. Ойконимияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон: рисолаи илмӣ / Н. Офаридаев. - Душанбе, 2001. - С.125.
13. Расторгуева, В.С. Сравнительно - историческая грамматика западноиранских языков. Филология / В.С. Расторгуева. - М.:Наука, 1990. – 253 с.
14. Топонимика Востока: Исследования и материалы. - М.: Наука, 1969. - С.87-99.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. / М. Шукуров. - М., СЭ, 1969. - 950 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. / М. Шукуров. - М., СЭ, 1969. - 950 с.
17. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» / М. Ализода. - Душанбе: Адиб, 1992. - С.86-87.
18. Хромов А.Л. Очерки по топонимике и микротопонимике Таджикистана: Сборниӣ статей / А.Л. Хромов. - Душанбе, 1978. - С. 39.
19. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешрӯд: рисолаи илмӣ / Д. Ҳомидов. - Душанбе, 2002. - 104 с.

ЭТНОТОПОНИМИЯИ «ТОҶИКОН»- И БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Дар мақола таҳаввул ва корбурди этнотопонимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, густариши онҳоро дар давраҳои гуногуни рушди забоншиносӣ қиёс намуда, муаллиф бобати таърихи тавлид, сохт ва маънои онҳо дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ сухан рондааст. Инчунин, дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшидааст, то сайри маъноии этнотопонимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуровро, ки аз ҷумлаи серистеъмолтарин вожаҳои китоб дар забони навишторӣ ва гуфтории дирӯзу имрӯз мебошад, ба риштаи таҳрир кашад ва дар ин росто, пеш аз ҳама, ба сарчашмаҳои муътамад ва

қомусҳо такя намудааст. Аз баррасии мавзуъ бармеояд, ки этнотопонимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар тули таърихи чандинасра на фақат аз нигоҳи овоӣ, балки аз нигоҳи лексикӣ ба дигаргунии ҷиддӣ дучор шудааст, вале бо ин ҳама доираи истифодааш маҳдуд нагаштааст. Илова бар ин, муаллиф дар ин тадқиқот вижагиҳои хоссаи забонии таҳаввул ва корбурди этнотопонимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои луғавӣ ва корбурди онро мавриди омӯзиши муқоисаи илмӣ қарор дода, зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ дар заминаи таҳқиқоти зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, фарҳангҳои тоҷикиву арабӣ, луғату қомусҳои муътамад ва сомонаҳои интернетӣ, раванди ташаккул ва таҳаввули маводи забонии этнотопонимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, мазмун, моҳият, таърихи тавлид ва корбурди онҳоро ошкор намояд. Ба андешаи муаллиф этнотопонимияи «Тоҷикон» қабати аз ҳама муҳимми луғати ғайрифаъоли забони тоҷикиро ташкил медиҳад ва аз нигоҳи сохтор дар чорчӯбаи ҳамон меъёрҳои калимасозии забони тоҷикӣ, ки қаблан маъмул буданд, имрӯз низ тарҳрезӣ меёбанд. Бинобар он, тадқиқи этнотопонимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ҳамчун унсури забон мебояд вобаста ба раванди пажӯҳиши анъанавии проблемаҳои мухталифи лексикаву грамматикаи забони тоҷик, бахусус бахши калимасозии миёни ин ду қисмати забоншиносӣ ҷойгоҳи махсуси дошта бошад.

Калидвожаҳо: этнотопоним, ном, таҳлили забоншиносӣ, этимология, таърихи тавлид, вожа, омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ, тадқиқи забоншиносӣ, ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои луғавӣ, ташаккул, таҳаввул, омехта, вандҳо, низом ва ном.

ЭТНОТОПОНИМИЯ "ТАДЖИКИ" - БОБОДЖОНА ГАФУРОВА

В статье анализируется эволюция и применение этнотопонимов в книге «Таджики» Бободжона Гафурова, сравнивается их языковое развитие на разных этапах, обсуждается история их происхождения, структура и значение на основе достоверных научных источников. Также в этой статье автор пытается отредактировать семантическое путешествие этнотопонимов книги «Таджики» Бободжона Гафурова, которые являются одними из наиболее широкоупотребляемых слов в письменной и устной речи прошлого и настоящего, и в связи с этим он обращается, в первую очередь к первоисточнику и энциклопедиям. Из обзора темы видно, что этнотопонимия книги «Таджики» Бободжона Гафурова за столетия существенно изменилась не только в фонетическом, но и в лексическом плане, но не ограничивается по своим масштабам. Кроме того, в данном исследовании автор исследует специфические лингвистические особенности эволюции и использования этнотопонимии книги «Таджики» Бободжона Гафурова, исторические события, лексические источники и их применение, сравнивает их с научной точки зрения и пытается составить статью на основе обширных исследований отечественных и зарубежных исследователей, развития таджикской и арабской культур, достоверных словарей и энциклопедий и веб-сайтов, процесса формирования и эволюции языкового материала этнотопонимии, ее содержания, сущности и истории. По мнению автора, этнотопонимия Бободжона Гафурова в книге «Таджики» является важнейшим слоем пассивной лексики таджикского языка, и по структуре она сегодня основана на тех же лексических нормах таджикского языка, что и раньше. Поэтому изучение этнотопонимии Бободжона Гафурова в книге «Таджики» как элемента языка должно занимать особое место в процессе традиционных исследований различных лексико-грамматических проблем таджикского языка, особенно в области словообразования между этими двумя частями лингвистики.

Ключевые слова: этнотопоним, лингвистический анализ, этимология, история происхождения, лексика, изучение и анализ, лингвистические исследования, исторические события, лексические источники, формирование, эволюция, микс, ванды, система и имя.

ETHNOTOPONYM OF "TAJIKS" - BOBODZHONA GAFUROVA

The article analyzes the evolution and application of ethnotonymy in the book "Tajiks" by Bobodzhon Gafurov, compares their linguistic development at different stages, discusses the history of their origin, structure and meaning based on reliable scientific sources. Also in this article the author tries to edit the semantic journey of ethnotoponymy of the book "Tajiks" by Bobojon Gafurov, which is one of the most widely used words in written and oral speech of the past and present, and in this regard, it relies primarily on the primary source and encyclopedias. From the review of the topic it is clear that the ethnotoponymy of the book "Tajiks" by Bobojon Gafurov over the centuries has changed significantly not only phonetically, but also lexically, but is not limited in scope. In addition, in this study, the author examines the specific linguistic features of the evolution and use of the ethnotoponymy of the book "Tajiks" by Bobojon Gafurov, historical events, lexical sources and their application, compares them from a scientific point of view and tries to compose an article. on the basis of extensive research by domestic and foreign researchers, Tajik and Arabic cultures, reliable dictionaries and encyclopedias and websites, the process of formation and evolution of the linguistic material of ethnotoponymy, its content, essence and history. According to the author, the ethnotoponymy of Bobodjon Gafurov in the book "Tajiks" is the most important layer of the passive vocabulary of the Tajik language, and in terms of structure it is built today in the same lexical norms of the Tajik language as before. Therefore, the study of the ethnotoponymy of Bobojon Gafurov in the book "Tajiks" as an element of the language should occupy a special place in the process of traditional research of various lexical and grammatical problems of the Tajik language, especially in the field of word formation between these two. parts of linguistics.

Key words: ethnotoponym, linguistic analysis, etymology, history of origin, vocabulary, study and analysis, linguistic research, historical events, lexical sources, formation, evolution, mix, wandas, system and name.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Давлатов Худоёр Сайдаҳмадович*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, докторанти PhD-и кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч.С.Сафаров 16. E-mail: **Davlatov-90@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-19-19-90**

Сведение об авторе: ***Давлатов Худоёр Сайдахмадович*** - Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, докторант PhD кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г. Душанбе Куляб, ул.С.Сафарова 16. E-mail: **Davlatov-90@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-19-19-90**

Information about the author: ***Davlatov Khudoyor Saydakhmadovich*** - Kulyab State University named after A.Rudaki, PhD student of the Tajik language department. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Dushanbe Kulyab, S.Safarov 16. E-mail: **Davlatov-90@mail.ru.** Tel.: **(+992) 988-19-19-90**

УДК: 801.8.

ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ОБЩЕЧЕЛОВЕЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ «ДОЛГ/КАРЗ» В ЯЗЫКОВОМ СОЗНАНИИ У ТАДЖИКОВ И РУССКИХ

Нагзибекова М.Б., Ганиева Н.Р.
Таджикский национальный университет

По мнению исследователей, долг - это принятая личностью необходимость подчиняться общественной воле. Нравственный долг - превращение требований общественной морали в личный императив конкретного лица и добровольное его выполнение. Источником долга является общественный интерес. В долге он обретает повелительный характер, формируя нравственную обязанность индивида по отношению к другим людям и самому себе. Долг не тождественен обязанности: простое исполнение обязанностей ещё не есть долг в этическом смысле слова [Шмелёв 1999: 234].

Таким образом, долг - это нравственная обязанность человека, выполняемая им под влиянием не только внешних требований, но и внутренних нравственных побуждений. Общество ожидает от человека не просто точного и беспрекословного выполнения своих обязанностей, но и личностного отношения к ним.

Общеизвестно, что существует сложная «иерархия» долгов: долг перед обществом, перед коллективом, перед семьёй, перед друзьями, перед самим собой. Это порождает определённые трудности, связанные с необходимостью выбирать, какой из долгов надлежит выполнить в первую очередь, особенно если они противоречат друг другу. С одной стороны, долг и совесть образуют единый морально-психологический механизм регуляции поведения личности, в котором совесть выступает в качестве основания для выполнения долга. С другой стороны, между совестью и долгом могут возникать конфликты, порождаемые, как правило, несовпадением целей и интересов личности и общества. Вопрос о правоте совести и долга зависит от обстоятельств, от правильного или неправильного понимания долга. [Шмелёв 1999: 36-47].

Долг - это внутренний голос, который напоминает нам о высшем; если же мы не следуем велению долга, этот же внутренний голос предстает как совесть, которая укоряет нас. Как отмечает А.Д. Шмелёв, автор книги «Русская языковая модель мира», она не играет столь же существенной роли для русской языковой ментальности, как долг [Шмелёв 1983: 49-63].

Соблюдение критериев моральных ценностей воспринимается человеком как долг. Невыполнение обязанностей воспринимается как вина и переживается угрызениями совести. В словаре С.А. Кузнецова «Новейший Большой толковый словарь русского языка (НБТСРЯ)» слово «**долг**» имеет значение «обязанность перед кем-л., чем-л. (родиной, народом, семьёй и т.п.». На таджикский язык слово «**долг**» переводится как 1) вазифа, вазифадорӣ; ӯҳдадорӣ и 2) карз, дайн.

Рассмотрим, как представлена общечеловеческая ценность (далее –ОЦ) «**долг**» в русском и таджикском языках в соответствующих толковых словарях сопоставляемых языков. (ФЗТ — Фарҳанги забони тоҷикӣ).

Таблица 1. ОЦ «долг»

2 значения ОЦ «долг» по философскому словарю А.А. Грицанова	**2 значения ОЦ «долг» по НБТСРЯ С.А. Кузнецова**	**2 значения ОЦ «долг» пл словарю М.Ш. Шукуровой**
1. «**долг**» — обязанность перед кем-л., чем-л.	1. «**долг**» — обязанность перед кем-л., чем-л. (родиной, народом, семьёй и т.п.).	1. вазифа, вазифадорӣ; уҳдадорӣ — обязанность перед кем-л., чем-л. (родиной, народом, семьёй и т.п.).
2. «**долг**» — то, что взято или отдано заимообразно (преимущественно деньги)	2. «**долг**» — то, что взято или отдано заимообразно (преимущественно деньги)	2. қарз, дайн — то, что взято или отдано заимообразно (преимущественно деньги)

Сравнение результатов дефиниционного анализа показывает следующие содержания ОЦ *«***долг***»* в русском и таджикском языковом сознании. Общими семами являются: 1. обязанность перед кем-л., чем-л. 2. то, что взято или отдано заимообразно (преимущественно деньги). Специфические семы отсутствуют.

Синонимы к слову «**долг**» — «*обязанность*», «*должок*», «*долговой*», «*недоимка*», *«заём»*. «**Долг**» «*безнадёжный», «неоплатный», «карточный», «текущий»*. «Считай за мною, запиши за мною». «За вами есть еще должок, недоимочка». «За вами остаётся ещё один рубль, вы мне должны ещё рубль». «Он по уши (по горло) в долгах»; «Он в долгах, как в шелках». «Сложить с кого (простить кому-либо) долг, взыскать (требовать, отправлять) долг». [Апресян 2004: 408]. По мнению Ю.Ш. Нурмахмадова, слово «**долг**» — вазифа, вазифадори, уҳдадори; карз, дайн- в таджикском языке образуют различные свободные и устойчивые словосочетания: 1. вазифа, вазифадорӣ; ӯҳдадорӣ; патриотический «**долг**» — вазифаи ватанпарварӣ; исполнить гражданский «**долг**» — вазифаи шарвандии худро бачо овардан; чувство «**долга**» — амри виҷдон; считать своим «**долгом**» — вазифаи худ донистан; по «**долгу**» дружбы — аз рӯи дӯстӣ; по «**долгу**» службы — аз рӯи вазифа; «**долг**» гостеприимства — қоидаи (расми) меҳмоннавози; человек (люди) «**долга**» — шахси масъулиятшинос, одамони вазифашинос; оказаться (быть) в «**долгу**» у кого — вазифадор (миннатдор) будан; 2. қарз, дайн; взять в «**долг**» — қарз гирифтан (бардоштан, кардан); дать в «**долг**» — қарз додан; войти (влезть, залезть) в «**долги**» (в «**долг**») — ба қарз ғӯтидан; жить в «**долг**» — қарз гирифта рӯз гузаронидан; по уши (по горло) в «**долгах**» быть (сидеть) прост. — ба қарз ғӯтидан, ба таги қарз мондан; покупать в «**долг**» — ба насия харидан; первым «**долгом**» — пеш аз ҳама, дар навбати аввал [Нурмахмадов 2007: 151].

Но вернёмся к сопоставительному анализу ассоциативных полей (АП) «**долг**» *қарз*. При сопоставительном анализе мы сравниваем, в первую очередь, частотные реакции, а затем, в качестве вспомогательной процедуры, — единичные реакции. Воспользуемся анализом, проведённым В.П. Синячкиным. Приведём только частотную часть АП слова-стимула **«долг»** из прямого словаря РАС: «**долг**» (прямой словарь). АП слова-стимула «**долг**» имеет следующий вид: **ДОЛГ**: чести – 55; *честь* – 40; *деньги* – 38; платежом красен – 31; *отдать* – 29; *обязанность* – 28; перед Родиной – 19; *большой* – 14; интернациональный – 11; совести, *совесть* – 10; *мой* – 9; *вернуть,* каждого, *отдавать,* человека – 8; гражданина, платёж, *родина, святой – 1; выполнять, наш* – 6; *денежный,* перед Отечеством – 5; *выполнить, ответственность,* памяти, платежом – 4; *армия,* гражданский, красен, красен платежом, *плата, платить,* родине, священный, *служба,* службы, *человеческий* – 3; *вечный, военный,* возвратить, возвращать, *волк,* врача, *залог, зарплата,* и совесть, *исполнить, карты, матери, мужество, надо.*

Номенклатура сформированных нами категорий, на основе которой классифицируются ассоциаты, естественно, является альтернативной.

Ассоциативный эксперимент, проведённый нами в Таджикистане, даёт возможность выделить следующие ассоциаты: «*қарз ("долг*) 5, вазифа (обязанность) 5, шараф (честь) 5, гардонда додан (возвращать) 4, вазифаро ишғол кардан (выполнить ответственность) 4, надодан (не вернуть) 3, пул супор (платёж) 3, бидеҳ (вернуть) 2, гирифтан (взять) 2, талаб кардан(требовать) 2, додан (отдавать) 2, ваъда кардан (обещать)2, равона кардан (отпралять) 1, қабул кардан (получить) 1, ёд кардан (вспоминать) 1, гирифта овардан — (приносить).

Таким образом, самым частотным ассоциатом на слово *«***карз/долг***»* являются *«вазифа — обязанность», «шараф — честь», «пул — деньги», «қарз — долг», «гардонда додан — возвращать».*

Покажем частотность в процентах. Русские ассоциаты: ДОЛГ: чести – 1,3%; *честь – 7,2%*; *деньги – 7,1%*; платежом красен – 5,8%; *отдать – 5,2%*; *обязанность – 5%*; перед Родиной – 4; *большой – 3,5%*; интернациональный – 2,5%; совести, *совесть* – 1,5%; *мой – 1,4%*; *вернуть,* каждого, *отдавать,* человека – 1,3%; гражданина, платёж, *родина, святой; выполнять, наш – 1,2%*; *денежный,* перед Отечеством – 0,9%; *выполнить, ответственность,* памяти, платежом – 0,7%; *армия,* гражданский, красен, красен платежом, *плата, платить,* родине, священный, *служба,* службы, *человеческий – 0,5%*; *вечный, военный,* возвратить, возвращать, *волк,* врача, *залог, зарплата,* и совесть, *исполнить, карты, матери, мужество, надо.*

Таджикские ассоциаты: *қарз (долг*) – 5%, вазифа (обязанность) – 5%, шараф (честь) – 5%, гардонда додан (возвращать) – 4%, вазифаро ишғол кардан (выполнить ответственност) – 4%, надодан (не вернуть) – 3%, пул супор (платёж) – 3%, бидеҳ (вернуть) – 2%, гирифтан (взять) – 2%, талаб кардан (требовать) – 2%, додан (отдавать) – 2%, ваъда кардан (обещать) – 2%, равона

кардан (отпралять) – 1%, қабул кардан (получить) – 1%, ёд кардан (вспоминать) – 1%, гирифта овардан (приносить) – 1%.

Таким образом, сравнение ассоциатов показывает наличие инвариантных и вариативных областей.

Следует подчеркнуть, что ассоциации можно определить также по категориям, выделенным В.П. Синячкиным [Синячкин 2010: 188-194]. В соответствии с ними представляет интерес классификация понятие «**долга»** в 1-м значении по ассоциации.

1. **Нравственные** — (одобу ахлок): *«честь-шараф, ору номус», «честь — фард», «совесть — виҷдон,», «нравственный — ахлоқ, одоб, «повинность — айбдорӣ, «память — хотир», «чувство долга — амри виҷдон», «ответственность — ҷавобгарӣ.*

2. **Признание ответственности перед своим/чужим этносом** — масъулиятшиносӣ ба Ватан-модар*: «перед Родиной — вазифаи ватанпарварӣ, «Родина — Ватан», «перед отечеством — ӯҳдадорӣ ба Ватан, «интернациональный — интернационалӣ, байналмиллалӣ.*

3. **Ответственность перед обществом** - масъулият дар назди ҷамъият: *«гражданский - граждани», «общественный - ҷамъиятӣ», «человеческий - одамӣ, инсонӣ».*

4. **Специфическая сфера деятельности** - шакли махсуси фаолиятӣ: «*армия - қушун», «служба - хизмат», «военный - сарбоз», «служебный - вазифаҳои хизмат», «врач - духтур», «милицейский - милитсия».*

5. **Признание/непризнание сакральности долга** - пазируфтан/напазируфтани муқаддас будани вазифадории ватанпарварӣ: «*священный - муқаддас,», «высший - олӣ», «святость - муқаддас», «мужество - мардонагӣ», «чушь - сафсата».*

6. **Величина долга** - вусъат, бузургииӯҳдадорӣ: «*малый - хурд», «большой - калон».*

7. **Модус существования** - роҳуравиш, сифати ғайриасосии ӯҳдадорӣ дар зиндаги: *«платить - пул супурдан», «плата - музд», «выполнять - иҷро кардан», «не отдать - нададан», «отдай - бидеҳ», «взять - гирифтан», «требовать - талаб кардан», «обещать — ваъда кардан».*

8. **Синонимичность - синонимӣ**: «*приказ - фармон», «обязанность - уҳдадорӣ», «одолжение - қарз додан», «услуга - хизмат, ёрӣ», «надо - даркор», «чувство - ҳиссиёт, эҳсос».*

9. **Эквивалент измерения долга** - чен кардани қарз: *«рубль - сомонӣ», «деньги - пул», «денежный - пулӣ».*

10. **Принадлежность долга** - тааллуқи қарз ба касе: *«мой - аз они ман», «свой - аз они худ», «ваш - аз они шумо», «наш - аз они мо».*

11. **Субъект долга** - уҳдадории субъективӣ: *«человека - инсонро», «гражданина - шарвандро», «матери - модарро», «врача - духтурро», «каждого - ҳар касро».*

12. **Внешняя/внутренняя ориентированность** - самти дарунӣ - берунӣ*: «общий - умумӣ», «внешний - берунӣ».*

Как показывают исследования, отношение носителей таджикского языка к понятию «**долг**» находит широкое отражение в пословицах и поговорках таджикского народа.

Изучим смысловое содержание некоторых таджикских пословиц со словом «**карз/долг**».

Таблица 2. ОЦ «долг»

Пословица	**Смысловое содержание**
1. Аз навкиса қарз макун, уарз кунӣ ҳам, харҷ макун — не бери взаймы (денег) у того, кто только что разбогател, а если и возьмёшь, не расходуй их.	Предостережение: не надо брать взаймы у недавно вставшего на ноги человека.
2. Аз нокас карз магир, ҳам дар роҳ мепурсад ҳам дар гӯр — у недостойного не бери в долг, он будет требовать и в пути, и в могиле.	Предостережение: не брать взаймы у недостойного человека.
3. Қарз додан — дӯстиро гум кардан — Давать взаймы —дружбу терять.	Долг и дружба — несовместимые понятия, поскольку долг может явиться причиной разрыва дружбы.
4. Қарз дар остона меистад —долг стоит	Долг — нравственная категория,

у порога.	поэтому всегда «маячит» в голове (мозге), напоминает о себе.

Теперь рассмотрим смысловое содержание некоторых русских пословиц со словом «**долг**».

Таблица 3. ОЦ «долг»

Пословица	**Смысловое содержание**
1. Долг платежом красен.	На добро или зло отвечают тем же.
2. Бери да помни! Не штука занять, штука отдать.	Напоминание о том, что процесс взятия взаймы не столько трудный, сколько трудным является процесс отдавания долга.
3. Умей взять, умей и отдать! Не хитро взять, хитро отдать.	Акцентирует внимание на лёгкость в получении денег взаймы и трудность в возвращении долга.
4. Берешь, так чванься; а взял, так кланяйся!	Призывает быть благодарным заимодавцу.
5. Продай хоть ржи, а долгу не держи!	Велит любыми путями расплатиться с долгом.

Как показывает анализ, в обоих языках подавляющая часть пословиц относятся ко 2-му значению слова «**долг**», т.е. к тому, что взято или отдано заимообразно (преимущественно деньги).

Сравним и определим, что совпадает и что является специфичным в содержании пословиц.

Содержательный анализ паремиологических единиц с компонентом «**долг**» демонстрирует близость коннотативных характеристик этих паремий. Анализ проводимых паремий является содержательным и, естественно, субъективным. Таким образом, мы, проведя семный анализ на основе словарных дефиниций, семный анализ на основе паремиологии, а также на основе экспериментального анализа языкового сознания профанных носителей языка и проанализировав таджикское и русское языковое сознание, пришли к следующим выводам.

1. На основе словарных дефиниций все семы совпадают.

2. На основе паремиологии: некоторые паремии можно полагать общими для таджиков и русских. Например, таджикские пословицы: *аз навкиса қарз макун, қарз кунӣ ҳам, харҷ макун* и *аз нокас қарз магир, ҳам дар роҳ мепурсад ҳам дар гӯр* - являются содержательно идентичными. Кроме того, они имеют содержательную близость с русскими пословицами: *долг платежом красен* и *как ни вертись, а с должником расплатись*!

Предшественницей современной стилистики была античная риторика (и поэтика) как наука об ораторском искусстве, о словесном выражении и мастерстве. Первоначально в ней рассматривался выбор необходимых слов и их сочетаний, тропов и фигур речи. Но уже в XIX веке появился термин «стиль» в связи с провозглашением понятия индивидуальности творческой личности. С середины XIX века риторика теряет свою былую значимость и смыкается со стилистикой [6, с.409]. Первым в Иране, кто использовал термин стиль (سبک sabk) в современном смысле, был Реза Голи Хан Хедаят, который во введении к «Маджма аль-Фосаха» вместе с такими терминами, как способ (طرز tarz), метод (طریقه tarighe) и манера (سیاق siagh), также анализировал значение этого слова [10, с.150]. Сначала иранские лингвисты, рассматривающие стилистику в своих трудах, изучали стиль только в литературе и литературных произведениях. Изучение стилистики и изучение стиля речи началось в Иране со «Стилистики» Молик ош-Шоара Бехара. Благодаря этой работе мы знаем, что стиль персидской речи был изучен и объяснён за шесть периодов с начала исламской цивилизации Ирана до нашего времени и произведения каждого периода вместе с общими составляющими и характеристиками стиля той эпохи были определены и организованы [11, с.15].

Если рассмотреть термин «стилистика» в русском языкознании, то, по словам Н.А. Герасименко: «Русский национальный язык один и един, но он неоднороден по своему составу. Русский язык - это и художественная литература, и научные статьи, и деловая речь, и публицистика - средства массовой информации, и обиходно-бытовая речь, которой мы пользуемся в повседневной жизни. <...> Наука, изучающая стили как разновидности литературного языка, употребление различных в стилистическом отношении языковых средств, называется стилистикой» [4, с.395].

Следующим образом можно объяснить, в чем заключается сопоставление стилистики в обоих языках. Как пишет русский учёный В. Д. Бондалетов в книге «Стилистика русского языка»: «Сопоставительная (её иногда называют и контрастивной) стилистика помогает лучше увидеть национальные особенности стилистического строения языка, несовпадение границ между стилистически значимыми структурными областями сравниваемых языков, несовпадения в степени их стилистической дифференцированности, расхождения в наборе функциональных стилей и в границах между ними» [3, с.11-12]. Другой русский учёный, О.А. Крылова, даёт следующее определение стилистики как самостоятельной лингвистической науки: «Стилистикой называется наука о языке и речи, изучающая языковые средства всех уровней с точки зрения наиболее целесообразного и общественно принятого их использования в зависимости от цели и обстоятельств общения» [7, с.17]. Главное внимание в современной стилистике обращается на изучение, во-первых, стилистических средств языка и типизированных приёмов их использования и, во-вторых, функциональных разновидностей, или стилей [3, с.9].

В «Стилистическом энциклопедическом словаре русского языка» читаем следующее: «Стилистика - раздел языкознания, изучающий выразительные средства и возможности языка и закономерности функционирования (использования) последнего в различных сферах общественной деятельности и ситуациях общения; предметом стилистики является стиль во всех его значениях» [6, с.408-409]. В книге «Палитра стилей» даётся следующая характеристика стилистики: «Стилистика изучает то, как организованы языковые единицы и как они сочетаются в зависимости от ситуации общения: где и когда говорят люди; каковы социальные роли участников общения; зачем они говорят (цель общения); о чём они говорят (тема общения); как они общаются (письменно или устно); какой жанр общения выбран» [1, с.6].

В недавних работах иранских лингвистов языковая стилистика была представлена как раздел лингвистики, изучающий использование языка в различных ситуациях и обеспечивающий принципы для обоснования причин выбора различных вариантов использования языка в разных ситуациях [12, с.1]. Фотухи пишет в своей книге «Стилистика»: «Стилистика изучает разновидности языка, возможности и их использование в различных контекстах и ситуациях, пытается, разрабатывая научные принципы и методы, конкретные языковые нормы, показать людей и социальные группы в их конкретных ситуациях». Одно из

наиболее близких определений стилистики в персидском языке к эквивалентам в русском языке можно найти в этой работе, где описывается стилистика как наука опознания способа использования языка в речи человека, группы или в тексте.

В соответствии с областью науки, входящей в рамки данной статьи, лингвистические подходы к науке стилистики следующие: 1.Историческая стилистика. 2. Формалистическая стилистика. 3. Структурная стилистика. 4. Функциональная стилистика. 5. Дискуссионная стилистика. 6. Прикладная стилистика. 7. Когнитивная стилистика [13, с.125-166].

Основа стилистической работы - способность отобразить различия на разных уровнях языка (фонетическом, лексическом, синтаксическом, семантическом и функциональном), которые распознаются посредством анализа различных языковых форм, таких как звуки, ударения, тон, слова, грамматические конструкции, короткость или длина предложения и метафорические конструкции языка [13, с.92].

Как сказано в «Стилистическом энциклопедическом словаре», основными направлениями стилистики являются структурная стилистика или стилистика языка и функциональная стилистика. Структурная стилистика, или стилистика языка, занимается изучением и описанием стилистически значимых средств и возможностей языка. Её предмет – стилистические средства, определение их различных маркировок [6, с.409]. Но согласно книге «Практическая стилистика русского языка»: «Различаются три вида “стилистики”: 1) стилистика языка или структурная стилистика, изучающая так называемые функциональные языковые стили; 2) стилистика речи, анализирующая различия семантического и экспрессивно-стилистического характера между разными жанрами и общественно обусловленными видами устной и письменной речи (выступление в дискуссии, лекция, консультация, пресс-конференция, доклад, беседа и т. п.; передовая статья, научная рецензия, приветственный адрес и т. п.); 3) стилистика художественной литературы, имеющая предметом своего исследования все элементы стиля литературного произведения, стиля писателя, стиля литературного направления» [9, с.7-8]. В «Учебном словаре» Т.В. Матвеевой стилистика по объекту и целям анализа делится на несколько разновидностей. Языковая стилистика (стилистика средств, стилистика языковых единиц) изучает стилистическую стратификацию языковых единиц всех уровней, их ориентированность на употребление в определённой ситуации общения с нейтрально-информативным или экспрессивно воздействующим заданием. Функциональная стилистика исследует исторически сложившиеся крупнейшие речевые разновидности русского литературного языка: стилеобразующие факторы и принципы типологии, каждый из функциональных стилей в отдельности по всем языковым уровням и в области текстовой организации, а также взаимодействие и жанровую систематику этих разновидностей. Стилистика художественной речи занимается эстетической значимостью языковых единиц в контексте художественного целого - словесного произведения искусства - и выявлением текстовой специфики такого целого, поэтому её называют также стилистикой художественного текста. Разновидностью этого направления является стилистика языка писателя, изучающая индивидуальные художественные особенности произведений, созданных творческой личностью. Практическая стилистика сосредоточена на коммуникативных качествах речи в практическом аспекте, фактически - на анализе стилистических ошибок и приёмов выразительности. Она очень близка с современной наукой о культуре речи [8, с.340].

Очень интересный момент, с которым мы здесь сталкиваемся, заключается в том, что в исследованиях иранских лингвистов мы встречаем очень похожее разделение. В связи с этим Фотухи тоже указывает, что стилистика рассматривает текст на пяти уровнях. Таким образом, выделяют важнейшие особенности стиля и его роль в каждом стиле. Этот способ облегчает нахождение и толкование соотношений внешних особенностей текста с его содержанием. Уровни и единицы языка, которые могут организовать стилистическое рассмотрение, следующие: фонетический, лексический, синтаксический, семантический и прагматический. Лингвистическая наука рассматривает каждый уровень особыми способами и средствами [13, с.237].

Например, есть случаи, такие как произношение / کتابخونه/ [ketabkhune] вместо /کتابخانه/ [ketabkhane] – «библиотека», / میگه / [mige] вместо / می گوید / [miguyad] – «говорит», и многие другие случаи, выражающие разговорный стиль с использованием переменных фонетического уровня языка.

В русском языке тоже существуют такие слова, как: [нач] - значит, [шъ] – что, [д'е'с'] - здесь. Некоторые из которых очень широко используемы, а другие, используемые только в определенной ситуации, также попадают в ту же категорию.

В области стилистики персидского языка мы сталкиваемся с особой классификацией стилистических подходов. И.Самаре делит стилистику языка на литературную, статистическую и

фонетическую. Литературная стилистика исследует и описывает стилистические приёмы, используемые авторами литературных произведений. Задача статистической стилистики – изучить частотность применения тех или иных стилистических приёмов в художественных текстах. Фонетическая стилистика также исследует эстетическую роль фонетики в связи с выделением значения [12, с.1]. И.Самаре указывает на тот факт, что в полном стилистическом анализе обсуждаются все уровни описательной лингвистики, такие как звук, форма, конструкция и значение. Можно сказать, он сделал шаг аналогичный методу классификации в русском языке [12, с.23].

Русский учёный И.Б. Голуб рассматривает языковые средства русского языка и разделяет их на шесть частей: 1. Лексическая стилистика. 2. Фразеологическая стилистика. 3. Фоника. 4. Стилистика словообразования. 5. Стилистика частей речи. 6. Синтаксическая стилистика [5, с.10].

О.А. Крылова тоже затрагивает тему о том, что стилистическая окраска характеризует и единицы морфологического, синтаксического и фонетического уровня языка. Она так объясняет синтаксические различия между текстами, различными по форме выражения с общностью содержательной стороны речи: «Так, например эллиптические предложения: “Что, льёт ещё?” и “А я успел” встретились в тексте с разговорной окраской. Наоборот, развёрнутые предложения, осложнённые рядом однородных членов и причастных оборотов, встретились лишь в текстах с книжной стилистической окраской» [7, с.15]. При отборе языковых средств надо учитывать содержание, цель, адресат, условия общения. Поскольку названные параметры варьируются, речевая форма соответственно меняется.

Например, языковые средства научного текста отбираются таким образом, чтобы исключить двусмысленность и разночтение. Наиболее характерными лексическими средствами выражения данного стиля являются термины, терминологические сочетания, устойчивые сочетания терминологического значения, специальные термины, многозначные слова, иноязычная лексика, неологизмы, названия различного рода научных открытий, аббревиатуры и т.д. [2, с.198].

Стиль проявляется на таких языковых и внеязыковых уровнях, как: 1. а) морфологические единицы, б) лексические единицы, в) местные следы, г) общественная нагрузка, д) специальный аспект, е) иностранные слова, ж) неологизмы, з) фразеологизмы; 2. а) грамматические единицы, б) классификация предложений, в) соотношение разновидностей слова в предложении; 3. а) фонетические единицы, б) фонетическая сочетаемость, в) повторяемость звуков [11, с.60].

Теперь мы кратко определим лингвистические и экстралингвистические причины возникновения стиля, приведя примеры из вышеперечисленного:

В двух предложениях: а) یارو مو رو از ماست میکشه بیرون - Он очень эрудированный и осведомлённый человек, б) دقت نظر این فرد قابل ستایش است - Внимательность этого человека достойна похвалы, можно хорошо понять сильное влияние использования разных фонетических форм слова. (/ رو / вместо / را /), слова (/ یارو / для разговорного стиля) и определённые термины и фразеологизмы, присущие данной ситуации (مو را از ماست بیرون کشیدن.) использовались для создания соответствующего стиля.

Заключение. Как было показано, овладев стилистикой речи в достаточной мере, можно подбирать слова для каждой ситуации более осознанно, а значит, более эффективно достигать разных целей коммуникации. С одной стороны, мы сможем подробнее анализировать чужие тексты; с другой, точнее доносить различные свои идеи. К таким выводам пришли лингвисты по результатам исследований, которые проводились в последние годы. Аналогичные исследования проводятся в разных странах, в том числе в России, и иранским лингвистам, исследующим стилистику речи и языка ещё много всего предстоит установить.

Кажется, что иранским стилистам стоит более широко изучить эту науку, учитывая новые подходы, дать исчерпывающий дискурс о различных отраслях стилистики и её практических понятиях в рамках персидского языка; поскольку до тех пор, пока учащийся не имеет чёткого представления о соответствующих языковых понятиях в родном языке, он будет испытывать трудности в процессе понимания и применения этой науки на втором языке. Это становится очевидным, когда мы видим многие проблемы со стилем во время перевода у изучающих язык. Кроме того, проведение сравнительных исследований в двух языках, кроме выявления сходств и различий между двумя языками с стилистической точки зрения, может сыграть важную роль в облегчении процесса понимания и использования второго языка. В результате, согласно утверждению о том, что стилистика достигает желаемой цели тогда, когда посредством языка удаётся узнать способ выражения мысли и связь между мыслью и речевыми конструкциями в различных ситуациях, можно подчеркнуть необходимость расширения исследований в этой области.

Рецензент: ***Азизова М.Э.*** – доктор филологических наук, профессор ТНУ.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Афанасьева Н. А. Палитра стилей. Учебное пособие по стилистике русского языка для иностранных студентов / Н. А. Афанасьева, Т.И. Попова. - СПб.: Златоуст, 2009. – 117 с.
2. Афзали, М.К. Структурно-семантическая эквивалентность лексических единиц научно-технического текста / М.К. Афзали, Г.З. Махмадбекова // Вестник Таджикского национального университета, серия филологических наук. - Душанбе, 2020. - № 7. - С.197-203.
3. Бондалетов В.Д. Стилистика русского языка: учебное пособие для студентов национальных отделений педагогических институтов союзных республик / В.Д. Бондалетов, С.С. Вартапетова, Э.Н. Кушлина, Н.А. Леонова; под ред. Н.М. Шанского. - Л.: Просвещение, 1982. - 286 с.
4. Герасименко Н.А. Русский язык: учебник для студ. сред. проф. учеб. заведений / Н.А. Герасименко. - М.: Академия, 2003. – 491 с.
5. Голуб И.Б. Стилистика русского языка / И.Б. Голуб. - М.: Айрис-Пресс, 2006. – 448 с.
6. Кожина М.Н. Стилистический энциклопедический словарь русского языка / М.Н. Кожина. - М.: Наука, 2006. – 696 с.
7. Крылова О.А. Основы функциональной стилистики русского языка: пособие для филологов-иностранцев / О.А. Крылова. - М.: Русский язык, 1979. – 224 с.
8. Матвеева Т.В. Учебный словарь: русский язык, культура речи, стилистика, риторика / Т.В. Матвеева. – М.: Флинта, Наука, 2003. – 432 с.
9. Розенталь Д.Э. Практическая стилистика русского языка / Д.Э. Розенталь. - М.: Высшая школа, 1965. - 238 с.
10. احمدی، ا. آرمانشهر دینی در پهنه شعر فارسی. تهران: انتشارات دانشگاه تهران، 1384.
11. عبادیان، م . درآمدی بر سبک شناسی در ادبیات. تهران: آوای نور، 1372.
12. ثمره، ی. سبک شناسی زبان. تهران: فرهنگستان زبان و ادب فارسی، روابط عمومی: بنیاد ایران شناسی، 1386.
13. فتوحی رود معجنی، م. سبک شناسی نظریه ها، رویکردها و روش ها. تهران: سخن، 1390.

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ УСЛУБШИНОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА ФОРСӢ

Услубшиносӣ яке аз қисматҳои забоншиносӣ аст, ки дар ҳар забон хусусиятҳои хосро вобаста ба имконоти забон доро мебошад. Муқоисаи услубшиносӣ дар забонҳои гуногун нишон медиҳад, ки вобаста ба рушду тараққии забонҳо он ҳам рушд мекунад. Азбаски яке аз омилҳои муҳимтарини муошират самарабахш дар ҳамаи забонҳо таваҷҷуҳ ба услуби мувофиқ бо дарназардошти вазъи дахлдор мебошад, дониши услубшиносиро метавон яке аз масъалаҳои муҳим дар ин соҳа номид. Ҳадафи асосии ин мақола ҳам омӯзиш ва муқоисаи услубшиносӣ дар забонҳои русӣ ва форсӣ мебошад, ки метавонад барои муошират самарабахши намояндагони ду забон саҳмгузор бошад. Вобаста ба мавзӯи омӯзиш, усули омӯзиш ва истифодаи маълумоти мавҷуда ва ғайра, дар ин таҳқиқот мо муҳимтарин равишҳои услубиро дар ҳарду забон баррасӣ мекунем ва дар кори таҳлилу баррасӣ ба донишмандони услубшиноси эрониву рус такя менамоем. Забоншиносони эрониву рус сабкҳои гуногуни услубшиносиро аз нуқтаи назари гуногун муайян кардаанд. Бисёр забоншиносони рус ва инчунин баъзе забоншиносони эронӣ услубшиносиро ҳамчун як бахши забоншиносӣ меомӯхтанд, аммо то ҳол дар забони форсӣ таҳқиқоти мукаммале мавҷуд нест, ки таҳқиқоти мукаммали услубшиносиро дар соҳаи забон бо назардошти равишҳои нави он дар бар гирад чун дар дигар кишварҳо. Аксари таҳқиқоте, ки муҳаққиқони услубшиноси эронӣ то имрӯз анҷом додаанд, шабеҳанд ва он чизе, ки дар онҳо аён аст, тақсим кардани услубҳои осори мавҷудаи адабӣ ба даврaҳои гуногуни таърихӣ мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо, услуби асари мушаххас аз нигоҳи услуби муаллиф омӯхта мешавад ва тавре ки баъдтар маълум мешавад, ин гуна таҳқиқот танҳо баъзе навъҳои услубшиносии анъанавиро дар бар мегиранд. Илова бар ин, то ба имрӯз ягон омӯзиши муқоисавии ин илм бо забонҳои форсӣ ва русӣ тавре сурат нагирифтааст, ки ниёзҳои омӯзандагони забон дар соҳаи маориф ва махсусан тарҷумаро қонеъ гардонад. Дар ин мақола мо таҳқиқоти дар ин самт гузаронидаро баррасӣ намуда, кӯшиш мекунем, ки паҳлуҳои муҳимтарини ин илмро бо забонҳои русӣ ва форсӣ омӯзем ва муқоиса кунем. Аз муқоисаи услубшиносии русӣ ва эронӣ монандӣ ва тафовути ин бахши забоншиносӣ дар ду забон муайян карда шуда, натиҷаҳои илмӣ ба даст оварда шуд.

Калидвожаҳо: услубшиносӣ, равишҳои услубӣ, самтҳои услубӣ, забони форсӣ, забони русӣ, маънои забон, сатҳи забон.

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ СТИЛИСТИКИ В РУССКОМ И ПЕРСИДСКОМ ЯЗЫКАХ

Стилистика – одна из составляющих частей лингвистики, и каждый язык имеет свои особенности в зависимости от возможностей языка. Сравнение методов на разных языках показывает, что она также развивается в зависимости от развития языков. Поскольку одним из важнейших факторов эффективного общения на всех языках является ориентация на соответствующий стиль с учётом соответствующей ситуации, методологические знания можно считать одним из важнейших вопросов в этой области. Основная цель этой статьи – изучить и сравнить методики в русском и персидском языках, которые могут способствовать эффективному общению на двух языках. В зависимости от темы исследования, методов обучения и использования имеющихся данных и т.д. в этом исследовании мы обсуждаем наиболее важные методологические подходы в обоих языках и полагаемся на иранских и российских учёных-методистов в анализе. Иранские и русские лингвисты определили разные стили лингвистики с разных точек зрения. Многие русские лингвисты, а также некоторые иранские лингвисты изучали стилистику как раздел лингвистики, но до сих пор нет всестороннего изучения персидского языка в области лингвистики, включая новые подходы, как в других странах. Большинство исследований, проведённых иранскими стилистами на сегодняшний день, схожи, и в них ясно видно разделение существующих стилей литературных произведений на разные исторические периоды. Во многих случаях стиль того или иного произведения изучается с точки зрения авторского стиля, и,

как будет показано позже, такое исследование предполагает лишь некую традиционную методологию. Кроме того, на сегодняшний день сравнительное исследование этой науки с персидским и русским языками не проводилось таким образом, чтобы удовлетворить потребности изучающих язык в области образования, особенно перевода. В этой статье мы рассматриваем исследования, проводимые в этой области, и пытаемся изучить и сравнить наиболее важные аспекты этой науки с русским и персидским языками. При сравнении русской и иранской стилистики были выявлены сходства и различия этого раздела лингвистики в двух языках и получены научные результаты.

Ключевые слова: стилистика, стилистические подходы, направления стилистики, персидский язык, русский язык, языковые средства, языковые уровни.

COMPARATIVE ANALYSIS OF STYLISM IN RUSSIAN AND PERSIAN LANGUAGES

Stylistics is one of the constituent parts of linguistics, and each language has its own characteristics, depending on the capabilities of the language. Comparison of methods in different languages shows that it also develops depending on the development of languages. Since one of the most important factors in effective communication in all languages is orientation to the appropriate style, taking into account the relevant situation, methodological knowledge can be considered one of the most important issues in this area. The main purpose of this article is to explore and compare Russian and Persian techniques that can facilitate effective bilingual communication. Depending on the research topic, teaching methods and the use of available data, etc. In this study, we discuss the most important methodological approaches in both languages and rely on Iranian and Russian methodological scientists in the analysis. Iranian and Russian linguists have defined different styles of linguistics from different points of view. Many Russian linguists, as well as some Iranian linguists, studied stylistics as a branch of linguistics, but there is still no comprehensive study of the Persian language in the field of linguistics, including new approaches, as in other countries. Most of the studies carried out by Iranian stylists to date are similar, and they clearly show the division of existing styles of literary works into different historical periods. In many cases, the style of a work is studied from the point of view of the author's style, and, as will be seen later, such research assumes only a certain traditional methodology. In addition, to date, comparative research of this science with the Persian and Russian languages has not been carried out in such a way as to satisfy the needs of language learners in the field of education, especially translation. In this article, we review the research carried out in this area and try to study and compare the most important aspects of this science with the Russian and Persian languages. When comparing Russian and Iranian stylistics, the similarities and differences of this section of linguistics in two languages were revealed and scientific results were obtained.

Key words: stylistics, stylistic approaches, stylistic directions, Persian language, Russian language, language means, language levels.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Фаҳима Тамаддун*** - Донишгоҳи Теҳрон, докторанти Ph.D.-и кафедраи забони русӣ. **Суроға:** 1439813164, Ҷумҳурии Исломии Эрон, ш.Теҳрон, кӯч. Коргари Шимолӣ, 15/16. E-mail: **f.tamaddon@ut.ac.ir.**
Тел.: **(+989) 155163401**
Ҳусейн Ғуломӣ - Донишгоҳи Теҳрон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони русӣ. **Суроға:** 1439813164, Ҷумҳурии Исломии Эрон, ш.Теҳрон, кӯч. Коргари Шимолӣ, 15/16. E-mail: **hgholamy@ut.ac.ir.** Тел.: **(+982) 161119132**

Сведение об авторах: ***Фахиме Тамаддун*** - Тегеранский университет, докторант Ph.D. кафедры русского языка. **Адрес:** 1439813164, Исламская Республика Иран, г.Тегеран, ул. Коргаре Шимоли, 15/16. E-mail: **f.tamaddon@ut.ac.ir.**
Тел.: **(+989) 155163401**
Хоссейн Голами - Тегеранский университет, доктор филологических наук, профессор кафедры русского языка. **Адрес:** 1439813164, Исламская Республика Иран, г.Тегеран, ул. Коргаре Шимоли, 15/16. E-mail: **hgholamy@ut.ac.ir.**
Тел.: **(+982) 161119132**

Information about the authors: ***Fahime Tamadon*** - University of Tehran, Ph.D., Department of Russian Language. **Address:** 1439813164, Islamic Republic of Iran, Tehran, st. Korgare Shimoli, 15/16. E-mail: **f.tamaddon@ut.ac.ir.** Tel.: **(+989) 155163401**
Hossein Golami - University of Tehran, Doctor of Philology, Professor of the Russian Language Department. **Address:** 1439813164, Islamic Republic of Iran, Tehran, st. Korgare Shimoli, 15/16. E-mail: **hgholamy@ut.ac.ir.** Tel.: **(+982) 161119132**

УДК: 891.550

АШЪОРИ НООМӮХТАИ МИРСАНҶАРИ КОШОНӢ

(Чанд сухан дар ҳошияи “Соқинома”-и Мирсанҷар)

Тоиров У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳангоми веростории тазкираи “Майхона”-и Мулло Абдуннабии Фахруззамонии Қазвинӣ, ки соли 2019 дар Душанбе дар матбааи ҶДММ “Мега-принт”, бо сарсухани профессор Саид Нуриддин Саид, дар ду ҷилд (ҷ. 1-768 саҳ., ҷ. 2.- 680 саҳ.) ба табъ расид, диққати моро “Соқинома”-и Мирсанҷари Кошонӣ бештар ба худ ҷалб кард.

Ҳамон тавре ки маълум аст, соқинома яке аз навъҳои шеъри ғиноӣ буда, асосан, дар қолаби маснавӣ (ва дар баҳри Мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур) суруда мешуд. Ба қавли донишманди машҳури эронӣ – Сируси Шамисо: “Дар соқинома шоир соқию муғанниро мухотаб қарор медиҳад ва аз онон мехоҳад, ки бодае дар кор кунанд ва суруде соз диҳанд ва сипас аз гузари сареъи (бошитоби) умру нопойдории дунё ва ҷафои рӯзгор сухан меронад ва хонандаро ба иғтиноми (ғанимат донистани) фурсату дарёфтани дам андарз медиҳад” (3, с. 249). Дойир ба сохтор ва мазмуну муҳтавои соқинома аз ҷониби донишмандони ҳавзаҳои гуногуни адабиётшиносии форсии тоҷикӣ тадқиқоти пуразриш таълиф ёфтаанд. Дар адабиётшиносии тоҷик Фарруха Зеҳнӣ ва Шодимуҳаммад Сӯфиев дар хусуси соқинома корҳои шоистаи таҳқиқ анҷом додаанд.

Муҳаққиқони адабиёт, соқиномаҳои Низомии Ганҷавӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва Хоҷуи Кирмониро намунаи беҳтарини ин навъи шеър донистаанд. Ба қавли муаллифи “Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ” – Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб, аз Фахруддини Гургонӣ (а.11) илова бар достони “Вис ва Ромин” байтҳои парокандае дар фарҳангҳо боқӣ мондаанд, ки аз рӯйи онҳо бояд ӯро нахустин шоире маҳсуб донист, ки пеш аз Низомии Ганҷавӣ соқинома ва муғаннинома сурудааст:

Биё, соқӣ, он оби оташфурӯғ,
Ки аз дил барад зангу аз ҷон вурӯғ.
Муғаннӣ, биёву биёр он суруд,
Ки резам зи ҳар дида сад зиндаруд.
Агар душманат низ ояд фароз,
Ту аспе бигиру бар ӯ бар маноз.
Чунон шав тавозуъкунон сӯйи ӯ,
Ки боз ояд аз дижкашӣ хӯи ӯ.

Ҳеҷ ҷои баҳс нест, ки дар байни соқиномаҳо “Соқинома”-и Ҳофизи Шерозӣ машҳуртарин маҳсуб мешавад. “Соқинома”-и Ҳофиз аз 149 байт иборат буда, дар ниҳояти муъҷазбаёнӣ суруда шудааст. “Соқинома”-и Ҳофизи Шерозӣ бо байти зерин оғоз шуда,

Сари фитна дорад дигар рӯзгор,
Ману мастию фитнаи чашми ёр.

байтҳои боқимонда дар ниҳояти фасоҳату балоғат суруда шудаанд, ки мақбули асҳоби иродат гардидаанд:

Биё, соқӣ, аз ман бирав пеши шоҳ,
Бигӯ ин сухан, к-ай шаҳи ҷампаноҳ.
Дили бенавоёни мискин биҷӯй,
Пас он гоҳ ҷоми ҷаҳонбин биҷӯй.
Биё, соқӣ, он ҷоми кайхусравӣ,
Ба ман деҳ, ки аз ғам заъифам қавӣ...
Биё, соқӣ, аз май бинеҳ маҷлисе,
Ки дунё надорад вафо бо касе.
Биё, соқӣ, он ҷоми Ҷам деҳ маро,
Тааллул макун, дамбадам деҳ маро.
Чи хуш гуфт Ҷамшед бо тоҷу ганҷ,

Ки як ҷав наарзад сарои сипанҷ.
Муғаннӣ, аз он парда нақше биёр,
Бубин, то чи гуфт аз дарун пардадор.
Муғаннӣ, дафу чангро соз деҳ,
Ба ойини хушнағма овоз деҳ.
Муғаннӣ, куҷоӣ навое бизан,
Ба мо-бенавоён садое бизан.
Муғаннӣ, бигӯ қавлу бардор соз,
Ки бечорагонро туӣ чорасоз.
Муғаннӣ, зи ашъори ман як ғазал,
Ба оҳанги чанг овар андар амал.
Ки Ҳофиз чу мастона созад суруд,
Зи чархаш диҳад Зуҳра овози руд.

"Соқинома"-и Мирсанҷари Кошонӣ низ чун соқиномаҳои дигар дар баҳри Мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур (фаъӯлун/ фаъӯлун/фаъӯлун/фаъул ё фаъӯл (v - -/ v - -/ v - -/ v – ё v ~) суруда шуда, аз 497 байт иборат аст. "Соқинома" бо байти зер сар мешавад:

Шикори Ҳамал чун кунад офтоб,
Шугун аст дар даст ҷоми шароб.

Чанд байти аввали "Соқинома" (75 байт) аз наъту муноҷот иборат буда, шоир дар баробари мадҳу ситоиши Худою расул сабаби сурудани ин соқиномаро шарҳ дода, дар шеъру шоирӣ худро аз шоирони машҳури араб – Саҳбону Ҳассон кам намедонад:

Зарурат ба соқиситоӣ равам,
Раҳи танги табъозмоӣ равам.
Чаро, к-аз ҳакимони равшанравон,
Ҳамон манзили мӯрро шабравон.
Сабук дар пайи мӯри ин раҳ шуданд,
Зи аҳволи пешина огаҳ шуданд.
Маро ҳам зарурист ин раҳ шудан,
Шунидам, ки то дур аз ин раҳ шудан.
Ба сар бояд ин роҳ паймуданам,
Ки номуси шеър аст дар гарданам.
Шудам соф дар курраи шоирӣ,
Дамам сарф шуд дар пуфи заргарӣ.
Қалам дар кафам ҳаст муъҷазнамо,
Чу дар дасти Мӯсои Имрон асо.
Араб гарчи бошад фасоҳатнисоб,
Аз ин аъҷамӣ нутқ гирад ҳисоб.
Ба дар бурда нутқам камият қалам,
Зи тозисаворон дар аввалқалам.
Чӣ лофанд Саҳбону Ҳассонашон?
Чу "Девон"-и ман нест девонашон.

Баъди наъту муноҷот шоир ба тариқи тамсил чанд ҳикоятро дар 165 байт ҷой медиҳад. Дар ин қисмат низ Мирсанҷари Кошонӣ аз аҳволи бади худ дар ғарибӣ, яъне дар мулки Ҳинд шикоят мекунад.

Чунонке ки аз тарҷумаи ҳоли ӯ маълум аст, вай дар Кошони Эрон ба дунё омадааст, дар синни бисту сесолагӣ, баъди он ки падараш – Мирҳайдари Муаммоии Кошонӣ ба Ҳинд омада ба василаи хони азимушшаън – Мирзо Ҷаъфари Осафхон ба дарбори Акбаршоҳ роҳ меёбаду эътибори зиёде пайдо мекунад, мулки Ҳиндро ихтиёр менамояд ва мисли падари хеш муддате дар дарбори Акбаршоҳ дохил шуда, дар васфи Ҷалолуддин Муҳаммади Акбаршоҳ қасидаҳо мегӯяд. Мувофиқи гуфтаи муаллифи тазкираи "Майхона" – Мулло Абдуннабии Фахруззамонии Қазвинӣ "баъд аз чанд гоҳе ба сабаби суханони нохуше, ки аз он булбули гулистони нуктасанҷӣ сар мезад ва адоҳои хориҷе, ки қоидаи ҷавонию ҷавонон аст, аз олами хамр хурдан ва ҳазл кардан аз ӯ ба феъл омад, фармонравои баҳру бар – Ҷалолуддин Акбар хотири ашраф аз Санҷар гарон кард ва ӯро аз мардуддони (рондашудагони) даргоҳи худ гардонид" (2, с. 499). Баъди ин ҳодиса

Мирсанҷари Кошонӣ муддате дар шаҳрҳои Ҳиндустон – Гуҷароту Сурату Байҷопур, Дакан умр ба сар бурд. Барои ҳамин дар абёти зери “Соқинома” чунин хитоб мекунад:

Муғаннӣ, ту бар кори худ бош чуст,
Ки чашмам ба соқиву гӯшам ба туст.
Зи таррии дасти ту рафтам зи даст,
К-аз ӯ нағма то хост, дар ҷон нишаст.
Навое, ки онро ту дониву ман,
Мақоме, ки ёд оварам аз ватан.
Зиён дида аз бахти ворунакӯш,
Забонам забон, гӯш бошед гӯш!
Ба ман он чи кардаст бахти сиёҳ,
Ғарибони Ҳинданд яксар гувоҳ.
Чу Ҳинду ба хунам гувоҳӣ диҳад,
Ба Чиноли Ҳиндам дуроҳӣ диҳад.
Ҷабинам ба ҳоли ғуломӣ бисӯхт,
Ба торик бозори Ҳиндам фурӯхт.
Чи судам расид аз харидори Ҳинд,
Ба савдои торики бозори Ҳинд?
Сияҳрӯзам аз қайди ҳиндуи хеш,
Намеорам аз шарм бар рӯйи хеш.
Ҳамин аст ин бахти воруннажод,
Ки будаш дар Эрон лақаб хоназод.
Чу медид он ҷо қавимояам,
Давон дар қафо буд чун сояам.
Кунун Ҳиндро мулки худ ёфтаст,
Сар аз хатти пешониям тофтаст.
Тиҳидастиям низ боис шуда,
Ҳамин, балки сонию солис шуда.
Балоест дур аз бари дӯстон,
Тиҳидастӣ он гаҳ ба Ҳиндустон.
Дареғо, ки ин ҳинди бедодгар,
Фурӯ бурда дандонам андар ҷигар.
Зи Ҳиндам маҷоли гурез аст, кай?
Ки дарёст дар пешу пилам зи пой.

Баъди ин абёти шикоятомез шоир ёди ватани азизи хеш мекунад ва 106 байти “Соқинома”-ро ба васфи ватан ва сухан мебахшад. Чанд байти он:

Шабе хотирам ҳаст ҳубби ватан,
Ғами ғурбатам кард бас мумтаҳам.
Нишастам паси зонуи бекасӣ,
Гиристам бар ин дурию вопасӣ.
Ки аз хешу пайванд бигсастаам,
Ба Ҳинди ҷигархор дил бастаам.
Ҳама ҷамъ ҷуз ман ба як анҷуман,
Ҳамин ман намегунҷам андар ватан.
Набудаш ватан васъи гунҷоиям,
Ба ғурбат аз он кард ҳарҷоиям.
Аз ин чархи чочӣ, чи барно, чи пир,
Даҳан боз дар ханда чун фоқи тир.
Ба ҷуз ман ҳама дар ватанҳо хушанд,
Ба ҷамъияти тир дар таркашанд.
Маро дошт бар рӯйи таркаш хаданг,
Зи дастам бурун дод аз он бедаранг.
Зи кафдодаи бедирангаш манам,
Ки бар рӯйи таркаш хадангаш манам.
Касе пурсад аз ман, надорам гумон,
Чу тире, ки дар разм ҷаст аз камон.

Чу анқо канор аз ҳазар кардаам,
Ба як вақту соат сафар кардаам.
Зи Исо улоғе киро кардаам,
Гузоре ба таҳтуссаро кардаам.
Магар дар нишебу фарози ҷаҳон
Суроғе кунам аз Худоогаҳон.
Зарурат ду рӯзе дар ин тангно
Бисозам ба бегонаю ошно.
Ҳарифона мебоядам бохтан,
Ғарибона мебоядам сохтан.
Агарчи ҳавои ватан дилкаш аст,
Вале пухтагиҳои ғурбат хуш аст.
Чу дилгир гардам, сафар мекунам,
Ҳамон рӯ ба шамсу қамар мекунам.

Мирсанҷари Кошонӣ бар хилофи шоирони соқиномасаро ба ҳамбастагии муғаннию сози мусиқию соқию сухан пардохта, мартаба ва эътибори суханро аз ҳама боло дониста, шоириро ваҳйи мутлақу шогирди Худованд меҳисобад. Инчунин, дар чанд байти ин қисмати “Соқинома” аз ҳасудони хеш шикоят мекунад, ки хусусияти тарҷумаиҳолӣ дорад:

Бидеҳ, соқӣ, он гавҳари нуктаёб,
Ки рангин таровад сухан дар шароб.
Сухан чун бати бода бинад ба даст,
Зи сад шох ояд чу товуси маст.
Чи хуш гуфт донои рангинсухан,
Ки ҳушёри ҳушёр ё масти маст
Суханро ба ҳар ҳол овар ба даст.
Сухан чист? Ваҳй аст мунзалниҳод,
Гирояндаи табъи мурсалниҳод.
Сухан ошноест бегонаро,
Сухан мешиносад раҳи хонаро.
Сухан аввалин пояи қудрат аст,
Хамири сухан мояи қудрат аст.
Агар моя дорад хамири сухан,
Дигар хом н-ояд фатири сухан.
Сухан осмонест, пасташ магир,
Забардаст дон, зердасташ магир.
Зи ҳар дода шеъри худодода беҳ,
Суханзода аз одамизода беҳ.
Бурун ношуда зи дарвозааш,
Чу Юсуф ҷаҳон гирад овозааш.
Чу фарзанд монад сухан ёдгор,
Валекин на фарзанди меросхор.
Суханро ту авлоди дигар магир,
Ки барканд дандон зи меросу шир.
Бимонад пас аз марг гар сад ҳазор,
Наёбад бад-ӯ даст меросхор.
Суханро чунон гӯ, ки монад зи ту,
Ба ҳар кас саломе расонад зи ту.
Пас аз марг фарзанд аз ӯ бар хурад,
На дуздаш барад, не ситамгар хурад.
Агар пири Канъон сухан доштӣ,
Фароғӣ зи байтулҳазан доштӣ.
Зи Юсуф куҷо ёд меомадаш?,
Сухан гар зи авлод меомадаш.
Чу ҳастат сухан дар миён ёдгор,
Чи ғам, гар надорӣ писар дар канор?
Сухан ҳар куҷо меравӣ, ёри туст,

Ҳамин аст ҷинсе, ки дар бори туст.
Ки ҳар ҷо хитоби гиромӣ диҳанд,
Ба шоир амирулкаломӣ диҳанд.
Яке ваҳйи мутлақ бувад шоирӣ,
Ки шогирдии Ҳақ бувад шоирӣ.
Дар ин ҳалқа бо ман сухан мекунад,
Ба ҳар рамз ишорат ба ман мекунад...
Худое, ки ин анҷуман офарид,
Нахустин шунидам, сухан офарид.
Ба боистанию нобоистанӣ,
Сухан мешавад сарф дар ҳар фане.
Хирад дошт дар пеш ҳинҷорро,
Сухан дошт сарриштаи корро.
Агар амр карду ва гар наҳй буд,
Сухан буд тору сухан буд пуд.
Ҳамин савт дар анҷуман буду бас,
Матои рисолат сухан буду бас.
Сухан иллати ғояи одамист,
Зи мо то ба ҳайвон тафовут ҳамист.
Набуду набошад дар ин анҷуман,
Раҳоварди Ҷибрил ғайр аз сухан.
Ба васфи сухан ин ба ман хатм шуд,
Ки пайғамбарӣ бар сухан хатм шуд.
Биё, соқӣ, ай шамъи ин анҷуман,
Ки бо шабнишинон нишинад сухан.
Сухан субҳхез омаду шабнишин,
Аз он рӯй шуд дидаю дилгузин.
Ту ҳам шабнишиниву ҳам субҳхез,
Ба ёди сухан бода дар ҷом рез.
Бидеҳ май, ки рангин сухан гул кунад,
Қалам нуқта дар пои булбул кунад.
Инони қадаҳро ба ман деҳ ду дам,
Ки чобук занам бар камият қалам.
Сухан он нуму кард дар аҳди мо,
Ки бар дӯши Ҳассон сазад маҳди мо.
Вале монд аз тинати ҳамгинон,
Паривор девони ҳар як ниҳон.
Зи ҳамнисбатон шиква дорад басе,
Зи бенисбатон худ чӣ гӯяд касе?
Чи гӯям зи кӯтоҳии дуркашон?
Ки айни раҳоӣ бувад таркашон.
Нафаҳмида дар дахл кӯшиш кунанд,
Бурудат бад-он ҳадду ҷӯшиш кунанд.
Набурда шабе ранҷи бедорие,
На аз дурди соғар хабардорие.
Ба меҳнат басе шаб ба рӯз оварам,
Ҷигаргӯшае дилфирӯз оварам.
Зи меҳраш ба хуни ҷигар парварам,
Ки рӯзе чу фарзанд аз ӯ бар хурам.
Ба ӯ дар фузуда зи худ коста,
Ба сад ҳоҷаташ аз Худо хоста.
Расонам чу ӯро ба ҳадди камол,
Диҳам ҷилва дар суҳбати аҳли ҳол.
Ки аз гӯшае ранҷ нобурдаӣ,
Ҷигаргӯша нодида, дилмурдаӣ.
Ман аз ғусса ҳар шаб ба хилват дарун,

Дилам бар ҷигаргӯша хун аст, хун.
Мапурс аз нафаҳмида таҳсинашон,
Ки нафинашон беҳ з-оминашон.
Ман аз ваҳ-ваҳи халқ мустағниям,
Ки ганҷури ганҷинаи маъниям.
Зи вазъам ду қавманд бе баҳру суд:
Яке з-он ду кавдан, дигар як ҳасуд.
Агар қосир аз васфи ман кавдан аст,
Ба кавдан чи ҷойи сухан кардан аст.
Чӣ донад сухан чист он бевуқуф,
Ки нанҳода фарқ аз намад то ба сӯф?!
В-агар ҳосид аст он таҷоҳулшиор,
Дилашро хабар дорам аз ҳоли зор.
Ба таҳсин чи шуд, гарчи ҷон медиҳад,
Ки ҷон аз ҳасад дар ниҳон медиҳад.
Забонбастае чанд пурарру гӯз,
Накарда тамизи баҳору тамӯз.
Аз эшон кунам вом гӯши дароз,
Нишинам ба як гӯша то дер боз.
Диҳам гӯш бар рози эшон басе,
Зи эшон наёбам забондон касе.
Диҳам бозашон боз гӯши дароз,
Ки доранд аз ман ба ин имтиёз.
Муғаннӣ, даме з-ин малолам барор,
Ба ҳолам расону зи қолам барор.
Тӯӣ булбули масти ин бӯстон,
Алорағми зоғони Ҳиндустон.
Ба оҳанги Эрон навое бизан,
Навои ватаношное бизан.
Сухан чанд ҳиндустонӣ бувад,
Ба ҳар тӯтие ҳамзабоне бувад.

Як қисмати “Соқинома” (91 байт) “Дар насиҳати фарзанд” ном дорад. Мирсанҷари Кошонӣ, ки худ пастию баландии ҳаёт, неку бади зиндагиро дидаю талхию ширинии ҳаётро чашида буд, худро қарздор меҳисобад, ки фарзандашро ҳамчун устоди хирадманду ҷаҳондида насиҳат кунад. Сабаби насиҳат кардани фарзандашро худ ошкоро чунин баён мекунад:

Ба хушку тар аз ҳикмати рӯзгор,
Ба Юнон чу ман нест омӯзгор.
Сафаркарда, суду зиён дидаам,
Ҳама сарду гарми ҷаҳон дидаам.
Баду неки ман аз ту пӯшида нест,
Ба ман аз ту наздиктар ҳаст? Кист?

Мирсанҷари Кошонӣ ҳамчун фарзанди замони хеш, вобаста ба ҳаёту тарзи зиндагонии мардуми асри хеш (а.17) ба фарзандаш панду насиҳат медиҳад, ки бо бародарони худ меҳру шавқат дошта бошад, мухолифат накунад, панду насиҳати бародаронро ба эътибор гирад, ҳамеша ба панди падар гӯш диҳад, пайваста дар хизмати падару модар бошад, аз рафтору гуфтори падар таҷриба гирад, дар ҳама ҷо, хусусан, дар назди бузургон одоби суҳбатро ба ҷо биорад, дар назди ашхоси донишманду хирадманд ҳушу гӯш бошад, агар сухан гуфтанӣ бошад, бояд бамаврид ва санҷида гӯяд, ба ҳар ҷое, ки меравад, бояд чеҳрахандону кушодазабон бошад, аз ҳад зиёд такаббуру аз ҳад зиёд хоксор набошад, ҳангоми ба хонаи касе даромадан, ба ҳар сӯйи хона нигоҳ накунад, бо аҳли нишаст аз рӯйи эҳтиром бо чашму сар ишорат кунад, аз ҳолу аҳволи соҳиби хона пурсон шавад, ба ашхоси ҷоҳил тавозуъи бисёр накунад, аз илмҳои зиёд воқиф ҳам бошад, дар назди бузургон таҳаммул кунад, дар зиндагӣ пояи эътидолро нигоҳ дорад, ҳеч гоҳ бар заъифон зулму ситам накунад, ба ҷое сафар ихтиёр кунад, ки дар он ҷо шуҳрат дошта бошад, ҳангоми сафар кардан бо касе равад, ки сафардидаю ҷаҳонгашта бошад, ҳама гуна

корро дар вақташ анҷом диҳад, яъне кори имрӯзаро ба фардо нагузорад, кореро, ки сар кард, ба кори дигар машғул нашавад, дар зиндагӣ ёри мувофиқ ёфта бошад, яъне касе бошад, ки ӯ ҳам ба вай майлу рағбат дошта бошад, зеро кӯшиши яктарафа натиҷа надорад, ба амонати касе хиёнат накунад, агар илоҷаш бошад, умуман, амонат нагирад, ҳамеша ростгӯву рострав бошад, аз ҳавасҳои беҳуда худдорӣ кунад, бо мардум дар рафоқату дӯстӣ зиндагӣ кунад, аз харҷи беҳуда даст кашад, хайру саховатро пешаи худ созад, бо мардуми ширинсухан сухани талх нагӯяд, бо нокасону ашхоси ноозмуда дӯстӣ накунад, ба мардуми сифла рози дил нагӯяд, чунки мардуми оқил, хусусан, донишмандону хирадмандон ҳеҷ гоҳ дар болои рег пул намесозанд:

Хишти аввал чун ниҳад меъмор каҷ,
То ба охир меравад девор каҷ.

Услуби баёну гуфтори шоир хеле дилкашу гуворост ва панду насиҳатҳои ӯ ба дараҷае нодиранд, ки то имрӯз қиммати тарбиявии худро нигоҳ доштаанд. Чанд байти онро меорем:

Биё, Афсари Санҷар, ай тоҷи сар,
Ки аввалниҳоливу ширинсамар.
Ту дар ришташ чун сари ришташӣ,
Ки аз софи найсони ман киштаӣ.
Садафворат, ай гавҳари шоҳвор,
Пас аз қарне овардаам дар канор.
Ту аслӣ, дигарҳо туфайли туанд,
На ҳамширу ихвон, ки хайли туанд.
Маро тарбият кардани туст фарз,
Ба гардан туро меҳри ихвон-ст қарз.
Зи андарзи ман чун шавӣ комёб,
Фурӯ дону худро, аз он гӯш тоб.
Ҳар он, к-ӯ зи панди ту дорад гурез,
Бувад гарчи Юсуф, мадораш азиз.
Бародар, ки кораш тахаллуф бувад,
Ба гургаш фиган, гарчи Юсуф бувад.
Ба гетӣ туро суҳбати ман бас аст,
Ки дар хона як ҳарф бас, гар кас аст.
Чу гул гӯш шав, чун шавам пандсанҷ,
Зи ширину талхам манолу маранҷ.
Ба назди падар бандагӣ боядат,
Чу мева сарафгандагӣ боядат.
Ки хӯша агарчи намоён бувад,
Сарафганда дар пеши деҳқон бувад.
Маро бар ту он ҳаққи дарборияст,
Ки мерос расмаш сарборияст.
Туро арчи худ ҳолати таҷрибаст,
Писарро падар олати таҷрибаст.
Ба хушку тар аз ҳикмати рӯзгор,
Ба Юнон чу ман нест омӯзгор.
Сафаркарда, суду зиён дидаам,
Ҳама сарду гарми ҷаҳон дидаам.
Баду неки ман аз ту пӯшида нест,
Ба ман аз ту наздиктар ҳаст? Кист?
Куҷо ҳусну қубҳам дарояд ба чашм,
Ба ин оштӣ кун в-аз он шав ба хашм.
Бузургу хирадманду ҳушёр бош,
Зи одоби суҳбат хабардор бош.
Агарчи ба ҳар маҳфилу анҷуман,
Мухалло зи андеша натвон шудан.
Басо ҷо, ки бояд шуд андешаманд,
Ки тозанд дар разм чун бар каманд.

Вале акси он ҳам фитад иттифоқ,
Агар толеъи суст варзад анфоқ.
Ба ҷойе, ки шамшер бахшад амон,
Туро тири таркаш бувад дар камон.
На қобу, ки тират тарозу шавад,
На фурсат, ки теғат зи бозу шавад.
Ба норафта маҷлис чу рафтан кунӣ,
Дил он беҳ, ки холӣ зи гуфтан кунӣ.
Чӣ донӣ, ки он ҷо чи ҷинс аст боб,
Катон меписандед ё моҳтоб?
Чӣ донӣ, ки дар поя чунанду чанд,
Фурӯтанталаб ё ки саркашписанд?
Хаёле, ки маркӯзи хотир шавад,
Мабодо дигаргуна зоҳир шавад.
Ки то бозгашти табиат аз он,
Нишинӣ чу булбул ба фасли хазон.
Якояк хаёле, ки дар дил гузашт,
Дамодам нашояд аз ӯ бозгашт.
Мақоме, ки дар гӯш гирад қарор,
Аз ӯ гӯш осон нагирад канор.
Аз он табъро то накардӣ лаҷом,
Нашояд расидан ба дигар мақом.
Хаёле, ки як шаб кашӣ дар бараш,
Кунӣ ёд то ҳафтаи дигараш.
Ба маҷлис дарун ошнорӯй рав,
Шукуфта, на бо чини абрӯй рав.
Худованди маҷлис агар ошност,
Фаротар зи худ гар нишинӣ, равост.
Ва гар з-он, ки донӣ, ки бегона аст,
Далерӣ макун, гарчи фарзона аст.
Ба ҳар ҷо, ки бояд нишастан, нишин,
Чу бар ҷо нишинӣ, ба ҳар ҷо мабин.
Ба андозаи қадри ҳар ошно,
Ба чашму сар аввал ишорат намо.
Пас он гоҳ дар мизбон рӯй кун,
Сухан дар миён тарҳ чун гӯй кун.
Касеро, ки дорад дар ин кор даст,
Зарур аст кардан ба худ ёрдаст.
Ки гар мири маҷлис аз ин фан барист,
Худ афсона дар кори афсунгарист.
Тавон ёфтан аз адои калом,
Ки қойил тамом аст ё нотаном.
Тавозуъ ба мағрури ҷоҳил макун,
Ба ғайр аз тағофул ба ғофил макун.
Агарчи гаронҷон шудан нохуш аст,
Сабукрӯҳ будан на ҳар ҷо хуш аст.
Ба ҳар ҷо, ки гӯянд аз шеваат,
Мудаммағ нахонанд ё леваат.
Зи ҳар илм агарчи бувад баҳраат,
Тамизи бузургон кунад шуҳраат.
Ба роҳи бузургон бифарсой наъл,
Ки дарё гуҳар бахшаду кӯҳ лаъл.
Ба дониш чу гаштӣ ба ҳар шаҳр фош,
Ба ҳар анҷуман садрперой бош.
Ба ғолиб сухан пешдастӣ макун,
Баландӣ чу хоҳанд, пастӣ макун.

Чунон зӣ, ки дар пояи эътидол,
Ба гетӣ ҳакимона дар ҳеч ҳол:
Забонбастаро дил наёрӣ ба дард,
К-аз ин шева тарфе набастаст мард.
Мабодо ситам бар заъифон кунӣ,
Ба киштишикаста чу тӯфон кунӣ.
Дар ин роҳ машкан пайи мӯрро,
Тавонӣ, бикаш ҷони занбӯрро.
Ҳарифе, ки чун шуъла гарданкаш аст,
Бар ӯ ҳамчу сарсар давидан х(в)аш аст.
Бирам, дам фишон бар наҳангу паланг,
Ки гардад шикори ту моҳиву ранг.
Бар ҳар ҷо, ки дорӣ ҳавои сафар,
Ҳамон беҳ, ки номат равад пештар.
Бар ҳар ҷо, ки пеш аз ту номат равад,
Кунад хоҷагӣ, гар ғуломат равад.
Сафардида бояд рафиқи сафар,
Зи нодидағурбат ҳазар кун, ҳазар.
Ба роҳе, ки дар пеш дорӣ зарур,
Ба имрӯзу фардо масозеш дур.
Зи коре, ки мебоядат сохтан,
Ба кори дигар чист пардохтан?
Зи якрӯза таъхир дар кори ҳаҷ,
Шутурвор соле кашӣ бори ҳаҷ.
Зи иҳмоли як лаҳза дар кору бор,
Пас афтода яксола бисёр кор.
Наёбанд агар вақти таҳвилро,
Чи донанд тағйири табдилро.
Агар вақти таҳвил раммол ёфт,
Саранҷому оғози он сол ёфт.
В-агар нуқтае вақташ аз даст рафт,
Чи ҳосил дигар тираш аз шаст рафт?!
Ҳама сол аз ғафлати носавоб,
Чу ашколи рамл аст дар инқилоб.
Ба пирӣ бирас, то ҷавонӣ кунӣ,
Хизир ҷӯ, ки пур зиндагонӣ кунӣ.
Чу ёре зарур аст ҳар ёрро,
Масал ҳар ду лурист бозорро.
Туро ҳам зи ёре бувад ногузир,
Ки дорӣ дилу дида аз ғайр сер.
Дар ин чорсӯ он сазад ёри ту,
Ки ӯ низ бошад харидори ту.
Дар ин раҳ ба дунболи ёре марав,
Ки чун сояат нест дунболадав.
Кашиш хуш бувад, лекин аз ду тараф,
Зи як сар кашиши сайъ гардад талаф.
Талаб кун, касеро, ки хоҳад туро,
Нахоҳӣ касеро, ки коҳад туро.
Амонат нагирӣ, агар ҷон диҳанд,
Макун фарз чандон, арзон диҳанд.
Дари ростон зан ба вақти сухун,
Зи “каззобу ло уммативӣ” ёд кун.
Фарохурди қудрат ҳавас боядат,
Диҳиш дархури дастрас боядат.
Агар донае монда аз хӯшаат,
Шавад хирмане аз пайи тӯшаат.

Чу рифҳу мадоро кунӣ бо нафар,
Нишинӣ ба завқи ватан дар сафар.
Гурезандаро зомини тан зар аст,
Карам кундии пову қуфли дар аст.
Ба ширинсухан талхгуфторӣ макун,
Турушрӯиву тундхӯӣ макун.
Махур бода бо нокаси девсон,
Ҳаром аст май, лек бо нокасон.
Ба ноозмуда мапаймо шароб,
Ки ногаҳ барояд шаробат сароб.
Ба хорӣ кашад суҳбати аҳли зул,
Ҳакимон набанданд бар рег пул.
Ба ҳар сифла рози ниҳон наспарӣ,
Ба шохи гавазн ошён наспарӣ.
Биное, ки маҳкам набошад паяш,
Масолеҳ гар орӣ зи Руму Раяш.
Муҳандис шавад гар ба фарз офтоб,
Кунад дар суботаш рақам бе ҳисоб.
Кунад хишт пӯлод дар кори ӯ,
Бияндояд аз қир девори ӯ.
Бад-он моя гарчи тановар шавад,
Ба саркӯб садди Сикандар шавад.
Набошад чу дар асл маҳкам ниҳод,
Фурӯ резад аз ҳам ба як тундбод.

Чанд байти “Соқинома” (33 байт) ба мадҳи Абулмузаффар шоҳ Аббос бахшида шудааст. “Соқинома” бо таърифи субҳ (10 байт), шаб (7 байт) ва ишқ (10 байт) ба охир мерасад:

Дар таърифи субҳ

Сабоҳе чу ройи хирадпарварон,
Шуда дида дар рӯйи некахтарон.
Надида назар рӯйи файзошно,
Ба бегона бегона дар марҳабо.
Аз ӯ чашми офоқ пурнур бувад,
Зи файзаш дару бом чун Тур бувад.
Парипайкаре, к-аз сафеду сиёҳ,
Таваллуд намуда чу нури нигоҳ.
Зи бас тобиши талъаташ дар ниқоб,
Чу сайёрагони дигар з-офтоб.
Парастори худро ба ҳар сӯй рӯй,
Камони тулуи худ аз чорсӯй.
Ҳамегашт ҳарбо чу гови ҳарос,
Ба хуршедҷӯӣ парешонҳавос.
Ҳаво чормавҷа, вале муътадил,
Зи шодӣ ҳама карда ҳамро биҳил.
Чу нилоби шабро ба поён барӣ,
Ҳамонро, ки киштӣ зи тӯфон барӣ.
Малулон хунук бар саҳар мезананд,
Чу киштинишинон, ки пар мезананд.

Дар таърифи шаб

Шабе обуранги ҷавонӣ дар ӯ,
Хурӯс аз пайи субҳхонӣ дар ӯ.
Зи найрангии моҳи зулмотсӯз,
Ҳама шаб муаззин ба пиндори рӯз.
Сияҳҷомаи Каъба ба ҳурматаш,
Ду ангушт кӯтоҳ аз қоматаш.
Дами субҳ пешаш дузону задӣ,

Аҷаб гармӣ аз меҳр якмӯ задӣ.
Арабдухтаре бо рухи офтоб,
Фурӯҳишта бар чеҳра мушкинниқоб.
Яке лайле, алҳақ, ки на лайл буд,
Сияҳҷомаи Каъбааш хайл буд.
Муваллид агар хонамаш, на хатост,
Зи модар ҳабаш в-аз падар румзост.

Дар таърифи ишқ

Хушо ишқу мастии саршори ишқ,
Хуш он сар, ки шуд бар сари дори ишқ.
Касе, к-ӯ напечид сар з-ин каманд,
Ба гетӣ чу Мансур шуд сарбаланд.
Арӯсест, то дар барояд киро,
Ҳумоест, то бар сар ояд киро?
Гар аз хешу пайванд бигсастаӣ,
Махур ғам, чу бо ишқ пайвастаӣ.
Ба шаҳре, ки нашносадат ҳеч кас,
Шиносоии ишқ он ҷост бас.
Ба як чашмхона касе, к-ошност,
Ба як шаҳри бегона чун ақрабост.
Магӯ, ғурбат он ҷо, ки беғурбат аст,
Ки нисбат ба он ҷо ватан ғурбат аст.
Ду мижгон, ки сарпанҷашон банд шуд,
Ба ҳам даст доданду пайванд шуд.
Чу тобанд бар ҳам ду тори нигоҳ,
Тавон хеши бегона шуд бегуноҳ.
Ғами олам аз дил барад ёди ишқ,
Дило, вирди худ соз авроди ишқ.

А Д А Б И Ё Т

1. Зеҳнӣ Фарруха. Жанри соқинома дар адабиёти форсу тоҷики асрҳои XIII-XV. – Душанбе, 1991.
2. Мулло Абдуннабии Фахруззамонии Қазвинӣ. Майхона / Баргардонандагони матн ба хатти кириллии тоҷикӣ ва муаллифони пешгуфтор Тоиров У., Авғонов А. ва Бобоалиева З. – Душанбе, 2019. - Ҷ.1. – 768 с; - Ҷ.2. – 688 с.
3. Сируси Шамисо. Нуктае дар бораи “Соқинома”-и Ҳофиз // Маҷаллаи “Оянда”, давраи ҳафтум, фарвардин ва урдибиҳишт, 1360.
4. Сируси Шамисо. Анвои адабӣ. – Теҳрон, 1368.
5. Тоиров У. Меъёр ва андозаҳои шеър / У.Тоиров. – Душанбе: Адиб, 2013.
6. Тоиров У. Шеъре агар ҳаст / У. Тоиров. – Душанбе: Эр-граф, 2017.
7. Тоиров У. Поэтикаи “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ / У. Тоиров, М. Солеҳов. – Душанбе: Эр-граф, 2019.
8. Тоиров У. Мавҷи тӯфони хирад / У. Тоиров, М. Солеҳов. – Душанбе: Эр-граф, 2020.

АШЪОРИ НООМӮХТАИ МИРСАНҶАРИ КОШОНӢ

Дар ин мақола муаллиф доир ба соқинома ҳамчун яке аз анвои ғиноӣ, алалхусус, дар асоси “Соқинома”-и Мирсанҷар изҳори ақида менамояд. Дар соқинома одатан шоирон аз соқию муғаннӣ хоҳиш мекунанд, ки бодае дар диҳанду суруде соз диҳанд, то ки шунавандагон аз гузашти босуръати умр каме ҳам бошад фориғ гарданд. “Соқинома”-и Мирсанҷари Кошонӣ мисли соқиномаҳои дигар дар баҳри мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур суруда шуда, аз 497 байт иборат аст. Мирсанҷари Кошонӣ бар хилофи соқиномасароёни дигар ба ҳамбастагии муғаннию сози мусиқӣ ва эътибору мартабаи сухан пардохта, суханро аз ҳама боло медонад. Як қисмати “Соқинома” ба насиҳати фарзанд, чанд байти он ба таърифи субҳ (10 байт), чанди байти дигар ба ситоиши шаб (7 байт) ва ишқ (10 байт) бахшида шудааст.

Калидвожаҳо: ашъор, анвои адабӣ, шеъри ғиноӣ (лирикӣ), суруд, байт, баҳр, шоир, ишқ, Мирсанҷари Кошонӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Хоҷуи Кирмонӣ.

НЕИЗУЧЕННАЯ ПОЭЗИЯ МИРСАНДЖАРА КАШОНИ

В данной статье автор комментирует вакхические произведения как один из видов поэзии в частности, на основе «Сакинаме» Мирсанджара. В вакхическом произведении поэты обычно просят кравчего и музыканта угощать их вином и исполнить песню, чтобы присутствующие немного отдохнули от стремительного течения жизни. «Сокинома» Мирсанджара Кошани, как и другие мемуары, воспевается в положительном или отрицательном ключе и состоит из 497 бейтов. Мирсанджар Кошани, в отличие от других композиторов, особое внимание уделяет связи певца и музыканта, престижу речи и ставитее выше всех . Одна часть Сокиномы

посвящена наставлению ребенка, несколько стихов посвящены восхвалению утра (10 бейтов) и несколько стихов посвящены восхвалению ночи (7 бейтовт) и любви (10 бейтов).

Ключевые слова: поэзия, литературный жанр, лирическая поэма, песня, стих, море, поэт, любовь, Мирсанжар Кошани, Низами Гянджеви, Хафиз Шерози, Ходжуи Кирмони.

THE UNSTUDY POETRY OF MIRSANJAR KASHONI

In this article, the author comments on Bacchic works as one of the types of poetry, in particular, on the basis of Mirsanjar's "Sakiname". In a Bacchic work, the poets usually ask the kravchey and the musician to treat them with wine and sing a song so that those present have a little rest from the rapid flow of life. "Sokinoma" by Mirsanjar Koshani, like other memoirs, is sung in a positive or negative way and consists of 497 bayts. Mirsanjar Koshani, unlike other composers, pays special attention to the connection between the singer and the musician, the prestige of speech and puts it above all. One part of Sokinoma is devoted to the instruction of the child, several verses are dedicated to the praise of the morning (10 bytes) and several verses are dedicated to the praise of the night (7 bytes) and love (10 bytes).

Key words: poetry, literary genre, lyrical poem, song, verse, sea, poet, love, Mirsanjar Koshani, Nizami Ganjavi, Hafiz Sherozi, Khojui Kirmoni.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Урватулло Тоиров*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёт. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17

Сведение об авторе: ***Урватулло Тоиров*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Urvatullo Toirov*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of Literary History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 891.550

«ДАР ОРЗУИ ПАДАР» ВА ТАКМИЛИ МИНБАЪДАИ ОН

Аламхон Кӯчарзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз масъалаҳои басо муҳимми ҷомеаи инсонӣ, ки аз қадимулайём боз таваҷҷуҳи сиёсатмадорон, ҷомеашиносон, аҳли илму фарҳанг ва адибони дунёро ба худ ҷалб кардааст, хонавода ва муносибатҳои оилавии волидон ва фарзандон мебошад. Ин қазия, ки сарчашмаи асосии қавму қабилаҳо, халқу миллатҳо ва урфу одату суннатҳои инсонӣ ба шумор меравад, махсусан дар адабиёти шифоҳӣ ва хаттии мардумони форсу тоҷик дар навъҳои осори манзуму мансур, намоишномаҳо, панду андарзҳо мавриди тасвир ва таҳқиқи бадеӣ қарор гирифтааст.

«Доир ба назария ва амалияи нақши падару модар дар тарбияи фарзанд, - қайд кардаанд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон,-- ва ё баръакс, вазифаи фарзанд дар бобати эҳтиром гузоштан ба падару модар китобҳои муътабаре, аз қабили «Қобуснома»-и Унсуралмаолии Кайковус, «Насиҳатнома»-и Имоми Аъзам, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насираддини Тӯсӣ, «Кимиёи саодат»-и Ғаззолӣ», «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Даввонӣ ва дигар панду насиҳатномаҳо таълиф шудаанд» [9, с.5].

Дар адабиёти давраи нави тоҷик низ аз осори Аҳмад-махдуми Дониш ва устод Айниву Абдуррауфи Фитрат сар карда, то наслҳои гуногуни адибони даврони истиқлоли мамлакат, чун Сорбон, Абдулҳамид Самад, Кароматуллоҳи Мирзо, Ӯрун Кӯҳзод, Саттор Турсун, Ато Мирхоҷа, мавзӯи хонадон ва муносибатҳои оилавӣ муфассал ба тасвир омадааст.

Аз ин ҷиҳат, «Дар орзуи падар» ном асари сеҷилдаи Кароматуллоҳи Мирзо, ки нависанда барои таълифи китоби аввали он ба дарёфти Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ (1992) шарафёб гардидааст, ҷолиби диққат аст. Сабаби таълифи асари «Дар орзуи падар»-ро адиб дар яке аз мусоҳибаҳо чунин баён кардааст: «Фарзандро неъмати аз ҳама бузург, давоми умр, қуввати дил мегӯянд, ки ҳамаи ин барҳақ рост аст… Оё ба одами солим зарур аст, ки аз барои май ё дубора зан гирифтан ҳамсари худро бо тифлаконаш аз хона бironад? Онҳоро муҳтоҷи дари хонаи мардуми дигар кунад, ба азоби якумрӣ дучор гардонад?! Дар повести «Дар орзуи падар» ана ҳамин номардиҳои баъзе афродро, ки боиси хонавайронию рӯзгори пуразоби тифлакон мегарданд, ба риштаи сюжет кашидаам» [3, с.304-305].

Дар роман як зумра симоҳои мусбату манфӣ, чун Нозимӣ, Мушарраф, писари онҳо Меҳрубон, Шафақ, Муҳаммадӣ Паҳлавон, Мавлонзода, Содиқӣ, модари Мушарраф, Шафеӣ, Абдушукур, Шаҳноза, Шоҳназар, Неъматуллохон, Саидҷаъфар, Александр, амал мекунанд. Ин образҳо бо рафтору гаштор, муносибату муомила ва диду андешаи худ дар ифодаи мазмуни ғоявӣ, муҳтаво ва ҷанбаи ахлоқиву иҷтимоии асар саҳми муносиб доранд, вале мундариҷа ва сужети он дар гирди як оила – падар Нозимӣ, модар Мушарраф ва писар Меҳрубон чарх мезанад. Ба эътирофи муҳаққиқони эҷодиёти нависанда, «Романи «Дар орзуи падар»-ро метавон яке аз даствардҳои на танҳо адиб, балки адабиёти солҳои охир номид» [2, с. 345].

Ба фикри мо, ин маъруфияти «Дар орзуи падар», пеш аз ҳама, ба масъулияти муаллиф дар кори эҷодӣ бастагӣ дорад. Ин асар бори аввал соли 1987 дар шумораҳои 10 ва 11 маҷаллаи «Садои Шарқ» ва баъд соли 1989 чун асари алоҳида дар шакли қисса дастраси хонанда гарида, аз тарафи мутахассисоне чун Асадулло Саъдуллоев, Саидраҳмон Саидов, Туйчӣ Миров ва оммаи хонандагон баҳои хуб гирифт. Вале нависанда ин повестро дар ҳолати аввала боқӣ нагузошт.

Аз нигоҳи матншиносӣ таҳриру такмили минбаъдаи матнҳои бадеӣ дар чанд ҳолат рух медиҳад. Аввалан, худи муаллиф дар мундариҷаву шакли асар норасоие эҳсос карда, ба такмили минбаъдаи он мепардозад. Матни аввали чопии «Марги судхӯр» ҳам ба

мутахассисон ва ҳам ба оммаи хонандагон писанд омада буд. Вале худи устод Айнӣ дар деҳот фаъолият надоштани образи асосӣ – Қориисматро аз камбудии матни аввали асар дониста, ба таҳриру такмили минбаъдаи он мепардозад. Баъзан, чи хеле ки аз таҳрири минбаъдаи матни чопии достони «Ҳасани аробакаш»-и устод Турсунзода бармеояд, нақди адабии давр муаллифро ба таҳриру такмили мундариҷаи асар водор мекунад. Дар ҳолати дигар, адиб маҷбур мешавад, ки вобаста ба тағйири вазъи сиёсии давр асарашро аз нав коркард намояд. Дар матни аввали достони «Парии Бахт»-и (соли 1947) устод Лоҳутӣ дар қатори образҳои Сергей, Шогадо, Эсхел, Ладо, Латуге, Собит, Тухтасун Ҳакими Бахтшинос (В.И. Ленин) ва Ҳомии Бахт (И.В.Сталин) ширкат доштанд. Баъди сари Сталин ва аз тарафи ҳизби коммунист маҳкум кардани шахспарастии роҳбари собиқи давлати Шӯравӣ устод Лоҳутӣ «Парии Бахт»-ро аз нав таҳрир карда, образи Ҳомии Бахт – Сталинро аз матн ихтисор мекунад.

Дар мавриди қиссаи «Дар орзуи падар» ва минбаъд ба романи сеҷилда табдил додани он бошад, ҳам танқиди адабӣ ва ҳам оммаи хонандагон саҳм гирифтанд. Адабиётшинос Саидраҳмон Саидов оид ба образҳои матни нахустини қисса муҳокима ронда, симои асосии асар -- Нозимиро нопурра медонад: «Доираи амалиёти Нозимӣ ҳамчун образи бадеӣ дар оғози повест камубеш равшан бошад ҳам, дар охир тамоман хира мегардад. Ин образ, ба фикри мо, ҳоло номукаммал аст, фаъолияти минбаъдаи ӯ ба хонанда пурра равшан нест» [8, с.160].

А тарафи дигар, чи хеле ки худи нависанда дар мусоҳибаҳояш борҳо таъкид кардааст, хонандагон, аз ҷумла зумрае аз оилаҳои ҷавон, қиссаи «Дар орзуи падар»-ро хеле хуб пазироӣ карда, аз муаллиф тақдири минбаъдаи образҳои асосии асар – Нозимӣ, Мушарраф ва Меҳрубонро пурсон мешуданд. Ин аст ки нависанда таълифи асарро давом дода, соли 2000 қисми дувуми онро ба итмом мерасонад ва ҳар ду қисмро дар шакли романи дуҷилда пешкаши хонанда мегардонад.

Профессори шодравон Абдусаттори Абдушукур дар «Достони меҳри падар» ном мақола аз анҷоми китоби дуюми асар чунин башорат медиҳад: «Ниҳоят, соли равон (соли 2000-ум дар назар аст – К.А.) китоби дуюми романи Кароматуллоҳи Мирзо «Дар орзуи падар», ки мухлисони зиёдеро ба шӯру шавқ оварда буду қисмати дуюми онро ҳама бесаброна интизор буданд, ба итмом расид» [1, с.270].

Дар китоби дуюми роман сужет асосан атрофи Меҳрубону падари ӯ – Нозимӣ чарх мезанад ва, бо вуҷуди амалиёти персонажҳои зиёд, нақши асосӣ ба уҳдаи Муҳрубони наврас аст. Меҳрубон то метавонад ба падари майзада ва нимбемораш парастории мекунад ва бо супориши падар аз мардум пул қарз мекунад. Ин амал барои вай басе рӯзи сахт буд, вале ӯ ақидае дошт, ки: «Падар фарзандро ба дами марг тела диҳад ҳам, бояд вай рӯ натобад. Ҳа, ҳамин тавр. Вагарна барои чӣ писарро номбардори падар мегӯянд?». Ин андешаи Меҳрубон, ки аз аввал то охири романи 2-ҷилда бозгӯ мешавад, симои ӯро дар насри имрӯзаи тоҷик камназир мегардонад.

Дар охири қисми дуюм Меҳрубон дар як бегоҳии рӯзи баҳор аз дасти падари бемораш гирифта, аз ҳавлии Гавҳар (Нозимӣ мехост, ки қисмати боқимондаи умрашро дар ҳавлии духтари холааш – Гавҳар сипарӣ карда, дар деҳаи падарӣ ҷон ба Ҳақ таслим намояд) мебароянд ва ҳарду рӯ ба офтоби дами ғуруб ҳаракат мекунанд.

Кароматуллоҳи Мирзо баъди китоби дуюм ҳам тақдири образҳои асосии асар – Меҳрубон, Нозимӣ, Мушарраф, Абдушукур ва, умуман, зиддияти мундариҷаи асарро то охир ҳалношуда медонист, ин аст ки ба таълифи китоби сеюми роман мепардозад. Китоби сеюми роман, ки бо тафовут аз қисматҳои якуму дуюм, чор боби охири он бо номҳои «Хоҳари қиёматӣ», «Сиёҳиҳои Сиёҳдона», «Қиёмате дар сари Мушарраф гардон» ва «Дуои падар» сарлавҳагузорӣ шудааст, ҳам моломоли воқеаҳои муассири фоҷеавӣ мебошад. Мушарраф бо душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ гардида, оқибат аз Абдушукури золиму фосиқ ҷудо шуда, ба хонаи бародархондаш – Пуҳаммадӣ Паҳлавон паноҳ мебарад. Нозимиро дар деҳаи падарӣ ягон кас аз аҳли деҳа, ҳатто ҳамсинфон ва рафиқони даври бачагӣ, қабул намекунанд ва Меҳрубон падарашро бо азоб ба беморхонаи Мачитон бурда мехобонад ва дар хоначаи посбонҳо ҷой гирифта, ба нигоҳубини бемор машғул мешавад. Нозимӣ дар беморхонаи Мачитон чад вақт боз табобат мегирад ва дар як рӯзи офтобии

айёми баҳор ба юнучқазор, ки аз беморхона он қадар дурӣ надошт, ҳаваси рафтан мекунад. Дар роҳ ногоҳ аҳволаш бад шуда, маргашро яқин мекунад ва ба Меҳрубон, ягона ҳомӣ ва вориси зиндаву мурдааш, чунин васият менамояд: - Ту, бачам, гӯш кун. Гӯш кун, ки ман чӣ мегӯям. Очата суроғ кун. Вай Муҳаммадӣ Паҳлавон гуфт, боз рӯзаш сиёҳ шудааст, рӯз надид. Рав, саробони очат шав, рав, Мижгонро ёб, шавҳар кардааст, вайро таги бал каш. Вай духтаракам, ман вайро дӯст медорам. Ту, бачам, додоятро фаромӯш накун, аз хотир набарор, падар канда-канда, базӯр-базӯр ҳарф мезад, васият мекард [5, с.488].

Хонанда ба қаҳрамони дӯстдоштаи худ – Меҳрубон дар вазъияте хайрбод мегӯяд, ки ӯ қарзи фарзандии худро ботамом ба ҷо оварда, дуои падарро гирифтааст ва боварӣ дорад, ки минбаъд бо дилдодааш – Нигора ҳамхона шуда, ба иҷрои васияти падар камар мебандад ва аз умр баракат меёбад.

Романи сеҷилдаи «Дар орзуи падар», агар оғози таълифи онро аз соли 1985 (яъне ду сол пеш аз аввалин чопи маҷаллавӣ) ба ҳисоб гирем, зиёда аз 20 сол фикру хаёли нависандаро ба худ банд кардааст, вале матнҳои чопии он аз лиҳози мундариҷа, бандубаст, забон ва услуб тағйир наёфтаанд. Як тағйироти андаке, ки дар чопи пурраи «Дар орзуи падар» ба назар расид, «Айби волидайн», «Бехонумон», «Дарҳои баста» номгузорӣ шудани ҳар яке аз се китоби роман мебошад. Ҳамчунин, шарҳи баъзе вожаҳое, чун **чурпаат (бачаат), рӯрез (парешону овора), ардом (ҳабсхона), бурдангал (бузбала), мелутум (кор мекунам), янга (занҳое, ки аз паси арӯс ба хонаи домод мераванд), барроқӣ (сарбаланду хурсанд), ҳили (базӯр),** ки дар поварақи маҷалла вомехӯранд, дар матни китобӣ ихтисор гардидаанд.

Ва боз, номи Нозимӣ дар матнҳои чопии қисса Афзалшоҳ, вале дар матнҳои чопии роман Сафармурод омадааст:

- Гиред, **Афзалшоҳ**, камакак,	- Гиред, **Сафармурод**, камакак,
ашки булбул барин [6, с.148].	Ашки булбул барин [5, с.41].

Бояд гуфт, ки адибон дорои тарзу усулҳои гуногуни эҷодӣ мебошанд. Як зумра нависандагон асарҳояшонро пеш аз ҳар чопи навбатӣ ҳатман таҳрир мекунанд. Ва адибоне низ ҳастанд, ки оид ба бандубаст, хатти сужет ва образҳои асарҳояшон муддати мадиде андеша карда, дар ақлу шуур пазонда, баъд рӯи коғаз меоранд. Бинобар ин ба таҳрирҳои минбаъда ҳоҷат наменомад. Чи хеле ки аз муқоисаи матнҳои чопии асари «Дар орзуи падар» бармеояд, Карорматуллоҳи Мирзо ба зумраи нависандагоне мутааллиқ аст, ки мавзуъро аввал дар тафаккури худ пурра ҳазм карда, баъд рӯи коғаз меоранд ва боз матнро дар шакли мошинка ё компютер барои гирифтани маслиҳат ба ҳамкасбон пешниҳод менамоянд. Худи Карорматуллоҳи Мирзо дар яке аз мусоҳибаҳо ба саволи «Пеш аз чоп асарҳоятонро ба киҳо нишон медиҳед?» чунин изҳор кардааст: - Ҳоло ҳам навиштаҳоямро пеш аз нашр ба дӯстонам – Аскар Ҳаким, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Ӯрун Кӯҳзод медиҳам, то хонанду фикру мулоҳизаҳояшонро баён созанд. Масалан, қисмати дуюми китоби «Дар орзуи падар»-ро Саттор Турсун хонда, ба он баҳои баланд дод. Дар чопи асарҳоям ҳаргиз шитоб накардаам. Китоби «Дар орзуи падар»-ро 7-8 сол заҳмат кашида навиштам (қисмати дуюми роман дар назар аст – К.А.). Ва хушбахтона баъди ранҷҳо ин китоб низ мисли «Дарди ишқ» машҳур гашт [2, с.346].

Дар ҳақиқат, яке аз сабабҳои маъруфияти романи «Дар орзуи падар» ба эътибор гирифтани фикру мулоҳизаи ҳамкасбон мебошад. Ҳанӯз устод Айнӣ дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон усули дастҷамъонаи хондан ва баёни фикру мулоҳизаи ҳамкасбонро ҷорӣ карда буд ва худ то охири умр мулоҳизаҳои нависандагонро пеш аз чоп ба ҳисоб мегирифт. Устод охири соли 1948 дар як нома ба Мирзо Турсунзода менависад: «Дар ин рӯзҳо рафиқ Деҳотӣ дастнависи «Ёддоштҳо»-ро пеши ман оварда, фикрҳои баъзе рафиқонро ба ман нақл карда ислоҳашро талаб намуд. Лекин аз нақли рафиқ Деҳотӣ маълум шуд, ки рафиқон ба таври читка коллективона нахондаанд ва ҳар кадом ҷудогона-ҷудогона хонда бошанд ҳам, ғайр аз Ҷалол Икромӣ ҳеҷ кас пурра нахондааст. Ва ҳол он ки дар бораи ҳар асар баъд аз тамоман хондан фикр баён намудан мумкин аст» [7].

Ҳамин тариқ, асари «Дар орзуи падар»-и Карорматуллоҳи Мирзо, ки муҳимтарин масоили иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаи инсониро фаро гирифтааст, дар коргоҳи эҷодии

муаллиф аз лиҳози мундариҷа ва муҳтаво мунтазам такмил ёфта, аз шакли қисса ба дараҷаи романи сеҷилда мерасад ва чун саҳифаи тозае дар насри даврони истиқлоли тоҷик ҷайгоҳи муносибро ишғол мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдусаттор А. Достони меҳри падар / А.Абдусаттор // Чароғи роҳнамо. – Душанбе, 2012. – С.271-276.
2. Аз «Маоши аввал» то «Дар орзуи падар» (мусоҳибаи Маҷид Салим ба нависанда Кароматуллоҳи Мирзо) // Чароғи Роҳнамо. – Душанбе, 2012. – С.345-348.
3. Дар деҳа чӣ гапи тоза (мусоҳибаи С. Сиддиқов ба нависанда Кароматуллои Мирзо) // Чароғи роҳнамо (мураттиб Амирхон Аҳмадхонов). – Душанбе, 2012. – С.301-307.
4. Мирзо, Кароматуллоҳ. Дар орзуи падар (Роман) / Кароматуллоҳи Мирзо. – Душанбе: Адиб, 2002. - 432 с.
5. Мирзо, Кароматуллоҳ. Дар орзуи падар (Роман ва қисса) / Кароматуллоҳи Мирзо. – Душанбе: Адиб, 2009. – 602 с.
6. Мирзо, Кароматуллоҳ. Нишони зиндагӣ / Кароматуллоҳи Мирзо. – Душанбе: Адиб, 1993. – 494 с.
7. Номаҳои Садридин Айнӣ ба Мирзо Турсунзода // Ҷумҳурият. – 2001. 14 апр.
8. Саидов С. Сухан аз сиришти инсон / С.Саидов // Чароғи роҳнамо. – Душанбе, 2010. – С. 159-162.
9. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба лоиҳаи қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». – Душанбе, 2010. – 32 с.

«ДАР ОРЗУИ ПАДАР» ВА ТАКМИЛИ МИНБАЪДАИ ОН

Мақола ба баррасии яке аз масъалаҳои басо муҳимми ҷомеаи инсонӣ, ки аз қадимулайём боз таваҷҷуҳи сиёсатмадорон, ҷомеашиносон, аҳли илму фарҳанг ва адибони дунёро ба худ ҷалб кардааст, хонавода ва муносибатҳои оилавии волидон ва фарзандон дар мисоли асари «Дар орзуи падар»-и Кароматуллоҳи Мирзо, бахшида шудааст. Ин қазия, ки сарчашмаи асосии қавму қабилаҳо, халқу миллатҳо ва урфу одату суннатҳои инсонӣ ба шумор меравад, махсусан дар адабиёти шифоҳӣ ва хаттии мардумони форсу тоҷик дар навъҳои осори манзуму мансур, намоишномаҳо, панду андарзҳо мавриди тасвир ва таҳқиқи бадеӣ қарор гирифтааст. Асари «Дар орзуи падар»-и Кароматуллоҳи Мирзо ба мавзуи муҳимми иҷтимоӣ ва ахлоқӣ – масъалаи хонадон ва муаммоҳои он бахшида шуда, тавассути амалиёти як зумра симоҳои асосӣ ва ёвар, мисли Нозимӣ, Мушарраф, Меҳрубон, Шаҳноза, Абдушукур, Шоҳназар…, мундариҷаи он корбаст шудааст. Ин асар соли 1987 дар шакли қисса ба хонанда пешкаш мегардад ва баъдҳо дар коргоҳи эҷодии муаллиф такмил дида, ба дараҷаи романи сеҷилда мерасад ва чун падидаи нав дар насри даврони истиқлолияти тоҷик мавқеи муносиб пайдо мекунад.

Калидвожаҳо: «Дар орзуи падар», Кароматуллоҳи Мирзо, қисса, роман, Меҳрубон, Нозимӣ, Мушарраф, таҳрир, коргоҳи эҷодӣ, насри тоҷик, мундариҷа, падидаи тоза.

«В ГРЁЗАХ ОБ ОТЦЕ» И ЕЕ ДАЛЬНЕЙШЕЕ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ

Статья посвящена одному из важнейших вопросов человеческого общества, который испокон веков привлекал внимание политиков, социологов, ученых и писателей мира на основе романа Кароматулло Мирзо «В грёзах об отце» . Этот вопрос, являющийся основным источником человеческих племен, народов, наций и традиций, описан и изучен в устной и письменной литературе персидского и таджикского народов в виде стихов, пьес, поучений. В произведении Кароматулло Мирзо «В грёзах об отце» акцентируется внимание на важной социальной и нравственной проблеме — проблеме семьи и ее проблемах. Это произведение было представлено читателю в виде рассказа в 1987 году, а затем усовершенствовано в мастерской автора, достигнув уровня трехтомного романа, и как новое явление в прозе периода независимости Таджикистана.

Ключевые слова: «В грезах об отце», Кароматулло Мирзо, повесть, роман, Мехрубон, Нозими, Мушарраф, редакция, творческая мастерская, таджикская проза, содержание, новое явление.

"DREAMING ABOUT THE FATHER" AND ITS FURTHER IMPROVEMENT

The article is devoted to one of the most important issues of human society, which from time immemorial has attracted the attention of politicians, sociologists, scientists and writers of the world based on the novel by Karomatullo Mirzo "Dreams about the Father" . This issue, which is the main source of human tribes, peoples, nations and traditions, is described and studied in the oral and written literature of the Persian and Tajik peoples in the form of poems, plays, teachings. In the work of Karomatullo Mirzo “Dreams about the Father”, attention is focused on an important social and moral problem - the problem of the family and its problems. This work was presented to the reader in the form of a story in 1987, and then improved in the author's workshop, reaching the level of a three-volume novel, and as a new phenomenon in the prose of the period of independence of Tajikistan.

Key words: "Dreams about the father", Karomatullo Mirzo, story, novel, Mekhrubon, Nozimi, Musharraf, editorial board, creative workshop, Tajik prose, content, new phenomenon.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кӯчарзода Аламхон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведение об авторе: ***Кучарзода Аламхон*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы, член-корреспондент НАН Таджикистана. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Kucharzoda Alamkhon*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of the theory of the newest Tajik-Persian literature, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 891.550

БАЪЗЕ МАХСУСИЯТҲОИ МАКТУБОТИ САНОИИ ҒАЗНАВӢ

Мисбоҳиддини Нарзиқул
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар миёни осори мансури Ҳаким Саноии Ғазнавӣ (1079/80-1140), ки теъдодашон дар қиёс ба асарҳои манзуми шоир хеле андак аст, ба мисли “Рисолаи эътироз”, “Рисолаи муқаддимаи насрӣ”, “Рисолаҳои кӯчак”, “Мактуботи Саноӣ” [4, с.2] асари охир аз назари ҳаҷм, муҳтаво ва услуби нигориш комилтар буда, аз арзиши адабии вижае бархурдор аст. Арзиши адабии “Мактуботи Саноӣ” мисли маҷмӯаи мактуботи адибони дигар, пеш аз ҳама, аз назари баёни матлаб, шеваи нигориш, тариқи муроҷиат ба мухотабони номаҳо, ҷаҳонбинӣ, истифодаи васеъ аз оятҳои каломи раббонӣ, аҳодиси набавӣ, ашъори арабию порсӣ, санооти бадеӣ, махсусан, алоқаи шадид ба санъати саҷъ [1, с.46, 58-74] мушаххас гардида, номаҳо ҳам аз нигоҳи сохтор ва ҳам муҳтаво аз номаҳои дабирони касбӣ фарқ мекунанд. Албатта, ба сурати асари ҷудогона муаррифӣ кардани маҷмӯаи номаҳо аз мудавван кардани номаҳои дабирони касбӣ оғоз мешавад, аммо иқдоми “ҷамъоварӣ ва ба сурати мудавван даровардани маҷмӯаи муншаоти адибон низ ба замони аз ҷониби муншиёни машҳур ба сурати маҷмӯа фароҳам овардани тарассулот рост меояд. Аз нигоҳи таърихӣ нахустин адибе, ки аз ӯ маҷмӯаи мудаввани номаҳо боқӣ мондааст, Ҳуҷҷатулислом Абӯҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ (1058-1111) мебошад. Пас аз ӯ аз адибони зерин маҷмӯаи номаҳо боқӣ мондаанд...: Аҳмади Ғаззолӣ (ваф. 1123), Айнулқуззоти Ҳамадонӣ (тав. 1097-ваф.: дар синни 33 солагӣ ва бино ба қавле саҳеҳтар, дар 35 солагӣ ба қатл расидааст), Саноии Ғазнавӣ (1072-1131), Хоқонии Шарвонӣ (1120-1198), Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (1207-1273), Фахриддини Ироқӣ (1213- 1289)” [2, с.273].

Аз ин иқтибос маълум мешавад, ки Саноӣ аз назари таърихият баъд аз бародарон Ғаззолиҳо ва Айнулқуззот чорумин адибест, ки аз ӯ то ба мо маҷмӯаи мудаввани номаҳо боқӣ мондааст. Миёни номаҳои ҳар чаҳор адиби мазкур дар баробари фарқиятҳо умумиятҳои зиёде ҳам мушоҳида мешаванд. Аз он миён муҳимтарин ваҷҳаи муштараки миёни онҳо баёни орову андешаи илмӣ, ақидатӣ ва назари шахсӣ дар қолаби нома буда, дар онҳо бештар мазмунҳои динӣ-мазҳабӣ, ақидатӣ, маърифатӣ ва масоили зиндагии шахсӣ матраҳ шудаанд.

Теъдоди мактуботи Муҳаммади Ғаззолӣ, ки дар маҷмӯаи “Фазоил-ул-аном мин расойили Ҳуҷҷат-ул-ислом” гирд оварда шудаанд [7] аз шумораи номаҳои боқимонда аз Аҳмади Ғаззолӣ, ки дар китоби “Маҷмӯаи осори форсии Аҳмади Ғаззолӣ” [8] таҳти унвони умумии “Номаҳои Аҳмади Ғаззолӣ ба Айнулқуззоти Ҳамадонӣ” [8, с.215-248] ба ҳам омадаанд, зиёдтар аст. Аҳамияти номаҳои боқимонда аз бародарон Ғаззолиҳо, гузашта аз қимати адабиашон, аз ҷиҳати фарогирии орову афкори муаллифон ва дар бештари маворид хусусияти рамзию ишоратӣ доштани калом мушаххас мешавад.

Шумораи номаҳои Айнулқуззот аз ду адиби мазкур ҳам бештар буда, бо махсусиятҳои хосси худ аз номаҳои дигарон, аз ҷумла ду адиби дар боло ёдшуда, мутафовит аст. Чунонки Аҳмад Самеъии Гелонӣ дар мақолае таҳти унвони “Мактуботи Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ” [10, с.39-42] дар мавриди муқоисаи номаҳои Айнулқуззот бо номаҳои Саноии Ғазнавӣ ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ овардааст, “мактуботи Мавлоно нисбат ба мактуботи Саноӣ аз такаллуф перостатар ва дар айни он, ки оҳанги тунди Айнулқуззотро надорад, ба лиҳози муҳтаво низ бо он фарқ дорад. Айнулқуззот бештар посухи мушкилоти муридон дар масоили ботинӣ ва баёни тачрибаҳои ирфониро дода, Мавлоно бештар хитоб ба давлатмардони қудратманд барои муридон тавсия мекунад...” [10, с.40].

Аз таҳқиқи Алинақии Мунзавӣ бармеояд, ки ба ҷуз чанд номаи сиёсии Айнулқуззот, ки дар посухи муридони худ нигоштааст, дигар номаҳои ӯро метавон дар шумори номаҳои идеологии таблиғии ирфонӣ ба шумор овард. Чунин номаҳо “дар давронҳои хафақон ба василаи ашхосе, ки дар худ вазифаи паёмоварӣ эҳсос мекарданд”, пахш мешудааст. Бинобар сабаби маҳрум будан аз дастрасӣ ба расонаҳои ҳамагонӣ, ба мисли минбару меҳроб паёмҳоро ба сурати номаҳои дӯстона барои шахсе муайян ё гурӯҳе мефиристодаанд [14, с.33].

Муҳимтарин хусусияти жанрии нома ҳамчун воҳиди ба миён оварандаи асари томи адабӣ дар номаҳои Айнулқуззот возеҳтар намудор мегардад. Ба ин маънӣ, ки ҳар як номаи вай як асари ҷудогонае мебошад, ки бо мақсади муайян ва барои тавзеҳи як нукта ва гоҳе як нуктаи муҳим дар чанд нома, баъзан барои иршоди муридон нигошта шудаанд. Агарчи худи муаллиф дар бораи маҷмӯаи номаҳояш ҳамчун таълифи ҷудогона сухан намекунад, бо таваҷҷуҳ ба мазмуну мундариҷа ва муҳтавои умумии номаҳо таҳқиқи илмии адабиёти дар шакли нома ба миён омадаро бо муншаоти Айнулқуззот бояд оғоз кард.

Аз хилоли номаҳои Айнулқуззот бармеояд, ки ӯ ба ашъори шоири машҳури ҳамрӯзгори хеш Саноии Ғазнавӣ таваҷҷуҳ доштааст. Мисраи дуюми байти зерин дар матни номае бидуни зикри исми гӯянда омадааст:

Дило то кай дар ин зиндон фиреби ину он бинӣ,
Яке з-ин чоҳи зулмонӣ бу рун шав, то ҷаҳон бинӣ.

Ду байти дигари ҳамин шеър дар номаи дигар омадааст:

Имомат гар зи кибру ҳирсу бухлу кин бурун нояд,
Ба дӯзах донаш аз маънӣ в-араш дар гулситон бинӣ [14, с.78].

Манзури мо аз баррасиҳои боло бозгӯи таърихчаи мудавван кардани номаҳои адибон ба сифати китоб, пайванд ва ҳамгунии номаҳо аз назари хусусиятҳои жанрӣ ва таъкиди аз батни номаҳои бародарон Ғаззолиҳо бурун омадани исми Айнулқуззот ва аз хилоли номаҳои Айнулқуззот шинохта шудани нишоне аз Саноӣ мебошад. Гузашта аз ин, ба назар мегирем, ки аз Саноӣ низ мактуботе то ба мо расидааст. Ҷъне, маълум мешавад, ки нома дар рӯзгори адибони мазкур мавриди истифодаи васеъ қарор дошта, ҳамчун жанри мустақили адабӣ дар баробари машҳуртарин анвои адабӣ барои ифодаи орову афкори андешамандон хидмат кардааст.

Мактуботи Ҳаким Саноии Ғазнавӣ ба мисли номаҳои адибони мазкур машҳур ва ба аҳли таҳқиқ дастрас мебошанд. Ба номаҳои Саноӣ муалифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ, мураттибони девон ва куллиёти шоир, соҳибони ҷунгҳо ва донишмандони муосир таваҷҷуҳ кардаанд. Самти таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба мактуботи Саноӣ аз ду ҷиҳат мушаххас кардан мумкин аст: а) онҳое, ки ба мавҷудияти номаҳо танҳо ишорат карда, дар хусуси баъзе вижагиҳои онҳо ахборе дарҷ кардаанд. Ба ин гурӯҳ соҳибони сарчашмаҳои адабӣ, муаллифони китобҳои таърихи адабиёт ва муҳаққиқони аҳволу осори шоир дохил мешаванд; б) матншиносоне, ки дар нашри мактуботи Саноӣ саҳм гузоштаанд.

Номаҳои Саноии Ғазнавӣ ба мисли дигар асарҳои манзуму мансураш ҷамъоварию тадвин шуда, дар таркиби куллиёти осори адиб ва ба сифати маҷмӯаи ҷудогона чоп шудаанд. Дар таркиби баъзе нусхаҳои “Куллиёт”-и Саноӣ номаҳояш ҳамчун бахши алоҳида чоп шудаанд. Масалан, ҳамин тартиб дар нусхаи “Куллиёт”-и мавҷуд дар китобхонаи Девони Ҳинди Лондон бо унвони “Дар номаҳо ва ҷавобҳое, ки вай навиштааст”, риоят ва сабт шудааст. Баъзе номаҳои Саноӣ дар ҷунгҳо ҳам ҷой дода шудаанд [13, с.31-34]. Номаҳои ҷудогонаи шоир дар маҷаллаҳо ҳам чоп шудаанд, ки баъдтар дар ин хусус сухан меравад. Аз нусахи хаттии маҷмӯаи номаҳои Саноӣ панҷ нусха дастраси муҳаққиқ Назир Аҳмад шудааст, ки ҳар кадомашон ҷудогона дар муқаддимаи китоби “Макотиби Саноӣ” муаррифӣ шудаанд.

Дар манобеи дар боло зикршуда теъдоди номаҳо ҳамгун нестанд, нусхаҳо ихтилофоти зиёд доранд. Тақдири бисёре аз нусахи хаттӣ ба номаҳои Саноӣ ҳам насиб гардидааст. Ба мушоҳидаи Назир Аҳмад, нусхаҳои номаҳои Саноӣ “ба монанди ағлаби китобҳои хаттии форсӣ аз тағйиру табдил масун намонда” [12, с.35] ва тағйиру табдил ба ҳаддест, ки ба муҳаққиқи мазкур муяссар нагардидааст, ки дар миёни панҷ нусхаи дастрас нусхаи аслро муайян бикунад. Аз муқаддимаи навиштаи Назир Аҳмад ба китоби “Макотиби Саноӣ” бармеояд, ки то ҳол нусхаи саҳеҳе аз “Макотиби Саноӣ” ба даст наомадааст.

Нахустин донишманде, ки аз муосирон ба номаҳои Саноӣ таваҷҷуҳ кардаву теъдоде аз онҳоро дар маҷаллаи “Орёно” (чопи Кобул) нашр кардааст, муҳаққиқи афғонистонӣ Сарвари Гӯё Эътимодӣ мебошад. Кори ин донишманд дар чопи номаҳои Саноӣ иқдоми нахустин ва шоистаест [13, с.як]. Муҷтабо Минуӣ як номаи ба Ҳаким Умари Хайёми Нишопурӣ навиштаи Саноиро дар маҷаллаи “Яғмо” чоп кардааст. Инчунин, Назир Аҳмад нашри нусхае аз номаи мазкурро дар маҷаллаи “Армуғон” хабар додааст [12, с.204]. Мураттибону мусаҳҳеҳони “Девон”-и Ҳаким Саноии Ғазнавӣ Мазоҳири Мусаффо ва

Мударриси Разавӣ ҳам ба номаҳои Саноӣ таваҷҷуҳ карда, чанде аз онҳоро дар девони омодакардаашон нақл кардаанд. Аммо маълумоти Мазоҳири Мусаффо оид ба номаҳо Саноӣ, ки дар муқаддимаи ба чопи девони шоир навиштааш овардааст, комил намебошад. Ин муҳаққиқ танҳо аз се номаи Саноӣ ёд карда, онҳоро ҷузъи осори мансуб ба Саноӣ донистааст [5, с.сию чаҳор].

Дар нашри маҷмӯаи комили номаҳои Саноӣ саҳми муҳаққиқи ҳиндустонӣ Назир Аҳмад, ки дар фавқ аз ӯ ёд шуд, бениҳоят бузург ва заҳматҳояш шоистаи арҷгузории махсус аст. Ин донишманд чопи интиқодии номаҳои Саноиро дар асоси панҷ нусхаи хаттӣ омода ва чоп кардааст, ки он то кунун ҳамчун китоби ҷудогона дар як ҷилд се дафъа чоп шудааст: дафъаи аввал дар соли 1962, ба тартиб ва тасҳеҳу таълиқи Назир Аҳмад, аз тарафи Донишгоҳи исломии Алигарҳ, ки шомили ҳафдаҳ нома аст [12]; бори дувум ба муносибати ҷашни 900-умин соли валодати Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ, ки дар соли 1988 дар Кобул баргузор шуда буд, таҷдиди чопи китоб бо муқаддимае аз тарафи дуктур Абдулғафур Равон Фарҳодӣ ва аксҳои катибаи таърихии Ғазна сурат гирифтааст [13]; ниҳоят, нусхаи чопи Алигарҳ, ки бо номи “Макотиби Саноӣ” ба эҳтимом ва тасҳеҳу ҳавошии Назир Аҳмад дар Теҳрон зевари табъ ба бар кардааст [6].

Ду нусха аз нашри нахустини маҷмӯаи “Макотиби Саноӣ” дар зихираи нусахи хаттӣ ва чопии Муассисаи Давлатии Китобхонаи милли Тоҷикистон (таҳти шумораҳои 23394 ва 23395) нигаҳдорӣ мешавад. Ин нусхаҳоро худи Назир Аҳмад бо соядаст ба донишмандони тоҷик Аҳрор Мухторов ва Раҷабов тақдим кардааст.

Ҳаким Саноии Ғазнавӣ номаҳои худро, ки шумораашон аз ҳафтдаҳ зиёд нест, ба “ёру дӯстону вузарову судури Ғазнин ва Баҳромшоҳи Ғазнавӣ навиштааст” [12, с.24]. Ба сурати дақиқ ва бино бар тартибе, ки дар китоби “Макотиби Саноӣ” мундариҷ аст, мухотабони Саноиро дар номаҳояш чунин муайян кардан мумкин аст: номаи аввал унвон надорад ва мухотаб ҳам дар он маълум нест, тақрибан яке аз судури Ғазнин гуфтан мумкин аст; номаи дуюм ҳам унвон надорад, тахмин кардан мумкин аст, ки яке аз содоти олиқадр ва судури рафеъуддараҷот аст; Хоҷа Аҳмад ибни Масъуд (яке аз бузургони вақт, ки бо Саноӣ дӯсти мухлис ва рафиқи содиқ будааст); мухотаби номаи чаҳорум бо номаи севум якест. Аз муҳтавои ин нома бармеояд, ки Хоҷа Аҳмад ибни Масъуд аз Саноӣ илтимос намудааст, ки девони худро мураттаб гардонад [12, с.24]; Хоҷа Қивомиддин Абулқосим, вазири Султон Маҳмуд (дар маънии узр хостан аз нарафтан пеши ӯ); номаи шашум ҳам ба номи ҳамин вазир аст, ки аз назари мақсади нигориш ҳар ду нома ҳамсонанд; Қозӣ Абулмаолӣ Юсуф; номаҳои ҳаштум, нуҳум ва даҳум ба номи Хоҷа Ҳаким Умар ибни Хайём навишта шудаанд; шахсияти мухотаби номаи ёздаҳум, ки Хоҷа Юсуф ёд мешавад, маълум нест; Сарҳанг Муҳаммади Хатибӣ – яке аз мамдуҳони Саноӣ, ки ӯро Масъуди Саъди Салмон ва Мухтории Ғазнавӣ ҳам мадҳ гуфтаанд [12, с.213]; дӯсте, ки номаш зикр нашудааст (ба иқтироҳи миқдоре орд); мухотаби номаи чаҳордаҳум бо номаҳои сеюму чаҳорум якест; Амири Сайид Абулмаолӣ ибни Тоҳир; Баҳромшоҳи Ғазнавӣ. Номаи охир мухотаб надорад ва навъе васиятномаро мемонад. Ин нома кӯтоҳтарин нома дар байни номаҳои Саноӣ буда, ҳангоми навиштани он синни нависанда дар миёнаи шаст ва ҳафтодсолагӣ қарор доштааст.

Барои огоҳии бештар бо мухотабони номаҳои Саноӣ ба бахши таълиқоти китоби “Макотиби Саноӣ” бояд муроҷиат кард. Назир Аҳмад дар бахши аввали таълиқоти ин китоб оид ба шахсият ва мақоми иҷтимоии касоне, ки Саноӣ ба онҳо нома навиштааст, баррасии фарогире анҷом дода, маълумоти равшанкунанда додааст. Инчунин, ба бархе аз номҳои дар таркиби номаҳо зикр шуда ҳам дар таълиқоти мазкур иттилоъ ба даст овардан мумкин аст.

Чунонки аз номгӯи мухотабони Саноӣ дар номаҳояш бармеояд, онҳо шахсиятҳои машҳури рӯзгор буда, аз ҷиҳате нависанда ба онҳо муносибат ва ё иноят доштааст. Чунончи, дар се номае, ки ба Умари Хайём навишта шудааст – а) номаи ҷавоби бозаргон, б) номае ба номи Хайём барои ҳодисаи дуздӣ, в) номае, ки ба Нишопур навишта шуда, барои ҳамон қазияи дуздӣ –, шоир ба мухотаб ҳамчун шахсияти огоҳ ва таъсиргузор дар ҷомеа муроҷиат кардааст. Дар номаи аввал ба Хайём ҳамчун пешвои ҳакимон муроҷиат шуда, дар номаи дуюм, ки он посух ба номаи бозаргонест, ки дар Сарахс (ё Нишопур) дукон доштаву Ҳаким Саноӣ дар наздикии он дукон бо шогирде фуруд омада будаасту дуздие рӯй дода, нӯги ришта то ба номи Саноӣ ҳам гиреҳ мехурад, нависанда танҳо дар

симои Ҳаким Умари Хайём шахси рамузфаҳмро дарёфта, бо далелҳо бегуноҳии худро исбот мекунад. Ҳамин қазияи дуздӣ то ба ҳадде ҷиддӣ будааст, ки нависанда зарур дониста, то ба Нишопур бори дигар нома бинависад.

Зимнан, зикри исми Хайём дар номаҳои Саноӣ ҳамчун санади муҳимми таърихӣ бояд арзёбӣ шавад. Чунонки Назир Аҳмад ба навиштаи Муҷтабо Минуӣ дар таълиқоти "Чаҳор мақола"-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ ишора кардааст, "қадимтарин ишора ба Хайём дар рисолаест, ки Саноӣ дар эътироз бар Хайём навишта..." [12, с.204]. Аз мазмуни мактубҳои ба Хайём навиштаи Саноӣ бармеояд, ки дар замони навиштани он номаҳо миёни ҳар ду донишманд алоқаи дӯстӣ ва ҳамраъйӣ дар афкору андеша барқарор будааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки номаҳо пеш аз "Рисолаи эътироз" навишта шудаанд, пас, тахмин кардан мумкин аст, ки зикри номи Хайём бори аввал дар номаҳои Саноӣ омадааст.

Ё худ, номаи ба Баҳромшоҳи Ғазнавӣ навишташуда, ки номаи додхоҳиро мемонад ва ин додхоҳӣ аз дасти донишмандонест, ки, ба қавли Саноӣ, "бӯйи маърифат надоранд". Манзур аз ибораи "бӯйи маърифат" дар ин ҷо маърифати ироашуда дар маснавии "Ҳадиқа"-и Саноӣ аст, ки бархе донишмандони рӯзгори шоир ба моҳияти он сарфаҳм нарафта, ба нависанда айб мондаанд. Ҳаким Саноӣ ба Барҳромшоҳ муроҷиат карда, дар охири нома чунин дуо кардааст: "Бор Худоё, ороста гардон оламро ба олимоне, ки аз ту битарсанд ё аз халқ шарм доранд ва моро мубталои суҳбати бегонагони кӯи қурбат магардон... ва султони асрро тавфиқ деҳ, ки муфсидонро нонавохта дорад, ки дар навохтани эшон ҳалокати дин аст. Ва тавфиқ деҳ, то муслиҳону ҳалолхорагонро некӯ дорад, ки дар некӯдошти муслиҳон низоми дину давлат асту бақои мамлакат ва шодии равони Мустафо..." [12, с.121].

Номаҳои Ҳаким Саноӣ, чунонки ба баъзеи онҳо то ба ин ҷо шинос шудем, аз нигоҳи мавзӯъ ва мазмун гуногунранг буда, мақсади нависанда дар номаҳо баъд аз қисмати муқаддима равшан мешавад, ба мавзӯоти ҷузъии дигар дар хилоли гуфторҳо ишора мешавад. Мавоҳиби инъому эҳсону икром, рафъи озурдахотирии дӯсти дерин, шукру мидҳат, изҳори алоқаи тарафайн, рафъи ишколи пешомада, тарҳи масъалаҳои маърифатӣ ва ба инҳо монанд мазомин аз ҷумлаи муҳимтарин матолибе ҳастанд, ки дар номаҳои Саноӣ матраҳ шудаанд.

Дар баъзе номаҳои Саноӣ масъалаҳое ироа шудаанд, ки ба огоҳии мо оид ба муносибати ҳамзамонон ба эҷодиёт ва тариқи фикрии адиб маълумот меафзоянд. Аз ҷумла, аз ҳамин нигоҳ номаи понздаҳум ҷолиб аст. Дар ин нома сухан дар он хусус аст, ки "аҷзои "Ҳадиқа"-и Саноӣ ба дасти муонидону ҳосидон афтода буд ва эшон мехостанд, ки онро аз байн баранд" [Макотиби Саноӣ 1962, с.222], он ҷузвҳоро Амири Сайид Абулмаолӣ ибни Тоҳир боз ба даст меоварад. Саноӣ дар узри ин ҳодиса, барои доварии холис ва таъйиди ақидаи худ номаи мудаллали донишмандонае менависад [Макотиби Саноӣ 1962, с.108-116]. Ин қазия бо ҳамин хотима намеёбад, вақте ки "Ҳадиқа" ба пуррагӣ ба охир расид, "уламои Ғазнин бар Саноӣ таъна заданду интиқоди сахт аз ин китоб карданд. Ночор Саноӣ ин китобро ба Бағдод, ки он рӯз маркази хилофати Аббосия буд, пеши Бурҳониддин Абулҳасан Алӣ ибни Носири Ғазнавӣ, ки бо вай собиқаи муолафат дошт, фиристоду бар сиҳҳати ақидаи худ фатво ҳосил кард ва аз такфири уламои зоҳир раҳо гардид" [Макотиби Саноӣ 1962, с.224]. Ҳамин маънӣ дар номаи шонздаҳум, ки ба номи Баҳромшоҳи Ғазнавӣ навишта шудааст, мастур аст [Макотиби Саноӣ 1962, с.117-121]. Ба ин ҳодиса дар китоби "Ҳадиқа" ҳам ишора шудааст.

Масъалаи дигар забон ва услуби баён дар номаҳои Ҳаким Саноӣ аст, ки ба таҳқиқи фарогире меарзад. Мо аз тариқи масъалагузорӣ ба баъзе аз муҳимтарин ҷанбаҳои масъала таваҷҷуҳ мекунем.

Мактуботи Саноиро аз назари забон ва услуби баён бо номаҳои дабирони касбӣ муқоиса кардан намешавад, зеро ки онҳо ба навъи номаҳои адабӣ шомил буда, дар ин навъи номаҳо риояти сохтори қолабии номаҳои султониёт ва ихвониёт зарурат надорад. Балки онҳо аксар ба рисолоти хурде монанданд, ки дар онҳо як масъалаи мушаххас бо зикри далелҳои қотеъ ва муҳокимаронии мантиқӣ матраҳ мешавад. Номаҳои Саноӣ аз назари мухтассоти забонӣ дар сурати куллӣ ба сабки нависандагии роиҷи замон умумият доранд, вале аз назари ҷузъиёти тасвир ва ироаи мақсад махсуси сабки нависандагии худи адиб ҳастанд, ки бо як қатор вижагиҳо мушаххас ҳастанд, амсоли: иноятӣ зиёд ба насри

мусаҷҷаъ, баёни шоиронаи матолиб, истинод ба амсолу ашъори арабию порсӣ, истифодаи оёти қуръонӣ, ваҳйи илоҳӣ, аҳодиси набавӣ, зикри ақволи дигарон, ба монанди ёдоварии муноҷоти ҳазрати Довуд (а), муноҷоти Калим, истилоҳоти аҷроми самовӣ, ишороти талмеҳӣ ва ғайра.

Ҳар кадом аз махсусиятҳои мазкур, ки дар маҷмӯъ, арзиши адабии номаҳои Саноиро афзудаанд, қобили баррасии ҷудогонаанд. Мо зайлан танҳо ба баррасии ду ҷиҳати муҳим: иноят ба саҷъ ва зикри ашъор дар номаҳо мепардозем.

Масъалаи истифодаи саҷъ дар нома хосияти куллӣ буда, аксари дабирону адибони касбӣ ба он беш ё андак иноят варзидаанд. Ҳамин суннат дар номаҳои Саноӣ ҳам идома ёфтааст. Саҷъ дар номаҳои ӯ ҳам ҷой-ҷой дар таркиби ҷумлаҳо, ҳам дар сархатҳои кӯтоҳу тӯлонӣ ва ҳам дар саросари матни нома қобили мушоҳида мебошад. Масалан, номаи дуюм комилан мусаҷҷаъ аст. Барои амалан намоёнидани сохтори саҷъбунёди калом оғози номаи дувоздаҳумро иқтибос мекунем: “Ҳазорон салому таҳийяту санову мидҳат аз ин ғариби ранҷур, балки ходими маъмур бар он маҷлис бод, ки унси инс асту рӯҳи рӯҳ ва қалодаи шарафу ҳамд, зоафа-л-Лоҳ қадруҳу. Ин марҳуми маҳрумаҳвол иштиёқи дидори он муҳтарами муҳташамро чӣ гуна сифат кунад, ки идрокро дида бояду тадорукро дил. Агар дил аст, нақши камоли ҷамоли ӯ дорад ва агар дида аст, холу хаёли ӯ...” [Макотиби Саноӣ 1962, с.95].

Ҳамин тартиби калом то охири нома гоҳе дар инсиҷоми калимоти мусаҷҷаъ ва гоҳе канда-канда дар таркиби калом идома меёбад.

Номаи охир ҳам аз назари ҳаҷм ва ҳам тарзи баён ҷолиб аст, бинобар он ки ҳаҷман кӯтоҳ аст, онро нақл мекунем:

“Бо он ки синини умр аз ситин гузашта ва ба ҳадди сабъин мушарраф гашта, на мухайяларо қуввати тахйил монда ва на мафкураро таҳаммули тааммул, субҳаи наср аз ҳам рехта ва майдони қофияи назм танг гардида, сози саҷъ аз оҳанг афтода – табъ нуфур асту нафс дар кашокаши умур носабур – на бо ҳеч кас коре ва на бар ҳеч коре қароре – домани ҳар чӣ мегирам, гузоштанӣ ва пиромани ҳар чӣ мегардам, гузаштанӣ – аз он чи ногузирам, мегурезам ва аз он чи гурезам, меовезам – мақсуд даруни синаву дохили дидаву ман аз нобиноӣ ҳар гӯша гардида – матлуб дар канори дилу миёни ҷону ман дар талаби он саргардон.

Ба ҷалоли Зулҷалол, ки як соат аз вуҷуди маҷозӣ растану ба мақсуди ҳақиқӣ пайвастан аз ҳусули ҳама муродоти дунявӣ шарифтару аз вусул ба ҳама саодоти ухравӣ хуштару латифтар ва ин ҳамаро ба ҳеч харидаву ба ҳеч фурӯхта” [Макотиби Саноӣ 1962, с.121].

Дар ин нома илова бар он ки сози саҷъ аз оҳанг наафтода, мақсад дар пирояи ҳунарӣ возеҳ ва матлуб ироа шудааст. Маълум мешавад, ки ин нома лаҳзае навишта шудааст, ки нависанда даст аз ин ҷаҳону муродоти дунявӣ шуставу рӯй ба саодати ухравӣ ва пайвастан ба мақсуди ҳақиқӣ овардааст. Зимнан, номаҳои Саноӣ оинаи тамомнамоӣ ҷамоли рӯҳонӣ ва ҷаҳонбинии нависанда ҳастанд, ки аз рӯйи онҳо метавон ба ҷустуҷӯи ҳақиқати паёмҳои ҷовидонии адиб ва аслҳои равиши маърифатии вай иқдом кард.

Дар матни номаҳои Саноӣ ба таври махлут бо ашъори арабию порсӣ дучор мешавем, ки барои тасдиқи андеша ва ё ҳамчун идомаи баёни фикр истифода шудаанд. Теъдоди шеърҳои арабӣ дар ҳамаи номаҳо, дар маҷмӯъ, ба нуҳ байт баробар буда, аз назари басомад дар қиёс ба ашъори порсӣ, ки ҳафтоду панҷ байтанд, зиёд нест. Аз шеърҳои арабӣ як байт аз ашъори Мутанабӣ буда, гӯяндаҳои дигар маълум нестанд, як байтро худи соҳиби нома тарҷума ҳам кардааст. Шеърҳои порсӣ дар қолаби як байт то шасту се байт оварда шудаанд. Таркиби жанрии шеърҳоро қолабҳои байт, рубоӣ, қитъа, ғазал ва қасида ташкил медиҳад. Шеъри тӯлонӣ қасида аст.

Шеърҳо дар матни номаҳо аксар бидуни зикри исми гӯянда оварда мешаванд, нависанда ашъори хешро бо зикри таркибҳое, амсоли “чунонки гуфтаам”, “дар ин маънӣ гуфтааст” (манзур худи нависанда аст), “ин қитъаро ҳам гуфтаам”, “дар қасидае ин маънӣ бозронда шудааст”, “дар ин маънӣ ба назм бозгуфтаам”, “ин байте чанд бар бадеҳа гуфта шуд” муайян кардааст. Баъзан бо овардани каломи мушаххаскунанда, ба мисли чунин ҷумла ба қавли каси дигар будани шеър ишора мешавад: “Дар ин маънӣ сухангузоре хуш гуфтааст”.

Гузашта аз матолиби мазкур, аҳамияти номаҳои Саноии Ғазнавӣ боз аз он ҷиҳат зоҳир мегардад, ки аз рӯйи онҳо дар хусуси баъзе лаҳзаҳои зиндагии шахсӣ, ҳузуру мақоми иҷтимоӣ ва саргузашти шоир, тарзи фикру ақидаҳои ӯ дар даврaҳои мухталифи зиндагиаш иттилоъ ба даст овардан мумкин аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Нарзиқул, М. «Эъҷози хусравӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ва суннатҳои номанигорӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XIV) / М. Нарзиқул. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 320 с.
2. Нарзикул, М. Трактат Амир Хусрава Дихлави “Эъджази Хусрави” (“Чудо Хусрава”) и традиции эпистолярного жанра в истории персидско-таджикской литературы (X-XIV вв.) / М. Нарзикул. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 308 с.
3. Нарзиқул, М. Нома ва номанигорӣ / М. Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2013. – 278 с.
4. Шарифзода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то охири асри XIII) / Х. Шарифов, М. Нарзиқул. – Душанбе: ТоРус, 2017. – 416 с.
5. دیوان حکیم سنائی، به کوشش مظاهر مصفا. – نهران، 1336. – 880 صح.
6. سنائی، مجدود بن آدم، مکاتیب سنائی، به اهتمام و تصحیح و حواشی نذیر احمد، تهران: بنیاد موقوفات دکتر محمود افشار، 1379، 398 صح.
7. غزّالی، ابوحامد محمد ابن محمد، مکاتب فارسی غزّالی به نام فضائل الانام من رسائل حجۀ الاسلام، گرداورنده یکی از منسوبان وی، به تصحیح و اهتمام عباس اقبال، تهران، 1363، 120 صح.
8. غزّالی، احمد، مجموعۀ آثار فارسی احمد غزّالی، به اهتمام احمد مجاهد، چاپ سوم، تهران، 1376، 522 صح.
9. کلیات سنائی، نسخۀ خطی دیوان هند، به عنوان "اشعار سنائی"، زیر شمارۀ 927.
10. گیلانی، احمد سمیعی، مکتوبات مولانا جلال الدین رومی، نشر دانش، سال 13، شمارۀ 2، بهمن – اسفند، 1371.
11. گیلانی، احمد سمیعی، مکتوبات مولانا جلال الدین رومی، نشر دانش، سال 13، شمارۀ 2، بهمن – اسفند، 1371. – صح. 39-42.
12. مکاتیب سنائی، به کوشش نذیر احمد. – هند: انتشارات دانشگاه اسلامی علیگره (هند)، 1926. – 396 صح.
13. مکاتیب سنائی، تحقیق متن از دکتر نذیر احمد. – کابل: میزان، 1356.
14. همدانی، عین القضّات، نامه های عین القضّات همدانی، جلد سوم، مقدمه، تصحیح و تعلیق دکتر علینقی منزوی، تهران، 1377، 341 صح.
15. همدانی، عین القضّات، نامه های عین القضّات همدانی، جلد سوم، مقدمه، تصحیح و تعلیق دکتر علینقی منزوی، تهران، 1377، 341 صح.

БАЪЗЕ МАХСУСИЯТҲОИ МАКТУБОТИ САНОИИ ҒАЗНАВӢ

Дар миёни осори мансури Ҳаким Саноии Ғазнавӣ (1079/80-1140), ки теъдодашон дар қиёс ба асарҳои манзуми шоир хеле андак аст, ба мисли “Рисолаи эътироз”, “Рисолаи муқаддимаи насрӣ”, “Рисолаҳои кӯчак”, “Мактуботи Саноӣ” асари охир аз назари ҳаҷм, муҳтаво ва услуби нигориш комилтар буда, аз арзиши адабии вижае бархурдор аст. Арзиши адабии “Мактуботи Саноӣ мисли маҷмӯаи мактуботи адибони дигар, пеш аз ҳама, аз назари баёни матлаб, шеваи нигориш, мухотабони номаҳо, ҷаҳонбинӣ, истифодаи васеъ аз оятҳои каломи раббонӣ, аҳодиси набавӣ, ашъори арабию порсӣ, санооти бадеӣ, махсусан, алоқаи шадид ба санъати сачъ мушаххас гардида, номаҳо ҳам аз нигоҳи сохтор ва ҳам муҳтаво аз номаҳои дабирони касбӣ фарқ мекунанд. Мактуботи Ҳаким Саноии Ғазнавӣ ба монанди номаҳои адибони дигар, ки қабл аз ӯ умр ба сар бурдаву аз худ дар радифи мероси манзуму мансури адабӣ номаҳо боқӣ гузоштаанд, амсоли Муҳаммади Ғаззолӣ, Аҳмади Ғаззолӣ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ бахши муҳимме аз муншаоти адабиёти моро шомил буда, аз нигоҳи баёни матолиб ва шеваи нигориш аз сойири муросилоти адибону муншиён фарқ мекунанд ва дорои вижагиҳои хоссе ҳастанд. Барои дарки матолиби мастур дар номаҳои адибон, аз ҷумла Саноӣ, қабл аз ҳама, огоҳӣ аз ҷаҳонбинии нависанда ва сабки сухани вай муҳим мебошад. Номаҳои Саноӣ аз назари тарзи баён ба сабки нависандагии роиҷи замон умумият доранд, вале аз назари ҷузъиёти тасвир ва ироаи мақсад махсуси сабки нависандагии худи адибанд, ки бо як қатор вижагиҳо мушаххас ҳастанд, амсоли: иноятӣ зиёд ба насри мусаҷҷаъ, баёни шоиронаи матолиб, истинод ба амсолу ашъори арабию порсӣ, истифодаи оёти қуръонӣ, ваҳйи илоҳӣ, аҳодиси набавӣ, зикри ақволи дигарон, истилоҳоти ачроми самовӣ, ишороти талмеҳӣ ва ғайра. Дар ин мақола баъзе вижагиҳои мактуботи Ҳаким Саноии Ғазнавӣ дар асоси матолиби мазкур таҳқиқ шудааст.

Калидвожаҳо: Саноии Ғазнавӣ, осори мансур, жанри нома, “Мактуботи Саноӣ”, дабир, нависанда, вижагӣ, шеваи нигориш.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПИСЕМ САНАИ ГАЗНЕВИ

В числе прозаических произведений Санаи Газневи (1079/80-1140), количество которых, по сравнению с его поэтическими произведениями является весьма незначительным, и к которым относятся «Трактат возражения», «Трактат прозаического предисловия», «Малые трактаты» и «Письма Санаи» (последнее произведение по объёму, содержанию и стилю изложения считается более полным и пользующимся особым литературным значением). Литературное значение «Писем Санаи», как и сборники писем других литераторов, прежде всего, характеризуется с точки зрения изложения вопроса, манеры изложения, адресатов писем, мировоззрения, широкого использования коранических откровений, изречений Пророка, арабских и персидских стихов, художественных фигур и, в особенности, сильной привязанности к рифмованной прозе. При этом, письма отличаются от писем профессиональных письмоводителей как с точки зрения композиции, так и с точки зрения содержания. Письма Санаи Газневи так же, как и письма других литераторов, проживших до него и оставивших, наряду с поэтическими и литературными прозаическими произведениями, письма, включая Мухаммада Газзали, Ахмада Газзали и Айнулкуззат Хамадани, относятся к значимой части нашей эпистолярной литературы, и отличаются манерой изложения от писем других литераторов и письмоводителей Для понимания вопросов, затронутых в письмах литераторов, в том числе Санаи, прежде всего, важно знание мировоззрения писателя и стиля его изложения.

Письма Санаи, с точки зрения манеры изложения, имеют сходства с распространенным стилем времени, но с точки зрения деталей изображения и постановки вопроса, свойственны писательскому стилю самого литератора, который конкретизируется рядом особенностей, включая большое вниманием к рифмованной прозе, поэтическим изложением вопроса, ссылками на пословицы и на арабские и персидские стихи, использованием коранических откровений, божественного откровения, изречений Пророка, приведением слов других авторов, терминологии небесных тел, намеков и другого. В предлагаемой статье рассмотрены некоторые особенности писем Санаи Газневи на основе вышеуказанных вопросов.

Ключевые слова: Санаи Газневи, прозаическое наследие, эпистолярный жанр (писем), «Письма Санаи», письмоводитель, особенность, манера изложения.

SOME FEATURES OF THE SANAYA GAZNEVI LETTERS

Among the prose works of Sanai Ghaznevi (1079/80-1140), the number of which is very small compared to his poetic works, and which include «The treatise of the objection», «The treatise of the prose preface», «Small treatises» and «Letters of Sanai», the last work in terms of volume, content, and style of presentation is considered more complete and enjoys special literary meaning. The literary meaning of the Letters of Sana'i, as well as collections of letters from other writers, is primarily characterized in terms of presentation of the issue, manner of presentation, addressees of letters, worldview, widespread use of Quranic revelations, sayings of the Prophet, Arabic and Persian verses, artistic figures and, in particular, strong attachment to rhymed prose. Moreover, letters differ from letters from professional writers both in terms of composition and in terms of content. Letters from Sanai Ghaznevi, as well as letters from other writers who lived before him and left, along with poetic and literary prose works, letters, including Muhammad Gazzali, Ahmad Gazzali, and Aynulkuzzat Hamadani, belong to a significant part of our epistolary literature and differ from the point of view the presentation of the question, the manner of presentation from letters of other writers and writers and use special properties. To perceive the issues raised in letters from writers, including Sana'i, first of all, it is important to know the writer's worldview and the style of his presentation. Sanai's letters in terms of presentation style have similarities with the common style of the time, but in terms of image details and posing the question, they are typical of the writer's writing style, which is specified by several features, including great attention to rhymed prose, poetic presentation of the question, references to proverbs, to Arabic and Persian verses, using Quranic revelations, divine revelation, the sayings of the Prophet, quoting the words of other authors, the terminology of celestial bodies, hints another. This article discusses some of the features of the letters of Sanai Ghaznevi based on the above issues.

Key words: Sanai Ghaznevi, prose heritage, epistolary genre (of letters), "Letters of Sanai", clerk, peculiarity, manner of presentation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мисбоҳиддини Нарзиқул*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Адрес:** 734055,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведение об авторе: ***Мисбохиддин Нарзикул*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Misbohiddin Narzikul*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of History of Tajik Literature. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 398 (575.3)

ШИНОХТИ ФОЛКЛОРИ ТОҶИКОН АЗ ДИДГОҲИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Равшан Раҳмонӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ин ҷониб соли 2011 дар яке аз мақолаҳои худ зери унвони «Мирзо Турсунзода ва фолклор» оид ба моҳияти омӯзш ва пажӯҳиши фолклори тоҷикон дар фаъолияти эҷодии М.Турсунзода ибрози назар намуда будам, ки он дар китоби «Мирзо Турсунзода ва масоили назарии фарҳанги навини тоҷикон» ба нашр расида буд [ниг.: Раҳмонӣ 2011].

Инак, он мақола бо иловаҳои нав пешкаши аҳли назар мешавад. Ба умеди он ки дар оянда оид ба таҳқиқи суннатҳои мардумӣ ва адабиёти гуфторӣ (фолклорӣ) дар фаъолияти эҷодии М.Турсунзода ба таври муфассал, дар асоси маводи бойгонии шоир, дар рисолаи ҷудогонае мавриди пажӯҳиш қарор гирад, ки андак-андак ба омӯзиши ин масъала машғул ҳастем.

Бояд ёдовар шуд, ки роҷеъ ба баъзе ҷиҳатҳои халқияти осори М.Турсунзода ва фаъолияти фолклоршиносии эшон Ю.Бобоев, Н.Маъсумӣ, В.Асрорӣ, А.Сайфуллоев, А.Сӯфизода, С.Қосимӣ ва дигарон дар раванди пажӯҳиши рӯзгор ва осори устод М.Турсунзода сухан гуфтанд [ниг.: Бобоев 1971; Н.Маъсумӣ 1977; Асрорӣ 1982; Сайфуллоев 1983; Сӯфизода 2011; Қосимӣ 2020].

А.Сӯфиев (А.Сӯфизода) дар мақолае зери унвони «Мирзо Турсунзода ва санъати сухан» ба таври ҷудогона оид ба фаъолияти фолклоршиносии шоир ва истифодаи фолклор дар осори ӯ изҳори назар намудааст. Ӯ дар ин мақола аввал дар бораи маҷмӯаи «Намунаи фолклори тоҷик» (1940), ки тартибдиҳандаи он М.Турсунзода аст, сухан ронда, баъд истифодаи баъзе мотивҳои фолклориро дар асарҳои шоир ёдовар шудааст [ниг.: Сӯфиев 1985, с. 48-66]. Соли 2011 маҷмӯаи мақолаҳои А.Сӯфизода (А.Сӯфиев) зери унвони «Турсунзода ва фолклор» ба нашр расид, ки он аз се боб иборат аст. Муаллиф дар бобҳои дуюм ва сеюми китоб дар бораи А.М.Горкий ва фолклор, мулоқоташ бо устод С. Айнӣ, ҷашни Наврӯз, Л.Бузургзода, Б.Раҳимзода, С.Вализода, Карим Девона ва Ҳофизи Шерозӣ сухан гуфтааст. Фақат дар боби аввали китоб зери унвони «Мирзо Турсунзода – фолклоршинос» оид ба муносибати шоир ба фолклор ибрози назар намуда, ки ин ҳамон мақолаи «Мирзо Турсунзода ва санъати сухан» (1985) мебошад [ниг.: Сӯфизода 2011].

Фолклоршинос С.Қосимӣ низ дар яке аз мақолаҳои худ таҳти унвони «Мирзо Турсунзода – фолклоршинос» ба ин масъала назар андохтааст. Муаллиф дар навиштаи худ асосан ба он нуктаҳо аҳамият додааст, ки чӣ гуна устод М.Турсунзода дар осори худ аз мотивҳои фолклорӣ истифода намудааст ва чӣ тавр моҳирона мазмуни асарҳои халқиро дар асарҳояш ба кор бурдааст [ниг.: Қосимӣ 2020, с. 24-44].

Ба таври куллӣ ин мақолаҳо ва ишоратҳои муҳаққиқони дигар низ такрорӣ набуда, ҳар пажӯҳанда бо нигоҳи хоси хеш ба масъала наздик шудааст. Дар натиҷа як муаллиф, муаллифи дигарро такмил намудааст.

Устод Мирзо Турсунзода, дар садаи бистум, дар рушди адабиёти муосири миллати тоҷик, тарбияи адибон, таблиғи фарҳанги суннатӣ, ваҳдати мардуми ҷаҳон нақши арзандаеро бозида, тоҷиконро, бо сурудаҳояш ва корҳои шоистааш дар арсаи байналмилалӣ шиносонидааст.

Дар воқеъ агар бо диққат тамоми осори устод М.Турсунзодаро аз назар гузаронем ва мавриди таҳқиқ қарор диҳем, мебинем, ки ҳанӯз нуктаҳои арзишманде роҷеъ ба фаъолияти фолклоршиносӣ ва истифодаи он дар осори эшон нуктаҳое ҳастанд, ки мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ, лозим аст, ки пажӯҳандагон заҳматҳои устод М.Турсунзодаро дар ин самт бо диди илмӣ бояд нишон диҳанд.

Ба ин васила дар ин мақола бори дигар таваҷҷуҳи хонандагонро ба баъзе нукатаҳои аз ҷониби пажӯҳандагон ногуфтаи фаъолияти фолклоршиносӣ ва фолклоризми осори М.Турсунзода ҷалб кардан мехоҳем. Дар воқеъ устод аз даврони ҷавонӣ ҳам бо гирдоварию нашри матнҳои фолклорӣ машғул шудааст ва ҳам аз мероси суннатии мардумӣ дар навиштаҳояш истифода намудааст.

Агар дар бораи фаъолияти эҷодии ин парчамбардори сулҳ бо дақиқтар назар андозем бидуни шак мушоҳида менамоем, ки ӯ дар “Шоҳроҳи Ваҳдат”-и мардумони олам

заҳмат кашидааст, дар ҷодаи роҳи Абрешим бо сурудаҳояш қадам зада, Шарқро ба ҷаҳони Ғарб, Ҷануб, Шимоли сайёра пайвастааст. Ҳамеша дар пиндор, гуфтор ва рафтори ӯ осори гуфтории мардумӣ, яъне фолклорӣ мавқеи вижаеро доштааст.

Аз як тараф навиштаҳои М.Турсунзода бо ҳамон оҳанги халқии ба дилҳо наздикаш ҷисму ҷони инсонро навозиш мекарда бошад, аз тарафи дигар меҳмоннавозии шоир, анаъанаҳои тоҷикиро дар зоҳир ва дар ботин нигаҳ доштани шоир, дар ҳар сафар урфу одати тоҷиконро зинатбахши мафҳилҳо намудани шоир, ӯро чун мубаллиғи суннатҳои гуфтории мардуми тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ пеши назарҳо ҷилвагар месозад. Ҳамаи ҷилваҳои мардумии осори ӯро пеш аз ҳама аз рӯзгор ва осори худи шоир бояд ҷуст. Солҳои кӯдакӣ дар ҳалқаи падари дуредгар, модари дӯзандаю чевар ва хешовандони бокасбу ҳунар, бузург шудан низ яке аз манбаъҳои асосии халқияти осори устод мебошад.

Дар солҳои кӯдакӣ ва навҷавонии шоири шаҳир, воситаи асосии иртиботи ҳамагонӣ, ба таври гуфторӣ, аз даҳон ба даҳон нақл кардани ин ё он воқеа, саргузашт, ривоят, устура, афсона, зарбулмасал, чистон, ҳамчунин сароидани суруд, дубайтӣ, рубоӣ ва амсоли ин боиси дилхушии бештари мардум буд. Бале, он замонҳо аксари мардум ғизои асосии маънавии хешро, агарчи гоҳе китобӣ ҳам бошад, бо гӯш шунида ва бо савт сароида, бо забон баён намуда, аз тариқи гуфтор ёд мегирифтанд, ки ин ба М.Турсунзода низ бидуни таъсир намонда буд. Дар ин бора Н.Маъсумӣ барҳақ чунин ёдовар шудааст: “Мирзо дар овони кӯдакии худ ба шунидани афсона ва нақлҳо рағбати зиёд доштааст. Ӯ дар Қаратоғ аз падараш ва пиразанҳои ҳамсоя, дар Регар (ҳоло ш. Турсунзода – Р.Р.) ва қишлоқҳои дигар аз хешовандонаш ҳар хел афсонаю қиссаҳо ва суруду таронаҳо мешунид” [Маъсумӣ 1977, с.245].

М.Турсунзода дар кишварҳои гуногуни олам дӯстони зиёде дошт, ки онҳо бо ӯ рафту омад доштанд. Он адибони нуктасанҷ низ меҳмони зодгоҳи шоир шуда, бо чашмони худ он мардуми дилнавози зодгоҳ ва Тоҷикистонро дида, ба ваҷд меомаданд ва баъд ба мардуми кишвари хеш он меҳру муҳаббати шунидаи худро баён менамуданд. Ба ин васила ҳам бо дилу ҷон, ҳам бо ному нон, ҳам бо халқи ҷаҳон, дар пайванди ногусастанӣ будани сурудаҳои устодро, он фарзонагон дар навиштаҳои худ ба ёд меоварданд.

Яке аз онҳо шоири номдори доғистонӣ Расул Ғамзатов аст, ки бо муҳаббату самимият дар бораи М.Турсунзода нигошттааст: “Вай дар миёни пирони солхӯрдаи деҳ нишаста буду аз дару тирезаҳо занони кӯдакдор ба сӯяш менигаристанд. Бачагони сарупобараҳна аз лаби бому шохи дарахтон “Мирзо”, “Мирзо” гӯён фарёд мезаданд. Мӯйсафедон ҷониби онҳо бо асоҳои худ таҳдид мекарданд ва бо ҳамин гуфтанӣ мешуданд, ки ба суҳбати мо халал нарасонед. Онҳо байни худ аз кору бори аҳли деҳаву мамлакатҳои гуногун, ояндаи диёри худу кишварҳои бегона, вазъияти колхоз ва тамоми дунё сухан мекарданд ва дар суҳбаташон қатраи ҷӯйбору мавҷи уқёнус, суруди сахроиву афсонаи шабҳои пурасрор пайванд меёфт” [Ғамзатов 1971, с. 5].

Бале, латофату нафосати осори ин шоири хушбаён гуфтори бадеӣ ва ҳунари мардумӣ мебошад, ки манбаи асосии эҷодиёти бузургтарин адибони ҷаҳон низ ҳамин офаридаҳои суннатӣ аст.

Агар фаъолияти М.Турсунзодаро дақиқтар мавриди пажӯҳиш қарор диҳем ва муносибати ӯро ба фолклор таҳқиқ намоем, онро метавон ба чанд бахш ҷудо кард:

Аввал. Ӯ осори фолклориро аз байни мардум гирд овардааст ва нашр намудааст. Дар солҳои сиюм пас анҷумани аввалини нависандагони Иттиҳоди Шӯравӣ, таҳти суханронии А.М.Горкий, дар байни фарҳангиёни тамоми миллатҳо ҷӯшу хурӯше пайдо шуд, ки онҳо ба завқ ба гирдоварии фолклори мардуми худ машғул шуданд. Он солҳо дар Тоҷикистон пажӯҳандагони фолклоршиносе, ки фақат бо гирдоварӣ, нашр ва таҳқиқи осори фолклорӣ машғул мешуда бошанд, набуданд. Ба ин ҷиҳат, ба ин кор ҳиссаи шоиру нависандагон назаррас буд. Пеш аз ҳама маҳз адибон ба гирдоварӣ ва нашри осори фолклорӣ даст зада, ба сабту нашри матнҳои фолклорӣ кӯшиш намуданд.

М.Турсунзода яке аз аввалинҳо буд, ки бо дилсӯзӣ ва муҳаббат ба ин кор машғул гашт. Маҳз ҳамин меҳри ӯ боиси он шуд, ки аз байни мардум намунаҳои зиёди офаридаҳои мардумиро бо ҳамкории дӯстон сабт намуд ва онҳоро соли 1940 дар маҷмӯаи “Намунаи фолклори тоҷик” ба нашр расонид. Ин маҷмӯа асосан назми гуфториро дар бар мегирад. Дар бахши аввали он осори манзуми замони пеш аз инқилоб ва сурудаҳои ба

истилоҳ шоирони халқӣ, дар бахши дуввум намунаҳои назми шифоҳии замони шӯравӣ оварда шудааст [ниг.: Namunaji folklori tocik 1940].

Ин иқдоми неки М.Турсунзода баъдан идома пайдо кард. Ҳамин кӯшиши эшон буд, ки соли 1954 бо ҳамкории А.Болдырев маҷмӯаи нисбатан комилтаре бо номи “Фолклори тоҷик” ба чоп расид [ниг.: Фолклори тоҷик 1954]. Китоб дар муддати кӯтоҳ тарафдорони зиёде пайдо кард, ки соли 1957 он дубора нашр шуд [ниг.: Фолклори тоҷик 1957].

Ба таври мухтасар бошад ҳам дар ҳар ду нашри ин маҷмӯаҳо дар бораи моҳияти аслии матнҳои фолклорӣ мулоҳизаҳоеро метавон дид. Масалан, дар маҷмӯаи соли 1954 ба таври фишурда бошад ҳам тартибдиҳандагон фикри худро дар “Сарсухан” ва пеш аз оғози бахшҳои маҷмӯа зери унвонҳои “Лирикаи ғайриишқии меҳнаткашони тоҷик дар аморати Бухоро”, “Дар бораи ғарибӣ-мусофирӣ” ва ғ. баён мекунанд. Чуноне ки мураттибон ёдовар мешаванд барои босифат ва ба талаботи хонандагони гуногун мувофиқ намудани матнҳои фолклорӣ, ба равиши нашри оммавӣ (на нашри илмӣ) аз як нашр то нашри дигар онро такмил додаанд, ки дар ин бора дар сарсухани маҷмӯаи нашри соли 1957 чунин ёдрас шудаанд: “Баробари ҷамъ кардан ва якҷоя тартиб додани намунаҳои то ин муддат чопшудаи назми халқии тоҷик тартибдиҳандагони ин маҷмӯа танҳо ба таври механикӣ ба рӯйбардор кардани шеърҳо қаноат карда натавонистанд. Пеш аз ҳама лозим буд, ки дар кори чоп кардани материалҳои фолклорӣ таҷрибаҳои бои ҷамъшуда ва ҳамаи мувоффақиятҳои солҳои охир ба даст овардаи фолклоршиносони советӣ ба ҳисоб гирифта шавад. Лозим буд, ки ба қайдҳои танқидӣ ва хоҳишҳои бешумори хонандагон, ки нисбат ба асарҳои мавҷудаи чопшудаи фолклори тоҷик ифода ёфтаанд, эътибор дода шавад. Лозим буд, ки ҳамаи материалҳои ҷамъшударо аз нуқтаи назари танқидӣ аз нав дида баромада, тартиби нави ҷо ба ҷо гузории онҳоро муайян намоем” [Фолклори тоҷик 1957, с.7].

Ҳамин тавр метавон ёдовар шуд, ки акнун фурсати он расидааст, ки бойгонии муаллиф ба таври ҷиддӣ омӯхта шавад ва он маводи фолклорӣ, ки дар он ҷо ҳаст мавриди омӯзиш қарор гирад ва заҳматҳои ин адиби миллатдӯст ба хонандагон бештар ошно гардад.

Дувум. Роҷеъ ба осори фолклорӣ дар мақолаҳо ва суханрониҳо. М.Турсунзода дар мақолаҳо, пешгуфторҳо ва суханрониҳо роҷеъ ба моҳияти аслии фолклор, хусусиятҳои бадеии он, умуман фолклор дар рӯзгори маънавии мардум ибрози назар намуда, ҳамеша бо таҳлил ва таҳқиқи фолклор ҷиддӣ машғул шуданро ёдовар шудааст.

Ӯ ҳанӯз соли 1938 дар як мақолаи худ мувофиқи тақозои замон оид ба моҳияти назми гуфторӣ дар шиносонидани рӯзгори пурмашақати занону духтарон ибрози назар намудааст. Дар бораи ин мақолаи М.Турсунзода то ҳол пажӯҳандагон сухан нагуфтаанд. Унвони ин мақола “Зани дирӯза ва зани имрӯза” (“Zani diruza va zani imruza) буда, дар маҷаллаи «Шарқи сурх» чоп шудааст ва имзои муаллиф дар охири матн ба таври мухтасар дар шакли «М.Т.» омадааст, ки дар ин бора дар мақолаи ҷудогона суҳбат хоҳем кард [ниг.: Tursunzoda 1938].

Шоир дар мақолаҳои дигари худ “Нависандагони Тоҷикистон ба декадаи санъати тоҷик” [ниг.: Турсунзода 1941], “Музыка таджикского народа” [ниг.: Турсун-заде 1944], “Созу овозҳои Помир” [ниг.: Турсунзода 1946] “Поэзию - на линию огня!” [ниг.: Турсун-заде 1954], “Речь на II съезде сов. писателей” [ниг.: Турсун-заде 1954а] “Слово об этой книге” [ниг.: Турсун-заде 1963] ва амсоли ин бо муҳаббат дар бораи офаридаҳои гуфтории мардум ёд намудааст. Ҳамчунин ӯ дар рӯзгори маишии омма арзиши баланд доштани осори фолклориро таъкид менамояд, ки то имрӯз аҳамияти ин мақолаҳо арзанда аст.

Моҳи октябри соли 1959 дар рӯзномаи “Маориф ва маданият” фелетоне бо номи “Гулпарӣ-райҳонпарӣ” аз ҷониби Р.Абдуллев чоп мешавад, ки муаллифи он дар фелетон ба ин бадеҳаи халқӣ бо назари интиқодӣ менигарад [ниг.: Абдуллоев 1959].

Устод Мирзо Турсунзода бо ҳаммуаллифии А.Деҳотӣ, Б.Раҳимзода, Ғ.Мирзо зери унвони «Ҷавоб ба муаллифи фелетони “Гулпарӣ-райҳонпарӣ”» дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» зуд ба нақди муаллифи мазкур посух гуфта, асолати матни фолклориро тарафдорӣ мекунад. Баъди чанд рӯз ҳамин посух бо номи «Саррофони гавҳарношинос» дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» низ ба нашр мерасад [ниг.: Турсунзода, Деҳотӣ, Раҳимзода, Мирзо 1959].

Чунин тарафдориҳо ва андешаҳоро нисбати фарҳанги мардум дар мақолаҳои дигари адиб низ метавон дид, ки ин ҳама баррасии муфассалро тақозо месозад.

Сеюм. М.Турсунзода дар асарҳояш бевосита аз намунаҳо, мотивҳо ва образҳои фолклорӣ истифода бурдааст. Агар хонанда асарҳои шоирро бо диққат мутолиа кунад, нахуст вай бо лавҳаҳои ҷолиби фолклорӣ рӯбарӯ мешавад ва баъдан дар аксари осори эшон оҳангу мотивҳоеро мебинад, ки ба дилу дидаи мардум наздик аст. Дар асарҳои шоир аз устураҳо, афсонаҳо, зарбулмасалҳо, дубайтиҳо ва дигар нишонаҳои фолклорӣ ва сунатҳои мардумӣ бо маҳорати вижа истифода гардидааст. Бахше аз инҳоро муҳаққиқон дар пажӯҳишҳои худ ёдовар шуда бошанд, баъзеро ҳоло мавриди баррасии ҷиддӣ қарор надодаанд.

Яке аз ин гуна унсурҳои фолклорӣ ин тасвири этнопоэтикӣ, суннатӣ ё мифопоэтикӣ чун зуҳуроти асотирӣ дар навиштаҳои адибон мебошад. Аслан ба гуфти А.Раҳмонов: "...то ҳол ба истиснои чанд тадқиқот дар бораи нақши устура ва таъсири он дар осори адабиёти садаи XX пажӯҳиши комил ва дақиқ ба анҷом нарасидааст" [Раҳмонов 1999, с.7]. Дар бораи моҳияти ҳамин масъала худи А.Раҳмонов аввалин шахсест, ки ба таври муфассал сухан меронад ва мифопоэтикаро дар осори адибони муосир дар навиштаҳои хеш аз назар мегузаронад.

Масалан, яке аз шеърҳои устодро, ки "Савганд" ном дорад аз назар мегузаронем, ки дар он шоир устураро, чун мифопоэтика бо маҳорати баланд истифода намудааст. Дар байни мардуми тоҷик устураи машҳуре ҳаст. Ин он аст, ки агар дар шаби 27-уми моҳи Рамазон, касе то субҳ хоб накарда, бо ибодат машғул гардида, ҳангоми дидани Лайлатулқадр, ки ба монанди ситораи паррони дурахшон дар осмон намоён мешавад, чизеро ба даст бигирад, гӯё он ба тилло табдил меёбад ва муроди дилаш ҳосил мешавад. Ин устура ҳоло ҳам дар минтақаҳои Тоҷикистон машҳур аст, ки шоир онро ба таври зерин дар шеъри худ моҳирона ба мақсади нишон додани зиндагии замони худ ба кор бурдааст:

Солҳои сол,
мегуфтанд мардум, ки:
ба мо
Бахту шодӣ мерасад
аз лайлатулқадр, —
аз қазо.
Дар шаби торик
Нурафшон
Гузар хоҳад намуд,
Аввали шаб,
Нисфи шаб
Майли сафар хоҳад намуд.
Шакли он гирд аст,
Рӯяш мисли оташпорае,
То саҳар бедор хобӣ,
Гар кунӣ наззорае,
Метавонӣ дид онро,
Мақсадат ичро шавад,
Ҳар чиро, ки даст гирӣ,
Ҷо ба ҷо тилло шавад.
Лекин ин мӯъҷиз
Барои камбағал ноёб буд,
Қиссаи модаркалон буду
Хаёлу хоб буд [Турсунзода 1971, ч.1, с.19].

Шоир бо тарзҳои гуногун дар асарҳояш аз мотивҳо ва матнҳои фолклорӣ истифода менамояд, ки ҳар кадоми онро ба таври ҷудогона мавриди таҳлили ҷиддӣ бояд қарор дод. Ба ҳар ҳол боз як мисоле меорем. Шоир дар либероттои "Шӯриши восеъ" барои ҳамаҷониба кушода додани симои қаҳрамони миллӣ ва муборизи тоҷик — Восеъ аз афсона, ривоят ва сурудаҳои мардумӣ хуб баҳра мебардорад. Дар "Шӯриши Восеъ" моҳирона ба кор бурдани ашъори мардумӣ, афсонаи «Ҷанги Рустам бо аждаҳо» ва ғайра асарро таровати тозае бахшидааст. Ба хусус афсонаи «Ҷанги Рустам бо аждаҳо»-ро шоир

ба қолаби асари худ мувофиқ месозад ва онро ба таври мухтасар ба сабки омиёна меорад. Ҳамчунин М.Турсунзода дар ин либеретто дубайтиҳои халқиро низ хуб ба кор бурдааст, ки ба ин васила ӯ қаҳрамонҳои миллии худро боз ҳам бештар мардумитар кардааст. Дубайтии зерин аз номи Аноргул оварда шудааст:

Сари чашма рафтам ман ба вақте,
Ба оби дида биншондам дархте.
Шамол омад дарахтам решакан кард,
Мани мискин надорам ҳеҷ бахте [Турсунзода 1971, ҷ.2, с. 272].

Мо медонем, ки "Тоҳир ва Зӯҳро" яке аз афсонаҳои машҳур аст. Дар асоси ҳамин афсона офаридани либереттои "Тоҳир ва Зӯҳро" дар он солҳои мудҳиши ҷанг барои ташвиқи қаҳрамонию паҳлавонӣ ва ҷасорату диловарии ҷанговарон ва дар ақибгоҳ будагон муҳим буд. Мардуми мо бештар дар оғӯши орзуҳои ширини романтикӣ зиндагӣ доранд. Афсона жанре аст, ки аз аввал то анҷом дорои тахайюли зебои романтикист. Ба он муроҷиат кардани М.Турсунзода беҳуда набуд. Чунки дар он солҳо ҳанӯз афсона ҳамчун воситаи саргармӣ, дилхушӣ ва тарбиявӣ шабҳои дуру дароз дар аксари хонадонҳо нақл мегардид.

Умуман устод Мирзо Турсунзода дар асарҳои худ "Ҷони ширин", "Чароғи абадӣ", "Ҳасани аробакаш", "Писари ватан", "Хазон ва баҳор" ва шеърҳои зиёди дигараш ба равишҳои мухталиф аз гуфтаҳои мардум истифода менамояд. Агар дар достони "Садои Осиё" устураҳо ва ривоятҳо чун воситаи тасвири бадеӣ дар инъикоси рӯзгори мардуми Осиё ва Африқо ба кор рафта, ба ин восита аз заҳмати деҳқонони Чину Миср, аз талхиҳои ҳаёти мардумони Ҳиндустон ва амсоли ин сухан гуфта бошад; дар достони "Писари Ватан" панду андарзҳо, зарбулмасалҳо ва мисраҳое дар шакли диалог, ки баъзе бадеҳаро ба хотир меоранд фаровон истифода шудааст, ки чунин тарзи зинат додани навишатҳои адибро дар омехтагӣ бо суннатҳои фолклорӣ дар ҳамаи достонҳои ӯ метавон мушоҳида кард.

Муҳаққиқон ҳанӯз соли 1957 дар китоби "Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик" саршори офаридаҳои мардумӣ будани асарҳои М.Турсунзодаро таъкид карда буданд: "Ҳангоме ки шоир дар эҷодиёти худ унсурҳои фолклориро кор мефармояд, фақат ҳаловат ва соддагии бадеӣ ба даст намеоварад, балки инчунин ба воситаи ҳикматҳои худи халқ ва ифодаю ибораҳои ӯ мақсаду нияташро зуд мефаҳмонад ва ба хонанда таъсир мегузаронад" [Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик 1957, с.343].

Ба ҳамин тариқ дар охир ёдовар шуданро муносиб медонем, ки фолклор ва суннатҳои мардумӣ ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ, дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода саршор буда, дар оянда бо тамоми ҷузъиёташ бо истифода аз бойгонии адиб, бояд мавриди омӯзиш ва пажӯҳиши бештар ва дақиқтари илмӣ қарор гирад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев Р. Гул парӣ, райҳон парӣ… (Дар бораи бадеҳаи мазкур) / Р.Абдуллоев // Маориф ва маданият, 1959. - 3 октябр.
2. Асрорӣ В. Фолклор, халқият, нависанда / В. Асрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 176 с.
3. Бобоев Ю. Сипаҳсолори назм / Ю. Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 288 с.
4. Ғамзатов Р. Гулбоғи шоир / Р. Ғамзатов // М.Турсунзода. Куллиёт иборат аз шаш ҷилд. - Душанбе: Ирфон, 1971. – Ҷ.1. - С.5-12.
5. Қосимӣ С. Мулоҳизаҳо андар боби адабиёти шифоҳӣ ва хаттӣ / С. Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 396 с.
6. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 2. / Н.Маъсумӣ. – Душанбе, 1977. – 398 с.
7. Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик. Қисми II. / Ҳайати таҳрир: И. Брагинский, М.Шукуров, А.С.Эдельман, Ш.Ҳусейнзода. – Сталинобод, 1957. – 522 с.
8. Раҳмонӣ, Р. Мирзо Турсунзода ва фолклор / Р.Раҳмонӣ // Мирзо Турсунзода ва масоили назарии фарҳанги навини тоҷикон (Маҷмӯи мақолоти таҳқиқӣ); мураттибон: А.Раҷабов, М.Каримзода. – Душанбе, 2011. – С.279-287.
9. Сайфуллоев А. Мирзо Турсунзода. Очерки ҳаёт ва эҷодиёти шоир / А. Сайфуллов. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 272 с.
10. Сӯфизода А. Мирзо Турсунзода ва санъати сухан / А. Сӯфизода // Фолклор - санъати сухан. - Душанбе: Ирфон, 1985. - С.48-66.
11. Сӯфизода А. Турсунзода ва фолклор / А. Сӯфизода. – Душанбе: ДМТ, 2011. – 132 с.
12. Раҳмонов А. Пиндорҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷик / А.Раҳмонов. – Душанбе: Диловар ДДМТ, 1999. – 218 с.
13. Турсун-заде М. Музыка таджикского народа / М. Турсун-заде // Правада востока, 1944. - 27 февраль.

14. Турсун-заде М. Поэзию - на линию огня! / М. Турсун-заде // Дружба народов, 1954. - №6. - С.262.
15. Турсун-заде М. Речь на II сеъзде сов. Писателей / М. Турсун-заде // Литературная газета, 1954. - 26 декабрь.
16. Тусун-заде М. Слово об этой книге / М. Турсун-заде // С.И. Липкин. О богатырях, умельцах и волшебниках. - М.: Детгиз, 1963. - С.3-4.
17. Турсунзода М. Нависандагони Тоҷикистон ба декадаи санъати тоҷик / М. Турсунзода // Тоҷикистон сурх, 1941. -4 март.
18. Турсунзода М. Созу овозҳои Помир / М.Турсунзода // Ҷавонони Тоҷикистон, 1946. - 29 сентябр.
19. Тусунзода М. Ҷавоб ба муаллифи фелетони “Гулпарӣ-райҳонпарӣ” Р.Абдуллоев / М. Тусунзода, А. Деҳотӣ, Б. Раҳимзода, Ғ. Мирзо // Тоҷикистони советӣ, 1959. - 3-октябр.
20. Тусунзода М. Саррофони гавҳарношинос / М. Тусунзода, А. Деҳотӣ, Б. Раҳимзода, Ғ. Мирзо // Маориф ва маданият, 1959. - 10-октябр.
21. Турсунзода М. Куллиёт иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.1. / М. Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 328 с.
22. Турсунзода М. Куллиёт иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.2. / М. Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 336 с.
23. Турсунзода М. Куллиёт иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.3. / М. Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 432 с.
24. Фолклори тоҷик / Тартибдиҳандагон: М.Турсунзода ва А.Н. Болдирев. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1954. – 520 с.
25. Фолклори тоҷик / Тартибдиҳандагон: М.Турсунзода ва А.Н. Болдирев. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1957. – 453 с.
26. Tursunzoda M. (M.T.) Zani diruza va imruza / M. Tursunzoda // Sarqi surx, 1938. - № 3. - S.6.
27. Namunai folklori tocik / Tartibdihanda: M.Tursunzoda. - Stalinobod-Leningrad: Nashrdavtochik, 1940. – 230 c.

ШИНОХТИ ФОЛКЛОРИ ТОҶИКОН АЗ ДИДГОҲИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Дар мақола оид ба таҳқиқи анъанаҳои мардумӣ ва фолклорӣ дар фаъолияти эҷодии М.Турсунзода изҳори назар шудааст. Дар он баъзе нукатаҳои аз ҷониби пажӯҳандагон ногуфтаи фаъолияти фолклоршиносӣ ва фолклоризми осори М.Турсунзода мавриди таҳқиқ қарор гирфтааст. Маълум мешавад, ки шоир аз овони кӯдакӣ, наврасӣ ва ҷавонӣ афсона, саргузашт, ривоят, зарбулмасал, чистон, суруд, дубайтӣ, рубоӣ ва амсоли инро зиёд шунидааст. Дар мақола ба се ҷиҳати фаъолияти М.Турсонзода ва фолклор сухан гуфта шудааст: **Аввал**. М.Турсунзода осори фолклориро аз байни мардум гирд овардааст ва нашр намуда, соли 1940 дар маҷмӯаи “Намунаи фолклори тоҷик” ба нашр расонидааст. Ин маҷмӯа баъдҳо солҳои 1954 ва 1957 бо ҳамкории А.Болдырев такроран ба нашр расидааст. **Дувум**. М. Турсунзода роҷеъ ба осори фолклорӣ дар мақолаҳо ва суханрониҳои худ ёдвар шудааст. **Сеюм**. М.Турсунзода дар асарҳояш бевосита аз намунаҳо, мотивҳо ва образҳои фолклорӣ истифода бурдааст. Маълум мешавад, ки дар асарҳои шоир аз устура, афсона, зарбулмасал, дубайтӣ, рубоӣ ва дигар мотивҳои фолклорӣ ва анъанаҳои мардумӣ бо маҳорати вижа истифода гардидааст. Дар мақола оид ба ҳар масъала бо далелҳо сухан гуфта шуда, муаллиф фикри худро бо мисолҳо тасдиқ менамояд. Аз ҷумла аз шеъри «Савганд», либероттои “Шӯриши восеъ”, “Тоҳир ва Зуҳро” мисолҳо меорад.

Калидвожаҳо: Турсунзода, фолклор, суннатҳои мардумӣ, матни фолклорӣ, жанр, мотив, вариант, назм.

ПРИЗНАНИЕ ТАДЖИКСКОГО ФОЛЬКЛОРА ИЗ ВЗГЛЯДОВ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

В статье приводятся сведения об изучении фольклора и народных традиций в творчестве М. Турсунзаде. В ней рассматриваются некоторые аспекты фольклорного творчества и фольклорных произведений М.Турсунзаде, которые не были отмечены исследователями. Оказывается, поэт с детства, отрочества и юности слышал множество сказок, историй, легенд, пословиц, поговорок, песен, четверостиший, рубайятов и тому подобных. В статье рассматриваются три аспекта творчества и фольклора Турсунзаде: **Первый.** М. Турсунзаде собирал и издавал фольклор в народе, а в 1940 году издал сборник «Образцы таджикского фольклора». Позднее этот сборник был переиздан в 1954 и 1957 годах в соавторстве с А. Болдыревым. **Второй.** М. Турсунзаде в своих статьях и выступлениях упоминает фольклор. **Третий.** М. Турсунзаде в своих произведениях напрямую использовал примеры, мотивы и фольклорные образы. Оказывается, в произведениях поэта шедевры, сказки, пословицы, дубаи, рубаи и другие фольклорные мотивы и народные традиции используются с особым мастерством. В статье каждый вопрос рассматривается фактами, а автор подтверждает свое мнение примерами. В частности, он приводит примеры из поэмы «Клятва», либретто «Широкий бунт», «Тохир и Зухро».

Ключевые слова: Турсунзаде, фольклор, народные традиции, фольклорный текст, жанр, мотив, вариант, поэма.

RECOGNITION OF TAJIK FOLKLORE FROM THE VIEWS OF MIRZO TURSUNZODA

The article provides information about the study of folklore and folk traditions in the work of M. Tursunzade. It examines some aspects of folklore creativity and folklore works of M. Tursunzade, which were not noted by the researchers. It turns out that the poet from childhood, adolescence and youth heard many fairy tales, stories, legends, proverbs, sayings, songs, quatrains, rubaiyats and the like. The article deals with three aspects of creativity and folklore of Tursunzade: First. M. Tursunzade collected and published folklore among the people, and in 1940 he published the collection Samples of Tajik Folklore. Later this collection was republished in 1954 and 1957 in collaboration with A. Boldyrev. Second. M. Tursunzade mentions folklore in his articles and speeches. Third. M. Tursunzade directly used examples, motifs and folklore images in his works. It turns out that in the works of the

poet, masterpieces, fairy tales, proverbs, dubai, rubai and other folklore motifs and folk traditions are used with special skill. In the article, each issue is considered facts, and the author confirms his opinion with examples. In particular, he gives examples from the poem "The Oath", the libretto "Wide Riot", "Tohir and Zuhro".

Key words: Tursunzade, folklore, folk traditions, folklore text, genre, motive, variant, poem.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳмонӣ Равшан*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти муосири форс-тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ravrahmon@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Рахмони Равшан*** - Таджикский национальный университет, профессор кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **ravrahmon@mail.ru**

Information about the author*:* ***Рахмони Равшан*** - Tajik National University, Professor of the department of the theory of the newest Tajik-Persian literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **ravrahmon@mail.ru**

УДК: 891.55.32

НАҚШИ САНЪАТИ ТАШХИС ДАР ҒАЗАЛИЁТИ НАЗИРИИ НИШОПУРӢ

Саидҷаъфаров О.Ш.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Шеъри сабки ҳиндӣ ва ривоҷу равнақи адабиёти форсии Ҳиндустонро бе Назирии Нишопурӣ ном гирифтан ғайриимкон аст, зеро ӯ дар қатори бузургтарин намояндагони шеваи мазкури сухансароӣ эътироф гардида, дар радифи Фиғонии Шерозӣ яке аз асосгузорони сабки ҳиндӣ шинохта шудааст. Тамомии муаррихон ва тазкиранигороне, ки дар хусуси аҳволи Назирӣ маълумот додаанд, мартабаи баланди шоирии ӯро эътироф намудаанд. Абулфазли Алломӣ дар ин маврид навиштааст: «Дар сухансароӣ дастмоя дорад ва дарича аз нузҳатгоҳи маънӣ бар ӯ кушода ва бо зоҳир ободии иморати ботин месиголад» [1, с.175]. Афзали Сархуш низ гуфтааст: «Гӯйи фасоҳат ва балоғат аз акрони замон мерабуд. Сухансанҷони асри ҷаҳонгирӣ ӯро устод медонистанд» [11, с.142].

Ҳаёт ва фаъолияти адабии Назирӣ ба охирҳои аҳди Акбар ва давраи салтанати Ҷаҳонгир рост меояд. Абдуннабии Фахруззамонӣ ва Ҳусайни Сабо дар тазкираҳои худ номи пурраи шоирро Мирзо Муҳаммадҳусайн Назирии Нишопурӣ зикр кардаанд [5, с.786; 10, с.836]. Тибқи маълумоти соҳиби «Хизонаи омира» Назирӣ тахаллуси шоир будааст [8, с.436]. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки дар мақтаи тамоми ғазалиёти шоир исми Назирӣ истифода гардидааст. Шиблии Нуъмонӣ ба нақл аз «Гулшани аброр» оварда, ки Назирӣ дувоздаҳ сол қабл аз вафоташ гӯшанишинӣ ихтиёр кардааст. Муҳаққиқи мазкур соли вафоти шоирро 1021 ҳ. // 1612 / 13 қайд намудааст [7, с.117].

Назирии Нишопурӣ яке аз суханварони пурмаҳсули сабки ҳиндӣ маҳсуб хоҳад шуд. Маҷмӯаи ашъори шоир ҳанӯз дар замони ҳаёти худи шоир мудавван шуда буд. Дар китобхонаи Институти забону адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АМИТ ду нусхаи нодири девони шоир зери шумораҳои 328 ва 823 ҳифз карда мешаванд. Нусхаи аввал мунтахаби қасоид, таркиббандҳо, тарҷеъбанд, ғазалиёт ва рубоиёти шоирро дар бар мегирад. Нусхаи фавқуззикр аз рӯйи саҳифа шуморагузорӣ шуда, дар саҳифаи аввали он ин ҷумла қайд гардидааст: «Соҳиби ин китоб Назирӣ аст». Ин нусха бо хатти настаълиқ навишта шуда, шаклан хурд аст. Вале он дорои нуқс аст: саҳифаҳои 1- ум ва 2- юми он фарсудаву нохоно аст ва аз атрофи он то васат бо коғази дигар ширеш гардидааст; аз саҳифаи 3 то 8 ва ҷо-ҷо саҳифаҳои байн низ доғдору куҳнаанд.

Нусхаи дуюм иборат аз қасоид, таркиббанд, тарҷеъбанд, муқаттаот, рубоиёт ва мунтахаби ғазалиёти шоирро дар бар мегирад. Аммо, ин нусха ноқис буда, варақҳои аввал, охир ва ҷо-ҷо байни он куҳнаву фарсудаанд. Нусхаи мазкур аз рӯйи варақ шуморагузорӣ шуда, аз 393 варақ иборат буда, шаклан бузургтар аст ва бо хатти настаълиқ навишта шудааст. Он дар Моваруннаҳр китобату хаттотӣ шуда, мутааллиқ ба охирҳои қарни XVIII аст.

Муътамадтарин нусхаи девони Назирии Нишопурӣ мутааллиқ ба чопи муосири Эрон мебошад, ки аз рӯйи чаҳор нусхаи муътабари наздик ба асри Назирӣ бо муқаддима, тасҳеҳ, танзим ва ҷамъу тадвини Музоҳири Мусаффо дар 749 саҳифа дар матбааи «Амири Кабир»- и Теҳрон соли 1340 ҳ. // 1921 / 22 ба чоп расидааст. Нусхаи мазкур шомили 545 ғазал, 42 қасида, 3 қитъа, 8 таркиббанд, 1 тарҷеъбанд ва 137 рубоӣ мебошад. Мо мақолаи худро дар асоси ҳамин нусха омода сохтаем.

Назирии Нишопурӣ ҳарчанд ки дар аксари анвои роиҷи шеъри форсӣ ҳунари воло дошт, аммо таваҷҷуҳи вай нисбат ба жанри ғазал бештар буд, чунончи аз ҳайси теъдод низ ғазалиёти вай дар қиёс бо кулли анвои шеърияш ба маротиб фузунӣ дорад. Инкишофи минбаъдаи жанри ғазал дар шеъри сабки ҳиндӣ ба фаъолияти адабии Назирии Нишопурӣ вобастагии зиёд дорад.

Назирӣ дар ғазалсароӣ Хоҷа Ҳофизро устоди худ шумурдааст:

То иқтидо ба Ҳофизи Шероз кардаем,
Гардид муқтадои ду олам каломи мо [6, с.33].

Дар ғазалиёти Назирӣ мавзуи ишқ, ба хосса ишқи ирфонӣ ҷойгоҳи хосса дорад. Назирӣ ҳарчанд ки яке аз наздиктарин шоирони дарбори Хонхонон буд ва дар мадҳи ҳокими мазкур қасоиди зиёд сурудааст, аммо мавзуи ишқ дар эҷодиёти вай дар қиёс бо

мавзуоти мадҳиву ситоишӣ дар мақоми баландтар қарор дорад. Чунончи дар байти зер аз як ғазалаш Назирӣ ҳамин нуктаро бо кинояти малеҳ аз Султон Маҳмуд ва “Шоҳнома” баён намуда, дуричӯйии худро аз мавзуоти мадҳиявӣ бад-ин тариқ баён доштааст:

Ба ганҷхонаи Маҳмуд мадҳ нафрӯшам,
Ба “Шоҳнома” харам байти ошиқонаи хеш [6, с.241].

Дар мавзуи мазкур чизе ки таваҷҷуҳи хонандаро бештар аз ҳар чизи дигар ҷалб менамояд, тасвирсозии ҳолоти ишқӣ ё ҷанбаи тасвирии мавзуи ишқ дар ғазалиёти шоир ба ҳисоб меравад. Яке аз вижагиҳои ғазалиёти Назирӣ дар мавзуи мазкур – ин истифодаи ҳунармандона аз санъати ташхис дар матолиби ишқӣ мебошад. Санъати ташхис дар тарҳрезии мавзуи мазкур ба ҳадде нақшгузор аст, ки тамомии дигар васоити тасвири бадеиро тобеи худ карда, миёни онҳо мақоми меҳвариро ишғол намудааст.

Ҷон бахшидан ва ҳаракат додан ба мавҷудоти ғайриинсониро дар адабиётшиносӣ санъати ташхис номидаанд. Шафеии Кадканӣ дар хусуси санъати ташхис чунин гуфта: «Бахшидани хасоиси инсонӣ аст ба чизе, ки инсон нест ва ё бахшидани сифот ва эҳсоси инсонӣ ба чизҳои интизоӣ» [4, с.115-18]. Таърифи Симо Дод, муаллифи “Фарҳанги истилоҳоти адабӣ” ҳам роҷеъ ба санъати ташхис тақрибан гуфтаи Кадканӣ аст, ки тибқи он “гӯянда аносири бечон ё умури зеҳниро ба рафторе одамивор биёрояд” [12, с.1].

Назирӣ дар тасвири ҳолот ва матолиби ишқӣ аз санъати ташхис чунон истифодаи ҷолибу марғуб намудааст, ки дар коргоҳи ҳунарии вай вожаҳои мавҳуму абстрактӣ – ҳамагӣ амсоли инсонҳо фаъолу мутаҳаррик шуда, рафтору кирдор ва феълу хисоли одамиёна касб мекунанд. Аз ҷумла дар байти зерин ӯ ишқро чун инсони фитнагар тасвир намудааст, ки ба шаҳри дил сафар мекунад ва дар он барои ба тороҷ рафтан ҷанг эҷод менамояд:

Ишқ омаду дар шаҳри дил ойини хирад зад,
То шаҳр ба тороҷ равад, ҷанг бароварад [6, с.121].

Чунончи дида мешавад, дар байти фавқ Назирӣ тавассути санъати ташхис манзараи ҷангро тасвир намудааст: ишқ ҳамчун як шоҳи ҷангҷӯ дар шаҳри дил парчами ҷанг мезанад, то ойини ақлро аз он бадар фиканад ва шаҳрро ба тороҷ диҳад. Дар байти боло ҷуз аз санъати ташхис санъати истиора ва кинояти малеҳ низ корбурд шудааст: *шаҳри дил* истиораи киноии тахйилия ва *ойини хирад задан* киноят аз парчами ҷанг барафроштан бар зидди ақл мебошад.

Дар тахайюли шоиронаи Назирӣ мафҳумҳои мавҳум ё ғайриламсӣ чунон тасвири зебои одамиёна шуда, ки матолиби ишқии ӯро бисёр малмусу қобили ҳис гардонидаанд. Аз ҷумла дар байти зер ҳамин вижагӣ дар тасвири *ҳусн* ва аз хоб бархостани ӯ мушоҳида мешавад: ҳусн аз хоб бармехезад ва мижаҳои худро барҳам мезанаду неше бар раги олам мезанад ва бар асари он миёни мардум фитна барпо мешавад:

Ҳусн ҷунбид зи хобу мижае барҳам зад,
Фитна барпо шуду неше ба раги олам зад [6, с.132].

Он чӣ дар байти мазбур шоистаи таваҷҷуҳ аст, баёни мазмуни ҳофизона бо равиши назириёна мебошад, чун бар хонандаи огоҳ пӯшида нахоҳад буд, ки Назирӣ мазмуни байти хешро аз ин ғазали маъруфи Хоҷа Ҳофиз барчидааст:

Дар азал партави ҳуснат зи таҷалло дам зад,
Ҳусн пайдо шуду оташ ба ҳама олам зад.
Ақл мехост, к-аз он шуъла ҷаҳон афрӯзад,
Барқи ғайрат бидурахшиду ҷаҳон барҳам зад [11].

Аммо он чӣ баёни Назириро дар матолиби ишқияш аз баёни Хоҷа Ҳофиз фарқ мекунонад, имтизоҷ додани дигар васоити тасвири бадеӣ бо санъати ташхис ва бад-ин роҳ муассиртар сохтани ҳам мазомини ишқӣ ва ҳам санъати ташхис аст, чунончи истиораи зебову нозуки *мижаи ҳусн*, ки аҷзои он дар аввалу охири мисраи нахустин таҷзия шудаанд, дар байти мазкур далели ҳамин гуфтаҳост.

Дар байти пойин бошад, Назирӣ барои он ки берӯзигӣ ё бахтбаргаштагии хешро дар ишқи маҳбуб тасвир намояд, *бахти худро* ҳамчун як шахси бечораву дармонда тасвир намудааст, ки аз дасти *ҳаҷре*, ки дар берун баҳри дастгир кардани ӯ камин гирифтааст, ҷойи гурез ва пойи рафтан надорад:

Пойи рафтан нест з-ин базмам, ки дар беруни дар
Бахт дорад дар камин ҳаҷри гиребонгирро [6, с.12].

Дар муассиртар гаштани санъати ташхис дар байти фавқ нақши як маҷоз ва ду киноя басо назаррас аст: шоир *пойи рафтанро* маҷоз аз берун шудан, *базм* ва *дарро* киноят аз дунё ва машғалаи он гирифтааст. Маънӣ он аст, ки ҳарчанд Назирӣ кӯшиш менамояд, то аз ин дар, яъне дунёи моддӣ берун шавад ва аз базму ҳаёҳуи он озод гардад, ба мӯҷиби ҳаҷри гиребонгир ин барояш муяссар намегардад; чун ҳаҷр ҷиҳати ба дунё ғӯтавару гирифтор кардани шоир ҳамвора дар камин меистад, то ӯро аз маъшуқаш маҳҷур созад.

Дар байти зер Назирӣ хаёли маъшукро рафтору хасисаи одамиёна мебахшад, он дар гирди дили шоири ошиқ мегардад, то бад-ин роҳ дар дили вай фитна барангезад. Бар асари ин ҳузури хаёли маъшуқ шоир шарм медорад, ки аз дили худ оҳ бароварад, то мабодо ба воситаи он озоре ба хаёли маъшуқ расад:

Чун *хаёли ту* гирди дил гардад,
Ҳайфам ояд зи дил барорам оҳ [6, с.332].

Оҳи шоир дар байти фавқ ҳам киноят аз ношукриву носипосӣ дар баробари ҳузури хаёли маъшуқ, ҳам киноят аз сӯзу ҳарорат аст ва дар ҳар ду маънӣ онро метавон қабул кард.

Дар тасвирҳои матолиби ишқии Назирӣ маъшуқ бо ҷумлаи зебоиҳои хеш мудом дар пайи ноором кардани қалби ошиқи вай аст. Чунончи дар байти зер зулфи маъшуқ мӯҷиби эҷоди ҳамин фитна аст:

Ман он рӯзе, ки бар рух фитна мешуд зулф, мегуфтам,
Ки рӯзи хуш нахоҳад гашт ҳаргиз дар ҷаҳон пайдо [6, с.5].

Дар девони Назирӣ эҷоди ҳамчунин ҳолот, ки пайванд бо мазомин ва матолиби ишқии шоир доранд, ҷуз аз мисолҳои боло бисёр бармехӯранд, ки тарсиму тасвири онҳо махсус ба худи вай аст. Он чӣ тасвирҳои Назириро аз дигар шоирони сабки ҳиндии то замони ӯ ва муосиронаш то ҷойи қобили таваҷҷуҳ дар фосила қарор медиҳад, равиши ирфонӣ дар баёни матолиб аст, ки нишондиҳанда ва ҳамчунин ташхисдиҳандаи дидгоҳи ботинӣ ва ҷаҳонбинии вижаи ӯ аз ҷаҳону моварои он аст. Дар тасвиру баёни мазомин ва матолиби ишқӣ Назирӣ аз ҳамин нуқтаи биниш назар карда, дар заминӣ ва малмусу машҳуд кардани он чӣ бар ишқ ва авотифи қалбӣ тааллуқ дорад, назари хешро аз доираи ирфонӣ ё ботинӣ маръӣ медорад, дар ҳоле ки аксари шоирони сабки ҳиндӣ дар мавзуи мазкур таваҷҷуҳи нисбатан камро маръӣ медоштанд ва воқеиятгӯйиро дар матолиби ишқӣ ричҳон мениҳоданд.

Вижагии дувуми назаррас дар мардумнамоии мафҳумҳову ашё, яъне чигунагии истифодаи санъати ташхис дар матни ғазалҳои Назирӣ ба феълу хисоли одамиёна кашидани аносири табиат аст. Мардумнамоӣ ё инсонвор тасвир кардани мафҳумҳову ашё, бахусус аносири табиӣ, дар ғазалҳои Назирӣ бисёр мушоҳида мешаванд. Зимнан қайд кардан бамаврид аст, ки корбурди санъати ташхис ҳанӯз дар ашъори аввалин шоирони порсигӯ, яъне намояндагони сабки хуросонӣ аз вижагиҳои сабкии онон маҳсуб мешуд. Махсусан дар эҷодиёти устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ мардумнамоии мафҳумҳову ашё, бавижа аносири табиат, аз боризтарин хусусиёт дар тасвирнигории ӯ шинохта мешавад. Ҷойи тардид нест, ки дар ин маврид на танҳо шоирони баъдии сабки хуросонӣ ва намояндагони сабки ироқӣ, ҳатто суханварони сабки ҳиндӣ низ зери таъсири ҳунари табиатнигории устод Рӯдакӣ ва ё лоақал муосирони вай қарор гирифтаанд; зеро дар эҷодиёти асосгузорони сабки хуросонӣ тасвири табиат ва аносири он ҷилваи махсус дорад ва ташхис ҳам, ки аз аркони муҳимми маҷоз аст, дар табиатнигории онон мақоми хосса дорад.

Дар тасвирсозиҳои шоиронаи Назирӣ ҳам аносири табиӣ чун инсонҳо ҳаракат мекунанд, феълу рафтори одамиёна мегиранд. Дар девони шоир намунаҳои зиёде аз ғазалиётро метавон пайдо кард, ки дар онҳо гулу набот, сунбулу булбул ва дигар аносир ва мафҳумҳо ба сони инсон тасвир гаштаанд ва аз феълу хислати одамиёна бархӯрдоранд. Чунончи ин гуфтаҳоро дар мисоли ғазали зер, ки дар он аносири табиӣ ба сони инсон тасвир ёфта, феълу хисоли одамиёна гирифтаанд, метавон ба таври равшан мушоҳида кард:

Гул хилъати нав дод дигар шохи куҳанро,
Бар салтанати ҳусн сиҷил сохт чаманро.
Шохи гули хушбӯ ба раҳи боди саҳаргоҳ
Бикшуд сари нофаи ғизолони Хутанро.

Шуд лола ба хамёза ба ёди майи лаълат,
Аз бода лаболаб чу қадаҳ дид даҳанро.
Афрохт суроҳӣ сару гардан ба таваққуҳ,
То хуш ба кафи маст диҳад ҷоми зақанро.
Сар то ба қадам най ба тамошо нигарон шуд,
То хуб диҳад чанг ба мутриб бару танро.
Дар аҳди майю нағма зи бас дид дурушт̄и,
Сунбул зи хами ҷаъд бурун кард шиканро.
Гулбарги баногӯшу рухат буд муносиб,
Гулдаста шуду баст бару зулфи расанро.
Бар гӯш хурад наъраи аҳсанти Назирӣ,
Пурсӣ агар аз мурдаи садсола суханро [6, с.21].

Чунонки дида мешавад, матни ғазали мазбур пурра бо зевари санъати ташхис ороста шудааст. Агарчи дар мисраоти алоҳида нишоне аз дигар воситаҳои тасвири бадеӣ, монанди истиора, киноя ва маҷозу муболиға мушоҳида мешавад, тамомии онҳо дар гирди санъати ташхис мутамарказ гардида, дар қиёс бо он мақоми дувумдараҷа доранд. Дар байти 1-ум шоир гулро чун инсоне, ки дар ҷашнҳову идҳо тадоруки хурсандӣ мебинад, тасвир менамояд; гул дар тан хилъати идона мепӯшад ва бо сурати ҷамили худ муҷиботи зебоии шоҳҳоро ба бор оварда, салтанати чаманро дар диёри ҳусн сиҷил, яъне расмӣ месозад. Вожаи сиҷил дар кутуби луғат ҳамчун “санади расмӣ, ҳукми қозӣ; **хатти сиҷил** хатти расмӣ дар бораи бартарафшавии мурофиае” зикр гардидааст [15, с.262].

Дар байти дувум шохи гули хушбӯ ҳамчун инсоне тасвир ёфтааст, ки баҳри хушбӯ гаштани роҳи дигарон дар саргаҳи бод нофаи ғизолонро мекушояд, то бод атрогин гардад. Дар байти сеюм лола ҳамчун инсоне, ки дар иштиёқи дидани касе ё чизе аст, хамёза мекашад; хамёзаи лола киноят аз баргҳои парешони лола аст. Дар байти чаҳорум суроҳӣ ҳамчун соқӣ сару гардани худ боло мекунад, то касеро май бидиҳад. Дар байти панҷум най сар то ба қадами худро ба тамошо нигарон менамояд, ки мутрибро биёбад, то вай ӯро бинавозадаш ва хурсандӣ бикунад. Дар байти шашум сунбул бар асари дурушти, ки аз майю нағма эҳсос менамояд, чун инсони хашмогин, ки бо таъсири хашм мӯйҳояш парешон мегардад, тасвир мешавад. Дар байти ҳафтум гулбарги баногӯшу рухи ёр бару зулфи ӯро расанвор мебандад.

Дар шеъри сабки ҳиндӣ миёни кулли намояндагони он ғазалиёти Назириро метавон намунаи барҷастатарини табиатнигорӣ тавассути санъати ташхис эътироф намуд, то он ҷо ки ин вижагӣ дар шеъри Назирӣ муаррификунандаи шохисаи сабкии ӯ низ ба ҳисоб меравад. Ба василаи бахшудани феъл ва хислати инсонгуна абёти Назирӣ зинати махсус гирифта, бар ҳар хонандае ғизои лазизи маънавӣ ато менамоянд. Дар тахайюли шоир тамомии он чӣ ғайриинсонанд ва ба табиат марбут мебошанд, дар саҳнаи вуҷуд нақши инсонӣ мебозанд, сабзаҳо худро фарш месозанд, то меҳмонеро истиқбол гиранд; абр хиргаҳро оғӯш менамояд, то сабаби сояафканӣ гардад; офтоб сари худро чун дузде, ки ниҳон аст, аз камин фурӯ мекашад; абр бо панҷаҳои худ бодро бармепечонад, нахл чун инсони мағрур аз маснади сабза даст мекашад, шох афсари худро аз ғунча фароҳам месозад, хок ҳамчун бутпараст аст ва аз зарроти табиат бар тани худ зуннор месозад, табиат ончунон ҷодурафторӣ мекунад, ки ҳатто симиё дар назди вай аҷз мекашад ва табиат дарро аз нописандӣ бар рӯйи симиё мебандад; лола чун инсони ғамдор ҷигараш хунин мешавад... Ҳамин мисолҳоро метавон дар ғазали зерини Назирӣ мушоҳида намуд:

Вақт шуд, сабза фарш дарпечид,
Абр хиргаҳ ба якдигар печид.
Офтоб аз камин барорад сар,
Панҷаи абр бод барпечид.
Маснади сабза нахл бигзорад,
Зи афсар ғунчаи шох сар печид.
Ҳама заррот хоки бутгарро
Тори зуннор бар камар печид.
Ҳусну ранге ҷаҳон намуда ба ваҳм,
Симиёро бисоти дар печид.
Зоғ гар на ба ҷид кунад парвоз,

Ба ҳамаш чарх болу пар печид.
Тару хушке, ки кӯҳу саҳророст,
Хурдаи лола дар шарар печид.
Заҳмати хору ранҷи хороро
Лола дар пораи ҷигар печид.
Арғувонро, ки хун кунад сайлон,
Соид аз нӯки нештар печид.
Ба фиреби чаман Назирӣ дид,
Аз биҳишташ инони назар печид [6, 105].

Санъати ташхис дар маҷмуаи ғазалиёти Назирии Нишопурӣ, аслан, дар гирди ҳамин ду мавзуъ: матолиби ишқӣ ва тасвири табиат давр мезанад. Агарчи дар ғазалиёти худ Назирӣ санъати мазкурро дар тарсими дигар мавзуъҳо низ ба кор бурдааст, аммо тамомии онҳо дар қиёс бо ду мавзуи фавқуззикр бисёр ночизу ҳақиранд ва ҷилваи худро дар баробари ин ду мавзуъ батамом аз даст медиҳанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки пас аз Назирӣ дар шеъри сабки ҳиндӣ корбурди санъати ташхис дар баёни матолиби ишқӣ ва тасвири табиат ва мардумвор нишон додани аносири табиӣ роиҷ гашт ва, бешубҳа, аксари шоирони ин равиши адабӣ дар ин мавзуъ таҳти таъсири тасвиркашии назириёна қарор гирифтаанд. Дар ин маврид махсусан Абӯтолиб Калими Кошонӣ ва Соиби Табрезиро метавон зикр кард, ки дар эҷодиёт ва хусусан ғазалиёти онон мардумнамоии мафҳумҳову ашё ҷойгоҳи хосса дорад. Шоирони мазкур ҷо-ҷо дар матни ашъори хеш Назириро ба ҳайси устоди мустаиди ғазал зикр намудаанд, ки ин ҳам далели қатъие дар бобати таъсирпазирии онон аз Назирии Нишопурӣ аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Алломи, Абулфазл ибн Мубораки Ногури. Акбаровы закони / Абулфазл ибн Муборак Ногури Алломи. - Лакхнав: Мунши Нувал Кишур.- Литогр. печ., 1881. - Первый том. - 248 с.
2. Зехни, Т. Красноречие. Поэтика и краткие сведения об арузе / Т. Зехни. - Душанбе: Ирфон, 1967. - 301 с.
3. Икболи, Муаззама Аъзам. Поэзия и поэты в исламском Иране / Муаззама Аъзами Икболи. – Тегеран, 1363. - 253 с.
4. Кадкани, Шафеи Мухаммадризо. Поэтические способы воображения. Критическое исследование в развитие аллегорий персидской поэзии и путешествие в теории иранского и исламсокого красноречия / Шафеи Мухаммадризо Кадкани. - Тегеран: Огох, 1370. - 732 с.
5. Казвини, Мулло Абдуннаби Фахруззамон. Кабак / Мулло Абдуннаби Фахруззамон Қазвинӣ (Исправление, добавление, перевод и составление Ахмеда Гулчин Маони). - Тегеран: Икбол, 1363. - 996 с.
6. Нишопури, Назири. Диван / Назири Нишопури; предисловие, исправление и сотавление Музохир Мусаффо. - Тегеран: Амири Кабир, 1340. - 748 с.
7. Ну'мони, Шибли. Ше'р-уль-Аджам или история поэзии и литературы Ирана / Шибли Ну'мони; перевод Сайидмухаммада Фахр Дои Гелони. - Тегеран: Мир книг., 1334 х. - 204 с.
8. Озод, Мирғулом Алихон. Хизонаи омира / Мирғулом Алихони Озод. – Конпур, 1900,
9. Рози, Шамс Кайс. Ал-му'джам / Шамс Кайси Рози; автор предисловия и комментарий Урбатулло Тоиров. - Душанбе: Адиб, 1991. - 463 с
10. Сабо, Мавлави Мухаммад Музаффар Хусайн. Расцвет / Мавлави Мухаммад Музаффар Хусайн Сабо; исправление и добавление Мухаммадхусайна Рукнзода Одамият. - Тегеран: Бибилотека Рози, 1296 х. - 976 с.
11. Сархуш, Мухаммад Афзал. Слова поэтов / Мухаммад Афзали Сархуш. - Экземпляр рукописи библиотеки Института языка и литературы, востоковедения и письменного наследия имени Абуабдулло Рудаки АИ Ресуплики Таджикистан. - № 3222. - 167 с.
12. Симо Дод. Словарь литературных терминов. Новое издание. Словарь литературных персидских и европейских понятий и терминов Фарҳанги истилоҳоти адабӣ (толковый) / Дод Симо. - Тегеран: Марворид, 1378. - 594 с.
13. Словарь таджикского языка (X в - начало XX в); редакторы: М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Хошим, Н.А. Маъсуми. - М: Советская энциклопедия, 1969. - Т.2. - 948 с.
14. Хусайни, Атоулло Махмуд. Художественные приёмы / Атоулло Махмуди Хусайни; под редакции и комментарии Рахима Мусульманкулова. - Душанбе: Ирфон, 1974. - 221 с.
15. Шамисо, Сирус. Поэтическая речь / Сирус Шамисо. - Тегеран: издательство "Фирдавс", 1378. - 245 с.
16. Шерози, Хафиз. Диван газелей / Хафиз Шерози. – Тегеран, 1384. - 456 с.

НАҚШИ САНЪАТИ ТАШХИС ДАР ҒАЗАЛИЁТИ НАЗИРИИ НИШОПУРӢ

Дар мақола роҷеъ ба чигунагии истифодаи васоити тасвири бадеӣ дар ғазалиёти ишқии Назирии Нишопурӣ дар мисоли санъати ташхис сухан ба миён рафтааст. Чи хеле ки муаллифи мақола қайд менамояд, Назирӣ яке аз бузургтарин шоирон ва асосгузорони сабки ҳиндӣ ба шумор меравад. Аз Назирии Нишопурӣ девони бузурге иборат аз анвои гуногуни шеърӣ мерос мондааст. Бо ин ки дар девони ашъори Назирӣ жанрҳои шеърие амсоли рубоӣ, қитъа, таркиббанд ва тарҷеъбанд ба назар мерасанд, аммо миёни ҳамаи онҳо ғазал ва қасида чи аз нигоҳи теъдоду ҳаҷм ва чи аз ҳайси фарогирии мавзуъ мақоми хосса доранд. Ғазалиёти девони Назирии Нишопурӣ дар охирин маҷмуае, ки аз ҷониби муҳаққиқи эронӣ Музоҳири Мусаффо тадвин шудааст, зиёда аз 500 ададро ташкил медиҳанд, ки аз нигоҳи оморӣ нисбат бар ҷамеи анвои шеърии девони шоир хеле зиёданд. Ҷойи дувумро дар девони шоир қасоиди вай ишғол мекунанд, ки иборат аз 42 қасидаи ҳаҷман гуногун мебошанд, ки дар маҷмуъ аз 600 байт ҳам убур менамоянд. Тибқи нишондоди муаллиф, дар ғазалиёти Назирӣ асоситарин мавзуъ иборат аз тасвири ишқу муҳаббат мебошад, ки бештар аз назаргоҳи ирфониву фалсафӣ матраҳ гардидааст. Яке аз хусусиятҳои назарраси тасвири ишқу муҳаббат дар ғазалҳои шоир – ин ба воситаи санъати бадеии ташхис матраҳ кардани матолиби ишқӣ ба шумор меравад. Дар шиносоӣ бо матни ғазалҳои Назирӣ маълум мегардад, ки вай дар матраҳ намудани ин мавзуъ ба санъати ташхис таваҷҷуҳи бештар доштааст. Ҳама мафҳумҳое, ки ӯ ҷиҳати табйини мавзуи ишқ мавриди истифода қарор медиҳад, хоҳ мафоҳими малмусу машҳуд, хоҳ мавҳуму ғайриламсӣ, дар баёни матолиби ишқии вай инсонвор ширкат меварзанд ва дар хаёли хонанда ба ҳайси инсони фаъол ҷилва менамоянд. Дар мушаххасу малмус нишон додани матолиби ваҳмиву зеҳнӣ,- қайд менамояд муаллифи мақола,- Назирӣ ҳамчунин дигар васоити тасвири бадеӣ амсоли ташбеҳу истиораро низ басо моҳирона истифода намудааст, ки ин тарзи корбурд мазомини ашъори ӯро боз ҳам муассиртару шавқовартар гардонидаанд. Бо ин ки иштироки дигар васоити тасвири бадеӣ дар баёни матолиби ишқии шоир фаъол мебошанд, аммо зикр кардан ба маврид аст, ки ҷамеи онҳо аслан дар гирди санъати ташхис мутамарказ гардидаанд ва дар муқоиса бо он мақоми дувумдараҷаро доро мебошанд.

Калидвожаҳо: Назирии Нишопурӣ, ғазал, санъати бадеӣ, ташхис, истиора, ташбеҳ, мафҳумҳои малмусу машҳуд, мафҳумҳои мавҳуму ғайриламсӣ, тасвири ҳолот, матолиби ишқӣ, табиат, аносири табиат, тасвири табиат.

РОЛЬ ХУДОЖЕСТВЕННО-ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОГО ИСКУССТВА ОЛИЦЕТВОРЕНИЯ В ГАЗЕЛЯХ НАЗИРИ НИШОПУРИ

В статье речь идёт о способах использования художественных сердств изображения в любовных газелях Назири Нишапури на примере поэтической фигуры олицетворения. Как отмечает автор статьи, Назири является одним из величайших представителей и основоположников индийского стиля в таджикско-персидской поэзии. Назири Нишапури оставил в наследство большой диван (сборник стихов), состоящийся из разных поэтических жанров. Невзирая на то, что в диване Назири встречаются и такие жанровые формы, как руба’и, кит’а, таркиббанд и тардже’банд, но среди них газель и касыды, как по числу и объёму, так и охвате тем занимают особое место. Газели Назири Нишапури в последном сборнике поэта, составленном иранским исследователем Мозаххир Мусаффа, состоят из более 500 единиц, которые со статистической точки зрения преимущественно перевышают всех жанровых форм дивана поэта. Второе место в диване Назири занимают его касыды, которые состоят из 42 разных по объёму единиц, пресекающихся 600 бейтов. Как отмечает автор, в газелях Назири тема любви занимает центральное место и изложена с философско-мистической точки зрения. Одной из важных особенностей при изображении любовных чувств и мотивов в газелях Назири является мастерское использование художественно-поэтического приёма олицетворения. При знакомстве с текстом газелей Назири выясняется, что в описании темы любви поэтом относительно уделено большое внимание вышеупомянутой поэтической фигуры. Все понятия, использовавщих поэтом при изображении этой тематики, как и осязаемые и конкретные, так и неощущаемые и абстрактные, активно участвуют при описании его любовных мотивов и показываются как действующее лицо. При описании осязаемых и неощутимых понятий подобие конкретных и осязаемых веществ,- отмечает автор статьи,- Назири мастерски использованы и другие средства художественного изображения, такие как сравнение и метафора, при помощи которых удваивается действенность и привлекателность смысл стихов поэта. Но, вопреки тому, что другие средства поэтического изображения активно участвуют при описании любовных мотивов поэта, следует отметить, что они в основном концетрируются вокруг фигуры олицетворения и по сревнию с этой фигуой занимают второе место.

Ключевые слова: Назири Нишопури, газель, художественное искусство, олицетворение, метафора, сравнение, осязаемые и ошутимые понятия, неосязаемые и абстрактные понятия, описание состояния, любовные мотивы, природа, эелементы природы, изображение природы.

THE ROLE OF FINE ARTS OF PERSONALIZATION IN THE GAZELS OF NAZIRI NISHOPURI

The article deals with the ways of using artistic images in the love gazelles of Naziri Nishapuri using the example of a poetic figure of personification. As the author of the article notes, Naziri is one of the greatest representatives and founders of the Indian style in Tajik-Persian poetry. Naziri Nishapuri inherited a large sofa (collection of poems), consisting of different poetic genres. Despite the fact that in Naziri's sofa there are also such genre forms as ruba'i, whale, tarkiband and tarje'band, but among them the gazelle and qasids, both in number and volume, and coverage of topics, occupy a special place. Gazelles of Naziri Nishapuri in the poet's latest collection, compiled by the Iranian researcher Mozahhir Musaffa, consist of more than 500 units, which, from a statistical point of view, predominantly exceed all genre forms of the poet's sofa. The second place in Naziri's sofa is occupied by his qasids, which consist of 42 units of different volume, intersecting 600 bays. As the author notes, in Naziri's gazelles, the theme of love occupies a central place and is presented from a philosophical and mystical point of view. One of the important features in the depiction of love feelings

and motives in Naziri gazelles is the masterful use of the artistic and poetic method of personification. When familiarizing with the text of Naziri's gazelles, it turns out that in the description of the theme of love, the poet relatively paid much attention to the aforementioned poetic figure. All the concepts used by the poet when depicting this theme, both tangible and concrete, and imperceptible and abstract, actively participate in the description of his love motives and are shown as a character. When describing tangible and imperceptible concepts, the similarity of concrete and tangible substances, the author of the article notes, Naziri skillfully used other means of artistic depiction, such as comparison and metaphor, with the help of which the effectiveness and attractiveness of the meaning of the poet's poems is doubled. But, despite the fact (or: in spite of the fact that other means of poetic depiction are actively involved in describing the poet's love motives, it should be noted that they are mainly concentrated around the figure of personification and maturing with this figure take second place.

Key words: Naziri Nishopuri, gazelle, visual arts, personification, metaphor, comparison, tangible and sensible concepts, intangible and abstract concepts, description of the state, love motives, nature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидҷаъфаров Озод Шоҳвалиевич*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Нахимова, 64/14. E-mail: **Ozod_060374.** Тел.: **(+992) 909-09-31-84**

Сведение об авторе: ***Саиджафаров Озод Шохвалиевич*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. E-mail: **Ozod_060374.** Тел.: **(+992) 909-09-31-84**

Information about the author: ***Saidjafarov Ozod Shokhvalievich*** - Tajik State University of Finance and Economics, Doctor of Philology, Professor of the Tajik Language Department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str. Nakhimov, 64/14. E-mail: **Ozod_060374.** Tel.: **(+992) 909-09-31-84**

УДК: 891.550

ҶАРАЁНИ РУШД ВА САРЧАШМАҲОИ АДАБИЁТШИНОСИИ Х.АСОЗОДА

Қаландаров Н.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«… Асозода олими асил ва муаллими босалиқа буд. Ӯ дар адабиёти тоҷик ҷойи мондагор дорад, муҳим аз ҳама мақсад дошт адабиёти бойи тоҷикро бо адабиёти афғон алоқаманд созад, робитаи ногусастании ин ду адабиёти аслан як адабиётро бо далелҳои шоеъ ба ҳамдигар исбот намояд. Асарҳои илмӣ, илмиву оммавӣ, тарғиботиву ташвиқотӣ, тақризу мақолаҳои сершумори Х.Асозода ганҷинаи адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, публитсистӣ ва таълимии миллати тоҷикро ғанӣ гардонидааст. Ӯро ман ба сафи насли калонсоли илми тоҷик ворид месозам… Ман ӯро васлгари илми филологияи солҳои 1980-2014 ҳисоб мекунам… Усули таҳқиқоти Асозода, хусусан асарҳояш дар бораи Лоҳутӣ, Улуғзода, Айнӣ идомабахши методи илмии Айнӣ ва Мирзоев аст…» [15, с.3].

Гуфтаҳои боло ба адабиётшинос ва мунаққиди шинохта, узви вобастаи АИ Тоҷикистон Соҳиб Шуҳратиевич Табаров мутааллиқ буда, рӯзи фавти устоди зиндаёд Худойназар Асозода (18.02.2014) рӯйи авроқи дафтари хотироташ – «Таассуроти ақлу дил» падид омаданд. Ва ҳамчун охирин чакидаи хома таҳти унвони «Болу парам рафт» баъди чаҳор рӯзи фавти худи устод С.Табаров (12.04.2015.) дар таърихи 17.04.2015 дар рӯзномаи «Омӯзгор» ба табъ расид. Аз ин хотироти пурсӯзу гудоз маълум мегардад, ки андешаҳои устод С.Табаров дар шинохти шахсияти Х.Асозода вобаста ба фаъолияти илмиву омӯзгорӣ ва арзишмандии таҳқиқоташ хулосаи ниҳоӣ буда, мақому манзалати шодравон Х.Асозодаро дар миёни аҳли илм дақиқ месозад. Тарки ҳамешагии устод Асозода барои устодаш С.Табарови 91-сола шикасти сахту ғайричашмдошт гашта, таҳаммулпазириаш мушкил афтод. Ин аст, ки устод С.Табаров боалам қайд менамояд, ки: «18.02.2014, сешанбе. Имрӯз яке аз рӯзҳои тира, шум ва аламнок дар моҳу солҳои охир аст. Дар ҳамин рӯз аз дувумин боли қавиам маҳрум шудам… Агар то ба имрӯз аз боли якумам Раҳим Мусулмонқулов (Мусулмониён) маҳрум гашта бошам, ҳоло аз боли пуркуввати дигар Худойназар Асозодаи азиз ҷовидонӣ ҷудо шудам. Имрӯз марги нобаҳангом ин марди қавӣ, ҷавонмард, баномус ва олими асилро аз канори мо (махсусан, аз паҳлуи мани пири фартут ва дӯстдораш) абадӣ бурд…» [14].

Воқеан, устоди шодравон Х.Асозода миёни фарҳангиёни кишвар ҳамчун як олим ва зиёии тоҷик бо назардошти кору амал, масъулиятшиносӣ, дақиқназарӣ, диду афкори адабӣ - эстетикӣ, тарзу услуби нигориш, таҳқиқот ва ғайра ҷойгоҳи махсус дорад. Фаъолияти гуногунпаҳлу ва самараи маҳсули бахши адабиётшиносии мавсуф собитгари он аст, ки устод аз зумраи гурӯҳи заҳматпешагон буда, барои ба қуллаи мақсуд расидан шебу фарозҳои зиёдеро бо таҳаммулу виқори ба хеш хос пиёда сохтааст. Табиист, ки барои фатҳи қуллаи ният, расидан ба дараҷаи шахсият ва муаррифӣ гаштан дар ҷомеа аз худ гузаштанҳо дошта, дар ибтидо ҳар нафареро ҳатман чизе, касе, ҳодисае ва ё муҳите чун сабабу сарчашма боис гардида, ба ҷараёни ташаккулёбиаш асос мегузоранд.

Барои ба ҷодаи илму пажӯҳиш ворид ва дар ин роҳ муваффақу муаррифӣ гардидани устод Х.Асозода низ якчанд сарчашмаҳо хидмат намудаанд, ки баъдҳо дар хотироти эшон бо қаноатмандӣ сабташонро ёфтаанд.

Аввал ин ки устод Х.Асозода дар муҳити фарҳангӣ ба дунё омада, зери сарпарастии падару модари омӯзгораш мактаби мутавасситаро ба итмом расонидааст. Яъне, барои Худойназари наврас волидайн устодони нахустин ба ҳисоб рафта, бо мурури вақт арзиши касби омӯзгорӣ дар зеҳну шуури ӯ ҷойгузин шуд. Бо ҳамин таъсиру таассурот мавсуф соли 1956 ба Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб ба номи А.Лоҳутӣ дохил шуда, заминаҳои тақдири ояндаашро як навъ шоеъ сохт. Баъди хатми омӯзишгоҳ (1960) пешаи омӯзгорӣ дар якчанд муассисаи таҳсилоти умумии манотиқи гуногун оғози фаъолияти ҳадафмандона интихобкардаи мавсуфро муайянтар намуд.

Соли 1963 устод Х.Асозода ба сафи донишҷӯёни бахши таърих ва филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, гӯё олами наве барояш кушода шуд. Бадбахтона, эшон дар айёми ҷавонӣ аз меҳру муҳаббати волидайн, яъне дар синни

шонздаҳ аз модар ва дар синни бистучорсолагӣ аз падар маҳрум монда, масъулияти саробонии се бародару як хоҳар ба зимааш меафтад.

Агар хонанда осори хотиротии устод Х.Асозода «Афғонистони шоҳӣ» (Аз дафтари хотирот. Китоби 1.– Душанбе: Деваштич, 2001. – 304 с.) [8], «Афғонистони инқилобӣ» (Аз дафтари хотирот. Китоби 2. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 400 с.) [9], «Зиёрати Каъбатуллоҳ». (Сафарнома. – Душанбе: 1999. – 128 с.) [6], «Кашшофи рози адабиёт» (Душанбе: Деваштич, 2004. – 128 с.) [10] ва махсусан «Достони зиндагӣ» (дар шаш ҷилд) - ро мутолиа карда бошад, воқиф мешавад, ки муаллиф саргузашташро аз овони тифливу наврасӣ то як соли пеш аз фавт бо назардошти хурдтарин ҷузъиёт муфассал ба қалам додааст.

Моҳияти тасмими мо дар маводи пешниҳодшуда аз пайванди маънавӣ доштани ду тан аз чеҳраҳои фарҳангӣ ба маънии устоду шогирд дар симои устод Соҳиб Табаров ва Худойназар Асозода маънидод мешавад. Ин пайвандӣ барои адабиётшинос Х.Асозода, ки муддати чилу шаш сол идома кардааст, ҳамеша мояи ифтихор арзёбӣ шуда, сарчашмаи боэътимоди равнақёбӣ ва пажӯҳишгарии ӯ ҳисобида мешавад.

Устод Х.Асозода ёдовар мешавад, ки: «Банда С.Табаровро 36 сол боз мешиносам. Дар ин муддат яке аз шогирдонаш, ки бо ӯ бештар менишинаду ҳамсуҳбат мешавад ва дар сафарҳояш берун аз шаҳр ҳамроҳияш менамояд, камина будам» [5, с.144]. Таъкиди шиносоии устод Х.Асозода солҳои 1968 – 2004, яъне давраи бевоситаи ҳамкориашонро то давраи табъи китоби «Кашшофи рози адабиёт» (2004), ки бахшида ба 80-умин солгарди устодаш С.Табаров эҳдо гардида буд, дар назар дорад. Муҳтавои иқтибоси оварда бозгӯи он аст, ки устод С.Табаров ҳанӯз аз паси мизи донишҷӯӣ Худойназари донишҷӯйро бо назардошти истеъдоду малака, завқмандӣ, ширкат ва маърӯза кардан дар маҳфилу конфронсҳои илмӣ – адабӣ, инчунин мушкилоти хонаводагӣ таҳти назар қарор дода, раҳнамоиву тарбияташро барои фаъолияти оянда ҷавобгӯи талаботаш медонад.

Ба итмом расидани таҳсилашро дар донишгоҳ устод Х.Асозода чунин хотирнишон менамояд: «Соли 1968 университетро тамом кардаму бо ҳукми тақдир ва хоҳиши устодам Д.Тоҷиев ва С.Табаров ду сол вазифаи лаборантии кафедраи забони тоҷикиро адо намудам. Ҳамин ду соли лаборантӣ маро ба С.Табаров наздик сохт ва аз ҳамин солҳо сар карда дар пайи шинохти устод афтодам ва таҳти назорату дарсҳои иловагии эшон ба ҷодаи адабиётшиносӣ дохил гардидам» [3, с.142]. Аслан дар кафедраи забони тоҷикӣ оғоз намудани фаъолияти корӣ бидуни иродаву хоҳиши устод сурат баста, муваққатан тақозои муҳити корӣ буд. Ин гуна ранг гирифтани кор низ ба устод Х.Асозода ҷиҳати тақвияти омӯзиши масъалаҳои забоншиносӣ мусоидат намуд.

Ниҳоят, устод Х.Асозода соли 1970 мувофиқ ба майлу рағбати хеш роҷеъ ба омӯзиши назария ва таърихи адабиёти шӯравии тоҷик, инчунин таваҷҷуҳмандии устод Соҳиб Табаров, ки мудирии кафедраи адабиёти советии тоҷикро бар уҳда доштанд, ба аспирантура дохил ва рисолаи номзадиаш таҳти унвони «Ташаккули синфи коргар дар насри муосири тоҷик» зери роҳбарии узви вобастаи АИ Тоҷикистон Соҳиб Табаров тасдиқ мешавад, вале бидуни ихтиёр самти кор баъди чанд моҳе тағйир хӯрда, нақшаи ноогоҳонае пешорӯи устод Х.Асозода қарор мегирад. Тибқи хотироти мавсуф: «… Аввалҳои моҳи январи соли 1971 буд, ки ба шуъбаи кадрҳои Донишгоҳ даъватам намуда, ба дастам мактуби Вазорати геологияи шӯравиро доданд. Дар он ҳуҷҷат гуфта мешуд, ки аз тарафи вазорати мазкур барои ду сол ба Афғонистон ҳамчун тарҷумони форсӣ фиристода мешавам. Ба асоси ин мактуб бояд 28-ум феврал дар Маскав шуда, ба идораи «Зарубежгеология» муроҷиат мекардам» [4, с.4]. Агар даъват барои устод ғайричашмдошт бошад, вале сабабаш хуб балад будани эшон ба алифбои арабиасоси форсӣ дониста мешавад. Аз ин нигоҳ, ӯ ва зумрае, ки теъдодашон зиёд набудааст, ҳанӯз дар соли чоруми таҳсил аз ҷониби сарвари шуъбаи форсӣ, профессор Ҳилол Каримов номнавис ва ба Вазорати корҳои хориҷӣ манзур шудааст.

Чунин сурат гирифтани кор устод Х.Асозодаро дар вазъияти ногувор мемонад. Аввал ин ки ӯ ба ин сафар омода набуда, мушкилоти хонаводагӣ ва норозигии устодаш С.Табаров монеагӣ эҷод мекарданд. Аз ҷониби дигар, ин даъватро устод ҳукми тақдир, боварии ҳукумати давр ва нишонаи ифтихормандӣ дониста ҷиҳати васеъ намудани ҷаҳонбиниаш барои сафар райъи қатъӣ менамояд. Чунки дар он давра ба кишварҳои

хориҷи Иттиҳоди Шӯравӣ, махсусан кишварҳои шарқи мусулмонӣ, аз ҷумла Афғонистон сафар кардан падидаи душвор буда, на ба ҳар кас насиб мешудааст.

Норозигии устод С.Табаров дар айни тадқиқи мавзуи рисолаи номзадӣ танҳо як масъала – аз илм дур шудани шогирдаш буд. Вале чун мебинад, ки шогирд азми сафар кардааст, роҳҳои самаранок истифода бурдани ин сафарро ба манфиати худи ӯ роҷеъ ба фаъолияти минбаъдаи илмӣ бо меҳруғамхорӣ ва дилсӯзии падарона роҳандозӣ менамояд. Дар ин маврид, яке аз роҳҳои таъмини пайванди маънавии устоду шогирд, ин номанигорӣ буд.

Рӯзноманависӣ ва номанигорӣ дар ҳаёти маънавии худи устод С.Табаров чун ҷузъи муҳимми соҳаи адабиётшиносӣ амали ҳатми маҳсуб ёфта, дар баробари анҷоми рисолати илмӣ-таҳқиқотӣ, омӯзгорӣ ва мунаққидӣ аз нимаи дуюми солҳои 40-ми асри XX то охири умр ба роҳ монда шудааст ва ба қавли устод: “Навиштани рӯзнома, мактуб … ба таърихи моддиву маънавии ҳар як миллат маводи бузургу пурқимат медиҳанд… аксарашон сарчашмаи боэътимод ва ҳақиқии таърихи миллат шуда метавонад. Сабаби ин дар он аст, ки бадоҳатан, дар вақти гармиашон, дар лаҳзаи аниқи вақту замон ва макону ҷой навишта ва қайд карда шудаанд” [13]. Агар устод С.Табаров дар ин ҷода аз мактаби бузурги устод С.Айнӣ ва дигар бузургони миллат сабақ гирифта бошад, худ низ ба шогирдон ҳамеша аҳамиятнокӣ ва иҷроиши онро бо қатъият таъкид мекарданд.

Устод Х.Асозода аз зумраи он шогирдоне буд, ки дастуру талаботи С.Табаровро аз мадди назар дур насохта, дар фаъолияти адабиётшиносӣ ва муносибатҳои фардӣ ба ӯ пайравӣ мекард. Тарзу усули таҳқиқ, муҳокимаронӣ, таҳлил ва дар ин роҳ ҷуръатмандию садоқатмандӣ нишон додани мавсуф маншаъ аз кору афкори устодаш мебошад.

Устод Х.Асозодаро дар муҳити фарҳангии кишвар на танҳо ҳамчун муҳаққиқи таърихи фарҳангу адаби миллӣ, балки ба сифати пажуҳишгари таърихи адабиёти мардуми форсизабон мешиносанд. Ва устод дар ин ҷода хизмати арзандаву шоиста анҷом додааст. Савол ба миён меояд, ки муваффақияти адабиётшинос Х.Асозода дар шинохту тадқиқи адабиёти Эрону Афғонистон аз куҷо ғизо мегирад? Бо назардошти фикрҳои боло маҳз аз сафари нахустини эшон ба кишвари Афғонистон. Ҳоло он ки устод тибқи роҳхати Вазорати геологияи Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун тарҷумон ба соҳаи ғайри тахассуси худ (яъне, геология) ба ин сарзамин ворид шудааст. Устод Х.Асозодаро дар ин ҷо дастуру супоришҳо ва таъкидҳои устод С.Табаров, ки ба воситаи номаҳо сурат мебастанд, ягон лаҳза аз бедорфикрӣ раҳо намесохтанд. Вобаста ба ин масъала роиҷ медонем, ки намунаеро аз номаҳои устод Соҳиб Табаров ба шогирдаш Худойназар Асозода пешниҳоди хонанда гардонем:

«20 сентябри 1971.

Ассалом, Худойназарҷон.

Мактуби навбатии камина дар хусуси кору меҳнати илмӣ ва эҷодӣ аст. Ин фикр пас аз хондани мақолаи калони Мухторов дар бораи ҷойҳои таърихии Афғонистон ва суратҳои зиёди он ҷо дар журнали “Садои Шарқ” ба вуҷуд омад.

Шумо хуб медонед, ки тақдири таърихии Афғонистони бо мо ҳамсоя бо Моваруннаҳр сахт алоқаманд аст. Дар Афғонистон зиёда аз 6 миллион тоҷикон (ки худашонро даризабон мегӯянд) зиндагӣ мекунанд. Забони онҳо аз аҳолии Кӯлобу Қаротегину Дарвоз тамоман фарқ намекунад: урфу одат ва тарзи зисту зиндагониашон аз мо – тоҷикон ҳеҷ фарқ надоранд: анъанаи илмӣ ва фарҳангиашон чун мо мебошад. Фарқи азим дар он аст, ки мо озод, хушбахт, созандагони коммунизмем, тоҷикони Афғонистон аз ин неъматҳои моддӣ ва маънавӣ ҳоло маҳруманд. Аммо рӯзе меояд, ки онҳо ҳам озодона нафас мекашанд. Аз ҳамин сабаб, сафари кӯтоҳи Мухторов ва мақолаву суратҳои ӯ мо, тоҷикони советиро бо гузаштаи ин кишвар ошно намуд.

Шумо дар сафарҳо чунин материалҳо ҷамъ мекардед, хеле хуб мешуд. Аммо таъсири танбалии анъанавии мо (аз ҷумла камина) ба шумо расидааст ва чунин материалҳои илмӣ-адабӣ, этнографӣ, таърихӣ ва амсоли инҳо ҷамъ накардагистед. Ин корро Асадуллоев, Норматов, Маъсумӣ, Мухторов ва дигарон ба ҷо оварданд ва чандин мақолаҳои хуб аз адабиёт, фолклор ва таърихи Афғонистон чоп намуданд. Ҳоло ҳам дер нест: аз ин муҳлат истифода бурда материал, фото… ҷамъ кунед.

Баъд дар Афғонистон тақрибан китоб чоп намешавад. Аммо баъзан онҳоро, ки ҳаст, аз Эрон меоянд, оид ба соҳаи илми худатон бошад, ба даст ored.

Дар охир, “Пайрав”- и маро хондаед. Ӯ дар соли 1922 котиби дуюми сафоратхона республ. Советии Бухоро ва тағояш Ҳошим Шоиқ сафир дар Афғонистон буданд. Сафоратхонаи РСФСР ва СССР ҳам буд. Соли 1924 сафоратхонаи РХСБ баста шуд “Республикаҳои Узб., Турк., Тоҷ. ташкил шуд”.

Аз сафоратхона, аз одамони расмӣ, дар бораи кори сафоратхонаи РХСБ махсусан Ҳошим Шоиқи шоир ва Пайрав ягон материал ба даст дароварда наметавонед? Ду духтари Ҳошим Шоиқ олима ва ё ҳамсарони олимоне ҳастанд. Аз онҳо материале дар бораи Пайрав ва падарашон ба даст овардан мумкин нест? (Гулчеҳра Сулаймонова дар Афғонистон онҳоро дида будааст.) Асарҳои Ҳошим Шоиқ бисёр чоп шудаанд. Онҳоро ба даст овардан мумкин нест? (Шоиққо 3-4 нафаранд. Ба ман Ҳошимаш- бухорӣ, лозим аст).

Умуман, хоҳишмандам, ки тамоми умратонро баҳри илми советӣ сарф намоед…

Ба ҳама аҳли хонаводаатон салом.

Бо эҳтиром: Соҳиб Табаров.

ш. Душанбе” [11].

Дар ҷойи дигар устод С. Табаров ба талаботи боло монанд шогирдашро аз хусуси ба наздикӣ дар шаҳри Душанбе бахшида ба панҷоҳумин солгарди Иттиҳоди Шӯравӣ баргузор шудани конференсияи забоншиносии Тоҷикистон бо иштироки як қатор донишмандони ин соҳа, аз ҷумла Расторгуева, Успенская, Неменова ва дигарон ёдрас карда, дар ин чорабинӣ дар қиёс омӯхтани баъзе хусусиятҳои грамматикӣ-фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, лексикӣ, этимологӣ, семантикӣ, семасиологӣ ва дигару дигар миёни олимон чун масъалаи муҳим ба миён омадаро бо вижа таъкид месозад. Ва бо назардошти монандии забони гуфтугӯии форсизабонони Афғонистон бо лаҳҷаву шеваҳои навоҳии кӯҳистони Тоҷикистон боз вазифагузорӣ мекунанд: «Дар ин кор баъзе материалҳоро аз забони гуфтугӯи аҳолии Афғонистон ҷамъ карда метавонед? Агар тавонед, фақат ҷумлаҳои одии ҳаррӯзаро, ки аз масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ дур бошанд, бе маҷбуркунӣ дар дафтар қайд кунед. Ба транскрипсия албатта ва ҳатман диққат диҳед. Мисол: «гул» не, гъл; булбулро блъблъ нависед… нонро нун гӯянд, нун нависед; ҳақро ҳак талаффуз кунанд, ҳак ба қалам диҳед… ин кор барои илми диалектология аҳамияти хеле калон дорад» [12].

Тақрибан ҳама номаҳои устод Табаров ба Х. Асозода бо ҳамин гуна талаботу пофишориҳо таҳия мешуданд. Ҳузури устод Х.Асозода дар Афғонистон аз нигоҳи устодаш барои ҷомаи амал пӯшидани бисёр таҳқиқотҳои илмӣ фурсати хеле муфиду мусоид арзёбӣ мегардид. Ҳар як номае, ки ба устод Х. Асозода мерасид, новобаста ба он ки он аз устодаш Табаров ҳаст ё не , мавриди таҳлил қарор гирифта баҳогузорӣ ва дар дафтари хотироташ муҳтавои он бо диди маънавии фардӣ қайд мешуд: “Номаҳои хотирмон аз устодам Соҳиб Табаров буданд. Эшон ҳамеша насиҳат медод ва барои баланд бардоштани сатҳи донишу савод ташвиқам менамуд. Дар ягон номаи устод ғайбату бадгӯии касе ба мушоҳида намерасид. Насиҳат боз ҳам насиҳат мазмуни асосии мактубҳои С. Табаровро ташкил медод … Ҳамеша устод дар номаҳояш аспирант буданамро таъкид менамуд. Маҳз мактубҳои устод ва фармудаҳои эшон буд, ки дар мавриди Ҳошим Шоиқи Бухорӣ мавод ҷамъ кардам. Ба ибораи дигар, ҳама мактубҳои устод бандаро дониши тоза мебахшиданд… Баъд аз сарзанишҳои устод бештар асарҳои адибони рус ва ҷаҳонро мехондагӣ шудам” [4, с.4].

Яқин буд, ки фаъолияти ҳар як мутахассиси шӯравӣ дар мамолики хориҷ таҳти назорати чӣ консулгарӣ ва чӣ сохторҳои гуногуни дахлдори он қарор дошта, аз кас ҳушёриву зиракӣ, мушоҳидакориву дақиқназарӣ, эҳтиёткорӣ ва назму низоми махсусро тақозо менамуд. Устод Х.Асозода маҳз бо назардошти ҳамин махсусият ва таъкидҳои устодаш С.Табаров дар баробари анҷоми миссияи ба уҳдааш буда аз унсури амиқият кор гирифта, доир ба фароҳам овардани масъалаҳои касбиву таҳқиқотиаш бартарият мебахшид.

Соли 1973 устод Х.Асозода бо хотима ёфтани қарордод аз кишвари Афғонистон ба ватан баргашт. Идомаи таҳсилро дар аспирантура ба роҳ монда, соли 1976 рисолаи номзадиашонро бо муваффақият ҳимоя намуд. Дар гармогармӣ бо мақсади омӯзишу омезиши адабиёти Тоҷикистону Афғонистон бо супориши мудири кафедраи адабиёти советии тоҷик устод С.Табаров тадриси фанни «Таърихи адабиёти советии тоҷик» ба уҳдаи устод Х.Асозода вогузор мешавад.

Вале дар соли 1978 устод Х.Асозода тибқи қарордоди раёсати Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон бори дигар ба муддати се сол дар ҳайати мушовирони шӯравӣ дар назди Ҳукумати Афғонистон ба сифати тарҷумон ба ин кишвар фиристода мешавад. Сафари навбатии устод бо таҷрибаи бою ғанӣ андӯхташуда, диди тоза, қадамҳои ҷиддию ҳадафмандона сурат баста, ақидаҳои ӯро роҷеъ ба муштаракоти адабу фарҳанги Тоҷикистону Афғонистон ва Эрон рушду такомул додааст: «Мардуми форсизабони Ирону Афғонистон ва Тоҷикистон фарҳанги муштарак доранд. Забону адабиётамон низ форсист, фақат ба он фарқ мекунад, ки садаи XX онро ба форсиву дарӣ ва тоҷикӣ «маъруф» сохтааст… [1, с.3]. Адабиёту фарҳанги форсӣ муҳим аст ба ин мақсад, ки Тоҷикистонро аз муҳити танги фарҳангиаш бурун оварда, ҷумлаи алоқамандони ин адабиёту фарҳангро бештар карда тавонам… ба дунёи фарҳангии форсизабонон ворид созем ва худ ба хулосаи дақиқи илмӣ биоем, ки дар садаи XX адабиёту фарҳанги ба истилоҳ тоҷикӣ то кадом буландиҳо расидааст» [2, с.3].

Бо гузашти вақт рӯйи чоп омадани китоби «Афғонистони шоҳӣ» (2002) куллан собит менамояд, ки устод Х.Асозода ба меъёрҳои муайяннамудаи устодаш С.Табаров арҷ гузошта саргузашту робитаашро бо шаҳру навоҳии Афғонистон, ҳолати ҷуғрофӣ, урфу одат, лаҳҷаву шева, маданияту санъат, ходимони бузурги давлативу ҷамъиятӣ, чеҳраҳои илмиву адабӣ, марказҳои фарҳангу тамаддун, ҳизбу ҳаракатҳо тавассути номанигорӣ бо хешу ақрабо, дӯстону ҳамкорон муассисаҳои илмиву таълимӣ бо масъулияти том ёддошт намуда, шавқу рағбат ва иродаву мароми худро хеле равшан зоҳир кунондааст. Чунин муносибат то рӯзҳои вопасини ҳаёти устод ҳамқадамаш будааст.

Асарҳои ёддоштии устод Х.Асозода: «Зиёрати Каъбатуллоҳ» (1999), «Афғонистони шоҳӣ» (2002), «Кашшофи рози адабиёт» (2004) ва «Достони зиндагӣ» (дар шаш ҷилд - 2006; 2007; 2012; 2013;) маҳз дар заминаи дафтарҳои хотира тавлид ёфта, вобаста ба тақсимбандию номгузории бобҳо, қувватнокии бадеият, дақиқияти ҳаводис, манзарасозӣ, дарки олами ботинӣ ва ғайра таъсири «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», «Ёддоштҳо» -и С.Айнӣ, «Саёҳати Бухоро бо ҳамроҳии Айнӣ», «Субҳи ҷавонии мо» -и С.Улуғзода, «Устоди ман, мактаби ман ва худи ман», «Он чӣ аз сар гузашт» -и Ҷ.Икромӣ, «Таассуроти ақлу дил» -и С.Табаров барҷаста аст.

Устод Х.Асозода солҳои 1985-1988 маҳсуб ба Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Маскав чун докторант буд. Муайян шудани рисолаи докторӣ таҳти унвони «Ташаккули системаи жанрҳои насри дарии Афғонистон» далели доштани маълумоти фаровон ва омода будани ӯро дар ин самт бозгӯ менамояд. Устод рисолаи докториро таҳти роҳбарии академик Е.М.Челишев соли 1989 дифоъ намуда, тибқи хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ аввалин доктори илми филология оид ба адабиёти Афғонистон эътироф гардид.

Таълифи китобҳои «Адабиёти форсӣ ва се шохаи он» (1991) [5], «Чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангӣ» (1996) [2], «Адабиёти садаи XX-и форсии тоҷикӣ» (1996) [1], «Адабиёти садаи XX-и форсии дарии Афғонистон» (1996), «Адабиёти Эрон дар садаи XX» (1997) [3], «Адабиёти тоҷик дар садаи XX» (1999) [7], «Абулқосим Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода» (2000) [7], «Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ» (2004), «Содиқ Ҳидоят ва дунёи эҷодии ӯ» (2007), «Саргузашти устод Лоҳутӣ» (2009) ва ғайра аз ҷумлаи осори илмиву таълимии профессор Х.Асозода буда, маҳсули сафар ба манотиқи гуногуни Тоҷикистон, Афғонистон, Эрону Покистон, дигар марказҳои фарҳангу тамаддун ва пажуҳиши дақиқназаронаи ӯ мебошанд.

Адабиётшинос ва мунаққиди барҷастаи тоҷик устод Соҳиб Табаров профессор Х.Асозодаро аз шаш нафар шогирдони соҳибмактаби илмиашон ҳамчун кашшофи таърихи адабиёти тоҷикзабонони олам дувумин намояндаи он ном мебаранд.

Осори аз худ ба мерос гузошта, аз ҷумла теъдоди зиёда аз панҷ ҳазор китоби ба «Махзани адаб»-и профессор Х.Асозода туҳфашуда барои муҳаққиқону пажуҳишгарони ояндаи тоҷик чун маъхази муътамаду шоиста хизмат намуда, ёди устодро ба ҳамешагӣ дар қалбҳо нигоҳ хоҳанд дошт.

Муқарриз: ***Шодиев М.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Адабиёти садаи бисти форсии тоҷикӣ / Х.Асозода. (Дафтари аввали ҷилди 2: Таҳлили осори манзум). – Душанбе: Сино, 1996. – 163 с.
2. Асозода Х. Чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангӣ / Х.Асозода. – Душанбе: Адиб, 1996. – 208 с.
3. Асозода Х. Адабиёти садаи XX-и Ирон. Ҷилди аввал / Х.Асозода. – Душанбе: Пайванд. – 1997. – 272 с.

4. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX. Ҷилди 3 / Х.Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 448 с.
5. Асозода Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он / Х.Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 128 с.
6. Асозода Х. Зиёрати Каъбатуллоҳ. Сафарнома / Х.Асозода. – Душанбе, 1999. – 128 с.
7. Асозода Х. Аблуқосим Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода / Х.Асозода. – Душанбе: Адиб, 2000. – 80 с.
8. Асозода Х. Афғонистони шоҳӣ (Аз дафтари хотираҳо). Кит.1 / Х.Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 304 с.
9. Асозода Х. Афғонистони инқилобӣ (Аз дафтари хотирот). Кит.2 / Х.Асозода. -Душанбе: Деваштич, 2003. - 400 с.
10. Асозода Х. Кашшофи рози адабиёт / Х.Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 360 с.
11. Мактуби Соҳиб Табаров аз 20 сентябри соли 1971 ба Худойназар Асозода.
12. Мактуби Соҳиб Табаров аз 27 ноябри соли 1972 ба Худойназар Асозода.
13. Табаров С. Дафтари «Таассуроти ақлу дил» / С.Табаров. - №117 аз 22.01.2013.
14. Табаров С. Дафтари «Таассуроти ақлу дил» / С.Табаров. - №118 аз 18.02.2014.
15. Табаров С. Болу парам рафт / С.Табаров // Омӯзгор. – 2015. –17 апрел. – №16 (11980).

ҶАРАЁНИ РУШД ВА САРЧАШМАҲОИ АДАБИЁТШИНОСИИ Х. АСОЗОДА

Адабиётшинос Худойназар Асозодаро дар муҳити фарҳангии кишвар дар баробари муҳаққиқи таърихи адабиёти миллӣ ҳамчун пажуҳишгари фарҳангу адаби мардуми форсизабон, махсусан Эрону Афғонистон низ мешиносанд. Ба андешаи адабиётшинос ва мунаққиди барҷастаи тоҷик, узви вобастаи АИ Тоҷикистон Соҳиб Табаров: «Асарҳои илмӣ, илмиву оммавӣ, тарғиботиву ташвиқотӣ, тақризу мақолаҳои сершумори Х.Асозода ганҷинаи адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, публитсистӣ ва таълими миллати тоҷикро ғанӣ гардонидааст…. Усули таҳқиқоти Асозода, хусусан асарҳояш дар бораи Лоҳутӣ, Улуғзода, Айнӣ идомабахши методи илмии Айнӣ ва Мирзоев аст…» Мусаллам аст, ки барои расидан ба қуллаи мақсуд, муаррифӣ гаштан дар ҷомеа ҳамчун шахсият роҳи мушкил ҳам дошта, дар ибтидо ҳар нафареро ҳатман чизе, касе, ҳодисае ва ё муҳите чун сабабу сарчашма боис гардида, ба ҷараёни ташаккулёбиаш асос мегузоранд. Ба ҷараёни рушди ташаккул ёфтани профессор Х.Асозода чун шахсият ва инсони комил низ якчанд сарчашмаҳои муътамад хидмат намудаанд. Дар ин мақола яке аз сарчашмаҳои барои Х.Асозода арзишманд матраҳ гардида, махсусияти пайванди маънавии эшон бо устодаш, адабиётшинос ва мунаққиди тоҷик, узви вобастаи АИ Тоҷикистон Соҳиб Шуҳратиевич Табаров дар заминаи хотирот инъикос мешавад.

Калидвожаҳо: С.Табаров, Х.Асозода, адабиётшиносӣ, ёддошт, номанигорӣ, сарчашма, мактаби илмӣ, муқоиса, муосир.

ПРОЦЕСС РАЗВИТИЯ И ИСТОЧНИКИ ЛИТЕРАТУРНЫХ ИССЛЕДОВАНИЙ Х. АСОЗОДА

Литературный критик Худойназар Асозода известен в культурной среде страны как исследователь истории национальной литературы, а также исследователь культуры и литературы персоязычных народов, особенно Ирана и Афганистана. По словам известного таджикского литературоведа, члена-корреспондента Академии наук Таджикистана Сахиба Табарова, «метод исследования Х.Асозода, особенно его работы по исследованию творчества Лахути, Улугзода и Айни, является продолжением научных методов Айни и Мирзоева». Очевидно, что существуют сложные, тернистые пути достижения цели, чтобы быть представленным в обществе как личность, вначале каждый обязательно мотивирован чем-то, кем-то, событием или окружающей средой как причиной и источником вдохновения и закладывает основу процесса его формирования. Несколько надежных источников также способствовали развитию профессора Х. Асозода как личности и литератора. В статье рассматривается один из наиболее ценных источников Х. Асозода и особенности его духовной связи с учителем, таджикским литературоведом и членом-корреспондентом Академии наук Таджикистана Сахибом Шухратиевичем Табаровым.

Ключевые слова: С. Табаров, Х. Асозода, литературоведение, мемуары, документальная литература, источник, научная школа, сравнение, современность.

DEVELOPMENT PROCESS AND SOURCES OF LITERARY RESEARCH KH. ASOZODA

Literary critic Khudoinazar Asozoda is known in the country's cultural environment as a researcher of the history of national literature, as well as a researcher of the culture and literature of the Persian-speaking peoples, especially in Iran and Afghanistan. According to Sahib Tabarov, a prominent Tajik literary critic and corresponding member of the Academy of Sciences of Tajikistan, “H. The method of Asozoda's research, especially his works on Lohuti, Ulughzoda, and Ayni, is a continuation of Ayni's and Mirzoev's scientific methods. It is obvious that there are difficult ways to reach the goal, to be presented in society as an individual, and in the beginning everyone is necessarily motivated by something, someone, event or environment as a cause and source, and lays the foundation for the process of its formation. Several reliable sources have also contributed to the development of Professor H. Asozoda as a person and a perfect human being. This article discusses one of the most valuable sources for H. Asozoda and the specifics of their spiritual connection with his teacher, Tajik literary critic and corresponding member of the Academy of Sciences of Tajikistan Sahib Shuhratievich Tabarov.

Key words: S. Tabarov, Kh. Asozoda, literary criticism, memoirs, non-fiction, source, scientific school, comparison, modern.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қаландаров Наврӯз Аҳмарович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 988-88-79-60**

Сведение об авторе: ***Каландаров Навруз Ахмарович*** **–** Таджикский национальный университет, доцент кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 988-88-79-60**

Information about the author: ***Qalandarov Navruz Ahmarovich*** – Tajik National University, assistant professor of the Department of Theory and modern Persian and Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Тел.: **(+992) 988-88-79-60**

УДК: 891.550

БАҲСҲО ДАР БОРАИ ВЕЖАГИҲОИ ТАРЗИ ТАСВИР, ЗАБОН ВА САБКИ БЕДИЛ

Муродов Б.С.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Масъалаи маҳорати ҳунарии Мирзо Абдулқодири Бедил аз оғоз ба таври алоҳида мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони эҷодиёти шоир қарор нагирифта бошад ҳам, дар заминаи таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи осори ӯ, аз ҷумла тарзи тасвир ва сабки нигоришаш баъзе муҳаққиқон андешаҳои худро баён кардаанд. Фақат дар солҳои охир адабиётшиносон Б. Раҳимов ва Н. Нуров ин масъаларо ба таври мушаххас тадқиқ карда, баъзе паҳлуҳои онро равшан намудаанд. Бахусус, адабиётшинос Н. Нуров масъалаи поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедилро мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор дода, дар замина тадқиқоти ҷолиберо ба майдон овард, ки бисёре аз паҳлуҳои хусусияти фардии ҳунари тасвиргарии шоирро равшан месозад.

Вале омӯзиши ин масъала бо фаъолияти ин ду донишманд маҳдуд намешавад. Ҳанӯз Абдусалом Деҳотӣ ва Муҳаммадҷон Раҳимӣ дар тадқиқоте, ки ибтидои солҳои чилум анҷом дода буданд, ба услуби нави ба худ махсуси тасвиркориҳои Бедил ишораи кӯтоҳе кардаанд. Ин муаллифон аз “мураккабии услуб ва душворфаҳмии ифодаҳои Бедил “сухан ронда, бемаънӣ набудан, балки “як санъати ба худ хос” будани тарзи нигориши шоирро ба тариқи умумӣ таъкид кардаанд. Дар боби услуби Бедил низ андешаи зерини онҳо бе таҳлили шеъри шоир ба вуҷуд омадааст: “Дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ услуби Бедил ба шакли як ҷараёни махсус дохил шуд ва аз аввали асри XV111 сар карда, то соли Револютсияи октябр даҳҳо шоирон (аксар аз Осиёи Миёна) ба ин ҷараён, бедилизм, тақлид ва пайравӣ кардаанд” [1, с.24].

Устод Айнӣ аз аввалин бедилшиносоне буд, ки дар бораи забон, услуб ва санъати шоирии Бедил дар заминаи таҳлили намунаҳои осори ӯ мулоҳизаҳои ҷолиб баён доштааст. Андешаҳои ӯ масъалаҳои забони осор, услуби нигориш ва маҳорати ҳунарии шоирро дар бар гирифта, дар маҷмуъ аввалин бор чеҳраи ҳунарии ӯро ба таври мушаххас ба хонанда намудаанд.

Айнӣ забони шеъри Бедилро “аз нуқтаи назари луғатҳои ҷудогона” таҳлил карда, онро “хеле сода” таъбир мекунад ва барои таъйиди назараш таркибҳои офаридаи Бедил, аз ҷумла ҳай кардан, сар додан, киро намекунад, ишкел, дина, дирӯз, ҳаққи намак, газак, сабзак, шерак додан, ғалтак, кӯдак, наъразанак, каллак, чашмак задан, рафтаҳоро саловот, бағалак, тунбак, хаппак, чақ-чақу вақ-вақ ва монанди инҳоро бо “суханҳои гуфтугӯии халқи тоҷик” муқоиса мекунад.

Айнӣ ду навъ шеъри Бедилро ҷудо карда, якеро аз нуқтаи назари “ҷумлабандӣ, ташбеҳот, киноя ва истиоорот” намунаи “душвортарин забони адабии тоҷик “шинохта, дигариро “содда, равон, дилчасп” медонад. Ҳамчунин шеърҳои бо ташбеҳҳои нав зинатдодашудаи Бедилро ёд карда, пораи зерро аз як ғазали шоир иқтибос меоварад:

Эй хаёли қоматат оҳи заифонро асо!
Бар рухат наззораҳоро лағжиш аз ҷӯши сафо,
Ҳамчу оина ҳазорон чашми ҳайрон рӯ ба рӯ,
Ҳамчу кокул як ҷаҳон ҷамъи парешон дар қафо!
Абрӯи мушкинат аз бори тағофул гашта хам,
Монда зулфи саркашат з-андешаи дилҳо дуто!
Аз сафои оразат ҷон мечакад гоҳи арақ,
Аз шикасти турраат дил медамад ҷои садо... [2, с.105].

Барои хусусияти “рубоиҳои содаи оммафаҳм “-и Бедилро нишон додан, Айнӣ намунаҳо оварда, дар муқоиса бо забони шеър “забони насри Бедил”- ро “аз ҳад зиёда душвор” медонад ва меафзояд: “... Ҷумлаҳои дарози силсиладор бо ташбеҳҳои мураккаб ва истиораҳои печ дар печ насри ин адиби душворписандро ба дараҷаи нофаҳмоӣ расондаанд. Хусусан, вақте ки ин гуна ҷумлаҳо истилоҳоти фалсафиро дар бар мегиранд, боз ҳам душвортар мешаванд, зеро ки бештарини онҳо ғайр аз маъниҳои машҳури луғавиашон маъниҳои махсуси истилоҳиро ифода мекунанд, ки мутолиакунанда дар вақти

хондан сари каловаи фаҳмишро гум мекунад”. Бо вуҷуди ин, ба мушоҳидаҳои Айнӣ, хонанда бо ёрии саҷъҳо ва фикраҳо маънии ҷумлаҳоро фаҳмида метавонад [2, с.107].

Устод Айнӣ дар шинохти хусусиятҳои забони Бедил назари ҳамзамонони шоир, аз ҷумла Сироҷиддин Алихони Орзуи Акбарободӣ муаллифи “Сироҷ-ул-луғот”, “Чароғи ҳидоят”, соҳиби тазкираи “Хизонаи омира”- ро нақл ва тасарруфоту ихтирооти Бедилро дар забон зикр карда, хулоса мекунад, ки “Мо тоҷикони Осиёи Миёна, ки аз забони ин устод шикоят мекунем, норизоии мо аз тарзи ҷумлабандии ӯ дар наср ва аз ташбеҳот ва истиороти мураккаб ва печ дар печи ӯ дар назм аст. Аммо ихтирооти дилчаспи ӯро табрик ва таҳсин менамоем” [2, с.109]. Дар замина устод ихтирооти Бедил, аз ҷумла “ташбеҳҳои нав, дилчасп ва сода”- и ӯро монанди: аз ҷӯши софӣ ва суфтагии рӯйи маъшуқа лағзиши назораҳо, монанди оина дар рӯбарӯи ӯ будани чашмони ҳайрон, монанди кокул дар қафо будани ҷамъи парешон, аз бори тағофул хам шудани абрӯ, аз андешаи дилҳо дуто шудани зулф, аз софии ораз дар вақти арақ ҷон чакидан, аз шикасти зулф ҷойи садо дил дамидан, ки дар он ҷо дили басташуда бисёр астро зикр карда, ташбеҳҳои нави Бедил, киноя ва истиораҳои эҷодкоронаи ӯро фақат хосси ғазалиёт ва рубоиёташ намедонад, балки дар достонҳои ишқӣ “ин шеваро боз ҳам авҷ” гирондани шоир ва дар достонҳо ба дараҷаи ғазалиёт сода набудани ин ташбеҳҳоро таъкид мекунад.

Айнӣ “иқтидори шеърии Бедилро бисёр баланд” ва табъи ӯро равон дониста, такмили сохтори шеър, аз ҷумла ғазалро аз кашфиётҳои ӯ ба шумор меоварад. Ҳамчунин устод сермаҳсул будани Бедил дар сурудани рубоӣ, корбурди “вазнҳои ғайримаъруф”, истифода аз қоидаи “муфрад ва мураккаб”-ро далели тавоноии ҳунари ӯ дар эҷоди шеър таъбир карда, доир ба хусусиятҳои сабки нигориши шоир аз аввалинҳо шуда дар бедилшиносӣ назарашро баён доштааст, ки ҳарфи аввал ва меъёрӣ дар ин замина аст.

Устод Айнӣ “тарзу услуби Бедилро ба худаш хос” дониста, ҳанӯз дар замони дар ҳаёт будани шоир маълум ва машҳур шудани онро дар такя ба сухани Ғуломалихони Орзу ва мушоҳидаҳои бевоситаи худаш собит менамояд.

Рисолаашро дар бораи “Мирзо Абдулқодири Бедил” устод Айнӣ зери таъсири методи таърихии дар адабиётшиносии он солҳои шӯравӣ маълум, ки тобеи идеологияи расмӣ буд таҳия карда, бо вуҷуди маҳдудиятҳои сиёсӣ ва хусусияти оммафаҳмӣ доштани таълифоташ муҳимтарин нуқтаҳоро ба тариқи хулоса доир ба вежагиҳои забон ва тарзи тасвиру сабки Бедил баён карда тавонистааст, ки минбаъд дар шинохти ҳунари шоир ҳамчун мабдаъ хизмат кардааст.

Баъд аз рисолаи устод Айнӣ “Мирзо Абдулқодири Бедил” доир ба ҳунари бадеии Бедил тадқиқоти ҷудогона ба вуҷуд наомадааст. Дар баъзе тадқиқотҳо, аз ҷумла фасли “Баъзе хулосаҳо оид ба эҷодиёти Бедил”-и асари ёдшудаи Ю. Салимов, рисолаи Р. Ҳодизода “Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX”, таълифотҳои Бобобек Раҳимӣ “Ошноӣ бо Бедил”, “Зиндагиномаи Бедил”, “Тавсифи осори Бедил” ва тадқиқоти Н. Нурзод “Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” аз боби тарзи тасвир, забон ва сабки Бедил сухан рафтааст.

Дар маҷмуъ, тадқиқотҳои анҷомгирифта дар шинохти ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва ҳунари тасвиргарии Бедил ҳарфи тоза буда, хусусиятҳои хосси маҳорати шоирро дар ҳунари нигорандагӣ, корбурди забон ва кашфи сабки тозаи эҷод таъйид кардаанд, ки аз дастовардҳои бедилшиносии тоҷик аст.

Таҳлили қиёсӣ нишон дод, ки ҳарчанд тадқиқоти Ю. Салимов махсуси ин масъала нест, вале ин донишманди фақид дар фасли “Чанд нуктаи сабки бедилӣ” барои намудани ҳунари бадеии шоир “як силсила истилоҳоти латифи бадеӣ-фалсафӣ”-ро дар тарзи корбурди Бедил ҳамчун унсури сабксоз шарҳ дода, бе фаҳмидани онҳо дарк кардани шеъри шоирро номумкин донистааст. Шарҳи ин муҳаққиқ бар калимаҳо ва таъбирҳои тозаи шеъри шоир, пеш аз ҳама, бозгӯкунандаи ҳунари нигорандагии Бедил дар истифодаи образноки калимаҳову таъбирҳо мебошад, ки муаллиф дар ин кор ба ҳадаф даст ёфтааст. Дар замина Ю. Салимов вожаҳои обила, оина, оташ, мавҷ, ҳубоб ва таъбирҳои хумори матлаб, орзуи хом, сайди ошён, сомони сафар, домони оина, гул кардани нигоҳ, сайри надомат, тӯфончӯшии чашм, нақши по кардани гул, доғ кардани ҷуръат, мавҷи нуқсон будани арзи камол, оина шудани сад ранг (висол), гавҳар шудани сад қатра (висол), мисли обрӯ вақфи хам доштан, аз пайкар рехтани меҳроб, сари мӯ ва ғайраро шарҳ дода, тарзи корбурди бадеӣ ва маънии онҳоро дар таҷрибаи шеърии Бедил

арзёбӣ кардааст, ки ин иқдоми ӯ дар бедилшиносии солҳои шастум қадами ҷиддӣ буда, минбаъд бо кӯшишҳои муттасил ва ҷустуҷӯҳои пурмояи Б. Раҳимӣ ташаккул ва таҳаввули тоза пайдо кард [3, с.260-262].

Б. Раҳимӣ дар рисолаи “Тавсифи осори Бедил” пас аз таҳлили мавзуву мундариҷаи ғазалҳои Бедил тарзи корбурди баъзе санъатҳои бадеиро дар ин жанр арзёбӣ кардааст. Дар ин замина муҳаққиқ тарзи истифода ва моҳияти бадеии санъати тамсил ё худ ташбеҳи мураккаб ва таносуби сухан ё худ муроотунназирро муфассал шарҳ додааст, ки бозгӯкунандаи як паҳлуи ҳунари шоир дар тарзи бадеии тасвир аст.

Ин муҳаққиқ дар шарҳи моҳияти ин санъат овардааст, ки “шоир фикри худро дар мисрае ифода намуда, дар мисраи дигар онро бо мисолҳо тақвият медиҳад, тасдиқ менамояд. Дар бештарин мавридҳо фикри шоир дар мисраи аввал ифода меёбаду мисраи сонӣ тамсил ё таъкиди фикр аст” [4, с.57]. Ин шарҳ нисбат ба санъати ташбеҳи тамсилӣ, ки хосси ҳунари тасвиргарии Бедил мебошад, албатта, маҳдуд аст. Дар ин боб лозим медонем, ки пеш аз нақди андешаҳои Б. Раҳимӣ нуқтаи назари дуктур Маҳмуди Футуҳиро оиди ин масъала иқтибос кунем. Ӯ навиштааст: “ Нахустин бор Қудом ибни Ҷаъфар (ф. 337 қ.) тамсилро дар мафҳуми “эътилофи лафз ва маънӣ” ба кор бурдааст. Абдулқодири Ҷурҷонӣ (ф. 471 қ.) мегӯяд: “Абуаҳмад Аскарӣ ин навъи каломро “мамосила” хондааст. Ин номгузорӣ чунон менамояд, ки муроди вай чизе ғайр аз масал ва тамсил аст, аммо чунин нест”. Ҷурҷонӣ аввалин касе аст, ки ба тафсил аз тамсил сухан гуфтааст. Ташбеҳ аз назари ӯ ду гуна аст: ташбеҳе, ки ваҷҳаш муҳтоҷи таъвил набошад ва дувум ташбеҳе, ки ниёз ба таъвил дорад. Аввалиро ташбеҳи ом ва дувумиро тамсили хос (ташбеҳи тамсилӣ) номида ва мегӯяд: ташбеҳ аъамм аз тамсил аст; яъне ҳар тамсил ташбеҳ аст, аммо ҳар ташбеҳ тамсил нест. Ташбеҳе, ки ваҷҳи шабеҳи он бидуни таъвил дарк шавад, тамсил нест. Тамсил ташбеҳи мураккаб аст, ки ваҷҳи шабеҳи он аз як ё чанд ҷумла мунтазаъ бошад ба гунае, ки ҷумалотро натавон аз ҳам ҷудо кард. Ӯ барои ташбеҳи тамсилӣ се вижагӣ оварда:

- Ваҷҳи шабеҳ дар он ошкор нест;
- Ваҷҳи шабеҳ сифате ақлӣ ва ғайриҳақиқӣ аст, баромада аз умури мутаъаддид;
- Дарки он ниёз ба таъвил дорад” [5, с.255-256].

Шафеии Кадканӣ дар шарҳи ин масъала дақиқтар рафта, менависад, ки “беҳтарин роҳ барои ташхиси тамсил аз дигар анвои тасвир ин аст, ки аз дидгоҳи забоншинохтӣ мавриди баррасӣ қарор гирад: бад-ин гуна, ки тамсил дар маънии дақиқи он, ки меҳвари хасоиси сабки ҳиндӣ аст, метавонад дар шакли муодилаи ду ҷумла мавриди баррасӣ қарор гирад ва тақрибан маҷмуаи он чӣ мутаахирин бад-он тамсил итлоқ кардаанд, муодилае аст, ки ба лиҳози навъе шабоҳат миёни ду сӯйи байт-ду мисраъ-вуҷуд дорад ва шоир дар мисраи аввал чизе мегӯяд ва дар мисраи дувум чизе дигар, аммо ду сӯйи ин муодила аз раҳгузари шабоҳат қобили табдил ба якдигаранд ва шояд барои ҷилавгирӣ аз иштибоҳ битавон онро услуби муодила хонд то он чиро, ки қудамо тамсил, ё ташбеҳи тамсил хондаанд, аз қаламрави таъриф ҷудо кунем, ҳамчунин корбурди масалро, ки ирсолулмасал аст ва моияи иштибоҳи баъзе аз аҳли адаб шудааст ва онро тамсил хондаанд, низ аз ҳавзаи таъриф хориҷ кунем” [6, с.84-85].

Ҳамчунон ки Шафеии Кадканӣ таъриф кардааст, тамсил ё ташбеҳи тамсил хусусияти меҳварии сабки ҳиндӣ, аз ҷумла тарзи нигориши Бедил буда, дар шинохти ҷанбаи тасвирӣ ва моҳияти ҳунарии он дар мисолу тақрибаи эҷодии Бедил Б. Раҳимӣ тадқиқоти ҷолиберо анҷом додааст. Муҳаққиқ аввал байти шоирро иқтибос карда, баъд маънии ду сӯйи онро берун меоварад. Аз ҷумла, муҳаққиқ байти зерро иқтибос карда –

Ақбае дигар набошад рӯҳи аз тан растаро,
Нест бими сӯхтан дуди зи оташ ҷастаро -

сипас, менависад: “Дар ин байт фикри шоир дар мисраи аввал баён гардида, мисраи сонӣ тамсили фикр аст. Шоир гуфтанист: руҳ, ки аз бадани инсон ҷудо шуд, мавриди ҳеҷ гуна азоб қарор намегирад. Рӯҳи аз тан ҷудошуда монанди дуди аз оташ раҳогардида мебошад. Дуд вақте дар азоб аст, ки дар дохили оташ бошад. Ҳамин ки аз оташ ҷудо шуд, аз азоб низ халос мешавад. Дар санъати тамсил дар доираи ин ё он байт калимаҳои ҳамнисбат вуҷуд доранд, ки дарк намудани онҳо фаҳмидани маънои байтро осон мекунад. Дар байти мазкур калимаву ибораҳои ҳамнисбат инҳоянд: рӯҳи аз тан раста ва дуди зи оташ ҷаста;

ақбае дигар набошад ва нест бими сӯхтан” [4, с.57]. Б. Раҳимӣ бо ҳамин усул байтҳои Бедилро, ки дар онҳо санъати тамсил истифода шудааст таҳлил карда, сипас зарбулмасалу мақолро “навъи дигари тамсил” маънидод мекунад ва тарзи корбурд ва маънии онро дар ғазали шоир шарҳ медиҳад. Вале ин кори он хилофи гуфтаи Кадканӣ аст, ки корбурди масал ё худ зарбурмасалро (ирсолулмасал) ба ҷойи тамсил иштибоҳ дониста буд [6, с.85].

Б. Раҳимӣ корбурди ҳунармандонаи санъати таносуби сухан ё худ мурооотунназирро низ дар ғазалҳои шоир таҳқиқ ва таҳлил карда, моҳияти тасвирҳои бадеии шоир ва ҳунари ӯро нишон додааст. Аз таҳлилҳои муҳаққиқ бармеояд, ки шоир ба мақсади таъсирбахшу нишонрас баён кардани фикр дар шеър калима ва иборотеро интихоб намудааст, ки онҳо аз ҷиҳати маънӣ ё шакл ба ҳам наздик буда, дар ифодаи маънӣ таъсиргузор будаанд. Барои исботи ин даъво муҳаққиқ байти -

Суфу атлас ба назар тори таҳайюр дорад,
Пинае чанд, ки дар далқи гадо дӯхтаӣ -ро

иқтибос карда, афзудааст: “Дар ин байт калимаҳои “суф”, “атлас”, “тор”, “пина” (дарбеҳ), “далқ” ва феъли “дӯхтан” бо ҳам мутаносиб буда, дар таъсир бахшидани фикри шоир мусоидат намудаанд” [4, с.64]. Ба ин тартиб, Б Раҳимӣ маҳорати Бедилро дар истифодаи ин санъат ва василаи ҳунармандонаи ифода ва тақвияти маънӣ будани онро бо таҳлилҳои мушаххас нишон додааст.

Дар рисола Б. Раҳимӣ хусусиятҳои бадеӣ ва усули тасвири Бедилро дар қасида, тарҷеъбанд, мухаммас ва баъзе маснавиҳои шоир хеле мухтасар арзёбӣ карда, нақш ва ҷойгоҳи ташбеҳро дар нигориши шоир бо таҳлили мисолҳо нишон додааст, ки гувоҳи маҳорати муҳаққиқ дар шинохти хусусиятҳои бадеии осори шоир аст.

Дар бедилшиносии тоҷик рисолаи Н. Нуров “Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” аввалин ва охирин тадқиқотест, ки ба таҳқиқу баррасии ҳунари шоирии Бедил ихтисос ёфтааст. Муаллиф дар ин асар кӯшиш кардааст, ки шеваи тозаи нигориш, бозтоби фавқулодаи ҳунари суханварӣ, усули ҷолиби таъбирофаринӣ, равиши нотакрори тасвирпардозӣ, риояи таносуби сухан, ҳисомезӣ дар калом, дар маҷмӯъ тарзи хосси нигориши Бедилро бо таҳлили огоҳона арзёбӣ карда, маънии ҳунарии “сабки бедилӣ”, “мактаби бедилӣ”, ”забони бедилӣ”-ро тавзеҳ ва таъбир кунад. Аввалин бор дар бедилшиносӣ ба воситаи тадқиқоти ин муҳаққиқ поэтикаи яке аз навъҳои асосии шеъри Бедил - ғазал, хосса поэтикаи забони ин навъи адабӣ тадқиқ шуда, зуҳури ихтироти забонӣ, калимаву таркиб, таъбирҳои тозаи шоирона ва монанди инҳо исбот гардидааст [7, с.41].

Дар боби аввали рисола муҳаққиқ ҳунари шоирро дар заминаи масъалаҳои ташаккул ва таҳаввули сохтори мавзӯии ғазал, андешаҳои зебоишинохтии шоир дар такя ба ғазалҳои ӯ, ҳунари шоир дар коркарди мисраъ, қофия ва радиф ва вежагиҳои таҷрибаи ҳунарии ӯ дар истифодаи авзони ғазал ба риштаи таҳқиқ кашида, заминаҳо ва омилҳои дастовардҳои Бедил нишон дода шудааст. Дар маҷмуъ, муҳаққиқ бо таваҷҷуҳ ба вежагиҳои сохтории ғазалиёти Бедил ва ибтикороти вай дар таҳаввули ҷанбаъҳои бадеӣ ва маъноии ғазал ба ин натиҷа расидааст, ки “ин суханвари маънишикор барои ба вуҷуд овардани тозатарин падидаҳои ҳунарӣ дар ғазали гузаштаи мо чи аз лиҳози ҳунари шоирӣ ва чи аз назари дарунмоя ва сабк эҳтимом варзидааст. Агар истиқлоли мисраъ аз ҷумлаи таҳаввулоти нодири маъноӣ дар ғазали классикӣ аст, ки ба ибтикороти Бедил пайванди мустаҳкам дорад, дар канори ин мустақилият навъе эҷоди пайванди маънӣ ва таносуби вожагону мафоҳим ба ҳунари баланди шоирӣ ва диди мӯшикофона ва нигоҳи мушоҳидакорӣ ӯ ишорат мекунад” [7, с.41]. Муҳаққиқ корбурди таҷрибаҳо дар авзони ноозмудаи шеъри форсии тоҷикиро, ки зоҳиран аз авомили мураккаб шудани фаҳми маонии шеър ҳам гардидааст, тозагӣ дар сохтори ғазали Бедил медонад, ки пас аз Мавлоно фақат Бедил дар ин замина тозаҷӯйиҳо кардааст.

Нуралӣ Нурзод калиди шинохти ҳунарии Бедилро, ба ифодаи В.Е. Холшевников дар худи шеъри шоир пайдо карда, вазифаи худро ҳамчун муҳаққиқ аз он иборат донистааст, ки калиде ёфта қулфи асрори ғазалиёти шоирро боз кунад. Яъне, барои муайян намудани хусусияти бадеии ғазалиёти Бедил ин муҳаққиқ “аз калиди” худи шоир - “шеър” ҳушёрона истифода бурда, бо таҳлил ва арзёбии қиёсӣ моҳияти тасвири пайиҳами ҳиссу андеша, интихоб ва корбурди калимаву таъбирҳо, такрори вожаҳо, таркибҳои наҳвӣ, тарзи нигориш, таносуби гуфтор, шакли шеър, оҳанг, усули қофиябандӣ, истифодаи радиф ва

ғайраро [8, с.167-168] сареҳан ошкор намудааст, ки дар бедилшиносии тоҷикӣ бесобиқа аст. Муҳаққиқ дар таҳқиқ ва шинохти сохтори ҳунарии ғазали Бедил ба ангезаҳои ҳиссӣ ва ҳунарӣ диққат дода, тозакориҳои шоирро дар такмил ва таҳаввули сохтори мундариҷавӣ, ғоявӣ ва бадеии ин навъи шеър бо таҳлили мушаххас нишон додааст.

Донишманди рус В.Е. Холшевников навишта буд, ки “шеъри лирикӣ на қисмати зиёди воқеият, балки таассуротеро, ки зери таъсири ҳодисае ба вуҷуд омадааст, тасвир мекунад”. Ба ин далел, ин донишманд “аз шеъри лирикӣ экспозитсияву (дебоча) завязка (гиреҳбанд) ва зикри низоъ, ки аз он сужет таркиб меёбад ҷустанро, кори беҳуда” дониста буд [8, с.169]. Мутаассифона, солҳои тӯлонӣ чунин арзёбии барғалати сохтори ғазал ва баъзе жанрҳои дигар, аз ҷумла рубоӣ низ дар адабиётшиносии мо роиҷ буд. Н. Нурзод бо фосилагирӣ аз ин тарзи таҳқиқ сохтори ғазали Бедилро дар ҳамбастагии маънавӣ ва шаклӣ таҳқиқ карда, шеваи хосси нигориши шоирро дар корбурди ҳунарии сохтори таркибу ибораҳо, вожагони мураккаб, қофияву радиф, такрори қофия, истифодаи ҳадафманди ҳунарии ҳуруфи бенуқта бо таҳлили қиёсӣ собит сохтааст, ки ибтикороти ҳунари Бедилро дар таҳаввули сохтори ғазал таъйид менамояд.

Паҳлуи дигари ҷолиби таҷрибаи таҳқиқи ин муҳаққиқ дар он аст, ки вай аз даричаи афкор ва андешаи адабии Бедил ба ҷанбаи ҳунарии ғазалиёти шоир нигариста, дар ин замина моҳияти афкори адабии ӯро дар шинохти шеър, бахусус ғазал муайян намудааст. Ин баҳсу баррасӣ аввалан агар бо мақсади ошкор кардани нигоҳи Бедил ба шеъру шоирӣ ва чигунагии тору пуди шеър анҷом гирифта бошад, сониян дарки моҳияти назари шоир оид ба шеъру шоирӣ ва санҷиши он дар оинаи ғазал имконияти амалиро дар роҳи дарк ва арзёбии масъала ба вуҷуд меоварад. Дар ин замина таъкиди муҳаққиқ бар ин аст, ки “зуҳури корномаҳои ҳунарӣ ва ибтикор дар ҳар навъи шеър, пеш аз ҳама, бар пояи маърифати асолату моҳияти худи шеър ва зарурати таҷаддуд дар шеваҳои эҷоди он арзи ҳастӣ мекунад, ки ин шинохту маърифат ва тасмимро дар тозакориҳо дар навбати аввал ҳамин дидгоҳҳо ва афкори адабии муҷассам дар оинаи сурудҳои суханвар падидор меоварад” [7, с.54].

Дар асоси ин андеша Н. Нуров авомил ва роҳкорҳои таваҷҷуҳи Бедилро бар навҷӯйиҳову ибтикороти ҳунарӣ ошкор ва арзёбӣ намудааст, ки дар шинохти ҷомеи афкори адабии шоир қадами аввал ва пурмоя мебошад. Ин муҳаққиқ назари Бедилро дар боби сухан, тахайюл, шеър ва навъи офаринишгарии худи ӯ баён ва таҳлил кардааст, ки маҷмуи афкори адабӣ ва назарии шеърии шоир низ ҳаст. Дар ин таҳлили қиёсии анҷомгирифта, маъонии ҷамолшиносии шоир беҳтар дарк мешавад, вале боиси таассуф аст, ки шабоҳати назарияи шеърии вай бо бутиқои сюреалистӣ, ки дар се қарни баъд дар Аврупо таҳаввул ёфта, муқоиса нашудааст. Агар ин кор сурат мегирифт шояд аз манзари ҷамолшиносии мудерни Бедил моҳияти бархе аз ҷидолҳо бар сари масъалаи маънӣ дар шеъри шоир ҳал мегардид.

Бо вуҷуди ин Н. Нурзод бо як таҳқиқи фарогири андешаҳои адабии Бедил ба чунин хулосаи муҳим меояд, ки ин суханвар “дар баробари ибтикороти тозаи ҳунарӣ, шеваи хосси баёни омил бар зуҳури мактаби бедилӣ дар густурдаи сабки ҳиндӣ ва маҷмуан, адаби форсӣ бо изҳори мулоҳизаҳои фардӣ назарияи тозаи худро роҷеъ ба шеъру шоирӣ баён намуда, чун як тан мутафаккир, шоир ва ҳакиму адиб асолати шеър ва рисолати шоирро дар арсаи замонаҳо аз рӯзгори хеш то садсолаҳои дигар бар пояи тафаккури мантиқӣ, фалсафӣ, ирфонӣ ва ҳунарӣ муқаррар сохтааст” [7, с.58].

Масъалаи дигаре, ки Н. Нурзод дар ин тадқиқот баррасӣ кардааст, сабкшиносӣ ва поэтикаи забони ғазалиёти Бедил буда, ҷузъиёти он аз поэтикаи забони шеър, забони бедилӣ, сарчашмаҳои зуҳур ва омилҳои интисоби печидагӯӣ бар он, вожаҳои хос ва маъниофариҳои Бедил (дар мисоли вожаи нафас), воситаҳои тасвирии бадеӣ дар ғазалиёт (дар мисоли коинот ва муаммо), вожасозӣ ва шеваҳои хосси таъбирофаринӣ, вожаҳову таркибҳо ва суннатҳои мардумӣ дар корбурди шоир ва шарҳу маънигузориҳои шоирона иборат буда, заминаи воқеиро барои шинохти хусусиятҳои ҳунарии тарзи нигориши шоир фароҳам овардааст.

Дар таҳқиқоти Н. Нурзод масъалаҳои тасвирсозӣ, шигардҳои маъниофарӣ, мазмунсозӣ, ғазали тасвирӣ, шеваҳои зуҳури он, тасвири табиат, тасвири парадоксӣ дар ғазалиёти Бедил, таассуроти поэтикии шоир аз суханварони гузашта, чеҳраҳои асотирӣ ва паҳлавонии “Шоҳнома” дар девони шоир, Бедил ва Мавлонои Балхӣ, таъсири вежагиҳои

ҳунарии шеъри Толиби Омулӣ ба ашъори Бедил, таъсири поэтикаи Бедил ба суханварони адабиёти тоҷикии Фароруд (нимаи дувуми асри XVIII то аввали асри XX), мактаби пайравони Бедил дар адабиёти тоҷикии Фароруд, таъсири Бедил ба шоирони даврааи бозгашти адабӣ (дар мисоли ашъори яке аз пешгомони он - Сабоҳии Бедгулӣ) ва монанди инҳо таҳлил ва арзёбӣ шуда, моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеии шоир, таъсирпазирии ҳунарии ӯ аз суханварони гузашта ва таъсири амалии Бедил ба ҳавзаҳои адабӣ ба таври амиқ қазоват шудааст, ки равиши тоза ва пурмояи таҳқиқ дар бедилшиносии тоҷикии садсолаи охир буда, дар қатори масъалаҳои ёдшуда, муҳаққиқ вежагиҳои тарзи нигориш, хусусиятҳои забонӣ ва сабки Бедилро бо камоли диққат ва огоҳии комил мушаххас намудааст, ки низ далели арзишмандии ҷустуҷӯҳои ин донишманд мебошад.

Ба ин тартиб, дар заминаи мураре, ки анҷом гирифт, метавон ба ин натиҷа расид, ки аз оғози пайдоиши тадқиқотҳо доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Бедил масъалаи тарзи тасвир, забон ва сабки Бедил мавриди омӯзиши муҳаққиқони тоҷик қарор гирифта, дар замина ҷустуҷӯҳои судманди илмӣ ба сомон расидааст, ки қадами ҷиддие дар шинохт ва арзёбии мавзуи мавриди назар аст. Шинохти ин мавзуъ бо рисолаи устод Айнӣ “Мирзо Абдулқодири Бедил” шуруъ шуда, минбаъд дар заминаи ҷустуҷӯҳои Бобобек Раҳимӣ ва Нуралӣ Нуров таҳаввул меёбад ва дар доираи васеъ тарзи нигориш, вежагиҳои забон ва шеваи баёни шоир мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Тадқиқоти дар ин замина анҷомгирифта, бахусус таълифоти Б. Раҳимӣ ва Н. Нуров ҳарчанд нуқтаи ниҳоӣ дар ин самт набошад ҳам, дар муайян ва мушаххас сохтани ҳунари тасвиргарӣ, хусусиятҳои забонӣ ва сабки бедилӣ ҳарфи пуразриш ва бодалел мебошанд.

Муқарриз: ***Собиров Ҳ.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз чизҳое дигар. Маҷмӯаи нақд, ёддошт, баррасӣ ва намоишномаҳо / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Асотир,1371. – 370 с.; Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам. Ҷилди савум, чаҳорум ва панҷум / Шиблии Нуъмонӣ; таҳияи Абдухолиқ Набавӣ. - Душанбе: ДДОТ, 2015. – 576 с.
2. Айнӣ, Садриддин. Мирзо Абдулқодири Бедил / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2020. – 336 с.
3. Салимов, Юсуф. Хусусиятҳои ғоявии осори Мирзо Бедил / Юсуф Салимов // Ёдгори умр. Ҷ.2. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – С.251-258.
4. Раҳимӣ, Бобобек. Тавсифи осори Бедил / Бобобек Раҳимӣ. – Душанбе: ЭР- Граф, 2018. – 208 с.
5. Футуҳӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир / Маҳмуд Футуҳӣ. – Теҳрон: Сухан, 1375. – 461 с.
6. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Интишороти вазорати иттилоот ва култури Ҷумҳурии Исломии Эрон, 1368. – 576 с.
7. Нуров, Нуралӣ. Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил / Нуралӣ Нуров. –Хуҷанд: Ношир, 2020. – 448 с.
8. Холшевников, В.Е. Стиховедение и поэзия / В.Е. Холшевников. – Ленинград: Издателства ленинградского Университета, 1991. – 256 с.
9. Ҳабиб, Асадуллоҳ. Вожаномаи шеъри Бедил / Асадуллоҳи Ҳабиб; ба эҳтимоми доктор Сайид Маҳдии Таботабоӣ. – Теҳрон: Сураи меҳр, 1393. – 344 с.
10. Ҳодӣ, Набӣ. Абдулқодири Бедил (зиндагӣ, нақд ва баррасӣ ва гузидаи осор) / Набии Ҳодӣ; тарҷумаи доктор Тавфиқ Субҳонӣ. – Теҳрон: Қатра, 1376. – 208 с.
11. Ҳусайнӣ, Сайид. Ҷаҳони Бедил / Сайид Ҳусайнӣ. - Теҳрон: Ирфон, 1393. – 510 с.
12. Ҳодизода, Расул. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1Х / Расул Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 294 с.
13. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1369. – 312 с.
14. Шарифов, М. Куллиёти бо дасти худи Бедил навишташуда кай вориди Бухоро шуд: Роҷеъ ба Куллиёти Бедил / М. Шарифов // Рӯзгор, 2014. – 29-уми январ.
15. Шарифов, Худоӣ. Каломи бадеъ / Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 160 с.

БАҲСҲО ДАР БОРАИ ВЕЖАГИҲОИ ТАРЗИ ТАСВИР, ЗАБОН ВА САБКИ БЕДИЛ

Масъалаи маҳорати ҳунарии Мирзо Абдулқодири Бедил аз оғоз ба таври алоҳида мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони эҷодиёти шоир қарор нагирифта бошад ҳам, дар заминаи таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи осори ӯ аз ҷумла тарзи тасвир ва сабки нигоришаш баъзе муҳаққиқон андешаҳои худро дар ин боб баён кардаанд. Фақат дар солҳои охир адабиётшиносон Б. Раҳимов ва Н. Нуров ин масъаларо ба таври мушаххас тадқиқ карда, баъзе паҳлуҳои онро равшан намудаанд. Бахусус, адабиётшинос Н. Нуров масъалаи поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедилро мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор дода, дар замина тадқиқоти ҷолиберо ба майдон овард, ки бисёре аз паҳлуҳои хусусияти фардии ҳунари тасвиргарии шоирро равшан месозад. Муаллифи мақола ба он назар аст, ки устод Айнӣ аз аввалин бедилшиносоне буд, ки дар бораи забон, услуб ва санъати шоирии Бедил дар заминаи таҳлили намунаҳои осори ӯ мулоҳизаҳои ҷолиб баён доштааст. Андешаҳои ӯ масъалаҳои забони осор, услуби нигориш ва маҳорати ҳунарии шоирро дар бар гирифта, дар маҷмуъ, аввалин бор чеҳраи ҳунарии ӯро ба таври мушаххас ба хонанда намудаанд. Дар маҷмуъ, тадқиқотҳои анҷомгирифта дар шинохти ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва ҳунари тасвиргарии Бедил ҳарфи тоза буда, хусусиятҳои хосси маҳорати шоирро дар ҳунари нигорандагӣ, корбурди забон ва кашфи сабки тозаи эҷод таъйид кардаанд, ки аз дастовардҳои бедилшиносии тоҷик аст. Ба ин тартиб, дар заминаи мураре, ки анҷом гирифт, метавон ба ин натиҷа расид, ки аз оғози пайдоиши тадқиқотҳо доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Бедил масъалаи тарзи тасвир, забон ва сабки Бедил мавриди омӯзиши муҳаққиқони тоҷик қарор

гирифта, дар замина ҷустуҷӯҳои судманди илмӣ ба сомон расидааст, ки қадами ҷиддие дар шинохт ва арзёбии мавзуи мавриди назар аст. Шинохти ин мавзӯъ бо рисолаи устод Айнӣ “Мирзо Абдулқодири Бедил” шуруъ шуда, минбаъд дар заминаи ҷустуҷӯҳои Бобобек Раҳимӣ ва Нуралӣ Нуров таҳаввул меёбад ва дар доираи васеъ тарзи нигориш, вежагиҳои забон ва шеваи баёни шоир мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Тадқиқоти дар ин замина анҷомгирифта, бахусус таълифоти Б. Раҳимӣ ва Н. Нуров ҳарчанд нуқтаи ниҳоӣ дар ин самт набошад ҳам, дар муайян ва мушаххас сохтани ҳунари тасвиргарӣ, хусусиятҳои забонӣ ва сабки бедилӣ ҳарфи пуразриш ва бодалел мебошанд.

Калидвожаҳо: сабк, Бедил, адабиёт, вожа, бедилшиносӣ, сулҳи кулл, таъсирпазирӣ, истиора, тасвир, тазкира, мунаққид, ҳамгироии иҷтимоӣ, таҳқиқ, поетика, иттиҳоди Шӯравӣ, шеър, таърихи адабиёт, маонии пӯшидаву мубҳам, моҳияти ҳунарии шоир.

ДИСКУССИИ ОБ ОСОБЕННОСТЯХ СПОСОБАХ ИЗОБРАЖЕНИЯ, ЯЗЫКА И СТИЛЯ БЕДИЛА

Хотя вопрос художественного мастерства Мирзо Абдулкадира Бедиля с самого начала не представлял особого интереса для исследователей творчества поэта, некоторые ученые высказали свои взгляды на изучение различных аспектов его творчества, в том числе его манеры изображения и стиля письма. Лишь в последние годы литературоведы Б.С. Рахимов и Н. Нуров подробно изучив этот вопрос, прояснили некоторые его аспекты. В частности, литературовед Н. Нуров провел комплексное изучение поэтики газелей Мирзо Абдулкадира Бедиля и провел интересное исследование, проливающее свет на многие стороны индивидуального характера изобразительного искусства поэта. Автор статьи высказывает мнение о том, что Садриддин Айни является одним из первых исследователей поэзии Бедиля, который сделал интересные комментарии к языку, стилю и искусству поэзии Бедиля в контексте анализа его произведений. Его мысли охватывают язык произведения, стиль письма и художественное мастерство поэта, и вообще впервые его художественное лицо ясно предстает перед читателем. Со времен трактата Айни «Мирзо Абдулкадир Бедил» отдельного исследования искусства Бедиля не проводилось. В целом исследования, посвященные творчеству Бедиля представляют собой новшества, подтверждающие особенности мастерства поэта в искусстве живописи, использования языка и открытия нового творческого стиля, являющегося одним из достижения таджикской поэзии. Таким образом, по результатам исследования можно сделать вывод о том, что с самого начала изучения жизни и творчества Бедиля таджикскими исследователями была завершена огромная работа в данном направлении. Знакомство с данной темой начинается с трактата Айни «Мирзо Абдулкадир Бедил» и далее развивается на основе исследований Бобобека Рахими и Нурали Нурова, и всесторонне исследуется спсобо изображения, стиль письма, язык и манера выражения поэта. Исследования в этой области, в частности работы Б. Рахими и Н. Нурова не является конечной точкой в этом направлении, но являются очень ценным и содержательным в конкретизировании и определении способов изображения, языковых особенностей и поэтического стиля Бедиля.

Ключевые слова: стиль, Бедил, литература, слово, бедиловедение, всеобщее применение, восприимчивость, метафора, изображение, летопись, критик, социальная интеграция, иследование, поэтика, советский союз, стих, история литературы, двусмисленный и скрытый стилистика,сущность мастерство поэта, структура и.т.д.

DISCUSSIONS ABOUT THE FEATURES OF THE IMAGE WAYS, LANGUAGE AND STYLE OF BEDIL

Although the question of the artistic skill of Mirzo Abdulkadir Bedil was not of particular interest to researchers of the poet's work from the very beginning, some scholars expressed their views on the study of various aspects of his work, including his manner of depiction and style of writing. Only in recent years literary critics B.S. Rakhimov and N. Nurov, having studied this issue in detail, clarified some of its aspects. In particular, the literary critic N. Nurov conducted a comprehensive study of the poetics of Mirzo Abdulkadir Bedil's gazels and conducted an interesting study that shed light on many aspects of the individual character of the poet's fine arts. The author of the article expresses the opinion that Sadriddin Aini is one of the first researchers of Bedil's poetry, who made interesting comments on the language, style and art of Bedil's poetry in the context of the analysis of his works. His thoughts cover the language of the work, the style of writing and the artistic skill of the poet, and in general for the first time his artistic face is clearly presented to the reader. Since the time of Aini's treatise Mirzo Abdulkadir Bedil, no separate study of Bedil's art has been carried out. In general, studies on Bedil's work are innovations that confirm the features of the poet's skill in the art of painting, the use of language and the discovery of a new creative style, which is one of the achievements of Tajik poetry. Thus, based on the results of the study, we can conclude that from the very beginning of studying the life and work of Bedil, Tajik researchers completed a huge amount of work in this direction. Acquaintance with this topic begins with Aini's treatise "Mirzo Abdulkadir Bedil" and further develops on the basis of the research of Bobobek Rakhimi and Nurali Nurov, and comprehensively explores the image, writing style, language and manner of expression of the poet. Research in this area, in particular the work of B. Rahimi and N. Nurov, is not the end point in this direction, but is very valuable and meaningful in concretizing and defining the ways of depiction, linguistic features and Bedil's poetic style.

Key words: style, Bedil, literature, bedilology, general application, receptivity, metaphor, image, chronicle, critic, social integration, research, poetics, Soviet Union, poetry, history of literature, ambiguous and hidden stylistics, essence singing skill, structure, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муродов Бахтиёр Сайалиевич*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик ва методикаи таълими он; унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДЗТ ба номи С. Улуғзода. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин - 63. E-mail: **murodi.1980@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-537-52-25**

Сведение об авторе: ***Муродов Бахтиёр Сайалиевич*** - Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, старший преподаватель кафедры таджикского языка и литературы и методики его преподавания; аспирант кафедры теории и истории литературы ТГИЯ им. С.Улугзода. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Гарм, к. Э. Мухиддин – 63. E-mail: **murodi.1980@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-537-52-25**

Information about the author: ***Murodov Bakhtiyor Sayalievich*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, Senior Lecturer of the Department of Tajik Language and Literature and Teaching Methods; postgraduate student of the Department of Theory and History of Literature of the TSLI named after S.Ulugzoda. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Garm, Str. E. Muhiddin – 63. E-mail: **murodi.1980@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-537-52-25**

УДК: 891.550

САНЪАТИ МУАММО ВА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ОН

Маҳмадуллоева Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар омӯзиши рушди тафаккури бадеии ҷаҳонӣ арзиши илмӣ ва аҳаммияти лавҳаҳои дастӣ ва дастнависҳо ва намунаҳои санъати шифоҳии мардум ҳадду канор надорад. Омӯзиши ҷудогонаи ҳамаҷонибаи илмии ин маъхазҳо яке аз принсипҳои муҳимми матншиносӣ ва маъхазшиносии адабӣ дониста мешавад. Дар ҷараёни муколамаи фарҳангӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавии халқҳои ҷаҳон, адабиётшиносии муосир далелҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокро талаб мекунад, ки тамоми паҳлуҳои беназири адабиёти ҳар як миллатро исбот мекунанд. Эҷоди феҳристҳои ёдгориҳои адабӣ, тавсифи монографӣ, матнҳои илмӣ ва интиқодӣ, гузаронидани таҳқиқоти муқоисавии типологӣ барои фаҳмидани мундариҷа ва сатҳи бадеии асарҳои классикии адабӣ, ормонҳои адабии муаллиф дар онҳо хидмат мекунад ва онҳоро ба доираҳои васеъ фарогир менамояд.

Халқе, ки адабиёти бою ғанӣ дорад, афкори адабию эстетикии он низ хеле ривоҷу равнақ меёбад. Дар таърихи инкишофи зиёда аз ҳазорсолаи адабиётшиносии тоҷик чандин асарҳо таълиф шудаанд, ки дар онҳо авзони шеъри тоҷикӣ, арӯз, қофия санъатҳои шеърӣ ва ғайра мавриди баҳс қарор гирифтаанд [10, с.3].

Муаммо низ яке аз санъатҳои бадеъ ба шумор рафта шоирону бузургони мо ба монанди Абдурраҳмони Ҷомӣ, Шарофуддин Адии Яздӣ, Мир Алишери Навоӣ ин санъатро хеле зиёд истифода бурдаанд.

Адабиётшиноси бузурги дигар Рашидаддини Ватвот дар китоби худ «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фи дақоиқ аш-шеър» маънои луғавии муамморо чунин шарҳ додааст:

«Ал-муаммо чунон бошад, ки шоир номи маъшуқ ё номи чизе дигар дар байт пӯшида биёрад, аммо ба тасҳиф, аммо бо қалб, аммо ба ҳисоб, аммо ба ташбеҳ, аммо ба ваҷҳе дигар ва он чунон бошад, ки аз табъи нек дур набошад ва аз татвилу алфози нохуш холӣ бувад. Ва санъат онро шояд, ки табъҳои наққод ва хотираҳои ваққодро ба истихроҷи он биёзмоянд…

Мисоли порсӣ дар номи «Малик»:

Дидам ду ҳафта моҳ зи дебо бар ӯ салаб,
Кардам дар ӯ нигоҳ, бимондам аз ӯ аҷаб.
Гуфтам: Чӣ номӣ?- эй ӯ бут! Гуфто: -Каримро
Бингар бошунаву аз ӯ номи ман талаб [12, с.3414].

Дигар, Булъалои Шуштарӣ дар номи Алӣ гӯянд:

Тирею камонею яке нақш нишона,
Бингору бипайванд ба суфор яке тир.
Номи бути, ман боз шиноси ба тамомӣ
Он бут, ки ба хубиш қарин нест ба Кашмир [12, с.113].

Муаллифи «Ал-муъҷам» Шамс Қайси Розӣ дар бораи шеъру шоирӣ ба таври возеҳ таваққуф намуда, дар бораи ин санъат чунин шарҳ додааст. «Муаммо он аст, исме ё маъниеро ба навъе аз ғавомиз (суханҳои пӯшида) ҳисоб ё ба чизе аз қалбу (вожгуну) тасҳифу ғайри он аз анвои таъмият (сарбастагӣ) онро пӯшида гардонанд, то ҷуз ба андешаи тамом ва фикри бисёр ба сари он нотавон расид ва ба ҳақиқати он иттилоъ (воқиф) нотавон ёфт.

Чуноне, ки дар номи Масъуд гуфтаанд:

Чун номаш бипурсидам аз ноз суд,
Ба доман чу бархост, барбат бисуд.
Ба тозӣ бибидонистам он рамзи ӯ,
Ки номаш зи барбат бисудан чӣ буд [10, с.343].

Дар фарҳанги Нафисӣ маънои луғавии муаммо чунин омадааст. «Аз тозӣ - каломе, ки далолат кунад бар исме ба тариқи чистон ва сухани мушкил ва душвор ғавомиз ва пӯшида омадааст» [4, с.3414].

Дар фарҳанги Амид муаллиф маънои луғавии муамморо чунин шарҳ додааст. « муаммо пӯшида, каломе, ки маъниву мафҳуми он пӯшида бошад, каломе, ки ба таври

рамзу имо бар матлабе далолат кунад ва дар истилоҳи илми бадеъ он аст ки матолибе ё исмеро ба қалбу тахфиф ва табдили калимот ё ба ҳисоби аъдоду ҷумла зикр кунанд, ки кас аз тафаккуру тааммуқ бисёр кашф шавад. Мисол ба исми Алӣ.

Чу номи ӯ гузарад бар савомеи малакут
Ба нақди мартаба ҳар як зи ҷой баланд шавад [4, с.3414].

калимаи« зи ҷо»-ро агар ба мартабаи баланд кунанд, «боло» бибаранд, яъне «зо»-ро, ки 7 аст, 70 «ҷим»-ро, ки 3 аст, 30 ва алифро ки 1 аст, 10 бикунанд, «айн» ва «лом» ва «ё» ба даст меояд»

Дар фарҳанги истилоҳи адабиётшиносӣ маънои луғавии муамморо муаллиф чунин шарҳ додааст. « Муаммо (ар.-пӯшида) –яке аз намудҳои луғз ва чистон дар назми классикӣ . Шоир дар чанд байт номи касеро ба рамз ва ишораҳои ниҳоят сарбаста зикр мекунад ва хонанда бо диққати том ва фаросати нозук пас аз муҳокимаҳои дақиқ он номро пайдо карда метавонад.

Муаммо дар назми классики тоҷик аз асри XIII сар карда маълум аст. Аммо вай аз асри XV ниҳоят авҷ гирифт ва бузургтарин шоирон низ ба ин намуди назм диққати калон медоданд. Оид ба муаммо чандин рисолаҳо таълиф шудааст, ки қоидаву тартиби навиштану шикофтани муамморо мекунанд. Муаммо дар асл тазоҳури шаклпарастӣ ва суханбозии хушку холие дар назм буд.

Муаммо бештар дар асоси ҳуруфи арабӣ ва тобишҳои маънавии калимаҳои арабӣ навишта мешуд. Масалан, байти зерин:

Мумсик ар рост бувад, халқ надорандаш дӯст,
В-ар сахӣ қалб бувад, тоҷи карам бар сари ӯст [5, с.3414].

Ба ғайр аз маънои аслӣ маънои муаммоӣ ҳам дорад, ки аз аҳли он номи Кайхусрав бармеояд

Чунонки шоир дар мисраи дувум ишора кардааст, агар мо калимаҳои «варсахӣ»-ро чаппа хонем «ихасрав» карда, бар сари он ҳарфи аввали калимаи «карам», яъне «к»-ро гузорем, «кихасрав» мешавад, ки онро дар навишти алифбои арабӣ «Кайхусрав» мехонанд. Дар гузашта оид ба муаммо асарҳои махсус ҳам навишта шудаанд, ки беҳтарини онҳо «Рисолаҳои муаммо»- и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва «Муфрадот»- и Алишери Навоӣ ва «Муаммоҳо»- и Шарофуддин Алии Яздӣ мебошанд.

Яке аз навъҳои шеъри форсу тоҷик, ки дар асри XV, хусусан дар доираи адабии Ҳирот басе ривоҷ ёфта буд, муаммо мебошад. Абдурраҳмони Ҷомӣ онро чунин таъриф мекунад:

«Муаммо - каломест мавзун, ки қасд карда шавад далолати он бар ҳарфе чанд муайян бо тартибе хос далолате бар сабили рамз ва ишорат, ки саломати фитрат бар сиҳҳати он ҳукм тавонад кард».

Маънои луғавии «муаммо» пӯшида ва кӯру нобино кардашуда ва макони пӯшида буда, дар истилоҳи адабиётшиносӣ каломест, ки ба воситаи рамзу имо, ишораю ташбеҳ, қалб, ҳисоби ҷумал ва ғайра номи одамон ва баъзан ашёи дигар пинҳон карда мешавад. Одатан, муаммо манзум ва аз як ё ду байт иборат мешавад. Вале аксари устодони ин фан, аз ҷумлаи онҳо Абдурраҳмони Ҷомӣ, қайд кардаанд, ки манзум будани муаммо аз мустаҳсанот аст, на шарт. Аз ин рӯ муаммо метавонад, ки дар шакли мансур гуфта шавад. Ҷомӣ дар рисолаи худ «Рисолаи сағир дар муаммо» ба исми Султон Ҳусайн муаммои мансур меорад. Аксаран муаммои манзуму мавзун дар шакли фард, камтар дар қолаби рубоӣ ва қитъаҳои дубайтӣ навишта шуда, гоҳе адади байтҳои муаммо метавонад, ки аз ду зиёд ҳам бошад. Ҷомӣ дар ибтидои рисолаи худ «Рисолаи сағир дар муаммо» ғазалеро меорад, ки аз 12 байт тартиб ёфта аз ҳар як байти он як рукни ном ва сифати подшоҳи замонаш ба тариқи «Шоҳ Абулғозӣ Султон Ҳусайн Баҳодурхон истихроҷ мегардад [5, с.149].

Дар асри XV миқдори муаммогӯён, муаммоҷӯён, муаммодӯстон ва муаммопарастон ниҳоят зиёд буда, касоне будаанд, ки ба ҷуз муаммо ба навъҳои дигари сухан таваҷҷуҳ намеварзидаанд. Маҳз дар ҳамин аср чандин рисолаю дастури муаммо ба майдон омада, Ҷомӣ дар ин мавзӯъ чаҳор рисола дорад. Қабл аз ӯ дар мавзӯи эрод, усул ва тарзи ёфтани он Бадеи Табрезӣ, ки шогирди Камоли Хуҷандӣ буд, асари худ «Ал-аҳё фӣ ҳалли муаммо» ва Шарафиддин Алии Яздӣ рисолаи «Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғз»-ро

навишта буданд. Рисолаҳои Камолиддин Муҳаммади Бадахшӣ «Зобитаи ҳалли муаммо», Мир Ҳусайни Муаммоӣ «Дастури муаммо», Алишери Навоӣ «Муфрадот», Шарифӣ «Афкор-уш-шариф», Атоуллоҳи Ҳусайнӣ «Ҷавоҳир-ул-асмо» дар ин фан машҳур буда, рисолаҳои Юсуфи Бадеӣ, Ҳақирӣ, Сайфии Бухороӣ, Мантиқӣ ва дигарон дар хусуси муаммо мақбули ҳамагон будаанд. Ҳамаи ин аз интишор ва шуҳрати муаммо дар асри мавриди баҳс гувоҳӣ медиҳанд. Вале жанри муаммо, таърихи пайдоишу инкишоф, заминаи иҷтимоӣ ва асоси фалсафии он дар Тоҷикистон ва берун аз он ба тарзи зарурӣ тадқиқ ва муайян нашудааст. Ба истиснои устод С. Айнӣ, ҳамаи касоне, ки доир ба муаммо сухан рондаанд, аз ду роҳи зерин якеро пеш гирифтаанд: 1) Қисме аз муҳаққиқон, мисли Э. Ершотир, С. Нафисӣ, Ян Рипка, интишори муаммо дар асри XV ва роҷеъ ба ин фан дар он замон таълиф гардидани чандин рисоларо ном баранд ҳам, моҳияти онро кушода намедиҳанд. 2) Баъзеи дигар (Е.Э. Бертельс, И.С. Брагинский, З. Сафо) ба муаммо билкул назари манфӣ доранд ва онро ба бозии беҳуда, кроссворд ва ребус монанд карда, муътақиди онанд, ки ин фан шуғли нописанди бемазмун аст.

Саволе ба миён меояд, ки агар муаммо дарвоқеъ, ҳам бозие беш набошад ва танҳо як шакли формалистию шаклпарастонаи назм бошад, пас чаро ин қадар шуҳрату интишор ёфт? Чаро Ҷомӣ ва Навоӣ ба гуфтану шикофтани он вақти зиёди хешро сарф намуда, роҷеъ ба он рисолаҳо навиштанд? Шояд он асоси иҷтимоӣ ва заминаи фалсафӣ дошта бошад? [5, с.149].

Устод С. Айнӣ дар монографияи худ «Алишер Навоӣ», ки соли 1948 нашр шудааст, боби IV онро ба мавзӯи баҳси ҳозир ихтисос дода, онро «Жанри муаммо» номидааст. Роҷеъ ба замони пайдоиши муаммо чунин менависад: «Дар замони Навоӣ яке аз жанрҳои навбаромади шеър муаммо буд. Жанри муаммо дар аввалҳои асри XV баромада бошад ҳам, аввалин касе, ки қоидаҳои ин жанрро ба як тартиб андохта, дар бораи вай китоб навишт, Шарафиддин Алии Яздӣ аст. Аммо Навоӣ ин жанрро ривоҷ дода, барои дар қатори шеърҳои оддӣ даромадани он сабаб шуд» [5, с.150].

Баъд устод маънои луғавию истилоҳӣ ва қоидаҳои умумии кушодани онро шарҳ дода, 6 муамморо ҳал менамояд. Албатта, сухани устод С. Айнӣ дар бораи замони пайдоиши муаммо ва нахустин назариётчии ин илм будани Шарафиддин Алӣ тавзеҳ металабад, зеро намунаҳои муамморо дар асрҳои XI-XVI зиёд метавон пайдо кард ва ҳатто дар осори боқимондаи устод Рӯдакӣ ишорае ба ин навъи шеър меравад. Муаммоҳои Анварӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ машҳур буда, дар асари адабиётшиносии Амир Хусрави Деҳлавӣ «Эъҷози Хусравӣ» фасли алоҳидае роҷеъ ба муаммо мушаххас гардонда шудааст. Пеш аз Шарафиддин Алии Яздӣ шогирди Камоли Хуҷандӣ Бадеи Табрезӣ дар ин хусус рисолаи муфассале навишта буд, ки зикри он дар боло гузашт. Вале хулосаи назариявии устод С. Айнӣ дар бораи муаммо тамоман ҳаққонӣ буда, ду ҷиҳати онро ӯ возеҳ баён мекунад: аввалан, гарчанде ки ин жанр ҳеҷ аҳаммияти иҷтимоӣ ва фоидае барои гӯянда ва ёбанда надошта бошад ҳам, «танҳо фикри гӯянда ва ёбандаро ба лафзбозӣ машқ кунонда, майнаи онҳоро дар ин кор пухта мекард» ва баъзан «дар вақтҳое, ки феодалон ҳокими мутлақ буданд ва ҳеҷ гуна қонунеро намешинохтанд, шоирҳои борикфикр ба муқобили онҳо ба воситаи тарзи ифодаи муаммоӣ хурӯҷ мекарданд. Устод барои тасдиқи фикраш мисолҳо меорад [5, с.150].

Дар исми Қавом:

Аз риё бошад дили зуҳҳод пур,
Ҷамъ кун он қавмрову сар бибур [5, с.150].

Калимаи «қавм»- ро ҷамъ бандед, «ақвом» мешавад, агар сари онро бибуред қавом боқӣ мемонад.

Зоҳид, ки ба зарқи худнамоист касе,
Бар соҳили баҳри ошноист хасе.
Ҷомӣ бирав аз паи Алӣ, бим мадор,
К-он беҳ зи амалҳои риёист басе [5, с.150].

Дар ин муаммо мисраи сеюм номи Алӣ сареҳан зикр шудааст, бинобар ин, ба шарҳи он ҳоҷат нест. Ду рубоии зерин бар замми муаммо буданашон таронаҳои хуби ишқӣ мебошанд:

Дар исми Латиф:

Дардо, ки баҳори айш дай хоҳад шуд,

В-аз дил тараби мутрибу май хоҳад шуд.
Нодида рухи ту сер, тумори амал,
Дар зулфи сарандози ту тай хоҳад шуд [5, с.150].

Калиди ин муаммо калимаи «зулф» аст, ки агар сари он андохта шавад лф мемонад ва агар ти дар даруни он ҷой шавад Латиф ҳосил мегардад.

Аз лаби худ ваъда фармо як сухан, эй офтоб,
Дар дили ман орзӯе дарфиган з-он лаъли ноб [5, с.152].

Мифтоҳи ин муаммо, ба қавли Е.Э. Бертельс таркиби «Орзуи лаъл» аст. Агар ҷойи нуқтаҳоро тағйир бидиҳед, «аз рӯйи лаъл» яъне ҳарфи аввали «лаъ»-«л» ҳосил мегардад, ки ин ҳарф дар ҳисоби абҷад «сӣ»-ро ифода мекунад. Ин ҳиҷоро ба дили «ман» бояд ҷо бикунем ва калимаи «ман» -ро божгуна баргардонем он гоҳ матлаб ба даст меояд: «Насим» Муаллифи «Фарҳанги Амид» кашфи муаммои зеринро, ки ба исми Алист, дар луғаташ дарҷ кардааст. Ки ҳалли он ба осонӣ ба даст намеояд.

Муаммо жанри махсуси адабиёт ва аз ин ҷиҳат, навъи махсуси санъати сухан аст. Абёти муаммоӣ, ки барои изҳори маҳорат ва устодӣ дар сухан ва чун маҳаки имтиҳони ҳиддати зеҳн, суръати хаёл ва вуқуфи ҳариф гуфта мешаванд, пеш аз ҳама, бояд зебо, ҳикматангез, бомаъно бошанд, маънои пурраи зоҳирӣ дошта бошад, аз ҷиҳати шеърият бенуқсон бошанд. Маънои зоҳирии муамморо наметавон маҳдуд пиндошт. Дар он мазмунҳои баланди ишқӣ, ақоиди барҷастаи фалсафӣ, афкори иҷтимоӣ, масоили ахлоқ, андешаҳои амиқи инсондӯстӣ, аз қабили накуҳиши зулм, тарғиби адолат, танқиди аҳли риё, талқини дониш ва амсоли ин дарҷ карда мешаванд [5, с.264].

Ҳама муаллифон қоидаи муамморо аз рӯйи сохтор аз сода ба мураккаб тақсимбандӣ мекарданд. Ва дар ҳама осор вобаста ба тақсимбандӣ таъбирот аз рӯйи қоидаи муаммо ва масалҳо барои он оварда мешаванд. Дар айни ҳол дар онҳо баъзе номувофиқатӣ низ дучор меоянд. Ин амалро дар ду осори Алии Яздӣ во мехӯрем. Таркиби аввалин китоби ба жанри муаммо бахшидаи Абдурраҳмони Ҷомӣ низ чунин аст. Инро нисбати асари дигари хеле маъмули ӯ «Рисолаи муаммои мутавассит» низ гуфтан мумкин аст. Ҳарчанд ки ин асар ба талаботи онвақта ҷавобгӯ буд, дар он усули хеле мураккаби ифодаи қоидаи муаммо истифода шудааст. Ин дар мисолҳои оварда зоҳир мешавад.

а) Иброҳим Султон беш аз бист сол давлати форсро ҳукмронӣ мекард. Дар ин давра шаҳри Шероз ҳамаҷониба инкишоф меёфт ва яке аз марказҳои илмӣ, адабӣ ва фарҳангии империяи бузург гардид. Аз қатори бузургони адабиёти форсу турк чун Ҳофизи Хоразмӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ бо сарпарастии Султон Иброҳим осори худро дигар адибони бузург низ офаридаанд. Ҳамчун ҳоким ва шахсияти эҷодӣ ӯ муттасил ҷамъомадҳои адабӣ ташкил мекард.

Алии Яздӣ шахси муқарраби аслофи турк ва ҳамеша ба онҳо буд. Аз ин рӯ, аз муносибати ҳоким бо адабиёт ва жанрҳои адабӣ хуб огоҳ буд, завқи зебоишиноси ва истеъдоди адабии ӯро хуб медонист. Яздӣ инчунин аз муносибати Иброҳим Султон ба жанри муаммо огоҳӣ дошт. Бо назардошти хоҳиши Ҳоким ӯ қарор дод рисолае доир ба жанри муаммо нависад. «Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғаз» мебошад. Барои офаридани «Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғаз» Алии Яздӣ, пеш аз ҳама, хусусият ва таърихи жанри муамморо дар осору таълифоти бисёре муаллифон, ки дар ин жанр таълиф карда буданд, омӯхт. Дар бисёр қисматҳои асар истилоҳе ҷой дорад, ки муаллиф барои офариниши он муддати шадиде тадқиқот бурдааст. Дар айни ҳол маълумоте ҳаст, ки сабаби пайдоиши ақидаи офариниши чунин асар афзоиши шавқу рағбат ба жанри муаммо дар ҷараёни адабии давр ва огоҳии муаллиф дар масъалаи муносибати ҳоким ба ин жанр будааст. Яздӣ медонист, ки бисёриҳо ба жанри муаммо рағбат доранд ва зарурати офаридани асареро дар жанри муаммо хуб дарк мекард. Иброҳим Султон бо лашкари Шоҳрух дар амали ҳарбии зидди Қара Юсуфи Туркман дар Озарбойҷон иштирок намуда бо ғалаба баргаштанд. Ин ҳодиса боиси такони офариниши ин асар ҳамчун туҳфа ба ҳоким гардид.

«Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғаз» аз дебоча, ду фасл, муқаддима, панҷ ҳулла (параграф) ва хулоса иборат аст.

Қоидаҳо оиди муаммо ва луғаз дар шакли ҳулла оварда шудаанд, аз ин рӯ, асар номи «Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғаз»-ро гирифтааст. Дар ибтидо пеш аз «Бисмиллоҳ» тавсифи Худованд-офаридгори ҳама мавҷудот ва наъти пайғамбар

Муҳаммад (с) омадааст. Дар фасли аввал сухан аз навишти ҳуруф ва имкони онҳо меравад. Дар фасли дувум он чӣ омадааст, ки дар муаммо баён гардид.

Ғайр аз мазмун дигар маъно низ дошта метавонад. Дар ҳуллаи аввал хусусияти муаммо ва луғаз тавсиф шуда, дар ҳуллаи дувум - ном ва махсусияти он аз роҳи ороиш, дар ҳуллаи савум - мақому моҳияти садо дар навиштани ҳарф, дар ҳулали чаҳорум шакли китоби ҳуруф, дар ҳулали панҷум - тавсифи қавоиди муаммо баён шудаанд. Дар хулосаи китоб мафҳумҳое омадаанд, ки бо қоидаи ҳисоби ин жанр иртибот доранд. Нависандаи муаммо бояд онҳоро донад. Ҳангоми таҳияи матни интиқодии «Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғаз» як дастхат тадқиқу баррасӣ шудааст, ки дар фонди дастхатҳои шарқшиносии Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон ва инчунин китобхонаи Сулаймонияи Истамбул маҳфузанд. Таҳти рақамҳои 8311 2987 ду нусха ва зери рақами 3373 1-нусха «Мунтахаби ҳулал» нигоҳ дошта мешавад. Дар китобхонаи Сулаймония дар фонди Кодизода зери рақами 831 нигоҳ дошта мешавад, дар фонди Асад Эфенди зери рақами 1760 ду нусхаи хаттии «Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғаз» маҳфузанд. Дар асар шеърҳо дар шакли маснавӣ, қитъа ва рубоӣ оварда шудаанд. 928 шеър дар шакли мисоли муаммо ва 485 дар маснавӣ, 274 қитъа, 164 рубоӣ омадааст. 4 шеър ҳамчун мисоли луғаз оварда шудааст. Қисми асосии хулосаҳои шеърӣ ва шеърҳое, ки дар ҳолатҳои алоҳида оварда шудаанд, ба қалами муаллиф мансубанд. Ҷойи таъкид аст, ки чунин ишораҳо на дар ҳама дастхатҳои мо омӯхта дучор меоянд. Дар «Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғаз» ғайр аз шеърҳои муаллифи шеър ашъори дигар муаллифон низ ҷой доранд, ки ба сифати хулосаи шеър ва мисоли муаммо ва луғаз пешниҳод шудаанд. Дар рафти тартиб додани матни илмӣ-танқидӣ кӯшиш ба харҷ додем, ки маълумоте дар бораи ин шоирон пайдо карда, ба осори онҳо ошно шавем, онҳоро ба шеърҳои овардаи Алии Яздӣ муқоиса ва тасҳеҳ намоем. Ҳангоми тартиб додани матни илмӣ-интиқодӣ ба сифати нусхаи аслӣ ба дастхати маҳфуз зери рақами 647/II, ки дар фонди дастхатҳои шарқшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон нигаҳдорӣ шудааст, назар кардем. Нисбати дигар сарчашмаҳо ин нусха қадимтару пурратар аст.

Яке аз рисолаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки мо онро дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дарёфт намудем, «Муаммои кабир» унвон дорад. Ин рисоларо Абдурраҳмони Ҷомӣ дар пайравии рисолаи Шарафиддин Алии Яздӣ навиштааст. Дар тадқиқоти адабиётшиносии халқҳои Шарқ оиди муаммо ҳамчун жанри мустақил, ҷараёни ташаккули ин жанр, васоите, ки омили ташаккули он шудаанд, хусусияти фарқкунанда ва имконоти ифодаи жанр маълумот ва хулосаҳои мухталиф ҷой дорад. Дар баъзе тадқиқот баёни фикр роҷеъ ба муаммо ҳамчун шакли шеърӣ, дар баъзеи дигар муаммо ба сифати жанри алоҳида, инчунин жанри омехта ва шакли шеърӣ ифода гардидааст. Дар рисола андеша ва хулосаи олимон дар ин самт гуфта шудаанд. Умуман, жанри муаммо дар натиҷаи кӯшиши шоирон, ки фикри худ ва идеяҳои адабию зебоишиносиро дар шакли махсуси рӯйпӯш, ҳамчун меъёри арзгузории қудрати эҷодии шоирон инъикос сохтаанд, ташаккул ёфтааст. Дар мақола муаммо ҳамчун жанри алоҳида, инчунин луғз низ жанри алоҳида ва ҷиҳати фарқкунандаи он аз дигар жанрҳо, аксаран дар асоси нишонаҳои алоҳидаи хосси танҳо жанрҳои лирикӣ тасдиқ мешаванд. Мувофиқи мушоҳидаҳо да адабиёти миллӣ ҳар жанр дар зинаҳои зер қарор дорад:

а) давраи омехта;

б) давраи ташаккул ба сифати жанри алоҳида;

в) давраи ташаккул;

г) давраи инкишоф;

д) давраи такомул.

Дар ҷараёни инкишоф жанри муаммо низ ин зинаҳоро гузашт. Дар давраи омехта нишонаҳои алоҳидаи муаммо дар жанри луғаз, таърих (хронограма) ва дар ҳайати дигар шаклҳои адабӣ вомехурд. Шеърҳое, ки дар давраи ташаккул навишта шудаанд, ҳарчанд ки муаммо ном доштанд, дар онҳо хусусиёти хосси давраи аввали ташаккули ин жанр бартарият доштанд. Муаммои давраи ташаккул бо ишораҳои содаю ошкоро фарқ мекунад. Давраи инкшофи муаммо ба асрҳои XII-XV рост меояд. Муаммои ин давра бо ҳама меъёрҳои баъдина мутобиқат дорад. Дар онҳо ин нишонаҳои тафаккури эҳсосии хосси навъҳои лирикӣ зуҳур мекунанд. Асрҳои XV - XVI давраи такомули жанри муаммо маҳсуб мешавад. То ин давра моҳияти жанри муаммо ошкор гардида, тафовути байни ин

жанр ва луғаз муайян гардид, ки ба ҳам аз баъзе ҷиҳат қаробат доранд. Баъд дар давраи такомули шеър дар жанри муаммо навигарие дучор меояд, ки меъёри муайяни маъмулро инкор наменамояд. Дар муаммо шеърҳои ба эҷоди даҳонии халқ гузашта низ вомехӯранд. Таълифоти роҷеъ ба жанри муамморо ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Ба қисми аввал асареро нисбат додан мумкин аст, ки ба жанри муаммо бахшида шудаанд. Ба қисми дуввум сарчашмаҳое,ки дар онҳо аз тарафи дигар жанрҳо ва шаклҳои шеърӣ маълумот дар бораи жанри муаммо ҷой дорад. Дар айни ҳол осори ба жанри муаммо бахшида аз якдигар бо он фарқ мекунад, ки ҳам дар шакли назм ва ҳам дар шакли наср навишта шуаанд. Дар базеи онҳо масоили назарӣ ошкор шуда, дар базеи дигар диққат ба ҷиҳати амалии муаммо равона шудааст. Ғайр аз ин дар баъзе талифот қоидаи муаммо дар баъзеи дигараш сухан аз якчанд ё қоидаи алоҳидаи муаммо, ё ишораи дар жанри муаммо меравад. Асари «Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғаз» Шарофуддин Алии Яздӣ аввалин дастури таълимиест, ки ба забони форсӣ, ба жанри муаммо бахшида шудааст. Баъди он асари Яздӣ «мунтахаби ҳулал» навишта шуааст. Баъд дар Хуросону Мовароуннаҳр доир ба ин жанр як ё якчанд асари Абурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Сайфи Бухороӣ, Юсуфи Бадеӣ, Ҳусайни Нишопурӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Марғинонӣ, Шарифи Мунаҷҷим, Қосими Коҳӣ, Шиҳобудини Муаммоӣ, Ниёзии Бухорӣ, Мавлоно Бадахшӣ, Мавлоно Ҷунунӣ, Мавлоно Кавкабӣ офарида шуд, ки то андозае ба асоснокии назарӣ ва инкишофи жанр таъсир расонидаанд. Баъди «Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғаз», «Мунтахаби ҳулал»-и Алии Яздӣ асари дигарест, ки ба забони форсӣ то мо расидааст. Дар он диққати асосӣ ба хусусият оид ба қоидаҳои муаммо дода шудааст. Дар асари Мир Ҳусайни Нишопурӣ баъди баёни ҳамду наът ва сабаб барои навиштани асар тавсифи муаммо оварда мешавад.

Дар асари Мир Ҳайдар баъди ҳамду наът тавсифи мухтасари жанри муаммо дода шудааст. Мир Ҳайдар аз пушти Нишопурӣ нарафт, яъне муамморо тақсим ба гурӯҳҳо накард. Ва баъди тавсифи мухтасари муаммо якбора мисоли муамморо меовард, ки ба номҳои гуногун навишта шуда, калиди ҳаллӣ онҳоро медод. Ҳамчунин нишон дод, ки хонанда ба чӣ бояд эътибор диҳад.

Зиёи Табрезӣ асри XIV асари «Ҳалули-муаммо»-ро офарид. Дар рафти баёни муаммо ӯ асари Мир Ҳусайнӣ Нишопурӣ Мир Ҳайдарро истифода намуда, мухтасари ҳар гурӯҳи муамморо тавсиф карда, мисол меовард. Баъд мефаҳмонад, ки ҳангоми ном баровардан ба чӣ бояд этибор дод. Бо ҳамин асари ӯ аз осори аслоф фарқ мекард. Ва барои онҳое, ки ба жанри муаммо шавқ доштанд дастури таълимӣ буд. Осори Шаҳобиддин Муаммоӣ низ, ки дар асри XV эҷод шудааст, аз ҳам фарқ мекарданд. Се асари ӯ маълуманд, ки ба ин жанр бахшида шудаанд, яке аз он дар шакли назм ва дигаре дар шакли наср навишта шудаанд. Дар асари аввал Мавлоно Шаҳобиддин баъди ҳамду наът ва муқаддима тавсифи қоидаи муамморо меорад.

Асари дувуми Мавлоно Шаҳобудин ба Комрони Мирзо бахшида шуда буд, ки вобаста ба ин дар шеърҳои оварда танҳо номи ӯ дарҷ мешавад. Дар асар қоидаи муаммо хело содда аст, бо таҳлили ҷузъиёт ифода шудааст.

Ҳангоми омӯзиши дастхатҳо, ки ашъори муамморо дар бар мегирифт, мо як маҷмӯаи ашъореро дидем, ки дар ин жанр ба форсӣ - тоҷикӣ навишта шудааст. Маҷмӯаи ашъори муаммо айни замон таҳти инвентаризатсияи рақамҳои дар боло қайдшуда дар фонди захираҳои дастхатҳои ба номи Абдулғанӣ Мирзоев, АМИТ маҳфуз аст.

Дар натиҷаи таҳлилҳо мо чунин хулосабарорӣ намудем: шубҳае нест, ки дар Тоҷикистон асрҳои миёна пас аз Мовароуннаҳр ва Хуросон гурӯҳи шоирон пайдо шуданд, ки жанри луғаз ва муамморо комилан аз худ кардаанд. Шоирони форс, ба монанди ҳамтоёни шарқии худ, бо ду забон муаммо навиштаанд, ки баъдан ба маҷмӯаҳо ё девонҳои гуногун илова карда шуданд. Дар ашъори Муаммо, ки аз ҷониби эҷодкорони форс-тоҷик навишта шудааст, маънои шоирона ва вижагиҳои жанри муаммо ҷой дорад, яъне муаллифон ба ҷанбаҳои шоиронаи жанр таваҷҷӯҳи хоса зоҳир накардаанд.

Муқарриз: ***Низомӣ М.З.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор.

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. Осор: дар зери таҳрири А. Мирзоев. – Сталинобод, 1958. –154 с.
2. Алиакбар Деҳхудо. Луғатнома. - Теҳрон, 1324. - Ҷ. 4. - 2999 с.
3. Алӣ бинни Муҳаммад. Дақиқ-уш-шеър. – Теҳрон, 1341.
4. Амирқули Аминӣ. Фарҳанги авом / Аминӣ, Амирқул. – Теҳрон. -. 511 с.
5. Афсаҳзод, А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри XV / А.Афсаҳзод. - Душанбе: Дониш, 1987. - 264 с.
6. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. - Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.

7. Брагинский И.С. Из истории таджикской народной поэзии / И.С. Брагинский. - Москва, 1965. - С.112-113.
8. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе, 1992. - 301 с.
9. Ҳодизода, Р. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р. Ҳодизода. – 1966. – 187 с.
10. Қайси Розӣ Шамс. Ал-муъҷам / Шамс Қайси Розӣ. – Теҳрон, 1991. - 464 с.
11. Умари Родуёнӣ. Тарҷумон-ул-балоға / Родуёнӣ, Умар. - Истамбул, 1949. – С.15.
12. Шарифов Х. Мунтахаби «Тарҷумон-ул-балоға» ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» / Х.Шарифов. - Душанбе: Дониш 1987. – 144 с.
13. Шарифов Х. Балоғат ва суханварӣ / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. - 278 с.
14. Шарифов, Х. «Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ / Х. Шарифов. – Душанбе, 2014.

САНЪАТИ МУАММО ВА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ОН

Халқе, ки адабиёти бою ғанӣ дорад, афкори адабию эстетикии он низ хеле ривоҷу равнақ меёбад. Дар таърихи инкишофи зиёда аз ҳазорсолаи адабиётшиносии тоҷик чандин асарҳо таълиф шудаанд, ки дар онҳо авзони шеъри тоҷикӣ, арӯз, қофия санъатҳои шеърӣ ва ғайра мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Муаммо низ яке аз санъатҳои бадеъ ба шумор рафта, шоирону бузургони мо ба монанди, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Шарафиддин Алии Яздӣ, Мир Алишери Навоӣ ин санъатро хеле зиёд истифода бурдаанд. Ҳангоми омӯзиши дастхатҳо, ки ашъори муамморо дар бар мегирифт, мо як маҷмӯаи ашъореро дидем, ки дар ин жанр ба форсӣ - тоҷикӣ навишта шудааст. Маҷмӯаи ашъори муаммо айни замон таҳти инвентаризатсияи рақамҳои дар боло қайдшуда дар фонди захираҳои дастхатҳои ба номи Абдулғанӣ Мирзоеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳфуз аст. Дар натиҷаи таҳлилҳо мо чунин хулосабарорӣ намудем: шубҳае нест, ки дар Тоҷикистон асрҳои миёна пас аз Мавароуннаҳр ва Хуросон гурӯҳи шоирон пайдо шуданд, ки жанри луғаз ва муамморо комилан аз худ кардаанд. Шоирони форс, ба монанди ҳамтоёни шарқии худ, бо ду забон муаммо навиштаанд, ки баъдан ба маҷмӯаҳо ё девонҳои гуногун илова карда шуданд. Дар ашъори Муаммо, ки аз ҷониби эҷодкорони форс-тоҷик навишта шудааст, маънои шоирона ва вижагиҳои жанри муаммо ҷой дорад, яъне муаллифон ба ҷанбаҳои шоиронаи жанр таваҷҷӯҳи хоса зоҳир накардаанд.

Калидвожаҳо: муаммо, санъат, жанр, адабиётшиносӣ, саноати бадеӣ, таърих, пайдоиш.

ИСКУССТВО НЕОБЪЯСНИМОГО И ИСТОРИЯ ЕГО ПОЯВЛЕНИЯ И ЕГО ПОЯВЛЕНИЕ

Народ, который имеет богатую литературу его эстетические мыли также очень обнадеживают. С развитием истории более тысячелетие шло знакомство с таджикской литературой, которые вышли много веков назад и в них таджикская поэзия аруз, рифма искусства стиха и много другое находились на обсуждение. Шарада или же загадка в поэзии тоже один из видов поэзии, которые наши великие поэты как Абдурахмони Джоми, Шарафиддин Алии Язди, Мир Алишер Навои очень часто этот вид поэзии использовали в своих стихах. Изучая рукописи, в которые вошли стихотворения-загадки, мы увидели сборник стихов, написанных в этом жанре на персидско-таджикском языке. Сборник стихов в настоящее время находится на инвентаризации вышеназванных деятелей в рукописном фонде Абдулгани Мирзоева в Национальной академии наук Таджикистана. В результате анализа мы пришли к выводу, что не подлежит сомнению, что в средние века в Таджикистане, после Мавераннахра и Хорасан, появилась группа поэтов, полностью овладевших жанром шарады и необъяснимого. Персидские поэты, как и их восточные коллеги, писали загадки на двух языках, которые впоследствии были добавлены в различные сборники или диваны. В поэзии Муаммо, написанные персидско-таджикскими писателями, имеют место поэтический смысл и черты жанра муаммо, т.е. авторы не уделяли особого внимания поэтическим аспектам жанра.

Ключевые слова: шарад (загадка), искусства, жанр, литературоведение, изобразительное искусства, история, появление (рождение).

THE ART OF THE UNEXPLANATED AND THE HISTORY OF ITS APPEARANCE AND ITS APPEARANCE

The people whose literature is rich in stature its literary and aesthetic thoughts are also improved. At millennium history of development of Tajik literature studies are discussed about rhythm of Tajik poem, prosody, rhyme and art of poem. Riddle also is a kind of literary art which our poets and greats such as Abdurahman Jomi, Sharofiddin Adii Yazdi. Mir AlisheriNavoihave been extensively used this kind of art. Studying the manuscripts, which included riddle poems, we saw a collection of poems written in this genre in the Persian-Tajik language. The collection of poems is currently on the inventory of the above figures in the manuscript fund of Abdulgani Mirzoev at the National Academy of Sciences of Tajikistan. As a result of the analysis, we came to the conclusion that there is no doubt that in the Middle Ages in Tajikistan, after Maverannahr and Khorasan, a group of poets appeared who completely mastered the genre of charade and the inexplicable. Persian poets, like their Eastern counterparts, wrote riddles in two languages, which were subsequently added to various collections or sofas. In the poetry of Muammo, written by Persian-Tajik writers, there is a poetic meaning and features of the muammo genre, i.e. the authors did not pay much attention to the poetic aspects of the genre.

Key words: Riddle, art, genre, literature studies, literature art, history, origin.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмадуллоева Насиба*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 985-49-22-34**

Сведение об авторе: ***Махмадуллоева Насиба*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 985-49-22-34**

Information about the author: ***Mahmadulloeva Nasiba*** - Tajik National University, postgraduate student of the Department of History of Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 985-49-22-34**

УДК: 891.550

МАВҚЕИ РАДИФ ДАР ОСОРИ ҒИНОИИ АДИБ СОБИРИ ТИРМИЗӢ

Мерганзода М.Б.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Радиф аз вижагиҳои шеъри форсӣ-тоҷикӣ ба шумор рафта, дар баробари қофия барои оҳангнокии шеър хизмат намуда, дар хотирмону мазмуннокии шеър воситаи муҳим мебошад. Донишмандон Рашиди Ватвот, Насируддини Тусӣ, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Худоӣ Шарифов, Урватулло Тоиров, Р. Мусулмониён ва Атомуҳаммади Родманиш роҷеъ ба он аксаран андешаҳои арзишманд баён намудаанд. Истилоҳи **радиф** дар "**Фарҳанги забони тоҷикӣ**" чунин шарҳ дода шудааст: "калима ё иборае, ки дар шеър дар охири мисраъҳо баъд аз қофия такрор мешавад ва ҳиссаи дигари ҷудонашавандаи он мебошад" [22, с.115. Р. Мусулмониён вазифаҳои асосии радифро чунин зикр кардааст: "Вазифаи асосии радиф он аст, ки бори ғоявӣ мекашад, яъне гӯянда матлаби марказии худро дар радиф мегузорад. Хидмати дигари радиф дар ягонагиву яклухтии шеър мебошад, зеро радиф ҳамроҳи қофия тамоми мисраъ ва байту бандҳоро бо ҳамдигар узван мепайвандад" [15, с.255].

Доир ба пайдоиши радиф дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ адабиётшиносони классику муосир дар рисолаҳояшон андешаҳои арзишманд баён намудаанд. Рашиди Ватвот аз аввалин адабиётшиносоне мебошад, ки дар "**Ҳадоиқ-ус-сеҳр фи дақоиқ-уш-шеър**" роҷеъ ба **радиф** ва ё **мураддафро** таъкид намудааст: "...радиф калимае бошад ё бештар, ки баъд аз ҳуруфи равӣ ояд дар шеъри порсӣ ва ин **шеърро аҳли санъат мураддаф** хонанд ва **арабро радиф нест**..." [10, с.699]. Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар мавриди радиф ва зуҳури он дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ менависад: "То давраи рушд ва такомули шеъри дарӣ радиф ҳамвора ҷузъи ошкоро ва боризи шеъри форсӣ будааст ва дар адабиёти исломӣ ва дар шеъри забонҳои арабӣ ва туркӣ ва дар даврaҳои мутааххири урду ва забонҳои дигаре, ки аз лаҳҷаҳои дарӣ ҳастанд радиф ба таъсир аз шеъри форсӣ ворид шудааст" [12, с.170-171]. Ин андешаро адабиётшиносони дигар низ зикр кардаанд. Аз ҷумла, М. Низомов сабаби пайдоши радифро дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ чунин баён мекунад: "Як хусусияти шеъри форсу тоҷик ин аст, ки қариб дар ҳар ҷумла феъли робит (буд, шуд, кард) ё бандаки хабарӣ (аст) мавҷуд аст ва инчунин аз рӯйи тартиби калима дар ҷумла феъл ҳамеша дар охир меояд. Яке аз сабабҳои асосии пайдоиши радиф дар шеъри форсӣ низ ҳамин аст. Илова бар ин, ниёзмандии бештаре ба мусиқии қофия ва тавсеаи тасвирҳою маонӣ истифодаи радифро ривоҷ мебахшиданд" [17, с.111].

Бояд таъкид кард, ки аксари адабиётшиносон радифро хосси шеъри форсӣ-тоҷикӣ номидаанд ва аз адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба шеъри араб гузаштанашро ишора намудаанд [10, 699; 12, 170-171; 17, 122]. Гузашта аз ин, аксари бадеъшиносон радифро на лузуми шеър, балки як навъи санъат номидаанд [10, с.699; 17, с.122; 15, с.255; 26, с.306; 11, с.140].

Дар мақола масъалаи радиф дар осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, теъдоди ашъори мураддафи шоир ва қасоиди мураддаф ва ғайримураддафи бузургтарин шуарои асрҳои XI ва XII муайян карда шудаанд.

Гузашта аз ин, дар девони шоирони асри ғазнавӣ ва салҷуқӣ қасидаҳое дучор меоянд, ки баҳри имтиҳон ва ҳунари шоирӣ эҷод шудаанд ва радифҳои якхела доранд. Ин гуна радифҳои якхеларо бештар дар қасидаҳои Амир Муиззӣ "**абру офтоб**", "**оташу об**" [16, с.70-72], Масъуди Саъди Салмон "**оташу об**" [14, с.23-31], Абулфараҷи Рунӣ "**оташу об**" [18, с.15-19], Саноии Ғазнавӣ "**оташу об**" [19, с.62-66], Анварии Абевардӣ "**офтоб**", "**моҳу офтоб**" [5, с.21-23], Адиб Собири Тирмизӣ "**офтоб**", "**оташ**" [1, с.21-22; 139-141], Рашиди Ватвот "**моҳу офтоб**", "**об**", "**оташу об**" [10, с.59-64] дучор мешавем.

Албатта, ин қабил қасидаҳоро шоирони тавоно ва боистеъдод эҷод мекарданд, ки Адиб Собир дар баробари ҳамасронаш чунин маҳоратро соҳиб будааст. Чунонки ишора шуд, дар девони шоир қасидае бо радифи "**оташ**" дучор меояд:

Чу дида дид бад-он рӯйи обдор **оташ**,
Давид бар сарам аз ишқи он нигор **оташ**.
Агар иттифоқ набошад миёни оташу об,
Чӣ гуна гашт бар он орази обдор **оташ**.
Зи ишқи орази ӯ ғамгусорам оташ шуд,

Кӣ дидаст ба ғамгашта ғамгусор **оташ**...
Ба шеъри оташи ман фахр бошад оташро,
Агарчи роҳ надорад ба фахру ор **оташ.**
Агар на об фусурдасту бод сард шуда,
Бад-ин қасида наёяд маро ба кор **оташ**.... [1, с.139-141].

Дар девони Рашиди Ватвот низ қасидаҳое мавҷуданд, ки радифҳои "**моҳу офтоб**", "**об**", "**оташу об**" доранд. Муҳаммад Авфии Бухорӣ дар "Лубоб-ул-албоб" зимни шарҳи ҳол ва осори Рашиди Ватвот чунин менависад: "....ин қасида, ки бо имтиҳон гуфтааст ва бо табъи чу об ҷавоби шеъри Адиб Собир пардохтааст ва **радифи оташ** сохта, хок дар чашм, ҷумлаи бод паймоён мезанад" [9, с.79]. Пас, аз ин андешаи тазкиранавис маълум мегардад, ки Рашиди Ватвот қасидаи "**оташ**"-и худро дар пайравии қасидаи "**оташ**"-и Адиб Собир иншо намудааст. Чанд байт аз қасидаи Рашиди Ватвот:

Зиҳӣ фурӯхта ҳусни ту дар ҷаҳон **оташ,**
Зада маро ғами ту дар миёни ҷон **оташ.**
Агар барорам аз андуҳи ишқи ту нафасе,
Бигирад аз нафаси ман ҳама ҷаҳон **оташ.**
Намонд аз оташи дил оби чашму тарсам аз он-к
Ба ҷойи об зи чашмам шавад равон **оташ...** [9, с.79].

Қасидаи мазкури Адиб Собир дар вазни муҷтасси мусаммани махбуни аслам эҷод гардида, қофияи он аз ҷузъи "ор" таркиб ёфтааст. Қасидаи Рашиди Ватвот низ дар вазни қасидаи Адиб Собир иншо шудааст, аммо қофияи он аз қисмати "он" иборат мебошад.

Адиб Собир қасидаи дигаре бо радифи **"офтоб"** дорад, ки он намунаи барҷастаи қасидаи мураддафи шоир маҳсуб меёбад. Масалан:

Сарви симинию ёри сарви симин **офтоб**,
Ҷуфти лола моҳ дориву ҷуфти насрин **офтоб**.
Офтобу моҳ ҷуфти лолаву насрин кӣ дид?
Ё касе дидаст ёри сарви симин **офтоб**.
Хуштар аз умрӣ ба рух, ширинтар аз ҷонӣ ба лаб:
Ин-т хушдидор моҳу он-т ширин **офтоб**... [1, с.21-22].

Ин қасидаҳои Адиб Собир хеле моҳирона ва устодона иншо шуда, як хусусияташон он аст, ки танҳо бо радифи исмӣ эҷод гардидаанд.

Таҳқиқи қасоиди Адиб Собири Тирмизӣ нишон дод, ки аз 126 қасида 37–тоаш дорои радиф буда, 89-тои дигараш бидуни радиф эҷод шудаанд. Радифҳое, ки шоир дар қасоидаш истифода намудааст, аслан ба ҳиссаҳои нутқи зерин тааллуқ доранд:

1.Исм: офтоб (1 қасида), **рӯзгор** (1 қасида), **оташ** (1 қасида);

2.Фаъл ва таркиботи он: аст (6 қасида), **астӣ** (1 қасида), **омадаст** (1 қасида), **ёфт** (1 қасида), **мекунад** (1 қасида), **карданд** (2 қасида), **бошад** (1 қасида), **бошаде** (1 қасида), **шавад** (1 қасида), **офарид** (1 қасида), **омаданд** (1 қасида), **кай бошад** (1 қасида), **шуданд** (1 қасида), **кун** (1 қасида), **карда** (1 қасида), **шуда** (1 қасида), **омада** (1 қасида), **шавад ҳаме** (1 қасида), **ояд ҳаме** (1 қасида), **кунад ҳаме** (2 қасида), **ман аст** (1 қасида);

3. Ҷонишин: дигар (1 қасида), **хеш** (2 қасида), **ту** (1 қасида), **ӯ** (1 қасида);

4. **Пешоянд: андар** (1 қасида).

Ҳамон тавре ки маълум шуд, Адиб Собир аксари қасидаҳояшро бе радиф эҷод намуда, радифро дар қасида кам ба кор бурдааст. Дар байни қасоиди шоир якчанд қасидае мавҷуд аст, ки бо радифи **шавад ҳаме, ояд ҳаме, кунад ҳаме** эҷод шудаанд, ки ин далели пайравӣ ба қасидаи "**Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме**"-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад. Аз ин се қасида танҳо қасидаи бо радифи "**ояд ҳаме**" ба вазни қасидаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мувофиқат мекунад, ки Адиб Собир аз он истиқбол намуда, онро бо ҳунару маҳорати баланд эҷод кардааст. Чунончи:

Рӯзгори навбаҳор **ояд ҳаме,**
Ғамкашонро ғамгусор **ояд ҳаме.**
Вақти шодиву тараб **ояд ҳаме,**
Навбати бӯсу канор **ояд ҳаме.**
Боғ пургул гашту ҳар соат зи абр,
Бар сари гулҳо нисор **ояд ҳаме** [1, с.251].

Ё ин ки дар қасидаи дигар радифи “**ман аст**”-ро истифода менамояд, ки дар якҷоягӣ бо қофия оҳангнокии қасидаро ҷоннок намудааст. Масалан:

Туӣ, ки меҳри ту дар меҳргон баҳори **ман аст,**
Ки чеҳраи ту гулистону лолазори **ман аст**.
Маро зи кам шудани сабза бас асар накунад,
Ки хатти сабзи ту аз сабза ёдгори **ман аст.**
Баҳору сарву гулу савсан, эй баҳори бутон.
Чу дар канори манӣ, ҷумла дар канори **ман аст**.
Миёни ҷони ману ғам намонд ҳеҷ сабаб,
Бад-он сабаб, ки ҷамоли ту ғамгусори **ман аст.**.. [1, с.56-57].

Дар намунаҳои мазкур радифҳои феълӣ (феъл ва таркиботи он) истифода шудаанд ва аз 36 қасидаи мураддафи шоир 27 қасида радифи феълӣ дорад.

Радифҳои исмӣ дар қасидаҳои Адиб Собир нисбатан кам дучор оянд ҳам, таҳқиқот нишон медиҳад, ки радиф аслан хосси феъл ва таркиботи он мебошад. Аммо дар якчанд қасидаи шоир радифҳои исмӣ, аз ҷумла **“офтоб”, “оташ”, “рӯзгор”** –ро низ вомехӯрем:

Эй руху зулфайни ту дар фитна доми **рӯзгор**,
Кардаам дар ишқи ту дилро ба коми **рӯзгор.**
Рӯзгор аз рӯзу шаб бошад, руху зулфайни ту
Рӯзгори дигаранд, эй ман ғуломи **рӯзгор**.
Лоҷарам чун рӯзгор аз ҷавр н-осоӣ ҳаме,
Оре, андар ҷавр маъруф аст номи **рӯзгор**... [1, с.127].

Адабиётшиноси эронӣ Атомуҳаммади Родманиш дар мақолааш “**Радиф ва танаввуъ тафаннуни он дар ғазалҳои Саноӣ**” чунин андеша кардааст: “Саноӣ дар миёни ҳамаи шоирони сабки хуросонӣ ба ҷуз Адиб Собири Тирмизӣ болотарин дарсади радифро дар ғазал дорад ва бештарин навовариву тафаннунро дар ҳамин қолаби шеърӣ ба кор бурдааст...” [8, с.106].

Аз таҳқиқоти муҳаққиқ маълум шуд, ки Адиб Собир аз миёни шоирони сабки хуросонӣ радифро дар ғазалиёташ бештар истифода намудааст. Таҳқиқи ғазалиёти шоир нишон дод, ки ӯ аз 65 ғазал 44-тоашро бо радиф эҷод намуда, танҳо 21 ғазалашро бидуни радиф эҷод кардааст. Радифҳои истифодашуда дар ғазалиёти шоир аз ҳиссаҳои нутқи зерин иборатанд:

1.Исм: гул (1 ғазал);

2.Феъл ва таркиботи он: хуш аст (1 ғазал), **гирифт** (2 ғазал), **гашт** (1 ғазал), **аст** (1 ғазал), **задаст** (1 ғазал), **омадаст** (1 ғазал), **баросуд** (1 ғазал), **овард** (1 ғазал), **дорад** (2 ғазал), **хӯранд** (1 ғазал), **месозад** (1 ғазал), **кунад** (1 ғазал), **шуд** (1 ғазал), **бубинад** (1 ғазал), **мабод** (1 ғазал), **ту кунад** (1 ғазал), **намегардад** (1 ғазал), **бар** (1 ғазал), **дорам** (1 ғазал), **кун** (1 ғазал), **макун** (1 ғазал), **зада** (1 ғазал), **фикандаӣ** (1 ғазал), **нестӣ** (1 ғазал), **бошӣ** (1 ғазал), **дил астӣ** (1 ғазал), **хуш астӣ** (1 ғазал), **набошад** (1 ғазал);

3.Сифат: хуштар (1 ғазал);

4.Ҷонишин: ту (1 ғазал);

5.Зарф: имрӯз (1 ғазал);

6.Пешоянд: ҳаме (1 ғазал);

7.Таркиб (ҳиссаҳои мустақил ва ёвари нутқ): аз ишқат (1 ғазал), **аз ту** (1 ғазал), **эй бемаънӣ** (1 ғазал);

8.Ибора: боди субҳдам (1 ғазал), **эй боди субҳдам** (1 ғазал).

Шоир қофия ва радифҳоро дар ғазалиёташ вобаста ба мавзуъ ва муҳтаво ҳадафмандона истифода намудааст, ки инро дар ғазали зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

Ҷоно, сухани ту завқи **ҷон дорад**,
Ширинии он лабу **даҳон дорад**.
Ҳар к-ӯ даҳане пур аз шакар хоҳад,
Номи ту ҳамеша бар **забон дорад**.
Ошиқ чӣ кушӣ? Магар намедонӣ,
К-он мансаби ҳуснро **замон дорад.**
Дар чашмаи чашми ман ту пиндорӣ,
Ишқи ту ҳазор баҳру **кон дорад** [1, с.314].

Адиб Собир дар ғазалиёташ аз радифҳое истифода намудааст, ки аз ду ва се калима (ибора) иборат мебошанд. Масалан:

Пайки ду зулфи дилбарӣ, **эй боди субҳдам,**
З-он бо насими анбарӣ, **эй боди субҳдам**.
Бар мушки тобдодаи дилбар гузаштаӣ,
З-он дилрабою дилбарӣ, **эй боди субҳдам**.
Бар ҳалқаи муаттари мушкин гузаштаӣ,
Чун мушк аз он муаттарӣ, **эй боди субҳдам**... [1, с.321].

Шоир 68% ғазалиёташро бо радиф эҷод кардааст, ки нисбат ба қасоидаш зиёд мебошад ва ӯ ба корбурди радиф дар ғазал майли бештар доштааст.

Аксари таркиббандҳои Адиб Собир мураддаф буда, онҳо аз **радифҳои *феълӣ*: аст, ҳамекунад, кунад ҳаме, гирифт, макун, мекунӣ, кардаӣ, ҳамешавад, нест, ҳаст, омадаст, дигар аст, нестӣ, машав, кардаӣ, шуд, кунад, бод, зада, доштан, манам, ояд ҳаме, кардан сазад, диҳад, кунад маро, кард офтоб, занад, бошаде, будаам, ниҳодаам, ёфт ва *исмӣ*: гул, андалеб, боғ, ишқ, ҷаҳон, аҳли байт, бар фалак, рӯзгор, монанди ту, ишқи ту, дил, ҷон** иборат мебошанд. Чунончи:

Ҷону дилеву номи ту ҷонон **ниҳодаам,**
Ин доғ бин, ки бар дилу бар ҷон **ниҳодаам...** [1, с.306].

Кеҳтарашро дар замона меҳтарӣ **кардан сазад,**
Осмонро пеши қадраш чокарӣ **кардан сазад...** [1, с.300].

Гар фош кард рози маро сози **андалеб,**
Гул низ фош кард ҳама рози **андалеб...** [1, с.278].

Эй қиблаи саодату иқболи **аҳли байт,**
Маймун шуда ба давлати ту фоли **аҳли байт...** [1, с.287].

То боду хоку оташу об аст дар **ҷаҳон,**
То офтобу моҳ битобад бар **ҷаҳон...** [1, с.284].

Адиб Собир дар байтҳои таркиббандҳои фавқ гоҳе як калима ва гоҳе чандин калима ё ибораро чун радифи як таркиббанд истифода намудааст, ки дар якҷоягӣ бо қофия оҳанги марғубу дилнишин садо медиҳад.

Албатта, таҳқиқи пурраи жанрҳои ғиноии осори Адиб Собири Тирмизӣ ин ҷо имкон надорад ва овардани мисолҳо аз жанрҳои адабӣ ҳудуди таҳқиқотро аз андоза берун мебарад. Аз ин лиҳоз, мо дар ҷадвалҳои 1 ва 2 аз рӯйи жанрҳои лирикӣ: қасида, ғазал, қитъа ва рубоӣ, таркиббанд теъдоди осори мураддаф ва ғайримураддафи шоирро муайян намудем: **Ҷадвали 1.**

	Номгӯйи жанрҳо	**Миқдор**	**Миқдори осори мураддаф**	**Миқдори осори ғайримураддаф**	**Дарсад (мураддаф)**	**Дарсад (ғайримураддаф)**
	Қасидаҳо	**126**	**37**	**89**	**29,3%**	**70,6%**
	Ғазалиёт	**65**	**44**	**21**	**67,6%**	**32,3%**
	Қитъаҳо	**155**	**69**	**86**	**44,5%**	**55,4%**
	Рубоиёт	**88**	**35**	**53**	**40,0%**	**61,9%**
	Дар маҷмуъ:	**434**	**185**	**249**	**43,0%**	**57,0%**

Ҷадвали 2.

	Номгӯйи жанрҳо		Миқдор	Миқдори бандҳо	Миқдори бандҳои мураддаф	Миқдори бандҳои ғайримураддаф	Дарсад (мураддаф)	Дарсад (ғайримураддаф)
	Таркиббандҳо		1	15	13	2	86,6%	13,3%
			2	14	12	2	85,7%	14,2%
			3	6	6	-	100%	-
			4	10	8	2	80%	20%
			5	7	7	-	100%	-
			6	7	5	2	71,4%	28,5%
			7	18	14	4	77,7%	22,2%
	Дар маҷмуъ:		7	77	65	12	84,4%	15,5%

Ҳамин тавр, шоир 43% қасида, ғазал, қитъа ва рубоиёташро мураддаф ва 57% жанрҳои мазкурро ғайримураддаф эҷод намудааст. Аммо таркиббандҳояшро аксаран мураддаф эҷод намудааст, ки 84,4% -и он мураддаф буда, 15,5%-и он ғайримураддаф мебошанд.

Бо вуҷуди ин, мо барои муайян ва дақиқ намудани истифодаи радиф дар қасоиди Адиб Собир ва мавқеи шоир дар байни бузургтарин шуарои асри ғазнавӣ ва салҷуқӣ ҷадвали зеринро низ замима менамоем:

№	Номгӯйи шоирон	Теъдоди қасида	Миқдори осори мураддаф	Миқдори осори ғайримураддаф	Дарсад (мураддаф)	Дарсад (ғайримураддаф)
1.	Фаррухии Систонӣ	214	7	207	3,2%	96,7%
2.	Ҳаким Унсурӣ	70	9	61	12,9%	87,1%
3.	Манучеҳрии Домғонӣ	89	17	72	19,1%	80,9%
4.	Амир Муиззӣ	462	112	350	24,3%	75,7%
5.	Адиб Собири Тирмизӣ	126	37	89	29,3%	70,6%
6.	Рашиди Ватвот	207	63	144	30,4%	69,5%
7.	Анварии Абевардӣ	207	59	148	28,5%	71,5%
8.	Абдулвосеи Ҷабалӣ	149	33	116	22,1%	77,8%
9.	Саноии Ғазнавӣ	312	135	177	43,4%	56,6%
10.	Хоқонии Шарвонӣ	133	79	54	59,3%	40,7%
11.	Абулфарачи Рунӣ	101	33	68	32,6%	67,4%
12.	Масъуди Саъди Салмон	313	74	239	23,6%	76,4%
13.	Сайид Ҳасани Ғазнавӣ	98	49	49	50%	50%
14.	Амъақи Бухорӣ	18	3	15	16,6%	83,4%
15.	Сӯзании Самарқандӣ	186	45	141	24,2%	75,8%
16.	Азрақии Ҳиравӣ	67	5	62	7,5%	92,5%
	Дар маҷмуъ:	2752	760	1992	27,6%	72,4%

Такрори калимаи ҳамвазн ва ҳамсадо дар охири мисраъҳо ба шеър ҳусну тароват ва оҳанги дилнишин мебахшад. Аз таҳқиқи масъалаи мазкур маълум гардид, ки шуарои

асрҳои X-XI радифро дар шеър кам истифода мебурданд, аммо дар асрҳои XII истифодаи он ба ҳукми анъана даромада, шоирон дар шеърҳояшон радифҳои ҷадид ва тоза бунёд мекарданд. Бо вуҷуди ин, шуарои араб аз адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ин мухтассоти шеърро қобили қабул дониста, ба шоирони тоҷику форс пайравӣ намудаанд.

Радиф дар тамоми жанрҳои адабии осори Адиб Собир доманаи васеъ дошта, қисме аз қасида, таркиббанд, ғазал, қитъа ва рубоиёти шоир мураддаф эҷод шудаанд. Аз таҳқиқи қасидаҳои Адиб Собир маълум гардид, ки шоир аз 126 қасида 37–тоашро мураддаф ва 89-тои дигарашро ғайримураддаф эҷод намудааст. Адиб 68% ғазалиёташро мураддаф эҷод кардааст, ки аз нигоҳи корбурди радиф (ғазал) дар байни шоирони сабки хуросонӣ ҷойи аввалро ишғол менамояд. Ҳамзамон, муқоисаи истифодаи радиф дар ашъори бузургтарин шуарои асри ғазнавӣ ва салҷуқӣ: Ҳаким Унсурӣ, Фаррухии Систонӣ, Манучеҳрии Домғонӣ, Рашиди Ватвот, Анварии Абевардӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Саноии Ғазнавӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Абулфараҷи Рунӣ, Масъуди Саъди Салмон, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Амъақи Бухоройӣ, Сӯзании Самарқандӣ, Азрақии Ҳиравӣ нишон дод, ки Адиб Собири Тирмизӣ (ба ғайр аз Хоқонии Шарвонӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Саноии Ғазнавӣ) дар қасоидаш радифро бештар истифода намудааст. Радиф аслан хосси шоирони даврои салҷуқӣ буда, дар қасоиди даврои ғазнавӣ аҳёнан дучор меояд.

Аз таҳқиқу пажӯҳиши мавзуи мавриди назар маълум гардид, ки Адиб Собир дар баробари бузургтарин шоирони аҳди ғазнавӣ ва салҷуқӣ баҳри имтиҳон ва ҳунар қасидаҳо бо радифи "**офтоб**" ва "**оташ**" эҷод карда, мавқеи намоёнро соҳиб гардидааст. Хусусияти асосии ин навъи қасидаҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо танҳо бо радифи исмӣ эҷод шудаанд. Дар осори шоир радифҳое вомехӯранд, ки гоҳе як калима ва гоҳе чандин калима ё ибораро дар бар мегиранд.

Муқарриз: ***Саидов С.*** – номзади илмҳои филологӣ,
профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Адиб Собир ибни Исмоил. Девон; бо муқаддима ва тасҳеҳи Аҳмад Абдуллоев. - Теҳрон: Интишороти байналмилалии Алҳудо, 1380. - 393 с.
2. Адиб Собири Тирмизӣ. Девон / Тирмизӣ, Адиб Собир; бо муқаддима, ҳавошӣ, таълиқот ва тароҷими аҳвол ба хомаи шевои Алии Қавим. - Теҳрон: Китобфурӯшии Ховар, 1371. - 322 с.
3. Адиб Собири Тирмизӣ. Девон / Тирмизӣ, Адиб Собир; муқаддима, тасҳеҳ ва танқеҳи дуктур Аҳмадризо Ялмаҳо. - Теҳрон: Интишороти Некхирад, 1385. - 514 с.
4. Адиб Собири Тирмизӣ. Девони / Тирмизӣ, Адиб Собир; ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Муҳаммад Алӣ Носеҳ. - Теҳрон: Илмӣ, 1343. - 617 с.
5. Абевардӣ, Анварӣ. Девони Анварии Абевардӣ. Ҷ.1 / Анварии Абевардӣ; бо эҳтимоми Муҳаммад Тақии Мударриси Ратвӣ. - Теҳрон, 1337.- 508 с.
6. Амъақи Бухоройӣ. Девон / Бухоройӣ, Амъақ; бо муқобала ва тасҳеҳу муқаддима ва ҷамъоварии Саид Нафисӣ. - Теҳрон: Интишороти китобфурӯшии Фурӯғӣ, 1339. - 227 с.
7. Азрақии Ҳиравӣ. Девон / Ҳиравӣ, Азрақӣ; бо тасҳеҳу муқобала ва муқаддимаи Саид Нафисӣ. - Теҳрон: Китобфурӯшии Заввор, 1336. - 112 с.
8. Атомуҳаммади Родманиш. Радиф ва танаввуъ тафаннуни он дар ғазалҳои Саноӣ / Родманиш Атомуҳаммад // Солномаи илмӣ-пажӯҳишӣ. Ковишнома, соли даҳум, 1388, шумораи 18.
9. Бухоройӣ, Муҳаммад Авфӣ. Лубоб-ул-албоб / Муҳаммад Авфии Бухоройӣ; бо тасҳеҳоти ҷадиду ҳавошӣ ва таълиқоти комил бо кӯшиши Саид Нафисӣ. - Теҳрон: Китобфурӯшии Ибни Сино, 1335. - 873 с.
10. Ватвот, Рашидуддин. Девон ва Ҳадоиқ-с-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър / Рашидуддини Ватвот; бо муқаддима ва муқобалаву тасҳеҳи Саид Нафисӣ. - Теҳрон: Чопхонаи Рангин, 1339. - 737 с.
11. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. - Душанбе: Маориф, 1992. - 302 с.
12. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеъӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ. - Теҳрон: Интишороти Нил, 1308. - 588 с.
13. Манучеҳрии Домғонӣ. Девон / Домғонӣ Манучеҳр; ба кӯшиши Сайид Муҳаммади Дабири Сиёқӣ. - Теҳрон: Интишороти Заввор, 1375. - 414 с.
14. Масъуди Саъди Салмон. Девон / Салмон, Масъуди Саъд; муқаддима аз Носири Ҳайярӣ. - Теҳрон: Интишороти Гулшанӣ, 1362. - 756 с.
15. Мусулмониён Раҳим. Назарияи адабиёт / Раҳими Мусулмониён. - Душанбе: Маориф, 1990. - 240 с.
16. Муиззӣ, Амир. Девон / Амир Муиззӣ; бо муқаддима ва тасҳеҳи Носири Ҳайярӣ. - Теҳрон: Нашриёти Марзбон, 1362. - 791 с.
17. Низомов, М. Масъалаҳои поэтикаи ғазалиёти Фаридуддини Аттор. Рисолаи номзадӣ /М. Низомов. - Душанбе, 2002. - 185 с.
18. Рунӣ, Абулфараҷ. Девон / Абулфараҷи Рунӣ; ба тасҳеҳи профессор Чойкин Мусташриқ. - Теҳрон: Матбааи Шӯравӣ, 1304. - 179 с.

19. Саноии Ғазнавӣ. Девон / Ғазнавӣ, Саноӣ; бо муқаддима ва ҳавошиву феҳрист, бо саъй ва эҳтимоми Мударриси Ратвӣ. - Теҳрон: Саноӣ, 1362. - 1227 с
20. Сайид Ҳасани Ғазнавӣ. Девон / Ғазнавӣ, Сайид Ҳасан; ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Сайид Муҳаммад Тақии Мударриси Ратвӣ. - Теҳрон: Интишороти Асотир, 1328. - 463 с.
21. Тӯсӣ, Насируддин. Меъёр-ул-ашъор. / Насируддини Тӯсӣ. - Душанбе: Ориёно, 1992. - 152 с.
22. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. II. - Москва: Советская энсиклопедия, 1969. - 947 с.
23. Хоқонии Шарвонӣ. Девон / Шарвонӣ, Хоқонӣ; ба тасҳеҳу таҳшия ва таълиқоти Алӣ Абдурасулӣ. - Теҳрон: Ширкати чопхонаи Саодат, 1316. - 979 с.
24. Ҳаким, Сӯзании Самарқандӣ. Девон / Самарқандӣ, Ҳаким Сӯзанӣ; тасҳеҳу муқаддима ва шарҳу аҳвол ва феҳристи луғот ва таркиботу ҷойҳо бо маонӣ ва тафосир аз Носириддин Шоҳ Ҳусайнӣ. - Теҳрон: Чопхонаи Мӯсавӣ, 1338. - 502 с.
25. Ҷабалӣ, Абдулвосеъ. Девон / Абдулвосеи Ҷабалӣ; бо эҳтимому тасҳеҳ ва таълиқи Забеҳуллоҳи Сафо. - Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1361. - 728 с.
26. Шарифов, Х. Назмшиносӣ / Х. Шарифов, У.Тоиров. - Душанбе: Ҳумо, 2005. - 378 с.
27. Унсурии Балхӣ. Девон / Балхӣ, Унсурӣ; бо ҳавошӣ ва таълиқоту тароҷиму аҳволу фаҳорису луғатнома ва мутақобила бо нусхаҳои хаттӣ ва чопӣ ба кӯшиши Сайид Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. - Теҳрон: Интишороти китобхонаи Санонӣ, 1322. - 435 с.

МАВҚЕИ РАДИФ ДАР ОСОРИ ҒИНОИИ АДИБ СОБИРИ ТИРМИЗӢ

Дар мақола масъалаи радиф дар асоси осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ мавриди баҳс қарор гирифта, истифодаи радиф дар тамоми анвои шеъри шоир – қасида, ғазал, таркиббанд, қитъа, рубоӣ муайян шудааст. Зимни ин, муҳаққиқ таъкид намудааст, ки на танҳо шоирони тоҷику форс аз адабиёти араб таъсир пазируфтаанд, балки шуарои араб низ аз адабиёти форсӣ-тоҷикӣ таъсирпазир мебошанд, яъне радифро шуарои араб аз адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба шеъри худ ворид намудаанд. Муаллифи мақола 126 қасидаи Адиб Собирро мавриди баррасӣ қарор дода, аз ин миқдор 37–тоашро мураддаф ва 89-тои дигарашро ғайримураддаф нишон додааст. Адиб Собир 68% ғазалиёташро мураддаф эҷод намуда, ки аз нигоҳи корбурди радиф (ғазал) дар байни шоирони сабки хуросонӣ ҷойи аввалро ишғол менамояд. Дар мақола муқоисаи истифодаи радиф дар ашъори бузургтарин шоирони асри ғазнавӣ ва салҷуқӣ: Ҳаким Унсурӣ, Фаррухии Систонӣ, Манучеҳрии Домғонӣ, Рашиди Ватвот, Анварии Абевардӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Саноии Ғазнавӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Абулфараҷи Рунӣ, Масъуди Саъди Салмон, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Амъақи Бухороӣ, Сӯзании Самарқандӣ, Азрақии Ҳиравӣ низ таҳқиқ шуда, мавқеи Адиб Собир дар қасоид муайян шудааст. Бо дарназардошти ин, муҳаққиқ радифро хосси шоирони давраи салҷуқӣ шуморида, дар қасоиди давраи ғазнавӣ аҳёнан дучор омаданашро муайян кардааст.

Калидвожаҳо: радиф, мураддаф, ғайримураддаф, санъатҳои бадеӣ, шеър, қасида, ғазал, қитъа, таркиббанд, рубоӣ.

МЕСТО РЕФРЕНА В ЛИРИЧЕСКОМ ПРОИЗВЕДЕНИИ АДИБА СОБИРИ ТИРМИЗИ

В статье вопрос рефрена (редифа) рассматривается в основе лирического произведения Адиба Собири Тирмизи, а использование рефрена определялось во всех разновидностях стихотворений поэта – касыдах (одах), газелях, таркиббанд (структурном строении), китъа, рубаи. При этом исследователь подчеркнул, что не только таджикско-персидские поэты испытали влияние арабской литературы, но и арабские поэты испытали влияние персидско-таджикской литературы, то есть арабские поэты внесли в свою поэзию рефрен из персидско-таджикской литературы. Автор статьи рассмотрел 126 касыд (од) Адиба Собира и из указанного числа 37 соответствуют рефрену, а остальные 89 не соответствуют рефрену. Адиб Собир произвел 68% своих газелей с рефреном, что по использованию рефрена (газели) занимает первое место среди поэтов хорасанского стиля. В статье исследуется сравнение использования рефрена в поэзии величайших поэтов эпохи Газневидов и Сельджукидов: Хакима Унсури, Фаррухи Систони, Манучехри Домгони, Рашиди Ватвот, Анвари Абеварди, Абдулвосе Джабали, Санои Газнави, Хокони Шарвони, Абулфараджи Руни, Масъуди Саъди Салмон, Сайид Хасани Газнави, Амъаки Бухорои, Сузании Самарканди, а также Азраки Хирави, и позиция Адиба Собира определяется в его касыдах. Принимая это во внимание, исследователь считает рефрен характерным для поэтов сельджукидского периода и выявляет его редкие случаи в касыдах эпохи Газневидов.

Ключевые слова: рефрен, соответствует рефрену, не соответствует рефрену, художественные выражения, поэзия, касыда (ода), газель, китъа, таркиббанд (структурное строение), рубаи.

REFRAIN'S PLACE IN THE LYRIC WORK OF ADIB SOBIR TIRMIZI

In the article, the question of refrain was discussed at the main part of the lyric work of Adib Sobir Tirmizi, and the use of refrain was determined in all varieties of the poet's poems - qasids (ode), gazelles, tarkibband, kita, rubai. At the same time, the researcher emphasized that not only Tajik-Persian poets were influenced by Arab literature, but Arab poets were also influenced by Persian-Tajik literature, that is, Arab poets introduced a refrain from Persian-Tajik literature into their poetry. The author of the article studied 126 kasids (ode) of Adib Sobir and of the indicated number 37 correspond to the refrain, and the remaining 89 do not correspond to the refrain. Adib Sobir produced 68% of his gazelles under the refrain, which, in terms of the use of the refrain (gazelle), ranks first among the poets of the Khorasan style. The article examines a comparison of the use of refrain in the poetry of the greatest poets of the Ghaznavid and Saljukid epochs: Hakim Unsuri, Farrukhi Sistoni, Manuchekhri Domgoni, Rashidi Vatvot, Anvari Abevardi, Abdulvose Jabali, Sanoi Ghaznavi, Hokoni Sharvoni, Abulfaraji Rooni, Masudi Sadi Salmon, Saiid Hasani Ghaznavi, Am'aki Bukhoroi and Azraki Hirawi and the position of Adib Sobir is

determined in qasids. Taking this into account, the researcher considers the refrain was the characteristic of the poets of the Saljukid period and identifies rare encounters in the qasids of the Ghaznavid epoch.

Key words: refrain, compliance with refrain, non-compliance with refrain, artistic expressions, poetry, qasida (ode), gazelle, kit'a, tarkibband, rubai.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мерганзода Манучеҳр Бекназар*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, докторанти Ph.D-и кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 121. E-mail: **merganzoda91@mail.ru**. Тел.: **(+992) 981-00-41-70**

Сведение об авторе: ***Мерганзода Манучехр Бекназар*** - Таджикский госурдарственный педагогический университета, им. С.Айни, докторант Ph.D кафедры теории и истории литературы. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121. E-mail: **merganzoda91@mail.ru**. Тел.: **(+992) 981-00-41-70**

Information about the author: ***Merganzoda Manuchehr Beknazar*** - Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni, doctorate student Ph.D of Theory and History of Literature. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121. E-mail: **merganzoda91@mail.ru**. Тел.: **(+992) 981-00-41-70**

УДК: 891.550

ИСТИФОДАИ ШЕЪР ДАР РОМАНИ «МУНТАСИР»

Турахонов С.А.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Аброр Зоҳир романи таърихии «Мунтасир»-ро соли 1992 навишта бошад ҳам, вале он баъди 10 сол, яъне соли 2001 ба нашр расида, чӣ қадар чоп шудани роман барои хонанда маълум нест, зеро дар китоб теъдоди нашри он зикр наёфтааст. Роман бидуни пешгуфтор оғоз гардида, аз 29 боб иборат мебошад. Дар муаррифиномаи китоб чунин оварда шудааст: «Романи мазкур аз рӯзгори фоҷиабори охирин намояндаи Оли Сомон Абуиброҳими Исмоил ҳикоят мекунад, ки бо номи Мунтасир машҳур буд. Хонанда аз ҷавонмардиву ватандӯстии ин фарзонамарди шуҷоъ лаззати маънавӣ хоҳад бардошт» [1, с.2].

Ёдовар мешавем, ки соли 2002 ба романи мазкур нависанда Маҷиди Салим бо унвони «Мунтасир» ё назаре ба нахустин романи нависандаи ҷавон Аброр Зоҳир» тақризе навишт, ки он дар рӯзномаи «Ҷаҳони паём» (№25, 2002) ба табъ расид.

Аз тақризи навиштаи ӯ бармеояд, ки «Мунтасир» аввалин романи нависанда буда, он аз рӯзгори охирин намояндаи сулолаи Сомониён, ки бо номи Мунтасир маълуму машҳур аст, ҳикоят мекунад. Муаллиф дар мақолаи хеш ба маҳорати нависандагии Аброр Зоҳир баҳои баланд дода, дар хусуси тозакориҳо, образофарӣ, диққатҷалбкунанда будани роман ибрози назар намудааст. Симои қаҳрамони асосии асар – Абуиброҳими Исмоил ибни Нӯҳи Мунтасир дар мақола чунин тасвир гардидааст: «Мунтасир як шоҳзодаи одӣ нест, балки дурандешӣ ва ҷасорату матонати фавқулодаеро дорост. Дар ҳар лаҳзаи фаъолияташ ӯ ба ҳазору як банди макру фиреб дучор мешавад» [8, с.5].

Дар мақолаи мазкур дар ҳаққи Мунтасир ҳамчун ҳофизи ватан, арҷгузор ба арзишҳои миллӣ, шоир ва барқарорсозандаи давлати аздастрафтаи Сомониён чунин омадааст: «Ҳимояи марзу бум, посдории миллату фарҳанги қадимааш лаҳзае Мунтасири ҷавонро бетараф намегузорад. Ӯ ки худ шоир асту шеърҳои хуб ҳам иншо мекунад, вақтро ғанимат дониста барои аз нав барқарор намудани давлатдории тоҷикон ба мубориза мехезад. Акнун шамшеру силоҳ ҳамкори ӯст» [8, с.5].

Нависанда барои навиштани чунин як роман чанд соли умри худро сарфи омӯзишу мутолиаи китобҳои бадеиву таърихӣ намуда, дар ин муддат тавонистааст, ки як асари ҷолибу хондание ба майдони адабиёт биёрад. Воқеан ҳам, романи «Мунтасир» басо ҷолибу хонданист ва мутолиаи он хонандаро ба худшиносиву худогоҳӣ ҳидоят хоҳад кард.

Нависанда дар романи хеш махсусан нақши китобу китобхониро баланд бардошта, қаҳрамони асосиашро ҳамчун шахси зиёӣ, шоир ва худшиносу худогоҳ, ватандӯсту посдорандаи арзишҳои миллӣ тасвир намудааст. Ҳамин аст, ки нияти барқарорсозии давлати шикастхӯрдаи Сомониён дар дили Абуиброҳими Исмоил пас аз мутолиаи чандинкаратаи китоби «Сомониён» пайдо мешавад. Маҳорати баланди нависандагии Аброр Зоҳир дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бар замми хонандаро ба қаҳрамони асосӣ ошно сохтан, инчунин нисбат ба эшон дар дили мутолиакунанда меҳру муҳаббатро низ бедор месозад. Сатрҳои зерин гувоҳи гуфтаҳои болоянд: «Мутолиаи китоб ӯро (Мунтасирро - Т.С.) сахт андармон кард, хонду бори дигар эҳсос намуд, ки нақшаи андешидааш беҳуда нест. Ва бо азми комил метавонад ба ин роҳ биравад ва муваффақ низ шавад. Ӯро рафтори ибратбахш ва ҷасуронаву ҷавонмардонаи бобояш Исмоил аз аввал хуш омада буд. Охир ба ин хотир ба ӯ номи Исмоил дода буданду бо эҳтиром Абуиброҳимаш мехонданд. Ва гоҳо Исмоили сонӣ ном мебурданд» [1, с.5].

Дар ин мақола кӯшиш ба харҷ рафт, ки истифодаи шеър дар романи «Мунтасир» мавриди тадқиқу пажӯҳиш қарор дода шавад. Ёдовар бояд шуд, ки хонандаи тоҷик аввалин маротиба бо шеърҳои Мунтасир ҳамчун шоири замони Сомониён тавассути китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (1958) ошноӣ пайдо карда буд.

Муаррих А. Мухторов дар китоби «Сомониён: замон ва макон» дар боби «Ташаккули адабиёти тоҷик» дар қатори дигар шоирони замони Сомониён оид ба рӯзгори Мунтасир низ чунин маълумот додааст: «Абуиброҳими Исмоил бини Нӯҳи Сомонӣ бародари Абдумалик бини Нӯҳ бо лақаби Мунтасир (Фотеҳ) дар байни аҳли илму адаб

машҳур гашта буд» [9, с.257]. Баъд ӯ аз шеърҳои Мунтасир дар ҳаҷми 13 байт намуна овардааст.

Дар мавриди «бо лақаби Мунтасир (Фотеҳ) дар байни аҳли илму адаб машҳур гашта буд» гуфтани муаррих бояд равшанӣ андохт, ки Мунтасир на лақаби шоир, балки тахаллуси шоирии ӯ буд, зеро лақаб аз ҷониби мардум ба шахс дода шуда, тахаллуси адабиро шоир барои худ интихоб мекунад.

А. Мухторов шеърҳои Мунтасирро аз китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (1958) баргузида, бо кадом сабабе як порчаи шеърии ӯро, ки аз ду байт иборат мебошад, ҳазф намудааст. Баъдан мураттибони китобҳои «Шоирони аҳди Сомониён» (1999) ва «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (2007) Худоӣ Шарифов ва Абдушукури Абдусаттор низ дар бораи Мунтасири Сомонӣ мухтасаран маълумот дода, аз ашъори ӯ 8 байтро намуна овардаанд, ки дар байни онҳо як рубоии ӯ тозапайдо мебошад. Эшон низ бо кадом сабабе аз байтҳои собиқ дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (1958) чопшуда 5 байтро ихтисор намуда, дар охири маълумотномаи ба шоир додаашон «аз ӯ 8 байт боқӣ мондааст» [13, с.125], [6, с.453] гуфтаанд.

Муаррих Н. Неъматов низ дар китоби «Давлати Сомониён» дар бораи шоир мухтасаран маълумот дода, як порчаи шеърии ӯро намуна меорад. Ӯ ба соҳибмаълумоту бомаърифат будани Мунтасир чунин ишорае кардааст: «Абуиброҳими Исмоили Мунтасир марди заковатманд ва бомаълумот буд» [11, с.148].

Романи «Мунтасир» бо вуҷуди асари таърихӣ буданаш, дар он шеърҳои шоирони гузашта ва муосири Мунтасир мавҷуд мебошанд. Масалан, дар китоб шеъри адиби замони қадим чун Абулянбағӣ Аббос ибни Тархон (асрҳои 7-8 м.) ва ашъори шоирони замони Сомониён ба монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (858–941), Форобӣ (873–950), Абумузаффари Балхӣ, Абулмуайяди Балхӣ (ним. ав. а. Х), Муродӣ (ним. ав. а. Х), Абумансурӣ (ваф. 963), Абулқосим Фирдавсӣ (934-1020), Унсурӣ (968–1040), Фаррухӣ (977/981–1038) ва Абуалӣ ибни Сино (980–1037) ба ин ё он муносибат истифода гардидаанд.

Инро ҳам бояд зикр намуд, ки дар роман байтҳои «Зи шири шутур хӯрдану сусмор»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар саҳифаҳои 82 ва 107 такроран омадааст ва хуб мебуд, ки дар мавриди дуюм муаллиф ягон байти дигари шоирро иқтибос мекард. Дар оянда агар романи «Мунтасир» бознашр шавад, матни китобро аз назари таҳрири ҷиддӣ гузаронида, фикру ақидаҳои мунаққидону хонандагон низ перомуни беҳтар гардидани он ба назар гирифта шавад.

Муаллиф баръакси симои Абдумалики беирода (бародари Мунтасир, Т.С.) Абуиброҳими Исмоилро ҳамчун шоиру шеърдӯст нишон додааст, ки инро мо дар тасвири нависанда аз забони худи ӯ пай мебарем: «Ба шеъру шоирӣ ҳавас доштам, андешаи мансаб кай ба хаёлам меомад. Акнун ин ният (барқарорсозии Давлати Сомониён - Т.С.) ба сар дорам. Зиндон маро дигар кард. Оё мардуми ба ин ҳол афтода, ки гуруснагиву душвории рӯзгор мекашад, аз паси ваъдаҳои ман меравад? Оё ба мани шоир, ки ҳаргиз ҳаваси минбару мансаб надоштам, бовар мекунад? Маро китобу хома аз ҳаёти воқеӣ дур намуд, – бо қаҳр муҳокима меронд Абуиброҳими Исмоил» [1, с.5].

Дар ҷойи дигари китоб ба шеъру шоирӣ майл доштани Абуиброҳими Исмоилро мо дар суҳбати сартарош бо муштариаш дармеёбем, ки дар роман чунин ба қалам дода шудааст: «Абуиброҳими Исмоил ба шеъру шоирӣ ҳавас доштааст. Ба шунидам, шефтагӣ ба шеър ончунон дар ӯ қавӣ будааст, ки ҳаргиз орзуи тоҷу тахт накарда. Маҳз бо ин иллат ба тахт Абдумаликро шинондаанд, ки ягон фазилате надошт» [1, с.6].

Нависанда барои тақвияти суханони хеш аз забони қаҳрамони асосии асар Мунтасир дар лаҳзаҳои мувофиқ порчаҳои шеъриеро мисол меорад. Масалан, ҳангоми дар зиндон будан Абуиброҳими Исмоил дар ҳасрати рӯйи дӯстдоштааш Ситора обу адо гашта, худ ба худ наҷво мегуфт ва ин вазъияти ӯро яке аз зиндониён пай бурда, дар чӣ хусус сухан карданашро мепурсад ва ӯ дар ҷавоби ин суол байти зеринро мехонад:

Бо ошиқон нишину ҳама ошиқӣ гузин,
Бо ҳар кӣ нест ошиқ, ба вай кам гӯю кам нишин [1, с.9].

Пас аз таҳқиқи байти боло маълум гардид, ки он яке аз абёти қитъаи зерини Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ буда, аз се байт иборат аст ва шакли саҳеҳи он чунин аст:

Бо ошиқон нишину ҳаме ошиқӣ гузин,

Бо ҳар кӣ нест ошиқ, кам кун қариниё.
Бошад гаҳи висол бибинанд рӯйи дӯст,
Ту низ дар миёнаи эшон бибиниё.
То андар он миёна, ки бинанд рӯйи ӯ,
Ту низ дар миёнаи эшон нишиниё! [2, с.59].

Абуиброҳими Исмоил дар зиндон бештар аз ҳама ба ёди маҳбубааш Ситора месӯхту шеърҳои ошиқона месуруд ва ин рафтори ӯро зиндониён ҷунунзадагӣ мешумориданд» [1, с.10].

Дар ҷойи дигари роман ҳангоме, ки лашкари Сомониён аз ҳамлаҳои Қарахониён шикаст мехӯрад ва Мунтасир ҳамроҳи лашкариёнаш фирор карда ба Хуросон паноҳ мебарад, он ҷо бо Абулқосими Симҷӯрӣ оид ба нақшаҳои ояндаашон суҳбат меороянд. Дар аснои суҳбат сухан аз он меравад, ки Султон Маҳмуд Бухороро забт кардан мехоҳад. Мунтасир дар ин лаҳза барои Абулқосими Симҷӯрӣ ду байти Фирдавсиро, ки ба муносибати ҳамлаи арабҳо ба хоки Моваруннаҳр гуфта шуда буд, қироат мекунад:

Зи шири шутур хӯрдану сусмор,
Арабро ба ҷое расидаст кор,
Ки тахти каёнро кунад орзу,
Туфу бар ту, эй чархи гардун, туфу [1, с.82].

Дар ҷойи дигар муаллиф як порчаи қасидаи Фаррухиро, ки дар он ӯ Султон Маҳмуди Ғазнавиро барои забт намудани Рай талқин менамояд, истифода кардааст, ки чунин аст:

Райро баҳона нест, бибояд гирифт Рай,
Вақт аст агар ба ҷанг сӯи Рай кашӣ инон.
Ин ҷо ҳам ягону дугон қарматӣ кушӣ,
З-инон ба Рай ҳазор биёбӣ ба як замон.
Бистони он диёру бибахшӣ ба бандае,
Бахшидан аст одату хӯи худойгон [1, с.90].

Барои таҳқиқи порчаи шеърии дар боло ба номи Фаррухӣ овардашуда рӯ ба осори илмию адабӣ овардем. Аҳмад Абдуллоев дар китоби «Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI» дар хусуси миқдори қасидаҳои ба шоҳони замони Сомонӣ бахшидашудаи Фаррухӣ чунин маълумот медиҳад: «Аз Фаррухӣ девони калоне боқӣ мондааст. Шумораи абёти онро дар девони чопнамудааш Алии Абдуррасулӣ 9564 байт гуфтааст, ки дар амал адади ин абёт камтар буда, он дар атрофи 8800 байт аст... Дар осори Фаррухӣ қасида мавқеи махсус дорад. Адади онҳо дар девони чопкардаи Алии Абдуррасулӣ 213-тост. Бештари ин қасидаҳо, чунонки ишора рафт, ба султон Маҳмуд, писари ӯ Муҳаммад ва сипаҳсолораш амир Юсуф унвон шудаанд» [3, с.153].

Аз иқтибоси дар боло овардашуда маълум мегардад, ки қасидаи мазбур, яке аз қасидаҳои барои кишваркушоиҳои Султон Маҳмуди Ғазнавӣ бахшидаи ӯ мебошад.

Дар оғози роман аз забони Абуиброҳими Исмоил қитъаи шеърие оварда мешавад, ки муаллиф онро аз китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (1958) баргузидааст:

То ту, эй моҳ, зери хок шудӣ,
Хокро бар сипеҳр фазл омад.
Дил ҷазаъ кард, гуфтам, эй дил сабр,
Ин қазо аз Худой адл омад.
Одам аз хок буд, хокӣ шуд,
Ҳар кӣ з-ӯ зод, боз асл омад [6, с.374-375].

Дар боби ҳаждаҳуми роман нависанда боз як шеъри Мунтасирро аз забони сарбозон намуна меоварад, ки аз 4 байт иборат аст:

Гӯянд маро зи чӣ рӯ хуб насозӣ
Маъвогаҳи ороставу фарши мулавван?
Бо наъраи гурдон чӣ кунам лаҳни муғаннӣ?
Бо пӯяи аспон чӣ кунам маҷлиси гулшан?
Ҷӯши маю нӯши лаби соқӣ ба чӣ кор аст?
Ҷӯшидани хун бояд бар айбаву ҷавшан.
Асп асту силоҳ асту маро базмгаҳи боғ,
Тир асту камон асту маро лолаву савсан [1, с.119].

Таҳқиқи шеърҳои ба Мунтасир нисбатдодашуда моро ба чунин хулоса овард. Мураттибони китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (1958) намунаи шеърҳои Мунтасирро дар ҳаҷми 15 байт овардаанд ва баъдтар адабиётшиносони варзидаи ҷумҳурӣ Худоӣ Шарифов ва Абдушукури Абдусаттор дар маҷмуаҳои бо номҳои «Шоирони аҳди Сомониён» (1999) ва «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (2007) таҳиякардаашон бо кадом сабабе чанд порчаи шеърии Мунтасирро ихтисор намуда, фақат 8 байти ӯро намуна овардаанд. Аз ин маълум мегардад, ки муаллифони китоби «Сомониён: замон ва макон» ва романи «Мунтасир» дар китобҳои хеш ашъори Абуиброҳими Исмоил – Мунтасирро аз рӯйи китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ», ки соли 1958 дар ҷумҳуриамон ба нашр расидааст, интихоб намудаанд.

Дар боби ҳаждаҳуми роман як рубоӣ ва ду ғазали Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз забони писарбачае оварда шудааст. Таҳқиқ нишон дод, ки рубоии бо унвони «Номат шунавам дил аз фараҳ зинда шавад» ва ғазали бо мисраи «Гирифт хоҳам зулфайни анбарини туро» оғозшуда моли Рӯдакӣ буда, ғазали бо матлаи зерин омада, дар девони ӯ мавҷуд нест:

Маро зи ҳасрату ғам як даме ҷудоӣ нест,
Нишотро зи азал бо ман ошноӣ нест [1, с.120].

Муаллифи шеъри болоро муайян кардан ба мо муяссар нагардид, зеро онро дар байни шеърҳои Рӯдакӣ ва шоирони замони Рӯдакӣ пайдо карда натавонистем ва маълум нагардид, ки нависанда онро аз куҷо иқтибос оварда бошад.

Аз ҷониби муаллиф дар боби бисту сеюм ҳангоми дар таърифи шаҳри Самарқанд сухан рондан порчаи шеъри машҳури Абулянбағӣ Аббос ибни Тархонро намуна меоварад, ки чунин аст:

«Самарқанди кандманд,
Ба зиннат ки афканд.
Ту аз Шош хубтарӣ
Ҳамеша ту хӯй...» [1, с.140].

Шеъри фавқуззикри Абулянбағиро, ки нависанда дар роман бидуни зикри муаллифи он намуна овардааст, мураттибони китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» онро бо каме тағйирот чунин нигоштаанд:

«Самарқанди қандманд,
Баз-инат кӣ афганд?
Аз Чоч та беҳӣ,
Ҳамеша та хеҳӣ...» [6, с.15].

Дар боби бисту чоруми роман як қитъаи Мунтасирро, ки сарбозон ҳангоми муҳорибаҳо месуруданд, дӯсти наздики шоир – Мақсуд барои таскини дили Мунтасир қироат мекунад. Ёдовар мешавем, ки матни пурраи шеърро мо дар боло нишон додаем ва дар роман аз ин қитъа фақат байти матлаи он оварда шудааст.

Ба ҳамин монанд дар боби бисту шашуми роман ҳангоме ки Мунтасир дар набардҳои нобарори панҷсола хаставу дилмонда мешавад, порчаи шеъри зеринро барои таскини дили хеш замзама мекунад:

Ғарра машав ба он ки ҷаҳонат азиз кард,
Эй бас азизро, ки ҷаҳон кард зуд хор.
Мор аст ин ҷаҳону ҷаҳончӯй моргир,
В-аз моргир мор барорад гаҳе димор [1, с.155].

Шеъри боло аз ҷониби нависанда бидуни зикри муаллифи он оварда шудааст. Пас аз таҳқиқ маълум гардид, ки шеъри боло моли Имораи Марвазӣ буда, дар китоб байти дуюми он ба Рӯдакӣ низ нисбат дода шудааст ва нависанда ҳаминро ба назар гирифта дар романи хеш онро бидуни зикри муаллифи он истифода кардааст. Шеъри болоро бо каме тағйирот мо дар қатори ашъори бозмондаи Имораи Марвазӣ дарёфтем, ки бад-ин гуна аст:

Ғарра машав бад-он ки ҷаҳонат азиз кард,
Эй бас азиз кардаи худро, ки кард хор.
Мор аст ин ҷаҳону ҷаҳончӯй моргир,
В-аз моргир мор барорад ҳаме димор [6, с.88].

Боби бисту шашуми роман ба мағлубият, гурезагӣ ва дилхастагию рӯҳафтодагӣ, ғаму дард ва нобарориҳои Мунтасир бахшида шудааст. Дар чунин вазъияти номусоид ҳам

Мунтасир орзу мекард, ки «баъди ба даст овардани тоҷу тахт, чун дар замони ҳукмронии Исмоил ва Насри II ҳамаи фозилони давронро гирд меорад, китобхонаҳои бузургро аз нав барқарор мекунад. Вале қудрат надошт!» [1, с.155].

Нависанда муносиби ҳоли қаҳрамони асосии роман байте аз Абумуайяди Балхиро намуна меорад, ки чунин аст:

Далере, ки тарсад зи пайкори шер,
Зани зоҷ хонаш, махонаш далер [1, с.155].

Аброр Зоҳир дар ин боб низ аз эҷодиёти Мунтасир шеъреро истифода менамояд, ки аз шаш байт иборат аст ва мо дар поён матлаи онро намуна меоварем:

Зи бими теғи ҷаҳонгиру гурзи қалъакушой,
Ҷаҳон мусаххари ман шуд чу тан мусаххари рой [1, с.158].

Бояд зикр намуд, ки дар романи «Мунтасир» қариб ҳамаи шеърҳои истифодашуда бо саҳву хатоҳои имлоиву мантиқӣ чоп гардидаанд ва ин ҳама иштибоҳоти дар шеърҳо рухдодаро дар нашрҳои ояндаи роман ислоҳ мебояд кард. Дар шеъри фавқуззикр низ мисраи сеюми он аз чоп афтодааст.

Дар боби бисту ҳафтуми роман ҳангоме Ситора дар тан либоси мардона ба ҷониби Бухоро равон мешавад, дар саҳро бо мӯйсафеди чӯпоне вомехӯрад ва онҳо дар бораи Бухоро, мардуми он, Мунтасиру Насри Илокхон суханронӣ мекунанд ва дар аснои суҳбат мӯйсафед аз Рӯдакию Балъамӣ ва замони гулгулшукуфии ҳокимияти Сомониён ёдовар шуда, шеъри машҳури Рӯдакӣ «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» -ро мехонад. Дар роман матни ин қасидаи Рӯдакӣ дар ҳаҷми шаш байт оварда шудааст.

Романи «Мунтасир» агар аз як тараф, дар бораи талошҳои охирин намояндаи сулолаи Сомониён Абуиброҳими Исмол бар зидди ғосибону аҷнабиён эҷод шуда бошад, аз дигар тараф, дар роман ӯ ҳамчун шоир, зиёӣ ва шахси фарҳангпарвари замони Сомониён инъикос гардидааст. Аз ин рӯ, романи «Мунтасир» -ро аз рӯйи мазмуну муҳтавояш метавон асари таърихӣ, эпикӣ, эпикию ишқӣ ва ишқию адабӣ номид. Дар роман тасвири майдони ҷангу набард ва кишварситонӣ назар ба лаҳзаҳои ишқварзию адабӣ бештар мебошанд ва аз ҳамин хотир ҷанбаи эпикии он дар ҷойи аввал истода, мазмуни ишқию адабӣ доштани асар дар назари хонанда ҷойи дуюму сеюмро ишғол менамояд.

Хулоса, дар романи «Мунтасир» дар 14 маврид порчаҳои шеърӣ оварда шудааст. Абёти дар роман истифодашуда, дар маҷмуъ аз 41 байт иборат мебошанд. Матни шеърҳо ба истиснои чанд байт, асосан аз шоирони замони Сомониён интихоб гардидаанд, ки мансубияти онҳо ба шоирон ба таври зайл аст: Аз Абулянбағӣ 1 шеър (2 байт), Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 6 шеър (11 байт), Абумуайяди Балхӣ 1 шеър (1 байт), Абулқосим Фирдавсӣ 2 шеър (4 байт), Имораи Марвазӣ 1 шеър (2 байт), Фаррухӣ 1 шеър (3 байт), Мунтасир 4 шеър (14 байт) ва 1 шеър (4 байт), ки муаллифаш маълум нагардид. Нависанда тавонистааст, ки шеърҳоро вобаста ба мазмуну муҳтавояшон дар мавридҳои муносиб дар асар ҷой диҳад. Чунончи, он шеърҳоеро, ки аз номи Мунтасир меорад, чунин ҷойгузин намудааст. Шеърҳои мазмуни ошиқонадоштаро ҳангоми сухан дар бораи маҳбубааш – Ситора рафтан оварда, он шеърҳоеро, ки дорои мазмуни ҷанговаронаанд, дар аснои размҳо ва шеърҳои мазмуни маъюсидоштаро вақтҳои шикасту нобарориҳои Мунтасир овардааст. Хотиррасон бояд кард, ки аз 14 порчаи шеърии дар роман истифодашуда, шеъри Абулқосим Фирдавсӣ («Зи шири шутур хӯрдану сусмор...» (саҳ. 82, 107) ва шеъри Мунтасир («Гӯянд маро чун салаби хуб насозӣ...» (саҳ. 119, 150) ду маротибагӣ намуна оварда шудаанд.

Муқарриз: ***Худоёрзода Р.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДБ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аброр Зоҳир. Мунтасир / Зоҳир, Аброр. – Душанбе: Адиб, 2001. – 180 с.
2. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор / Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 416 с.
3. Абдуллоев А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI / А.Абдуллоев. – Душанбе: Дониш, 1979. – 283 с.
4. Адибони Тоҷикистон: Маълумотномаи мухтасари шарҳиҳолӣ: таҳия ва танзими Асрори Сомонӣ ва Маҷид Салим. – Душанбе: Адиб, 2014. – 320 с.
5. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.
6. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Сталинобод, 1958. – 406 с.
7. Қувватов Р. Таърихи Боҳтуробод / Р.Қувватов, И.Шафиев. – Қӯрғонтеппа, 2017. – 164 с.

8. Маҷид Салим. «Мунтасир» ё назаре ба нахустин романи нависандаи ҷавон Аброр Зоҳир» / Салим, Маҷид // «Ҷаҳони паём». – 2002. - №25.
9. Мухторов А. Сомониён: замон ва макон / А.Мухторов. – Душанбе: Сурушан, 1999. – 288 с.
10. Набавӣ А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср / А.Набавӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 324 с.
11. Неъматов Н. Давлати Сомониён / Н.Неъматов. – Душанбе: Ирфон, 1989. 304 с.
12. Сайфуллоев А. Уфуққои тозаи наср / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Адиб. – 2006. – 768 с.
13. Шоирони аҳди Сомониён. – Душанбе: Адиб, 1999. – 144 с.
14. Шариф О. Гули маҳтоб / О. Шариф. – Душанбе: Балоғат, 2015. – 208 с.
15. Энсиклопедияи миллии тоҷик. - Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2011. – Ҷ.1. - 608 с.

ИСТИФОДАИ ШЕЪР ДАР РОМАНИ «МУНТАСИР»

В повести большое количество действующих лиц. На первый взгляд, присутствует много лишних эпизодических героев, но, внимательно вчитавшись, можно увидеть, что большинство из них «активно работают» для выполнения главной цели создания повести. Каждый из них так или иначе сопричастен происходящим событиям. Например, Истат Мирзобаева – секретарь поселкового совета – случайно помогает следствию упросить мнение о подозрительности Горского; сын Серебренникова Юра, которого Горский должен привезти в часть, помогает раскрыть образ бедняги Тома; прокурор Южногорска, пересматривающий старые дела, способствует раскрытию облика Василия Васильевича и пр.

В повести показано, как ловко Горский подчиняет себе Ефремова, как удачно Горский оказывается рядом с Пулатовым. Место действия в повести – не Ташкент, не Самарканд, ни Ленинабад – тихий городок Южногорск, чьё название вызывает сомнение в реальности его существования. Таким образом, М.Левин показывает, что интересы американской разведки распространяются прежде всего на «самые тихие населённые пункты, равно как и на людей, самых далёких от секретных занятий» [1].

Следует отметить, что цель создания произведения М.Левин обозначил в самом конце повествования в части под названием «Вместо эпилога»: «…Сменяются годы и поколения, но наша граница всегда бодрствует, всегда неприступна. И сейчас, когда ещё далеко не всё спокойно на голубой планете, автор решил вернуться к истории, чтобы напомнить сегодняшней молодёжи, как важно знать и беречь славные традиции защитников священных рубежей нашей великой Родины» [4, с.227].

Поскольку автор указывает, что одному из главных героев повести майору Серебренникову, отличившемуся при охране границы СССР, был вручён Орден Красной Звезды, следует заключить, что у многих действующих лиц повести есть свои прототипы. К сожалению, определить их уже не представляется возможным, потому что автор не называет точное место дислокации описываемой погранзаставы.

Отличительной чертой повествования является то, что писатель вводит поочерёдно действующих лиц, называя их звания и фамилии. Имена пограничников называются иногда в следующих главах, возможно для того, чтобы читатель ощутил некую связь между собой и героями, стал соучастником событий.

В повести М.Левина находящиеся на территории Средней Азии резиденты в соответствии с требованиями соцреализма изображаются нелицеприятно, как «нелюди». У них нет имен, только клички – Зуб, Буйвол, Том: «Зуб-узкий в плечах, с длинным лицом. Когда смеялся, выставлял наопказ золотые коронки. Это своего рода приманка: заметит приезжий человек в ресторане хорошо одетого, с виду болезненного парня, тоже наверное, отдыхающего, и проникается к нему доверием. Зуб робко попросит разрешения присесть рядом, закажет коньяк – и жертва обречена…» [4, с.121].

В соответствии с требованиями жанра автором приводятся «предыстории» этих людей, которые также подаются в традиционном ключе: они все были на фронте, попали в плен, оттуда в концлагерь, далее – в разведшколу (сначала в Германии, потом в Америке). Однако в описании их прошлого не ощущается авторской предвзятости. Эти люди показаны как жертвы сложившихся обстоятельств, например, Рахматулло Абдусаломов, который попал в концлагерь, а «позже с группой легионеров-фанатиков он оказался в Марокко», где «встретил такого же несчастного земляка - Бердиева». «Мы стали бродяжничать вместе, мечтая о родине, готовы были умереть, но прежде увидеть ее.<>А затем мы оказались в полицейском участке и подписали какую-то бумагу. Бердиев сказал: «Слава аллаху».

Так они согласились работать на американскую разведку. Иначе не видели возможности вернуться домой.

-Почему же именно вас избрали агентом? - спросил Шилов.

-Дед у меня муллой был, - беспомощно развел руками Абдусаломов. - Но ведь я учился в советской школе и не скрывал, что дед — мулла. А тут предупредили: времена другие. Да еще я был в легионе. В общем, я запутался, совсем растерялся…» [4, с.159-160].

Как отмечают исследователи, «в таких фрагментах доминируют формы косвенной или несобственно-прямой речи персонажей, что показывает абсолютную прозрачность их сознания для повествователя…» [13, с.145].

В этой связи необходимо обратить внимание на особенности психологизма в повести, анализ которых должен, на наш взгляд, стать темой отдельного исследования. Приём косвенного психологизма используется как при обрисовке пограничников, так и резидентов. При этом следует подчеркнуть, что насыщая книгу описаниями чувств, мыслей и страхов главных и второстепенных героев, писатель не перегружает повествование этими описаниями и не заслоняет решение детективной загадки.

Вообще исследователь П.А. Моисеев считает введение психологизма «ошибкой» детективного жанра: «реалистический психологизм отнюдь не то, что нужно детективу. Более того, сама реалистическая манера повествования детективу противопоказана» [6, с.23].

На наш взгляд, М.Левину при создании повести более интересным было показать судьбы и мышление людей, способы раскрытия преступления, а не сама детективная загадка. Возможно, как отмечает П.А. Моисеев, «для писателя явно важнее идея, чем жанр» [4, с.34].

В преступной группировке выделяется молодой парень по имени Том. Он не имеет никакого отношения к шпионской деятельности. Скорее, он выступает в роли «несознательного гражданина». В русле соцреализма писатель показывает постепенное изменение мировоззрения молодого преступника и его гибель как традиционное представление о преступных шайках, старающихся не допустить выход человека из преступного мира.

Традиционна в анализируемой повести и развязка: разоблачение преступной группировки, её преследование и поимка осуществляются стремительно, провал становится для них неожиданностью, точно так же, как неожиданный отъезд грузовика, на котором они следовали до границы.

Хотя в повести традиционный счастливый финал, сюжет повести показывает, что «несмотря на надёжный заслон, СССР уязвим для шпионажа» [1]. В то же время мы видим, что главная задача Василия Васильевича, Буйвола и Зуба – выжить в сложившихся обстоятельствах. Если пограничники действуют слаженно, то в стане врагов – недоверие и произвол. По сути, М.Левин не показывает развёрнуто подпольную деятельность вышеуказанных личностей. Сюжет, в основном, посвящён их косвенной компрометации – привычному ремеслу, привычкам, вскрывается даже прошлое убийство Марии Трошиной-Спириной [4, с.172].

В этой связи следует обратить внимание на образ вышеуказанного задержанного перебежчика границы Рахматулло Абдусаломова, скрывавшегося под именем Абдулло Мухаммедова. Его судьба, подробно изложенная автором, а также судьба других вышеуказанных преступников, является, на наш взгляд, как будто морально оправданной, поэтому на страницах повести автор не выносит им полагающегося по закону наказания. Повести, как нам кажется, явно недостаёт драматизма.

Зато, в соответствии с советской идеологией в повести много внимания уделено бдительности пограничников. Настоящим ЧП является не переход границы нарушителем, а тот факт, что пограничник во время несений службы заснул [4, с.137].

В то же время автор подчёркивает высокий моральный облик советских пограничников – никто из них не оказался пособником агентов. Даже водитель Ефремов со своим «тёмным прошлым» глубоко переживает случившееся с ним. При этом автор показывает, как важно иметь рядом сильного духом и характером человека – именно супруга заставляет его пойти и сознаться в связи с Горским.

Чтобы подчеркнуть сознательность советских граждан, в повествование вводится эпизодический герой – дружинница, активистка Зоя Иванова, два раза самоотверженно доставлявшая фальшивую телеграмму Ушаковскому.

Может быть, поэтому в повести так много внимания уделяется воспитанию солдата Бородули – командование делает всё, чтобы «несознательные» не переходили на сторону врагов.

Однако при чтении повести М.Левина не создаётся впечатления «гладкости» расследования. В действия как пограничников, так и преступников вмешивается «случай». Так, например, Пулатов и Людмила случайно расшифровывают перед преступной группой старшего лейтенанта Ибрагимова, который вместо Абдусаломова должен был встретиться с буйволом и его приспешниками. Писатель постоянно держит читателя в напряжении, когда рядом с преступниками случайно оказывается сын Серебренникова Юра.

Поскольку рамки статьи не позволяют провести всесторонний анализ произведения, отметим, что перспективой исследования является изучение изобразительно-выразительных средств, использованных писателем для создания пейзажных зарисовок, поиск прототипов изображённых пограничников, изучение деятельности Туркестанского легиона и «Туркестанского национального комитета», описанного М.Левиным в главе «Музыкальные руки» [4, с.157-159].

Таким образом, исследование показало, что повесть М.Левина «Под чужим именем» представляет собой разновидность классического советского шпионского детектива, поскольку построен в рамках жанра: найденный на реке труп нарушил привычный ход жизни советских граждан и вызвал тревогу пограничников; по ходу развёртывания сюжета читатель сначала знакомится с теми героями, которые принимают непосредственное участие в поиске преступников. Развитие расследования связано с знакомством с преступными элементами, реконструкцией личности убитого и самого преступления по найденным уликам, которые пограничники и Харламов истолковывают благодаря профессионализму, интуиции и «чутью». Преступники вводятся в повествование своевременно, а не на последних страницах, и играют заметную роль в повествовании.

Рецензент: ***Рахманов Б.Р.*** – доктор филологических наук, профессор РТСУ.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Вьюгин В. Шпионы, вредители и честные люди (советская конспирологическая драма 1920-1930-х годов) / В.Вьюгин // НЛО. - 2018. - №5. - С. 141-162 // Режим доступа: https://www.nlobooks.ru/magazines/novoe_literaturnoe_obozrenie/153/article/20139/
2. Жиркова М.А. Жанровые разновидности детектива (Опыт словаря) / М.А. Жиркова // Art Logos, 2018. - №2(4). - С.58-69.
3. Зацаринина Е.В. Жанр детектива в отечественном литературоведении / Е.В. Зацаринина // Наука и современность. - 2010. - № 5-3. - С.40-44.
4. Левин М. Под чужим именем / М.Левин // Современный таджикский детектив. - Душанбе: Адиб, 1991. - С.95-227.
5. Марусенко Н.М. Типичное и нетипичное в структуре детектива / Н.М. Марусенко, Т.Г. Скребцова // Мир русского слова. - 2013. - №4. - С.74-79.
6. Моисеев П.А. Поэтика детектива / П.А. Моисеев. - М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2017. - 240 с.
7. Москаленко О.А. Шпионский роман как типичный жанр массовой литературы XXI века / О.А. Москаленко [Электронный ресурс] // Режим доступа: http://www.vipstd.ru/index.php/1724-hum-2017-08-32
8. Норец М.В. Шпионский роман как вариант детективного жанра в современном литературоведении / М.В. Норец [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://detectivelib.ru/zhanri-shpionskie...
9. Норец М.В. Детективный и шпионский роман / М.В. Норец [Электронный ресурс] // Проблемы истории, филологии, культуры. - 2015. - №3. - С.430-441.

10. Пащенко Л. Предуведомление / Л. Пащенко // Современный таджикский детектив. - Душанбе: Адиб, 1991. - С.3-6.
11. Писатели Таджикистана.-Изд. 2-е, испр. и доп. - Душанбе: Ирфон, 1976. - С.172-176.
12. Спектор А.Л. Жанры приключенческой литературы в русскоязычной литературе Таджикистана // А.Л. Спектор «Совсем другая история…»: сборник статей. - Душанбе: РТСУ, 2018. - С.158-172.
13. Федунина О.В., Кузнецова А.В. Советский шпионский роман периода «оттепели»: к проблеме жанрового инварианта / О.В. Федунина, А.В Кузнецова // Новый филологический вестник. - 2008. - №2(7). - С.135-147.
14. Челышева О. Жизнь, полная событий / О.Челышева [Электронный ресурс] // Рязанские ведомости. - 2010.-№ 78(3629) // Режим доступа: http://rv.ryazan.ru/ news/2010/4/29/1845.html
15. Ягьяева С.Р. Жанровая доминанта политического шпионского романа периода «холодной войны» / С.Р. Ягьяева // Филологические науки. Вопросы теории и практики. - Тамбов: Грамота, 2016. - № 6(60): В 3-х ч. - Ч. 3. - С.57-59.

МАХСУСИЯТИ ХОССИ БАДЕИИ ДЕТЕКТИВҲОИ ҶОСУСИИ М.ЛЕВИН

(дар мисоли повести «Зери номи бегона»)

Дар мақола мубрамияти омӯзиши жанрҳои детективӣ, аз ҷумла романи ҷосусии шӯравӣ, ошкор карда шудааст. Дар алоқа бо он ки, жанрҳои насри детективӣ яке аз жанрҳои машҳур дар адабиёти русзабони Тоҷикистон маҳсуб меёфт, диққати асосӣ ба таҳлили повести «Зери номи бегона»-и муаллифи детективҳои дар даврони шӯравӣ машҳур Минел Левин равона карда шудааст, ки эҷодиёти ӯ то имрӯз объекти таҳқиқоти адабиётшиносон нагардидааст. Барои дарки махсусияти хосси бадеии повест муаллифи мақола сабабҳои бамиёноии жанри детективи ҷосусӣ, ҷузъиёти жанрофарандаи он ошкор гардида, таърифи жанрии детективи ҷосусӣ ва романи ҷосусӣ аниқ карда шудааст. Қолабгардонии жанр қайд карда шуда, ба таърифи муосири нопурраи ажанри мазкур ишора шудааст. Ғайр аз ин, дар мақола махсусияти жанрӣ-композитсионии повести М.Левин «Зери номи бегона» таҳлил карда шудааст: системаи васеи образӣ, услубҳои ошкорсозии амалиётҳои ҷиноятқорон аз ҷониби сарҳадчиён, ки аз сарҳад убур кардаанд, номувофиқатии унвони бобҳо ба мазмуни он, дар оянда тамоюлот барои ба руи саҳнаи кино гузоштани повест, тафсили муфассали тасвирҳо, бартарии детективи криминалӣ, махсусияти хронотопи повест, махсусияти психологизм, аз ҷумла, зоҳиршавии он дар нутқи мустақими ғайрихусусии персонажҳоТаҳлили асар имконият медиҳад оиди мувофиқати махсусияти жанрӣ-композитсионии повести М.Левин ба эстетикаи реализми сотсиалистӣ хулосабарорӣ намоем, масалан, тасвири симои волои маънавии сарҳадчиён ва шаҳрвандони шӯравӣ, қайди ҳушёрии сарҳадчиён, ғамхорӣ оиди тарбияи афсарони ҷавон дар образи афсари қафомонда Бородуля. Инчунин ба асосноксозии мақсади навиштани асар ва дурнамои таҳқиқи минбаъдаи муаллиф таваҷҷуҳ зоҳир шудааст..

Калидвожаҳо: детектив, романи ҷосусӣ идеологияи даврони шӯравӣ, қолабпардозии жанр, насри русзабон, М.Левин, повести «Зери номи бегона», махсусияти психологизм, услубҳои композитсионӣ, образи сарҳадчиён.

ХУДОЖЕСТВЕННОЕ СВОЕОБРАЗИЕ ШПИОНСКИХ ДЕТЕКТИВОВ М.ЛЕВИНА

(на примере повести «Под чужим именем»)

В статье раскрывается актуальность изучения детективных жанров, советского шпионского романа, в частности. В связи с тем, что жанры детективной прозы были одними из популярных в русскоязычной литературе Таджикистана, внимание заостряется на анализе повести «Под чужим именем» известного в советское время автора детективов Минеля Левина, чьё творчество до настоящего времени не являлось объектом исследования литературоведов. Для понимания художественного своеобразия повести автором статьи раскрываются причины возникновения жанра шпионского детектива, его жанрообразующие элементы, уточняется жанровое определение шпионского детектива и шпионского романа. Подчёркивается клишированность жанра. Указывается на неполноценность современного определения данного жанра. Кроме того, в статье анализируются жанрово-композиционные особенности повести М.Левина «Под чужим именем»: обширная образная система, приёмы раскрытия пограничниками действий преступников, перешедших границу, несоответствие названия глав содержанию, ориентация на дальнейшую экранизацию повести, детализацию описаний, наличие элементов криминального детектива, особенности хронотопа повести, особенности психологизма, в частности, его проявления в несобственно-прямой речи персонажей. Анализ произведения позволяет сделать вывод о соответствии жанрово-композиционных особенностей повести М.Левина эстетике соцреализма, например, изображение высокого морального облика пограничников и советских граждан, подчёркивание бдительности пограничников, заботы о воспитании молодых несознательных солдат в образе солдата Бородули. Также обращается внимание на авторское обоснование цели написания произведения и перспективы дальнейшего исследования.

Ключевые слова: детектив, шпионский роман, идеология советской эпохи, клишированность жанра, русскоязычная проза, М.Левин, повесть «Под чужим именем», особенности психологизма, композиционные приёмы, образ пограничников.

THE ARTISTIC ORIGINALITY OF THE SPY DETECTIVES OF M.LEVIN

(on the example of the novel «under a false name»)

In the article, the relevance of the study of detective genre is revealed, the Soviet spy novel, in particular. Due to the fact that the genres of detective prose were among the most popular in the Russian-language literature of Tajikistan, particular attention is focused on the analysis of the story "Under a False Name" by the famous Soviet detective author

Minel Levin, whose work has not been the subject of research by literary critics until now. In order to understand the artistic originality of the story, the author of the article discloses s the reasons for the emergence of the spy detective genre, its genre-forming elements, clarifies the genre definition of the spy detective and spy novel. The clichéd nature of the genre is emphasized. The inferiority of the modern definition of this genre is pointed out. In addition, the genre and compositional features of the novel M. Levin, "Under a false name": extensive imagery, techniques of the disclosure, the border guards of the actions of criminals who crossed the border, the discrepancy between the names of the chapters content, focus on the further adaptation of the novel, the detailed descriptions, the presence of elements of crime detective, the features of the chronotope of the novel, especially psychology are considered, in particular, its manifestations in non-native-direct speech of the characters. Analysis of the novel allows drawing a conclusion on the compliance of the genre and compositional peculiarities of the novel M. Levin aesthetics of socialist realism, for example, the high moral character of guards and Soviet citizens, underlining the vigilance of the guards, and care for the education of young unconscious soldiers in the soldier was Borodulya. Attention is also paid to the author's justification of the purpose of writing the work and the prospects for further research.

Key words: detective; spy novel; ideology of the Soviet era; clichéd genre; Russian-language prose; M. Levin; the story "Under a False Name"; features of psychologism; compositional techniques; the image of border guards.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мединина Мария Александровна*** – Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон, омӯзгори кафедраи адабиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М.Турсунзода, 30. E-mail: **mari.medynina@bk.ru.** Тел.: **(+992 37) 44-620-42-10**

Сведение об авторе: ***Медынина Мария Александровна*** **-** Российско-Таджикский (Славянский) университет, преподаватель кафедры мировой литературы. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.М.Турсунзаде, 30. E-mail: **mari.medynina@bk.ru.** Тел.: **(+992 37) 44-620-42-10**

Information about the author ***Medynina Maria Alexandrovna*** **-** Russian-Tajik (Slavonic) University, Lecturer of the chair of world literature. **Address:** 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade Str., 30. E-mail: **mari.medynina@bk.ru.** Тел.: **(+992 37) 44-620-42-10**

ЖУРНАЛИСТИКА

УДК: 070.3.

ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТИКА ДАР КОНТЕКСТИ ПАЖӮҲИШҲОИ ИЛМӢ

Муродӣ М.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар низоми парадигмаҳои таҳқиқи ВАО жанр ва проблемаҳои марбут ба он нақши муҳим дорад, зеро маҳз жанр имкон медиҳад, ки раванди фаъолияти журналистӣ шакл гирад, мақсад мушаххас ва матлаб ҷолибу муассир гардад. Дар таҳлили ҳаматарафаи матни журналистӣ жанр ҳамчун принсипи функционалӣ шинохта шудааст.

Дар назарияи журналистика жанрҳоро асосан аз рӯйи се аломати асосӣ: предмети инъикос, методи инъикос ва мақсади инъикос, ки ифодакунандаи хусусиятҳои композитсионию сохтории матнҳои гуногунанд, ба се гурӯҳ тақсим мекунанд. Дар қатори ин се омил муносибати журналист – нигорандаро низ метавон ҳамчун аломати жанрсоз дохил намуд, зеро маҳз муносибати журналист ба воқеияти иҷтимоии инъикосшаванда боис мегардад, ки матн дар ин ва ё он қолаб шакли муайян пайдо кунад.

Назаричиёни журналистика дар ибтидо дар шинохт ва баррасии вижагиҳои жанрҳои публитсистӣ ба таҷрибаи илми адабиётшиносӣ такя намудаанд. Ба ин маънӣ, дар нимаи дуюми садаи XX шинохти назарии жанрҳои журналистика, аслан дар ҳамин сатҳ шакл гирифтааст. Ташаккул ва инкишофи донишҳои назариявӣ доир ба жанрҳои журналистика дар замони шӯравӣ ба пажӯҳишҳои муҳаққиқони соҳа М. И. Каленин, М. С. Черепахов, Е. М. Журбина, М. Колтсов, Д. К. Бекасов, Е. П. Прохоров, П. Ткачёв, Ю. С. Баранович ва дигарон алоқаманд аст. Назари ин муҳаққиқонро дар замони баъдазшӯравӣ муҳаққиқони шинохта А. А. Тертычный, М. Н. Ким, Г. В. Лазутина, Л. Е. Кройчик, В. В. Смирнов, А. И. Акопов, Л. В. Шибаева, Е. Е. Пронина, О. Р. Самартсев ва дигарон идома додаанд.

Дар илми журналистикаи тоҷик аввалин китобҳое, ки доир ба шинохти назарияи жанрҳо нигошта шудаанд, хусусияти таълимӣ доранд. Дар ин самт муҳаққиқон А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, П. Гулмуродзода пешгоманд. Бавижа И. Усмонов дар ин ҷода корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Аввалин китобӣ ӯ доир ба жанрҳои журналистика соли 1986 бо номи «Рӯзномаро донистан мехоҳам» ба табъ расид. Ҳамчунин дар таҳияи китоби дастҷамъонаи «Журналистикаи советии тоҷик» [12] тавсифи қисми зиёди жанрҳо ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Ин муҳаққиқ омӯзиши назарии жанрҳои воситаҳои ахбори оммаро идома дода, соли 2009 бо номи «Жанрҳои публитсистика» [17] воситаи таълимӣ интишор намуд, ки дар он тамоми жанрҳои журналистика бо диди замонавӣ арзёбӣ карда шудаанд.

Воситаҳои таълимии А. Нуралиев «Жанрҳои ахбории матбуот» (1990; 2004), А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода «Жанрҳои таҳлилии матбуот» (1994; 1998), «Ҳамосаи инсони кор» (1994), А. Саъдуллоев, С. Гулов «Жанрҳои журналистикаи радио» (1997) дар маърифати назарии жанрҳои публитсистика аз аҳаммият холӣ нестанд.

Дар заминаи ин ва дигар асарҳо баъдтар муҳаққиқони тоҷик доир ба жанрҳои журналистика воситаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ таълиф намуданд. Аз ҷумла, китоби дарсии М. Муродов «Асосҳои эҷоди журналистӣ» (2014), воситаҳои таълимии А. Саъдуллоев , С. Гулов «Жанрҳои таҳлилии радио» (2002), М. Муродов «Ҳачви публитсистӣ» (2003), З. Муминҷонов «Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион» (2011), Хоҷазод С. «Махсусияти жанрҳои радиои Тоҷикистон» (2009), Ҷ. Муқим «Технологияи таҳияи мусоҳиба» (2014) Г. Умарова, Х. Бекзод «Ток-шоу дар телевизиони Тоҷикистон» (2009), С. Хоҷазод, А. Ализода «Махсусияти жанрҳои радио» (2017) имрӯз дар таълими асосҳои фаъолияти журналистӣ ва ташаккули донишҳои назарии муҳассилин доир ба шинохт ва маърифати жанрҳо истифода мешаванд.

Ҳарчанд дар ин китобҳои таълимӣ, қолаби ягона, маълумоти умумӣ ва такрори фикри ҳамдигар дар шинохти жанрҳои публитсистӣ ба назар мерасад, аммо дар аксари онҳо вижагиҳои хос низ кам нест. Умумияти ин воситаҳои таълимӣ дар он аст, ки аксари муаллифон ба таснифоти жанрҳои публитсистика муносибати анъанавӣ доранд. Дар

назарияи журналистика ба се гурӯҳ ҷудо намудани жанрҳоро (ахборӣ, таҳлилӣ ва публитсистиву бадеӣ) муносибати анъанавӣ мекунанд.

Муҳаққиқон муосир чунин низоми жанрҳои публитсистикаро номукаммал ҳисобида, ба он назаранд, ки дар замони шӯравӣ ҷудо намудани матнҳо ба жанрҳо ва гурӯҳҳо шартӣ буд. Ба ин мазмун дар солҳои охир доир ба таснифоти низоми жанрҳои журналистика назарҳои нав ба вуҷуд омадаанд. Аз ҷумла, олими рус Л. Е. Кройчик матнҳои дар воситаҳои ахбори оммаи муосир истифодашавандаро аз рӯйи меъёрҳои фаврият, навгонӣ, таҳлилӣ ва образнокӣ баррасӣ намуда, онҳоро ба панҷ гурӯҳ ҷудо намудааст: фаврии иттилоотӣ (хабар бо анвояш); фаврии таҳқиқӣ (мусоҳиба, репортаж, ҳисобот); таҳқиқӣ-ахборӣ (мухбирнома, табсира, колонка, тақриз); таҳқиқӣ (мақола, нома, хулоса); таҳқиқию образӣ ва ё публитсистиву бадеӣ (очерк, эссе, фелетон, памфлет) [4, с. 126].

Муҳаққиқи дигари рус А. А. Тертычный гарчанде дар бораи гурӯҳбандии жанрҳои матбуоти даврӣ муносибати анъанавӣ дорад, аммо дар таснифоти ӯ миқдори жанрҳо нисбатан зиёдтар нишон дода шудааст. Масалан, ӯ дар гурӯҳи жанрҳои ахборӣ мухбирномаи хабарӣ, назарпурсӣ (блитс-опрос), савол-ҷавоб ва некрологро илова кардааст. Мавсуф теъдоди жанрҳои таҳлилиро ба 22 адад расонида, аз ҷумла, ҳисоботи таҳлилӣ, мусоҳибаи таҳлилӣ, пурсиши таҳлилӣ, суҳбат, табсира, хулосаи сотсиологӣ, анкета, рейтинг, таҳқиқи журналистӣ, пешгӯи (прогноз), версия, таҷриба, исповед, тавсия ва пресс-релизро ҳамчун жанри мустақили таҳлилӣ арзёбӣ мекунад. Ба гурӯҳи жанрҳои публитсистию бадеӣ таърихнома (житейская история), қисса, эпитафия, латифа, ҳазл ва бозӣ илова карда мешавад [16]. Ҳарчанд ин муҳаққиқ дар тақсимбандӣ ва муайян кардани махсусияти жанрҳои гуногун аз матбуоти даврии рус намунаҳо оварда, тариқи таҳлил хусусияти жанрии онҳоро нишон медиҳад, аммо ба ақидааш наметавон пурра розӣ шуд. Масалан, як жанрро (ҳисобот, мусоҳиба, мухбирнома) ҳам ба қатори гурӯҳи жанрҳои ахборӣ ва ҳам таҳлилӣ шомил намудан чандон дуруст нест. Ҳар гуна таснифот ва аносири жанрсоз нисбӣ аст, ки ин талаботро муҳаққиқ ба назар нагирифтааст. Мусоҳиба таҳлилӣ буда наметавонад, аммо он ба мақсади равшанӣ андохтан ба ин ё он масъала таҳия карда мешавад. Дар ҳар ҳолат вазифаи журналист рафти мусоҳибаро ба ихтиёр гирифтан ва мусоҳибро ба сухан даровардан аст, дараҷа ва сатҳи таҳлили мавзӯи баррасишаванда аз донишу таҷриба ва ҷаҳонбинии мусоҳиб вобаста аст. Дар ҳолати ба баҳс ҳамроҳ шудани журналист, мусоҳиба хусусияти жанриашро гум карда, ба суҳбат мегаравад.

А. В. Колесниченко дар воситаи таълимии «Прикладная журналистика» [3] теъдоди жанрҳои журналистикаро маҳдуд намуда, асосан ба 12 жанре, ки ба мушоҳидаи ӯ дар журналистикаи муосир (рус) бештар истифода мешаванд, таваҷҷуҳ намудааст. Ин жанрҳо хабари кӯтоҳ, хабари васеъ, ньюс-фиче, фиче, репортаж, мусоҳибаи ахборӣ, мусоҳибаи экспертӣ, табсира, мақолаи таҳлилӣ ва портрет мебошанд.

Зимнан, дар пажӯҳишҳои солҳои охир ибораи «мақолаи таҳлилӣ» серистифода шудааст, ки ба назари инҷониб мантиқан дуруст нест. Агар аз истифодаи ин мафҳум манзур жанри мақола бошад, пас онро ба таҳлилӣ ва ё ташреҳӣ ҷудо намудан саҳеҳ нест. Мақола ба гӯрӯҳи жанрҳои таҳлилӣ шомил аст ва табиист, ки бидуни таҳлил буда наметавонад. Асоси ин жанр фикри иҷтимоӣ аст, ки исбот мехоҳад ва исботи чунин фикр бе таҳлил ҳосил намешавад.

Чунин муносибат дар воситаи таълимии омӯзгорони шуъбаи журналистикаи Донишгоҳи Россия (Славянӣ) – Тоҷикистон «Жанровые особенности современных таджикских печатных и электроных СМИ 2000-2016 гг.» [15] низ ба назар мерасад. Дар ин воситаи таълими жанрҳои хоси матбуоти даврӣ, радио ва телевизион дар алоҳидагӣ баррасӣ шуда бошанд ҳам, дар таҳлили онҳо ҷанбаҳои илмиву таълимӣ ба ҳам омезиш ёфтааст. Дар ин китоб низ жанрҳои ҳисобот, мухбирнома ва мусоҳиба ҳам дар навъи ахборӣ ва ҳам таҳлилӣ баррасӣ гардида, назарпурсӣ, некролог, анкета, мониторинг, рейтинг, таҳқиқоти журналистӣ, пресс-релиз, қисса, эпиграф, эпитафия, латифа ба сифати жанри матбуотӣ муаррифӣ шудааст.

Муҳаққиқ И. К. Усмонов дар шинохти жанрҳои публитсистика ва анвои он ба анъанаи мавҷуда такя намояд ҳам, дар нисбати шомил намудани жанрҳо ба гурӯҳҳо ва шинохти баъзе жанрҳо назари навро талқин мекунад. Дар таснифоти ӯ мухбирнома ба гурӯҳи жанрҳои ахборӣ кӯчида, табсира ҳамчун жанри таҳлилӣ арзёбӣ мегардад.

Муҳаққиқ А. Саъдуллоев дар асари худ «Эссе (Андешаҳо дар бораи баъзе ҷанбаъҳои жанр ва таҳаввули он)» (2010) ҷараёни ташаккул ва шинохти ин жанрро дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик дар заминаи таҳлилу баррасии осори адибону публитсистон баррасӣ намудааст. Ӯ муҳаққиқоне, ки эссеро ҳамчун навъи очерк медонанд, ба баҳс кашида, исбот мекунад, ки эссе марҳилаҳои шаклгириро тай намуда, ҳамчун жанри нав шинохта шудааст ва онро бояд эътироф кард.

Ба андешаи ин муаллиф жанри эссе имконоти зиёди мундариҷавӣ, мавзуӣ, шаклӣ ва тасвирӣ дорад ва бо ин хусусияташ ба табиати телевизион басо мувофиқ аст. Сифати эссеҳои телевизионӣ аз бисёр ҷиҳат ба шахсияти муллиф алоқаманд мебошад. Агар муаллифони барномаҳо шахсони маъруф ва миёни мардум обрӯманд бошанд ва аз имконоти ин жанр моҳирона истифода баранд, дар тарбияи маънавии бинандагон таъсири бештаре хоҳанд расонид. Дар телевизион аксар маврид барномаҳои аз намоишномаҳо, чорабиниҳои фарҳангӣ, лабораторияҳои эҷодии рассомон, ҳунармандон тарҳрези гардида, хусусияти эссеро пайдо мекунанд.

Муҳаққиқ Н. Бозоров дар таҳқиқоташ «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика» [1] кӯшиш намудааст, ки вижагиҳои жанрии сафарномаро муайян намуда, онро ҳамчун жанри мустақили публитсистӣ муаррифӣ намояд. Пажӯҳишҳои ин муҳаққиқ бештар ҷанбаи адабиётшиносӣ дошта, сарҳади очерки сафарӣ ва сафарнома аз диди илми публитсистикашиносӣ мушахассан нишон дода нашудааст. Дар шинохти ӯ очерк сафарӣ намешавад ва тамоми очеркҳои сафарӣ сафарномаанд.

Агар омӯзиши парадигмаҳои пажӯҳишҳои илмии журналистикаи ватаниро ба таври муқоиса таҳлил намоем, маълум мегардад, ки муҳаққиқони тоҷик бештар ба ду парадигма – масъалаҳои таърихи журналистика ва шинохти жанрҳои ВАО таваҷҷуҳ намудаанд. Дар ин бахшҳо на танҳо осори таълимӣ, балки пажӯҳишҳои зиёди илмӣ низ ба анҷом расонида шудаанд.

Аз аввалин таҳқиқотҳои илмӣ доир ба жанрҳои публитсистика (матбуоти даврӣ) диссертатсияи доктории А. Саъдуллоев «Таҳаввул ва инкишофи жанрҳои насри мустанади муосири тоҷик (солҳои 1960-1980)» ва рисолаи номзадии М. Муродов «Ташаккули жанри такризи адабӣ дар матбуоти даврии тоҷикии солҳои 1920-1930» мебошанд, ки ҳар ду соли 1996 дифоъ шуданд. Агар дар диссертатсияи А. Саъдуллоев масъалаи инкишофи жанрҳои публитсисию бадеӣ, бахусус лавҳаву очерк ва эссе дар алоқаманди бо заминаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии пайванди адиб бо замон, фаъолмандии иҷтимоии нависанда, образи публитсистӣ, назария ва сатҳи таҳқиқ, сайри такомули насри мустанади тоҷик, маҳорати нигорандагӣ, таносуби воқеият ва бадеият дар осори мансур мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад, дар таҳқиқоти М. Муродов омилҳои пайдоиш ва ташаккули як жанр – такриз дар заминаи маводи матбуоти даврии солҳои 1920-1930 баррасӣ гардида, хусусиятҳои жанрӣ ва мундариҷавиии он нишон дода шудааст. Муҳтавои рисолаи аввал бо номи «Хосияти адабиёт» (2000) ва рисолаи дуюм бо номи «Такриз ҳамчун жанр» (1999) ба табъ расидааст.

А. Саъдуллоев очеркҳои матбуоти солҳои 60-80-уми асри гузаштаро таҳқиқ намуда, ҷиҳати храктерноки онҳоро дар «вуҷуд надоштани қаҳрамони манфӣ, воқеаҳои барои ҷомеа манфӣ» маънидод мекунад ва далел меорад, ки «ифшо ва фошу маҳкум намудани қаҳрамонони манфӣ ба дӯши жанрҳои ҳаҷвӣ гузошта шуда буд» [].

Ин муҳаққиқ дар боби сеюми рисолаашро, ки «Жанрҳо солҳо, андешаҳо» ном дорад, зиёдтар хосияти жанрҳо, ягонаги шаклу мазмун, тарзи тасвири рӯйдодҳову шахсиятҳоро дар асоси асарҳои мустанади адибону публитсистон ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашидааст.

Баъдтар таҳқиқи жанрҳои публитсистика дар диссертатсияҳои номзадӣ ва пажӯҳишҳои илмии С. Гулов «Бадеият дар очерки муосири тоҷик (солҳои 1980-1990)» [2], Муқимов Ҷ. «Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ» [6], Шоев, М. «Хусусиятҳои жанрию мавзӯии очеркҳои Фазлиддин Муҳаммадиев» (2003. – 165 с.), Б. Шукруллоев Жанри мактуб: рисолат ва имконот [19], Н. Кӯчарова «Хусусиятҳои жанрӣ ва услубии публитсистикаи Абдулҳамид Самад» [5]. Бозоров Н. «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика» [1], Самадова Д. «Ҷойгоҳи жанрҳои ахборӣ дар матбуоти минтақавии замони истиқлоли Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои «Ҳақиқати Суғд» ва «Вароруд»)» (2015), Лекаркин И. «”Народная газетава” дар низоми матбуоти даврии Тоҷикистон»

дигарон идома ёфтааст. Аксари ин пажӯҳишҳо дар шакли монография интишор гардидаанд.

Аз муҳтавои ин ва дигар таҳқиқот бармеояд, ки дар ҷараёни инкишофи ВАО, хосса матбуоти даврӣ жанрҳои гуногун ба вуҷуд омада, ташаккул ва инкишоф ёфтаанд. Ҳамзамон баъзе жанрҳо мавқеи худро коҳиш дода, аз майдони ВАО нопадид шудаанд. Новобаста аз ин қолаб ва имконоти жанрӣ барои инъикоси воқеияти иҷтимоии давру замони гуногун ва ба шакл даровардани матлаб ва ҷолибу хонданӣ гардонидани маводи рӯзноманигорӣ мусоидат кардаанд.

Бо дигар шудани сохти иҷтимоӣ ва нисбатан мустақил гардидани рӯзноманигории тоҷик, аз як тараф, муносибат ба воқеиёти зиндагӣ, аз ҷониби дигар, тарзу шеваи гуфтор ва навишт то андозае тағйир ёфт. Мавзӯъ ва масъалаҳои зиёде, ки дар рӯзноманигории қабл аз Истиқлолияти давлатӣ дар матбуоти даврӣ маъмул набуданд, балки зарурати ба тарзи оммавӣ баррасии намудани онҳо набуд, дар саҳифаҳои нашрияҳои даврӣ пайдо шуданд ва тадриҷан мавқеъ пайдо карданд. Бо рушди техникаву технологияи замонавӣ имконияти шиносоӣ бо ВАО-и гуногун фароҳам омад ва дастраси ба манбаъҳои мухталиф зиёд гардид. Ин ва дигар омилҳо низоми анъанавии жанрҳои журналистикаро халалдор намуда, ба таҳаввули онҳо замина гузошт.

Дар замони муосир ВАО-и Тоҷикистон ҳарчанд мустақил аст, аммо раванди фаъолияти он аз таъсири омилҳои беруна холӣ нест. Яке аз чунин омилҳо интернет аст, ки сол ба сол таъсираш бештар мегардад. Таъсири интернет, хусусан ба рӯзноманигорони ҷавон, ки аз нигоҳи касбӣ чандон омодаи фаъолияти эҷодӣ нестанд, зиёдтар аст. Ин аст, ки дар рӯзноманигории амалӣ, корбасти меъёрҳои жанрӣ чандон риоя намешавад ва ҳатто баъзе аз аҳли қалам шакли жанрӣ ва анвои онро зарур намеҳисобанд. Ба пиндошти онҳо чӣ навиштан муҳим аст на чӣ гуна ва дар кадом қолаб навиштан. Ба назар чунин мерасад, ки дар ин самт амалия аз назария пеш рафтааст. Баъзе муҳаққиқон дар шинохти жанрҳои публитсистӣ бештар ба ҷанбаҳои назарӣ такя намуда, маълумотҳоро аз китоб ба китоб интиқол медиҳанд ва ба пажӯҳиши бевоситаи маводи ВАО, аз ҷумла матбуоти даврӣ кам эътибор медиҳанд. Дар натиҷа баррасиҳои онҳо ба амалияи рӯзноманигории ватанӣ чандон мувофиқат намекунад.

Воситаҳои ахбори оммаи муосир, бахусус матбуоти даврӣ матнҳоеро манзури аудитория (хонанда) мегардонанд, ки аз доираи низоми жанрҳои журналистӣ берунанд. Чунин матнҳо ба омӯзиши ҳаматарафа ва идентификатсия (баробар ҳаммонанд кардан) ниёз доранд то хусусият ва ҷойгоҳашон дар низоми жанрҳо муайян шавад. Ба мисли ин, намуди матнҳои нашрияҳои хушсифат ва ё махсус аз ҷиҳати мундариҷа, сохтору композитсия, жанру услуб ва забон фарқ мекунанд.

Ин ва дигар омилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз омӯзиши ҷанбаҳои назарӣ ва функсионалии жанрҳои журналистика ва татбиқи онҳо дар фаъолияти амалии рӯзноманигорӣ аз масъалаи муҳим ва мубрам маҳсуб меёбанд. Мубрамияти ин масъаларо ба ду ҷиҳат: таълимӣ ва илмӣ тавъманд аст. Аз мундариҷа ва муҳтавои баъзе адабиёти таълимӣ ва ҳамчунин мушоҳидаҳо аз иштирок ба дарсҳои бархе аз омӯзгорон чунин таассурот ҳосил мешавад, ки раванди таълим аз илми муосир дур шуда истодааст. Дар тадриси жанрҳои публитсистика бештар ҷанбаҳои назарӣ арзёбӣ мегарданд, ба пажӯҳишҳои илмӣ камтар таваҷҷуҳ мешавад.

Омӯзиши адабиёти илмиву таълимии марбут ба жанрҳои публитсистика нишон медиҳад, ки ағлаби муаллифон шинохти вижагиҳои ин ё он жанрро дар чигунагии вазифа, мақсад, мавқеи факт, дараҷаи шарҳу тавзеҳ, сохти матнӣ ва мавқеи нишоранда арзёбӣ намудаанд. Доманаи шинохти жанрҳои публитсистӣ аз ин васеътар аст. Забону услуб, тарзи масъалагузорӣ, шеваи нақл, таркиби матн, пайдаҳамии фикр, оғозу анҷом, сарлавҳа ва амсоли ин низ аз унсурҳои жанрсозанд, ки ҳангоми баррасии парадигмаҳои жанрии маводи журналистӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Ҳамчунин моро зарур аст, ки ҳангоми пажӯҳиши жанрҳои публитсистӣ ба маводи ВАО бештар такя намуда, ба ин васила, аз як тараф, дар омӯзиши жанрҳо омилҳои таҳаввулпазирро ба инобат гирем, аз тарафи дигар, назарияи жанрҳоро аз ҳисоби амалияи рӯзноманигорӣ таҷдид намоем ва ниҳоятан ба ин роҳ раванди омодагии касбии рӯзноманигорони ояндаро дар алоқамандии ҷанбаҳои назариву амалия ба роҳ монем.

А Д А Б И Ё Т

1. Бозоров Н. Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика / Н. Бозоров.– Душанбе, 2014. – 184 с.
2. Гулов С. Бадеият дар очерки муосири тоҷик (солҳои 1980-1990) / С. Гулов.– Душанбе, 1997. – 153 с.
3. Колесниченко А. В. Прикладная журналистика. Учебное пособие / А.В. Колесниченко. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 2008.– 176 с.
4. Кройчик Л. Е. Система журналистских жанров / Л.Е. Кройчик // Основы творческой деятельности журналиста // Под ред. С. Г. Корконосенко.– СПб., 2000, С. 125-168.
5. Кӯчарова Н. Публитсистикаи Абдулҳамид Самад / Н. Кӯчарова.– 2016.– 192 с.
6. Муқимов Ҷ. Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ» / Ҷ Муқим. – Душанбе: Сино, 2000.– 56 с.
7. Муқим Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он. Дастури таълимӣ / Ҷ Муқим. –Душанбе: Озар, 2013. – 160 с.
8. Муродов М. Тақриз ҳамчун жанр / М. Муродов.– Душанбе: Ирфон, 48 с.
9. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М. Муродов.– Душанбе: Ирфон, 2014.– 252 с.
10. Муъминҷонов З. Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион / З. Муъминҷонов.– Душанбе, 2011.– 68 с.
11. Нуралиев А. Жанрҳои ахбории матбуот / А. Нуралиев.– Душанбе: Деваштич, 2004.– 146 с.
12. Нуралиев А. Журналистикаи советии тоҷик / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов.– Душанбе: Ирфон, 1989.– 176 с.
13. Саъдуллоев А. С. Жанрҳои журналистикаи радио / А. Саъдуллоев, С. Гулов.– Душанбе, 1997.– 72 с.
14. Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт / А. Саъдуллоев.–Душанбе, 2000.– 256 с.
15. Салихов Н.Н. Жанровые особенности современных таджикских печатных и электроных СМИ 2000-2016 гг / Н.Н. Салихов и др. – Душанбе: РТСУ, 2017.– 297 с.
16. Тертычный А. А. Жанры периодической печати / А.А. Тертычный.– М., 2000.– 312
17. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика / И. Усмонов.– Душанбе, 2009.– 140 с.
18. Хоҷазод С. Махсусияти жанрҳои радио / С. Хоҷазод, А. Ализода.–Душанбе, 2017.– 220 с.
19. Шукруллоев Б. Жанри мактуб: рисолат ва имконот / Б. Шукруллоев. – Душанбе, 2012. – 114 с.

ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТИКА ДАР КОНТЕКСТИ ПАЖУҲИШҲОИ ИЛМӢ

Дар мақола дараҷаи омӯзиши жанрҳои публитситӣ дар низоми парадигмаҳои таҳқиқи ВАО мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст. Дар низоми парадигмаҳои таҳқиқи воситаҳои ахбори омма (журналистика) жанр аз мавзӯъҳои асосӣ маҳсуб меёбад, зеро он имкон медиҳад, ки раванди фаъолияти журналистӣ қолаби муайян пайдо кунад. Аз ин рӯ, дар таҳлили ҳаматарафаи матни журналистӣ жанр ҳамчун принсипи функсионалӣ шинохта шудааст. Шинохт ва баррасии вижагиҳои жанрҳои публитсистӣ дар нимаи дуюми садаи XX дар такя ба ба таҷрибаи илми адабиётшиносӣ оғоз гардида, баъдтар тадриҷан ҷанбаи касбӣ пайдо кардааст. Ташаккул ва инкишофи донишҳои назариявӣ доир ба жанрҳои журналистика, асосан дар ду давра: замони шӯравӣ ва пас аз шӯравӣ идома ёфтааст. Пажӯҳишҳои ин даврaҳо бо вуҷуди умумият доштан аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Умумияти пажӯҳишҳои илмӣ ва воситаҳои таълимии марбут ба ин мавзӯъ дар он аст, ки аксари муаллифон дар таснифоти жанрҳои публитсистика муносибати анъанавӣ намуда, ба се гурӯҳ ҷудо намудани жанрҳоро (ахборӣ, таҳлилӣ ва публитсистиву бадеӣ) ҷонибдорӣ намудаанд. Дар баробари ин баъзе муҳаққиқон муосир низоми анъанавии жанрҳои публитсистикаро номукаммал ҳисобида, доир ба таснифоти жанрҳои журналистика назари нав ироа намудаанд. Дар мақола пажӯҳишҳои илмӣ ва китобҳои таълимии марбут ба жанрҳои публитсистика мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифта, асоси илмӣ доштан ва ё надоштани назарҳои нав ба музокира кашида шудааст. Дар фарҷоми мақола муаллиф масъалаи дар алоқамандии ҷанбаҳои илмӣ ва амалӣ ба роҳ мондани раванди таълими рӯзноманигорони ояндаро ба миён гузоштааст, ки талаботи замон аст.

Калидвожаҳо: илм, публитсистика, парадигма, пажӯҳиш, таснифот, муносибат, таҳлил, таҳқиқ, низоми жанрҳо, жанрҳои публитсистика, хусусият, масъала.

ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИЕ ЖАНРЫ В КОНТЕКСТЕ НАУЧНОГО ИССЛЕДОВАНИЯ

В статье рассматривается и анализируется уровень изучения публицистических жанров в системе парадигмы исследований СМИ. В системе парадигмы средств массовой информации (журналистика) жанр является основным по тому, как он позволяет суммировать процесс журналистики в определённой форме. Поэтому во всестороннем анализе журналистского текста жанр считается принципом функциональности. Познание и рассмотрение специфики публицистических жанров началось во второй половине двадцатого века с опорой на опыт литературной науки, позже стало профессиональным. Формирование и развитие теоретических знаний по жанрам журналистики происходили в основном в два периода: советское время и после развала советской системы. Исследование этих периодов, несмотря на общие черти, отличается друг от друга. Общность исследования и учебных пособий, соответствующих данной теме, заключается в том, что большинство авторов к классификации жанров публицистики отнеслись традиционно и поддержали распространение жанров в трех группах (информационные, аналитические, художественно- публицистические). Наряду с этим некоторые современные исследователи считали традиционную систему жанров публицистики недостаточной, и по классификации жанров сформировали новые точки зрения. В статье рассматривались научные исследования и учебные книги по жанрам публицистики, обсуждались их научная основа и некорректность новых взглядов. По завершении статьи, автор поставил вопрос о том, что необходимо вести процесс обучения будущих журналистов во взаимосвязи с научными и практическими аспектами, что является требованием времени.

Ключевые слова: наука, публицистика, парадигма, исследование, классификация, анализ, система жанров, жанры публицистики, особенности, проблема.

JOURNALISTIC GENRES IN CONTEXT SCIENTIFIC RESEARCH

The article considers and analyzes the level of studying journalistic genres in the system of media research paradigm. In the media paradigm system (journalism), genre is the main way it allows you to sum up the process of journalism in a certain form. Therefore, in a comprehensive analysis of a journalistic text, genre is considered as a principle of functionality. Knowledge and consideration of the specifics of journalistic genres began in the second half of the twentieth century with the opening of the experience of literary science, later became a profession. The formation and development of theoretical knowledge of journalism genres took place mainly in two periods: the Soviet period and after the Soviet debauchery. The study of these periods, despite the common features, differ from each other. The commonality of the research and the textbook on this topic is that most authors have traditionally treated the classification of genres of journalism and supported the spread of genres in three groups (informational, analytical, artistic and journalistic). Along with this, some modern researchers considered the traditional system of genres of journalism insufficient, and the classification of genres formed new points of view. The article considered scientific research and educational books on the genres of journalism, discussed their scientific basis and the incorrectness of new views. At the end of the article, the author raised the question of how to conduct the process of training future journalists in relation to scientific and practical aspects, which is a requirement of time.

Key words: science, journalism, paradigm, research, classification, analysis, genre system, genres of journalism, features, problem.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муродӣ Мурод Бердӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуот. **Адрес:** 734055,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **murodi-65@mail.ru**

Сведение об автор: ***Мурови Мурод Берди*** – Таджикский национальний университет, доктор филологических наук, профессор кафедры печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **murodi-65@mail.ru**

Information about the author: ***Murodi Murod Berdi*** – Tajik national University, doctor of philology, professor of the department of printing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **murodi-65@mail.ru**

УДК: 070.1.3

ЯК СОҲАИ ЭҶОД

Раҳмонзода Ҷамила Мирзо
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Назаре ба таърихи публитсистика. Аз замоне ки сухан падид омадааст, самту ҳадаф доштани он низ ба миён омадааст. Сухан ҳамчун маҳсули тафаккур самтҳоеро фарогир буд ва ҳаст. Дар гузашта ва имрӯз ин самту ҳадафҳоро соҳаҳои муайяни эҷод мушаххас месозанд. Адабиёт, санъат, илм ва умуман ҳар соҳаи ба эҷод тавъам, самти ҳарфу суханро ҳар лаҳза дигар карда метавонанд. Мақсад ва ҳадаф дар сухан дар ҳама пайроҳаҳо бо гунаҳои мухталиф матраҳ мешаванд. Соҳаҳои таъсир бахшидан ба афкор хеле гуногун мебошанд. Санъат, адабиёт, фалсафа, мусиқӣ, театр, кино ва амсоли он ҳатман як ғановати таърихиро соҳибанд. Публитсистика низ дар ин радиф истисно намебошад ва хоҳу нохоҳ соҳиби таърихи тавлиди худ аст. Ҷойи инкор буда наметавонад, ки публитсистикаро дар адабиёти атиқа ҷӯё мешавем. Агар аввалин фаҳмишҳои динӣ қабл аз адабиёт дар доираи шугуну ривояту қиссаҳои даҳанакии халқ ба вуҷуд омада бошанд, пас дар ҳамон замон низ публитсистика вуҷуд дошта метавонад, зеро ҳадафи азаливу кунунии публитсистика ҳамеша ба сурати оҷилу фавриву сода ба олами мафкура роҳ ёфтану ба он таъсир бахшидан мебошад. Ба ин манзур Эрнест Ренан пайғамбарони гузаштаи насронихоро публитсистони қадим меномид. Маълум ки рисолати онҳо таъсир ба афкор буд ва ба роҳҳои мухталиф мехостанд, ки оммаро дар пояи муайян муътақид намоянд. Гузашта аз ин, ҳадафи ҳар як дину эътиқод дар ҷомеаи башарӣ ҳазорсолаҳо боз дар асоси таблиғу ташвиқи амиқ зиёд гардонидани пайравону ҷонибдорон мебошад. Ин раванд то ҳанӯз боқист ва онро дар асри пешрафту ҷаҳонишавӣ низ мушоҳида менамоем.

Публитсистика дорои таърихи куҳан мебошад. Агар мо сурату қолаби феълии онро ба таври дақиқ аз сабтхонаи таърих пайдо накунем ҳам, он дар оғӯши дигар ҷабҳаҳои эҷоду сухангустарӣ ҷой дошт. Сарфи назар аз ҷойгоҳи мушаххаси феълии худ, имрӯз низ публитсистика дар партави ҳар як падидаи иҷтимоӣ (санъат, суруд, мусиқӣ, мавъиза, нутқ, театр, кино ва ғ.) вуҷуд дорад. Баъзан мо публитсистикаро як ҷабҳаи густурдаи журналистика меҳисобем. Аммо ин маънои онро надорад, ки публитсистика ҳамсону ҳамсоли журналистика бошад. Ҷонибдорони андешае, ки публитсистика бо пайдоиши журналистика робита дорад, бояд гузаштаҳои дури публитсистикаи Аврупоро сарфи назар накунанд: «Таърихи пайдоиши он ба даврaҳои наттоқӣ, аз ҷумла ба воизони Юнони Қадим, Демосфон муколамаҳои Ситсерон, ҳаҷву мутоибаҳои Аристофон, Лукиан, вазъҳои Геродот, Плутарх ва воизони динӣ (калисо омада мерасанд)». Дар гузашта ва имрӯз низ бузургтарин сиёсатмадорони Аврупо дар навбати аввал публитсист буданд. Журналистика нахуст ҳамчун як воситаи коммуникативии алоқаву хабар ба вуҷуд омад, дар заминаи таҷрибаҳо вазифаҳои худро васеъ намудааст. Адабиёт қабл аз журналистика вуҷуд дошт ва аз оғози пайдоиш бидуни руҳи публитсистӣ ба миён наомадааст. Ҳамин аст, ки ба андешаи муҳаққиқони соҳа «… публитсистика қабл аз журналистика ба вуҷуд омадааст». Бо гузашти садсолаҳо публитсистика ташаккул ёфт. Вазифаҳои он фаррохтар гашт. Ҷомеа ба он ниёз пайдо намуд ва идеологияҳо аз ин соҳа ба таври фарох истифода бурданд. Махсусан дар рушду таҳаввули Аврупои қадим ва пешрафта публитсистика асрҳо боз хидматгузор буд ва то ҳол ҳаст. Инкишофи соҳа низ давра ба давра дар заминаи ҷаҳонбиниҳои маълум суръат пайдо менамуд: «Инкишофи босуръати публитсистика дар давраи Эҳё (асри понздаҳ), ҷанги деҳқонони Германия (1524-1526), инқилоби бурунмарзии англис (асри ҳабдаҳ), Инқилоби Франсия ва ғайра рост меояд, ки дар ин даврон публитсистика ба яроқи тавонои муборизаи сиёсиву идеологӣ табдил ёфт». Табиист, ки дар даврaҳои таърихии зикршуда матбуот вуҷуд надошт. Публитсистика дар нутқи воизону наттоқон, китобҳову варақаҳо ва сурудаҳову ниёишҳо матраҳ мегашт. Ашхоси бомаърифату воқифи ин давронҳо дар баланд гаштани донишҳову ҷаҳонбиниҳои омма нақш мегузоштанд. Фаъолияти эҷодиву сиёсии зиёиёни алоҳида ба монанди У. Гутен, И. Милтон, Ҷ.Свифт, Д.Дефо, Б.Франклин, Э.Берне, Г.Гайне, В.Гюго ва дигарон дар солҳои гуногун ҷомеаи аврупоиро дар роҳи муборизаҳо фаъол мегардониданд. Дар зинаҳои минбаъда ин нақшҳо боз ҳам амиқтару фарохтар мегаштанд: «…фаъолияти К.Маркс ва

Ф.Энгелс даврони навро боз кард ва ин даврон дар инкишофи публитсистика низ мусоидат карда буд».

Дар сарзамини Русия низ пайдоишу таҳаввули публитсистика таърихи қадимӣ дорад. Ҷойи инкор нест, ки Русия низ дар зери таъсири маданияту фарҳанги аврупоӣ ба дастовардҳо ноил гаштааст. Ҳарчанд таъсиси аввалин нашрия дар ин кишвар дар қиёс бо мамолики Аврупо дертар сурат гирифта бошад ҳам, вале публитсистика дар ин сарзамин заминаҳои амиқи таърихиро соҳиб аст. Дар ин маврид андешаи муҳаққиқон чунин аст: «Таърихи публитсистикаи рус ба асри ёздаҳ, ба таълифи достони қонун роҷеъ бо бидъати Илларион «Вазъи Кирилл Туровский» рост меояд». Дар асрҳои минбаъда низ публитсистика дар ин кишвар дар қолабҳои гуногун инкишоф ёфта, зина ба зина моҳияти идеологии худро қавитар гардонид. Дар асоси заминаҳои маълум баъдтар М.В.Ломоносов, А.Н.Радишев, В.Г.Белинский, А.Гертсен ва дигарон дар рушду инкишофи соҳа нақш гузоштанд. Публитсистика сохтҳоро иваз намуд ва дар татбиқи ҳадафҳои сиёсӣ муҳимтарин васила ба шумор мерафт. Бо гузашти вақт публитсистика дар рух додани инқилоб дар ин сарзамин нақш гузоштааст ва дар нигоҳдошту бунёди ҷомеаи нав нақши хеле густурдаву бузургро соҳиб буд. Дар ин самт метавон аз фаъолияти публитсистии В.Ленин, В.Воровский, А.Луначарский, М.Горкий ва дигарон ёдовар гашт, ки дар асри худ таҳаввулоти ҷиддии авкорро ба миён оварда метавонистанд. Мавриди таъкид аст, ки муҳаққиқони публитсистикаи тоҷик нисбат ба гузаштаи публитсистикаи тоҷик назари амиқтар доранд: «Публитсистикаи тоҷик, ки таърихи беш аз 1000-соларо дорост, давра ба давра осори бою рангинеро ба саҳфаи таърих ҷо додааст». Вобаста ба ин андеша метавон гуфт, ки публитсистикаи тоҷикро дар домани офаридаҳои шифоҳиву фолклорӣ дарёфт намудан мумкин аст. Зеро осору намунаҳои адабиёти суғдиву бохтарӣ дар сабтномаҳои таърихӣ вуҷуд доранд, ки дар онҳо ҷанбаҳои воқеият ба назар мерасанд. Ин ҷо метавон ба «воситаи таъсиррасонӣ» -и осори бозмонда ишора кард, ки хосияти замонҳоро то ҳадде бозгӯ менамоянд. Ба таври нисбатан мушаххас таърихи қадимии публитсистикаи тоҷикро муҳаққиқон чунин ишора менамоянд: «Таърихи инкишофи публитсистикаи тоҷик аз даврaҳои хеле қадим об мехӯрад. Оғози онро аз асарҳои адибони мумтоз «Сафарнома» -и Носири Хусрав, «Ахлоқ-ул-ашроф» -и Убайди Зоконӣ, «Бадоеъ-ул вақоеъ» - и Зайниддини Восифӣ, «Анвори Суҳайлӣ» - и Ҳусейн Маҳмуди Кошифӣ ва ғайра шурӯъ кардан мумкин аст».

Дар вобастагӣ ба андешаҳои боло ба натиҷае расидан мумкин аст, ки публитсистикаи тоҷик аз чанд давраи бузурги таърихӣ иборат мебошад. Оғози он гӯё нисбатан мушаххас мебошад: «Оҳанги публитсистии осори адабии классикии тоҷик, ки аз «Авесто» то «Шоҳнома» ва аз «Калила ва Димна» - и Рӯдакӣ то ашъори Ҳайрат мавҷуд буд, ҳамеша ҳамчун қисмати таркибии адабиёти бадеӣ боқӣ монд…. ». Муҳаққиқи соҳа М.Муродов дар заминаи даврабандии ташаккули публитсистикаи тоҷик чунин ҳукм дорад: «Публитсистикаи тоҷик таърихи тӯлонӣ дошта, ташаккули он ҳанӯз қабл аз пайдоиши матбуоти даврӣ дар шаклҳои гуногун: таърихнигориву сафарноманависӣ ва амсоли ин сурат гирифтааст. Ба ин маънӣ осори дорои оҳанги публитсистиро метавон аз ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ инҷониб то намояндагони феълии адабиёти муосир ҷӯё шуд». Агар асарҳои дар боло зикршуда аз адабиёти классикии нисбатан қадимӣ рӯҳияи публитсистиро нишон додан хоҳанд, пас дар асри XIX ва оғози асри XX публитсистикаи ҳамқадами замонро дарёфт кардан мумкин аст, ки онро давоми анъанаҳои гузашта баҳогузорӣ кардаанд: «Ин анъанаро дар адабиёти нисбатан нави тоҷик Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ», Шамсиддини Шоҳин дар «Туҳфаи дӯстон», Мирзо Сирочи Ҳаким дар «Туҳфаи аҳли Бухоро» ва ғайра давом додаанд».

Дар асри гузашта бошад, мо публитсистикаи навинро дарёфт карда метавонем, ки бо иллатҳои гуногун ҳамоҳангу ҳамқадами замон мебошанд. Дар саргаҳи публитсистикаи навин устод Садриддин Айнӣ қарор дорад. Инқилоби Октябр дар публитсистикаи тоҷик талабот ва имконоти зиёдро ба миён оварад. Шурӯъ аз оғози солҳои сиюми асри гузашта М.Турсунзода, М.Миршакар, С.Улуғзода, А.Деҳотӣ, Ф.Муҳаммадиев, М.Наҷмиддинов, А.Шукӯҳӣ ва дигарон дар солҳои гуногун тавонистанд, ки бо сабку услуби хос ин соҳаи эҷодро такмил диҳанд. Бо вуҷуди фармоишӣ ва як навъ маҳдудияту қолабҳо ин публитсистика инкишоф ёфт ва тавонист, ки фарогирандаи оҳанги рӯз гардад: «Публитсистикаи муосир дар ҳаёти беш аз садсолаи худ на танҳо ҳаматарафа эътироф

гардид, балки инкишофу такомул ёфт ва тамоми паҳлуҳои ҳаётро предмети омӯзишу баррасӣ қарор дод».

Бояд гуфт, ки публитсистика ин худ хазинаи сабти воқеот аст. Публитсистика дар гузаштаҳои дур таърихро месохт ва маълум, ки таърих чун як илм воқеиятро мепарастад. Муҳаққиқ В. Ученова «…таърихиятро муайянкунандаи сифати ҷаҳонбинии публитсистика» медонад. Публитсистика дар шароити феълӣ низ ба вуҷудорандаи таърихи нав дониста мешавад, ки бо ин таърих дар бедор кардани эҳсоси омма дар роҳи ҳаракатҳои иҷтимоӣ қадам мегузорад. Моҳияту қимати публитсистикаро матбуоти даврӣ баланд бардоштааст, ки инак зиёда аз чорсад сол боз амал менамояд.

Таҳқиқи публитсистикаи тоҷик даврони тӯлониро фарогир нест. Ҳарчанд мавҷудияти худи публитсистика ҳамчун як навъи таъсиррасонии сареъ дар олами эҷоду адаби тоҷик таърихи доманадорро соҳиб аст. Манзури мо ҳанӯз дар оғозу саргаҳҳо ва чорроҳаҳо қарор доштани пажӯҳиши муҳаққиқони публитсистикаи тоҷик мебошад. Яъне нав ба наву тоза ба тозаҳои дигар шояд ҳанӯз дар нимароҳҳо қарор дошта бошанд, зеро чун қиёсан ба пажӯҳиши ин соҳа дар фазои илмии Русия менигарем, тадқиқоти олимони тоҷик дар муқоиса хеле ночиз аст. Бо вуҷуди ин, чӣ хуш аст, ки баъзан аз анҷому эҷоди як китобу рисола дар ин бобат муждае ба мо мерасад. Ҳанӯз публитсистика дар фазои эҷоду таҳқиқи мо, махсусан таърихи он ба сифати як муаммо боқист. Муҳаққиқони мазкур дар тафсилу таҳқиқи публитсистика навқадам нестанд. Имрӯз агар муҳаққиқоне бо назарияи нисбатан наву замонавӣ ва фалсафӣ ин соҳаро кашф кардан хоҳанд, пас Асадулло Саъдуллоев барин муҳаққиқон бо тай кардани роҳҳои пурпечу тоби таҳқиқи адабии замони шуравӣ тавонистанд, ки тамоми пайроҳаҳои таҳқиқи публитсистикаро муайян намоянд. Дар бораи эҷоди публитсистӣ ва публитсистика заҳматҳои муҳаққиқи дақиқбин Иброҳим Усмоновро чун ягона пажӯҳишгари ҳамабин наметавон сарфи назар намуд. Албатта, мо низ аз таъқидоту ишораҳои гуногуни адабиётшиносону мунаққидони замони шӯравӣ чун Х.Мирзозода, М. Шакурӣ, С. Табаров, А.Маниёзов, Р.Мусулмониён ва даҳҳои дигар ёд карда метавонем. Чун онҳо бо рисолати маълуми худ (адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ) танҳо аз паҳлуи масъала нигоҳ андохтаанд, наметавон ба таври комил ба ҷуз аз асарҳои Иброҳим Усмон, Асадулло Саъдуллоев, Мурод Муродов асареву китоберо ном бурд, ки мавзӯи рабтдоштаро нисбатан амиқ шарҳ дода тавонанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи соҳа А. Саъдуллоев дар шарҳи ин мафҳум роҳу пайроҳаву шоҳроҳҳои зиёдеро мушоҳидаву тадқиқ намуда, дар китоби «Хосияти адабиёт» ба ин олам нахуст аз равзанаи насри мустанад ворид гаштан мехоҳад. Зикри ифодаҳои илмии гузашта аз қобили мақола, мактуб, вақоеънома, сафарнома, ахбор, солнома, тазкира, ҳадис, таърихнома, муросила, асарҳои тарҷумаиҳолӣ ва амсоли он андешаи болоро пурра месозад. Ин навъи насрро, ки ҳуҷҷату санад асосу оғоз мебахшад, дар ҳақиқат, зинаву марҳилаи аввали ташаккули публитсистика метавон номид ва ин ҷиҳат боис аст, ки мо асарҳои публитсистӣ ё бархӯрд аз рӯҳи публитсистро шинохта гирем. И.Усмонов бештар таркибу аҷзо ва қонунияти таъсири публитсистикаро мушаххас менамояд. Хосияти сиёсии публитсистикаи гузаштаву муосир ӯро бештар мутаваҷҷеҳ менамояд. Ботини ин публитсистикаро то ҳадде кашф низ кардааст. Муҳаққиқ М.Муродов дар мушаххассозии умумии соҳа таҳқиқи гуногунро анҷом додааст. Махсусан даврабандиҳои таърихии ин муҳаққиқ барои анҷом додани даҳҳо рисолаҳои таҳқиқии дигар роҳ кушода метавонанд. Дар таҳқиқи ин ҷабҳаи фарох олимони дигари соҳа А.Азимов, Ш.Муллоев, М.Абдуллоев, М.Муқимов, Р.Бобоҷонова, Ҷ.Саъдуллоев, Н.Солеҳов, С. Гулов, С.Ҳайдаров ва дигарон қарор доранд, ки ҳар кадом дар пайроҳаи худ паҳлуи пӯшидаеро кашф намуда метавонад.

Баҳсҳо то ҳанӯз дар шинохти публитсистика давом доранд. Онҳое ки публитсистикаро жанр медонанд, баҳои худро аз равзанаи адабиётшиносӣ баён кардаанд ва ин ақида, аллакай фарсуда аст. Дар асоси аввалин шинохтҳои соҳа дар солҳои панҷоҳуми асри гузашта фаҳмиш ва шинохти соҳа дигар мегашт. Нашри китобҳои «Жанрҳои газета» (соли 1955) ва «Жанрҳои газетаи советӣ» (соли 1959) аз аввалин қадамҳои устуворе буданд, ки дар роҳи шинохти публитсистика – ҳамчун соҳаи мустақили эҷод гузошта шуданд. Инак ин шумораи таҳқиқҳо бо беканории худ беҳисоб аст. Дар заминаи ин шинохтҳо эътироф кардани публитсистика ҳамчун як соҳа аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик гуногун аст. Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик И.Усмонов мушаххасу боҷуръат мегӯяд, ки «Публитсистика соҳаи эҷод аст» Дар китоби «Журналистикаи

советии тоҷик» ба таври фарогир публитсистика ва журналистика чунин тавсифи кӯтоҳ меёбад: «Публитсистика ҳунари нигорандагӣ ва журналистика воситаи имрӯзаи расонандаи ин ҳунар аст». Дар домани публитсистика «ҳодисаҳои ҷамъиятиро тасвир ва маънидод кардан…» қарор дорад ва муаллиф хонандаро ба ҷараёни воқеиву ҳаводис ворид менамояд. Дар тӯли садсолаҳо «…публитсистика ҳамчун як василаи хуби амиқрафти нависанда ба муаммои ҳаёт, инъикоси воқеияти рӯзмарра дар нақли нависанда, бозтоби авзои замон дар заминаи тасвири реалистии рухдодҳои зиндагӣ…» шинохта мешавад. Дар ҳама давру замон публитсистика дар ин ё он қолаб «ҳадафи бедор кардани эҳсоси ватандӯстӣ ва ба вуҷуд овардани эътимод ба зиндагии беҳтарро дорад…». Таъсир расонидан ба шууру андеша бошад бозгӯи ҳадафу вазифаи он дар бедор сохтани ҷомеа дар асри навин дониста мешавад: «Мавқеъ ва манзалати публитсистика дар бедор намудани аҳли ҷомеа баҳри дарки масъалаҳои доғи рӯз ва ҳаллу фасли бомақсаду саривақтии онҳо дар ҳама давру замонҳо, махсусан дар асри XX1, хеле ва хело боло рафтааст». Воқеият ва рисолати маълуми таъсирбахшии соҳаи мазкур дар ҷомеа, ҳукми аллакай эътирофшудаи муҳаққиқони шинохтаи публитсистика аст: «Публитсистика дар шарҳи сиёсии воқеаҳои баамалоянда, хулосабарориҳо доир ба масъалаҳои ниҳоят муҳимми ҳаёти халқ, тарғиби идеяву идеалҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ ва ғайра хизмати босазоеро ба ҷо меорад». Публитсистика баёни якнавохт надорад ва дар роҳи таъсир ба афкор аз имконоти гуногун корбаст менамояд. Яке аз ин воситаҳои таъсири ҷолибу самаровар ва оҳангдор ин ҳаҷви публитсистӣ мебошад, ки бахши аъзами публитсистикаро дар бар мегирад: «…хусусияти ҳаҷви публитсистӣ дар он аст, ки омили тавлидкунандаи ханда эҳсоси бадбинӣ, нафрат, кинаву адовати рафънопазир нисбат ба зуҳуроти муайяни иҷтимоӣ мебошад». Публитсистика ин баёни воқеият ва ин воқеият инкишофдиҳандаи он дониста мешавад: «Объекти таҳқиқу тасвири публитсистика воқеияти реалӣ буда, бо инкишофи худ ин вазифаашро боз ҳам такомулу рушд додааст».

Дар ҳар кадом гуфтаҳои боло мо як вазифаю таъйиноти муҳими публитсистикаро дармеёбем ва ин шинохтҳо хеле тӯлониву силсиладор низ ҳастанд. Вақте ки публитсистика ҳунари нигорандагӣ номида мешавад, пас дар соҳаи алоҳидаи эҷод будани он шубҳа боқӣ наемонад. Тавре дар боло қайд гардид, одитарин маъниеро, ки мо аз публитсистика барои худ бардошт менамоем, ин иҷтимоъ аст. Яъне бо ҷамъият сару кор доштан, онро дидан, шунидан ва омӯхтану бо ин роҳҳо дар раванди ҳаёти ҷомеа таъсире бахшидан ҳадафи он аст. Албатта, ҳам нависанда, ҳам шоир ва ҳам публитсист боҷамъият сару кор доранд ва ҳар сатре, ки эҷод мекунанд, ба ҷамъият нигаронида шудааст. Бо мушоҳидаву натиҷагириҳо ба иҷтимоъ нигариста имрӯзро бозгӯ ва ояндаро мушаххас месозанд, ки ба ин ҷиҳат на ҳар касро қудрат аст. Ин омил бидуни марому мақсадгузориву таъсирбахшӣ сурат гирифта наметавонад. Мурод аз ин нуқта таъсиргузории дилхоҳ ба шууру афкори хонанда бо бадеияти воқеияти хосса мебошад: «… бадеияти эҷоди журналистӣ назари хонандаро ба зиндагиву ҷомеа дигар месозад. Бисёр ҳам муҳим аст, ки агар дар идораи нашрия ҳамкороне фаъолият дошта бошанд, ки аз қонуниятҳои бадеии эҷод воқиф бошанд».

Мақсади публитсистика баён доштани ҳақиқати гуногун бо мақсади амиқ ва ба таҳрик овардани афкори омма барои дигаргунии авзои рӯз аст. Вазифаи мазкур дар гузашта нисбатан норавшану номукаммал буд ва онро дар асоси асарҳои бунёдшуда бо шакли мухтасар – хидматгузорӣ ба ҷомеа меномиданд. Маънии боло имрӯз низ мавриди корбаст қарор дорад ва маълум, ки тавассути шаклҳои гуногуни васоити иттилоотӣ ин хидматгузорӣ анҷом дода мешавад. Ин дастовези баҳри хидматгузориҳо маълум – мафҳумҳои ахбор ва афкор мебошанд, ки мавзӯи баҳсҳои доманадори дигаранд. Ихтилофҳои назарии дигаре дар ин маврид ҷой доранд, ки гӯё вазифаи таъсиргузорӣ ба афкор танҳо хосси публитсистика несту илмҳои фаровони дигар низ дар таъсиррасонӣ нақши сазовору густурда доранд. Дар ҳаққиқат, мункири он наметавон шуд, ки масалан илмҳои адабиёту сиёсатшиносӣ, таъриху фалсафа, психологияву сотсиология ва амсоли он дар пайи иҷрои вазоифи махсуси худ дар роҳи сохтани ҷомеа арзи вуҷуд кардаанд. Аммо фаромӯш набояд кард, ки илмҳои дигари бо ҷомеа сарукордошта, бештар дар доираи мушаххас ба объект наздик шудан мехоҳанд. Публитсистика бошад, ҳамчун илму соҳаи муайян дар асоси илмҳои гуногуну зиёд ба вуҷуд омадааст ва ба ин минвол ба омма ба таври фарох наздик шудан мехоҳад. Яъне, дар публитсистика хусусияти илмҳои дигар

такрор мешаванд. Публитсистика дар роҳи нерумандии худ, ҳам аз адабиёту санъат, ҳам аз фалсафаву фарҳанг, ҳам аз сотсиологияву психология ва ҳам аз таъриху сиёсатшиносиву бисёр илмҳои дигар як унсуреро шакл сохта ба худ гирифтааст.

Публитсистика дар шароити имрӯза соҳаи эҷодест, ки ба масоили мубрам ва зуҳуроти иҷтимоии замон сару кор дорад. Дар асри ҷаҳонишавӣ нақши бузурги идеологиву сиёсиро ҳамчун воситаи бавуҷудорандаи плюрализм дар олами афкори ҷамъиятӣ соҳиб аст. Махсусан, дар асри ҷаҳонишавиҳои босуръат ва бархӯрди тамаддунҳо дар шаклгирии афкори омма мавқеи амиқтарро пайдо намуда, чун як силоҳи муқтадире эътироф шудааст. Ин ҷиҳат низ бо заминаи хосси таърихӣ ба вуҷуд омадааст ва он замоне дар доираи нисбатан маҳдудтар шинохта мешуд: «Публитсистика адабиёти сиёсиву иҷтимоие мебошад, ки дар мавзӯъҳои ҳаррӯза эҷод шудааст. Ин жанр ҳар вақт ба манфиати синфу гурӯҳҳои ба ҳам зид хизмат кардааст ва мекунад».

Фаҳмиши саҳеҳе ҳаст, ки публитсист муҳаққиқ нест, ки аз таҳқиқоти худ хабар диҳад ва агар таҳқиқе бошад, он на барои омӯхтан аст, балки барои ибрат бахшидан мебошад. Бешубҳа, публитсистика, пеш аз ҳама, ҷиддият ва масъулият аст. Дар эҷоди публитсистӣ, махсусан публитсистикаи матбуотӣ метавон аз «масъулияти иҷтимоии журналист» ёдовар гашт, ки роҳнамои эҷодҳои хос ба ҳисоб меравад. Солҳои ҳафтодуми асри гузашта публитсистикаро муҳаққиқи адабиётшиноси рус Игор Дедков «як навъи олии журналистика дар шаклгирии баҳсу мунозираҳо ва мубориза барои идеяҳои нав…» медонист, ки моҳияти идеологии соҳаро бештар мушаххас менамуд.

Як бартарии публитсистикаи чанд садсолаи охир он аст, ки дар ихтиёри он дар маҷмуъ як шабакаи тавонову воситаи расонанда – ВАО қарор дорад. Матбуоти давлативу хусусӣ, радио ва телевизион ва дигар шаклҳои нави васоити электронии ахбор чунин як ҷараёни фарогирро ба вуҷуд овардаанд, ки дар асоси он «таърихи муосир» навишта мешавад. Ба ин восита публитсистика вазифадор аст, ки ба ҳар фарди ҷомеа авзои ҳақиқиро бозгӯ намояд, аз рухдоди нави реалӣ огаҳ созад ва ояндаро дар қолаби муайян пешгӯӣ намояд. Вақте онро «ахборотчии иҷтимоӣ» мегӯянд, бояд дар назар дошт, ки ба воситаи хулосаҳои мантиқӣ аз ҷониби фарде масъалаи мушаххасе баррасӣ мегардад, ки шояд дар иҷрои ин вазифа на ҳар касеро қудрат вуҷуд дошта бошад: «Публитсистика шакли дарки сиёсӣ ва инъикоси воқеият дар шаклу намудҳои гуногун дониста шуда, публитсист шахсе шуморида мешавад, ки рӯиросту кушода мегӯяд».

Дар ин ҷо метавон дар бораи забони публитсистика ё маҳорати публитсист низ ёдовар гашт. «… Забони ақл ва забони адабии образнок…» номидани публитсистика ба он вачҳ аст, ки бояд публитсист вазифаи маълуми ба тафаккур таъсир расониданро дарк намояд. Муаллифи асари адабиёт густурдаву пероставу образнок мегӯяд ва ӯ низ ба олами андеша сару кор дорад. Аммо аз он ки дар асари адабиёт даъват, таблиғу ташвиқ, бовар кунонидан, факту аснодиҳақиқӣ, макону замони мушаххас, фаврияту сареият, ҳузури муаллиф дар воқеъ ва амсоли он дар пояи хеле заиф қарор дорад, эҷодкорони ин гуна асарҳо вазифаи «тарғиботчиву ахборотчигӣ» - ро иҷро карда наметавонанд. Вазифаи муаллифи асари адабиёт завқ бахшидану дар натиҷаи мутолиа ба хулосаи муайян овардани хонанда аст, ки аксаран он «ҷараёни номуайян» мебошад. Мо дар назар дорем, асарҳои бешумору зиёди адабиётро, ки дар онҳо истифодаи сабкҳои мухталифи эҷодӣ ба дарки тамоми хонандагон наздик нест. Ҳамин аст, ки содагӯиву фаҳмо баён намудани матлаб яке аз хусусиятҳои муҳимми публитсистика мебошад. Дуруст аст, ки «публитсистика сухани рӯз аст…» ва дар гуфтану расонидани он оҷилияту сареият зарур аст. Дар баробари ин, воқеият ва факту аснод ҳеҷ гоҳе муҳтоҷи обуранги бадеӣ набуда, онро дар пероҳани нақшину ношаффоф ғунҷонидан асли мақсадро зери парда қарор медиҳад. Масалан, Носири Хусрав дар замони худ мушоҳида, хулоса, нуқтаи назар, танқид, танз, баҳогузорӣ ва дигар арқому асноду оҳангҳои иҷтимоиро на дар «Ҷомеъ-ул-Ҳикматайн», «Кушоиш ва раҳоиш», «Рӯшноинома», «Саодатнома», балки дар «Сафарнома» ҷо додааст. Ҳол он ки асарҳои пурқимати адабиву фалсафиаш ба ӯ бештар шуҳрату номи ҷовидонӣ бахшидаанд. Асари публитсистӣ номида шудани «Сафарнома» низ ба он хотир аст, ки адиб нисбати зуҳуроти замонааш бетафовут набуд ва ба ҳамзамонону ояндагон ҳақиқати рӯзро гуфтан мехост. Ҳамзамон сабку услуби «Сафарнома» содатару фаҳмотару равонтар буда, хонандаи он бисёртар ҳам мебошад. Ин андешаро, масалан, дар қиёс бо «Ҷомеъ-ул-Ҳикматайн», пеш оварда метавонем. На ҳама

гуна хонанда ба осонӣ мазмуну мароми ин асарро дарк намуда метавонад ва барои дарки пурраи он хонандаро донишҳову муроҷиат ба фарҳангу луғатҳои дигар низ зарур аст. Аммо барои хонандаи асари публитсистӣ ин хел фурсат вуҷуд надорад ва: «…инъикоси амиқи воқеият ва рӯҳияи эҳсосбахши ин инъикос аз ҷузъиёти аслии маҳорати муаллиф ба шумор меравад». Публитсистика рӯҳи замон аст ва авзои рӯзро бо паҳлуҳои фарогир ифода кардан мехоҳад. Инъикоси воқеоти рӯз дар ҳама форматсияҳои иҷтимоӣ, дар қолабу шаклҳои мухталиф ҷой дошт. Албатта, дар оғоз чун сатҳи тафаккур дар зинаҳои аввалини пасти инкишоф (варваризм) қарор мегирифт, одамон нахуст бо огаҳӣ аз ахбори гуногун ба пешомаде омода мегаштанд. Инро дар журналистикаи тожурналистӣ борҳо таъкид кардаанд, ки садои таблу нақора ва ҷорчиҳо нахустин василаи расонидани хабари муайян ба ҳисоб мерафт. Аммо ҳамаи он танҳо ахборе буд, ки дар паҳлуи худ нуқтаи назар надоштанд ва ҳама хоставу ҳадафҳо дар появу меҳвари афсонаву хаёл сурат мегирифтанд. Қонунияти муътақидсозиву воқеият дар гуфтаву сурудаву офаридаҳо дар андозаи хеле ночиз вуҷуд надошт: «Факт, проблема ва консепсия сохтори мантиқии матнро ташкил дода, ҳамоҳангии худро бо образнокии бадеӣ нигоҳ медорад. Ба эҳсос ва равони аудитория омилҳои мантиқии тоза – асоснокии шарҳи муаллиф, консепсияи муътақидсоз ва маҳорати баён таъсир гузошта метавонад».

Илмҳои ҷамъиятшиносӣ собит сохтаанд, ки ҳатто дар байни чанд нафар низ, аз оғоз то имрӯз ҳатман ҳокимияте вуҷуд дошта метавонад. Ҳокимият бошад, дар ҳама давру замон ба худ ҷонибдору мухолиф дорад ва ҷонибдор бозгӯкунандаи комёбиву инкишоф ва мухолиф ифшокунандаи номуваффақии он ҳокимият аст. Бахусус дар ҷомеаи пешрафтаи имрӯзаи инсоният, ки шумораи салтанатҳо зиёду шумораи башарият миллиардҳост, ин қонуният торафт амиқтар мегардад. Ҳамин аст, ки баъзе хосиятҳову таъйиноти публитсистика барои ҷомеа боқиву поянда мебошанд. Публитсистика дар идора кардани равандҳои иҷтимоӣ фаъол мебошад ва ин омил боис мегардад, ки «…фаъолияти одамон дар самте дигаргун гардаду суръат пайдо намояд». Дар ин маврид, вобаста ба неруву ҷараёне таъсир бахшидани публитсистика хусусияти «…ба авзои иҷтимоии ҳаминрӯза дахл доштан…» - и онро бояд зикр намуд, ки далели сареияту фаврият доштани публитсистика мебошад. Публитсист ҷаҳонбинии фарох дорад ва соҳиби донишҳои муайяни мутафарриқ мебошад. Публитсист ташхискунандаи имрӯзу бозгӯкунандаи фардост. Дурбину ташхисгар номидани публитсист ҳам ба худ асосҳое дорад. Он тавре ки ӯ мебинаду дарк менамояд, дигарон ба он қодир нестанд. Масалан, дар олами сиёсат ҳар он нуқтае, ки публитсист мегӯяд, бояд таҷаммуъи афкор ва донишҳои амиқу самаровари иҷтимоӣ бошад, зеро сиёсат олами печидаест, ки он бо қудрати хос дар ҳаёти ҳар як аъзои ҷомеа гардишҳои куллиро ба миён меорад. Андешаи «…нуқтаи назари публитсист нуқтаи назари ҷомеа аст» ба ҳукми боло тавъам аст. Ҳанӯз солҳои ҳафтодуми асри гузашта, муҳаққиқ Е. Прохоров вобаста ба нақши сиёсии публитсистика чунин таъкид карда буд: «Публитсистика масъалаҳои сиёсиро ҳал мекунад ва яке аз омилҳои тарбияи сиёсии ҷомеа ҳам ба шумор меравад». Таъйиноти болоро мо ба истилоҳ «консепсия»- и идеологиву сиёсии даврони шӯравӣ ҳам донем, вале ин қолаб хосси тамоми замонҳову салтанатҳо ба ҳисоб рафта метавонад.

Дар асоси чанд андешаи боло ба хулосае расидан мумкин аст, ки нақш ва ҷойгоҳи публитсистика дар шароитҳои наву печидаи ҷаҳонӣ боз ҳам қавитар мегардад. Публитсистика чун як соҳаи эҷод имкону иқтидори ба тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ дахл намуданро дар ихтиёр дорад. Имрӯз тамоми соҳаҳои ҳаёт ниёзмандие ба ин соҳаи эҷод доранд, зеро ҳар як ҷабҳаи ҳаёт ин маҳсули тафаккури инсон аст ва ин тафаккур то абад дар пайи таҳаввулу таҷдид қарор мегирад. Мушоҳидаву таҳқиқҳо бозгӯи онанд, ки дар чанд даҳсолаи охир публитсистика дар қиёс бо дигар навъҳои эҷод имкони бештари дастрасӣ ба олами афкори ҷомеаро соҳиб гашта истодааст. Ҷаҳони муосир ин раванди муборизаҳои шадид барои ғасби мафкура аст. Табиист, ки дар ин самт публитсистика бо имконоти худ пештоз мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Актуальные проблемы журналистика. (сборник научных статей). Душанбе, 2015. - 274 с.
2. Асозода Х. Саргузашти устод Лоҳутӣ / Х.Асозода. – Душанбе, 2014. – 300 с.
3. Ворошилов В.В. Журналистика. Базовый курс / В.В. Ворошилов. – СПб.: Изд-во Михаилов В.А., 2004. - 704 с.

4. Васильева А.Н. Газетно – публицистический стиль речи. Монография / А.Н.Васильева. – М.: Русский язык, 1982. - 198 с.
5. Гулов С. Махсусияти очерки муосир. Монографияи илмӣ / С.Гулов. - Душанбе, 2012. - 116 с.
6. Гулмуродзода П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон / П.Гулмуродзода. – Душанбе, 2006. – 127 с.
7. Жанры советской газеты. – М.: Высшая школа, 1972. - 424 с.
8. Икромӣ, Ҷ. Он чӣ аз сар гузашт / Ҷ.Икромӣ. – Душанбе, 2009. – 360 с.
9. Лоҳутӣ, А. Куллиёт, Ҷ.2 / А. Лоҳутӣ. – Сталинобод, 1961. – 430 с.
10. Луғати русӣ – тоҷикӣ. – М.: Русский язык, 1985. – 1279 с.
11. Мирзозода Х. Луғати мухтасари адабиётшиносӣ / Х.Мирзозода.- Душанбе: Маориф, 1992. - 238 с.
12. Муллоев Ш. Жанрово – тематическое своеобразие таджикской публицистики времен Великой Отечественной Войны (1941 - 1945) / Ш.Муллоев. – Душанбе, 2015. – 302 с.
13. Муродов М. Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзномагорӣ / М.Муродов. – Душанбе, 2011. - 146 с.
14. Муродов М. Аз замон то замон / М.Муродов. – Душанбе: Шуҷоъ, 2010. – 248 с.
15. Муродов М. Аз се шохаи як илм / М.Муродов. – Душанбе, 2014. – 229 с.
16. Муродов М. Публитсистикаи ҳаҷвӣ (масъалаҳои пайдоиш, инкишоф ва таҳаввул) / М.Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2015. - 320 с.
17. Мусулмонқулов Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ / Р.Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1987. – 88 с.
18. Миршакар М. Куллиёт (Иборат аз 3 ҷилд) Ҷилди сеюм, китоби 1 – уми / М. Миршакар. – Душанбе: Ирфон, 1973. - 475 с.

ЯК СОҲАИ ЭҶОД

Мақола ба баррасии жанри публитсистика ва таърихи онбахшида шудааст, Публитсистика дорои таърихи куҳан мебошад. Агар мо сурату қолаби феълии онро ба таври дақиқ аз сабтхонаи таърих пайдо накунем ҳам, он дар оғӯши дигар ҷабҳаҳои эҷоду сухангустарӣ ҷой дошт. Муаллиф қайд менамояд, ки сарфи назар аз ҷойгоҳи мушаххаси феълии худ, имрӯз низ публитсистика дар партави ҳар як падидаи иҷтимоӣ (санъат, суруд, мусиқӣ, мавъиза, нутқ, театр, кино ва ғ.) вуҷуд дорад. Баъзан мо публитсистикаро як ҷабҳаи густурдаи журналистика меҳисобем. Аммо ин маънои онро надорад, ки публитсистика ҳамсону ҳамсоли журналистика бошад. Ҷонибдорони андешае, ки публитсистика бо пайдоиши журналистика робита дорад, бояд гузаштаҳои дури публитсистикаи Аврупоро сарфи назар накунанд: Ба андешаи муҳаққиқони соҳа публитсистика қабл аз журналистика ба вуҷуд омадааст. Бо гузашти садсолаҳо публитсистика ташаккул ёфт. Вазифаҳои он фаррохтар гашт. Ҷомеа ба он ниёз пайдо намуд ва идеологияҳо аз ин соҳа ба таври фарох истифода бурданд. Дар асоси чанд андешаи боло ба хулосае расидан мумкин аст, ки нақш ва ҷойгоҳи публитсистика дар шароитҳои наву печидаи ҷаҳонӣ боз ҳам қавитар мегардад. Публитсистика чун як соҳаи эҷод имкону иқтидори ба тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ дахл намуданро дар ихтиёр дорад. Имрӯз тамоми соҳаҳои ҳаёт ниёзмандие ба ин соҳаи эҷод доранд, зеро ҳар як ҷабҳаи ҳаёт ин маҳсули тафаккури инсон аст ва ин тафаккур то абад дар пайи таҳаввулу таҷдид қарор мегирад. Мушоҳидаву таҳқиқҳо бозгӯи онанд, ки дар чанд даҳсолаи охир публитсистика дар қиёс бо дигар навъҳои эҷод имкони бештари дастрасӣ ба олами афкори ҷомеаро соҳиб гашта истодааст. Ҷаҳони муосир ин раванди муборизаҳои шадид барои ғасби мафкура аст. Табиист, ки дар ин самт публитсистика бо имконоти худ пештоз мебошад.

Калидвожаҳо: жанри публитсистика, ҷабҳаи густурдаи журналистика, вазифаҳои публитсистика, афкори ҷомеа.

ОДНО ИЗ НАПРАВЛЕНИЙ ТВОРЧЕСТВА

Статья посвящена жанру публицистики, и его истории Публицистика имеет многовековую историю. Даже если мы не найдем его точного изображения в архивах истории, оно было в объятиях других аспектов творчества и красноречия. Автор отмечает, что, несмотря на свое нынешнее положение, публицистика все еще существует в свете каждого социального явления (искусство, песня, музыка, проповедь, речь, театр, кино и т. д.). Иногда мы рассматриваем публицистику как широкий аспект журналистики. Однако это не означает, что публицистика ровесница журналистики. Сторонники идеи о том, что публицистика связана с истоками журналистики, не должны игнорировать далекое прошлое европейской журналистики: По мнению исследователей, публицистика предшествовала журналистике. На протяжении веков формировалась публицистика. Его функции расширились. Общество нуждалось в этом, и идеологии широко использовали его. Исходя из вышеизложенных соображений, можно сделать вывод, что роль и место публицистики в новой и сложной мировой среде становится еще сильнее. Публицистика, как область творчества, способна охватить все стороны жизни. Сегодня все сферы жизни нуждаются в этом творческом поле, потому что каждый аспект жизни есть продукт человеческого мышления, и это мышление постоянно развивается и обновляется. Наблюдения и исследования показывают, что за последние несколько десятилетий публицистика получила больше доступа к миру общественного мнения, чем любой другой жанр. Современный мир представляет собой процесс напряженной борьбы за завоевание идеологии. Естественно, в этой сфере публицистика находится на переднем крае своих возможностей.

Ключевые слова: жанр публицистики, широкое поле публицистики, задачи публицистики, общественное мнение.

ONE OF THE DIRECTIONS OF CREATIVITY

The article is devoted to the genre of publicism and its history Publicism has a long history. Even if we do not find an accurate depiction of it in the archives of history, it has been embraced by other aspects of creativity and eloquence. The author notes that, despite its current position, journalism still exists in the light of every social phenomenon (art, song, music, preaching, speech, theater, cinema, etc.). Sometimes we consider journalism as a broad aspect of journalism. However, this does not mean that journalism is the same age as journalism. Supporters of the idea that journalism is related to the origins of journalism should not ignore the distant past of European journalism: According to researchers, journalism preceded journalism. Publicism has evolved over the centuries. Its functions have expanded. Society needed it, and ideologies made extensive use of it. Based on the above considerations, we can conclude that the role and place of journalism in the new and complex world environment is becoming even stronger. Publicism, as a field of creativity, is able to cover all aspects of life. Today, all areas of life need this creative field, because every aspect of life is a product of human thinking, and this thinking is constantly evolving and renewing. Observations and studies show that over the past few decades, journalism has gained more access to the world of public opinion than any other genre. The modern world is a process of intense struggle for the conquest of ideology. Naturally, journalism is at the forefront of its capabilities in this area.

Key words: journalism genre, wide field of journalism, tasks of journalism, public opinion.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳмонзода Ҷамила Мирзо*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17

Сведение об авторе: ***Рахмонзода Джамиля Мирзо*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Rakhmonzoda Jamilya Mirzo*** - Tajik National University, candidate of philological sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 070 (575.3) (470)

НАЗАРЕ БА РОБИТАҲОИ ТОҶИКИСТОНУ РОССИЯ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ДАР МАТБУОТИ ДАВРӢ

Шарифов К.Х.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Муносибатҳои дӯстонаю манфиатбори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аз гузаштаи дур сарчашма гирифта, ин робитаҳо дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон сатҳу сифати беҳтару хубтареро касб намудаанд. Робитаҳои дипломатии Тоҷикистону Россия дар марҳилаи навин аз 8-уми апрели соли 1992 роҳандозӣ шудаанд, ки он нахустин солҳои соҳибистиқлолии ду давлати ба ҳам дӯсту бародар мебошад.

24-майи соли 1993 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нахустин сафари расмӣ ба пойтахти Федератсияи Россия шаҳри Маскав рафтанд.

Дар доираи ин сафар рӯзи 25-май Аҳдномаи дӯстию ҳамкорӣ ва ҳамёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, Аҳдномаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи ҳарбӣ ва ду созишнома дар бораи мақоми ҳуқуқии қисмҳои низомии Қувваҳои мусаллаҳ ва қисмҳои марзбонии Федератсияи Россия дар қаламрави Тоҷикистон ба имзо расид, ки онҳо нахустин заминаи қарордодию ҳуқуқии ҳамшарикии стратегии Тоҷикистону Россия дар марҳилаи нави давлатдорӣ мебошанд. Моҳи апрели соли 1999, ҳангоми сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Федератсияи Россия, дар шаҳри Москва Аҳднома дар бораи ҳамкорию иттифоқчигии ба асри бисту як нигаронидашудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба имзо расид.

Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёру мустақил дар сиёсати байналхалқиаш азм дорад, ки ҳамкорию муносибатҳояшро бо кишварҳои хориҷа ва талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ба роҳ монад. Дар замина бояд робитаҳои баробару тарафайн бо назардошти манфиатҳои миллӣ ба нақша гирифта шаванд. Сарфи назар аз он ки дар сиёсати байналмилалии мо «дарҳои кушода» эълон шудааст, барои роҳандозии муносибат бо кишварҳое, ки таърихан робита дорем, афзалиятро қоил ҳастем. Аз замони соҳибистиқлол гаштан Тоҷикистон эълон кард, ки муносибатҳо, қабл аз ҳама, бо кишварҳои ҳамсоя ва минтақа дар доираи ҷомеаи муштаракулманофеъ, хусусан бо Россия, таҳким бахшида мешавад. Дар сиёсати стратегии мо ҳамкорӣ бо давлатҳои дигари бузурги ҷаҳон низ мавқеи калон дорад.

Муносибати Тоҷикистон дар давоми беш аз даҳ сол қонеъкунанда набуданд. Ҳарчанд ки Тоҷикистон дар ин маврид талошҳое дошт, аммо дар мавриди амалӣ кардани созишҳои имзошуда иқдоми ҷиддие анҷом дода намешуд. Ба назар мерасид, ки бо назардошти амали гаштани меъёрҳои демократӣ, равандҳои глобализатсионӣ Россия дигар ба ҳимояи манфиатҳояш дар минтақа эҳтиёҷ надорад. Лекин таҳаввулоти сиёсию низомӣ ва иқтисодии минбаъдаи ҷаҳон Россияро ба он водор намуд, ки ба ин масъала барҳӯрди тоза намояд. Ҷумҳурии мо дар давоми ин солҳо кӯшиш бар он намуд, ки бо Россия ҳамчун шарики боэътимоди стратегӣ дар бахшҳои сиёсию низомӣ, фарҳангию иқтисодӣ робитаҳои мутақобилаи судмандро ба роҳ монда, дар бобати муборизаи ба муқобили терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир дар фаъолияти созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ ҳамкорӣ намояд.

Имрӯз заминаҳои қарордодию ҳуқуқии муносибатҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравии Тоҷикистону Россияро зиёда аз 260 санад танзим менамоянд, ки дар раванди рушду тавсеяи ҳамгироию шарикии стратегии ду давлат мақоми шоиста доранд.

Таҳлили вазъ ва ҳолати робитаҳо, аз ҷумла натиҷаҳои мулоқоту музокироти сершумори дуҷонибаю бисёрҷонибаи сатҳу зинаҳои гуногун, пеш аз ҳама, сатҳи олии сиёсӣ собит месозанд, ки дар даҳсолаи аввали рушди мустақили Тоҷикистону Россия масоили сиёсӣ, амниятӣ ва ҳарбӣ-техникӣ мақоми марказӣ дошта, баъдан соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ, саноату истеҳсолот, нақлиёту коммуникатсия,

кишоварзӣ, илму техника, фарҳангу маориф, муҳоҷират ва ҳамкории байни минтақаву вилоятҳои ҳамдигар низ дар меҳвари муносибатҳои байнидавлатӣ қарор гирифтаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронии худ дар Вашингтон дар донишгоҳи Хаткинск махсусан қайд намуд: «Мо сиёсати дарҳои кушодро баргузидаем ва бо ҳамаи мамлакатҳо ҳамкорӣ хоҳем кард ва, албатта, Россия ҳамеша шарики стратегии мо буд ва хоҳад монд» [10, с.5].

Ба рушди муносибатҳои иқтисодию сармоягузории Тоҷикистону Россия моҳи октябри соли 2004 зимни сафари расмии Президенти Федератсияи Россия ба Тоҷикистон заминаҳои боэътимод гузошта шуда, 16 октябр дар ҳузури сарони ду давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Владимир Путин созишномаҳо дар бораи иштироки Россия дар сохтмони НБО, танзими муҳоҷирати корӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон дар кишварҳои ҳамдигар ва чанд санади байниҳукуматии ҷанбаҳои ҳарбидошта ба имзо расид ва дар низоми муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистону Россия марҳалаи нав оғоз гардид.

Бунёд ва мавриди баҳрабардорӣ қарор додани НБО Сангтуда-1 дар таърихи 31-июли соли 2009 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва он замон Президенти Федератсияи Россия Дмитрий Медведев пураризиштарин самараи санадҳои моҳи октябри соли 2004 имзошуда ва ҳамон вақт бузургтарин лоиҳаи сармоягузории Россия дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шумор мерафт.

Намунаи олии муштаракоту шарикии бесобиқаю дӯстонаи Тоҷикистону Россия ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи сарҳади давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки то соли 2005 сарҳади давлатии Тоҷикистон бо Афғонистон аз ҷониби марзбонони Россия муҳофизат мешуд. Тирамоҳи соли 2005 ҳифзи сарҳади давлатии Тоҷикистон бо Афғонистон дар масофаи 1344 км аз ҷониби Неруҳои марзбонии Россия ба ихтиёри марзбонони тоҷик вогузор карда шуд.

Ба идомаи бобарор ва рушду тавсияи бештару хубтари муносибатҳои дуҷониба ҳамчунин сафари расмии Президенти Федератсияи Россия Дмитрий Медведев ба Тоҷикистон 2-юми августи соли 2008 ва сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Федератсияи Россия рӯзҳои 21-23 октябри соли 2009 такони тоза бахшида, барои ба даст овардани мувофиқаҳои нав доир ба иштироки ҷониби Россия дар бунёди як силсила марказҳои фарҳангӣ дар пойтахтҳои ҳамдигар, дар шаҳри Душанбе ба фаъолият шуруъ намудани филиалҳои ДДМ ба номи Михаил Ломоносов, Донишкадаи пӯлод ва хӯлаи Москва ва Донишкадаи энергетикии Москва (Донишгоҳи техникӣ) замина гузоштанд. Дар баробари ин, гуфтан ба маврид аст, ки дар Тоҷикистон Донишгоҳи Славиянии Россияву Тоҷикистон ва шумораи зиёди дигари муассисаҳои таълимию забономӯзии русӣ амал мекунанд, ки дар тақвияти муносибатҳои ду давлат дар соҳаи маориф ва омодасозии кадрҳо нақши муассир доранд. Имрӯз аз Тоҷикистон шумораи зиёди ҷавонон дар макотиби олии Федератсияи Россия таҳсили илм дошта, мутахассисони соҳаҳои гуногун такмили ихтисос менамоянд ва ба бозомӯзию пешбурди корҳои илмӣ машғул мебошанд.

Шоир, нависанда ва драматург Тимур Қосимович Зулфиқоров яке аз шахсиятҳои маъруфи адабиёти Россия ба ҳисоб меравад. Вай муаллифи зиёда аз даҳ китобҳои баландғояи бадеӣ дар бораи Амир Темур, Иван Грозний, Хоҷа Насируддин, Умари Хайём мебошад. Мутахассисон асари ӯ «Притчи дервиша Ходжа Зулфиқор»-ро аз ҷиҳати мазмун ба «Гулистон»-и Саъдӣ ва «Дон Кихот»-и Сервантес баробар медонанд. Новеллаҳои ӯ «Тайтабубу», «Охота Царя Бахром Гур Сасаниде», «Смерть Пушкина» -ро ҳамчун асарҳои ҷовидонаи асри XX эътироф намудаанд.

Дар олами фарҳанги Россия Фаррух Рӯзиматов чун ситораи дурахшон ҳаводорони зиёд дорад. Консерти ӯ дар саҳнаҳои театрҳои машҳури Рим, Токио, Ню-Йорк, Париж, Вена, Лондон иди бузурги санъатро мемонад [10, с.30].

Ходимони фарҳанги тоҷик, Ҳунарпешаи хизматнишондодаи Иттиҳоди Шӯравӣ Зебо Аминзода, синамогари маъруф Давлат Худоназаров ҳоло дар Москва истиқомат доранд.

Дар васоити ахбори омма низ ҳамватанони мо саҳми худро мегузоранд. Саидқосим Ҷалолов мухбири махсуси рӯзномаи «Труд», Алишер Хоҷаев мухбири телевизиони ҷамъиятии Россия, Рустам Нарзиқулов директори генералии «Независимая газета», Акрам Муртазоев сармуҳаррири «Новая газета» ва дигарон дар фазои иттилоотии Россия фаъолият доштанд ва доранд [10, с.8].

Як намунаи олии ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистону Россия ин баргузории рӯзҳо ва чорабиниҳои дигари фарҳангӣ дар кишварҳои ҳамдигар мебошад. Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия се маротиба – солҳои 2005, 2011 ва 2015 ва рӯзҳои фарҳангии Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се маротиба солҳои 2004, 2010 ва 2014 баргузор гардиданд.

Бо нишони эҳтирому арҷгузорӣ ба таърихи пурғановат ва фарҳанги асили мардумони тоҷику рус 6-уми октябри соли 2005 рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсия Россия баргузор шуд, ки дар расми ифтитоҳи он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин иштирок намуданд.

Имрӯз бо боварӣ метавон гуфт, ки барои густариши ҳамкории фарҳангӣ дар соҳаҳои мусиқӣ, театр, китобхонаҳо, осорхонаҳо, ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ ва ҳунарҳои мардумӣ шароитҳои муносиб фароҳам оварда шуда, иштироки дуҷониба дар ҷашну чорабиниҳои фарҳангӣ ва фестивал-озмунҳо идома меёбанд.

Ҷамъиятҳои тоҷикон дар Россия барои ташкили мухторияти ягонаи фарҳанги миллӣ ҳам аз рӯйи тахассус ва ҳам дар маҳалли номнависшудаашон муттаҳид мегарданд. Ҷамъияти «Сомонён»-и шаҳри Санк-Петербург, «Иттиҳодияи тоҷикони Урал», «Маркази фарҳанги тоҷикони вилояти Твер» ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд. Хуллас, ин созмонҳо бо дараҷаи баландтари фаъолият мегузаранд [6, с.2].

Раёсати шаҳри Маскав чилу ҳашт ҷамъиятро дар бар мегирад. «Маълум аст, ки бори нахуст пас аз соҳиб ба истиқлолият шудан рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Россия доир гардид. Дар он қариб дусад нафар ҳунармандон иштирок карданд. Ҳайат бисёр бонуфуз буд ва барнома хубу ҷолибу мукаммал. Ҳама намудҳои ҳунарро дар бар мегирифт. Рақсу хор, шашмақом, фалак, эстрада, композитсияи адабӣ ва ғайра дар барнома ҷой доштанд. Ва ҳама дар сатҳи баланд иҷро шуданд. Дар Театри калони Москва рӯзи аввали кушодашавии он ба пуррагӣ пешкаш гардид. Ҳам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва ҳам Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин иштирок доштанд. Барномаро бисёр хуб пазируфтанд» [5, с.2].

Дар баробари намоиши ҳунару санъати воло ва фарҳанги асили тоҷик дар минтақаҳои гуногуни Федератсияи Россия ҳамчунин 17-уми августи соли 2006 дар майдони бузурги назди пойгоҳи баҳрии шаҳри Сочии Федератсияи Россия намоишгоҳи бошукӯҳи маҳсулоти кишоварзӣ ва саноати хӯрокворрии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ва сарони дигар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз он дидан карданд.

Вобаста ба ҳунару санъати воло ва фарҳанги асили тоҷик Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин чунин ибрози андеша намудааст. «Муаррихон ва ҳуқуқшиносони Россия махсусияти ташаккулёбии давлатдории Шумо ва анъанаҳои онро, ки як ҷузъи таърихи ҷаҳонӣ ва таҷрибаи тамаддуни умумибашарӣ маҳсуб меёбад, омӯхта ва аз бар намудаанд ва комилан табиист, ки фиристодагони ин фарҳанги бузургро, ки решаҳояш ба қаъри асрҳо мерасад, ин ҷо дар Маскав бо мароқи зиёд истиқбол мегиранд» [10, с.5].

Дурнамоии сиёсати хориҷии кишварро Эмомалӣ Раҳмон чунин маънидод намуд: «Дар марҳалаи навини созандагии таърихӣ мо сиёсати «дарҳои кушода» ва прагматикии худро собитқадамона идома хоҳем дод. Мазмуни аслии он ҳамкории судманд ва беғаразона ба ҳама давлатҳои ҷаҳон аст» [9, с.51].

Чуноне Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон қайд намуда буданд: «Мо ба инкишофи робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Россия таваҷҷуҳи хосса дорем. Зеро онҳо таърихи бою қадима доранд» [6, с.4].

Моҳи октябри соли 2012 иловатан барои идома ва таҳкими минбаъдаи муносибатҳои стратегии Тоҷикистону Россия иқдоми навбатӣ пеш гирифта шуд. Дар ҳошияи сафари расмии Президенти Федератсияи Россия В. Путин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 санади наву муҳимми ҳакорӣ ба имзо расид, ки онҳо Созишнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар бораи мақом ва шартҳои будубоши пойгоҳи ҳарбии Руссия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ёддошти тафоҳум миёни вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия оид ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар

соҳаи ҳарбӣ, Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энергетикаи Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таҳвили маҳсулоти нафтӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ёддошти тафоҳум оид ба иқдомҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар бораи рушди ҳамкорӣ дар соҳаи муҳофизат мебошад.

Бояд таъкид кард, ки дар солҳои баъдӣ робитаҳои мустақими минтақаҳои алоҳидаи Федератсияи Россия бо вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон рӯ ба густариш оварда, дар айни замон беш аз 70 субъекти Федератсияи Россия бо минтақаҳои Тоҷикистон бевосита дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳ ҳамкорӣ доранд. Тоҷикистону Россияро дар баробари муносибатҳои дӯстонаи стратегӣ, ҳамчунин ҳамбастагию ҳамгироӣ дар доираи ташкилоту созмонҳои бузурги минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумла дар чорчубаи СММ, ИДМ, СААД, СҲШ ва дигар ниҳодҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ мепайвандад ва ҳарду давлат дар бештари масоили умдаи ҷаҳонӣ мавқеву назари ягона доранд. Роҳбарияти сатҳи олии ду давлат дар баробари анҷоми сафарҳои расмиву давлатӣ, маротибаҳои зиёд ба кишварҳои ҳамдигар бо сафарҳои корӣ ташриф оварда, дар чорабиниҳои сатҳу зинаҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ ва суҳбату мулоқотҳои созанда дар доираи баргузории ин ҳамоишу нишастҳо иштирок намудаанд.

Аз ҷумла 16-уми апрели соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади анҷоми сафари расмӣ ба шаҳри Москваи Федератсияи Россия ташриф оварданд. Зимни сафари худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо раиси Думаи давлатии Федератсияи Россия Вячеслав Володин ва Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Дмитрий Медведев мулоқот намуданд. Дар мулоқот вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои байнипарлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва масъалаҳои ҳамкории дуҷониба мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Доир ба рушди густариши ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, ҳамкориҳои гуногунҷанба байни минтақаҳои Тоҷикистон ва Россия ба иқтисодиёти Тоҷикистон, таҳкими робитаҳои манфиатбори дуҷониба дар соҳаҳои илму техника, фарҳангу иттилоот, тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи маориф ва забономӯзӣ табодули афкор сурат гирифт.

Ҷонибҳо, ҳамзамон масоили марбут ба авзои кунунии минтақа ва ҷаҳон, роҳу усулҳои нави тақвияти мубориза бар зидди зуҳуроти номатлуби ҷаҳони муосир, аз қабили терроризму экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои муташаккил ва фаромиллиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз имкони дидору мулоқот ва баррасии масоили ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба изҳори хушнудӣ карда, таъкид доштанд, ки «мо ба таҳкими ҳамкории стратегӣ бо Россия манфиатдор ҳастем» [4, с.2].

Вохӯриҳои сатҳи олии дуҷониба ҳамчунин дар дигар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, зимни баргузории чорабиниҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ баргузор шудаанд. Тоҷикистону Россия дар баробари пешбурди робитаҳои хуби сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ, ҳамчунин дар ҳалли умдатарин масоили глобалӣ ҳамкории неку созанда доранд. Имрӯз ду кишвари дӯсту бародар дар сафи пеши мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир қарор дошта, дар раванди пойдории сулҳу оромӣ ва амнияту бехатарии минтақа саҳми арзанда мегузоранд.

Умуман, дар ҳар суҳбату вохӯриҳои сатҳу зинаҳои гуногун ва масъалаи рушду тавсеаи бештару хубтари ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар сатҳи иқтисоду тиҷорат, энергетика, сармоягузорӣ, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ, илму техника, маорифу фарҳанг ва муҳофизат аҳамияти бештар зоҳир гардида, пояҳои қарордодию ҳуқуқии шарикии стратегии ду давлат таҳким бахшида мешаванд.

Зеро, ду мардум ва ду давлат умумиятҳои зиёди фарҳангӣ, манфиатҳои муштараки сиёсию амниятӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ доранд, ки бар пояи принсипҳои эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар асос ёфта, дар замони пуртазоди ҷаҳонишавӣ дорои аҳамияти бузург ва ҳаётан муҳим мебошанд.

Муқарриз: ***Бақозода С.А.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент.

А Д А Б И Ё Т

1. Ашуров Д. Фарҳанги рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои Тоҷикистон / Д. Ашуров. - Душанбе, 2009.
2. Мирзоалӣ, С. Хабар: аз Машриқ то Мағриб / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2009. – 195 с.
3. Мирзоалӣ, С. Раванди иттилоотӣ / С. Мирзоалӣ. - Душанбе, 2007. – 67 с.
4. «Мароми пойтахт» 17.04.2019.
5. «Рӯзҳо барои асрҳо» // Чумҳурият 18.10.2005.
6. "Рӯзҳои фарҳангии Федератсияи Россия дар Тоҷикистон" // Ҷумҳурият 13.04.2004.
7. Усмонов И.К. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2008. – 64 с.
8. Усмонов И. Журналистика. Қ.3 / И. Усмонов. - Душанбе, 2008. - 447 с.
9. Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон оғози марҳилаи нав / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. - 371 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикони Дунё / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе, 2011. - 141 с.
11. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикистон дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин. Монография / Э.Ш. Раҳмонов. - Душанбе, 1996. – 309 с.
12. Раҳмонов Э.Ш Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Монография / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – Ҷ.1. – 305 с.
13. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик. Монография / Т.Назаров. - Душанбе. - 222 с.
14. Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2017 гг.). Учебное пособие / З. Саидов. - Душанбе: Контраст, 2017. - 142 с.
15. Усмонов И.К. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Монография / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2003. - 274 с.

НАЗАРЕ БА РОБИТАҲОИ ТОҶИКИСТОНУ РОССИЯ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ДАР МАТБУОТИ ДАВРӢ

Мақолаи мазкур фарогири маълумотҳо оиди робитаҳои Тоҷикистону Россия буда, муаллифон кӯшиш кардаанд то ҳадди имкон сатҳи таъсири онҳоро муайян кунанд. Дар оғоз муаллифон оиди муносибатҳои дӯстонаю манфиатбори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, аз гузаштаи дур сарчашма гирифтани ин робитаҳо ва дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон сатҳу сифати беҳтару хубтареро касб намудани онҳо таҳқиқот анҷом додаанд. Дар бораи робитаҳои Тоҷикистону Россия маълумоти мухтасар дода, нуқтаи назари олимони гуногунро овардаанд. Раванди барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ, таърихи муносибатҳои дутарафаи Тоҷикистон бо Россия дар замони соҳибихтиёрӣ ва шумораи созишномаҳои имзошуда дар мақола нишон дода шудаанд. Иқтибосҳои гуногуни тарафдорон ва мунаққидони муносибатҳои Тоҷикистон бо Россия дар ВАО-и русиягӯ ва тоҷикистонӣ бо муҳтавои гуногун оварда шудаанд. Дар мақола ба тарзи шарҳи робитаҳои ду давлат дар ВАО-и давлатӣ ва ғайридавлатии ҳар ду кишвар диққати муҳим дода шудааст. Муаллифон масъалаи ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистону Россия ва баргузории рӯзҳои фарҳангӣ ва чорабиниҳои дигари фарҳангӣ дар кишварҳои ҳамдигарро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Аз ҷумла рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия се маротиба – солҳои 2005, 2011 ва 2015 ва рӯзҳои фарҳангии Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се маротиба солҳои 2004, 2010 ва 2014 баргузоргардида дар мақолаи мазкур таҳқиқ гардидааст. Заъфҳо ва камбудиҳои мунсобатҳои дутарафа ба таври объективӣ нишон дода шуда, роҳҳои ҳалли онҳо низ аз тарафи муаллиф нишон дода шудаанд.

Калидвожаҳо: муносибат, фарҳанг, созишнома, ВАО, шарҳ, Тоҷикистон, Россия, ҳамкорӣ, мушкилот.

ОБЗОР ТАДЖИКСКО-РОССИЙСКИХ ОТНОШЕНИЙ В ЭПОХЕ НЕЗАВИСИМОСТИ В ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ

Статья включает в себе информацию о российско-таджикских отношениях. Авторы стараются, по мере возможности, оценить их степень. В начале авторы, говоря о дружественных отношениях Республики Таджикистан и Российской Федерации с давних времён, плавно переходят на исследование этих отношений в эпоху приобретения Таджикистаном государственной независимости. Дав короткую информацию об отношениях Таджикистана и России, приводят разные точки зрения и идеи авторов. В статье показаны процесс установления дипломатических отношений, история двусторонних отношений между Таджикистаном и Россией в эпоху независимости и число подписанных соглашений и договоров. Приведены цитаты сторонников и оппонентов отношений между Таджикистаном и Россией в российских и таджикских СМИ. В статье обращается особое внимание на форму комментирования отношений между Таджикистаном и Россией в государственных и негосударственных СМИ обеих государств. Авторы обсуждают вопрос культурного сотрудничества Таджикистана и России и проведение культурных дней и других культурных мероприятий в обеих государствах. В частности, в данной статье обсуждаются культурные дни Республики Таджикистан в Российской Федерации в 2005, 2011 и 2015 годах, а также культурные дни Российской Федерации в Республике Таджикистан в 2004, 2010 и 2014 годах. Проблемы и недостатки двухсторонних отношений показаны объективно и авторами предлагаются пути их преодоления.

Ключевые слова: отношения, культура, соглашения, СМИ, комментирование, Таджикистан, Россия, сотрудничество, трудности.

REVIEW OF TAJIK-RUSSIAN RELATIONS IN THE ERA OF INDEPENDENCE IN THE PERIODICAL PRESS

The article includes information about Russian-Tajik relations. The authors try as much as possible to assess their degree. At the beginning, the authors, speaking of the friendly relations of the Republic of Tajikistan and the

Russian Federation since ancient times, smoothly transfer to the study of these relations in the epoch of the acquisition of state independence by Tajikistan. After giving a brief information about the relations between Tajikistan and Russia, they give different points of view and ideas of the authors. The article shows the process of establishing diplomatic relations, the history of bilateral relations between Tajikistan and Russia in the era of independence and the number of signed agreements and treaties. There are quotes of supporters and opponents of relations between Tajikistan and Russia in the Russian and Tajik media. The article focuses on the form of commenting on relations between Tajikistan and Russia in the state and non-state media of both countries. The authors discuss the issue of cultural cooperation between Tajikistan and Russia and the holding of cultural days and other cultural events in both countries. In particular, this article discusses the cultural days of the Republic of Tajikistan in the Russian Federation in 2005, 2011 and 2015, as well as the cultural days of the Russian Federation in the Republic of Tajikistan in 2004, 2010 and 2014. The problems and shortcomings of bilateral relations are shown objectively and the authors suggest ways to overcome them.

Key words: relations, culture, agreements, media, commenting, Tajikistan, Russia, cooperation, difficulties.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарифов Камолиддин Худойбердиевич*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимова 64/14. Тел.: **(+992) 93-836-64-65**

Сведение об авторе: ***Шарифов Камолиддин Худойбердиевич*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: **(+992) 93-836-64-65**

Information about the author: ***Hsarifov Kamoliddin Hudoyberdievih*** - Tajik State Finance and Economic University, Assistant of the Department of Humanities. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Str. 64/14. Tel.: **(+992) 93-836-64-65**

УДК: 007.1(575.3)

ПАЙВАНДИ ДУ ҲАҚИҚАТ ДАР ОСОРИ ПУБЛИТСИСТӢ

(дар мисоли мақолаҳои маҷаллаи “Садои Шарқ”, 2019)

Кӯчарова Н.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳам илм ва ҳам санъат, аз ҷумла адабиёти бадеӣ ва осори публитсистӣ, ба таҳлилу таҳқиқ ва баррасиву тасвири ҳақиқати воқеӣ равона шудаанд. Вале агар илм ҳақиқатро ба тавассути далелу бурҳон, масъалагузорӣ, муҳокима ва хулосабарорӣ ифода намояд, пас дар санъат ин ҳақиқат ба воситаи образ амалӣ мегардад. Рассом ба воситаи рангу мӯқалам, ҳайкалтарош бо теша ва дигар лавозимоти ҳайкалтарошӣ… ва адиб ба воситаи сухану қалам образ меофаранд, яъне сухани нависанда бояд сухани образнок бошад. «Дар асри ХХ, – қайд кардааст устод А.Саъдуллоев, – зери мафҳуми каломи бадеъ сухани образнок дониста шудааст, ки меъёри асосиаш аз тариқи образи бадеӣ иброз доштани ҳақиқат мебошад» [5, с.169].

Чи хеле ки муҳаққиқон борҳо қайд кардаанд, ҳақиқати бадеӣ, ки ба воситаи образ амалӣ мегардад, аз ҳақиқати воқеӣ фарқ дорад. Ҳақиқати бадеӣ дар заминаи ҳақиқати воқеӣ офарида шавад ҳам, нависанда ба воситаи тахайюл дар асар фикру мулоҳиза, муносибат ва мавқеи иҷтимоии худро низ ба хонанда пешкаш менамояд. Пас, агар ҳақиқати воқеӣ ба таври объективӣ ва новобаста аз хости шахсиятҳо вуҷуд дошта бошад, дар ҳақиқати бадеӣ ҷанбаи субъективӣ пурқувват аст, зеро онро субъект, яъне нависанда меофарад ва барои ҷалб намудани ҳусни таваҷҷуҳи хонанда кушиш менамояд, ки хубро хубтар ва бадро бадтар карда нишон диҳад. «Санъат, - қайд кардааст нависандаи бузурги рус А.М. Горкий, - ният дорад, ки хубро аз будаш зиёд нишон диҳад, то хуб хубтар бошад ва бадро - душману маслуккунандаи одамро аз будаш зиёд нишон диҳад, то нафратро бедор кунаду иродаеро афрӯзад, ки айбу қабоҳати офаридаи зиндагии мешчании ҳарису зиштро барҳам медиҳад. Санъат дар зоти худ аз ду мубориза иборат аст: тарафдор ё муқобил, санъати бетараф нест ва нахоҳад буд, зеро инсон аппарати суратгирӣ нест, воқеиятро «инъикос» наменамояд, балки ё тасдиқ мекунад ва ё тағйир медиҳад» [3, с.251-252].

Ин мулоҳизаҳои нависандаи ҳақиқатнигори рус, пеш аз ҳама, ба руҳи публитсистии асарҳои бадеӣ ишора дорад. Ҷанбаи публитсистӣ махсусан дар асарҳое, ки фарогири мавзуъҳо ва масъалаҳои муосир мебошанд, баръало ба мушоҳида мерасад. Нависандагон зимни тасвири мавзуъҳои муҳимми рӯз масъалаҳои ҷиддии ахлоқӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро низ ба таҳлилу таҳқиқ гирифта, ҳам дар сухани персонажҳо ва ҳам дар нутқи нависанда, мавқеи шахрвандиашонро ифода мекунанд.

Ҳуҷҷатписандӣ ва оҳангҳои публитсистӣ аз аввали ташаккули насри реалистии тоҷик дар адабиёти мо мавқеи зиёд пайдо кард. Дар асарҳои устод Садриддин Айнӣ – «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон» публитсистика мавқеи махсус дорад. Дар осори Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Саттор Турсун ва дигарон оҳангҳои публитсистӣ пурқувватанд. Академик Муҳаммадҷони Шакурӣ ҳанӯз ибтидои солҳои 80-уми садаи ХХ навишта буд: «Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои инкишофи насри тоҷик дар солҳои охир хеле қувват гирифтани ҷанбаи публитсистӣ ва бунёди ҳуҷҷатии он мебошад»[9, с.76].

Соли 2019 дар дувоздаҳ шумораи нашрияи миллии адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон – «Садои Шарқ» дар қатори осори бадеӣ, пажуҳиш, тақризу китобиёт оид ба назму наср, мусоҳиба, робитаҳои адабӣ ва фарҳангӣ дар рубрикаи «Иҷтимоиёт» 9 маводи публитсистӣ дарҷ гардидааст. Ин мақолаҳо ба муҳимтарин мавзуъҳои рӯз бахшида шудаанд. Аз ҷумла, мақолаҳои Холназар Муҳаббатов («Нақши обанборҳо дар низоми табиат» №2), Ҳусейн Аброров («Баҳри тоҷик» №7), Абдулмумин Шарифов («Роҳи оҳани «Самарқанд – Панҷакент - Душанбе» бояд кушода шавад» №9), Ҳасан Асоев («НБО-и «Роғун» воҳиди стратегӣ», №12) ба қисмати “Иҷтимоиёт” тааллуқ доранд.

Коршиносон чор воҳиди стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кардаанд. Якум, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, дуюм, таъмини амнияти озуқаворӣ, сеюм, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳадафи чорум саноатикунонии мамлакат

мебошад. Дар мақолаи Х. Муҳаббатов оид ба обанборҳо, таърихи пайдоиш ва мавқеи онҳо дар хоҷагиҳои мамолики гуногуни дунё сухан меравад. Профессор М.Муродӣ ин мақоларо мавриди баррасӣ қарор дода, хулоса кардааст, ки “Аз сайри таърихии муаллиф ба сохтмонҳои обанборҳо бармеояд, ки ин амал на танҳо усул ва технологияи сохтани онро ба шакл даровардаву инкишоф додааст, балки ба рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, ҳунармандӣ ва амсоли ин нақши муҳим гузоштааст” [4, с.127]. Дар мақолаи «НБО-и «Роғун» воҳиди стратегӣ» муаллиф аз нигоҳи илмӣ аҳамияти иҷтимоии НБО-и Роғунро таҳлил намудааст. Дар сархати аввал муаллиф чунин қайд мекунад: «Азбаски ин масъала то ҳол дар илм ба таври яклухт ташреҳи муфассали худро наёфтааст, мо тасмим гирифтем, ки қудрати неругоҳро ба таври умумӣ баён намоем». Таҳлилҳои худро дақиқ ва батартиб, яъне мувофиқи рақамҳои тартибӣ (якум, дуюм, сеюм ва ғайраҳо) меорад, ки фикр мекунем, барои хонанда фаҳмо ва шавқовар мегардад. Масалан, дар бахши якум мегӯяд: «НБО- и Роғун Тоҷикистонро ба истиқлолияти пурраи энергетикӣ расонида, онро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ мебахшад» [2, с.116].

Бояд гуфт, ки вақте ки оид ба ин неругоҳи азим сухан ба миён меояд, пеш аз ҳама, симои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеши назар меояд, зеро маҳз талошҳои пайгиронаи Сарвари тоҷикони ҷаҳон ба ин сохтмони азим арзи ҳастӣ ва неруи тоза бахшид. Ва ҳамин кӯшишҳои Сарвари давлат аст, ки бо бунёди ин неругоҳ Тоҷикистон ба истиқлолияти энергетикӣ ноил мегардад.

Дар баробари ин, чи хеле ки Ҳ.Асоев қайд мекунад, бунёди неругоҳи Роғун як қатор мушкилиҳоро низ ба бор меорад. Як мушкилие, ки НБО-и Роғун ба вуҷуд меорад, ин зери об мондани як идда заминҳои ҷумҳурӣ мебошад ва муаллифи мақола ин масъаларо чунин шарҳ медиҳад. «…гарчанде зимни бунёди ин неругоҳ 17500 гектар заминҳои ҷумҳурӣ зери об монад ҳам, аммо бо туфайли бунёди он 320 ҳазор гектар заминҳои кишварҳои поёноб (аз ҷумла Ӯзбекистону Туркманистон) шодоб шуда, ҳолати милиоративии зиёда аз 4 миллион гектар заминҳои кишварҳои поёноб дар маҷмуъ беҳтар мегардад. Агар сухан дар хусуси 17500 га замини зери об монда равад, он гоҳ аз ин киштзор 633 га, токзор -517 га ва бақияи онро заминҳои лалмӣ ва чарогоҳҳое ташкил медиҳад, ки на он қадар қимати баланди иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ дорад» ва таҳлилҳои худро бо андешаҳои муҳандиси тоҷик Б.Юнусов тақвият медиҳад: «…зарари зери об мондани қитъаи замин дар неругоҳи Роғун он қадар калон нест. Танҳо шаш ҳазор га замини дар хоҷагии қишлоқ истифодашаванда дар минтақаи обанбор меафтаду халос» [2, с.117].

Дигар аз мушкилиҳои кишвари мо, ки ба бунёди Роғун иртибот мегирад, дар кам будани ҷойҳои кори холӣ мебошад. Барои ҳамин бархе аз аҳолии кишвари мо (махсусан ҷавонон) ба хориҷи кишвар рахти сафар баста дар он ҷоҳо кор ва зиндагӣ ихтиёр мекунанд ва баъзе аз онҳо дар доми эмиссарҳои хориҷӣ афтода, ба муқобили халқу давлати худ кор мекунанд. Маълум аст, ки бунёди Роғун ин мушкилиро як андоза ҳал менамояд ва дар бахши шашум муаллиф дақиқан нишон медиҳад, ки дар сурати пурра ба кор даромадани НБО-и Роғун шумораи зиёди аҳолии мо бо ҷойи кор таъмин мегарданд. Муаллиф менависад: “Мувофиқи пешгӯиҳои мутахассисон ба туфайли бунёди ин неругоҳ 250 ҳазор нафар соҳиби ҷойи кор шуда, дар маҷмуъ сатҳи иқтисодӣ ва иҷтимоии бештар аз 60 млн аҳолии минтақа беҳтар мегардад” [2, с.117].

Дар Паёми имсолаашон Пешвои муаззами миллат солҳои 2019-2021-ро Солҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намудаанд. Воқеан ҳам, кишвари мо ҷойҳои таърихӣ ва тамошобоби бисёр дорад ва иқлими муътадили ин мамлакати биҳиштосо, табиати назаррабо, кӯҳҳои сарбафалаку обҳои мусаффо ҳар бинандаи хориҷиро ба худ ҷалб мекунад. Дар ин мақола муаллиф аз мавқеи неругоҳи Роғун дар ҷалби сайёҳони хориҷӣ сухан ба миён овардааст. Дар боби сивуякум гуфта мешавад: “Ба туфайли бунёди ин неругоҳ дар ин мавзеъ обанбори бо дарозии 160 километр ва умқи бештар аз 300 метр пайдо мешавад, ки дар кишварамон барои рушди туризм имкониятҳои мусоид фароҳам меорад” [2, с.119].

Инчунин, муаллифи мақола фоидаи неругоҳро дар ҳифзи муҳити зист, таъмини аҳолӣ бо барқи доимӣ, самти рушди туризм ва зиёда аз 170 сол хизмат расондани онро ба аҳолӣ таъкид карда, дар сивушаш бахш хонандаро пурра ба мавқеи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва миллии НБО-и Роғун шинос мекунад ва баъди таҳлилу таҳқиқи амиқ ба чунин хулоса меояд: “Вақте ки об, аз як тараф, ва барқ, аз тарафи дигар, боиси таъмин намудани аҳолӣ

бо оби нӯшокӣ ва омили рушди саноату кишоварзӣ мегардад, пас месазад бигӯем, ки неругоҳи Роғун на танҳо дар рушди устувори Тоҷикистон, балки минтақа саҳми муносиб гузошта метавонад... Умуман, ин неругоҳ нақши Тоҷикистонро дар бартарафсозии заъфҳои экологии минтақа таҷассум намуда, онро метавон намунаи барҷастаи иқтисодиёти сабз ном бурд" [2, с.119]. Воқеан ҳам, Роғун як иншооти бузурги аср аст, ки таваҷҷуҳи тамоми дунёро ба худ ҷалб намудааст. Дар ин мақола ҳақиқати воқеӣ хеле диққатҷалбкунанда ва боварибахш баён мегардад, вазифаи осори публитсистӣ ҳам дар ҳамин аст.

Маводи дигаре, ки мехоҳем мавриди таҳлил қарор диҳем, дар шумораи ҳафтуми "Садои Шарқ" (2019) ба табъ расидааст. Муаллифи мақола Ҳусейн Аброров буда, он "Баҳри тоҷик" номгузорӣ ва ба масъалаи неругоҳҳо бахшида шудааст. Ҳусейн Аброров дар бораи тавсифи географии мавзеи обанбор, иқлим, хокҳои канори обанбор, наботот, нишондиҳандаҳои морфометрӣ ва гидрологӣ, ҳарорати оби обанбор, самтҳои истифодаи хоҷагии НБО ва обанбор, ҷойгоҳи табобатӣ ва сайёҳӣ будани Баҳри тоҷик менависад ва, ниҳоят, аз мушкилоти он ёдовар мешавад. Аз хондани ин мақола хонанда пурра дар бораи ин иншоот маълумот мегирад. Мақола чунин оғоз меёбад: "Айни замон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 обанбор сохта ва сохтани 8 обанбори дигар ба нақша гирифта шудааст. Обанбори "Баҳри тоҷик" баъд аз обанбори "Фарҳод" аз ҷиҳати масоҳат дар байни обанборҳои мавҷуда дар ҷойи аввал қарор дорад.

Обанбори "Баҳри тоҷик" дар қисми ғарбии ҳамвории водии Фарғона, дар маҷро ва канори қисми тоҷикистонии дарёи Сир дар баландии 321-410 м, ки қаблан ин мавзеъро биёбони Қайроқум меномиданд, сохта шуд" [1, с.103]. Муаллиф аз аввал хонандаро ба мавқеи ҷойгиршавӣ, сипас ба иқлиму релефи он шинос мекунад. Сохтмони обанбори "Баҳри тоқик" аз соли 1952 оғоз гардида то соли 1956 давом кард. Муаллиф усули аз ҷузъ ба кулли баёнро дар ин мақола хеле хуб риоя мекунад, ки ин тарзи масъалагузорӣ дар соҳаи публитсистика басо муҳим мебошад. Масалан, баъд аз шиносоии умумӣ ба Баҳри тоҷик маълумотҳои таърихиеро меорад, ки барои хонандаи мутахассиси имрӯз басо муҳим мебошад: "7 апрели соли 1956 дар муддати 7 соат пеши дарёи Сир баста шуд ва солҳои 1956-1958 аз об пур гардид" [1, с.104]. Вақте ки ин сатрҳоро мехонем, обанбори Роғунро, ки алҳол сохтмони он ҷараён дорад, пеши рӯ оварда, дар зеҳни худ рафти ин сохтмонро тасаввур мекунем.

Муаллиф хеле муфассал дар бораи иқлим, хок, набототи Баҳри тоҷик маълумот медиҳад. Масалан, дар бораи иқлимаш "ба мисли дигар қисмҳои Тоҷикистон қитъавӣ, тирамоҳ ва зимистони ин мавзеъ нисбатан сард, тобистон обу ҳавои гарму хушк ва беабр барқарор мегардад"гуфтааст.

Яке аз мавзуъҳои муҳимми иҷтимоӣ дар замони мо сохтмонҳои НБО-ҳо мебошад, ки ин мавзуъ низ дар баробари мавзуъҳои дигар дар ин мақола баррасӣ мегардад. Тавассути ин обанбор НБО-и "Дӯстии халқҳо" сохта шудааст. Сабаби ба ин НБО номи "Дӯстии халқҳо" монданро чунин шарҳ медиҳад: "Обанбори "Баҳри тоҷик" сарбанду неругоҳи НБО-и он ки байни солҳои 1952-1956 бо иштироки 37 халқияти замони Шӯравӣ сохта шуд, соли 1956 ба НБО-и он номи "Дӯстии халқҳо" дода шуд. Обанбор бошад, ба худ номи "Баҳри тоҷик"-ро гирифт" [1, с.108].

Сохтмони НБО-и Роғун чи дар адабиёти бадеӣ ва чи дар осори публитсистӣ васф гардидааст, яъне ин иншооти азим ҳам аз тарафи публитсистон ва ҳам аз тарафи адибони тоҷик ба қалам омадааст. Аз ин нигоштаи Ҳусейн Аброров мебинем, ки сохтмони неругоҳи "Дӯстии халқҳо" низ нависандагону шоирони он давраро ба ваҷд овардааст. Онҳо аз ободии диёр ба илҳом омада асарҳо эҷод менамуданд. Яке аз намунаҳои онро муаллиф аз забони шоир Муҳиддин Аминзода овардааст:

"Кишвари тоҷик ҳам гардид акнун баҳрдор,
Ваҳ, чӣ хуш шӯхии мавҷи обҳои беғубор..."

Бояд гуфт, ки меҳнати бунёдкоронаи халқҳои гуногун дар чунин сохтмонҳо манбаи илҳоми адибону рӯзноманигорон буда, боиси камолоти маънавию такмили ҷаҳонбинии аҳли қалам мегарданд. Устод Турсунзода дар мақолаи "Офтоби бахт" оид ба таъсири сохтмонҳои азим ба қаламкашон сухан ронда, таъкид мекунад, ки: "Ман сохтмони навбати дуюми Канали Калони Фарғона– давраи қаҳрамонии оммавии меҳнатӣ,

руҳбаландии беинтиҳоро ба хотир меоварам. Ғайрату иқтидоре, ки дар он ҷо пайдо кардем, ба ману насли ман як умр кифоя шуд” [7, с.150].

Дар ин навишта мо пайванди ду ҳақиқатро мебинем, ки ҳодисаҳои воқеӣ бо тасвирҳои бадеӣ ифодаи матлабро боз ҳам ҷолибтар мекунанд. Профессор М. Муродов пайванди ду ҳақиқатро дар асарҳои публитсистӣ натиҷаи истифодаи ду навъи методҳо – яке методҳои ақливу мантиқӣ, дигаре методҳои маърифатӣ номида чунин шарҳ додааст: “Агар методҳои аввал барои дарёфти ҷараёнҳои иҷтимоию табиӣ ба публитсист ёрӣ диҳанд, методҳои дуюм дар дараҷаи муайян барои ба вуҷуд овардани образи публитсистӣ ва ба шакл даровардани андешаи маҷозӣ ба ӯ кумак мерасонанд” [5, с.4].

Аз мақолаи Ҳ. Абдуроров маълум мешавад, ки “Баҳри тоҷик” қариб дар ҳама соҳаҳои кишвар саҳми арзандаи худро гузоштааст. Муаллиф дар аввал чӣ қадар зарур будани “Баҳри тоҷик”- ро барои тоҷикон бо мисолҳо таҳлил карда, дар охир аз мушкили он сухан мегӯяд. Дар ин маврид муаллиф мушкилиҳои пешомадаро гӯшрас намуда, барои ҳалли ин мушкилиҳо низ пешниҳодҳо мекунад. “Яке аз ин мушкилиҳо бо гил пур шудани қаъри обанбор аст. Ин ҳолат кори мунтазами НБО, бо об таъмин намудани каналу лӯлаҳои обкашро сахт коҳиш медиҳад. Аз ин хотир моро лозим меояд, ки баҳри табобати “бемори”-ҳои ин объекти бузург чораю тадбирҳо андешем. Дар навбати аввал тоза намудани қаъри обанбор аз таҳнишиниҳои гилӣ зарур аст. Дар ҳолати ба субут расонидани ин тадбир кори НБО, моҳипарварию шикори моҳӣ, бо об таъмин намудани каналу обкашҳои барқӣ ва соҳаҳои сайёҳию табобатӣ обанбор қудрати тавони нав пайдо менамояд ва барои наслҳои оянда хизмати худро давом медиҳад” [1, с.110].

Дар бораи ин мушкилӣ ҳанӯз соли 2017 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон масъалагузорӣ карда супориш додаанд, ки мутасаддиён дастҷамъона аз пайи иҷрои ин қазия шаванд. Аз соли 2017, аллакай, 2 сол сипарӣ шуд, шояд Ҳусейн Абдуроров чун як нафар ватандӯсти мутахассис маҳз дар тақвияти Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ тавассути мақолаи проблемавӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷомеаро ҷалб намуда бошад.

Маводи дигаре, ки дар шумораи №9 “Садои Шарқ” дарҷ ёфтааст, “Роҳи оҳани Самарқанд-Панҷакент - Душанбе бояд сохта шавад” ном гирифтааст ва муаллифаш Абдумумин Шарифов мебошад. Ин мавод аз ду бахш иборат аст: яке “Сарватҳои табиии кӯҳсори Тоҷикистон”, дигаре “Бунёди роҳи оҳани Самарқанд – Панҷакент – Душанбе – омили асосии равнақи иқтисодиёти водии Зарафшони ҷумҳурӣ” мебошад. Дар қисмати аввал муаллиф аз захираҳои номаҳдуди конҳои водии Зарафшони кишвар муфассал ва бо истифодаи рақамҳо маълумот медиҳад ва афсӯс мехӯрад, ки қисми зиёди онҳо то ҳол истифода намешаванд. Дар охири бахши аввал гуфта мешавад, ки: “Ғунҷоиши конҳо дар мавзеъҳо хеле зич аст. Ин омили табиӣ барои истифодабарии конҳо хеле муфид мебошад, зеро барои истихроҷи маъданҳои чанд кони дар як мавзеъ воқеъбуда бо хароҷоти ками таъмини роҳу обу қувваи барқ метавон корхонаи бисёрсоҳавӣ сохт ва истифодаи комплексии ҳамаи конҳои ин мавзеъро ба роҳ монд” [8, с.145]. Фикр мекунем, ки маълумоти дарҷгардида барои мутахассисон, махсусан дар ҳолате ки Президенти мамлакат солҳои 2020 ва 2040- ро “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон кардаанд, бисёр муфид ва зарурӣ аст. Дар бораи захираи канданиҳои фоиданоки мамлакат ва тарзи коркарди онҳо маълумот гирифтан ба омӯзиши мукаммали фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ мусоидат карда, дар оянда барои пешрафти иқтисодиёти мамлакат имконияти ҳарчи бештар фароҳам меоваранд.

Пайванд намудани ин ду бахшро муаллиф чунин арзёбӣ мекунад: “...ин ҷо мехоҳам оид ба омили асосии самаранок истифода бурдани ин сарватҳои табиӣ барои равнақи иқтисодиёти ҷумҳурӣ изҳори ақида намоям. Ва ин омили асосиро барои аз худ намудани сарватҳои ин мавзеъҳо ман, пеш аз ҳама, дар сохтани роҳҳои мувофиқ дар ин мавзеъҳо, ки пайвандгари марказҳои саноатӣ ва тиҷоратии ҷумҳурӣ бо якдигар ва бо мамлакатҳои ҳамсоя, дар навбати аввал бо Ӯзбекистон мебошанд, мебинам” [8, с. 146].

Дар ҳақиқат, кушодани роҳҳо барои рушди иқтисодиёти мамлакат аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Дар мамлакати мо дар зарфи қариб сӣ соли истиқлолият чӣ қадар роҳҳои бузурги мошингард ва оҳан сохта ба истифода дода шуд. Муаллифи ин мақола бошад, басо муносиб аз таърихи роҳҳои ҷумҳурӣ сухан оғоз мекунад ва тибқи

маълумотҳои ӯ нақшаи ин роҳи оҳан ҳанӯз солҳои 1926-1929 тайёр мешавад. “Дар давоми раиси вилояти Панҷакент будани Мирзопочо Абдушаҳидов (солҳои 1926-1929) лоиҳаи роҳи оҳан пурра тайёр карда мешавад” [8, с.148]. Баъдан бо сабабҳои бад шудани муносибатҳои байни ҷумҳуриҳо сохтмони ин роҳ қатъ карда шуд. Имрӯз, ки муносибати ин ду мамлакат хуб шудааст, муаллиф пешниҳод мекунад, ки мувофиқи нақшаи охири солҳи 20-уми садаи XX ин роҳи оҳан кушода шавад. Дар охир қайд мекунад, ки “Ва умедворам, ки сохтмони роҳи оҳани Самарқанд – Панҷакент – Душанбе пайвандгари бевосита ва мустаҳками ду мамлакати дӯсту мардумаш бародар барои асрҳои оянда мегардад” [8, с.151].

Ҳамин тариқ, бунёди сохтмонҳои гуногун дар мамлакат нишонаи рушду нумуи иқтисодиёту иҷтимоиёти Тоҷикистони азиз, беҳдошти зиндагии аҳолӣ ва афзунии мавқеи мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад. Он чанд мақолае, ки дар ин мухтасар худ баррасӣ гардид, аз нигоҳи маълумот ва проблемагузорӣ хеле хуб нигошта шудаанд, аммо муаллифони ин мақолаҳо зиёдтар такя ба маълумоти оморӣ доранд. Қимати онҳоро таҳлилҳои назарӣ боз ҳам меафзуд. Боқӣ ҳамаи он матолибе, ки маҷаллаи “Садои Шарқ” дар соли 2019 ба сохтмонҳои кишвар бахшидааст, дорои аҳамияти муҳимми илмӣ ва таълимӣ буда, қишрҳои гуногуни ҷомеаро водор мекунад, ки дар роҳи ободии Ватан ва беҳдоштии зиндагии сокинони ҷумҳурӣ бо масъулияти баланди шаҳрвандӣ муносибат намоянд.

Муқарриз: ***Мухторӣ Қ.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аброров Ҳ. Баҳри тоҷик / Ҳ. Аброров // Садои Шарқ, 2019. - №7. - С.103-111.
2. Асоев Ҳ. НБО-и “Роғун” воҳиди стратегӣ / Ҳ.Асоев // Садои Шарқ, 2019. - №12. - С.116-119.
3. Горкий и современность. – М: Художественная литература, 1970. – 534 с.
4. Имомзода М.С. Тараннуми садоқат ва муҳаббат / М.С.Имомзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. - 244 с.
5. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 255 с.
6. Муродӣ, М. Иҷтимоиёт дар “Садои Шарқ”соли 2019 / М.Муродӣ // Садои Шарқ, 2020. - № 5. - С.125-132.
7. Муродов М. Воқеияти замон ва маърифати публитсистии он (дар мисоли маҷаллаи «Садои Шарқ» [Матн] / М.Муродов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. - №3. - С.294-300.
8. Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт / А.Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
9. Солеҳов Н. Муаммои назарияи публитсистика / Н. Солеҳов, А. Саъдуллоев. (маводи дарсӣ). – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 185 с.
10. Турсунзода М. Куллиёт.– Ҷ. IV / М. Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1985. - 352 с.
11. Усмонов И.К. Журналистика (қисми 1) / И.К. Усмонов. – Душанбе: Империал-групп, 2005. – 480 с.
12. Усмонов И.К. Журналистика (қисми 4) / И.К.Усмонов. – Душанбе: Империал-групп, 2005.
13. Қуддус. Ҷ. Публитсистика чист ва публитсист кист? / Ҷ.Қуддус // Адабиёт ва санъат. - 2021. - С.15.
14. Шарифов А. Роҳи оҳани “Самарқанд – Панҷакент - Душанбе” бояд сохта шавад / А. Шарифов // Садои Шарқ, 2019. - №9. - С.141-151.
15. Шукуров М. Насри солҳои 1945 – 1974 / М.Шукуров. - Душанбе: Дониш, 1980. – 383 с.

ПАЙВАНДИ ДУ ҲАҚИҚАТ ДАР ОСОРИ ПУБЛИТСИСТӢ

(дар мисоли мақолаҳои маҷаллаи “Садои Шарқ”, 2019)

Соли 2019 дар дувоздаҳ шумораи нашрияи миллии адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон – «Садои Шарқ» дар қатори осори бадеӣ, пажуҳиш, тақризу китобиёт оид ба назму наср, мусоҳиба, робитаҳои адабӣ ва фарҳангӣ дар рубрикаи «Иҷтимоиёт» 9 маводи публитсистӣ дарҷ гардидааст. Матлабҳое, ки мо мавриди таҳлил қарор додем, ба жанри мақола тааллуқ доранд. Ин мақолаҳо ба муҳимтарин мавзуъҳои рӯз бахшида шудаанд. Аз ҷумла, мақолаҳои Холназар Муҳаббатов («Нақши обанборҳо дар низоми табиат», №2), Ҳусейн Аброров («Баҳри тоҷик» №7), Абдулмумин Шарифов («Роҳи оҳани «Самарқанд – Панҷакент - Душанбе» бояд кушода шавад», №9), Ҳасан Асоев («НБО – и «Роғун» воҳиди стратегӣ», №12) ба қисмати “Иҷтимоиёт” тааллуқ доранд. Мавзуъҳои аксари мақолаҳо роҳҳои байни ҳамсоядавлатҳо ва неругоҳҳои кишвар мебошанд. Муаллиф кушиш кардааст, ки хонандагонро ба муҳимтарин мушкилоти ҷомеа огоҳ намояд то дар бартараф намудани ин проблемаҳои рӯз бетараф набошанд. Замони истиқлолияти Тоҷикистон тақозо дорад, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ дорои ифтихори амиқи миллӣ буда, ба сарватҳои табиӣ ва фарҳангии кишвари худ бо масъулияти баланди ватандорӣ муносибат намоянд, то дар шароити ҷаҳонишавӣ дорои симои миллии худ бошанд. Мақолаҳои публитсистии номбурда бо мазмуну муҳтавои иҷтимоии худ ба масъалаҳои доғи рӯзи мамлакат ишора карда, ба хонанда рӯҳи озодандешӣ ва масъулияти мамлакатдорӣ илқо менамоянд.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, мақола, неругоҳ, роҳи оҳан, Ватан, публитсистика, қаҳрамон, маҷалла, тарғиб, илм, сарватҳои табиӣ, об, обанбор.

СОЕДИНЕНИЕ ДВУХ ИСТИН В ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИХ ПРОИЗВЕДЕНИЯХ

(на примере статей в журнале «Голос Востока», 2019)

В 2019 году в двенадцатом выпуске национального литературного издания Союза писателей Таджикистана - «Голос Востока» в категории поэзия, исследования, литературная критика поэзии, интервью, литературные и культурные связи в рубрике «Социальное» проанализированы материалы, относящиеся к жанру статьи. Эти материалы посвящены самым важным темам дня. В частности, статьи Холназара Мухаббатова («Закономерности в системе природы», №2), Гусейна Абророва («Бахритоджик» №7), Абдулмумина Шарипова («Открытие трассы Самарканд-Пенджикент-Душанбе», №9), HasanOs. «Унитарная стратегия Рогуна», №12) относится к разделу «Социальное». Тематика большинства статей - дороги между соседними государствами и электростанции страны. Авторы постарались донести до читателей самые важные проблемы общества и не занимать нейтральную позицию в преодолении этих проблем современности. Период независимости Таджикистана требует, чтобы граждане страны испытывали глубокую национальную гордость и относились к природным и культурным ресурсам своей страны с высокой патриотической ответственностью, чтобы иметь национальный имидж в контексте глобализации. Эти публицистические статьи своим социальным содержанием обращают внимание на текущие проблемы страны и вдохновляют читателя на защиту свободы и ответственность страной.

Ключевые слова: Таджикистан, статья, электростанция, железная дорога, родина, журналистика, герой, журнал, пропаганда, наука, природные ресурсы, вода, водохранилище, море.

CONNECTION BETWEEN TWO TRUTHS IN PUBLICISTIC WORKS.

(On the exemple of articles in the magazine “Voice of the East”, 2019)

In 2019 in twelve issues of the national literary publication of the Union of Writers of Tajikistan - "Voice of the East" in the category of poetry, research, literary criticism of poetry, interviews, literary and cultural ties in the rubik "Social". ..the articles analyzed are classified by the genre of the article. These articles are devoted to the most important topics of the day. In particular, articles by Kholnazar Mukhabbatov ("Bakhtritojik" №7), Abdulmumin Sharipov ("Open highways Samarkand-Penjikent-Dushanbe", № 9), HasanOs. …rogun's unitary strategy ", № 12) belongs to the section" Social."The topics of most articles are roads between neighboring states and the country's power plantsthe authors tried to convey to the readers the most important problems of society and not to take a neutral position but to overcome these problems of our time ... the period of independence of Tajikistanrequires that the citizens of the country feel deep national pride and relate to the natural and cultural resources of their country with a high patriotic responsibility in order to have a national image in the context of globalization. …these publicistic articles, with their social content, draw attention to the current problems of the country and inspire the reader into the spirit of freedom and responsibility of the country.

Key words: Tajikistan, article, power plant, railway, homelend, journalism, hero, magazine, propaganda, science, natural resources, water, reservoir, sea.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кӯчарова Насиба Аламхоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи матбуот. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 988-49-80-80**

Сведение об авторе: ***Кучарова Насиба Аламхоновна*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 988-49-80-80**

Information about the author: ***Kucharova Nasiba Alamkhonovna*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Printing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 988-49-80-80**

МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ	
ЗАБОНШИНОСӢ-ЯЗЫКОЗНАНИЕ	
Мирзоева М.Ҷ. Муродифоти пайвандаки «ки» бо пайвандакҳои дигари тобеъкунанда……	**5**
Шарипова Ф.Х., Неъматзода Ф.Т. Тавсифи генеологӣ ва типологии забони тоҷикӣ….....	**10**
Гулназарзода Жило Бурӣ. Чанд нукоте перомуни вижагиҳои маъно ва маъношиносӣ……..	**16**
Исмонов К.Б. Илми сарф: таърихи пайдоиш ва ташаккул……	**22**
Мавлонзода Ш.М. Баррасии баъзе масъалаҳои забоншиносӣ дар номаи устод Айнӣ дар асоси «Мактуби кушода ба рафиқ Толис»……..	**27**
Исматзода Саъдӣ Маҳдӣ. Аҳамияти тадқиқи этнолингвистӣ……	**33**
Ҷумъаев М.О. Гурӯҳбандии иқибосоти арабӣ дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ (дар заминаи «Баҳористон» ва «Нафаҳот-ул-унс»)……..	**37**
Носирӣ Бибинилуфар. Вожагони туркӣ-муғулӣ дар гӯйиши Фархори Афғонистон ва муқоисаи он бо лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон……	**44**
Афғонова М.Х. Истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар очерки “Саволҳо, ҷавобҳои Эҳаҷон Бойматов”-и Фазлиддин Муҳаммадиев……	**51**
Қобилова Ф.Х. Оид ба муаммои фарқияти матн ва дискурс…….....	**56**
Тағоев С.Х. Таснифи сохторӣ - таркибии антропонимияи романи «Восеъ» -и Сотим Улуғзода……	**62**
Тухтасунов О. Роҷеъ ба баъзе вожаҳои забони форсии бостон……	**67**
Фозилова М.М. Нақши истилоҳоти расмӣ-коргузорӣ дар очеркҳои таърихии Садриддин Айнӣ “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” ва “Исёни Муқаннаъ”……..	**75**
Шукуров Г.Х. Жанрҳои одоби муҳовара……..	**81**
Алиева Д. Истилоҳоти сиёсӣ ва вижагиҳои он дар повести “Ривояти суғдӣ”-и Сотим Улуғзода.....	**88**
Давлатзода Р. Усулҳои мухаффафшавии калимаҳои мураккаб дар “Ғиёс-ул-луғот”-и Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ……	**95**
Шодиев Б.Ғ. Таҳаввулоти грамматикӣ дар пайвандакҳои забони тоҷикӣ.....	**104**
Кесамирова С.Р. Воҳидҳои луғавии бемуодили муваққатӣ ва мушкилоти тарҷумаи онҳо (дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)……	**110**
Калонова М.Ҷ. Ҷойгоҳи омонимҳо дар ашъори Ҳофиз, Камол ва Салмон……	**115**
Давлатов Х.С. Этнотопонимияи «Тоҷикон»- и Бобоҷон Ғафуров……	**122**
Нагзибекова М.Б., Ганиева Н.Р. Лингвокультурологическое исследование общечеловеческих ценностей «долг/карз» в языковом сознании у таджиков и русских……..	**130**
Кононова В.А. Социум через призму языковых корпусов (на примере современного Таджикистана)…….....	**137**
Сабирова С.Г. Сложносконструированный экономический дискурс как институциональное коммуникативное образование…….....	**146**
Алламуродова С.Дж. Лингвистические особенности гипертекста…….....	**152**
Тамадон Ф., Голами Х. Сопоставительный анализ стилистики в русском и персидском языках……	**158**
АДАБИЁТШИНОСӢ-ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ	
Тоиров У. Ашъори ноомӯхтаи Мирсанҷари Кошонӣ (Чанд сухан дар ҳошияи “Соқинома”-и Мирсанҷар)…….....	**163**
Аламхон Кӯчарзода. «Дар орзуи падар» ва такмили минбаъдаи он……	**175**
Мисбоҳиддини Нарзиқул. Баъзе махсусиятҳои мактуботи Саноии Ғазнавӣ.....	**179**
Равшан Раҳмонӣ. Шинохти фолклори тоҷикон аз дидгоҳи Мирзо Турсунзода……..	**186**
Саидҷаъфаров О.Ш. Нақши санъати ташхис дар ғазалиёти Назирии Нишопурӣ……..	**193**
Қаландаров Н.А. Ҷараёни рушд ва сарчашмаҳои адабиётшиносии Х.Асозода……	**200**
Муродов Б.С. Баҳсҳо дар бораи вежагиҳои тарзи тасвир, забон ва сабки Бедил…….....	**206**
Маҳмадуллоева Н. Мавқеи муаммо дар адабиёти асри XV……	**213**
Мерганзода М.Б. Мавқеи радиф дар осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ……	**220**
Турахонов С.А. Истифодаи шеър дар романи «Мунтасир»……	**228**
Медынина Н.А. К вопросу о трансформации мотивов «Шахнаме» Фирдоуси в русских былинах…….....	**234**
Медынина М.А. Художественное своеобразие шпионских детективов М.Левина (на примере повести «Под чужим именем»)……	**241**
ЖУРНАЛИСТИКА	

Муродӣ М.Б. Жанрҳои публитсистика дар контексти пажуҳишҳои илмӣ…….....	**249**
Раҳмонзода Ҷамила Мирзо. Як соҳаи эҷод……..	**255**
Шарифов К.Х. Назаре ба робитаҳои Тоҷикистону Россия дар даврони истиқлолият дар матбуоти даврӣ.....	**263**
Кӯчарова Н.А. Пайванди ду ҳақиқат дар осори публитсистӣ (дар мисоли мақолаҳои маҷаллаи “Садои Шарқ”)…….....	**269**

ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМӢ:

1. Риоя намудани «Этикаи чопи мақола дар маҷаллаҳои илмии ДМТ»;
2. таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русиюанглисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ, ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 мм;
3. ҳаҷми мақола: формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 15 саҳифа ва на беш аз 30 саҳифа;
4. индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
5. номи мақола;
6. насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падари муаллиф(он);
7. номи муассисае, ки дар он муаллиф(он)и мақола кору фаъолият менамояд;
8. матни асосии мақола (на камтар аз 10 саҳифа; схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
9. рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 15 номгӯ адабиёти илмӣ. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад;
10. таваҷҷуҳи муаллиф(он) дар мақола ба таҳқиқоти қаблии доир ба мавзӯи мақола, ки дар маҷаллаи «Паёми ДМТ» ба нашр расидааст;
11. тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр (аз 150 то 200 калима) ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ;
12. дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
13. аризаи муаллиф(он) ба редаксия оид ба асолати мақола ва ризоияти чоп;
14. мақолаи аспирант/докторанти Ph.D/ унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ/мушовири илмӣ қабул карда мешавад;
15. мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад/доктори илм қабул карда мешавад;
16. маълумот дар бораи муаллиф(он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
17. нишон додани манбаи иқтибос дар қавси чаҳоркунҷа [ ];
18. рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
19. маълумотномаи антиплагиати мақолаи бо забонҳои русӣ ва ё англисӣ таҳияшуда талаб карда мешавад.
20. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририяи силисиламаҷаллаҳои илмии ДМТ дар муддати 30 рӯз баррасӣ мегардад.

ТРЕБОВАНИЯ К НАУЧНЫМ СТАТЬЯМ:

1. Соблюдение «Публикационной этики научных журналов Таджикского национального университета»;
2. Статьи принимаются в редакторе World, шрифт Times New Roman для текстов на русском и английском языках, Times New Roman Tj для текстов на таджикском языке, размер (кегль) 14 (таблицы 12), поля 2,5 см, межстрочный интервал 1,5 строки;
3. Объем статьи: не менее 15 и не более 30 страниц компьютерного текста формата А4, включая список литературы и аннотации;
4. Индекс УДК (данный индекс можно получить в любой научной библиотеке);
5. Название статьи заглавными буквами по центру текста;
6. Фамилия И.О. автора(ов)
7. Название организации, где работает(ют) автор(ы);
8. Основной текст статьи (не менее 10 страниц, исключая схемы, рисунки, таблицы, диаграммы, аннотации и список литературы);
9. Список литературы не менее 15 наименований. Статьям, где использованы авторитетные, а также наиболее поздние научные издания отдается предпочтение. Допускается использование не более 25% научных публикаций автора(ов).
10. Ссылка на предыдущие публикации научных журналов Таджикского национального университета по теме исследования приветствуется.
11. Название статьи, аннотации и ключевые слова приводится на трех языках (таджикский, русский, английский), аннотация в объеме от 150 до 200 слов, ключевые слова 7-10 терминов;
12. Статьи принимаются в печатном и электронном варианте;
13. Заявление автора(ов) об оригинальности статьи и согласие на издание;
14. Статьи аспиранта/докторанта Ph.D/соискателя принимается к рассмотрению с рекомендацией научного руководителя/научного консультанта;
15. Статья магистранта принимается к рассмотрению только в соавторстве с кандидатом наук/доктором наук;
16. Информация об авторе(ах) на трех языках (таджикский, русский и английский);
17. Ссылки на литературу в тексте обязательны и оформляются следующим образом: [3, с.24], где первая цифра – номер источника в списке литературы, вторая – страница;
18. Нумеровать таблицы, схемы, диаграммы и рисунки и перевести их оглавление/название на русском и английском языках;
19. Представить справку об антиплагиате (статьи на русском и английском языках).
20. Статьи, поступающие в редакцию журнала, рассматриваются редколлегией журналов в течение 30 дней.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук» основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим группам специальностей: 10.01.00 – Литературоведение и 10.02.00 – Языкознание. Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

2021. №7

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Ответственный редактор серии филологических наук: М.Н.Набиева
Редактор русского языка: О.Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 31,125 усл. п.л. 8.
Подписано в печать 20.12.2021 г. Заказ №2018/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.